Чунин муносибатҳои босубот ва пешомадро метавон дар робитаҳои байни Тоҷикистон ва дигар шарики стратегии мо – Ҷумҳурии Қазоқистон мушоҳида кард. Адами ихтилофоти ҷиддӣ, такя ба рушди ҳамкориҳои иқтисодӣ, хислати муназзам доштани робитаҳои дипломатии ду кишвар дар сатҳи дуҷониба ва чандҷониба мазмун ва мундариҷаи робитаҳои дуҷонибаро муайян намудаанд. Танҳо дар солҳои 2018 – 2019 роҳбарони ду ҷумҳурӣ бо ҳам беш аз 11 маротиба аз ҷумла дар чаҳорчӯбаи чорабиниҳои байналмилалӣ дар ҳудуди ҳамдигар, вохӯрӣ намудаанд [4].

Пойгоҳи аҳдномавивӣ ва ҳуқуқии робитаҳои дуҷониба рӯ ба афзоиш дошта, беш аз 80 санади байнидавлатиро дар бар мегирифт ва моҳи сентябри соли 2015 бо Аҳднома дар бораи шарикии стратегӣ таҳким ёфтааст [5]. Душанбе аз шарикони қазоқ тасҳили минбаъдаи режими муҳоҷират ва беҳтар кардани кафолатҳои иҷтимоиро барои муҳоҷирон интизор аст. Дар навбати худ, Қазоқистон аз роҳбарияти Тоҷикистон мусоидатро дар муназзамсозии равандҳои интегратсионӣ ба даст овардан ист. Моҳи марти соли 2018 ҷонибҳо се аҳдномаро ба мавзӯи дахлдор (оиди тартиби будубоши шаҳрвандони ҶТ ва ҶҚ дар ҳудудҳои давлатҳои якдигар, дар бораи ҳамкориҳо дар самти муҳоҷират ва дар бораи реадмиссияҳо) ба имзо расонданд [6]. Ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Қазоқистон дар соҳаи амният асосан дар чаҳорчӯбаи СААД ва СҲШ сурат гирифта, ба суботи минтақа таъсири мусбӣ мерасонанд. Амалан, ҳарду давлат тавассути сохторҳои дастаҷамъонаи марбута сиёсати низомӣ, зиддитеррористӣ ва зидди қочоқи маводи мухаддирро ҳамоҳанг сохта, чораҳои вокуниши муштаракро ба таҳдидҳои зарфиятӣ дар чаҳорчӯбаи амалиётҳо ва машқҳои чандҷониба ("Боевое братство", "Нелегал", "Поиск", "Скала", "Кобальт", "Мирная миссия") таҳия менамоянд. Қазоқистон ҳамчунин кумаки ҳарбиву техникиро ба Тоҷикистон идома медиҳад. Аз ҷумла, соли 2019 Қазоқистон ба Тоҷикистон 79 номгӯйи таҷҳизоти ҳарбӣ, аз қабили захираҳои ҷангӣ, воситаҳои алоқа, таҷҳизоти ҳифзи радиатсионӣ, биологӣ ва химиявиро ирсол дошт [23].

Тибқи изҳоротҳои дарҷшуда, Душанбе ва Нур-Султон дар оянда низ суръати ҳамкориҳои дуҷонибаро афзун ва тамоми талошҳоро барои тавсеаи ҳамкориҳои иқтисодӣ равон карданиианд. Моҳи июли соли 2019 зимни гуфтушунидҳо дар Душанбе сарвазирони ҳарду мамлакат -Қоҳир Расулзода ва Аскар Мамин нақшаи сарироҳиро оиди ҷалби сармояҳои муштарак ба соҳаҳои саноати кӯҳӣ, металлургӣ ва сохтмон ва афзун кардани гардиши мол то ба 2 млрд доллар дар соли 2022 ба имзо расонданд. Тибқи ин ҳуҷҷат гардиши мол тайи се сол ду маротиба афзуда, Қазоқистонро дар мақоми аввали шарикони тиҷоратии Тоҷикистон қарор медод. Ба андешаи коршиносон, ба амалӣ гардидани нияти мазкур як силсила омилҳо, аз қабили қобилияти харидории пасти бозори тоҷик, афзоиши рақобат аз ҷониби шарикони хориҷӣ ва беҳтар нашудани муҳити соҳибкорӣ дар Тоҷикистон халал мерасонанд. Ҳамзамон, паҳншавии COVID-19 ҳамкориҳои иқтисодии ду ҷумҳуриро коҳиш дод. Шурӯъ аз апрели соли 2020 ҳукумати Қазоқистон квотаҳои муваққатиро ба ворид кардани ғалла ва орд, ки 60% бозори дохилии ҷумҳуриро медод, муқаррар кард [18].

Дар робитаи Тоҷикистону Қирғизистон тайи солҳои охир баҳси марзҳо, ки то ҳол танзим нашудааст, масъалаи асосӣ ба шумор меравад. Ин баҳс, ки бо фурӯпошии Иттиҳоди Шӯравӣ рӯ гирифт, бо маҷмӯи зиддиятҳои ҳамроҳ дар соҳаҳои хоҷагиву иқтисодӣ, иҷтимоиву маишӣ, этникӣ ва амниятӣ боз ҳам мураккаб ва печида гардидааст. Бояд гуфт, ки аз 987 км марзи умумии ду кишвар то ҳол 570 км ба мувофиқа расидаасту халос. Вазъият бахусус дар мавриди масъалаи заминҳои дар Исфара буда нигаронкунанда ва низоъангез аст. Раванди танзими масъаларо даъвоҳои ҳамдигарии қирғизҳову тоҷикони сокини минтақаи наздисарҳадӣ душвор мегардонад. Онҳо бо ҳам дар масъалаи заминҳои корӣ ва чарогоҳҳо, сарчашмаҳои об, зерсохтори маҳаллии нақлиётӣ ба низоъ бармехезанд. Ҷамъиятҳои тоҷикону қирғизҳо ҳамдигарро ба муҳоҷиркунонии ҳудудҳои ҳамдигар ва худсарона аз худ кардани заминҳо гунаҳкор мекунанд. Вазъиятро афзоиши бесобиқаи аҳолӣ дар водии Фарғона, бо ҳам омехта шудани маҳаллаҳои тоҷикону қирғизҳо, гузаштани муҳлати иҷораи заминҳои кишт, дар инҳисори маҳаллаҳои қирғиз мондани деҳаи тоҷикии Ворух бо аҳолии беш аз 40 ҳазор нафар, ки ғайримантиқӣ анклав ном бурда мешавад, тоқатфарсо кардааст. Ташаннуҷи вазъият дар сарҳади ду ҷумҳурӣ аксар вақт ба бархӯрдҳои мусаллаҳона бо талафоти ҷонӣ аз ҳарду тараф оварда мерасонад. Гуфтанист, ки тез – тез ба амал омадани бархӯрдҳои мусаллаҳона дар минтақаҳои баҳснок раванди гуфтушунидро мураккаб ва пайомадҳои онро ғайри қобили пешбинӣ мегардонанд. Дар моҳи июли соли 2019 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон С. Жээнбеков бори аввал бевосита дар ҳудудҳои баҳснок вохӯрда дар бораи ҳалли пайгиронаи масъала аз одӣ то мураккаб аҳд карданд ва аҳолии маҳаллиро даъват карданд, ки ба иғвои неруҳои деструктивӣ фирефта нашаванд. Дар рафти машваратҳои байниҳукуматӣ дар солҳои 2020-

2021 ҷонибҳо ба муҳокимаи мушаххас ва боҷузъиёти қитъаҳои заминҳо дар деҳаҳои Чоркӯҳ, Самарқандик, Оқсо ва Куктош даст заданд.

Натиҷаҳои давраҳои гуфтушунидҳо аз ирода ва масъулияти ҷонибҳои музокиракунанда вобастагии зиёд дорад. Мақомоти марказии ҷумҳуриҳоро зарур аст, ки роҳҳои нави ҳалли мушкилотро ҷустуҷӯ намуда, иҷрои онҳоро дар маҳалҳо таъмин намоянд, ҳарчанд ки ин амал хеле душвор хоҳад буд. Раванди мусолиматомез ҳам чандон босамар нахоҳад буд, агар мушкилоти иҷтимоиву иқтисодии ҳудудҳои наздисарҳадӣ ҳалли худро наёбанд ва барои рушди ин маҳалҳо маблағҳо сарф нашаванд. Ҳамзамон, ба ягон давраи дигар мавқуф гузоштани ҳалли масъалаи марзӣ барои ҳарду кишвар ғайри қобили мулоҳиза мебуд. Низоъҳои марзии ду кишвар ба амнияти минтақа таъсири манфӣ хоҳанд расонд. Аз вуҷуди минтақаҳои доғ дар марзҳо на танҳо гурӯҳҳои ҷиноятпеша, балки созмонҳои террористии байналхалқӣ, чун солҳои 1999-2000 дар воқеаҳои Боткан, истифода мебаранд. Ихтилофи Душанбе ва Бишкек метавонад кори СААД-ро, ки ҳарду ҷумҳурӣ аъзо мебошанд, душвортар гардонида, барои рушди ин робитаҳо дар соҳаҳои дигар шароити номусоид эҷод ва ба бовару эътимоди ду халқ лакнат ворид мекунад.

Тоҷикистон ва Туркманистон марзҳои муштарак бо ҳам надошта, ҳудудҳои Ӯзбекистон онҳоро аз ҳам ҷудо кардааст. Ин шароит онҳоро аз як тараф, аз бори ногувори эҳтимолияти низоъҳои марзӣ баъди суқути Иттиҳоди Шӯравӣ раҳонид, вале аз тарафи дигар ҳамкории ду кишварро побанди сиёсати хориҷии Ӯзбекистон кард. Имсол аз устуворшавии робитаҳои дипломатии ду кишвар 28 сол пур шуд. Нимаи аввали ин муддат асосан ҳамкориҳо онҳо дар соҳаҳои тиҷорат ва энергетика мушоҳида мешуд. Туркманистон интиқоли маҳсулоти нафт ва энергияи баркро тавассути Узбекистон дар фаслҳои тирамоҳ ва зимистон ба роҳ монда, оқибатҳои вазнини буҳронии энергетикии кишвари моро кам коҳиш дод. Бо сабаби ташдид гаштани робитаҳо дар байни Тоҷикистону Ӯзбекистон ҳамкориҳои энергетикии ду ҷумҳурӣ аз ҷониби Тошканд қатъ карда шуданд. Дар моҳи январи соли 2009 Узбекистон транзити энергияи туркманро дар Тоҷикистон қатъ кард ва баъдтар ташаббуси хариди гази туркманро аз ҷониби Душанбе масдуд ё муҳосира кард. Дар чунин шароит Душанбе ва Ашқобод ба таҳияи маршрутҳои алтернативии нақлиётӣ берун аз Ӯзбекистон даст заданд. Моҳи марти соли 2013 онҳо бо Кобул меморандумро оиди сохтмони роҳи оҳани Туркманистон - Афғонистон – Тоҷикистон (ТАТ) ба имзо расонданд, ки мебоист вобастагиро аз транзити Ӯзбекистон коҳиш медод. Роҳи 400 км мебоист вилоятҳои шарқии туркманнишинро бо ҷануби Тоҷикистон тавассути музофотҳои шимолии Афғонистон пайваста дар дурнамо ба шабакаҳои роҳи оҳани Қирғизистон, Чин, Эрон мебаромад. Туркманистон қитъаи 88-километраи роҳрави нақлиётиро то сарҳади Афғонистон (Атамурат – Имамназар - Акина) дар охири соли 2016 ба истифода дод. [8]

Тоҷикистон бо дастгирии молиявии Чин дар моҳи августи соли 2016 хатти Ваҳдат – Ёвонро (40 км) ба истифода дод, ки дар оянда барои хатти роҳи оҳан бо Афғонистон истифода хоҳад шуд. Аммо баъдан татбиқи лоиҳаи мазкур қатъ шуд. Тоҷикистон ва Афғонистон натавонистанд ба сохтмони роҳ маблағҳои зарурии ниҳодҳои байналхалқии молиявиро ҷалб намоянд. Ба идомаи татбиқи барнома ташаннуҷи вазъият дар Афғонистон таъсири манфӣ расонд. Ҳамчунин, эҳёи ҳамкориҳо бо Ӯзбекистон боиси коҳиши таваҷҷуҳ ба лоиҳаи мазкур гардид. Тирамоҳи соли 2018 Ашқобод муваққатан ва аз феврали соли 2019 ба таври доимӣ ҳаракати нақлиёти мошингард ва роҳи оҳанро аз Тоҷикистон аз марзҳои худ манъ кард. Вазорати нақлиёти Тоҷикистон маҷбур шуд ба ширкатҳои ватанӣ тавсия диҳад, ки хатҳои даврии интиқоли борҳояшонро тавассути Озарбойҷон, Россия ва Қазоқистон тағйир диҳанд. Амали роҳбарияти Туркманистон ҳамкориҳои Душанберо бо як қатор шарикҳои тиҷоратӣ, аз ҷумла бо Туркия хеле душвор гардонд [13,с. 115].Ба илова, Душанбе маҷбур шуд, ки масъалаи хариди ашёи хомро барои ТАЛКО ва роҳҳои ба истеъмолкунандагони хориҷӣ расондани алюминийи тайёрро ҷустуҷӯ намояд. Феълан Ашқобод вазъияти дар атрофи трафики тоҷик баамаломадаро шарҳ надода, маҳдудиятҳои нақлиётиро ба талаботҳои амниятӣ ва мубориза бо қочоқи маводи мухаддир асоснок менамояд. Вале тавре аз расонаҳо бармеояд, сабаби асосӣ аксуламали ҳукуматдорони туркман ба таҳкими ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Ӯзбекистон ва душвории дар татбиқи лоиҳаи ТАТ пеш омада рабт дониста мешавад [21]. Ихтилофоти зикршуда ба соҳаҳои дигари ҳамкориҳо таъсири худро мерасонанд ва боиси коҳиши робитаҳои сиёсӣ ҳам мегарданд. Ҳарчанд ки ҳангоми боздиди расмии президенти Туркманистон Гурбангули Бердимуҳаммадов дар Душанбе моҳи ноябри соли 2017 байни ҷонибҳо Аҳднома оиди шарикии стратегӣ ба имзо расид, вале аксаран пешравиҳо дар чаҳорчӯбаи ҳамкориҳои чандҷониба бештар ба назар мерасанд.

Новобаста аз он ки Осиёи Марказӣ яке аз авлавиятҳои сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон шудааст, муносибатҳои он бо кишварҳои ҳамсоя ноҳамвор ва мураккаб сурат гирифта истодаанд. Тайи солҳои охир барои Душанбе барқарор ва вусъати ҳамкориҳо бо Тошканд аҳамияти вижа касб кардааст, зеро имкон медиҳад, ки амнияти

мамлакат таҳким ёбад, дастёбии нақлиётии онро беҳтар мекунад, вазъи иқтисодӣ ва сифати зиндагии аҳолиро боло хоҳад бурд. Ҳамчунин, эффекти низои рӯгирифтаи марзӣ бо Қирғизистон манфӣ буда, бе танзими он ташаккули камарбанди эътимод ва субот дар минтақа ғайриимкон хоҳад буд. Дар пешомади наздик тавре ба назар мерасад, дар робитаҳои дуҷонибаи Душанбе бо ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ динамикаи гуногунсамтӣ ва сатҳи баланди норавшанӣ боқӣ хоҳад монд. Ихтилофи манфиатҳои стратегӣ, мавҷудияти тазодҳои ҳалношуда ва майли сусти баъзе раҳбарони минтақа ва иҷрои аҳдномаву уҳдадориҳо ташаккули фазои устувори сиёсӣ ва иқтисодиро дар атрофи Тоҷикистон мураккаб ва татбиқи лоиҳаҳои интегратсиониро бо иштироки Тоҷикистон душвор хоҳанд гардонд.

Гуфтанист, ки кишвари мо ҳангоми тарҳрезӣ ва татбиқи ҳадафҳои хеш баҳри ба даст овардани ҳадафҳои стратегии худ, аз ҷумла раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ, дастёбӣ ба истиқлолияти энергетикӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ ва рушди босуръати саноатикунонӣ ташвишу шубҳаи кишварҳои ҳамсоярo ба хубӣ мефаҳмад ва ба назар мегирад. Ин аст, ки ошкоро ва бо далоили қотеъ эълом мешавад, ки барномаву тарҳҳои иқтисодии Точикистон ва аз ҷумла сохтмони неругоҳҳо на танҳо бар зиёни манофеи миллии ҳамсояҳои ин кишвар нест, балки судеро ба ҳамроҳ дорад, ки онро танҳо шарики воқеӣ метавонад бо дигарон қисмат кунад. Ба ибораи дигар, Тоҷикистон муътақид аст, ки аз роҳи ҳаллу фасли мушкилоти дохилии худ метавонад ба афзоиши сатҳи куллии рушди мантақавӣ ва пойдорӣ дар баробари таҳдидоти берунӣ мусоидат намояд. Мавриди зикр аст, ки Тоҷикистон худро ҳеҷ гоҳ аз мушкилоти ба минтақа омада дур нагирифтааст, балки кӯшиш кардааст бо ҳамроҳии ҷомеаи байналмилалӣ баҳри рафъ кардани хавфу таҳдидоти тайи солҳои охир пешомада, аз қабили терроризму ифротгароӣ, қочоқи моводи мухаддиру ҷинояткории муташаккили фаромиллӣ ва даҳҳо падидаҳои хатарноки дигар, ки ба худи асли ҳастии инсоният таҳдид менамоянд ва масъалаи бақои инсониятро пеш меоранд, мубориза мебарад.

Тамоилоти суратгирифта дар ду даҳсолаи аввали асри XXI шаҳодат медиҳанд, ки Осиёи Марказиро тақдири наве интизор аст, ки чун минтақаи як замон дар ҳукми фаромӯшӣ монда тадриҷан маркази омезиш ёфтани равандҳои глобалӣ мегардад. Вале, - изҳор дошта буд Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, - ба ҳеҷ ваҷҳ роҳ набояд дод, ки Осиёи Марказӣ ҷойи рақобатҳои геополитикӣ ва ташкили блокҳои ҳарбию сиёсӣ гардад, балки потенсиали бузурги захираву имконоти фаровони иқтисодии он ба нафъи мардумони минтақа хизмат намуда, барои ҳамаи онҳое, ки беҳбудии халқҳои минтақаро мехоҳанд, кушода бошад [17].

**Муқарриз: *Самиев Х.*- номзади илмҳои таърих, дотсенти ДМТ**

## АДАБИЁТ


1. Ашуров А. Казахстан вводит ограничения на экспорт пшеницы. Таджикистан отныне будет получать муку по квоте // Радио "Озоди". 2020. 1 апреля. URL: https:// rus.ozodi.org/a/30521468.html (дата обращения: 18.05.2020).
2. Выступление премьер-министра на заседании палат парламента // Газета.uz. 2016. 9 сентября. URL: https://www.gazeta.uz/ru/2016/09/09/speech/ (дата обращения: 15.05.2020).
3. Государственный визит Президента Республики Узбекистан Шавката Мирзиёева в Республику Таджикистан // Президент Республики Таджикистан. Офиц. сайт. 2018. 9 марта. URL: http://www.president.tj/ru/node/17212 (дата обращения: 15.05.2020). 104
4. .Двусторонние отношения // Посольство Республики Казахстан в Республике Таджикистан. Офиц. сайт. 2020. 17 февраля. URL: http://www.mfa.kz/ru/dushanbe/ content-view/dvustoronnie-otnosenia (дата обращения: 18.05.2020).
5. Договор о стратегическом партнёрстве между Республикой Казахстан и Республикой Таджикистан. Душанбе. 14 сентября 2015 г. // Информ.-правовая система нормативных правовых актов РК. URL: http://adilet.zan.kz/rus/docs/Z1600000019 (дата обращения: 18.05.2020).
6. Договорная база // Посольство Республики Казахстан в Республике Таджикистан. 2020. 1 января. URL: http://www.mfa.kz/ru/dushanbe/content-view/dogovornaabaza (дата обращения: 18.05.2020).
7. Душанбе и Ташкент намерены довести товарооборот до 500 миллионов долларов // Sputnik Таджикистан. 2018. 16 августа. URL: https://tj.sputniknews.ru/main/ 20180816/1026469632/dushanbe-tashkent-namereny-dovesti-tovarooborot-500-millionovdollarov.html (дата обращения: 15.05.2020).
8. Завершено строительство железнодорожной магистрали Атамурат – Имамназар – Акина // Turkmen Petroleum. 2016. 31 октября. URL: http://turkmenpetroleum.com/ ru/2016/10/31/завершено-строительство-железнодоро/ (дата обращения: 20.05.2020).
9. Куртов А.А. Центральная Азия: Водные артерии как новые узлы противоречий // Центральная Азия: Проблемы и перспективы (взгляд из России и Китая). М.: РИСИ, 2013. С. 154–230.
10. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон , Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 22.12.2017.// http://www.president.tj/node/16771
11. Парламент Таджикистана ратифицировал договор о спорных участках таджикско-узбекской границы // Радио "Озоди". 2018. 19 апреля. URL: https://rus.ozodi. org/a/29177387.html (дата обращения: 15.05.2020).
12. Подписание новых документов о сотрудничестве между Таджикистаном и Узбекистаном // Президент Республики Таджикистан. Офиц. сайт. 2018. 17 августа. URL: http://www.president.tj/ru/node/18186 (дата обращения: 15.05.2020).
13. Попов Д. С. Государства Центральной Азии во внешней политике Республики Таджикистан: проблемы и динамика взаимоотношений// Проблемы национальной стратегии № 4 (61) 2020 . с. 102-120

14. Премьеры Таджикистана и Узбекистана согласуют цены на таджикскую электроэнергию и узбекский газ // Подробно.uz. 2020. 10 марта. URL: https:// www .podrobno. uz/cat/economic/premery-tadzhikistana-i-uzbekistana-soglasuyut-tseny-na-tadzhikskuyuelektroenergiyu-i-uzbekskiy-gaz/ (дата обращения: 15.05.2020).
15. Самиев Х.Д., Хушвахтов М. Масъалаи мувозинати устувор дар робитаҳои байнидавлатии Тоҷикистону Узбекистон // Паёми ДМТ , 2019, №2 с.47-53 ISSN 2074-1847
16. Самиев Х.Д. Самтҳо ва пешомадҳои робитаҳои сиёсиву дипломатии Тоҷикистону Узбекистон// Ба қуллаҳои дониш, №6 (1432), 17 марти соли 2018, сс.6-7.15.
17. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонов бахшида ба нақши Тоҷикистон дар ҳамкории минтақавӣ ( шахри Деҳлӣ ) . 2006
18. Таджикско-узбекская государственная граница // Министерство иностранных дел Республики Таджикистан. Офиц. сайт. URL: https://www.mfa.tj/ru/main/view/152/ tadzhiksko-uzbekskaya-gosudarstvennaya-granitsa.
19. Чоршанбиев П. Назад в будущее. Таджикское электричество возвращается в регион // Asia-Plus. 2018. 26 ноября. URL: https://asiaplustj.info/ru/news/tajikistan/ economic/20181126/nazad-v-budutshee-tadzhikskoe-elektrichestvo-vozvratshaetsya-v-region (дата обращения: 15.05.2020).
20. Чоршанбиев П. Казахстан предоставит Минобороны Таджикистана неуправляемые ракеты // Asia-Plus. 2019. 10 января. URL: https://asiaplustj.info/
21. .Чоршанбиев П. Туркменистан удивлён заявлением таджикского дипломата о совместном ж/д проекте // Asia-Plus. 2018. 24 сентября. URL: https://asiaplustj.info/ news/tajikistan/politics/20180924/turkmenistan-vozmutshen-zayavleniem-tadzhikskogodiplomata-o-sovmestnom-zheleznodorozhnom-proekte (дата обращения: 15.05.2020).
22. Юлдашев А. В ближайшее время на таджикско-узбекской границе заработает новый КПП – "Бабатаг" // Asia-Plus. 2019. 11 января. URL: https://asiaplustj.info/ru/ news/tajikistan/politics/20190111/v-blizhaishee-vremya-na-tadzhiksko-uzbekskoi-granitsezarabotaet-novii-kpp-babatag.
23. Юлдашев А. Казахстан в очередной раз окажет Таджикистану военно-техническую помощь // Asia-Plus. 2018. 28 декабря. URL: https://asiaplustj.info/ru/news/ tajikistan/security/20181228/kazahstan-v-ocherednoi-raz-okazhet-tadzhikistanu-voennotehnicheskuyu-pomotsh; 20. 21.

## САМТҲО ВА АФЗАЛИЯТҲОИ МИНТАҚАВИИ СИЁСАТИ ХОРИҶИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар низоми муносибатҳои байнидавлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон кишварҳои ҳамсоя ва минтақа мақоми авлавиятнокро ишғол менамоянд. Умумияти ҳадафҳо ва вазифаҳое, ки дар назди давлатҳои минтақа қарор доранд, зарурати рушду тавсеаи муносибатҳоро бо Ӯзбекистон, Туркманистон, Қазоқистон ва Қирғизистон бар пояи эътимод, дӯстӣ ва ҳамкории судманд тақозо мекунад. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкорӣ ва ҳамгироии густурдаи минтақавиро василаи муҳимтарини ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ҳифзи муҳити зист ва таъмини амнияту субот дар Осиёи Марказӣ медонад. Муаллиф дар мақолаи мазкур кӯшиш кардааст, ки афзалиятҳо, механизм ва самтҳои асосии ташаккул ва рушди робитаҳои дуҷониба ва чандҷонибаи Тоҷикистонро бо кишварҳои ҳамсояи минтақа дар даҳсолаҳои аввали қарни муосир таҳқиқ ва таҳлил намояд. Гуфтан мумкин аст, ки тайи даврони баррасишуда байни Тоҷикистон ва се кишвари минтақа – Ӯзбекистон, Туркманистон ва Қазоқистон робитаҳои дуҷониба дар сатҳи олӣ - шарикии стратегӣ рушду нумӯ ёфта истодаанд. Тавре ки аз мундариҷаи мақола бармеояд, дар мавриди феълӣ робитаҳои Тоҷикистон бо ду кишвари минтақа – Қазоқистон ва Ӯзбекистон босубот ва муназзам сурат гирифта, самтҳои асосии ҳамкориҳо ва дурнамои онҳо муайян шудаанд. Муносибатҳои байни Тоҷикистон ва Туркманистон бо вуҷуди баъзе ихтилоофоти назар дар масоили иқтисодӣ ва нақлиётӣ дар сатҳи ҳамкориҳои стратегӣ қарор гирифтаанд, ки барои ҳалли мушкилоти ёдшуда замина фароҳам меоранд. Ҳамзамон, дар робитаҳои Тоҷикистон бо Қирғизистон бар асари вуҷуди мушкилоти марзӣ ва то ҳол нашудани онҳо, ки тайи солҳои охир сабаби сар задани мунокишаҳои мусаллаҳона гардидаанд, сардӣ ба мушоҳида мерасад. Муаллиф муътақид аст, ки мушкилоти вуҷуд дошта байни Тоҷикистон ва ду кишвари минтақа – Туркманистон ва Қирғизистон хислати муваққатӣ дошта, дар сурати мавқеи конструктивӣ ва прагматикӣ пеш гирифтани ҳукмуатҳои кишварҳо бартараф гардида барои рушд ва ба ҳам наздик шудани кишварҳои минтақа замина хоҳанд гузошт.

**Калидвожаҳо:** сиёсати “дарҳои кушода”, шарикии стратегӣ, амният, субот, мушкилоти сарҳадӣ, ҷаҳонишавӣ, таҳримҳои иқтисодӣ, стратегияи амал.

## НАПРАВЛЕНИЯ И РЕГИОНАЛЬНЫЕ ПРИОРИТЕТЫ ВНЕШНЕЙ ПОЛИТИКИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

В системе межгосударственных отношений Республики Таджикистан государства Центральной Азии замнимают приоритетное место . Общность целей и задач, стоящих перед государствами региона, диктуют необходимость развития и расширения отношений Таджикистана с Узбекистаном, Туркменистаном, Казахстаном и Кыргызстаном на основе взаимного доверия, дружбы и соррудничества. Таджикистан считает сотрудничества и региональную интеграцию важнейшим средством решении социально-экономических проблем а также проблем защиты экологической среды, безопасности и стабильности в Центральной Азии. Автор данной статьи предпринял попытку исследовать и анализировать приоритеты, механизм и основные направления развития двусторонних и многосторонных отношений Таджикистана в сосдеными государтвами в первое двадцатилетие XXI века. Среди центрально-азиатских республиак отношения с Узбекистаном и Казахстаном являются приоритетными и переросили в стратегическое партнерство. Отношения с Кыргызстаном в последнее время стали напраяженными из-за нерешенности пограничных проблем, прпресоших во многих случаях в вооруженные столкновения между населениями приграничных районов. Всестононному и полнокровному равзитию отношений с Турменистаном пока мешают существующие проблемы экономического характера и в транспортной инфраструктуре. Автор уверен, что названные проблемы междуц Таджикистаном и Туркменистаном и Кыргызстаном являются временными и их можно решить при прагматическом и конструктивном подходе сторон.

**Ключевые слова:** политика «открытых дверей», стратегическое партнерство, безопасность, стабильность, пограничные проблемы, глобализация, экономические санкции, стратегия действий.

## DIRECTIONS AND REGIONAL PRIORITIES OF THE FOREIGN POLICY OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

In the system of interstate relations of the Republic of Tajikistan, the states of Central Asia occupy a priority place.

The common goals and objectives facing the states of the region dictate the need to develop and expand Tajikistan's relations with Uzbekistan, Turkmenistan, Kazakhstan and Kyrgyzstan on the basis of mutual trust, friendship and sorrudism. Tajikistan considers cooperation and regional integration to be the most important means of solving socio-economic problems, as well as problems of environmental protection, security and stability in Central Asia.The author of this article made an attempt to explore and analyze the priorities, mechanism and main directions of development of bilateral and multilateral relations of Tajikistan in the first twenty years of the XXI century. Among the Central Asian republicans, relations with Uzbekistan and Kazakhstan are a priority and have grown into a strategic partnership. Relations with Kyrgyzstan have recently become strained due to the unresolved border problems, which in many cases have been exacerbated by armed clashes between the populations of the border areas. The comprehensive development of relations with Turmenistan is still hampered by existing problems of an economic nature in the transport infrastructure. The author is sure that these problems between Tajikistan and Turkmenistan and Kyrgyzstan are temporary and can be solved with a pragmatic and constructive approach of the parties.

**Key words:** "open door" policy, strategic partnership, security, stability, border problems, globalization, economic sanctions, action strategy.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Хушвахтов Муродхуджа Қурбонқулович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, аспиранти кафедраи минтақашиносии хориҷии факултети муносибатҳои байналхалқӣ **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 17. Телефон**: 908- 44-05-55,** E-mail: **diplomat.m93@mail.ru**

**Сведение об авторе:** ***Хушвахтов Мурдхуджа Курбанкулович*** – Таджикский национальный университет, аспирант кафедры зарубежного регионоведения факультета международных отношений**. Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 17. Телефон: **908- 44-05-55**, E-mail: **diplomat.m93@mail.ru**

**Information about the author:** ***Khushvakhtov Murdhuja Kurbankulovich*** - Tajik National University, is a postgraduate student of the Department of Foreign Regional Studies of the Faculty of International Relations. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. . Phone: **908- 44-05-55**, E-mail: **diplomat.m93@mail.ru**

**УДК:001:93(575.3)**

# РАВОБИТИ ИЛМИЮ ТАЪЛИМИИ ДМТ БО ДОНИШГОҲҲОИ ХОРИҶИ КИШВАР

***Салимзода Марворид Ҳомиддин***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон имрӯз ба яке аз марказҳои бузурги таълимию илмии кишвар табдил ёфта, муаррифгари илму маорифи Тоҷикистони соҳибистиқлол дар хориҷ мебошад. Дар донишгоҳ академикҳо, профессорон, номзадони илм дарс мегӯянд. Аксарият донишмандони ватанӣ дар ин маркази бузурги илму маорифи кишвар имрӯз ба фаъолияти педагогию илмӣ машғуланд. Аз рӯзҳои аввали ба истиқлол расидани кишвар, ДМТ бо донишгоҳҳои хориҷи наздик ва дур муносибатҳои мутақобилан судманро ба роҳ мондааст. Яке аз ин гуна шаклҳои муносибот равон кардани омӯзгорони донишгоҳ ба донишгоҳҳои хориҷӣ ва қабули унвонҷӯёни хориҷӣ дар донишгоҳ мебошад.

Бояд қайд кард, ки ҳанӯз аз солҳои 1990-1991 сар карда, устодони донишгоҳ ба кишварҳои мухталиф баҳри такмили ихтисос равона шуданд. Масалан, номзади илмҳои иқтисодӣ Н. Ашӯров дар Туркия ва Таиланд, н.и.ф., дотсент А. Байзоев дар Покистон, Афғонистон, н.и.ф. профессор Ҳ. Раҷабов солҳои 1989-1990 дар Донишгоҳи ба номи Ҷ. Неҳруи шаҳри Деҳли такмили ихтисос намудаанд.

Дар ин радиф устодони факултети забонҳои Осиё ва Аврупо д.и.ф. профессор С. Сулаймонов дар Яман ва Ироқ, н.и.ф. дотсент М. Шодиев дар Сурия, н.и.ф. дотсент А. Саломов дар донишгоҳи Муҳаммади 5-и Марокаш (солҳои 2001-2003), муаллими калон М. Тоҳиров дар Донишгоҳи Қоҳираи Миср, д.и.ф., профессор М. Ҳусейнзода дар Донишгоҳи Санъо, н.и.ф., дотсент К. Мусофиров дар Донишгоҳи Бағдод давраҳои коромӯзиро сипарӣ намудаанд [3, с.6].

Ҳамчунин, устодони факултети ҳуқуқшиносӣ М. Раҷабов дар Ҷопон, У. Бобозода дар Ҷопон, Туркия, Ҳиндустон, Х. Кодирқулов дар Туркия, Афғонистон, Ф. Сулаймонов дар Туркия, З. Солеҳов дар Ҳиндустон давраҳои коромӯзиро сипарӣ намуданд.

Дар соли 2004 дар ДМТ аз кишварҳои Яман, Кореяи Ҷанубӣ, Арабистони Саудӣ ва Эрон 9 нафар ба ҳайси устод дар факултетҳои филология, шарқшиносӣ ва ҳуқуқшиносӣ фаъолият доштанд. Соли 2005 дар маҷмӯъ 12 нафар шаҳрвандони Яман, Кореяи Ҷанубӣ, Сурия, Эрон, Судон дар ДМТ ба ҳайси устод фаъолият менамуданд. Соли 2006 дар факултетҳои шарқшиносӣ, журналистика, таърих, филологияи тоҷик ва фалсафа устодон аз кишварҳои Миср, Яман, Кореяи Ҷанубӣ, Эрон ва Судон ба тадрис машғул буданд.

Бояд хотирасон намуд, ки соли 2007 дар донишгоҳ 6 нафар устоди хориҷӣ тадрис менамуданд, ки онҳо шаҳрвандони Яман, Кореяи Ҷанубӣ ва Судон буданд. Теъдоди устодони хориҷӣ дар соли 2009 7 нафарро ташкил медод, ки онҳо шаҳрвандони кишварҳои Судон, Яман ва Ҷумҳурии Халқии Чин буда, дар факултетҳои журналистикаю тарҷумонӣ, шарқшиносӣ, таърих, филология ва Маркази фарҳангию таълимии Конфутсий

фаъолият доштанд.

Дар соли 2013 беш аз 30 нафар аспирантҳо, унвонҷӯён, докторантҳо, ассистентҳои факултетҳои гуногуни донишгоҳ ба донишгоҳҳои мухталифи хориҷи кишвар, аз ҷумла марказҳои таълимию илмии кишварҳои Осиё барои идомаи таҳсил, дифои рисолаҳои номзадӣ ва ҷамъоварии маводи илмӣ сафар намудаанд. Аз ҷумла, як теъдод донишҷӯён ва олимони ҷавони ДМТ дар соли 2014 соҳиби бурсияҳои Ҷумҳурии Халқии Чин гардида, барои идомаи таҳсил ба он ҷо фиристода шуданд.

Бояд қайд кард, ки яке аз самтҳои дигари татбиқи созишнома ва тафоҳумномаҳои дуҷониба ва бисёрҷониба табодули донишҷӯёну устодон, ҳамчунин анҷом додани сафарҳои илмӣ барои коромӯзӣ, иштирок дар ҳамоишҳои байналмилалӣ мебошад, ки дар ин самт низ корҳои зиёде ба анҷом расонида шудаанд.

Дар соли таҳсили 2020-2021 24 нафар устодон аз Ҷумҳурии Халқии Чин, 1 нафар аз Ҳиндустон (профессор Рафидудин), 1 нафар аз Малайзия (устоди забони англисӣ Ли Ли) барои тадрис ба ДМТ ҷалб карда шуданд [5, с.34].

Яке аз шаклҳои дигари ҳамкории устодон ва кормандони илмии ДМТ таълифи мақолаҳои муштарак бо муҳаққиқони кишварҳои хориҷӣ ба ҳисоб меравад. Аз миёни чунин мақолот метавон аз таълифоти д.и.ф.м., профессор, академики АМИ Ҷумҳурии Тоҷикистон Нусрат Раҷабов бо устоди донишгоҳи Миср Муҳаммад ал-Саид, муҳақикқони эронӣ Дунё Абдулҳамид, Б. Оқилӣ, доктори илмҳои физикаю математика М. Юнусӣ бо муҳаққиқи эронӣ Наҷмон Ҷаъфарӣ, д.и.х., профессор Маҳмадкул Каримов бо муҳаққиқи чинӣ Вуён Вон, доктори илмҳои филология, профессор Умар Сафар бо муҳаққиқи эронӣ Азим Ҳодипур, н.и.т., дотсент Тоҷиддин Ғуломов бо муҳаққиқони эронӣ Фарҳанози Куҳан, д.и.ф.м., профессор Шарофуддин Туйчиев бо муҳаққиқони эронӣ Ҳусайн Ободӣ ва Муҳаммад Отиф, д.и.ф.м. Т. Солиҳов муҳаққиқони эронӣ Сафои Кучаксаройӣ ва Лайло Беҳрӯз, д.и.х., профессор Холиқов бо муҳаққиқи эронӣ Маҳмадӣ Ҷалолифар, д.и.б., профессор Х. Юлдошев бо муҳаққиқи эронӣ Муҳамдаризо Бегдилӣ, д.и.и., профессор Ҳ. Раҳматов бо муҳаққиқи эронӣ Алии Исмоилӣ, н.и.и., дотсент Ф. Одинаев бо муҳаққиқони эронӣ Муҳаммадризо Шайхулисломӣ ва Дорюши Мухторӣ, д.и.и., профессор Ҳусайн Исайнов бо муҳаққиқи эронӣ Ғуломирзо Искандарӣ, н.и.ф., дотсент Назрулло Саидов бо докторҳои илми фарматсевтӣ, профессорони Донишгоҳи миллии фарматсевтии шаҳри Харкови Украина Б.А. Георгимин ва Н.А. Безутлий, Ҳ. Шарифов ва Г. Наврӯзова бо доктори илми фарматсевтӣ А.В. Зайченко, профессори Донишгоҳи миллии фарматсевтии шаҳри Харков ва номзади илми фармасевтӣ, дотсенти ҳамон донишгоҳ Е.Л. Халаева, д.и.б., профессор Ш. Ғуломова бо д.и.б. бо дотсент аз Институти илмӣ – таҳқиқотии физиологияи муътадили ба номи Анохини Академия илмҳои тиббии Русия, н.и.ф., дотсент Сафол Мусоев бо номзади илми фарматсевтӣ, дотсенти Донишгоҳи миллии фарматсевтии шаҳри Харкови Украина О.С. Спичак ва д.и.ф. профессор, академики АИ Украина А.И. Тихонов ва ғайра ном бурд [7, с.6].

Китобҳои д.и.ф., профессор Р. Раҳмонӣ «Афсонаҳои дарӣ» солҳои 1994 ва 1998 дар шаҳри Теҳрон, «Таърихи гирдоварӣ, нашр ва пажӯҳиши афсонаҳои мардуми форсизабон» соли 2001 дар шаҳри Теҳрон, китоби фавқузикр соли 2001 дар шаҳри Пешовари Покистон, китоби д.и.т. профессор М. Давлатов «Муҳаммад Ғубор доир ба муносиботи Афғонистону Шӯравӣ» соли 1992 дар шаҳри Кобул, китоби д.и.ф.м., профессор, академики АМИ Ҷумҳурии Тоҷикистон Н. Раҷабов «Введение в теорию дифференциальных управлений в частных произведенных со сверх сингулярными коэффициентами» соли 1996 дар шаҳри Теҳрон таъбу нашр шудаанд.

Соли 1992 мақолаи устоди факултети шарқшиносӣ Ф. Амонова «Сухане аз тафовутҳои форсии Эрон ва тоҷикӣ» дар нашрияи «Маҷаллаи забоншиносӣ» ба табъ расид.

Соли 1994 фишурдаи мақолаи устоди факултети таърих З. Юсуфов «Малеҳо ва доираи адабии Эрон», устоди факултети ҳуқуқшиносӣ Ф. Тоҳиров «Фирдавсӣ дар бораи давлат ва ҳуқуқ», ҳамчунин фишурдаи мақолаҳои дигар устодони донишгоҳ А. Маҳмадаминов, А. Сатторзода, У. Тоир, Т. Хаскашев, М. Қосимова, С. Ҳалимов. А. Саъдуллоев, Х. Маҷидов, Қ. Восеъ, М. Бердиев, С. Ҳайдаров дар маҷмӯаи «Шоҳнома» бузургтарин офаранда дар таърихи тамаддуни ҷаҳон» дар маҷаллаи «Симурғ», мақолаи устоди факултети шарқшиносӣ Ф. Амонова дар маҷмӯаи «Забони форсӣ – забони илм» ба табъ расиданд [8, с.9].

Соли 1999 мақолаҳои устоди факултети таърих М. Исоматов «Таърихномаи Табарӣ ва ташаккули таърихнигории форсии тоҷикӣ», факултети филологияи тоҷик Р. Раҳмонӣ «Пайванди суннатҳои бостонӣ ва ойинҳои Сомонӣ дар осори Рӯдакӣ», Ч. Боқизода «Қиёми шеър, шеъри ғарқи хун» нашр шуданд.

Соли 2000 мақолаи устоди факултети таърих М. Исоматов «Таърихи Табарӣ»-и Абӯалии Балъамӣ ва ташаккули таърихнигории форсӣ» дар фаслномаи «Эроншинохт» ба табъ расид.

Соли 2001 фишурда ва мақолаҳои устодони факултети физика Ш. Туйчиев дар Сингапур, факултети филалогияи тоҷик А. Абдусаторов «Таъсироти адабӣ дар шеъри аҳди Ғазнавиён», Х. Шарифов «Нақди шеъри Рӯдакӣ», кафедраи умумидонишгоҳии фалсафа Л. Николаева ба табъ расиданд.

Соли 2002 мақолаи устоди факултети геология Т. Тоҷибеков дар Покистон нашр гардид.

Дар соли 2003 мақолаҳои устодони факултетҳои физика Ҳ. Абдуллоев дар Сингапур, Ҷ. Саломов дар шаҳри Работи Марокаш, факултети иқтисод ва идора Д. Қодиров дар шаҳри Истамбули Туркия, факултети молиявию иқтисодӣ Ш. Дӯстбоев дар шаҳри Калкутаи Ҳиндустон, факултети филологияи тоҷики Р. Раҳмонов «Ишорате ба афсонаҳои тоҷикони Бухоро», Х. Шарифов «Боз як Хуршед маро тарк гуфт», дар шаҳри Теҳрони Эрон нашр шуданд.

Соли 2004 мақолаҳои устодони факултети иқтисод ва идора Д. Қодиров дар Истамбул, факултети ҳуқуқшиносӣ Ф. Тоҳиров дар шаҳри Деҳлии Ҳиндустон, факултети таърих С. Муллоҷонов «Дини Масеҳ аз Мутаҳҳарӣ», Қ. Расулиён «Фаъолияти шарқшиносии устод Мутаҳҳарӣ» дар шаҳри Теҳрон ба дасти чоп расиданд [3, с.6].

Ҳамчунин, дар соли 2005 мақолаҳои устодони факултетҳои молиявию иқтисодӣ дар шаҳри Калкутаи Ҳиндустон, факултети филологияи тоҷик О. Саидҷаъфаров «Авзои сиёсиву иҷтимоӣ дар даврони фармонравоии императории Бобурияи Ҳинд», Р. Раҳмонов «Устод Амонов ҷоннисори фолклори тоҷик», «Наврӯз мероси таҷрибаи ниёкон», «Қавми тоҷик», факултети шарқшиносӣ У. Сафаров «Шеъри муосири Эрон дар Тоҷикистон», факултети таърих Ш. Имомов «Тоҷикистон ва муқовимати миллӣ дар Афғонистон», кормандони Институти илмӣ-таҳқиқотии улуми табиии донишгоҳ Ш. Туйчиев дар Ҷопон ва Сингапур нашр шудаанд.

Соли 2006 мақолаҳои устодони факултети филологияи тоҷик Р. Раҳмонов «Тоҷикон» дар Эрон, «Журналистика»-и П. Гулмуродзода дар шаҳри Кобул чоп шудаанд.

Дар соли 2007 мақолаҳои устодони факултетҳои механикаю математика М. Юнусӣ дар шаҳри Исломободи Покистон, Н. Раҷабов дар шаҳри Анқараи Туркия, Б. Шукуров дар шаҳри Урумчии Хитой, Р. Раҳмонов «Мардумшиносии Сафарнома»-и Хусрав» ба табъ расиданд.

Дар байни солҳои 2010-2014 дар Шӯрои диссертатсионии 10.01.03. шаҳрвандони ҶИЭ Бобои Мустафо дар мавзӯи «Архетин дар «Шоҳнома» - Фирдавсӣ» таҳти роҳбарии доктори илмҳои филологӣ, профессор А. Раҳмонов; Алиризо Қазва дар мавзӯи «Жанри Ғазал дар назми муосири тоҷик» таҳти роҳбарии доктори илмҳои филологӣ, профессор М. Имомзода, Марҷон Маданӣ дар мавзӯи «Ҳоҷӣ Оқо»-и Содиқи Ҳидоят ва «Марги Судхӯр»-и Садриддин Айнӣ дар манзари насри форсӣ (таҳлили муқоисавӣ)» таҳти роҳбарии д.и.ф. профессор Сафаров У.; Сареҳи Хазархонӣ дар мавзӯи «Офариниши инсон дар шеъри форсии қарни X то XI (Фирдавсӣ, Носири Хусрав, Саноӣ)» таҳти роҳбарии д.и.ф. профессор Х. Шарифов; Марзия Шуштарӣ дар мавзӯи «Қиссаи Нӯҳ дар адабиёт ва фолклори Эрон» таҳти роҳбарии д.и.ф., профессор Р. Раҳмонов; Муҳаммадқозии Исмоил дар мавзӯи «Баррасии «адабиёти шаб» дар шеъри муосири Эрон» таҳти роҳбарии д.и.ф., профессор У. Сафаров; Аҳмад Ҳусейни Макорим «Масоили махсусияти бадеӣ – эстетикии насри Нимо Юшиҷ» таҳти роҳбарии д.и.ф., профессор У. Сафаров; Зӯҳро Ҳисорбонӣ дар мавзӯи «Парвини эҳтисомӣ ва суннати музокиранависӣ дар адаби форсӣ» таҳти роҳбарии д.и.ф., профессор Х. Асозода; Марям Назарҷӯбмасҷидӣ дар мавзӯи «Махсусияти ғоявӣ – бадеии шеъри «Дифои муқаддас» дар эҷодиёти Қайсари Аминпур ва Салмони Ҳиротӣ» таҳти роҳбарии д.и.ф., профессор У. Сафаров, Симини Файзуллоҳӣ дар мавзӯи «Таҳлили муқосиавии ҷанбаи иҷтимоии ашъори Фурӯғи Фаррухзод ва Гулрухсор Сафиева» таҳти роҳбарии д.и.ф., профессор Х. Асосзода; Аюб Мансурӣ дар мавзӯи «Назари адабӣ ва ҳунари шахсиятпардозии Абулфазли Байҳақӣ» таҳти роҳбарии д.и.ф., профессор У. Тоиров, Суҳайло Ҳусейнӣ дар мавзӯи «Вижагиҳои поэтикаи ашъори Фарзонаи Хуҷандӣ ва муносибати адабии он бо шоирони машҳури эронӣ (Парвин, Фурӯғ ва Симин) таҳти роҳбарии д.и.ф., профессор А. Маҳмадаминов; Фарида Раҷабӣ дар мавзӯи «Мавзӯи иҷтимоӣ-сиёсӣ дар ғазали муосири Эрон» таҳти роҳбарии д.и.ф., профессор О. Хуҷамуродов; Саидмукаррам Абдуқодирзода дар мавзӯи «Аҳамияти адабии «Маҷмаъ-ун-наводир» ё «Чаҳор мақолаи»-и Низомии Арӯзии Самарқандӣ» таҳти роҳбарии д.и.ф., профессор А. Абдусатторов; Фарибо Оташайбонӣ дар мавзӯи «Инъикоси устураҳо дар асоси Ибни Ҳисоми Хусфӣ» таҳти роҳбарии д.и.ф., профессор У. Қазоқова; Насрин Ҷаъфарӣ дар мавзӯи «Муҳаммадҳусайни Шаҳриёр ва ҷойгоҳи ӯ дар шеъри нави форсӣ ва туркӣ-озарӣ» таҳти роҳбарии д.и.ф., профессор Х. Асозода; Лайло Каёнпур дар мавзӯи «Этикаи касбии журналист ҳамчун талаботи назариявии телевизион» таҳти роҳбарии н.и.ф. С. Гулов; Муҳаммадҷаъфари Козим дар мавзӯи «Афсонаи «Салим Ҷавоҳирӣ» дар тарзҳои хаттӣ ва шифоҳӣ» таҳти роҳбарии д.и.ф., профессор Р. Раҳмонов; Шаҳрбону Хокшинос дар мавзӯи «Достони «Ховарннома»-и Ибни Ҳусоми Хуфсӣ ва нишонаҳои

фолкролии он» таҳти роҳбарии д.и.ф., профессор Р. Раҳмонов, Паричеҳр Султонихарҷӣ дар мавзӯи «Ҳаёт ва фаъолияти Жолки Исфаҳонӣ» таҳти роҳбарии д.и.ф. профессор А. Кӯчаров; Ғуломҳусайн Вакилинатуӣ дар мавзӯи «Ташхиси муқоисавии махсусияти бадеӣ ва эстетикии «Гаршоспнома»-и Асадӣ ва «Шоҳнома» таҳти роҳбарии н.и.ф., дотсент М. Солеҳов; Савсани Яздонӣ дар мавзӯи «Заминаҳои адабӣ – таърихии таълифи «Хамса»-и Амир Хусрави Деҳлавӣ» таҳти роҳбарии д.и.ф., профессор А. Раҳмонов; Митро Шарифзода дар мавзӯи «Махсусиятҳои бадеии шеъри Сафеди Доро Наҷот» таҳти роҳбарии д.и.ф., профессор У. Сафаров; Қамбари Бито дар мавзӯи «Шахсиятпардозии қаҳрамонони зан дар осори Симини Донишвар ва Ғизола Ализода» таҳти роҳбарии д.и.ф. профессор О. Хоҷамуродов; Шокир Карим дар мавзӯи «Ташаккули қолабҳои шеъри форсӣ дар асрҳои IX-X» таҳти роҳбарии н.и.ф., дотсент А. Маҳмадиев; Изатулло Кайвон Паҳлавон дар мавзӯи «Назми шифоҳӣ дар фарҳанги анъанавии вилояти Мозандарони Эрон» таҳти роҳбарии д.и.ф., профессор Р. Раҳмонов; Фиребо Раисӣ дар мавзӯи «Элементҳои фолклор дар ашъори Ҳофиз» таҳти роҳбарии д.и.ф. профессор Р. Раҳмонов; Шоҳендӯхти Сонеӣ дар мавзӯи «Нақши Соиб ва Савдо дар ташаккули шакли нав дар назми форсӣ-тоҷикӣ» таҳти роҳбарии н.и.ф., дотсент Г. Қодиров; Муҳаммадризо Ризоиён дар мавзӯи «Фарр зар» «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ» таҳти роҳбарии д.и.ф., профессор Н. Сайфиев рисолаҳои номзадӣ дифоъ кардаанд [10, с.22].

Дар Шӯрои диссертатсионии 07.00.02 Мӯҳсин Маликиён дар мавзӯи «Равобити фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Исломии Эрон» таҳти роҳбарии д.и.т., профессор Қ. Искандаров; Маҳдӣ Ҷаъфарзода дар мавзӯи «Муносибатҳои дипломатӣ ва тиҷорию иқтисодии хонигариҳои Осиёи Миёна бо Эрон дар асри XIX» таҳти роҳбарии н.и.т., дотсент Т. Муҳиддинов; Козим Баёт дар мавзӯи «Марказҳои таълимии Мовароуннаҳр ва Хуросон дар аҳди Салҷуқиён» таҳти роҳбарии д.и.т., профессор Қ. Расулиён; Беҳзод Соҳибӣ дар мавзӯи «Шаҳрсозии Мовароуннаҳр ва Хуросон дар асрҳои IX ибтидои асри X» таҳти роҳбарии д.и.т., профессор З. Акрамӣ рисолаҳои номзадӣ дифоъ намуданд [9, с.8].

Ҳамчунин, дар тӯли ин панҷ сол дар Шӯрои диссертатсионии 23.00.02 23 нафар, дар Шӯрои диссертатсионии 10.02.22 13 нафар, дар Шӯрои диссертатсионии 10.01.10 8 нафар, дар Шӯрои диссертатсионии 08.00.05 2 нафар ва дар Шӯроҳои диссертатсионии 01.04.07 ва 03.03.01 як нафарӣ шаҳрвандони Эрон рисолаҳои номзадӣ дифоъ намудаанд.

Бояд афзуд, ки дар давоми ин солҳо дар шӯроҳои диссертатсионии ДМТ шаҳрвандони ҶИА Сурайё Пайкон дар мавзӯи «Банизомдарории ҳуқуқии ақди никоҳ дар ҶИА» таҳти роҳбарии д.и.т. И. Усмонов дар Шӯрои диссертатсионии 10.01.10, Абулҳай Ором дар мавзӯи «Мушкилоти робитаҳои фарҳангии Афғонистону Тоҷикистон дар охири асри XX ва ибтидои асри XXI» таҳти роҳбарии д.и.ф., профессор А. Саъдуллоев; Сано Абдулғанӣ дар мавзӯи «Нақш ва мавқеи барномаҳои форсизабонҳо дар шабакаи «Шо»-и Канада» таҳти роҳбарии М. Муқимов дар Шӯрои диссертатсионии 12.00.03; шаҳрвандони Миср Муҳаммад Атиф дар Шӯрои диссертатсионии 10.01.07, Ҳумул Атоуллоҳ дар Шӯрои диссертатсионии 10.01.10, Федератсияи Русия Е.В. Малишоева ва С.Ф. Панов дар Шӯрои диссертатсионии 03.03.01, Ҷин Ли Тсзин дар Шӯрои диссертатсионии 07.00.02, Норвегия Муҳаммадобид Ҳайдарӣ дар Шӯрои диссертатсионии 07.00.02, Озарбойҷон А.А. Умякшин дар Шӯрои диссертатсионии 10.02.22 ва чанде дигарон рисолаҳои номзадӣ дифоъ намудаанд [7, с.12].

Роҳбарии қариб ҳамаи ин рисолаҳои дифоъшударо устодони ДМТ М. Имомзода, Р. Раҳмонов, У. Сафаров, А. Маҳмадов, Х. Асозода, А. Маҳмадаминов, М. Маҳмудов, Р. Назаров, Г. Зокиров, Х. Шарипов, М. Муродов, П. Гулмуродзода, А. Сатторов, У. Тоиров, А. Абдусатторов, Д. Хоҷаев, С. Гулов, У. Сулаймонӣ, А. Кӯчаров, М. Солеҳов, З. Акрамӣ, Х. Самиев, Қ. Расулиён бар дӯш доштанд.

Ҳамин тавр, муносибатҳои ДМТ бо донишгоҳҳои хориҷи наздик ва дур дар самти илму такимили ихтисос бо нашри мақолаҳо дар хориҷи кишвар, равона кардани омӯзгорону олимони ҷавон ба кишварҳои мухталиф, дифои рисолаҳои илмӣ ва дигар шаклҳои муносибат роҳандозӣ гардидааст. Нишондодҳои оморӣ дар самти дифои рисолаҳои илмӣ аз ҷониби унвонҷӯёни хориҷӣ дар Шӯроҳои диссертатсионии назди ДМТ инъикосгари он аст, ки акнун илми тоҷик ва олимони он дар сатҳи байналхалқӣ мақоми боз ҳам бештарро соҳиб гардидаанд. Таҳлили адабиёт ва сарчашмаҳои мавҷуда нишон медиҳад, ки муносибатҳои илмии ДМТ, махсусан дар даврони истиқлолияти давлатӣ боз рушд карда истодаанд. Махсусан, аз ибтидои асри XXI сар карда ин муносибатҳо шакли наву тозаро касб карданд. Имрӯз якчанд факултетҳои донишгоҳ равобити густурдаро бо факултетҳои ҳамрадифи хориҷии худ дар доираи созишномаҳои ДМТ бо дигар донишгоҳҳои хориҷи кишвар ба роҳ мондаанд. Дар баробари фиристодани олимону омӯзгорони ҷавон баҳри такмили ихтисосҳои худ ва идомаи таҳқиқотҳои илмӣ, ҳамчунин олимони донишгоҳ дар роҳандозӣ ва амалӣ гардидани лоиҳаҳои бузурги илмӣ дар сатҳи байналмилалӣ мақоми назаррас доранд. Бо ташаббуси олимони донишгоҳ дар ҳамкорӣ бо

дигар ҳамрадифони хориҷӣ якчанд лоиҳаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ то имрӯз амалӣ шуда, қисмате дар марҳилаи амалишавӣ қарор доранд. Ҳамчунин, бо ташаббуси ДМТ дар доираи нақша-чорабиниҳо ҳар сол даҳҳо конфронсҳои илмӣ-назариявии байналмилалӣ бо ширкати олимону муҳаққиқони барҷастаи ҷаҳонӣ баргузор мегарданд.

**Муқарриз: *Ибрагимов Мусаммир*– доктори илмҳои таърих, профессори ДМТ**

## АДАБИЁТ


1. Ваҳдат ва гуфтгӯи тамаддунҳо /Дар партави асарҳо, мақолаҳо ва суханрониҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон. – Душанбе: Адиб, 2015.
2. «Забони форсӣ – забони илм». – Теҳрон, 1994. – С. 247-252.
3. Имомзода М. Аз Остон то Камолот / М. Имомзода, С. Сафармамадов, Қ. Расулиён, Ҳ. Раҳмон, С. Қосимов. – Душанбе: ЭР–граф, 2018. – 692 с.
4. Набиева Р. Тоҷикистон дар асри XX ва ибтидои асри XX1 / Р. Набиева, Ф. Зикриёев, М. Зикриёева. – Душанбе, 2008.
5. Набиева Р. Таърихи халқи тоҷик / Р. Набиева, Ф. Зикриёев, М. Зикриёева. – Душанбе: Сарпараст, 2008. – 234 с.
6. Пажӯҳишҳои илмӣ дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон: таҳлил ва дурнамо. – Душанбе, 2012. – С. 40 – 51.
7. Энсиклопедияи миллии тоҷик. Ҷилди 6. – Душанбе, 2017. – С. 122-123.
8. Ҳакимов Н. Таърихи халқи тоҷик / Н. Ҳакимов. – Душанбе: Ирфон, 2008. – С. 578-579.
9. Ҳотамов Н. Таърихи халқи тоҷик / Н. Ҳотамов, Д. Довудӣ, М. Исоматов, С. Муллоҷонов. – Душанбе: Эр – граф, 2012. – С. 634-636.
10. Хуросоншиносӣ. – Машҳад, 2001. - №1. – С. 181-198.
11. Фарҳанги мардум. – Теҳрон, 2003. -№1. – С. 37-49.
12. Чакидаи мақолоти ҳамоиши ҷаҳонии «Ҳикмати мутаҳҳар». – Теҳрон 2004. – С. 234-235.
13. Ормони миллӣ. – Кобул, 2005. – С. 4.
14. Номаи Пажӯҳишгоҳи мероси фарҳангӣ. – Теҳрон, 2004. - №4. – С. 96-98.
15. Пажӯҳишкадаи мардумшиносӣ. – Теҳрон, 2004. – С. 65-70.
16. Диратулмаорифи ҷаҳони ислом. – Теҳрон, 2005. – 86-90.
17. Эронмеҳр. – Теҳрон, 2005. – С. 66-70.
18. Хулосаи ҳамоишҳои ҳафтодсолаи мардумшиносӣ дар Эрон. – Теҳрон, 2007. – С. 35-36.
19. Шарифзода А. Тоҷикистон 20. Бахшида ба 20-умин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе: Ирфон, 2011. – С. 210


## РАВОБИТИ ИЛМИЮ ТАЪЛИМИИ ДМТ БО ДОНИШГОҲҲОИ ХОРИҶИ КИШВАР


Дар мақолаи мазкур муалиф дар такя ба сарашмаҳо ва адабиёти мавҷуда равобити илмии Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо донишгоҳҳои хориҷи наздик ва дур мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор додааст. Муносибатҳои ДМТ бо донишгоҳҳои хориҷи наздик ва дур дар самти илму такимили ихтисос бо нашри мақолаҳо дар хориҷи кишвар, равона кардани омӯзгорону олимони ҷавон ба кишварҳои мухталиф, дифои рисолаҳои илмӣ ва дигар шаклҳои муносибат роҳандозӣ гардидааст. Нишондодҳои оморӣ дар самти дифои рисолаҳои илмӣ аз ҷониби унвонҷӯёни хориҷӣ дар Шӯроҳои диссертатсионии назди ДМТ инъикосгари он аст, ки акнун илми тоҷик ва олимони он дар сатҳи байналхалқӣ мақоми боз ҳам баландтарро соҳиб гардидаанд. Бо ташаббуси ДМТ дар доираи нақша-чорабиниҳо ҳар сол даҳҳо конфронсҳои илмӣ-назариявии байналмилалӣ бо ширкати олимону муҳаққиқони барҷастаи ҷаҳонӣ баргузор мегардад. Таҳлили адабиёт ва сарашмаҳои мавҷуда нишон медиҳад, ки суръати муносибатҳои имлмии ДМТ, махсусан дар даврони истиқлоли давлатӣ боз ҳам афзудааст. Махсусан, аз ибтидои асри XXI сар карда ин муносибатҳо шакли наву тозаро касб кардаанд. Имрӯз якчанд факултетҳои донишгоҳ равобити густурдаро бо факултетҳои ҳамрадифи хориҷии худ дар доираи созишномаҳои ДМТ бо дигар донишгоҳҳои хориҷӣ ба роҳ мондаанд. Дар баробари фиристодани олимону омӯзгорони ҷавон баҳри такмили ихтисос ва идомаи таҳқиқоти илмӣ, ҳамчунин олимони донишгоҳ дар роҳандозӣ ва амалӣ гардидани лоиҳаҳои бузурги илмӣ дар сатҳи байналмилалӣ мақоми назаррас доранд. Бо ташаббуси олимони донишгоҳ дар ҳамкорӣ бо дигар ҳамрадифони хориҷӣ якчанд лоиҳаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ то имрӯз амалӣ шуда, лоиҳаҳои дигар дар марҳилаи амалишавӣ қарор доранд.



**Калидвожаҳо:** равобит, ДМТ, илм, маориф, донишгоҳ, байналхалқӣ, вазъ, барнома, ихтисос, олимон.


## НАУЧНО-ОБРАЗОВАТЕЛЬНЫЕ ОТНОШЕНИЯ ТНУ С ЗАРУБЕЖНЫМИ ВУЗАМИ СТРАНЫ


В данной статье на основе анализа имеющихся источников и литературы автор исследует научные связи Таджикского национального университета с университетами ближнего и дальнего зарубежья. Связи ТНУ с зарубежными университетами ближнего и дальнего зарубежья в области науки и повышения квалификации через публикацию статей за рубежом, отправку молодых преподавателей и ученых в разные страны, защиту диссертаций и другие формы связей. Статистические данные о защите диссертаций иностранных кандидатов в диссертационных советах ТНУ отражают тот факт, что таджикская наука и ее ученые сейчас имеют еще более высокий статус на международном уровне. Столь стабильный темп развития науки в университете закладывает основу для дальнейшего увеличения числа местных специалистов среди молодежи. По инициативе ТНУ в рамках плана мероприятий ежегодно проводятся десятки международных научно-теоретических конференций с участием ведущих мировых ученых и исследователей. Анализ доступной литературы и источников показывает, что темпы научных связей ТНУ увеличились, особенно в период государственной независимости. В частности, с начала 21 века эти отношения приобрели новую форму. Сегодня несколько факультетов университета установили тесные отношения со своими зарубежными коллегами в рамках соглашений ТНУ с другими зарубежными вузами страны. Наряду с отправкой молодых ученых и преподавателей для повышения квалификации и продолжения научных исследований, ученые университета также играют значительную роль в проведении и реализации крупных исследовательских проектов на международном уровне. По инициативе ученых университета в сотрудничестве с другими зарубежными коллегами на сегодняшний день реализован ряд исследовательских проектов, которые находятся в стадии реализации.



**Ключевые слова:** коммуникация, ТНУ, наука, образование, университет, международная, ситуация, программа, специальность, ученые.

**SCIENTIFIC AND EDUCATIONAL RELATIONS OF THE TNU WITH FOREIGN UNIVERSITIES OF THE COUNTRY**

In this article, based on the analysis of existing sources and literature, the author studies the scientific relations of the Tajik National University with universities near and far abroad. Relations of the TNU with foreign universities near and far in the field of science and professional development through the publication of articles abroad, sending young teachers and scientists to different countries, the defense of dissertations and other forms of relations. Statistical data on the defense of dissertations by foreign candidates in the Dissertation Councils at the TNU reflect the fact that Tajik science and its scientists now have an even greater status at the international level. This steady pace of development of science at the university lays the foundation for a further increase in the number of young professionals. At the initiative of the TNU in the framework of the plan of events every year dozens of international scientific-theoretical conferences with the participation of leading world scientists and researchers. Analysis of the available literature and sources shows that the pace of scientific relations of the TNU has increased, especially during the period of state independence. In particular, since the beginning of the 21st century, these relations have taken on a new form. Today, several faculties of the university have established close relations with their foreign counterparts in the framework of agreements of the TNU with other foreign universities of the country. Along with sending young scientists and teachers to improve their skills and continue scientific research, scientists of the university also play an important role in the conduct and implementation of major research projects at the international level. At the initiative of scientists of the university in collaboration with other foreign counterparts, a number of research projects have been implemented to date, and sometimes are in the process of implementation.

**Keywords:** communication, TNU, science, education, university, international, situation, program, specialty, scientists.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Салимзода Марворид*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, муаллими калони кафедраи таърихи халқи тоҷики. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **msalimzoda@inbox.ru** Телефон. **989161881**

**Сведение об авторе:** ***Салимзода Марворид*** **–** Таджикский националный универистет, старший преподаватель кафедры истории таджикского народа. **Адрес:** 734025, Республика таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **msalimzoda@inbox.ru** Телефон. **989161881**

**Information about the author:** ***Salimzoda Marvorid*** - Tajik National University, senior lecturer at the Department of History of the Tajik People. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. E-mail: **msalimzoda@inbox.ru** Phone: **989161881**

**УДК:930(575.3)(574)**

# ТОҶИКОНИ ҚАЗОҚИСТОН ДАР МАСИРИ ТАЪРИХ

***Маҳмадалиев Шоҳин***
**Донишгоҳи давлатии Данғара**

Ниёгони халқи куҳанбунёди тоҷик тули қарнҳои зиёд дар даштҳои паҳновари Авруосиё сукунат доштанд ва то кунун осоре аз ҳаёти гузаштаи онҳо дар манотиқи мухталифи ин ду қораи бузурги олам боқӣ монда, шаҳодати ин гуфтаҳоянд. Имрӯз дар замони истиқлолияти давлатӣ барои мо муаррихон имконияти бештари омӯзиши таърихи ғании халқамон ба даст омадааст. Бо истифода аз ин имкони мусоид ҳаёти гузаштаи миллати тоҷикро ҳам дар Тоҷикистони азиз ва ҳам дар кишварҳои дигаре, ки шумораи муайяни намояндагони халқи тоҷик дар ҳудуди онҳо сокинанд, метавонад мавриди таҳқиқ қарор дод. Дар миёни ин кишварҳо сарзамини паҳновари Қазоқистонро метавон ном бурд, зеро тоҷикон дар ҳайати аҳолии кишвар мақоми 14-умро ишғол мекунанд.

Мувофиқи маълумотҳо ба ҳолати 01.01.2014, дар Ҷумҳурии Қазоқистон 42 000 нафар тоҷикон ҳаёт ба сар мебаранд, ки 0.25 дарсад сокинони Қазоқистонро ташкил медиҳанд. Аз рӯйи баромад ва давомнокии ҳаёти худ онҳо ба ду гурӯҳ тақсим мешаванд: тоҷиконе, ки ба таври дастаҷамъӣ дар Вилояти Ҷанубии Қазоқистон сокинанд ва мавҷи нави муҳоҷирони меҳнатӣ, ки дар шаҳрҳои бузурги мамлакат умр ба сар мебаранд [1].

Тоҷикон, чун дар дигар кишварҳои Осиёи Маразӣ, дар Қазоқистон низ ба ду гурӯҳ, яъне ирридент ва диаспора ҷудо мешаванд тоҷикони муқимӣ ва тоҷикони муҳоҷир. Тоҷикон мувофиқи маълумоти барӯйхатгирии соли 1989-уми аҳолӣ 25 514 нафарро ташкил медоданд. Баъд аз воқеаҳои аввали солҳои 90-ум теъдоди онҳо аз ҳисоби фирориён хеле афзуд. Теъдоди умумии онҳо на камтар аз 200 ҳазор аст. Таърих ва фарҳанги ирридент ва диаспорҳои тоҷикӣ дар Қазоқистон сукунатдошта дар адабиёти тоинқилобӣ (Ҷамол ал-Қаршӣ, А.Д.Гребенкин, В.В.Бартолд, А.В.Гинзбург ва ғ.), давраи нав ва навин (М.Форишӣ, А.Нуралиев, Ш.Воҳидов, А.Абдуллоев, А.Искандаров, Х.Шарифов, Ф.Ҷӯраев ва ғ.) то андозае баррасӣ ва таҳлил гардидааст. Суол ба миён меояд, ки дар кадом ноҳия ва маҳалҳо ташаккулёбии халқи тоҷик ба назар мерасад.

А.Д.Гребенкин дар мақолаи худ «Тоҷикон» (маҷмуаи «Русский Туркестан» М., 1872) овардааст: «Соли 1864 бо **ишғол** кардани шаҳри Туркистон мо ба кишвари тоҷикон ворид гаштем. Ва аз он давр мо ҳарчанд ба шарқ ва ҷануб ҳаракат менамудем, ҳамон қадар ва беш аз пеш бо тоҷикон дучор мешудем». Дарвоқеъ Ҳафтрӯд ва Исфиҷоб ҳудуди ташаккули халқи тоҷик буданд. Шаҳри Исфиҷоб, қалъаи Ислом, дар шимолу шарқи Осиёи Миёна ҷойгир буда, аз рӯйи маълумотҳои олимони асри X дар ин шаҳр ғозиёни зиёде - паҳнкунандагони дини ислом мезистаанд. Яъне, аз ин бармеояд, ки ноҳияҳои ҷануби Қазоқистон яке аз маҳалҳои ташаккулёбии халқи тоҷик мебошад. Ал-Макдисӣ шаҳодат медиҳад, ки дар беруни шаҳристони Исфиҷоб, дар назди чаҳор дарвозаи он работҳои ғозиён воқеъ будаанд [2, с. 479].

Академик В. В. Бартолд дар натиҷаи тадқиқи сарчашмаҳои таърихӣ ба хулосае омадааст, ки Ҳафтрӯд ба муқобили истилогарони муғул қаҳрамонона истодагарӣ карда, танҳо солҳои 1310-1312 ба сабаби ҷангҳои байнихудии шоҳзодагони муғул шикаст хӯрдааст.

Ба ақидаи олим, дар Ҳафтрӯд раванди аз байн рафтани маданияти муқимӣ дар асри XIII сар шуда, оқибат ба барҳам хӯрдани он оварда расонд [4]. Дар асари ба забони арабӣ таълифшудаи олими тоҷики асри XIV Ҷамол ал-Қаршӣ «Ал-мулҳақот би-с-сура» маълумоти арзишманде оид ба марказҳои динии илми мусалмонӣ, ба монанди Ҷанд, Олмалиғ ва дигарҳо маълумот дода шудааст (ниг. Таърихи Қазоқистон дар манбаъҳои форсӣ: ҷ.1-Алмаато:Дайк-Пресс, 2005, с.138-140, 153-167).

Устод Бобоҷон Ғафуров густариши ин равобитро ҳанӯз аз замони ҳукмронии Ҳахоманишиён қайд карда, онро барои ҳарду ҷониб манфиатбахш арзёбӣ кардаанд. Бозёфтҳои ҳафриётии қӯрғонҳои мансуб ба асрҳои VI-IV пеш аз меллоди Олтой, ки ашёи аз пӯст, пашм ва намад сохташуда дар шароити яхбандии доимӣ ба хубӣ маҳфуз монданд, дар бораи алоқаҳои мадани ва тиҷоратии Эрони ҳахоманишӣ ва Осиёи Миёна шаҳодат медиҳад [5, с.784].

Ин ҳама робитаҳои неки ҳамҷаворӣ дар замонҳои баъдӣ, хусусан асрҳои IX-X боз ҳам густариш ёфта, боиси рушди бемайлони иқтисодию иҷтимоии ин манотиқ мегарданд. Бунёдгузори давлати Сомониён шоҳ Исмоили Сомонӣ дар роҳи давлатсозии хеш ба сарзаминҳои дар шимолтари Мовароуннаҳр воқеъбуда таваҷҷуҳи хос доштанд. Инчунин, аз ҷониби сокинони даштҳои паҳновари шимол, ки дар сохти қавмию қабилавӣ ҳаёт ба сар мебурданд, ба тамаддуни пешрафтаи ҷануб хатари ҷиддӣ таҳдид мекард, ва ин амали Амир Исмоил боиси таъмини амният дар марзҳои шимолии кишвар гардид ва ӯро бо боварии комил ба гуфтани чунин суханон водор кард: “Девори Бухоро манам”.

Исмоил бо ин иқдомоти ҷасурона ва ба самти биёбонҳои турк лашкар кашидан, амнияти мардуми Мовароуннаҳрро таъмин сохт. Замоне ки аҳолии Бухоро хостанд, девори мудофиавии шаҳрро, ки барои дифоъ аз ҳуҷуми туркҳо бунёд ёфта буд, барафрозанд, ӯ мардумро аз ин кор боздошта фармуд: «То зиндаам, девори Бухоро ман бошам»; [5, с.784]. Моҳњои март-апрели соли 893 фармони халифа Муътамид (893–902) дар хусуси ба Исмоили Сомонӣ супоридани ҳукумати Мовароуннаҳр расид. Худи ҳамон сол Исмоил барои бартараф кардани хатари ҳамлаҳои туркон ба яке аз шаҳрҳои маъруфи Туркистон – Тироз (Тарози кунунӣ дар Қазоқистон) лашкар кашид. Дар ҷанг Исмоил хони туркро мағлуб карда, ӯро ҳамроҳ бо 10 ҳазор надимону сипоҳиёнаш асир гирифт. Бад-ин восита туркон муддати тӯлонӣ ба марзҳои Мовароуннаҳр ҳуҷум карда натавонистанд. Бо дастури Исмоил дар шаҳри Тироз масҷиди ҷомеи бузург сохта, барои густариши ислом дар миёни қабоили турк талошҳо карда шуд. Пас аз ин ғалаба, Исмоил қаламрави худро то водии Талас васеъ намуда, минтақаи хеле пурғановатро, ки дорои маъданҳои гуногуни гаронарзиш буд, дар ихтиёр гирифт. Коркарди ин маъданҳо аҳамияти минтақаро боз ҳам афзуда, дар умум барои рушди иқтисодии Мовароуннаҳр заминаи мусоид фароҳам меовард./ Вилояти Исфиҷоб дар самти шимолии Фарғонаву Чоч, байни воҳаи рӯди Арис ва шохобҳояш ҷойгир шуда, ҳудуди он дар шарқ то Талас ва дар шимолу ғарб то Саброн ва дар ҷануб то Чоч мерасид. Муҳаққиқон дар бораи решаи номи Исфиҷоб ду ақида изҳор кардаанд: яке ин ки вожаи мазкур аз ду ҷузъ: «испиг» (spig – дурахшон) ва «об» иборат буда, минбаъд ҳарфи «г» ба «ҷ» табдил ефтааст; дигарон «испиҷ»-ро бо вожаи «сафед»-и форсӣ рабт дода, маънии онро «шаҳри сафед» гуфтаанд. Маркази ин вилоят шаҳри Исфиҷоб буд ва шаҳрҳои дигаре ҳам дошт (ба иттилои Муқаддасӣ беш аз 40 шаҳр), ки Канҷида, Фороб, Шавроғ, Саврон, Тироз, Ҷамукат ва

Соникат маъмултарини онҳо буданд. Бори аввал мусулмонҳо соли 678 Исфиҷобро фатҳ карда буданд, аммо пас аз чанде онро аз даст доданд. Солҳои 839–40 Нӯҳ ибни Асади Сомонӣ ин шаҳрро комилан фатҳ кард ва ба худ тобеъ намуд [13, с.73]. Аммо тасаллути комили Сомониён дар ин сарзамин аз замони ҳукумати Исмоили Сомонӣ шуруъ шудааст.

Дар замони Сомониён Исфиҷоб хеле тараққӣ карда, куҳандиз, шаҳристон, работ ва чаҳор дарвоза доштааст: Нуҷкас, Фархоз (Фархон), Сари карона ва дарвозаи Бухоро. Ҳар се қисми шаҳр бо девори алоҳида иҳота шуда, истеҳкоми худро доштаанд. Дар шаҳристон қасри ҳоким, зиндон, масҷиди ҷомеъ, бозору корвонсаройҳои болопӯшида ва дар работ иморату боғҳои бисёре ҷойгир будааст. Масҷиди ҷомеи Исфиҷоб чаҳор дарвоза доштааст, ки назди ҳар кадом аз дарвозаҳо работе будааст бо чунин ном: работи нахшабиён, работи бухориён, работи самарқандиён ва работи Қаротакин (саркардаи Сомониён – Мансури Қаротакин, ки баъди вафоташ ӯро дар работи худаш дафн кардаанд). Тибқи ахбори Муқаддасӣ Исфиҷоб 1700 работ доштааст [14, с.394]. Тибқи ахбори Ёқути Ҳамавӣ, Исфиҷоб дар тамоми Хуросону Мовароуннаҳр ягона вилояте буд, ки мардумаш аз пардохти хироҷ озод буданд, зеро Исфиҷоб дар марзи мусулмонон бо туркон қарор дошт ва мардуми он бояд бо маблағи хироҷ барои худ аслиҳа ва озуқа мехариданд. Ҳокимони Исфиҷоб чун нишони тобеият ба амирони Сомонӣ ҳадяҳо мефиристоданд [19, с.266].

Ба ривояти муаллифи «Ҳудуд-ул-олам», Исфиҷоб «маъдани бозаргонони ҳама ҷаҳон аст» ва аз он ҷо «намад хезад ва гӯсфанд» ва, ба гуфтаи Муқаддасӣ «аз он ҷо бардагони турк, ҷомаҳои сафед ва ҷангафзор ба дигар шаҳрҳо баранд» [13, с.73]. Соли 993 Буғрохони Қарахонӣ Исифҷобро тасарруф намуд ва аз он вақт ин шаҳр шукӯҳу шаҳомати худро батадриҷ аз даст дод. Ҳоло шаҳри асримиёнагии Исфиҷоб дар ҷойи шаҳри Сайрами кунунӣ дар ҷумҳурии Қазоқистон воқеъ аст, ки харобаҳои он 28 га-ро ташкил медиҳанд.

Фороб ё Бороб дар соҳили шарқии Сайҳун дар резишгоҳи рӯди Чимкент воқеъ буд, ки минбаъд номи Утрорро гирифт. Ба қавли Муқаддасӣ, дар шаҳри Фороб беш аз 70 ҳазор мард мезистанд. Ин шаҳр яке аз шаҳрҳои муҳимми тиҷоратии Мовароуннахр буд, ки бар сари роҳи аслии тиҷории Аврупо ба Чин қарор дошт [14, с.394].

Ҷайҳонӣ ин шаҳрро Пороб зикр карда, навиштааст: «Пороб номи вилоятест ва миқдори он дар тулу арз якест. Ва як рӯз роҳ бошад ва ҷойи устувор ва мардумони далер. Ва он дар замини шӯра аст ва онро бешаҳову мазраъаҳо ва иморату зироати бисер. Ва он дар ҷониби ғарбии ҷӯйи Шош аст» [16, с.195]. Истахрӣ дар бораи Фороб менависад, ки "масоҳати он қариб якрӯза роҳ буда, ҳама ҷойҳо устувор ва дар арзи водӣ аст, ки аз рӯди Чоч об бардорад" [12, с.363]. Дар "Ҳудуд-ул-олам" омадааст, ки "Пороб ноҳиятест бо неъмат ва қасабаи ӯро Қадир хонанд. Мардумонеанд ҷангӣ ва диловар ва ҷойи бозаргонон аст" [13, с.73]. Дар асри X рабази Фороб бо номи Кадар низ мавсум буд. Тибқи таҳқиқоти В. В. Бартолд, Фороб шаҳри бузург буда, масҷиди ҷомеи он дар шаҳристон ва бозорҳои асосӣ дар работ қарор доштанд [19, с.266].

Мутафаккири бузурги форсу тоҷик Абунасри Форобӣ дар ш. Васиҷи ноҳияи Фороби вилояти Исфиҷоб ба дунё омадааст. Ҳоло харобаҳои шаҳри асримиёнагии Фороб дар ҷануби ҷумҳурии Қазоқистон, дар наздикии резишгоҳи рӯди Арис ба Сирдаре воқеъ буда, бо номи шаҳраки Утрор маъруфанд. Масоҳати умумии шаҳрак 200 га буда, дар пайи ҳафриёт, ки то кунун идома дорад, аз он осори арзишманди бостоншиносӣ пайдо шудааст. Хулоса, маълумоти сарчашмаҳо дар бораи Фороб бо натиҷаҳои ҳафриёти бостоншиносӣ комилан мувофиқанд. Дар шимолу шарқи Исфиҷоб шаҳри Тироз қарор дошт, ки дар ибтидои асри X аз лиҳози тиҷоратӣ ва мавқеи стратегӣ шаҳри муҳимме буд. Ибни Ҳавқал мегӯяд, ки он нуқтаи тамоси мусулмонону туркон буд, ки мусулмонон фаротар аз Тироз намерафтанд. Ҷайҳонӣ низ дар тақвияти суханони Ибни Ҳавқал менависад: «Чун аз он ҷо бигзарӣ, билоди ислом нест. Хиргоҳҳо ва чарохӯри қарлуқҳо бошад. Пас он чӣ зикр карда шуд, ҳадди Шош ва навоҳии он буд» [17, с.195]. Ҳоло шаҳри Тироз маркази маъмурии вилояти Ҷамбули ҷумҳурии Қазоқистон аст. Дар пайи таҳқиқоти охири бостоншиносӣ муайян гардид, ки шаҳри асримиёнагии Тироз дар ҷойи ду бозори марказии шаҳри кунунӣ воқеъ будааст ва барои анҷоми корҳои ҳаффорӣ бозорҳои мазкур кӯчонда шуда, бостоншиносон ба таҳқиқи амиқтар шуруъ кардаанд. Шаҳрҳое, ки аз замони ҳукумати

Исмоили Сомонӣ то ба даврони Наср ибни Аҳмад вориди қаламрави давлати онҳо буданд, хоҳад шуд. Зеро давлати Сомониён дар ин замон сарзаминҳои густурдаеро аз Мовароуннаҳр ва шимоли он – водии дарёи Талас, шарқи он – марзҳои Туркистони Шӯш яке аз шаҳрҳои Фарғона аст, ки дар марзи туркон воқеъ буд.

Ҷайҳонӣ дар бораи ин шаҳр менависад: «Ӯш дар бузургӣ монанди Қубо бошад. Ва шаҳрест ободон ва онро куҳандизе маъмур. Сарои аморат дар куҳандиз ва шаҳрро рабаз ва рабазро бора ва он бора муттасил бошад ба кӯҳе, ки бар он нигаҳбонони туркон бошанд. Онро се дар бошад, аввали —дари Кӯҳ, дувум —дари Об, сеюм —дари Муғкада. Ва дари куҳандиз нек устувор» [17, с.195]. Муаллифи «Ҳудуд-ул-олам» низ дар бораи Ӯш менависад, ки ҷое ободон асту бисёрнеъмат ва мардумоне ҷангӣ ва дар он ҷо кӯҳест, ки бар он посбон аст, ки кофири туркро нигаҳ дорад [13, с.73]. Тибқи маълумоти Истахрӣ, Ӯш дар наздикии Қубо воқеъ буда, шаҳристон ва куҳандизи обод дорад. Сарои аморат ва зиндон дар куҳандиз қарор доранд. Шаҳристон рабаз дорад, ки атрофи он бо девор иҳота гардидааст ва девор бо кӯҳ пайвастааст.

Дар болои он кӯҳ дидбон ҷойгир аст, то шаҳрро аз ҳуҷуми тавоифи турк огоҳ ва ҳиросат кунад. Шаҳри Ӯш се дарвоза дорад: дарвозаи Кӯҳ, дарвозаи Об ва дарвозаи Муғкада [16, с.363]. Ле Стренҷ менависад, ки шаҳри Ӯш дар ховари Қубо воқеъ буд. Қасри ҳоким ва зиндон дар қалъаи шаҳр воқеъ буда, атрофи қалъа бо девор иҳота будааст. Рабаз низ деворе доштааст. Масҷиди ҷомеъ дар майдони бузурге миёни бозор қарор доштааст. Заминҳои шаҳрро чандин наҳр обёрӣ мекард [18, с.509]. Ахбори дар боло овардашуда аз он далолат менамоянд, ки Ӯш дар аҳди Сомониён шаҳри обод буда, бо сабаби дар наздикии марз бо туркон қарор доштанаш яке аз шаҳрҳои аз лиҳози ҳарбию стратегӣ муҳимми кулли мусулмонон дар Мовароуннаҳр ба шумор мерафтааст. Ӯзканд. Ҷайҳонӣ дар тавсифи ин шаҳр менависад: «Ӯзканд охирин шаҳри Фарғона аст аз он чи наздики дорулҳарб аст. Ва миқдори чаҳор донги Ӯш бошад ва онро куҳандизест ва шаҳристоне нек муҳкам ва устувор. Ва онро рабази дигар ва бозорҳои он дар рабаз. Ва онро обҳои равон ва боғҳову бӯстонҳо ва он шаҳр ҷойи бозаргонони туркон аст» [17, с.195]. Дар "Ҳудуд-ул-олам" омадааст, ки Ӯзганд шаҳрест бар ҳадди миёни Фарғона ва Турк ва дар каронаи вай ду рӯд бигзарад: якеро рӯди Батоғар хонанд аз Таббат равад ва дигареро Барсанҷон хонанд, ки аз Халлух равад [13, с.73]. Истахрӣ дар бораи Ӯзганд менависад, ки он гармсертарин ва сарҳадтарин вилояти Фарғона аст. Куҳандиз ва шаҳристон дорад. Дар он ҷо боғу бӯстон ва оби равон зиёд аст [15, с.363]. Тибқи таҳқиқоти В. В. Бартолд, Ӯзганд аз лиҳози масоҳат ба 2/3 шаҳри Ӯш баробар буда, куҳандиз, шаҳристон ва работ дошт. Куҳандиз ба таркиби шаҳристон дохил буд, ки Ӯзганд бо ин аз шаҳрҳои дигари Фарғона фарқ мекард. Шаҳр чор дарвоза дошта, ба ҳама қисмҳои шаҳр об ҷорӣ буд. Аз канори дарвозаи шаҳр рӯде ҷорӣ мешуд ва мардум аз сабаби набудани пул аз он пиёда убур менамуд. Дар Ӯзганд тиҷорат бо туркҳо ривоҷ дошт, зеро ба Ҳафтрӯд роҳ аз ин ҷо мегузашт. Дар замони Қарахониҳо Ӯзганд пойтахти Мовароуннаҳр ба шумор мерафт. Хулоса, Ӯзганд дар замони Сомониён яке аз минтақаҳои сарҳадии сарсабзу обод буда, дар он ҷо тиҷорат ривоҷу равнақ доштааст.

Хулоса, маълумоти сарчашмаҳои муътамад худ гувоҳи он аст, ки аз қадимулайём ниёгони мо бо дигар халқиятҳои Етникӣ дар ин ҳудуҳо якҷоя умр ба сар мебурдаанд.

Кӯшиш мекарданд ки робитаҳои неки ҳамҷавориро дар замонҳои баъдӣ боз ҳам густариш диҳанд.

Барои инкишофи маданият ва фарҳанги миллӣ барои тоҷикон дар ҷумҳурии Қазоқистон чӣ имконияту шароитҳо фароҳам гардидааст, моро ба таҳқиқ ва пажуҳиши адабиёти илмӣ ва пайгирӣ ба расонаҳои дохиливу хориҷӣ водор мекунад. То солҳои наздик ҳарчанд дар ин кишвар даҳ адад маркази фарҳангии ноҳиявию шаҳрӣ ва вилоятии тоҷикон амал мекард, вале дар бузургтарин шаҳри Қазоқистон, Алмаато, ки шумораи тоҷикон дар он хеле зиёд аст, чунин марказ вуҷуд надошт. Иттиҳоди фарҳангии тоҷикони Қазоқистон бо номи "Сомониён" то андозае нақши чунин марказро иҷро мекард. Вале тавре тоҷикони муқими кишвар ва муҳоҷирон мегӯянд, фаъолияти ин иттиҳод камранг ба назар мерасад [20]. Ҳамзамон бояд хотирнишон кард, ки дар ҳудуди Қазоқистон дар байни

аҳолӣ, хусусан зиёиёни он, адабиёти тоҷику форс дар асрҳои миёна интишор ёфта буд. Бино ба маълумоти олими машҳури тоҷик, зодаи ҳамин кишвар А.Нуралиев, шоирони асрҳои XV-XVIII қазоқ, ба монанди Асан Кайги, Актам Бердӣ ва дигарон на танҳо адабиёти тоҷикро хуб медонистанд, балки ғояҳои онро дар ашъору достонҳои худ таҷассум менамуданд. Бисёр олимон ва ҳокимони асримиёнагии қазоқ забони тоҷикиро, чун забони илму фарҳанг, хуб медонистанд.

Масалан, Султон Муҳаммад Муъмин марди донишманде буда, қисми зиёди «Шоҳнома»-ро аз ёд медонист. Муаллифи асри XVI писари Ҳошимбек - Қадиралибек асари муаррихи маъруфи асри XIII Рашидаддини Ватвот «Ҷомеъ-ут-таворих»-ро ба таври мухтасар ба забони туркӣ гардонида, шаҷараи хон ва султонҳои асрҳои XУ-XVI-ро тартиб додааст [20].Дар замони ҳозира саҳми намояндагони миллати тоҷик дар рушди соҳаҳои мухталифи кишвари Қазоқистон намоён аст, чи тавре ки сарвари фарҳангии шаҳри Алмаато Бегпулод Тошпулодов иброз медоранд, номҳои донишманди маъруф Сафар Абдулло овозхонон Парвиз Назаров ва Ситора Назарова, профессори риштаи ҳунар Пӯлод Элдаров, оҳангсозон Далер Халилов ва Ҳусейн Изатуллоев ва мураббии варзиш Ҳикматулло Холиқов, барои ағлаби мардуми Қазоқистон ошноянд. Ҳамчунин, ховаршинос Қурбоналӣ Идрисов, рӯзноманигорон Саломиддин Мирзораҳматов ва Саломат Назарова, бозаргону соҳибкорон Миразиз Усмонов, Сино Ализода, Сафар Иззатуллоев, Нуралӣ Хоркашов. Ҳоҷӣ Саид Солеҳов, Абдураҳмон Холов, Саидмардон Қосимов,Ҳоҷи Абдурозиқов, Икром Раҳимбеков ва Юсуф Чоршанбиев ва даҳҳо нафари дигар низ барои рушди иқтисоду фарҳанги Қазоқистон хидмат менамоянд [20].

Шумораи тоҷикон дар ҳисоби умумии аҳолии Ҷумҳурии Қазоқистон дар солҳои мухталиф:7666 (1926); 11229 (1936); 8075 (1959); 7166 (1970); 19293 (1979); 25514 (1989); 25657 (1999); 36277 (2009); 42143 (2014) [1].Дар сурате ки ҳисоби намояндагони миллати тоҷик миқдоран сол аз сол дар ҳоли афзош аст ва намояндагони барҷастаи ин халқ дар роҳи рушди босуботи иқтисодиву иҷтимоӣ ва илмию фарҳангии кишвари мазкур бесобиқа аст, аз ин рӯ зарурати таъсиси Маркази фарҳангии шаҳрӣ дар Алмаато ба миён омад ва ин масъулятро Бепулод Тошпулодов, ки солҳои зиёдест дар Алмаато ба сар мебарад, ба дӯш гирифт. Бепулод Тошпулодов мегӯяд, ки қаблан низ вай бо марказҳои фарҳангии тоҷикон дар Қазоқистон иртибот дошт. Бавижа вай, чун соҳибкори муваффақ дар созмондиҳии ҳар гуна чорабиниҳо ба марқазҳои фарҳангии ноҳияҳои Махтааролу Сариғоч, ки дар он ҷо шумораи тоҷикони бумӣ ва мактабҳои тоҷикӣ зиёданд, ёрӣ мерасонд. Акнун вай ҳамроҳи дигар фаъолони маркази навтаъсисаш мақсад дорад, ки чунин корҳои фарҳангиро дар пойтахти ҷанубии Қазоқистон ба роҳ андозад [20].

Президенти Қазоқистон Нурсултон Назарбоев доимо дар суханрониҳояш доимо дар бораи сачашмаҳои дӯстии халқҳоямон ибрози назар менамоянд. Масалан, дар баромади худ дар кушодашавии расмии бинои нави Сафорати Қазоқистон дар Тоҷикистон гуфта буд: «Сарчашмаи дӯстии халқҳои мо ба давраи қадимаи асрҳои қадим рафта мерасад. Фарҳанг, таърих ва анъанаҳои монанди қазоқҳо ва тоҷикон барои ҳамкории бисёрсатҳаи мо дар муносибатҳои дутарафа ва бисёрҷабҳа заминаи мустаҳкамест».

Дар охири солҳои 30-юм, тоҷикон дар баъзе ноҳияҳои Қазоқистони Ҷанубӣ — Махтааралу Еттисой, Сариёғоч маскан гирифтанд. Ноҳияи Махтаарал — собиқ дашти беканори вилояти Қазоқистони Ҷанубӣ буд, ки онро Гавронка меномиданд. Бино ба таҳқиқоти профессор Маҳмуди Форишӣ, олимон ва муҳандисони Русия бори нахуст дар ин ҷо қитъаҳои таҷрибавӣ ва бошишгоҳҳои илмӣ-тадқиқотӣ бунёд карданд.

Аввалин хоҷагии ин ҷо совхози «Пахтаарал» аст, ки соли 1924 бо ташаббуси А.С.Орлов ва Ф.Ф.Семенов барпо шуд. Дар ин ноҳия маскан гирифтани тоҷикон аз соли 1934 сар шуд, ки онҳо аз Фориши вилояти Ҷиззахи Ӯзбекистон буданд. Аввалин оилае, ки соли 1934 ба ин ноҳия аз Фориш омад, оилаи бобои *Остона Шарифови* Поришти мебошад. Пас аз солҳои 40-ум теъдоди онҳо афзуда, ба 3000 оила расид, ки он тақрибан 15 ҳазор нафарро ташкил менамояд. Баъдтар ба ин ҷо тоҷикон боз аз ноҳияҳои дигар омада, хоҷагии калони «Пахтаарал» ва «Свердлов»-ро ташкил доданд. Аҳолии деҳаи Фирдавсии хоҷагии «Новый пут» аз Мастчоҳи Тоҷикистон буда, ба ин ҷо солҳои 1953-1954 кӯчида омадаанд. Аз рӯйи маълумоти профессор Абдусаттор Нуралиев, дар соли 2003-юм дар ноҳия тахминан 27 ҳазор тоҷикон мезистанд. Онҳо асосан бо пахтакорӣ ва зироаткорӣ машғуланд. Дар дигар соҳаҳои хоҷагии халқ низ иштироки тоҷикони қазоқистонӣ дида мешавад. Дар байни онҳо собиқадорони ҷангу меҳнат, бисёранд: иштирокчии ҶБВ, собиқ мудири қитъаи совхози «Пахтаарал» - Назарбек Сафаров (1918-1989), иштирокчии ҶБВ, омӯзгори машҳур Муяссар Шарипов, раиси собиқадорони ҷанги Афғонистон Ҳасан

Ибодуллоев ва дигарон аз қабили онҳоянд. Барои фарзандони онҳо ду мактаби миёна ва як мактаби ибтидоии тоҷикӣ кушода шуда буд. Дар соли 2003 дар ноҳия ҳашт мактаби тоҷикӣ амал мекард [2, с.479].Тоҷикон дар худуди Қазоқистон асосан ба тиҷорат, соҳибкорӣ, ҳаммолӣ ва касбу кори дигар машғуланд. *Миразиз Усмонов* хатмкардаи факултаи физикаи ДДТ буда, соли 1992 дар Алмаато маскан гирифта, ширкати хусусии «Амал»-ро таъсис дод, ки он асосан ба кишти гандум, ҷамъоварӣ ва фурӯши он машғул шуд. Ин ширкат Тоҷикистонро дар солҳои душвор бо орду гандуми хушсифат таъмин намуд. Дар ибтидои солҳои 90-уми асри гузашта ӯ чун афсар хизмати ҳарбиро дар қисми низомии «Атар»-и наздикии шаҳри Алмаато гузаронид. Баъди адои хизмат ӯ тиҷорати хешро аз сифр шурӯъ карда, ба дараҷаи соҳибкори маъруфи қазоқ расид. Имрӯз соҳибкори тоҷик гурӯҳи калони ширкати «Асил Ормон»-ро, ки дар соҳаҳои мухталифи иқтисодиёт фаъолият доранд, сарварӣ менамояд. «Асил Ормон» 18 ҳазор гектар замини хусусӣ дошта, дар он навъҳои хушсифати гандум парвариш меёбанд. Ғалла дар осиёбҳои хусусии ширкат орд шуда, бо он Тоҷикистону Қирғизистон ва худи Қазоқистон таъмин карда мешаванд. Илова бар ин, ширкати М.Усмонов дар бозори Қазоқистон истеҳсолкунандаи пешсафи нуриҳои маъданӣ мебошад. Ширкати мавсуф инчунин дар бобати захираҳои ҷинсҳои кӯҳӣ яке аз калонтарин корпоратсияҳои ҶҚ-Ҷамъияти саҳомии «Алюминийи Қазоқистон», ҶС барқии «Евразия», корпоратсияи «Қазоқмис», ҶС «Иттиҳодияи истеҳсолии маъдани кӯҳии Соколов-Сарбайск» ва ғайраҳо мебошад. Якчанд сол қабл аз ин ширкати «Асил Ормон» дар Қазоқистон бузургтарин корхонаи истеҳсоли полипропиленро ташкил кард, ки моҳе се миллион дона чунин халтаҳоро истеҳсол мекунад.

Филиалҳои ширкати «Асил Ормон» имрӯз дар Алмаато, Остона, Кукчетов, Қустанай, Петропавловск, Қарағанда, Тароз, Шимкент амал мекунанд, ки дар онҳо беш аз 400 нафар одамони миллатҳои гуногун кор мекунанд. Бо кумаки Миразиз 50 оилаи тоҷик дар Қазоқистон кор пайдо карда, соҳиби хона шудаанд. Инчунин, дар шаҳрҳои Душанбею Ҳисор, Хуҷанду Чкаловск, Конибодому Исфара, Бишкек корхонаҳои ӯ амал мекунанд. Илова бар ин, ӯ барои сохтмон ва саноати Тоҷикистон сармоягузорӣ мекунад. Бо ин мақсад дар як қатор ноҳияҳои Тоҷикистон комбинати коркарди чӯбу тахта, осиёб ва ғайра бунёд карда, мардумро бо ҷойи кору маош таъмин намуд. Ӯ ният дорад дар шаҳри Душанбе ҳам чунин корхонаҳоро таъсис диҳад. Бародари М.Усмонов, номзади илми таърих дотсент Мирусмон Амаков ҳам дар филиали ширкати «Амал» дар Кукчатов ба киштукори ғалладона ва ғайра машғул буд. Онҳо бо Тоҷикистон робитаи наздик доранд. Қазоқистон барои Миразиз ватани дуюм гардидааст. Ҳар сол вай ба зодгоҳи худ-Исфара меояд ва барои ободии он ҳам ҳисса мегузорад. Мавриди зикр аст, ки Бунёди байналхалқии хайриявӣ ба номи Фирдавсӣ Миразизро барои фаъолияти хайриявиаш бо медали тилло мукофотонидааст.

*Шарифов Саидмурод* низ аз ҷумлаи соҳибкорони тоҷик аст. Вай раиси Ассотсиатсияи иттиҳодияҳои фарҳангии тоҷикони Қазоқистон бо номи «Сомониён» (2003-2008) мебошад.

*Ёлов Махмуд Нурович* – хатмкардаи Донишкадаи варзиши Тошкент (1979-1981), ноиб-президенти иттиҳодияи ҷамъиятии саҳомии «Интимак» *Шоалиев Нуралӣ* (1949), ки зодаи ноҳияи Сариоғоч ва хатмкардаи Донишгоҳи политехникии Тошканд аст, ҳамчунин директори завод оид ба истеҳсоли хишт (аз соли 1992) *Юсуфов Сайфулло* – директории ҶСС «ГХ Шимкентгаз» аз ҷумлаи ҳамдиёрони қазоқистонии мо мебошанд.

*Толиб Саноқулови* панҷакентӣ яке аз соҳибкорони бомуваффақияти Қазоқистон аст. Вай мутахассиси дипломдори соҳаи маъданшиносӣ буда, ҳамчун муҳандис ва роҳбари хоҷагидорӣ фаъолият намудааст. Дар фаъолияти худ то ба вазифаи директори заводи ҷавоҳирот расидааст. Дар соли 1994 бо сабаби баста шудани завод бекор мондааст. Ба Душанбе кӯч баста, дар ин ҷо бо содироти тамоку ба Русия ва Ҷумҳурии Белорус машғул шудааст. Аммо дертар дӯстонаш ӯро боз ба Қазоқистон даъват намуданд, ки дар ин ҷо Толиб Саноқулов аз деҳқонони муфлисшуда заминҳояшонро харидорӣ намуд ва бо киштукор машғул гардид. Роҳбарият пешрафтҳои деҳқони тоҷикро дар заминдорӣ дида, боз заминҳои бесоҳиб ва бекорхобидаро ба вай доданд, ки дар натиҷа миқдори умумии заминҳояш ба 45 ҳазор га расид. Ҳамин тавр, дар ҳудуди се совхози собиқ корҳои киштгардонӣ ва ободонӣ оғоз ёфтанд. Ба соҳибкори панҷакентӣ муяссар гардид, ки муҳоҷиронро бозгардонад. Дар натиҷа, оилаҳо баргаштанд, мактабҳои корношоям ба кор шуруъ намуданд ва кӯдакон аз овулҳои дурдаст ба мактаб бо микроавтобуси аз ҷониби соҳибкор тухфашуда меомаданд [2, с.479]. Имрӯз, дар замони истиқлолият, мо бояд робитаҳои худро бо тоҷикони бурунмарзӣ таҳким бахшем.

**Муқарриз: *Нуриддинов Р.* Ш. – доктори илмҳои сиёсатшиносӣ, профессори ДМТ**

**АДАБИЁТ**

1. https://ru.wikipedia.org/w/index.php?title=Таджики_в_Казахстане&oldid=112203549

2. Бобохонов М. Тоҷикони Қазоқистон /Бобохонов М. Таърихи тоҷикони ҷаҳон.-Нашри дуюм.-Душанбе: Ирфон, 2002. - 479с.
3. Бабаханов М. Таджики Казахстана /Бабаханов М. История таджиков мира. Учебник для вузов. - Душанбе: Деваштич, 2004.
4. Бартольд В.В. Место прикаспийских областей в истории мусульманского мира// Соч.-М., 1965. -Том I. - Том III.
5. Б. Гафуров Тоҷикон. Иборат аз 2 ҷилд; ҷ.1:Таърихи қадимтарин, қадим ва асрҳои миёна ва давраи нав. - Душанбе, 2008. -870с
6. Ҷамол ал-Қаршӣ «Ал-мулҳақот би-с-сура». Таърихи Қазоқистон дар манбаъҳои форсӣ: -Алмаато: Дайк-Пресс, 2005. -Ҷ.1. -С.138-140, 153-167.
7. Ҳотамов Н. Таърихи халқи тоҷиқ / Н.Ҳотамов, Д.Довуди С. Муллоҷонов, М.Исоматов. – Душанбе, 2019. - 640с.
8. Наршахӣ С. 157; История таджикского народа. -Том 2. -С. 334.
9. Ёқути Ҳамавӣ. Мӯъҷаму-л-булдон. Тарҷумаи Алӣ Сақии Разавӣ. Теҳрон, 1380.
10. Марат Шибутов. Древний Тараз, тѐплый Джамбул: — Городу две тысячи лет‖ // REGNUM, 6.01.2018.

11. Бартольд В.В. Географический очерк Мавераннахра. -С. 213.
12. Истахрӣ Абуисҳоқ Иброҳим.“Масолик ва мамолик. Тарҷумаи Муҳаммад ибни Абдуллоҳ бо кушиши Эраҷи Афшор. Теҳрон 1366 С. 266.
13. Ҳудуд-ул-Олам. -Душанбе, 1983.-132с.
14. Муқаддасӣ Муҳаммад ибни Аҳмад “Аҳсан-ут-тақосим фи маърифати-л-Ақолин; тарҷумаи Алинаққош Нунзалий. –Теҳрон, 1361 ҳ.ш -С. 394.
15. Ёқути Ҳамавӣ. Муъҷам-ул-булдон. Тарҷумаи Алӣ Сақии Разавӣ. Теҳрон, 1380. ҳ.ш.
16. Ҷайҳонӣ Абдулқосим ибни Аҳмад Ашкол-ул-олам// Сомониён ва эҳёи ташаккули форсӣ тоҷикӣ. – Душанбе, 1998. - С. 390.
17. Марат Шибутов. Древний Тараз, тѐплый Джамбул: — Городу две тысячи лет‖ // REGNUM, 6.01.2018.
18. Ле Стренҷ Гой. Ҷуғрофияи таърихи сарзаминҳои Хилофати Шарқӣ. Тарҷумаи Н.Ирфон Теҳрон1380 ҳ.ш -609с
19. Бартольд В.В. Географический очерк Мавераннахра. -С. 213.
20. https//assembly.kz/Ru/ethnos/Ru/tadzhiki/

## ТОҶИКОНИ ҚАЗОҚИСТОН ДАР МАСИРИ ТАЪРИХ

Муаллиф дар ин мақола робитаҳои гуногунҷанбаи диаспораи тоҷикони Қазоқистонро бо дигар гурӯҳҳои қавмии кишвари мазкур саҳми эшонро дар рушду нумӯъи ин сарзамин дар асоси сарчашмаҳои муътамад собит месозад. Ӯ, аз ҷумла дар заминаи маълумоти сарчашмаҳои таърихӣ ва ковишҳои бостоншиносӣ собит месозад, ки дар аҳди Сомониен алоқаҳои мухталифи ниёгони халқи тамаддунсози тоҷик бо сарзаминҳои дуру наздик, аз ҷумла бо даштҳои паҳновари дар шимоли Осиёи Миёна маъруф бо номи “Дашти Қипчоқ” ривоҷ ефтаанд. Бо кушишу талошҳои намояндагони ин хонадон, бахусус асосгузори давлати Сомониён Амир Исмоили Сомонӣ қисмати аъзами ин ҳудудҳо ба мулки онҳо табдил ёфт ва дар натиҷа он хатаре, ки аз ҷониби сокинони чорводори Дашти Қипчоқ ба воҳаҳои зироаткори Мовароуннаҳр вуҷуд дошт, аз байн рафт. Ғайр аз ин, сарзамини мазкур ба ҳавзаи тамаддуни аҳди Сомониён ворид гардида, манфиати бештаре ба ҳарду ҷониб фароҳам овард. Баъд аз ин дашту саҳрои ҳазорсолаҳо аз олами тамаддун дар канор монда бо шиносоии бештару наздик бо пешрафти илмию фарҳангӣ ва ҳунарии ҳавзаи тамаддуни Мовароуннаҳру Хуросон, тавонист қадам ба қадам ба дунёи мутамаддин ошно гардад, ки муаллиф дар мақолаи хеш бо истифода аз мадракоти муътамад ҳамаи инро собит месозад. Албатта, муаллифи мақола маҷмуи равобити ҳасанаро миёни ин ду қисмати аъзами қораи Осиё, ки тули қарнҳои зиёд шакл гирифтаанд, дар давраҳои баъдина, низ мавриди пажуҳиш қарор медиҳад. Дар натиҷа, ниёгони халқи куҳанбунёди тоҷик, тули қарнҳои зиёд дар даштҳои паҳновари Авруосиё сукунат ихтиёр карданд осоре аз ҳаёти гузаштаи худро дар ин минтақа боқӣ монданд. Имрӯз дар замони истиқлолияти давлатӣ бо истифода аз имкони мусоид, ҳаёти гузаштаи миллати тоҷик ҳам дар Тоҷикистони азиз ва кишварҳои дигаре, аз ҷумла Қазоқистон ки шумораи муайяни намояндагони халқи тоҷик дар ҳудуди онҳо сокинанд, мавриди таҳқиқ қарор мегирад. Дар миёни ин кишварҳо сарзамини паҳновари Қазоқистонро бояд махсус ќайд намоем зеро ин ҳудуд аз қадимулайём ҳамчун маони будубоши ниёгони халқи тамаддунсози тоҷик хизмат кардааст ва дар замони ҳозира ҳам тоҷикон дар ҳайати аҳолии кишвар мақоми хосеро ишғол мекунанд.

**Калидвожаҳо:** Қазоқистон, Мовароуннаҳр, Хуросон, Роҳи Абрешим, Сомониён, Амир Исмоил, фарҳанг, сиёсат, муносибат, маданият, иқтисод, иҷтимоиёт, пажуҳишгарон.

## ВЗГЛЯД НА ИСТОРИЮ ТАДЖИКОВ КАЗАХСТАНА

В данной статье автор на основе достоверных источников демонстрирует многогранные связи таджикской диаспоры в Казахстане с другими этническими группами страны, а также их вклад в развитие этих стран. Он доказывает, в частности, на основе информации из исторических источников и археологических источников, что во времена Саманидов развивались различные связи предков таджикской цивилизации с далекими землями, включая обширные степи Средней Азии, известные как «кипчакские степи». Благодаря усилиям представителей этих семей, особенно основателя государства Саманидов Амира Исмоили Сомони, большая часть этих территорий перешла в их собственность, и, как следствие, угроза со стороны скотоводов Дашти Кипчака для населения земледельческих оазисов Мавераннахра были предотвращена. Кроме того, эта земля вошла в состав цивилизации Саманидов и принесла больше пользы обеим сторонам. Автор подробно описывает научное, культурное и художественное наследие цивилизации Трансоксиана и Хорасан. В результате предки древнего таджикского народа на протяжении многих веков заселявшие обширные степи Евразии оставили в этом регионе свое богатое

наследие. Сегодня, в период независимости прошлая жизнь таджикского народа изучается как в родном Таджикистане, так и в других странах, в том числе в Казахстане, где проживает определенное количество представителей таджикского народа. Огромная территория Казахстана представляет большой интерес для исследователей данной науки, так как эта территория издавна служила местом проживания предков цивилизованного таджикского народа. И даже сегодня таджики занимают особое место среди жителей Казахстана.
**Ключевые слова:** Казахстан, Мавераннахр, Хорасан, Шелковый путь, Саманиды, Амир Исмаил, культура, политика, отношения, культура, экономика, общество, исследователи.

**A LOOK AT THE HISTORY OF THE TAJIKS OF KAZAKHSTAN**

Author demonstrates the multifaceted ties of the Irredent and the Tajik diaspora in Kazakhstan with other ethnic groups of the country, as well as their contribution to the development of the country. He proves that, in particular, on the basis of information from historical sources and archeological sources, during the time of Samanidov developed various connections of the ancestors of the Tajik civilization with the far-flung lands, including the Kirghiz people.Thanks to the efforts of the representatives of these families, especially the founder of the state Samanidov Amira Ismoili Somoni, a large part of these territories passed into their possession, and, as a result, the threat posed by the pastoralists of the Dashti Kipchak dynasty in Kipchak. Besides, this land entered the pool of Samanid civilization and brought more benefits to both sides. After thousands of years of steppes and steppes of the civilized world, the author was able to get acquainted with the civilized world with a closer acquaintance with the scientific, cultural and artistic progress of the basin of the Transoxian civilization. Of course, the author of the article will also study a set of good relationships between these two large parts of Asia that have been paralyzed for many centuries in the following periods. As a result of the ancestors of the ancient Tajik people, who for many centuries lived in the vast steppes of Eurasia, left in this region the legacy of their past lives and made a great contribution. Today, during the period of independence of the state factor, taking advantage of the opportunity, passing the life of the Tajik people is studied as in the native Tajikistan, as well as in other countries, including in Kazakhstan, where the priest lives. Among these countries, the vast territory of Kazakhstan is of great interest to researchers of this science, as this territory has long served as a place of residence of the ancestors of the civilized Tajik people. And even today Tajiks occupy a special place in the population of the country.
**Keywords**: Kazakhstan, Movarounnahr, Khorasan, Silk Road, Samanidy, Amir Ismail, culture, politics, relations, culture, economy, society, researchers, collection,

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Маҳмадалиев Шоҳин Ҷурахонович*** **-** Донишгоҳи давлатии Данғара ассистенти кафедраи идораи давлат ва таърихи умумӣ. **Суроға:** 734065, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ноҳияи Данғара, кӯчаи Марказӣ, 25. E- mail: **mahmudshohin@mail.ru** Телефон: **(+992) 918914808**

**Сведение об авторе:** ***Махмадалиев Шохин Джурахонович-*** Дангаринский государственный университета ассистент кафедры Государственого управления и всеобшей истории. **Адрес:** 734065, Республика Таджикистан, район Дангара, улица Маркази, 25. E- mail: **mahmudshohin@mail.ru** Телефон: **(+992) 918914808**

**Information about the author:** ***Makhmadaliev Shokhin Dzhurakhonovich*** **-** Dangara State University, assistant of the Department of Public Administration and General History**. Address:** 734065, Republic of Tajikistan, Dangara district, Markazi street, 25. E- mail: **mahmudshohin@mail.ru** Phone: **(+992) 918914808**

**УДК:930.14**

# ТАРҲИ ДАВЛАТИ МИЛЛӢ - ОМИЛИ МУҲИММИ НИЗОМИ МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛХАЛҚӢ ДАР ҲОШИЯИ ТАЪРИХИ ҶАҲОНИ МУОСИР

***Мирбобоева Т.Х.***
**Донишкадаи иқтисод ва савдои ДДТТ**

Дар асоси тадқиқоти амиқи таърихи ҷаҳони муосир, метавон дид, ки бар хилофи устураҳои васеъ паҳнгашта, дар ҳама ҳолатҳо маҳз пайдоиши давлат ба пайдоиши миллат боис гашта истодааст, на бараъкс. Воқеан, вақте ки низоми байнидавлатӣ падид омад, ҳаракатҳои миллӣ ҳам пайдо шуданд. Ин ҳаракатҳо талаб мекарданд, ки давлатҳои нав мустақил шаванд ва баъзан ба мақсадҳои худ даст низ меёфтанд. Ҳаракатҳои миллӣ дар дохили марзҳои маъмурии аллакай барқарор гардида қариб ба чашм намерасиданд. Аз ин рӯ метавон гуфт, ки давлат, бигзор ки мустақил набошад ҳам, бояд аллакай вуҷуд медошт.

Алҳол назариячиёни конструктивизм бар он ақида ҳастанд, ки миллатро давлат ба вуҷуд меоварад. Миллат натиҷаи марзбандиҳои давлатӣ ва сиёсӣ мебошад. Эҷоди ҳама гуна давлати мустақил дар доираи низоми байнидавлатӣ халқият ва миллатро ба вуҷуд меоварад. Дар дохили низоми давлат муаммоҳои нигоҳдошти томият ва тақсимнашавандагӣ ба вуҷуд меояд. Барои ҳамин истиқлолияти он зери таҳдид қарор мегирад. Вақте дар дохили як давлати мустақил муаммоҳои сиёсиву амниятӣ пайдо мешаванд, давлат ба масъалаҳое, чун рушди «эҳсоси миллӣ» имконият медиҳад, то ки ин гуна таҳдидҳо бартараф шаванд. Ба манфиати ҳукумат аст, ки барои манфиатҳои гурӯҳҳои гуногуни дохилидавлатӣ имконияти баробар фароҳам кунад. Ҳар кадом гурӯҳи дар дохили давлат муборизабаранда мехоҳад ин иддао, яъне худшиносии миллиро ба мақсади худ истифода барад. Он барои машрӯияти иддаои худ масъалаҳои миллиро пеш мегузорад.

Миллатгароӣ ба сифати ифодаи усули мавҷудияти идомаи стратегияи давлатӣ

баромад мекунад. Давлат аз ҷониби худ барои эҷоди фазои ягонаи маъмурӣ, ки таъсирнокии коркарди усулҳои сиёсиро таъмин мекунад, манфиатдор аст. Мақулаҳои миллат ва миллатгароӣ ҳамчун омили муҳим дар низоми байнидавлатӣ низ фаҳмида мешаванд. Аммо низоми байнидавлатӣ зуҳуроте чун далели кишвари соҳибихтиёр нест. Ин низоми устувор, аммо тағйирёбандаи тартиботи сарварӣ мебошад.

Яъне, дигаргунии омирона дар сафи давлатҳо на танҳо имконпазир аст, балки таърихан чун меъёр фаҳмида мешавад. Идеологияи миллӣ, ки дар натиҷаи нобаробариҳои устувор ва ҳадафмандона, аммо тағйирнаёбанда ҷиҳати мавқеъгирӣ дар низоми байнидавлатӣ ташаккул меёбад чун идеологияи миллатгароӣ фаҳмида мешавад. Барои давлат чун миллат шинохта нашудан - ин маънии аз бозӣ берун буданро дорад. Он вобаста ба тағйироти мавқеи давлат дар низоми байнидавлатӣ зоҳир мешавад. Он воҳидҳои сиёсие, ки то ташкил шудани низоми байнидавлатӣ ба сифати бунёди иқтисодии ҷаҳони сармоядорӣ вуҷуд доштанд, вале уесурҳои миллат шуданро надоштанд, чун миллат шинохта намешуданд.

Агар мақулабандии нажод аз ибтидо чун усули ифода ва тасдиқи муқобилияти марказ ва музофот пайдо шудааст, пас мақулабандии миллат аз оғоз чун усули ифодаи мусобиқаи байнидавлатӣ дар мубориза барои муайян кардани хусусияти омирона, аммо тағйирёбии доимӣ дар мавқеъгирии давлат аз рӯйи афзалияти иқтисодиаш фаҳмида мешуд. Ҳамин тавр мафҳуми миллӣ барои муайян намудани бартарии мавқеъҳо дар дохили ин низом ва чун таснифоти бештар дағалонаи нажодӣ хизмат мекард.

Нажод ва нажодгароӣ чун зуҳурот дар дохили иттиҳодияҳои ҳудудҳои марказӣ ва музофотӣ вуҷуд доранд ва мубориза онҳо бо якдигар то замоне вуҷуд хохад дошт, ки миллат ва миллатгароӣ дар тақсимоти дохилиҳудудии ин марзҳо ба мураккабтар шудани мусобиқаи онҳо ҳам дар дохил ва ҳам байни ҳудудҳо аз рӯйи бартарияти мавқеъгирӣ дар сафи байнидавлатӣ ташаккул меёбанд.

Барои ташхиси ҳувияти халқи тарҳрезишуда дар қатори категорияҳои нажод ва миллат категорияи гурӯҳҳои этникӣ низ бояд корбурд шавад. Алҳол категорияи «гурӯҳҳои этникӣ» бештар ба ҷойи категорияи «ақаллиятҳои миллӣ» истифода бурда мешавад.

Масалан, барои вуҷуд доштани ақаллият мантиқан бояд аксарият низ вуҷуд дошта бошад. Барои муайян кардани мақоми ақаллият ченаки муайянкунанда дар иштироки ҳокимияти иҷтимоӣ истифода мегардад. Дар ин замина барои муайян кардани ақаллият ҳудуди як давлатро мисол мегирем. Мафҳуми гурӯҳи этникӣ бо марзҳои давлатӣ алоқаманд мебошад. Фарқият танҳо дар он зоҳир мегардад, ки маъмулан дар дохили давлат як миллати давлатсоз ва якчанд гурӯҳҳои этникӣ вуҷуд доранд.

Ба назар мерасад, ки миллатгароӣ боз ба рӯзномаи ҳаводиси ҷаҳонӣ ворид гардида истодааст. Аксарияти сарварони давлатӣ ва таҳлилгарони сиёсии кишварҳои ғарбӣ эълом менамоянд, ки баъди барҳам хӯрдани низоми сотсиализми Шӯравӣ алҳол таҳдиди воқеӣ ба ҷаҳон маҳз эҳёи миллатгароӣ дар қисматҳои гуногуни дунё маҳсуб меёбад. Ин омил ба он вобаста мебошад, ки дар асри мо барои ҷалби таваҷҷуҳ, сараввал чун «муаммо» шинохта шудани падида муҳим аст. Баъдан ба ҳалли он кӯшиш менамоянд ва баҳсҳо дар бобати он фарохтар аз баррасии мутахассисон баровaрда мешаванд. Аз ин рӯ, рушди дубораи миллатгароӣ аз сари нав қишрҳои гуногуни ҷомеаҳои ҷаҳониро ба худ мекашад.

Олими ҳинд Парта Чаттерҷи бар он ақида аст, ки тарзи ворид намудани масъала ҳамчун «муаммо»-и ҷаҳонӣ мубоҳисаро дар мавзӯи мазкур ба тангно мебарад. Зеро чанд омилҳое мавҷуд мебошанд, ки барои чунин ранг гирифтани шароит мусоидат менамоянд. Яке аз онҳо ин миллатгароиро чун хусусияти ғалабаовари муборизаи зиддиистеъморӣ дар Осиё ва Африқо ҳисоб кардан аст. Вале пас аз шакли институтсионалӣ гирифтани иқтисодиёту давлатдорӣ ва дар зери мафҳумҳои консептуалии «рушд» ва «модернизатсия» ривоҷ ёфтани он миллатгароӣ ба соҳаи таърихи ҷузъии ин ё он империяи истеъморӣ табдил ёфт [5, с. 283].

Дар солҳои 1970-ум миллатгароӣ ба масъалаи соҳаи сиёсати қавмии давлатҳои «ҷаҳони сеюм» табдил ёфт, ки ба хотири он шаҳрвандони кишварҳои мазкур ҳамдигарро нобуд мекарданд. Ҳолати мазкур баъзан бо ҷанги артишҳои давлатҳои алоҳида, ҷангҳои шаҳрвандӣ ва ё амалҳои террористӣ, ки дар он унсурҳо ва технологияҳои муосир истифода мегаштанд, мубаддал мегашт.

П.Чаттерҷи фикрронии худро идома дода меафзояд, ки пешвоёни африқоӣ бо коркарди режимҳои фасодзада, худхоҳ ва таҳаммулнопазир мубориза бар зидди низоми истеъморӣ ва нажодпарастӣ олуда намуданд. Таҳлили муосири ғояи миллатгароӣ нишон медиҳад, ки барои чӣ он имрӯз ба неруи торику идоранашаванда, дорои қувваи табиии пешгӯинашаванда табдил ёфтааст, ки ба низом ва оромии ҳаёти мутамаддин таҳдид дорад. Он падида бо ном миллатгароӣ, ки пештар аз кунҷу канори ҷаҳон танг карда баровaрда шуда буд, акнун аз тариқи музофотҳои фаромӯшшудаи собиқ империяҳои Русия ва Туркияи Усмонӣ, ба тарафи муқобил, яъне ба Аврупо ҳаракат дорад. Дар қатори нашъамандӣ, терроризм ва муҳоҷирати ғайриқонунӣ, он боз як моли ҷаҳони сеюм

мебошад, ки онро Ғарб писанд надорад, вале наметавонад пеши роҳи онро гирад [5, с. 283].

Ӯ бар он назар аст, ки дар мубоҳисаҳои имрӯза перомуни миллатгароӣ дар васоити ахбори омма дигар нуқтаи мазкур, яъне ба монанди «миллатгароӣ - ин беҳтарин туҳфа мебошад, ки аз тарафи Аврупо ба ҷаҳони боқимонда эҳдо гаштааст». Ҳамчунин, имрӯз камтар ёдовар аз он мешаванд, ки ду ҷанги мудҳиши ҷаҳонии асри ХХ, чун натиҷаи аз уҳдаи ҳалли миллатгароии қавмии худ набаромадани Аврупо сар задааст ва ҳамаи намудҳои гуногуни миллатгароӣ - чи «хуб»-аш ва чи «бад»-аш пурра ва тамоман натиҷаи таърихи сиёсии Аврупо мебошад [5, с. 284].

Аксарияти падидаҳое, ки имрӯз ба унвони миллатгароӣ шинохта мешаванд, ба ақидаи Хобсбаум, танҳо вокунише зидди зуҳуроти манфии замони муосир, чун муҳоҷирати байналмилалӣ, тағйиротҳои иҷтимоиву иқтисодии босуръат мебошанд. Мисли вокуниши халқи рус ба зиёд шудани муҳоҷирони меҳнатӣ, амрикоиён бар зиёд шудани испанизабонҳо ва ғ. Инро метавон бо суст шудани мавқеи мазҳабӣ, ҷудо шудани қишрҳои анъанавӣ ва модерн шарҳ дод. Чунонки мебинем, барои исботи бӯҳрони миллатгароӣ, Хобсбаум падидаҳои гуногунтабиатро ба мафҳумҳои умумӣ ва ҷузъӣ нисбат медиҳад. Аммо шояд мушкилӣ на дар миллатгароӣ, балки дар истилоҳоту мафҳумҳои муаллиф аст? Ҳамзамон, Хобсбаум эътироф мекунад, ки ҳамаи ҳаракатҳои зидди ҳокимияти давлатӣ бо мақсади мухторият ё ҷудоихоҳӣ маъмулан либоси миллӣ мепӯшанд ва гумон мекунанд, ки миллатсозӣ мекунанд. Дар ҳақиқат бошад, бештар дар бораи ҷамоаҳои қавмӣ ё минтақавии хурд сухан меравад [9, с. 283].

Дарки масъалаи фаҳмиш ва шинохти мафҳуме чун «халқ», дар натиҷаи омӯзиши таълимотҳои муосири илмҳои иҷтимоӣ, таҳлили низоми таърихӣ ва равандҳои он имконпазир мегардад. Зеро, мафҳуми «халқ» падидаи иҷтимоие ба шумор меравад, ки хеле зиёд истифода мегардад ва ҳамчунин моҳияти он хеле зиддиятҳо дорад. Чунончи, Валлерстайн менависад: «...хусусиятҳои асосии он воқеияти ноустувории мавҷудияташ ва инкори воқеияташ аст» [3, с. 91].

Ба назар мерасад, ки муаллифи зикргашта мафҳуми халқро болотар аз миллат мегузорад ва пешниҳод менамояд, ки барои дақиқ дарк намудани масъала қадам ба қадам ба он самт бояд рафт ва мафҳуми халқро муайян намуд. Мафҳуми халқ дар тадқиқоти муосири иҷтимоию таърихӣ кам вомехӯрад ва бештар маъмул бо се мафҳум: «нажод», «миллат» ва «гурӯҳи этникӣ» мебошад. Албатта, ҳар яке аз ин мафҳумҳо маъниҳои гуногун доранд, аммо аз нуқтаи назари серистеъмолӣ ва ҳам мантиқ маҳз ин се мафҳум бунёдианд.

Бархе аз муҳаққиқон, ба монанди Э. Балибар нажодро «мақулаи ирсии мутаносиб ба қолаби физикии муайян», миллатро «гурӯҳи иҷтимоиву сиёсии дар ин ё он шакл ба воқеият ва имконоти марзи давлат алоқаманд» (яъне на аз рӯйи ирқу нажоду хуну пӯсту забон) ва гурӯҳи этникиро «мақулаи фарҳангии таҷдидшудаи тариқи аз як насл ба насли дигар муайян гардида, ки ба марзи давлат чандон вобастагӣ надорад», мефаҳмад [2, с. 94]. Мавсуф мавҷудияти халқро ё бар асоси «аломатҳои ирсӣ муайяншуда» ё «таърихи иҷтимоиву сиёсӣ» ва ё «меъёриву арзишҳои аньанавӣ тасдиқ мекунад.

Мафҳуми халқ мафҳуми дар асоси талаботи сиёсӣ эҷодшуда ва муайянкарда мебошад. Барои ҳамин то он андозае, ки ҷаҳони воқеӣ ҳамеша дар ивазшавӣ аст, мафҳуми халқ низ ҳатман тағйир меёбад, чунки ҳама чизро сиёсат муайян мекунад. Алҳол, ду шакли шинохти гузаштаро ҷудо мекунанд: гузаштаи воқеӣ ва гузаштаи иҷтимоӣ. Гузаштаи воқеӣ ин чун нақш дар санг ва гузаштаи иҷтимоӣ чун нақш дар рег тафсил мегардад. Зимни муайян кардани шинохти гузашта бар асоси нақшаи гурӯҳи ирсии пайдарпай (нажод), гурӯҳи иҷтимоиву сиёсӣ (миллат) ва гурӯҳи фарҳангӣ (этникӣ) ба ин натиҷа мерасем, ки ҳамаи инҳо усулҳои халқи тарҳрезишуда, ихтирои шинохти гузашта ва сиёсатҳои мубрами хориқа мебошанд.

Барои ҳалли он, ки барои чӣ мо баҳри муайян намудани мафҳуми халқ ба се унсури иҷтимоӣ рӯ меоварем, мо бояд ба масъалаи мазкур аз нигоҳи сохторҳои таърихии ҷаҳони иқтисодии ҷомеаи сармоядории муосир назар афканем. Дар асоси таҳлили сохтори таърихи иқтисоди ҷомеаи сармоядории ҷаҳонӣ ба ин натиҷа меоем, ки нажод ба тақсимоти меҳнат тибқи тафовути меҳварии иқтисоди ҷаҳонӣ дар музофот ва марказ алоқаманд аст. Миллат бо алоқамандӣ ба рӯбинои сиёсӣ, ки дар низоми таърихӣ бо соҳибихтиёрии **давлатии** ташкилёфта ва дар асоси низоми байнидавлатӣ ва муайяноти он фаҳмиши мешавад. Фаҳмиши гурӯҳи этникӣ бошад, ба эҷоди сохтори хоҷагидории хонаводагӣ, ки имкони зиндагии фаъол дорад алоқаманд буда, дар ҷараёни ҷамъоварии сармоя дигар намешавад. Аз ин ҷост, ки ҳеҷ кадом аз ин мафҳумҳо мустақиман ба мафҳуми синф алоқамандӣ надорад. Ин маҳз ба хотирест, ки мафҳуми халқ бе иртибот ба синф бунёд мешавад.

Ташаккули нажод натиҷаи алоқамандии тақсимоти меҳнат ба таснифоти музофот ва марказ дар дохили иқтисоди ҷаҳонӣ маънидод мегардад. Нажод ва нажодпарастӣ натиҷаи

тақсимоти сармоя ва захираҳои меҳнатӣ дар байни марказ ва музофот аст, ки оғози он берун рафтани сармоя аз Аврупо ҳисоб мешавад. Дар раванди таҳаввулоти башарӣ дар рӯйи Замин то замони зуҳури зироаткории муқимӣ ва дар аввали рушди иқтисоди ҷаҳони сармодорӣ даврае вуҷуд дошт, ки тақсимоти моддиёти ирсӣ якҷинса буд. Тақсимот байни навъҳои ирсӣ дар гӯшаи гуногуни дунё он замон нисбат ба имрӯз хубтар мушоҳида мешуд. Мақулаи нажод замоне устувор шуд, ки иқтисоди ҷаҳонии сармоядорӣ марзбандӣ шуд ва тафриқабандии равандҳои истеҳсолӣ ба марказӣ ва музофотӣ равшантар аён гардид.

Дар ҳама давр чунин ба назар мерасад, ки асоси тафовути як фард аз фарди дигар аломатҳои муайяни ирсию иҷтимоӣ мебошанд. Чунин тафовутро дар гурӯҳҳо нажод ном гузоштаанд ва теъдоди мақулаҳо ва худи мақулабандӣ натиҷаи қарорҳои муайяни иҷтимоӣ аст. Нажод ва нажодгароӣ ифодаи фишангҳои минбаъдаи ҷуғрофӣ ҷиҳати устувор намудани тақсимоти меҳнат ба марказ ва музофот мебошад.

Албатта, мақулаи нажод барои муайян кардани ҳувияти иҷтимоӣ нокифоя аст, бинобар ин боз як мақулаи дигар, яъне миллатро истифода бурдан зарурат дорад. Миллат ин зуҳуротест дар бунёди сохторбандии сиёсии низоми ҷаҳонӣ. Давлатҳои узви СММ низоми муосири ҷаҳонӣ маҳсуб меёбанд. Аксарияти онҳо як - ду қарн пеш на бо унвон ва на бо воҳидҳои маъмурӣ маълум набуданд. Қисме аз онҳо ба монанди Юнон, Ҳиндустон, Чин, Эрон, Миср каму беш дар муқоиса ба асрҳои нисбатан пешин номи таърихӣ ва анъанавиву тамомияти арзӣ ва маъмуриашонро ҳифз намуда буданд. Ҳамчунин, онҳо мисолҳои таърихии истифодаи номҳо барои нишон додани минтақаҳои ҷуғрофиро бештар ҳифз кардаанд. Қисми дигари кишварҳо, ба монанди Фаронса, Русия, Шветсия, Ҷопон, Марокаш, Ҳабашистон ба ҳайси давлатҳои соҳибихтиёр ҳамзамон бо ташаккули низоми ҷаҳони мавҷуда падид омаданд.

Хоҷагиҳои хонаводагӣ шакли васеъпаҳншудаи ниҳоди бузурги захираҳои меҳнатии ҷаҳонӣ маҳсуб меёбанд. Мавриди зикр аст, ки гурӯҳҳои этникӣ дар сохторҳои гуногуни хоҷагиҳои хонаводагии ҷомеа қарор доранд. Алҳол, дараҷаи вобастагӣ аз он, ки то чӣ андоза метавонӣ ҷойи кор дарёфт намоӣ ва таъмин будан бо кор аз мансубият ба гурӯҳҳои этникӣ доштан вобастагии амиқ дорад. Барои бартараф сохтани чунин падида бояд фишангҳои якхелаи ҳуқуқӣ вуҷуд дошта бошанд.

Аз рӯйи мансубияти худ ба гурӯҳҳои этникӣ аз рӯйи б**о кор таъмин** будан метавон падидаҳои гуногунро мушоҳида кард. Навъҳои гуногуни муносибатҳои истеҳсолӣ аз қувваҳои корӣ меъёрҳои гуногуни муносибатҳои рафториро талаб мекунанд. То кадом андоза ин меъёрҳои рафтор ирсӣ намебошанд, онҳо бояд тавассути омезиш пайванд дода шаванд. Фарҳанги гурӯҳҳои этникӣ айнан ҳамон маҷмӯи қоидаҳоест, ки волидайни мансуб ба ин ё он гурӯҳи этникӣ маҷбуранд саҳми фарзандони худро мутобиқ ба иҷтимоигардии онҳо иҷро намоянд. Ин вазифаро метавонад мактаб ё давлат ҳам иҷро кунад, вале тавре ки маълум аст, онҳо моил нестанд, ки мустақилона ё комилан ошкоро вазифаи тахассусиро роҳбарӣ намоянд, зеро чунин тарз асоси баробарии миллиро халалдор менамояд.

Ба воситаи этникикунонӣ ё хатти тарҳрезишуда бартарафсозии яке аз мухолифатҳои бунёдии ҷомеаи сармоядорӣ, яъне кӯшиш ба баробарӣ дар назария, яъне де юре, вале нобаробарӣ дар амал, яъне де факто бо истифода аз хусусиятҳои менталитети қишрҳои гуногуни ҷомеа имконпазир мегардад.

Ҷомеаи сармоядорӣ чун низоми таърихӣ аз як тараф доимо ба нобаробарӣ эҳтиёҷ дорад, аммо аз дигар тараф, он доимо ба бозсозии равандҳои иқтисодӣ зарурат дорад. Ба арсаи сиёсат омадани давраи бозсозӣ ва ҳамзамон барҳам додани гурӯҳҳои этникӣ дар шакли анъанавӣ намунаи бемисл барои дастрасии омирона ба фишангҳои баамалбарории иқтисодиёт мебошад.

Халқ ниҳоди асосии ҷомеаи сармоядорӣ мебошад. Халқ сутуни нигоҳдорандаи бинои ҷомеаи сармоядорӣ аст ва он ба андозаи рушди бештар ва самаранокии низоми ҷомеаи сармоядорӣ афзоиш ёфтааст. Ба ин мазмун **халқ мисли давлати мустақил, чун пояи он дар раванди рушди он бештар саҳмгузор мешавад.**

Таркиби халқҳо аз синфҳое, ки Маркс ва Вебер эҷод карда буданд, комилан фарқ мекунад. Синфҳо на чун падидаи иҷтимоӣ, балки чун категорияи воқеӣ фаҳмида мешаванд, ки имкони таҳлили мухолифати дохилиро дар ин низоми таърихӣ доранд. Дар натиҷа ин гурӯҳи калони иҷтимоӣ дар асоси синфии фаъолияти сиёсии мақсадноки худ дар ҷаҳони муосир бо ҳадафҳои худ такя ба фаъолияти сиёсӣ ва принсипҳои халқӣ ба неруи пешбаранда табдил меёбад. Бештар аз садсолаҳост, ки қувваи «чапҳо» дар ҷаҳон шоҳиди он зуҳурот мебошанд, ки коргарон комилан барои ташкил кардани иттиҳодияҳои мардумӣ истифода мсшаванд. Бар зидди ин падида неруи мухолиф, яъне худи низоми сиёсии ҷомеа баромад мекунад. Лекин таҷрибаи давлатҳои мутараққӣ нишон медиҳад, ки пурра аз фаъолияти сиёсӣ ҷудо кардани фаъолияти синфӣ ҳатто бе такя ба қувваи мардумӣ номумкин аст. Инро метавон дар мисоли ҳаракатҳои озодихоҳонаи миллӣ дар тамоми ҳаракатҳои нави иҷтимоии зиддибюрократӣ дар давлатҳои пас аз сотсиалистӣ дид.

И. Валлерстайн таъкид бар он дорад, ки к**ӯшиши фаҳмиши бештари ин масъала дар он аст, ки мантиқан** аз оғоз он чун воқеияти иҷтимоии на бетағйир, балки чун маҳсули мураккаби иқтисоди ҷаҳонии сармоядорӣ фаҳмида мешавад, ки барои мубориза байниҳамдигарии қувваҳои гуногуни ихтилоф дошта аз он моҳирона истифода карда мешуд. Ҳарчанд то ҳол дар низоми ҷомеаи ташаккулёфта халқ чун қувваи асосии баҳаракатоварандаи он ба ҳисоб меравад. Таҳлили муфассали самтҳои имконпазир, ки дар он равандҳое, ки дар маҷрои ин низоми таърихӣ бештар асосӣ ва моҳиятдор мегарданд, барои бифуркатсияи низомҳо, имкониятҳои гуногуни алтернативии баромадан аз ин равандҳои номуайяни гузариш аз низоми таърихии ҳозира ба низом ё низомҳои дигар ба тағйири он меоварад [1, с. 102].

Алҳол, бархе аз олимони Аврупо мақулаи нажод, миллат ва гурӯҳҳои этникиро чун унсурҳои халқи тарҳрезишуда маънидод менамоянд. Нуқтаи бунёдиро дар низоми иқтисодии ҷаҳони сармоядорӣ бо низоми байнидавлатӣ, тақсимоти захираҳои меҳнатӣ ва қувваҳои истеҳсолӣ вобаста медонанд. Дар баробари ин, як зумра саволҳое пайдо мешаванд, ки барои дарёфти ҷавоб мо онро ҳатто дар асарҳои олимони миллатшинос пайдо карда наметавонем. Масалан, агар нажод чун омили берун рафтани тақсимоти меҳнат аз Аврупо маҳсуб ёбад ва миллат чун воҳиди муайянкунандаи давлат бошад, гурӯҳи этникӣ бозмондаи тақсимоти меҳнат бошад, пас худи мафҳуми «халқ» чиро дар бар мегирад? Дар масъалаи мазкур, олимони мазкур чунин ақида доранд, ки дар масъалаи ҳувият саволҳо зиёданд ва аслан мафҳуми ҳувият унсури духӯра аст ва имкони зиёди тағйирёбиро дорад. Аз ин лиҳоз, бояд мафҳуми халқро таҳлил намуд, чунки ҳатто бо пайвасти се мақула - «нажод», «миллат» ва «гурӯҳи этникӣ» низ ҳувияти халқ нопурра боқӣ мемонад. Ба ибораи дигар, мафҳуми пешниҳоднамуда наздикие ба мафҳуми «пролетариат» дорад, вале бо шакли дигар ва далелҳои дигар рӯйи коғаз оварда шудаанд. **Бо** вуҷуди ин, чунин андешаҳо перомуни миллатгароӣ ва давлати миллӣ барои пажӯҳишгарон муҳим буда, метавонанд шинохти ҷадидро бобати илмҳои иҷтимоию сиёсӣ ба вуҷуд оранд.

Шинохти ниёгон инсониятро ба он водор мекунад, ки шинохти гузашта дар ҳувияти халқ ба унвони иҷтимоишавии фардӣ ва пойдориву нигоҳ доштани ҳамраъйии дохилигурӯҳӣ ва таъйиду тағйири ин меъёрҳои иҷтимоӣ бошад. Шинохти гузашта, пеш аз ҳама, хориқаи маънавӣ аст, барои ҳамин падидаи сиёсӣ хориқаи доимӣ аст.

**Муқарриз: *Турсунов Ф.А.*- номзади илмҳои фалсафа, дотсенти ДИС ДДТТ**

**АДАБИЁТ**


1. Андерсон Б. Нации и национализм / Б.Андерсон, О.Бауэр, М.Хрох. - М.: Праксис, 2002. -416 с.
2. Андерсон Б. Воображаемые сообщества: размышления об истоках и распространении национализма / Б.Андерсон. - М.: Канон - пресс-Ц, 2001. -364 с.
3. Балибар Э. Раса, нация, класс. Двусмысленные идентичности / Э.Балибар, И.Валлерстайн. - М.: Логос, 2004. - 288 с.
4. Коротеева В. Теории национализма в зарубежных социальных науках / В.Коротеева. - М., 1999. -140 с.
5. Патерджи П. Нация и ее фрагменты: Колониальная и постколониальная история / П.Патерджи. - М., 1993. - 365с.
6. Ренан Э. Что такое нация? // Собрание сочинений в 12 - ти томах. Т.6. Киев.: 1902. 87-103 стр.
7. Фуко М. Нужно защищать общество: Курс лекций, прочитанный в Коллеж де Франс в 1975-1976 учебном году. СПб., Наука, 2005.
8. Хелд Д. Глобальные трансформации: политика, экономика, культура //Д.Хелд, Д. Гольблатт, Э. Макгрю, Дж. Перратон. М., Праксис, 2004.
9. Хосбаум Э. Принцип этнической принадлежности и национализм в современной Европе / Э. Хосбаум // Нация и национализм. - М., 2002. - 416 с.
10. Чешко М.А. Глобализация: сущность, нынешняя фаза, перспективы // Pro et Contra. №4. 1999.
11. Шестопал А.Ю. Глобальная демократизация и глобальный кризис // Космополис. М., 1999
12. Шмитт К. Политическая теология. Сборник. М., КАНОН-пресс-Ц, 2000.
13. Штомпка П. Социология социальных изменений / Пер с англ. // Под { ред. В.А. Ддова. М., Аспект Пресс, 1996.
14. Robertson R. Mapping the Global Condition: Globalization as the Central Concept // Global Culture. Ed. by M. Featherstone. London, 1990
15. Sachwald F. Les defis de la mondialisation:Enterprises et nations. 1994.


## ТАРҲИ ДАВЛАТИ МИЛЛӢ ОМИЛИ МУҲИММИ НИЗОМИ МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛХАЛҚӢ ДАР ҲОШИЯИ ТАЪРИХИ ҶАҲОНИ МУОСИР


Дар мақолаи мазкур масоили тарҳи давлати миллӣ чун омили муҳимми низоми муносибатҳои байналхалқӣ дар ҳошияи таърихи ҷаҳони муосир мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Ақида пешниҳод мегардад, ки мақулаи нажод барои муайян кардани ҳувияти иҷтимоӣ нокифоя буда, бинобар ин коркарди боз як мақулаи дигар, яъне миллатро истифода бурдан зарурат дорад. Дар асоси тадқиқоти амиқи таърихи ҷаҳони муосир, метавон дид, ки миллат натиҷаи марзбандиҳои давлатӣ ва сиёсӣ мебошад. Эҷоди ҳама гуна давлати мустақил дар доираи низоми байнидавлатӣ халқ ва миллатро ба вуҷуд меоварад, миллатгароӣ бошад, ба сифати ифодаи усули идомаи стратегияи давлатӣ баромад мекунад. Давлат аз ҷониби худ барои эҷоди фазои ягонаи маъмурӣ таъсирнокии истифодаи усулҳои сиёсиро таъмин мекунад. Инчунин муаллиф қайд менамояд, ки дар сиёсати хориҷии дилхоҳ давлат кӯшиш ба он менамояд, ки манфиатҳои миллии худро татбиқ намуда, ташаккули он зери омилҳои сершумор ба амал меояд. Баъд аз

бадастории истиқлолият Тоҷикистон бо як қатор масоил рӯ ба рӯ гашт, ва аз ҳама асосӣ интихоби муносибат барои муайянсозии тамоилҳои сиёсати хориҷӣ буд. Инчунин муаллиф қайд менамояд, ки рушди ҳамкории байналмилалӣ таъсири бевосита ба рушди иқтидори иқтисодии мамлакат дорад. Вазифаи асосии сиёсати хориҷӣ фароҳамории шароити мусоиди рушд мебошад.

**Калидвожаҳо:** халқ, миллат, нажод, халқият, тарҳи давлати миллӣ, дар ҳошияи таърих, муносибатҳои байналхалқӣ, ҳувияти иҷтимоӣ, миллатгароӣ, марзбандиҳои давлатӣ ва сиёсӣ, стратегияи давлатӣ.

## ПОСТРОЕНИЕ НАЦИОНАЛЬНОГО ГОСУДАРСТВА -ВАЖНЫЙ ФАКТОР В СИСТЕМЕ МЕЖДУНАРОДНЫХ ОТНОШЕНИЙ В КОНТЕКСТЕ ИСТОРИИ СОВРЕМЕННОГО МИРА

В данной статье рассматривается вопрос построения национального государства как важного фактора в системе международных отношений в контексте истории современного мира. Выдвигается мысль о том, что категория «расы» недостаточна для выявления национального менталитета, поэтому необходимо использование еще одной категории - нация. Опираясь на скурпулезное исследование истории современного мира, можно увидеть, что нация есть результат государственных и политических территориальных образований. Образование различных самостоятельных государств в системе межгосударственных отношений создают народности и нацию, а национализм выступает в качестве выражения государственной стратегии. Государство со своей стороны для создания единого административного пространства обеспечивает действенные политические методы. Также автор отмечает, что во внешней политике любое государство стремится реализовать свои национальные интересы, а формирование последних происходит под влиянием множества факторов. После обретения независимости перед Таджикистаном возник ряд проблем, и самым главным был выбор подхода для определения внешнеполитических ориентиров. Также автор отмечает, что развитие международного сотрудничества имеет прямое влияние на развитие экономического потенциала страны . Основной задачей внешней политики должно быть создание благоприятных внешних условий развития.

**Ключевые слова:** народ, нация, раса, народность, построение национального государства, международные отношения, национальная ментальность, национализм, государственные и политические территориальные образования, государственная стратегия.

## BUILDINGS NATIONAL STATE IMPORTANT FACTOR IN SYSTEM OF THE INTERNATIONAL RELATIONS IN CONTEXT OF THE HISTORIES OF THE MODERN WORLD

In given article is considered question of the building national state as important factor in system of the international relations in context of the histories of the modern world. It Is Brought forth thought that that category race not sufficient for revealing national mentality, so necessary use to else one categories - a nation. Resting in deep study of the histories of the modern world, possible see that nation there is result state and political territorial formation. Formation different independent state in system of the interstate relations create to nationalities and nation, but nationism actaases the expression of the continuation to articulations to state strategy. State for its part for making united administrative space provides effective political methods. The author also notes that in foreign policy, any state seeks to realize its national interests, and the formation of the latter occurs under the influence of many factors. After gaining independence, a number of problems arose before Tajikistan, and the most important was the choice of an approach to determine foreign policy guidelines. The author also notes that the development of international cooperation has a direct impact on the development of the country's economic potential. The main task of foreign policy should be to create favorable external conditions for development.

**Keywords:** folk, nation, race, nationality, building national state, international relations, national mentality, nationism, state and political territorial formation, state strategy.

**Маълумот дар бораи муаллиф**: ***Мирбобоева Тутиниссо*** **-** Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи ҷомеашиносӣ. **Суроға:**735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, и.Сомони, 169 Телефон:**+992928731380**

**Сведение об авторе:**: ***Мирбобоева Тутиниссо*** - Институт экономики и торговли Таджикского государственного университета коммерции, кандидат исторических наук, доцент кафедры общественных наук. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, город Худжанд, улица Исмоила Сомони, 169. Телефон:**+992928731380**

**Information about the autho:** ***Mirboboeva Tutinisso*** **-** Institute of Economics and Trade of the Tajik State University of Commerce, Candidate of Historical Sciences, Associate Professor of the Department of Social Sciences. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand city, Ismoil Somoni street, 169. Phone: **+992928731380**

**УДК:930(575.3+510)**

# НАЗАРЕ БА ТАЪРИХ ВА РАСМУ ОИНИ ТОҶИКОНИ ХИТОЙ

***Шарифов Ш.Ш.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Яке аз муҳимтарин расму оинҳои тоҷикони Хитой тӯйи арӯсӣ мебошад, ки он таърихи тӯлонӣ дошта, дар он нишонаҳои даврони тоисломӣ мушоҳида мешаванд. Тӯйи арӯсии тоҷикони Хитой аз расму русуми мухталиф, ба монанди: хостгорӣ, рӯймолбандон, никоҳ, нонпазӣ, пардакушоён аз чеҳраи арӯс ва ғайра иборатанд. Барои маросими тӯй аввал хешовандони наздик дар хонаи волидайни домодшаванда барои маслиҳат ҷамъ меоянд ва масъалаи интихоби арӯсро ҳаллу фасл менамоянд. Дар мавриди ризоияти интихоби номзади арӯси интихобшуда, онҳо барои анҷоми анъанаи хостгорӣ омодагӣ мегиранд.

Дар рӯзи муқарраршуда хешовандони наздики домод дар ҳайати тақрибан 10 нафар,

ки дар байни онҳо модари домод ва дигар хешовандони наздик ва ҳатман як нафар аз муйсафедони муътабар ҳастанд, ба хонаи арӯс, барои хостгорӣ меоянд. Ҳангоми расидан ба хонаи арӯс тибқи расму оин, яке аз калонсолон суханҳои зеринро ба забон меоварад: «Духтар талабидан нанг нест, дар надодан нанг нест». Ва дар идома мегӯяд: «Мо барои аз Шумо хостани дастагул омадаем ва ба даргоҳи Шумо як ғуломро бо худ овардаем» [1,3,4].

Агар хоҳиши онҳо қабул гардад, он гоҳ яке аз ҷумлаи занон аз ҷониби арӯс ҷавоб медиҳад, ки мо интихоби шуморо меписандем ва ҳозир ҳастем хешованд гардем. Аз ҷониби домод барои ин амал зиёфат ороста, изҳори миннатдорӣ карда, дастархон пешкаш менамояд, ки дар он чор ҷуфт нонҳои калон ва чор порча матоъ мавҷуд аст, инчунин гӯсфанд меоранд. Сипас, ин гӯсфандро забҳ намуда, ҳамдигарро табрик гуфта, ба меҳмонон зиёфат медиҳанд. Халифа дуо мехонад ва ҳамаро бо ин рӯзи фараҳбахш табрик мекунад. Ба чаҳор порча матоъ орд мепошанд. Сипас яке аз занҳо (аксар вақт модари домод), ки ҳамроҳи ҳайати хостгорони домод омадааст, ба гӯши арӯси оянда гӯшвори тиллоӣ ё нуқрагин меовезад ва бар сараш рӯймол мебандад. Ин русумро онҳо «рӯймолвастӣ» меноманд, ки он маънои эъломи оммавие мебошад, ки духтар акнун арӯс шудааст.

Сипас, масъалаи ҷиҳози арӯс муҳокима мешавад. Қалин одатан аз 12 порча матоъ, 6-7 сар гӯсфанд, 1-2 сар буз ва як қутос иборат мебошад. Ҳангоми муҳокимаи ин анъана одатан ҷониби арӯс кӯшиш менамояд, ки миқдори қалинро боло барад, ҷониби домод бошад баръакс, мекӯшад онро кам кунад. Пас аз ҳал гардидани масъалаи қалин ва ба ризоият омадани ҳарду тараф, рӯзи тӯй муайян карда мешавад [6,с.7].

Хешовандони наздик ашёву молҳои нисбатан гаронбаҳо меоранд.

Ба ҷашни арӯсӣ одатан тамоми сокинони маҳал даъват мешаванд, Дар рӯзи аввали тӯй дар хонаҳои арӯсу домод ҳамаи даъватшудагон ҷамъ меоянд. Соҳибхонаҳо дастархон мерооянд, гӯсфанд забҳ карда, зиёфати бошукӯҳ барпо мекунанд. Ҷавонону духтарони ҷавон бо ҳам мерақсанду суруд мехонанд. Рӯзи дуюми тӯй ҳам хеле ботантана мегузарад. Соҳибхонаҳо ҳарду дар алоҳидагӣ дар хонаҳояшон гӯсфанд мекушанд, меҳмононро даъват карда, ба онҳо зиёфат медиҳанд ва дар зери оҳанги мусиқӣ хушнудӣ ва рақс менамоянд, мардону занон якҷо суруд хонда мерақсанд. Занон доира, мардон бошанд най менавозанд. Дар ҳамин рӯз мусобиқаи бузкашӣ, аспдавонӣ ва гӯштингирӣ гузаронида мешавад [2]. Пас аз ин домодро бо либосҳои фохираи гаронбаҳо оро медиҳанд, ба сараш тоқӣ гузошта, саллаи аз абрешими сафед ё сурх бофташуда мебанданд ва ҳамроҳ бо дӯстону хешовандон савор бар асп бо мушоиати мусиқичиён ба сӯйи хонаи арӯс равон мекунанд.

Аз ҷумлаи ин одамон ду гувоҳ яке аз тарафи рост, дигаре аз тарафи чап мераванд. Ҳамроҳи онҳо инчунин шахси бетараф, ки ӯро хоҷавакил меноманд, ҳузур дорад. Вазифаи хоҷавакил хондани хутбаи никоҳ аст. Аз ҷумлаи занҳои омада аз ҷониби домод яке аз хешовандони наздики ӯ, ки ӯро рават меноманд, шомил мебошад. Вазифаи рават иборат аз ҳамроҳӣ кардани арӯс ба хонаи домод ва таҳияи ҷойхоби наварӯсон мебошад [15].

Мардони ҷониби арӯс дар ин маврид як бузро барои баргузор кардани бузкашӣ омода месозанд, ки онро «тумбак» меноманд. Мардони ҳамроҳи домод омада тумбакро забҳ мекунанд ва маросими бузкашӣ оғоз меёбад. Дар ин ҷо намояндагони домод аспсавор иштирок мекунанд, намояндагони арӯс бошанд, пиёда. Агар барои кадоме аз иштирокчиёни ин маросим аз ҷониби домод муяссар гардад, ки тумбакро ба даст оварад, он гоҳ ӯро бо инъоми махсус сазовор мекунанд, ки онро «пата» меноманд ва махсус барои ҳамин таҳия кардаанд. Пас аз хотимаи маросими тумбак домод дар иҳотаи ду шоҳид ва хоҷавакил, хешовандони наздик ва меҳмонони ҳамроҳи ӯ омада, ба хонаи арӯс равона мешаванд. Дар он ҷо онҳо қалинро ҳамон тавре ки қаблан қарор шуда буд, пешкаш менамоянд [6]. Пас аз ин аз ҷониби арӯс зиёфати меҳмонони омада оғоз меёбад. Сипас, ҳамаи онҳо ҳамдигарро бо ин воқеаи фараҳбахшу фархунда дар ҳаёти ду оила табрик мекунанд. Пас аз он ба маросими никоҳ шурӯъ менамоянд. Никоҳ хеле ботантана мегузарад. Ба ин маросим хоҷавакил (халифа) сарварӣ мекунад. Барои анҷоми ин маросим пешакӣ дастархон омода карда мешавад, ки дар он табақ ҷойгир аст ва даруни он дар зарфи чинӣ оби тоза гузошта шудааст, ки онро «салсабил» меноманд. Ин маросим ба таври зайл мегузарад: Аввалан ҷониби арӯс аз хоҷавакил мепурсанд: «Ту дар куҷо будӣ ва аз куҷо омадӣ?» Ӯ ҷавоб медиҳад: «Ман барои анҷоми кори хайр равон шудам ва барои иҷрои кори хайр омадаам». Пас аз ҷавоби хоҷавакил ба забони тоҷикӣ «никоҳнома»-хонда мешавад. Сипас гувоҳи дар паҳлуи рости домод нишаста мегӯяд: «Ман имрӯз гувоҳӣ медиҳам ва фардо ҳам гувоҳӣ медиҳам дар ҳамин хусус». Гувоҳи паҳлуи чапи ӯ ин суханонро такрор мекунад. Сипас хоҷавакил аз домод се бор мепурсад: «Ту ӯро ба занӣ хостӣ ва қабулаш кардӣ». Домод ҷавоб медиҳад: «Хостам ва қабулаш кардам» [4].

Бояд қайд намуд, ки барои анҷоми ин маросим гувоҳи арӯс «падарвакил» мебошад. Пас аз ҷавоби мусбати ҳарду ҷониб оби дар зарфи чинӣ бударо аввал ба домод ва сипас ба арӯс медиҳанд. Онҳо аз ин об сеқултӣ менӯшанд. Бо ҳамин маросими «никоҳ» хотима

ёфта, пас аз он домод ба арӯс наздик мешавад ва занони ҷониби арӯс ба китфи рости домод ва арӯс орд мепошанд ва инчунин ба шоҳидону падарвакил. Дар айни ҳамин лаҳза яке аз занони ҷониби арӯс ба сарҳои арӯсу домод шириниҳо мепошад. Ҳозирин, бахусус кӯдакон, ин шириниҳоро чида мегиранд. Падари арӯс ба назди онҳо , ба онҳо фотеҳа дода, ба онҳо хушбахтӣ таманно мекунад. Домод бо нишони эҳтиром дасти падарарӯсро мебӯсад. Ҳамаи ҳозирин, аз ҷумла арӯс ва домод, сари дастархон менишинанд ва зиёфати ботантана бо иштироки тамоми меҳмонон оғоз меёбад. Пас аз хотимаи зиёфат ҳама ба сӯйи хонаи домод равона мешаванд. Агар домод дар ҷойи дур зиндагӣ дошта бошад, рӯзи дигар ба роҳ мебароянд [7].

Ҳангоми бозгашт ба хонаи домод ҳарду ба як асп менишинанд ва дар зери садои рақсу мусиқӣ бо тантана ба хонаи домод наздик мешаванд. Ҳама бо ҳам рақсу бозӣ мекунанд, аспсаворон бошанд, ба бузкашӣ машғул мешаванд. Ҳангоми вуруд ба хона дар пойгоҳи дар зери пойи арӯсу домод пойандоз мегустуранд. Вале, ҳанӯз то расидани арӯсу домод ба хонаи домод, ширравған омода мекунанд, ки он ҳангоми вуруд ба хона ба арӯсу домод дода мешавад. Пас аз он ки онҳо каме аз ширравғанро чашиданд, ба китфҳои онҳо орд мепошанд, ки онро «птук» меноманд.

Бегоҳии ҳамон рӯз дар хонаи домод базми бошукӯҳ барпо мегардад. Ҳангоме ки арӯсу домод ба ракс меоянд, базм ба нуқтаи ниҳоии худ мерасад.

Пас аз ин хешовандони арӯс, аз ҷумлаи занон дар давоми се рӯз барои арӯсу домод таом ҳозир мекунанд, ки онро «наврӣ» меноманд.

Рӯзи сеюми тӯй «падарвакил» ва дигар намояндагони арӯс дар хонаи домод маросими кашидани рӯйпӯшро аз арӯс анҷом медиҳанд. Падарвакил аз рӯйи арӯс рӯпӯшро мегирад («чодар» ё «чумбанд») ва дар ҳамон рӯз маросими рӯбинон ба амал меояд. Худи ҳамон рӯз барои арӯс орд, шир ва равған тайёр мекунанд ва ӯ бо дасти худ хамир карда, нон мепазад. Қабл аз он дастони арӯсро бо ширу равған мемоланд. Ин манъои онро дорад, ки ӯ ба ҳаёти мустақили нав дар ин хона оғоз мекунад. Пас аз чанд муддат домоду арӯс ба хабаргирии волидайни арӯс мераванд, ки онҳо дар навбати худ хешовандони наздики худро даъват намуда, гӯсфанд кушта, зиёфати бошукӯҳ меороянд. Ва бо ҳамин тӯйи арӯсӣ ба поён мерасад [1].

**Маросими дафн.** Тоҷикони Хитой (Тошқӯрғон) пайрави мазҳаби исмоилияи дини ислом мебошанд, вале дар маросимҳои дафнии онҳо нишонаҳои зардуштӣ мушоҳида мешаванд. Маросими дафни тоҷикони Хитой чунин сурат мегирад:

Фавткарда қабл аз он, ки ҷони худро аз даст диҳад, агар метавонад, васияти худро изҳор медорад ва ҳозирин бодиққат ба сухани ӯ гӯш медиҳанд. Ҳангоме ки рӯҳи миранда ин ҷаҳони фониро тарк мекунад, ҳозирини калонсол ва ё касе аз шахсони мазҳабӣ дуое аз Қуръон мехонад. Сипас, агар зарурат бошад, чашмони ӯро мепӯшонад ва манаҳи ӯро бо матои сафед мебандад. Хонаи шахси фавтидаро ба тартиб меоранд ва зуд одамонро барои огоҳ кардани хешовандону наздикон мефиристанд [2].

Баъд аз ин маросими шустани майит сурат мегирад. Агар майит мард бошад, мӯйлаб ва риши ӯро метарошанд, агар зан бошад, мӯйи сари ӯро ба тартиб меоранд. Тамоми бадани майит шуста шуда, пас аз он дар хонаи калон дар ҷойи ҳамвор тавре мегузоранд, ки сари майит ҷониби қибла бошад, Хешовандони наздики майит ба мурдашуй либоси хуб ё чизи дигаре пешкаш мекунад ва барои хидмат ба ӯ изҳори сипос менамоянд. Ин маросимро онҳо «тахурдод» мегӯянд. Дар болои сар ва дар назди пойҳои маҳрум ду чароғ равшан мекунанд. Қисме аз одамон ба қабристон барои омода кардани қабр мераванд.

Занон алоҳида ва мардон алоҳида навҳахонӣ мекунанд. Навҳахонии занон бо оҳанг сурат мегирад. Одатан, як зан бо овози баланд навҳахонӣ мекунад ва дар айни замон тамоми корҳои нек ва сифатҳои хуби марҳумро ёдоварӣ мекунад. Ин зан шахси хеле муҳтарам шуморида мешавад, занони дигар сатрҳои охирини ӯро бо гиря такрор карда мегӯянд: «Ҷоят ҷанат ва рӯҳат шод бошад» [12]. Ин суханон аз ҷониби ҳозирон бо риққати зиёд қабул карда мешаванд. Ходимони динии мусулмонон лозим намешуморанд, ки навҳахонӣ дурудароз қарор гирад ва аз муддати муайян берун бошад. Ба ақидаи онҳо, ашки зиёди дар мотами марҳум рехта барои ӯ дар он дунё зарар меоварад, барои ҳамин ҳангоме ки навҳахонӣ ба авҷ мерасад, онҳо назди занони навҳакунанда омада, кӯшиш мекунанд онҳоро таскин диҳанд ва ба навҳахонии онон хотима диҳанд.

Сипас, кафан мебуранду барои мард мардон ва барои зан занон кафан тайёр мекунанд. Барои пайванд кардани кафан танҳо ҳамон риштаеро истифода мекунанд, ки аз ҳамон матоъ бошад. Истифодаи навъи дигари ришта манъ аст.

Пас аз он маҳрумро ба тобут меандозанд ва ҷиҳати анҷом додани ҷаноза аз хона берун мебаранд. Ҷаноза аз тарафи сайид, ё халифа, ки ин маросимро сарварӣ мекунад, хонда мешавад. Мардон таҳорат карда, дар ҷаноза иштирок мекунанд [4]. Занон дар ҷаноза иштирок намекунанд, балки дар ҷойи алоҳида ҷамъ меоянд. Ҳангоми хондани ҷаноза ҳама бояд хомӯш бошанд. Пас аз ин ҷасади маҳрумро барои ба хок супурдан мебаранд. Қабл аз берун баровардани ҷасади марҳум дар назди хона испанддуд карда

мешавад. Барои шахсе, ки ҷаноза мехонад барои изҳори миннатдорӣ асп, қутос, қолин ё чизи дигари гаронбаҳо пешкаш мешавад.

Беҳтарин рӯзи дафн кардани фавтида ҷумъа ҳисобида мешавад, зеро мувофиқи ривоятҳо дар ин рӯз марҳум метавонад бо Парвардигор рӯ ба рӯ ояд. Рӯзи нохуш барои дафнкунӣ ба эътиқоди онҳо чоршанбе ба ҳисоб меравад, зеро чунин мешуморанд, ки дар ин рӯз олам бино шудааст.

Пас аз он ки марҳумро ба гӯр мегузоранд, яке аз фарзандони ӯ се каф хок ба қабр меандозад. Дигарон ҳам бо навбат се каф хок ба он ҷо мепартоянд. Сипас қабрро бо сангҳо зинат медиҳанд. Баъд аз он сураи «Таборак» // «Ал-мулк» аз Қуръони маҷид хонда мешавад.

Пас аз ин дар сари қабр шамъ равшан карда, алафҳои хушбӯй дуд мекунанд.

Ҳамон бегоҳ одамон дар хонаи марҳум барои қироати «Чароғнома» ҷамъ мешаванд. Ин маросимро халифа роҳбарӣ мекунад. Дар ҳамин ҷо гӯсфанд мекушанд ва яке аз ҳозирин, ки ходим ном дорад, аз гӯшти он ва гандум хӯроки махсус мепазад, ки он «буҷ» ном дорад. Аз равғани ин гӯсфанд истифода карда, аз пахта шамъ тайёр мекунанд. Сипас, халифа ба қироати «Чароғнома» ба забони тоҷикӣ ва арабӣ оғоз мекунад. Ҳангоми адо кардани ин маросим танҳо пайравони исмоилия иштирок мекунанд Муаллифи «Чароғнома» шоир ва файласуфи маъруфи тоҷик Носир Хусрав мебошад. Пас аз хатми қироати «Чароғнома» ходим таоми махсус омодашударо тақсим мекунад. Шахсони наздики марҳум - падар модар, бародар, хоҳарон ва ғайра ин таомро намехӯранд. Онҳо аз халифа изҳори сипос намуда, ба ӯ хилъат (ҷома) мепӯшонанд [3,с.2].

Се рӯз пайи ҳам ҳангоми бомдод шахсони наздики марҳум аз ҷумлаи мардону занон ба зиёрати қабри марҳум мераванд ва дуо мехонанд. Ба ғайр аз ин, хешовандон ва наздикони марҳум дар муддати 6 моҳ ҳар ҳафта рӯзҳои ҷуъма ва шанбе қабрро зиёрат карда, ба ӯ навҳа мехонанд.

Риояи азодории тоҷикони Хитой одатан аз як то се сол идома меёбад. Дар ин муддат пӯшидани либосу ороишҳои дорои ранги сурх ва умуман дурахшдор манъ аст. Занони ҷавон гӯшвора, дастпона, ангуштарӣ ва ғайраро бо худ намегиранд ва худро ороста намекунанд.

Дар давоми 40 рӯз ба онҳо шустани сар ва пӯшидани либоси нав мамнуъ аст. Мардон инчунин риш ва мӯй наметарошанд. Дар давоми як ҳафтаи аввал дар хонаи марҳум либос шустан манъ аст. Дар давоми се рӯз баъди дафн дар хонаи марҳум таом намепазанд, онро ҳамсоягон ва хешовандон меоранд. Дар ин муддат дар хонаи марҳум тайёр кардани хӯрок манъ аст, зеро тибқи ақидаи онҳо аз рӯйи шариат он манъ шудааст ва аз нигоҳи маъмулӣ ва инсонӣ чунин мешуморанд, ки барои шахси азизи худро гумкарда барои кору амали хонаводагӣ фурсат ҳам намешавад. Баъди се рӯз одамон ба хонаи марҳум меоянд ва дар он ҷо ходимони мазҳабӣ дуо мехонанд. Пас аз он таоми дар хонаи марҳум омода шуда қобили қабул дониста мешавад. Дар давоми аз як то ду сол дар ин хона тӯю маъракаҳои дигар гузаронида намешаванд [5,12,14].

Бо гузашти 40 рӯз аз марги марҳум, хешовандони наздики ӯ ва ҳамсоягон тибқи маслиҳат дар рӯзи муайян барои берун кардани либоси мотам дар хонаи марҳум ҷамъ мешаванд. Дар ин рӯз одатан дар ҳар як хона панҷ нон мепазанд, на бештар. Метавонад се нон бошад, муҳим он аст, ки ҷуфт набошад. Сипас дастархон густурда, бо худ як порчаи матоъ барои дӯхтани пироҳан меоваранд. Ҳангоми ворид шудан ба хонаи марҳум навҳахонӣ мекунанд ва пас аз он соҳибхона дастархон паҳн карда, бо чой меҳмононро зиёфат мекунад. Сипас, меҳмонон дастархони худро ба соҳибхона пешкаш мекунанд. Сохибхона ба онҳо сипосгузорӣ мекунад ва мӯйсафеде, ки ҳамроҳи меҳмонон омадааст, онҳоро дилбардорӣ намуда, ба шахси наздики марҳум муроҷиат менамояд: «Ба тақдире, ки Парвардигор таъйин кардааст, тан бидиҳед ва хушу хурсандона зиндагӣ кунед». Баъд аз ин соҳибхона, дуо гуфта, гӯсфанд мекушад ва барои меҳмонон таом тайёр мекунад. То омода шудани таом мӯйсафедон мӯйлаб ва риши хешовандони марҳумро метарошанд ва яке аз занони калонсол либоси мотами духтарону занонро иваз мекунад, баъд аз он соҳибхона меҳмононро меҳмондорӣ карда, изҳори сипос намуда, онҳоро гусел менамояд.

Тоҷикони Хитой ҳам монанди дигар тоҷикон, аз ҷумла тоҷикони Тоҷикистон, пас аз марги наздикон дар рӯзҳои сеюм, ҳафтум ва чиҳилуму соли пас аз марги онҳо худоӣ медиҳанд [5].

Дар вақти гузаронидани ин маъракаҳо, соҳибхона чорвое кушта, ба мардону занон зиёфат медиҳанд, аз Қуръони карим сураву оёт мехонанд. Пас аз гузаронидани сари сол ва навҳахонӣ, дар муддати се рӯз аз Қуръон оят мехонанд ва ҳар рӯз (дар давоми се рӯз) гӯсфанди қурбониро забҳ мекунанд. Ғайр аз ин, дар идҳои мусулмонӣ - иди Рамазон ва Қурбон, хешовандони марҳум ба қабристон, ки дар он марҳум дафн шудааст, мераванд ва қабрро ба тартиб оварда, дуо мехонанд.

Яке аз меҳрубониҳои марбут ба изҳори таъзият он аст, ки одамон ҳангоми вохӯрӣ бо ашхоси дучори ғаму андӯҳ ба онҳо тамоку пешкаш менамоянд, зеро онҳо чунин

мешуморанд, ки шахси дучори ғаму андӯҳ вазъи рӯҳии худро бо тамоку сабук месозад. Хулласи калом, тамоку кашидан як навъи изҳори ҳамдардӣ ва таскин бахшидан ба одамони дучори ғаму ғусса мебошад [6].

**Хӯроку таом.** Хӯроку таоми тоҷикони Хитой гуногун буда, ҳамгуни хӯрокҳои мавриди истифодаи помиритаборони Тоҷикистон мебошад. Онҳо, қабл аз ҳама, меҳмононро бо ширчой зиёфат мекунанд. Тоҷикони Хитой асосан таъомҳои гӯштӣ ва ширӣ, биринҷ ва инчунин таомҳое, ки дар таркибаш равғани зард дорад, истеъмол мекунанд. Ҳангоми субҳ ширчой истеъмол мекунанд, ки ба он равғани зард, ё қаймоқ илова карда мешавад. Нисфирӯзӣ хӯроки моеъ, ордӣ, ҷурғот ва хӯрокҳои дигари сабукро истеъмол мекунанд. Хӯроки бегоҳии онҳо бошад шӯрбо, оши палов, қайла ва хӯрокиҳои дигар мебошад, ки дар таркиби худ гӯшт ва маҳсулоти ширӣ доранд. Онҳо хӯрокҳои дар таркибашон гӯшту равған ва ширдоштаро афзал медонанд, онҳо хӯроки бенамакро истифода намекунанд. Хӯроки дӯстдоштаи тоҷикони Хитой палов, шавла, чизи бирён, шавлаи биринҷии ширӣ, кулчаҳои гуногун, ширбиринч, ширторит, тирит, булмоқ, қатлама ва ғайра мебошад. Дар хӯрокҳои худ онҳо аксар вақт равғани зард ва қурутро истифода мекунанд. Ба ғайр аз ин таомҳо тоҷикони Хитой навъҳои мухталифи маҳсулоти ширии махсуси зиёде доранд, ба мисли панир, чакка, қурут, қатиқ, равғани зард ва ғайра. Дар айни замон онҳо инчунин хӯрокҳои

мухталифи уйғурӣ ба мисли лағмон, манту, кабоб, санбӯса, ҳалво ва ғайраро тайёр мекунанд [1,3,4].

Тоҷикони Хитой дар хӯрокҳои худ гӯшти гӯсфанд, гов, қутос, буз, бузи кӯҳӣ, кабк, моҳӣ ва ғайраро истифода мебаранд. Онҳо гӯшти асп ва қумисро истифода намебаранд, зеро аксари онҳо пайрави мазҳаби исмоилия мебошанд ва онҳо истифодаи таоми дорои гӯшти аспро номақбул ва нодуруст медонанд.

Ҳайвоноте, ки бе хондани дуо забҳ шудааст, ҳаром мешуморанд ва дар таом истифода намекунанд. Қабл аз тановули таом онҳо ҳамеша дастҳояшонро мешӯянд ва пас аз гуфтани «Бисми-л-Лоҳи-р-Раҳмони-р-Раҳим» ба хӯрокхӯрӣ оғоз мекунанд ва баъд аз анҷоми он калимаи «Омин, Аллоҳу акбар»-ро ба забон меоранд [12,14,15].

**Сару либос.** Тоҷикони Хитой сару либоси миллӣ доранд. Мардон бо саллаҳои базеб ва нозуки худ, занон бошанд, бо пироҳанҳои рангоранги худ аз дигарон тафовут доранд. Мардон хилъати махмали сиёҳи нақшин доштаро ба бар мекунанд. Қисмати болоии хилъат аз махмали сиёҳи нақшдор, қисмати поёни он мувофиқи синну соли соҳиби он, барои ҷавонон—аз матои сурх, тасмаи (миёнбанди) хилъатҳо (ҷома) аз риштаҳои рангаи абрешимӣ тайёр карда мешавад. Аксари ҷавонон ва наврасон ҳамин гуна ҷомаҳоро аз абрешими сафед бо ҳамин гуна миёнбанд бар тан мекунанд. Мардон дар тобистон ба сар тоқии сернақше, ки онро «шайдоӣ» меноманд, мепӯшанд. Мардон одатан ҷомаҳои гиребонаш кӯтоҳ мепӯшанд. Ин гиребонҳо нақшу нигори мухталиф доранд. Аз болои хилъат ҷомаи дарози пахтагин пӯшида, миёнро бо рӯймоли аз матои пахтагӣ ё абрешимии нақшдор тайёр кардашуда, мебанданд. Мардон дар зимистон чакман, ё пӯстин мепӯшанд.

Занон рӯймолҳои махсуси пурнақшу нигори гуногунранг ба сар мениҳанд. Ҳар як зан аз рӯйи салиқаи худ намунаи тарҳи кулоҳи худро омода мекунад, ки гулдӯзони моҳир онро медӯзанд. Ҳунармандони ин рӯймолҳоро дӯзанда дар байни мардум эҳтироми зиёд доранд. Ҷавонзанони тоҷик оро додани худро бисёр дӯст медоранд ва гарданбандҳои гуногуни аз сангҳои гаронбаҳо сохташударо дар гардан мебанданд ва инчунин гӯшворҳои қиматбаҳо дар гӯш меовезанд [7].

Онҳо камзулчаҳои гуногунранги кӯтоҳро ба бар мекунанд ва аз болои он ҷомаҳои дарози рангоранги гиребондор ё бегиребон мепӯшанд. Сару либоси занони тоҷик бо гуногунрангӣ ва дурахшонии худ аз дигарон фарқ мекунад.

Ҷавондухтарон сару либоси дорои ранги сурх, зард, қаҳваранг ва ғайра, вале занони нисбатан калонсол либосҳои камрангу тираро ба бар мекунанд [11].

Арӯсҳои муосири тоҷик куртаи сафед мепӯшанд ва гӯшвор, дастпона, ангуштарӣ, занҷир ва бозубандҳои дигари аз сангҳо ва филизҳои гаронбаҳоро мепӯшанд, инчунин кулоҳҳои худро бо зеварҳои қиматбаҳо оро медиҳанд.

Занону мардон бар пой ҷӯробҳои пашмин мепӯшанд. Аз болои ин ҷуробҳо чоруқи сурх мепӯшанд, ки онро аз пӯсти бӯзи кӯҳӣ ва қутос месозанд. Чунин пойафзол сабук, гарм ва дар шароити кӯҳсор хеле бароҳат аст.

Занони миёнсол аз болои курта пешдоман мегиранд, ки он аз порчаҳои хурди рангоранг дӯхта шудааст. Ба ғайр аз ин, аз матоъпораҳо болишт, сачоқ, халтачаҳои мухталифе барои чой, тамоку, намак ва ашёи барои рӯзгор зарурӣ омода мекунанд, бо ҳамин чизҳо хонаи худро низ ороиш медиҳанд. Хулласи калом, занону мардони тоҷики Хитой сару либосро на танҳо аз рӯйи салиқаи худ, балки бо дар назар гирифтани синну сол ва фасли сол низ мепӯшанд [2].

**Манзилгоҳ.** Тоҷикони Хитой дар хонаҳои ба худ хос истиқомат мекунанд. Ҳуҷраи аз ҳама калонро дар хона ба андозаи бараш 7 метр ва дарозиаш беш аз 7 метр месозанд ва

онро «лангар» меноманд. Дар дохили лангар панҷ сутун мавҷуд аст. Дар сақфи лангар сӯрохии бузург (равзана) мавҷуд аст, ки он барои ба таври табиӣ равшан кардани хона хизмат мекунад.

Дар лангар ҳама гуна маъракаву чорабиниҳо, чун тӯю сур, маросими дафн ва ғайра гузаронида мешавад. Лангарро одатан тавре месозанд, ки дари он дар ҷониби шарқӣ бошад.

Ҳангоми ба он ворид шудан деворҳо аз ду ҷониб тақрибан то як метр танг шуда, кунҷро ташкил медиҳанд. Сақфҳои ҳар яке аз ҳуҷрҳо бо нақшу нигори зебо мунаққаш шудаанд.

Тамоми ашёи зарурӣ дар он мувофиқи анъана ва расму русум ҷо ба ҷо карда шудаанд [4].

Дар баромадгоҳи кунҷ ошпазхона ҷойгир шудааст, ки дар он оташдон барои дег ва инчунин асбобу анҷом ва зарфҳои зарурии ошхона мавҷуд аст. Дар пушти ошхона аз ду тараф девор аст, ки онро «айрӣ» меноманд ва дар он ҳезум ва асбобу анҷоми дигари зарурии рӯзгор нигоҳ дошта мешавад. Дар кунҷи айрӣ боз як ҳуҷрача мавҷуданд, ки онро «газанг» меноманд. Он ҳамчун анборхона хидмат карда, дар он амволи мухталиф ва маҳсулоти хӯрокворӣ нигоҳ дошта мешавад. Аз сабаби он ки лангар аз ҳад зиёд калону васеъ аст, дар болои бом ду чӯби дароз гузошта шудааст, ки бар онҳо болорҳо кӯфта шудаанд. Онҳо тавре сохта шудаанд, ки зимистон хонаро аз барфу борон эмин медоранд.

Шахсоне, ки имконият доранд, ҳангоми сохтани хона пешайвон долон, саврумхона, яъне меҳмонхона ва утоқҳои дигарро низ ба он илова мекунанд. Саврумхона чор сутун дорад [14].

Ғайр аз ин, атрофи хонаро девор мекунанд ва биноҳои дигари ёрирасон ва иловагӣ, ба мисли оғилхона, каҳдон ва алафхона месозанд. Ҳавлии хонаҳое, ки дар он тоҷикон истиқомат доранд, ободон буда, дар онҳо дарахтони мухталиф шинонда шудааст.

Тоҷикони Хитой дар баробари касбу ҳунарҳои дигар бо чорводорӣ ҳам машғул мешаванд, барои ҳамин сокинони маҳалоти деҳот ҳаёти нимкучманчӣ доранд ва дар фасли баҳор молҳои худро ба чарогоҳ бурда дар юртаҳо, ки онро «хонаи сафед» меноманд ва кулбаҳои муваққатӣ зиндагонӣ мекунанд. Юртаи онҳо аз се қисмат иборат аст: қисми аввал-пешайвон, ки аз қамиш сохта шуда, онро «чугдон» меноманд, дар он ҷо маводи хурокворӣ ва об нигоҳ дошта мешавад; қисмати дуюм ҳамчун хонаи хоб истифода мешавад; қисмати сеюм ошпазхона. Дар мобайни ошпазхона оташдони калон ҷой дорад, ки он аз гил сохта шудааст ва аз он барои пухтупаз истифода мебаранд.

Кулбаҳои муваққатиро дар кӯҳҳо ва чарогоҳҳо аз гилу санг ва ё чимтол сохта, бо болорҳо мепӯшонанд. Азбаски онҳо истиқоматгоҳи муваққатианд, бидуни воситаҳои роҳат сохта мешаванд.

Таҳлилу омӯзиши таърихи тоҷикони Хитой ва расму оини онҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки тоҷикони сокини Хитой аз асрҳои II то милод аҳолии муқимии он минтақа ба шумор мераванд ва бо дигар вилоятҳои ҳамҷаворе, ки Бохтари қадимро ташкил медоданд, аслу насаби ягона доштаанд. Расму оини онҳо бо расму оини аҳолии Вилояти Автономии Бадахшони Кӯҳӣ алоқамандии зич доранд [13].

**Муқарриз: *Ғуломов Т.М.* – номзади илмҳои таърих, дотсенти ДМТ**

**АДАБИЁТ**


1. Бобоханов. М. Таърихи тоҷикони ҷаҳон / М.Бобоханов. – Душанбе, 2004.-365с.
2. Гафуров. Б.Г. Таджики / Б. Г. Гафуров. –Душанбе, 1989.-565 с.
3. Давыдов. А.С. Этническая принадлежность коренного населения Горного Бадахшана / А. С.Давыдов. - Душанбе, 2005.-386 с.
4. Мухиддинов И. Земледелие памирских таджиков Вахана и Ишкашима / И. М. Мухиддинов. - М., 1975.- 445с.
5. Саидов А. Ишораҳое ба таърих ва оинҳои тоҷикони Хитой / А. Саидов. –Душанбе, 2006.-165 с.
6. Шарипов Ҳ. Тоҷикони бурунмарзӣ / Ҳ. Шарипов. –Хуҷанд, 1996.-222 с.
7. Яъқуббеки Бадавлат. Тоҷики гумгашта боз ояд… - Хуҷанд, 2003.-243 с.
8. 8. Мирзоев Н.М. Экономическое и культурное сотрудничество / Н. Мирзоев. – Душанбе, 1998.-126с.
9. Назаров Т.Н. Таджикистан: экономика, политика, международное сотрудничество / Т.. – Душанбе, 2001.-81 с.
10. Назаров Т.Н. Таджикистан: экономическое сотрудничество и безопасность / Т.. – Душанбе, 2003.- 94 с.
11. Назаров Т.Н. Таджикистан: экономический рост, интеграция и региональное сотрудничество / Т.Назаров. – Душанбе, 2004. – 64с.
12. Саидов З.Ш. Внешняя политика Таджикистана в условиях глобализации / З.Саидов. – Душанбе, 2004.- 592 с.
13. Саидов З.Ш. Межгосударственные отношения Республики Таджикистан / З.Саидов. – Душанбе, 2001.-781 с.
14. Рахмонов Э. Тоҷикистон: чаҳор соли истиқлолият ва худшиносӣ / Э.Рахмонов. – Душанбе, 1995.-60 с.
15. Рахмонов Э. Тоҷикистон: дар роҳи демократия ва ҷомеаи мутамаддин / Э.Рахмонов – Душанбе: ,1996.-71 с.


**НАЗАРЕ БА ТАЪРИХ ВА РАСМУ ОИНИ ТОҶИКОНИ ХИТОЙ**


Мақолаи мазкур перомуни тоҷикони Чин ва расму оини онҳо дар замони муосир бахшида шудааст. Баррасии мавзӯи таърихи тоҷикони Чин ва расму оини онҳо дар замони ҳозира, ки яке аз рукнҳои омӯзиш ва таҳқиқи таърихи тоҷикони ҷаҳон ба шумор меравад, рӯзмарра буда, дар омӯзиши таърихи халқи тоҷик саҳифаҳои нав ворид месозад. Хушбахтона, таърихи тоҷикони Чин нисбат ба таърихи тоҷикони мамолики

дигари ҷаҳон хубтар омӯхта шудааст. Мувофиқи маълумоти сарчашмахо мансубияти нажодии тоҷикони Чин аз ду халқияти наздипомирӣ - сарикӯлӣ ва вахониҳои тоҷикзабон иборат мебошад, ки дар мавзеи Тошқӯрғони Чин умр ба сар мебаранд ва пайравони мазҳаби исмоилия мебошанд. Аз нигоҳи аслу насаб сарикӯлиҳо хешовандони тоҷикони Вахон, Шуғнон ва Рушон мебошанд, ки бо лаҳҷаи махсуси забони форсии қадима сухан мегӯянд. Таълим дар мактабҳо ва муассисаҳои томактабӣ ба забони уйғурӣ ва хитоӣ гузаронида мешавад, зеро тибқи дастури давлатӣ соли 1954 забони тоҷикӣ дар мактабҳои тоҷикӣ бекор карда шуд. Онҳо тавассути радио ва моҳвора бо кулли навигариҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангию адабии Тоҷикистон шинос мешаванд. Муҳаққиқи шинохтаи тоҷик М. Бобохонов дар асари хеш «Таърихи тоҷикиони ҷаҳон» теъдоди тоҷиконро дар Чин зиёда аз 40 ҳазор рақам мезанад. Аммо олими тоҷиктабори Чин Замр Саъдуллозода теъдоди тоҷиконро дар Чин 56 ҳазор мегӯяд. Хулоса, тоҷикони Чин дар баробари миллатҳои гуногуни ин сарзамин дар фазои сулҳу осоиштагӣ зиндагӣ мекунанд.

**Калидвожаҳо:** тоҷикон, Хитой, муносибатҳо, таърих, маскуншавӣ, сиёсат, иқтисод, фарҳанг.

**ВЗГЛЯД НА ИСТОРИЮ, ТРАДИЦИИ И ОБЫЧАИ ТАДЖИКОВ КИТАЯ**

В данной статье рассматриваются обычаи и традиции таджиков, проживающих в Китае с древних времён по сегодняшний день. Этот вопрос для современной таджикской исторической науки является актуальным и подлежит дальнейшему исследованию. История таджиков Китая весьма богата и разнообразна. Согласно письменным историческим источникам, таджики Китая по своему этническому составу состоят из двух народностей припамирья - сарикульцев и ваханцев, которые живут в Ташкургане и разговаривают в своём большинстве на древнеперсидском языке (Вахан, Шугнан, Рушан). Обучение в школах и дошкольных учреждениях ведётся на китайском и уйгурском языках, так как в 1954 г. им запретили преподавать на таджикском языке. Таджики Китая знакомятся с общественно-политической, экономической и культурной жизнью таджиков Таджикистана посредством радио и спутникового телевидения.Согласно труду таджикского учёного М. Бобохонова – «История таджики мира» -количество таджиков, проживающих в современном Китае достигает цифры свыше 40 тысяч человек. Китайский учёный, этнический таджик, Замир Саъддуллозаде считает, что количество таджиков, проживающих в современном Китае, составляют более 56 тысяч человек. Таким образом, на сегодняшний день таджики Китая живут в мире и согласии с другими народностями этой страны.

**Ключевые слова:** таджики, Китай, отношения, история, традиции, политика, экономика, культура.

**A LOOK AT THE HISTORY, TRADITIONS AND CUSTOMS OF THE CHINESE TAJIKS**

This article discusses the customs and traditions of Tajiks living in China from ancient times to the present day. This question is relevant for modern Tajik historical science and is for further study. The history of the Chinese Tajiks is very rich and diverse. According to written historical sources, the Tajiks of China by their ethnic composition consist of two peoples of the pripamir, the Sarikulis and the Vakhans, who live in Tashkurgan and mostly speak Old Persian (Vakhan, Shugnan, Rushan). Education in schools and preschool institutions, the lesson is conducted in Chinese and Uygur languages, since in 1954 they were forbidden to teach in the Tajik language. Chinese Tajiks get acquainted with the socio-political, economic and cultural life of Tajik Tajikistan through radio and satellite television. According to the work of the Tajik scientist M. Bobokhonov - “The History of the World Tajiks”, the number of Tajiks living in modern China reaches a figure of over 40 thousand people. Chinese scientist, ethnic Tajik, Zamir Saddullozade believes that the number of Tajiks living in modern China is more than 56 thousand people. Thus, today the Tajiks of China live in peace and harmony with other peoples of this country.

**Key words:** Tajiks, China, relations, history, places of residence, traditions and customs, culture.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Шарифов Шомаҳмад Шарипович*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, дотсенти кафедраи таърихи халқи тоҷики факултети таърих. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 931903009.**

**Сведение об авторе**: ***Шарифов Шомахмад Шарипович*** - Таджикский национальный университет, кандидат исторических наук, доцент кафедры истории таджикского народа. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки 17. Телефон: **931903009.**

**Information about the author**: ***Sharifov Shomad Sharipovich*** - Tajik National University, Candidate of Historical Sciences, **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone:**931903009**.

**УДК: 930(575.3-32)**

# ТАШКИЛИ ҲУДУДИ САЙЁҲИИ ТАЪРИХИЮ ФАРҲАНГӢ ДАР БОЛООБИ ДАРЁИ ПАНҶ

***Риҷабеков Н.Ч.***

**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Сайёҳии таърихию фарҳангӣ яке аз самтҳои муҳимтарини рушди сайёҳӣ барои минтақаҳои кӯҳӣ, аз ҷумла дар болооби дарёи Панҷ ба ҳисоб меравад. Таҷрибаи ҷаҳонӣ собит намудааст, ки ташкили намуди сайёҳии таърихию фарҳангӣ қодир аст як қатор ниёзҳои маънавии сайёҳонро қонеъ гардонад. Проблемаҳои ташкили ҳудуди сайёҳии таърихию фарҳангӣ дар ҳудуди болооби дарёи Панҷ то ҳол мақсаднок омӯхта ва пешниҳод карда нашудааст.

Мақсади асосии ташкили сайёҳии таърихию фарҳангӣ омӯзиш ва пешниҳод намудани шаклҳои гуногуни намудҳои сайёҳӣ дар минтақаҳои кӯҳии Тоҷикистон, бахусус,

дар минтақаи болооби дарёи Панҷ ба ҳисоб меравад, ки барои шинос намудани шумораи зиёди сайёҳон бо ин минтиқа кумак мерасонад.

Ҳар як водии аҳолинишин -Дарвоз, Ванҷ, Язгулом Рӯшон, Шуғнон, Рошткалъа, Ишкошим ва Мурғоб таърихи бою қадима дошта, бостоншиносон ва муаррихон собит намудаанд, ки дар ҳудуди он ҳанӯз аз давраи асри санг аҳолӣ сокин будааст. Қадимтарин нишонаи асри санг дар Помири Шарқӣ дар ноҳияи Мурғоб бо номи бошишгоҳи Ошхона ёфт шудааст, ки таърихи беш аз 10 - ҳазорсола дорад [2, с. 382].

Олимон муайян кардаанд, ки замоне аз қаламрави ин минтақаи сайёҳӣ як шохаи роҳи бузурги корвонгарде, бо номи Роҳи Абрешим маъруф буда, воситаи асосии равобити кишварҳои Шарқу Ғарб маҳсуб мешуд.

Роҳи Абрешим аз бузургтарин роҳҳои тиҷоратӣ дар таърихи инсоният ба ҳисоб меравад, ки сайёҳону чаҳонгардони он давра ин роҳро истифода бурдаанд. Чунончи, сайёҳи чинӣ Чжан Ҷян (138-пеш аз мелод), ки аз тарафи императори Чин Ву Ди ба Осиёи Марказӣ фиристода шуда буд, маҳз тавассути ҳамин роҳ саёҳаташро анҷом дод [16, с.15].

Роҳи Абрешим дар самти болооби дарёи Панҷ дар аҳди Кушониён ба дараҷаи баланд рушд ёфта буд. Аз он ҷумла, дар ин давра шохаи Роҳи Вахону Шуғнон ба фаъолият шурӯъ намуданд. Аз тадқиқотҳои олимони соҳа бармеояд, ки аз ҳудуди болооби дарёи Панҷ дар замонҳои қадим ду роҳи бузурги тиҷоратӣ мегузаштанд: яке Шоҳроҳи бузурги абрешим ва дигаре Роҳи лоҷуward.

Таърихи ташаккулёбӣ ва фаъолияти ин ду шохаи Роҳи Абрешим таърихи зиёда аз 5 то 3-ҳазорсола доранд. Роҳи Абрешим, ки дар ҳудуди шаҳри Дунъхуани Чин ба ду самт тақсим мешуд, яке аз шимол ба воситаи Қошғар ба шаҳрҳои таърихии Хуҷанду Ӯротеппа, Самарқанду Бухоро ва аз Марв шохаи дигари он ба сӯйи ҷануб бо роҳи Ёркaнд ба воситаи Ишкошим қад-қади соҳили Вахондарё ба Бадахшон ва аз Бадахшон ба Толиқон ва аз он ҷо ба Балх мерасид [5, с. 13].

Дар эҳёи Роҳи Абрешим созмонҳои байналмилалӣ аз ҷумла Ташкилоти Умумиҷаҳони Сайёҳӣ (ТУС), Созмони Ҳамкории Шанхай (ШОС), лоиҳаи “ Ҳамкории минтақавии иқтисодии Осиёи марказӣ " (ЦАРЭС) нақши муассир бозидаанд. Яке аз барномаҳои муҳимми аъзои ШОС, ки Тоҷикистон ба он шомил аст, маҳз эҳёи Роҳи Абрешим ба ҳисоб меравад.

Бо фароҳам овардани имкониятҳои сайёҳӣ барои сайёҳони дохилӣ ва хориҷӣ дар ҷаласаи навбатии ШОС, ки сентябри соли 2014 дар Маркази сайёҳии шаҳри Душанбе баргузор шуд, саҳми Роҳи Абрешим дар пешрафти савдою муомилот, рушди соҳаи сайёҳӣ ва наздикшавии маданияти халқҳои минтақа қайд гардид [7, с. 98,99].

Ба андешаи мо, Роҳи Абрешим дар давраи ҳозира дар ташкили хатсайрҳои омӯзиши табиат, экологӣ, таърихию фарҳангӣ, динию саргузаштӣ, сайёҳии деҳот, саёҳат дар табиати вуҳуш, сайёҳии тиҷоратию таълимӣ, сайёҳии шуҳратёфта (модный туризм) сайёҳии варзишӣ, фароғатию- солимгардонӣ ниҳоят муҳим буда, барои ба даст овардани фоидаи зиёди иқтисодӣ аз соҳаи сайёҳӣ ба ҷамоаҳои маҳаллӣ, паст кардани сатҳи камбизоатӣ, доду гирифти маҳсулоти сайёҳӣ байни ширкатҳои сайёҳӣ, ба фурӯш баровардани таҷҳизотҳои сайёҳӣ байни давлатҳои ҳамҳудуд ва ташкил намудани сайёҳатҳои транзитӣ нақши асосиро иҷро мекунад. Яке аз самтҳои муҳимми ба вуҷуд овардани рағбати сайёҳон, ки онҳоро ба сайру сайёҳат кардан водор месозад, қонеъсозии талаботи онҳо нисбат ба ошноӣ пайдо кардан ба маҳалҳои аҳолинишини водиҳои болооби дарёи Панҷ ва омӯзишу тадқиқоти илмӣ ва аз худ кардани шеваҳои гуногуни забонҳои помирӣ мебошад.

Маълум аст, ки забони тоҷикӣ (форсӣ) ба якчанд гурӯҳҳо ва шеваҳо тақсим мешавад ва яке аз ин гурӯҳҳои забонҳои қадим гурӯҳи забонҳои помирӣ мебошад, ки дар болооби дарёи Панҷ мардуми маҳаллӣ то ҳоло низ бо онҳо ҳарф мезанад. Ба ин гурӯҳ забонҳои шуғнонӣ (xuγnůnī zev), рушонӣ (ruxone ziv, бартангӣ (bartangi ziv), рошорвӣ ё орошорӣ (rošorvi ziv), язгуломӣ, (yůzdomi zəvəg), забони ишкошимӣ - рэнӣ (rьni zьvůk), вахонӣ (xikwor zik) мансубанд [6, с. 301,302,303]. Дар раванди таҳқиқоти тобистона мо бо сайёҳони хориҷие вохӯрдем, ки ба мақсади омӯзиши забони рӯшонӣ дар мавзеи сайёҳии Хуфи Боло (н. Рӯшон) омада, онҳо дар хонаҳои мардуми маҳал ҷойи истиқомат гирифта,

фарзандони онҳоро забони хориҷӣ меомӯзонанд ва дар як вақт худашон низ забони мардуми маҳаллиро меомӯзанд.Дар минтақаи сайёҳии болооби дарёи Панҷ то ба имрӯз анъанаҳои ориёӣ дар расму русуми ин манотиқ арзи вуҷуд дошта, таваҷҷуҳи сайёҳонро ба худ ҷалб менамоянд. Ин, пеш аз ҳама, ҷашнҳои Наврӯз, Сада, Меҳргон мебошанд. Ин идҳо аз қабили идҳои миллии ориёитабор, аз ҷумла тоҷикони Помир, ба ҳисоб рафта, аз замонҳои қадим бо шукӯҳу шаҳомати хосса бо ҳамаи ҷузъиёташ баргузор мегардиданд.

Ҷашни Наврӯз аз қадимтарин ва густурдатарин идҳои мардумони эронитабор буда, таърихи панҷҳазорсола дорад. Агар ба таърихи омӯзиши Наврӯзи Бадахшон назар афканем, он аз ибтидои қарни XX-ум оғоз гардидааст. Бори нахуст ховаршиноси маъруфи рус А.А. Бобринской дар асари худ "Кӯҳистони болооби Панҷ"(1908) дар бораи расму оинҳои наврӯзии сокинони Вахону Ишкошим, кишту кори деҳқонон ва дигар оинҳои вобаста ба Наврӯз иттилоъ додааст [9, с. 783]. Дар давраи соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон барои эҳё намудани иди Наврӯз дар асоси ибтикороти Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон санаи 23-феврали соли 2010 дар иҷлосияи 64-уми Ассамблеяи Генералӣ қароре ба тавсиб расонид, ки тибқи он рӯзи 21- мартро "Рӯзи байналмилалии Наврӯз" эълон намудаанд.

Иди Наврӯз дар минтақаи сайёҳӣ ва рекреатсионии болооби дарёи Панҷ бо номҳои гуногун ёд мешавад. Дар Шуғнон ин идро "Хидирайӯм" "Шогунайӯм", Шогун баҳор" дар Рӯшон "Батайом", "Гамунд", дар водии Бартанг " Хайдарайом", дар водии Вахону Ишкошим " Шогун", дар Ванҷу Дарвоз "Наврӯз", дар Язгуломи ноҳияи Ванҷ "Граваша" меноманд [18, с. 5, 97, 99].Аз ҳама муҳим барои сайёҳони дохилию хориҷӣ ин хусусияти ҷашнгирии иди Наврӯз дар мавзеъҳои сайёҳии болооби Дарёи Панҷ ба ҳисоб меравад. Чунки дар таҷлили он на фақат дар байни ноҳияҳо ва водиҳо, балки дар миёни деҳаҳо ҳам тафовутҳои зиёд дида мешавад. Масалан, ҷорӯббандӣ ё худ "Видирм вист", ки дар рӯзи якуми Наврӯз анҷом дода мешавад ва ҷорӯбҳо дар он вазифаи худро доранд. Нақши асосии ҷорӯбҳои сурх дар он аст, ки дар рӯзи дуюми ҷашнгири Наврӯз бо ин ҷорӯбҳо сиёҳии хонаро тоза мекунанд, аммо тарзи бастан ва шумораи чӯбҳо ва ҷорӯбҳо дар баъзе деҳаҳои Бадахшон гуногун аст. Мисол: дар мавзеъҳои сайёҳии Шуғнону Рошткалъа чорто ҷорӯб - дуто савора, дуто пиёда ва дар маҳалҳои (Дашт, Хирч) маркази сайёҳии шаҳри Хоруғ фақат дуто ҷорӯб мебананд, ки яке пиёдаҷорӯб ва дигараш савораҷорӯб мебошанд. Қобили қайд аст, ки, дар тарзи бастани ин ҷорӯбҳо низ дар мазеъҳои сайёҳии болооби дарёи Панҷ тафовутҳои зиёд ба чашм мерасанд. Дар маркази сайёҳӣ ва рекреатсионии Рошткалъа рӯзи дуюми иди Наврӯз ин ҷорӯбҳо баста мешаванд. Дар деҳаҳои водии Вахон ходачӯбҳоеро баъди ғуруби офтоб мебананд. Дар мавзеи сайёҳии Боғеви ноҳияи Шуғнон мувофиқи тақвими сол як ҳафта пештар дар болои бом чорӯбҳоро мебананд. Лозим ба ёдоварист, ки ҷорӯббандӣ як суннати Наврӯзӣ аст, ки то ба имрӯз идома дорад ва дар ноҳияи Ванҷ ва Дарвоз ин суннат аз байн рафтааст [18, с. 97, 99].

Ба ғайр аз ин фарқиятҳо боз тафовутҳои дигар, аз қабили "Чидирдед" Пок сохтани хона, ордпошӣ, либосҳои наврӯзӣ, таомҳои наврӯзӣ, бозиҳои ҷашнӣ то рӯзҳои мо нигоҳ дошта шудаанд ва нисбат ба дигар ноҳияҳои ҷумҳуриямон ба куллӣ фарқ доранд.

**Ҷашни Меҳргон** низ яке аз ҷашнҳои қадимтарини марудуми ориёитабор ба шумор рафта, таҷлили он барои сайёҳон ҷолиби диққат мебошад. Дар бораи ҷашнгирии Иди Меҳрогон дар байни донишмандону муҳаққиқон ақидаҳои гуногун вуҷуд доранд. Мо дар ин ҷо як ақидаро пайгири намудаем. Ба ақидаи Ҳаким Розӣ (Оини меҳр. -Теҳрон. 1371), ин ҷашн дар рӯзи 16-уми моҳи меҳр, ки он рӯзро низ меҳр меноманд, баргузор мегардад, ки ба 8-уми октябри тақвими григорианӣ рост меояд. Вожаи меҳргон аз ду ҷузъ иборат буда, дар луғатномаи " Ғиёс-ул- луғот" (1988. Саҳ 324) чунин шарҳ дода шудааст: "Меҳр" муҳаббат, самимият, дӯстӣ. Таҷлили Ҷашни Меҳргон дар минтақаи сайёҳии болооби дарёи Панҷ хусусиятҳои хосси худро дорад. Масалан, дар мавзеи сайёҳии Рӯшон - деҳаи Бардараи водии Бартанг замони пеш Ҷашни Меҳргонро Деҳ индид" (даромадан ба деҳа) мегуфтанд ва он ба даврае рост меояд, ки аз айлоқ ба деҳа бо чорво бармегарданд ва дар деҳа аллакай ҳосилро ҷамъоварӣ намудаанд. Баъди айлоқфуроӣ ҳосили ҷамъоварда –

чорво ва зироати худро ҳар як хонавода дар ганҷурҳои (анбор) худ ҷо ба ҷо карда, дар интизорӣ рӯзи неки гузаронидани ин ҷашн мешаванд. Хусусияти дигари ин ҷашн дар он аст, ки ин ид куҳантарин ҷашни мардуми ориётабор буда, рамзи аҳду паймон, дӯстиву муҳаббат ва таҷассумгари суннатҳои неки инсонӣ мебошад. Дар солҳои охир сайёҳони хориҷӣ сафарҳои сайёҳии худро ба ин санаи таърихи мутобиқ месозанд.

**Ҷашни Сада-** дар болооби дарёи Панҷ яке аз ҷашнҳои қадимӣ ва машҳури мардуми форсу тоҷик мебошад, ки пайдоишу инкишофи он чун Наврӯзу Меҳргон ба гузаштаи дур марбут аст. Ин ҷашн бештар ба корҳои деҳқонӣ ва рӯзгори кишоварзӣ алоқаи зич дорад. Тибқи ақидаҳои олимон, ҷашни Сада мувофиқи солшумории шамсӣ, ки мансуби шоҳи охирони хонадони сосонӣ аст, рост меояд. Ин идро аслан дар рӯзҳои 30-31- уми январи солшумории мелодӣ таҷлил мекардаанд.Ин ҷашн дар минтақаи сайёҳии болооби даоёи Панҷ хусусиятҳои хосси худро дорад ва бо номи “Хирпичор” дар миёни мардуми Шуғнон, “Хурпачор” дар байни сокинони Рӯшону Бартанг маъруф аст. Дар бобати бунёд ниҳодани ҷашни Сада ривоятҳои гуногун вуҷуд доранд ва мо ба таври мухтасар ба як ривояте, ки дар китоби “Ҷашни Сада” навишта шудааст, муроҷиат мекунем. “Гӯё пас аз пайдо шудани якумин оташ эрониён гулхани бузурге афрӯхта базме барпо карданд ва номи ӯро Сада гузоштаанд, ки он аҳамияти калони рекреатсионӣ дорад. Ба ҳамин тариқ, пас аз ин рӯйдод таҷлили ҷашни Сада ба расмият даромад” [14, с. 573].

Яке аз омилҳои муҳим дар ташкили сайёҳии таърихию фарҳангӣ ин шинос намудани сайёҳон бо анъанаҳо ва фарҳанги гурӯҳҳои гуногуни этникӣ мебошад. Ҳангоми дохил шудани сайёҳони хориҷӣ ба қаламрави мамлакат дар раванди саёҳат онҳо бо либосҳои мардумӣ, асбобҳои мусиқӣ, расму оин вобаста ба соҳаи чорводорӣ, зироаткорӣ, ҳунарҳои мардумӣ, бозиҳои ҷашнӣ, бозиҳои миллию маҳаллӣ, дастурхони ҷашнӣ, навъҳои гуногуни мева, хӯрокҳои гуногуни маҳаллӣ шинос мешаванд.

Дар раванди фарорасии ҷашнҳои Наврӯз, Сада ва Меҳргон аз тарафи ширкатҳои сайёҳии мавзеъҳои сайёҳии болооби дарёи Панҷ хатсайрҳои сайёҳӣ бояд тарҳрезӣ карда шаванд, то ки талаботи сайёҳонро дар раванди сафар қонеъ гардонда тавонанд. Илова бар ин, тарҷумонҳои муассисаҳои сайёҳӣ, ки дар вақти саёҳат сайёҳонро роҳбаладӣ менамояд, бояд пешакӣ дар бораи мақсади асосии ҷашнгирии ин идҳои бостонӣ, доир ба пайдоиши таърихи ин идҳо, урфу одатҳои миллию маҳаллӣ, бозиҳои ҷашнӣ, тарзи ҷашнгирии онҳо дар мавзеъҳои сайёҳии болооби дарёи Панҷ ва хусусияти фарққунандаи ҷаншгирии ин идҳо аз дигар мавзеъҳои сайёҳии ҷумҳурӣ аз худ карда ва кӯшиш намоянд, ки онро ба сайёҳаткунандагон бо забони сода фаҳмонда тавонанд. Минтақаи сайёҳии болооби дарёи Панҷ аз он ҷиҳат низ муҳим арзёбӣ мегардад, ки дар ин минтақаи кӯҳӣ ҳунарҳои мардумӣ таърихи куҳан дошта, таваҷҷуҳи сайёҳони мамолики мухталифи Ғарбу Шарқро ба худ ҷалб мекунад.

**Ҳунарҳои мардумӣ -** падидаи ҷолиб ва мураккабе дар фарҳанги бисёрҷанбаи мардуми болооби дарёи Панҷ ба ҳисоб рафта, ба онҳо намудҳои зерини ҳунарҳои мардумӣ дохил мешаванд: чакандӯзӣ, зардӯзӣ, гулдӯзӣ, намадсозӣ, ҷомадӯзӣ, ҷӯроббофӣ, тоқидӯзӣ, сабадбофӣ, мӯйбандактайёркунӣ, либосдӯзӣ, оҳангарӣ, дуредгарӣ ва кандакорӣ.

**Ҷӯроббофӣ** яке аз ҳунарҳои қадимаи мардуми Бадахшон ба шумор меравад. Ба ақидаи М. Андреев, ҷӯроббофӣ яке аз рушдёфтатарин ҳунари волои мардуми тоҷик ба шумор меравад [16, с. 104].Ҷӯроббофӣ як намуди ҳунари бофандагии дастӣ буда, ҷӯробҳо аз риштаҳои пашми гусфанд ё буз тайёр карда мешавад. Нақшу нигори он низ ба монанди шаклҳои гуногуни геометрӣ мебошад.

**Тоқидӯзӣ-** низ яке аз ҳунарҳои қадими мардуми Бадахшон мебошад. Дар минтақаи Осёи Миёна тоқӣ асосан ду шакл дорад: мудаввар ва чоркунҷа. Онҳоро дар шимоли кишвар “тӯпӣ” ва дар водии Ҳисору Рашт, вилояти Хатлону Бадахшон “тоқӣ” меноманд. Умуман, дар ҳудуди ВМКБ аз ҷиҳати гуногуни ранг ва маънои фалсафӣ тоқии вахонӣ ва шуғнонӣ рамзи чор унсури табиат - об, хок, оташ, бод ва инчунин, офтобу кӯҳҳоро таҷассум менамоянд [6, с. 159].

**Муҳрабофӣ** низ қисмате аз ҳунарҳои мардумии Бадахшон буда, онро асосан дар ҷашнҳои диниву мазҳабӣ, ҷашниҳои миллӣ ва дар тӯйу сур ва дигар ҷорабиниҳо васеъ

истифода мебаранд.Имрӯз сайёҳони хориҷӣ аз маҳсули ҳунарҳои дастии мардуми ин минтақа харидорӣ намуда, онро барои хешовандону наздикони худ ҳамчун армуғон мебаранд. Истеҳсоли ҳунарҳои мардумӣ барои сайёҳони дохилию хориҷӣ ҷолиби диққат мебошад ва барои ба даст овардани даромади зиёди иқтисодӣ аз ҳунарҳои дастӣ эҳё намудани ҳунарҳои мардумии болооби дарёи Панҷ, баланд бардоштани маърифатнокии сайёҳон ва сокинони ин минтақа заминаи басо муҳимми иқтисодию иҷтимоиро фароҳам меоранд.

Ҳангоми додани грантҳо аксаран бартарият бояд ба лоиҳаҳое дода шавад, ки дар замони муосир мубрам буда, соҳаи сайёҳиро таблиғ менамоянд. Ин боиси рушди ҳунарҳои мардумӣ гардида, ба рушди соҳаи сайёҳӣ такони ҷиддӣ хоҳад бахшид. Бояд қайд намуд, ки сармоягузорӣ дар бахши эҳё намудани ҳунарҳои мардумӣ аз ҷониби ташкилотҳои байналхалқӣ маблағгузорӣ карда мешавад.Асосан, MSDSP (Барномаи ҷонибдорӣ ва инкишофи иҷтимоии манотиқи кӯҳистони Бунёди Оғохон) "Лоиҳаи дастгирии ҳунарҳои мардумӣ" - ро соли 2004 таъсис дода, аз ҷониби ташаббускорон шаҳрванди Фаронса Арно Бобил ва шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон Бердов Ёралӣ аввалин тренингҳо ва намоишгоҳҳо байни сокинони маҳаллӣ баргузор намудаанд. Инчунин, ҳамасола аз тарафи корхонаи истеҳсоли ҳунарҳои дастӣ " De Pamiri Handicraft " маҳсулоти дастӣ дар боғи фарҳангию фароғати маркази сайёҳии шаҳри Хоруғ барои сайёҳони дохилию хориҷӣ пешниҳод мегардад.

**Санъати мусиқии** мардуми болооби дарёи Панҷ бо гуногунии мазмун ва фалсафаи хеш таърихи қадима дорад. Бахусус, осори мусиқие, ки мардуми ин минтақаи сайёҳӣ офаридаанд, асолати фарҳанги эронӣ ва ориёии онҳоро бозгӯ мекунад. Таҳқиқоти донишмандон, ба монанди А.А. Семёнов, И. Зарубин, Н.Н. Миронов, А.С. Ленский, Н.М. Зубков, Н. Нурҷонов, Э.Э. Романовская ва И. Рогалский ва дигарон далели ин гуфтаҳо мебошад [1, с.4]. Асбобҳои мусиқии мардуми Бадахшон, аз қабили даф, най, ғиҷак, лабчанг, сетор, рубоб, танбӯри помирӣ, таблак бо созҳои мусиқии дигар иқоматкунандагони ҷумҳуриямон дар як мавқеъ ҷойгир буда, аз нигоҳи ифодаёбии шаклӣ, лаҳнӣ, пардавӣ, иҷроиши зарбӣ, фосилаҳои нимпардагию калоншуда ва дигар нозукиҳои маъмули санъати мусиқӣ бо ҳам зич пайваст мебошанд. Сурудҳои миллӣ-мардумӣ, аз қабили: байтхонӣ, баҳория, ғарибнома, доирабазм, лалайик ва маддоҳ ба шумор рафта, мадияхонӣ дар байни мардуми Бадахшон хусусусияти динӣ-мазҳабӣ дошта, ифодакунандаи розу ниёзи ниҳонии онҳо мебошад. Ин жанр дар байни сокинони Ишкошим бо номи "қасоид" ва миёни исмоилимазҳабони Дарвоз ба истилоҳи "ҳайдарӣ" маъруф аст [4, с. 148,149].Бояд қайд кард, ки ҳамасола дар маркази сайёҳии шаҳри Хоруғ фестивали "Боми Ҷаҳон" баргузор мегардад. Ҳадафи ин ҳамоиши фарҳангӣ мусоидат ба таҳкими дӯстиву ҳамгироии халқҳои давлатҳои Осиёи Марказӣ, фароҳам сохтани имконияти ҳифз ва эҳёи анъанаҳои мардумӣ, нишон додани рақсу сурудҳои миллию маҳаллӣ, навохтани асбобҳои мусиқии халқҳои гуногуни ҷаҳон мебошад.

**Таомҳои миллии болооби дарёи Панҷ** - Ҳар як гурӯҳи этникӣ хӯрокҳои хосси худро доранд. Яке аз омилҳои муҳимми рушди соҳаи сайёҳӣ хӯрокҳои маҳаллӣ ба ҳисоб рафта, тавассути хӯрокҳои гуногун ва тарзи тайёр намудани таомҳои хуштаъм мо метавонем сайёҳонро ба ин минтақа ҷалб намоем. Аз рӯйи пайдоиш ва ҷузъҳои асосии хӯрокҳои миллӣ болооби дарёи Панҷ асосан аз маҳсулоти ширӣ буда, ҷунин хӯрокҳоро дар бар мегирад: қурут, ҷурғот (пай), қаймоқ (мароб), панир, ширчой, ширбиринҷ, ҳалвои ширӣ, айрон (асосан дар минтақаи сайёҳӣ Мурғоб омода мекунанд), кочӣ (мил), дӯғ ва ғ.

Вақте ки мо дар ноҳияҳои сайёҳии болооби дарёи Панҷ таҳқиқот гузарондем, дар раванди таҳқиқот маълум гардид, ки бештари сайёҳони хориҷӣ аз маҳсулотҳои ширӣ истифода мебаранд. Сабаб дар чист? Сабаб дар он аст, ки маҳсулоти ширӣ хуштаъм ва аз лиҳози экологӣ тоза мебошад. Таомҳои маҳаллии болооби дарёи Панҷ бой ва беназир буда ва дар вақти пухтупази онҳо усулҳои гуногун истифода мебаранд. Зарфият, мушкилот ва норасоиҳои ташкил намудани сайёҳии таърихию фарҳангии болооби дарёи Панҷро ба риштаи таҳқиқ кашида, пешниҳод менамоем:

1. Дар раванди таҷлили ҷашнҳои Наврӯз, Меҳргон ва Сада аз тарафи Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ташкилотҳои сайёҳӣ (операторон

ва оҷонсиҳои сайёҳӣ) ва дигар соҳаҳои марбут ба рушди сайёҳӣ, дар минтақа барои ташкили намудани хатсайрҳои сайёҳии таърихию фарҳангӣ барои сайёҳони хориҷию дохилӣ аз шаҳри Душанбе тавассути шоҳроҳи мошингарди Душанбе - Кӯлоб- Қалъаи-Хумб- Ванҷ - Рӯшон – Хоруғ – Ишкошим аз баргашт ба Хоруғ - Роштқалъа тартиб дода шавад ва барои сайёҳаткунандагон пешниҳод гардад.

2. Рушди ҳамкориҳои фарҳангӣ байни кишварҳои ҳамҷавор, ташкил намудани намоишгоҳи фарҳангӣ ва ба фурӯш баровардани ҳунарҳои мардумӣ дар бозорҳои наздисарҳадӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Афғонистон.

3. Чи тавре ки дар боло дар бораи фестивали “ Боми Ҷаҳон” сухан рондем, ба фикри мо, ин гуна чорабиниҳои фарҳангиву оммавӣ дар дигар ноҳияҳои сайёҳии болооби дарёи Панҷ низ бояд аз тарафи Раёсати фарҳанги ВМКБ ташкил карда шаванд.

4. Барои таблиғ намудани маҳсулотҳои дастӣ дар минтақаи сайёҳии Бадахшон барномаҳои телевизонӣ марбут ба омӯзиши ҳунарҳои мардумӣ барои аудиторияи васеъ, омӯзишиҳои телевизионӣ, варақаҳо ва буклетҳои тағрибкунанда, сайтҳои махсус барои ташвиқоти маҳсулотҳои сайёҳӣ бо забонҳои хориҷӣ аз тарафи шуъбаи рушди сайёҳии назди ҳукумати ВМКБ ва муассисаҳои сайёҳӣ бояд ташкил карда шаванд.

**Муқарриз: *Негматов Давлатшо* – номзади илмҳои таърих, дотсенти ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ**

**АДАБИЁТ**


1. Абдураҳмонова П.Д. Ҳаёти фарҳангии ВМКБ дар солҳои 1991-2016 / П.Д. Абдураҳмонова. – Душанбе, 2019. -54с.
2. Амиралӣ Ҳ. Ҳунармандони Бадахшон. Монография – Душанбе, 2014. - 4 с.
3. Баҳодур И. Бухорои Шарқӣ ва Помир дар нимаи асри XIX. - Душанбе: Андалеб-Р, 2015. –С. 211, 276, 277.
4. Бубнова М. А. Харитаи Археологии Тоҷикистон. - ВМКБ. Помири Шарқӣ / М. А. Бубнова //Донишгоҳи Осиёи Марказӣ, 2015.- 382 с.
5. Донишномаи Мардуми Тоҷик. Қисми 1.- Душанбе, 2015. – С.147,148, 149.
6. Каримов У. Роҳи Бузурги Абрешим / У. Каримов. – Душанбе, 2003. -13 с.
7. Мероси фарҳангии ғайриодӣ дар Тоҷикистон. – Душанбе, 2017. - 159 с.
8. Мирбобоев А. Забонҳои эрони / А.Мирбобоев. – Душанбе, 2012. – С. 301,302,303, 304.
9. Муҳаббатов Х. Роҳи Бузурги Абрешим / Х.Муҳаббатов // Садои Шарқ – Душанбе, 2018. -№1 -98.99 с.
10. Ҳотамов М. Помир таърихи гумшуда / М.Ҳотамов. – Душанбе, 2015. - 783 с.
11. Очеркҳо аз таърихи Бадахшони Шӯравӣ. - Душанбе: Дониш, 1985. – С. 157,159,169,173.
12. Раҳимов Д. Нигоҳе ба ҷашнҳои миллӣ ва оинҳои суннатии тоҷикон / Д.Раҳимов. – Душанбе, 2011. – 5 с.
13. Рашшодов М. Фалсафа аз оғози таърих / М. Рашшодов. - Душанбе: Ирфон, 1990. -476 с.
14. Таърихи ВМКБ аз замонҳои қадим то давраи муосир. -Душанбе: Пайванд, 2005. -Ҷ.1. - 166 с.
15. Умарзода И. Таърихи тамаддуни ориёиҳо. Душанбе: Деваштич, 573 с.
16. Ҷашни Сада. –Душанбе, 1991. - С.3.
17. Шарифзода А. Эмомалӣ Раҳмон - Роҳи абрешим / А.Шарифзода, З. Қосимов. –Душанбе, 2017. -15 с
18. Юнусов, Н. Санъати халқии Помир / Н.Юнусов, Л.Додхудоев. – Душанбе, 2009. – 104 с.
19. Юсуфбеков Ш. Шогуни баҳор / Ш.Юсуфбеков, А.Шоинбеков. - Душанбе: Эр - граф. - 2019. – С.5, 97, 99.


**ТАШКИЛИ ҲУДУДИ САЙЁҲИИ ТАЪРИХИЮ ФАРҲАНГӢ ДАР БОЛООБИ ДАРЁИ ПАНҶ**


Дар мақолаи мазкур масоили ташкили сайёҳии таърихию фарҳангӣ дар болооби дарёи Панҷи барои эҳё ва ҳифзи мероси таърихию - фарҳангӣ, забонҳои гуногуни помирӣ, бозиҳои миллӣ ва мардумӣ, идҳои миллӣ ва нақши онҳо дар ташкили равияҳои сайёҳӣ, ҳунарҳои мардумӣ, санъати мусиқӣ ва таомҳои миллӣ баррасӣ шудаанд. Муаллиф чунин мешуморад, ки ҷузъи муҳимми рушди сайёҳии дохилӣ дар минтақаҳои сайёҳии Бадахшон эҷоди маҳсулоти нави сайёҳии этномаданӣ мебошад, ки он на танҳо ба рушди соҳаи сайёҳӣ мусоидат мекунанд, балки ҳамчун омили муколамаи байни фарҳангҳои халқҳои ҷаҳон ба ҳисоб меравад, ки барои ташаккули симои сайёҳӣ ин минтақа зарур мебошад. Бо зиёд шудани теъдоди сайёҳони хориҷӣ ва мувофиқан, даромад аз фаъолияти сайёҳӣ, имконоти боз ҳам такмил додани идоракунии комплекси сайёҳиву рекреатсионӣ меафзояд, ки ин соҳаро яке аз соҳаҳои рақобатпазири иқтисоди кишвар мегардонад. Ҳамзамон зарур аст, ки дар баробари ҷорӣ кардани шаклҳои нави хизматрасониҳои сайёҳӣ, инчунин усулҳои ташкил намудани сайёҳии рекреатсионӣ такмил ёбанд, инфрасохтори объектҳои таърихию – фарханги бунёд гардад, амнияти сайёҳон таъмин гардад ва алоқаи мобиливу интернети баландсуръат барои онҳо дастрас бошад.



**Калид вожаҳо:** ташкили сайёҳии таърихию фарҳангӣ, болооби дарёи Панҷ, ҳунарҳои мардумӣ, маҳсулоти сайёҳӣ, санъати мусиқӣ, таомҳои миллӣ.


**ТЕРРИТОРИАЛЬНАЯ ОРГАНИЗАЦИЯ ИСТОРИКО - КУЛЬТУРНОГО ТУРИЗМА В ВЕРХОВЬЯХ РЕКИ ПЯНДЖ**


Статья об организации историко - культурного туризма в верховьях реки Пяндж для возрождения и

сохранения историко - культурного наследия, различных стилей Памира, национальных и народных игр, национальных праздников и их роли в организации туризма. Народные промыслы, музыка и кулинария проанализированы в верховьях реки Пяндж. Автор считает, что важной составляющей развития внутреннего туризма в туристическом районе Бадахшана является создание новых этноориентированных туристских продуктов, которые не только будут способствовать развитию туриндустрии, но и служить фактором межкультурного диалога среди народностей стран мира. С увеличенем количества иностранных туристов и, соответственно, доходов от туризма появляется возможность дальнейшего совершенствования управления туристско-рекреационным комплексом, что делает этот сектор одним из наиболее конкурентноспособных секторов экономики. В то же время, наряду с внедрением новых форм туристических услуг, нелбходимо совершенствовать методы организации туризма и отдыха, строить инфраструктуру исторических и культурных объектов, обеспечивать их высокоскоростной мобильной связью и интернет -комуникациями.

**Ключевые слова:** организация историко- культурного туризма, верховья Пяндж, туристические продукты, музыкальное искусство, местная кухня.

**TERRITORIAL ORGANIZATION OF HISTORICAL AND CULTURE TOURISM IN THE UPPER RIVER OF THE PYANJ**

The article on the organization of historical – culture tourism in the headwaters of Pyanj river for the revival and preservation of historical and cultural heritage, various styles of the Pamir, national and folk, games? National holidays and their role in organization tourism, handicrafts, music and cooking analyzed the headwaters of the Pyanj river**.** Authors believe that an important component of the development of domestic tourism in the tourist region of Badakhshan is the creation of new ethno-oriented tourism products that will not only contribute to the development of the tourism industry, but also serve as a factor of intercultural dialogue among the nationalities of the world. With the increase in the number of foreign tourists and, accordingly, the income from tourism, there is an opportunity to further improve the management of tourist and recreational complex, which makes this sector one of the most competitive sectors of the economy. At the same time, along with the introduction of new forms of tourist services, it is necessary to improve methods of organizing tourism and recreation, building infrastructure of historical and cultural sites, providing them with high-speed mobile communications and Internet communications. Translated with www.DeepL.com/Translator (free version)

**Key words**: Organization of historical and cultural tourism, the headwaters of the Pyanj, tourist products, musical art, local kitchen.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Риҷабеков Нозир Чоршанбиевич* -** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктоaccess Ph.D, кафедраи географияи иқтисодӣ ва туризм. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17. Телефон: **900-20-94-97; 93-531-94-97.** E-mail: **nozir94.94 @ mail.ru**

**Сведение об авторе:** ***Риджабеков Нозир Чоршанбиевич****-* Таджикский национальный университет, докторант Ph.D кафедры экономической географии и туризма. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **900-20-94-97; 93-531-94-97.**E-mail: **nozir94.94@ mail.ru**

**Information about the author:** ***Rijabekov Nozir Jorshanbievich*** - Tajik National University, Doctor Phd faculty of Economic geographer and Tourism. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. E-mail:nozir94.94@ mail.ru

**УДК:93:33(09) (575.22)**

# РУШДИ ИҶТИМОӢ-ИҚТИСОДӢ ВА ФАРҲАНГИИ НОҲИЯИ ДАНҒАРА ДАР ДАВРАИ ИСТИҚЛОЛИЯТ

***Муродов А.Ш.***
**Донишгоҳи давлатии Данғара**

Данғара диёри бостонӣ ва таърихӣ буда, яке аз гӯшаҳои зебоманзари Тоҷикистон ба шумор меравад. Он 8 июли соли 1932 ташкил ёфта, марказаш деҳаи Оқсу (ҳозира Сафобахш) мебошад. То солҳои ҳаштодум дар қаламрави ноҳияи Данғара 5 хоҷагии қишлоқ Пушинг, Оқсу, Сангтӯда, Себистон ва хоҷагии қишлоқи ба номи Исмат Шариф мавҷуд буд. Маркази ноҳия бошад, ҷамоати шаҳраки Данғара маҳсуб мегашт [8, с.83].

Баъди соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳия дигаргуниҳои куллӣ ба амал омаданд. Ноҳия симои худро рӯз то рӯз дигар намуда истодааст. Дар ин муддат дар ҳамаи соҳаҳо дигаргуниҳои зиёде ба амал омада, ноҳияи Данғара аз ноҳияи аграрӣ-саноатӣ ба саноатӣ-аграрӣ табдил меёбад, ки дар ин самт Минтақаи озоди иқтисодӣ ба он далел аст [7]. Дар яке аз сафарҳояш Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ба ноҳияи Данғара қайд карда буд, ки “ҳоло дар тамоми қаламрави мамлакат ба хотири истиқболи сазовори ҷашни 30-солагии Истиқлолият корҳои ободониву бунёдкорӣ вусъат доранд, ки ин раванд ба пешрафти ҳамаи соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангии шаҳру деҳоти кишвар ва албатта, боз ҳам беҳтар шудани шароити зиндагии аҳолӣ мусоидат мекунад.” Дар бораи инкишофи иҷтимоӣ-иқтисодии Данғара фикр ронда, Пешвои миллат иброз доштанд, ки “дар ин раванд мақомоти иҷроияи ҳокимияти

давлатии ноҳияи Данғара якҷоя бо соҳибкорони ватандӯсти ноҳия дар ин гӯшаи зебоманзари Ватанамон бунёд ва таъмиру азнавсозии беш аз 300 адад иншооти таъминоти гуногунро ба нақша гирифта, то имрӯз сохтмони 124 иншоотро ба анҷом расониданд ва бунёду азнавсозии боз садҳо иншооти дигарро босуръат идома дода истодаанд" [3].Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Данғара ҷиҳати иҷрои супоришҳои Сарвари давлат, ки дар паёмаш баён гардидааст, чораҳо андешида, комёбиҳои иҷтимоӣ-иқтисодии ноҳияро хуб ҷамъбаст намуд. Шумораи аҳолии ноҳия то 01-12- 2019 160 900 нафарро ташкил дод ва дар як сол то 5000 нафар афзоиш ёфт [4].То соли 2019 иҷрои нақшаи даромади буҷети ноҳия 108,1 дарсад иҷро гардида, ба буҷет 149 миллиону 610 ҳазору 900 сомонӣ дохил гардид, ки он нисбати нақша 11 миллиону 164 ҳазору 300 сомонӣ ва нисбат ба ҳамин давраи соли сипаригардида 16 миллион сомонӣ зиёд аст.Маълум аст, ки ғамхорӣ дар ҳаққи нафақахӯрон ва дигар бознишастагон аз тарафи Ҳукумати кишвар хело зиёд аст. Дар ҳисоботи раиси ноҳия Раҳмон Исломиддин Хайриддин қайд гардид, ки ҳоло дар ноҳия 12 ҳазору 228 нафар нафақагирон қарор доранд ва дар як сол 592 нафар сафи онҳо зиёд шудааст. Музди миёнаи нафақа алҳол ба 311 сомонӣ расидааст.

Қайд карда мешавад, ки дар ноҳия рӯз аз рӯз ҷойҳои нави корӣ пайдо мешаванд. Масалан, тибқи нақшаҳо дар ноҳия 2621 ҷойи нави корӣ ташкил ёфтанд, ки нисбати соли гузашта 119 ҷойи корӣ зиёд аст. Ғанӣ гаштани буҷет ба баланд бардоштани музди меҳнат мусоидат мекунад. Ҳоло дар ноҳия музди миёнаи меҳнат ба 1413 сомонӣ баробар аст, ки нисбат ба соли гузашта 23 сомонӣ зиёд аст, яъне ин пешравӣ мебошад.

Маълум аст, ки рушди иҷтимоӣ-иқтисодии ноҳия ва умуман ҷомеа ба фаъолияти соҳибкорӣ ва сармоягузорони дохилӣ ва хориҷӣ сахт вобаста мебошад. Маълумотҳо нишон медиҳанд, ки ҳоло дар ноҳия 12 адад лоиҳаи сармоягузории давлатӣ амал мекунад ва 26,8 миллион долларро ташкил медиҳад. Аз ҷониби соҳибкорони ноҳия ҳамакнун 4 адад лоиҳа пешниҳод гардидааст.Дар соҳаи хизматрасонӣ низ муваффақиятҳо назаррасанд. Худи як муомилоти мол дар ноҳия 217 миллиону 757 ҳазору 200 сомониро ташкил медиҳад. Ба мардуми ноҳия бо маблағи 105 миллиону 481,9 ҳазор сомонӣ хизматрасонии пулакӣ расонида шудааст.

Дар ноҳия 4 бонки калон ва 8 бонки хурд фаъолият мекунанд ва онҳо бо теъдоди 65,4 миллион сомонӣ ба мизоҷон қарзҳо додаанд [4].Дар ноҳия ҳамчунон Минтақаи озоди иқтисодӣ дар ҳоли ташкили созанда қарор дошта, сармоягузории субъектҳои он ба 129,9 миллион сомонӣ рост меояд. Иқтисоди ноҳия мисли дигар навоҳии ҷумҳурӣ аз бахшҳои зерин: кишоварзӣ, саноат ва энергетика, нақлиёт, сохтмон, инфрасохторҳои мухталиф: маориф, фарҳанг, тандурустӣ иборат мебошад. Данғара яке аз ноҳияҳои пешқадами соҳаи ғаллакорӣ ва чорводорӣ ҳам бошад, дар солҳои истиқлолият боз дигар соҳаҳои хоҷагидорию кишоварзӣ низ рушд карданд. Ҳоло ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзии ноҳия то 1 июли соли 2020 389 миллион сомониро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 27,4 миллион сомонӣ бештар мебошад. Ҳоло майдони кишти кишоварзони ноҳия миқдори 40 ҳазору 697 гектарро ташкил мекунад аз ин миқдор дар 30 ҳазор гектар ғалладонагӣ, 690 гектар картошка, 1389 гектар сабзавот, 4587 гектар пахта кишт намудаанд [15].

Бунёди боғу токзорҳо дар ноҳия босуръат идома дорад. Масалан, дар соли 2019 260 гектар боғу токзор ташкил гардид. Ҳоло диққат ба боғҳои интенсивӣ хело зиёд аст. Навъҳои дигари маҳсулоти кишоварзӣ аз қабили пахта, сабзавот, картошка, полезиҳо, мевагиҳо, ангур, гӯшт, шир, пилла, пашм, асал, моҳӣ ва тухм беш аз пеш зиёд истеҳсол ва дастраси шаҳрвандони дохил ва хориҷи кишвар шуда истодаанд. Яке аз мавзеъҳои ниҳоят зебои ноҳия дар мамнуъгоҳи Хатлон "Чашмаи Нуқра" буда, он бо ташаббуси шахсии Пешвои миллат дар заминҳои лалмии кӯҳӣ бунёд меёбад. Сарвари давлат 12-июли соли 2019 аз ин мавзеъ дидан карда, қайд кард, ки дар тӯли 3-4 сол дар заминҳои бекор ва лалмӣ як гулистон ба вуҷуд омад. Масоҳати кооперативи "Чашмаи Нуқра" 1130 гектар буда, 402 гектари дигар боғу токзор ва чарогоҳҳо мебошад. Дар 32,6 гектари он дарахтони боровари лалмӣ сабзонида шудаанд [3].Сарчашмаи стратегии рушди кишоварзии ноҳия бо об вобаста аст. Ва табиист, ки нақби обгузари Себистон водиро аз об таъмин мекунад,

ҳоло канали шимолӣ то ба деҳоти Исмат Шариф расидааст, ва ин ҷо яке аз мавзеъҳои асосии пахтакорӣ, сабзавоту полезӣ, ғаллакорӣ ва ғайра маҳсуб мегардад.

Саноати ноҳия хело ҷавон буда, бунёди он аз замони истиқлолият маншаъ мегирад. Ҳоло дар ноҳия корхонаҳои саноатии сабуки "Ҷунтай"-(Тоҷикистону Чин) МОИ "Данғара", ки аз калонтарин корхонаҳо мебошанд, маҳсулоти худро ба дохил ва хориҷи кишвар содирот мекунанд ва садҳо шаҳрванд соҳиби ҷойи кор гардиданд. Дар ноҳия инчунин даҳҳо корхонаҳои саноатӣ, аз қабили корхонаи истеҳсоли хишт, Хушобак, Меҳровари Худобахш, Файзи Данғара ва ғайра амал менамоянд ва маҳсулоти хушсифат истеҳсол мекунанд. Соҳаи дигари саноати ноҳия энергетика мебошад. НБО Сангтуда-1 ва НБО Сангтӯда-2, ки дар ҳудуди ноҳияи Данғара бунёд гардидаанд дар ҷодаи саноат қадами устуворе буд. Ин неругоҳҳо низ ба дохили мамалакат ва кишвари ҳамсояи Афғонистон ва дар оянда ба давлати Покистон неруи барқ содир менамоянд.

Вазъи нақлиёту роҳ ва роҳсозӣ дар ноҳия дар ҳолати рушд қарор дорад. Дар соли сипаришуда бо иштироки Сарвари давлат баъди ҳазорҳо сол роҳи байни маркази ноҳия то деҳаи Гулафшон (44 километр) аввалин бор асфалтпӯш гардид, ки қисми ин роҳро бародарон Пировҳо сохтанд. Яъне, бори аввал мавзеъҳои кӯҳии ноҳия бо ҳам пайваст гардиданд. Соҳибкорон Зубайдовҳо байни шоҳроҳи асосӣ, то деҳаи Шаршар ва дохили он роҳ сохтанд, ки он мушкили бошандагонро хело осон кард [2].

Дар соҳаи фарҳанг низ пешравиҳо мавҷуданд. Мисоли ин пешравӣ ва созандагиву бунёдкорӣ дар ноҳия қомат афрохтани Муассисаи Давлатии "Қасри фарҳанг"-и ноҳияи Данғара тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25.11.2019 таҳти №583 таъсис дода шудааст. Сохтмони қаср соли 2007 оғоз гардида, бо истифода аз санъати аҷдодии гаҷкорӣ ва оинабандӣ дар сатҳи баланд соли 2019 ба анҷом расонида шуд.

Қасри фарҳанги ноҳия дар деҳаи Раҳмониён қарор дошта, дорои китобхона, қироатхона, осорхонаи Пешвои миллат, анбори китоб барои 19 ҳазор адад китоб ва ҳуҷҷатҳои дигар мебошад [12]. Дар қаср Идораи сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ, ошхона, толори ақди никоҳ, толори варзишӣ, толори фитнес, ҳуҷраи таҷҳизоти варзишӣ, 2 адад толори машқи раққосон ва ромишгарону ҳунёгарон мавҷуд аст. Ин ҷо дар оянда маҳфилҳои нависандагону рассомон кушода хоҳанд шуд. Дар назар аст, ки маҳфилҳои пазандагӣ кушода шаванд. Дар Қасри фарҳанг ҷо омӯзиши забонҳои хориҷӣ, шоҳмотбозӣ, омӯзиши компютер, конструкторҳои ҷавон, дӯзандагӣ роҳандозӣ мегарданд. Дар ҳавлии қаср 413 адад дарахтони гуногун шинонида шуда, фавворахо ва обшорон ба қаср ҳусни тоза мебахшанд [6].Яке аз иншоотҳои муҳим дар ноҳия маҷмааи зебои фарҳангӣ - фароғатии "Хуррамшаҳр" мебошад. Маркази фароғатии "Хуррамшаҳр" 19-марти соли 2010 дар рӯзи ҷашни байналмилалии "Наврӯз" бо иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Туркменистон Гурбонгулӣ Бердимуҳаммедов кушода шуд.

Маркази фароғатии "Хуррамшаҳр" дар масоҳати 2,8 га бунёд шудааст. Дар ин маркази фароғатӣ нуҳ адад суҳбаткада ва даҳ фаввора бо тарзи миллӣ сохта шудаанд. Ин бинои боҳашамат аз ду ошёна иборат буда, ҳар як ошёна дорои се толори барҳаво мебошад.Дар ошёнаи якум толори гаҷкорӣ-оинабандӣ, толори шаршара, толори сандалӣ, дар ошёнаи дуюм толори кандакорӣ-оинабандӣ, толори мармарӣ ва толори наққошӣ бо санъати баланди миллӣ ороиш дода шудааст. Дар ошёнаи дуюми маркази фарҳангӣ-фароғатии "Хуррамшаҳр" дар суҳбаткадаҳо 147 адад сутуни аз чӯб кандакорӣ шуда истифода шудаанд.Дар сохтмони чунин иншооти бузурги меъморӣ ҳама усулҳои биносозии шарқиёнаи мардумони ориёинажод ба назар гирифта шуда, барои сохтанаш аз бисёр гӯшаву канори Тоҷикистон устоҳои соҳибзавқу чирадаст гирд оварда шуда буданд. Дар байни онҳо усто Салимҷон (меъмор-тарҳсоз), усто Умар, усто Олим бо шогирдонашон, саҳми назаррас гузоштанд.Бинои муҳташам дар шакли ниҳоят зебо сохта шуда, бо усули хосси тоҷикӣ - кандакорӣ дар чӯб оро дода шудааст. Ҳамчунин, дар сохтмони он баъзе унсурҳои замонавии меъморӣ низ ҷой дошта, гирду атрофи он бо дарахтону буттаҳои нодир ва гулҳои гуногуни зебо бо як маҳорати хело олӣ, ороиш дода шудааст, ки дар ҳамбастагӣ як маҷмааи хело зебои меъмориютабииро таҷассум мекунад.

Бинои маҷмаа дар қисми шарқии боғи фарҳангӣ-фароғатӣ ҷойгир буда, поёнтар аз он дар қисмати ғарбӣ, атраксионҳои гуногун, нуқтаҳои хӯроки умумӣ, фаввораҳо ва гулгаштҳо сохта шудаанд, ки макони хубе барои фараҳу оромиши мардум ба ҳисоб меравад.Баробари эълон гардидани соли 2018 ҳамчун Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ шумораи меҳмонони ноҳия, бахусус завқмандони тамошои ин маркази фароғатӣ чанд маротиба зиёд шуд. Имрӯзҳо сокинон, хусусан ҷавонони дигар минтақаҳои мамлакат ҳамчун сайёҳони дохилӣ аз ин маркази фарҳангӣ дидан мекунанд ва аз тарзи меъмории он як ҷаҳон маънӣ мегиранд. Дар девору сутунҳои он беҳтарин намунаи ҳунарҳои наққошиву кандакорӣ инъикос ёфтаанд, ки хаёли касро ба дунёи рангини ҳунармандони чирадаст ва таърихи пурғановати санъати меъмориву кандакории миллати тоҷик мебарад [14].

Аз аввали соли 2019 то моҳи марти 2020 барои тамошои маркази фароғатии "Хуррамшаҳр" 1400 нафар сайёҳ аз давлатҳои Англия, Ҷумҳурии Мардумии Чин, Олмон, Ҳиндустон, Ӯзбекистон, Фаронса, Россия ва ғайра ба ин макони ободон ташриф оварда, хотираҳои неке аз ин макони биҳиштосо бо худ бурдаанд.Дар қисмати шарқу шимоли маркази ноҳия, теппаи баланде ҳаст. Гирду атрофи теппа аз поён то боло айвон зада шуда, ҷанубу шарқии он дарахтони санавбару арча ва дар қисмати шимолу шарқиаш бошад, дарахтони мевадиҳанда сабзонида шудаанд. Дарахтон, аллакай қад кашида, дар ҳама фаслҳои сол гӯшаи сарсабзу хуррамеро ташкил кардаанд [5, с.207-208].Мавриди зикр аст, ки ин маркази бузурги фароғатӣ барои гузарондани ҳама гуна тантанаю чорабиниҳои идонаю фарҳангӣ, маросимҳои шодию нишот, қабули меҳмонон ва дӯстдорони хӯрокҳои лазизи миллӣ пешбинӣ шудааст.Бинои зебои дигари, фарҳангӣ-фароғатӣ дар ноҳия чойхонаи зебо бо номи "Раҳмониён" бо сабку услуби шарқиёна сохта шудааст, ки сохтмонаш қабл аз маҷмааи фарҳангӣ-фароғатии "Хуррамшаҳр" сурат гирифта буд. Он аз толори хӯрокпазӣ, толори калон, толори хурд, пешайвони васеи барҳаво ва таваққуфгоҳи автомобилӣ иборат аст. Толори калон ва пешайвон бо сутунҳои мунаққаши чӯбӣ баланд бардошта шуда, устоҳои чирадасти тоҷик бо маҳорати хосси тоҷикона кандакорӣ карда, бо лок рӯпӯш ва ҷилонок кардаанд.

Толори калон ва хурд бо мизу курсиҳои замонавӣ ва пешайвон бо катҳои кандакории миллӣ муҷаҳҳаз буда, дар гирду атроф гулҳои зебову муаттар шинонида шудаанд. Аз ин рӯ чойхона ба ҷойи дӯстдоштаи шаҳрвандон табдил ёфта, тӯйҳои арӯсу домодӣ дар он ҷо доир мешаванд.Аз болои теппа тамоми маркази ноҳия ва гирду атрофи онро тамошо кардан мумкин аст. Дар фасли баҳору тобистон ва тирамоҳу зимистон дар зери дарахтони санавбар, ки ҷангалзореро ба хотир меорад, дам гирифтан ва сайру гашт кардан ба кас ҳаловат мебахшад [5, с.209-210].Дар шафати маркази фарҳангӣ-фароғатии "Хуррамшаҳр" "Боғи фарҳанг"-и Ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуди Боғи марказии фароғатии ноҳияи Данғара ҷойгир аст, ки он 30-июни соли 2010 аз тарафи "СДХ Инвестментс Корп" таъсис ёфтааст, масоҳати он 2,8 га-ро ташкил медиҳад. Дар боғи марказӣ 16-нафар коргарон кор мекунанд: 6-нафар бо маълумоти олӣ; 2- нафар бо маълумоти миёна; 8- нафар бо маълумоти миёнаи техникӣ, фаъолият доранд. Давоми соли ҷорӣ дар ҳудуди боғ то 20- ҷашну чорабиниҳо баргузор гардиданд, ки шумораи тамошобинон зиёда аз 2000 нафарро ташкил медиҳад. Инчунин, 10 адад атраксионҳо, аз қабили 1 адад аспакча, 1 адад чатрҳои парвозкунанда, 1 адад аробачаи барқӣ, 1 адад поезди тезрав, 1 адад мошинчаи даккахур, 1 адад ҳавопаймо, 1 адад киштии викинг, 1 адад карусели занҷирак, 1 адад офтобак ба шаҳрвандон хизмат мерасонанд. Дар соли 2018 аз тарафи соҳибкори маҳаллӣ 2-адад линпопо ба маблағи 31000 хазор сомонӣ барои дилхушкунии кӯдакон насб карда шудааст. Инчунин, дар соли 2018 аз ҳисоби парваришгоҳи боғ 12000-бех қаламча гулҳои садбарг дар парваришгоҳ нигоҳ дошта шуд ва дар соли 2019 1200-бех гулҳои садбарг шинонида шудааст [11]. Дар қисми шарқии шаҳраки Данғара аз тарафи рости роҳ бинои зебое бо услуби шарқиёна сохташудае диққати ҳар бинандаро ба худ ҷалб месозад. Ин марқади "Шаҳиди сари қалъа" мутаалиқ ба асри XV-XVI мебошад. Ҳангоми кофтуковҳои бостоншиносӣ бо роҳбарии д.и.т Усмонхоҷа Эшонзода, инчунин Мурод Бозор Меросбар, Шамсиддин ва Тағоев муайян гардид, ки дар ин ҷо пештар бинои хуштарҳи марқад мавҷуд буда, баъдан хароб гаштааст. Ҳоло марқад бо ташаббуси соҳибкори маҳаллӣ М.Каримов аз нав эҳё гашта, ашёҳои аз ин ҷо ёфташуда қисман дар осорхонаи марказии ноҳия нигоҳ дошта шуда, қисми дигар дар

таҳхонаи оромгоҳ аз тарафи мутахассисони эрону тоҷик ба тарҳи аввалааш бозсозӣ шуда, нигаҳдорӣ мегарданд, ки дӯстдорони таъриху фарҳангро ба худ ҷалб месозанд. Дар гирду атрофи мамнӯъгоҳ 100 дарахти арча, 15 дарахти мевадиҳанда ва гулҳои садбарг шинонида шудааст. Аз тарафи кормандони шуъба ҳамарӯза назорат карда мешавад. Мамнуъгоҳ таъмирталаб буда, таъмири ҷории ҳарсола аз ҳисоби «Осорхона – мамнуъгоҳи ҷумҳуриявии Данғара» ва соҳибкорони ватанӣ гузаронида мешавад [5, с.204].

Дар қисми поёнии марқад ёдгории ба тозагӣ кашфшудаи "Ҳаммом", ки соли 2019 гурӯҳи бостоншиносон бо сарварии академик Юсуфшоҳ Яъқубов дар ҳайати М.Азизов, Б.Муродов, С.Самадов онро кашф кардаанд, қарор дорад. Ёдгории мазкур мутааллиқ ба охири асри XV-ибтидои асри XVI буда, нишони маданияти баланди халқи тоҷик мебошад. Ҳамаи ин биноҳои зебо: Маҷмааи "Хуррамшаҳр", Боғи фароғатӣ, чойхонаи "Раҳмониён", Қасри Фарҳанг, Марқади "Шаҳиди сари қалъа" бо боғистонаш, дар наздикии якдигар бунёд шуда, маҷмааи як ансамбли зебои табиӣ-фарҳангиро ташкил медиҳад [5, с.209-210].

Дар доираи омодагиҳо ба истиқболи ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва эълон гардидани солҳои 2019-2021 «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» соли ҷорӣ қариб дар аксарияти мавзеъҳои таърихию фарҳангии ноҳия аз ҳисоби маблағҳои буҷавӣ ва шахсони саховатпеша иқдомҳои созанда ва хайрхоҳона гузошта шуд, ки анқариби онҳо ободу азнавсозӣ гардиданд.

Мамнуъгоҳи Хоҷа Шақиқи Балхӣ масоҳаташ 8 га-ро ташкил медиҳад. Дар мавзеи Себистони ноҳияи Данғара дар тарафи рости шоҳроҳи Душанбе Кӯлоб, 300 метр дуртар аз роҳ болои тале бинои чоркунҷаи сафеди хурд сохта шудааст, ки ба асрҳои IX-X мутаалиқ аст. Дар гирду атрофи мамнӯъгоҳ 100 дарахти арча, 15 дарахти мевадиҳанда ва гулҳои садбарг шинонида шудааст. Мамнуъгоҳ таъмирталаб буда, таъмири ҷории ҳарсола аз ҳисоби «Осорхона – мамнӯъгоҳи ҷумҳуриявии Данғара» ва соҳибкорони ватанӣ гузаронида мешавад. Масоҳати мамнуъгоҳи Мавлоно Обиддин, ки 0,33га-ро ташкил медиҳад ва дар ҷамоати Корези ноҳияи Данғара ҷойгир шудааст. Мамнӯъгоҳ ба асрҳои X1V рост меояд. Дар гирду атрофи мамнуъгоҳ дарахтони арча ва гулҳои мавсими шинонида шудааст. Мамнуъгоҳ дар ҳолати хуб қарор дошта, таъмири ҷории ҳарсола аз ҳисоби Осорхона – мамнуъгоҳи ҷумҳуриявии Данғара ва соҳибкорони ватанӣ гузаронида мешавад. Мамнуъгоҳи Мавлоно Тоҷиддин 20,5га-ро ташкил медиҳад масоҳаташ ва дар ҷамоати Корези ноҳияи Данғара ҷойгир шудааст. Мамнуъгоҳ ба асри XIV рост меояд. Дар мамнуъгоҳи Мавлоно Тоҷиддин 716 бех дарахти арча, 500 бех гулҳои садбарги ҳамешабаҳор шинонида шудаанд. Мамнуъгоҳ дар ҳолати хуб қарор дошта, таъмири ҷории ҳарсола аз ҳисоби Осорхона – мамнӯъгоҳи ҷумҳуриявии Данғара ва соҳибкорони ватанӣ гузаронида мешавад.

Дар солҳои гуногун бо ташаббуси мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия мазорҳо ва мавзеъҳои аҳамияти таърихдошта «Шаҳбача», «Озах», «Хоҷа Қамбар», «Ғулакандоз», «Шаҳидони роҳи озодӣ», «Мулло Алмат», «Мулло Солеҳ» бунёд гардида, ба зиёратгоҳи мардум табдил ёфтаанд. Инчунин, дар тадқиқоти бостоншиносон оид ба харобаҳои шаҳракҳои Муллобаротӣ, Дудасарой, Миркӯҳ, Чаманзор ва Чормағзак, ки дар ҳудуди ноҳия ҷойгиранд, ишораҳо рафтааст, вале мутаассифона, аз ин мавзеъҳои таърихӣ ба ғайр аз ном, қариб ки чизе боқӣ намондааст. Дар асоси дастуру супоришҳои фарҳангии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба ҳифз ва нигаҳдошти ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ ва муаррифӣ намудани онҳо ба ҷаҳониён қадамҳои устувор гузошта шуда истодаанд.

Дар тули солҳои истиқлолияти давлатӣ мардуми хушиқболи Ватан бо дарки баланди масъулияти инсониву ватандӯстӣ, худогоҳию ифтихори давлатдорӣ ва зери сиёсати пешгирифтаи хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар роҳи эъмори давлати демокративу ҳуқуқбунёд, дунявию ягона, пойдории сулҳу ваҳдати миллӣ ва осоиштагии ҷомеа қадамҳои устувор ниҳода, бахри рушди ҷомеаи мутамаддин саҳми босазои хешро мегузоранд ва ба дастоварду муваффақиятҳои назаррас ноил гардидаанд. Таваҷҷуҳ ба эҳёи суннатҳои фарҳангии куҳан, гиромидошти шахсиятҳои барҷаста ва тамаддуни миллии мо ба сифати яке аз рукнҳои муҳимми сиёсати давлатдорӣ ва омили таҳкимбахши

худшиносии миллӣ қарор гирифтааст.

Раёсати фарҳанги мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия тасмим гирифтааст, ки минбаъд низ барои корҳои ободонӣ ва муаррифӣ намудани иншоотҳои мероси таърихию фарҳангии ноҳия кӯшиш ба харҷ дода, бахри амалӣ намудани сиёсати фарҳангдӯстонаи давлату ҳукумати ҷумҳурӣ корҳои назаррас ба анҷом расонад [13].

**Муқарриз: *Неъмонов Б.З.* – номзади илмҳои таърих, ДМТ**

## АДАБИЁТ


1. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 феврали соли 2009 таҳти № 74 "Дар бори таъсиси минтақаҳои озоди иқтисодии Ишкошим ва Данғара"
2. "Минбари Халқ". 18-сентябри соли 2019.
3. "Минбари Халқ". 6 июли соли 2019.
4. "Симои Данғара". 13 январи соли 2020.
5. Салимзода Ф. Водии Данғара. ҶДММ "Бебок", 2021. - 432с.
6. "Симои Данғара". 16 сентябри соли 2019.
7. "Симои Дангара". 7 июли соли 2018.
8. Умари Шерхон. Данғара. – Душанбе: Шарқи Озод, 2005.
9. "Хатлон". 16 июни соли 2019.
10. Ҳакимзода Абдураҳмон, Қаюмҷон Раҷабов. Минтақаҳои озоди иқтисодӣ. – Душанбе, 2010.
11. Ҳисоботи хаттии боғҳои фарҳангӣ-фароғатии шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон дар соли 2019.
12. Ҳисоботи хаттии Қасри фарҳанги ноҳияи Данғара дар соли 2020.
13. Ҳисоботи солонаи ёдгориҳои таърихӣ – фарҳангии вилояти Хатлон дар соли 2019
14. "Ҷумҳурият". 21 майи соли 2018.
15. "Ҷумҳурият". 27 июли соли 2020.


## РУШДИ ИҶТИМОӢ-ИҚТИСОДӢ ВА ФАРҲАНГИИ НОҲИЯИ ДАНҒАРА ДАР ДАВРАИ ИСТИҚЛОЛИЯТ


Дар мақола муаллиф бо овардани далелу мадракҳои муътамад аз адабиёти илмӣ, ҳисоботи муассисаҳои фарҳангӣ, матбуоти даврӣ ва ёддоштҳои шахсиятҳои шинохтаи соҳаи илму фарҳанг дастовардҳои хеле муҳимми мардуми фарҳангдӯсту меҳнатқарини ноҳияи Данғараро дар соҳаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва ғайра рӯйи кор овардааст. Инчунин, нақши беназири Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ -Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар рушду инкишофи иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии ноҳия таъкид карда шудааст. Сохтмони чунин иншоотҳои муҳимми фарҳангиву фароғатӣ, ба мисли Қасри фарҳанг, мавзеи сайёҳии "Чашмаи Нуқра", Маҷмааи фароғатии "Хуррамшаҳр" ва як қатор муассисаҳои дигари хизматрасонию маишӣ, маҳз бо дастгирию ҳидоятҳои Пешвои муаззами миллат ташкилу ба роҳ монда шудаанд. Ояндаи ноҳияи Данғара ба рушди зироаткории обию бунёди боғу токзор, ташкили ҳазорон гектар пистазорон ва аз ҳама муҳим, рушди соҳаи саноат вобаста аст. Талу теппаҳо ва мавзеъҳои доманакӯҳи ноҳия барои сабзонидани дарахтони ҳамешасабзу мевадиҳанда мувофиқанд. Инчунин, муаллиф обёрӣ намудани даштҳои ташналабро, ки қаблан ба сифати чарогоҳ ва кишти лалмӣ истифода мегардиданд, муҳим арзёбӣ намуда, дар ин замина бунёди корхонаҳои коркарди меваву сабзавотро саривақтӣ медонад.

Ташкили минтақаи озоди саноатии "Данғара" дар самти амалӣ гардонидани ҳадафи чоруми стратегии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон иқдоми саривақтист, ки муаллиф ба ин нукта таъкид кардааст.



**Калидвожаҳо:** иҷтимоиёт, саноат, таърих, иқтисод, фарҳанг, кишоварзӣ, сайёҳӣ, муассиса, мамнуъгоҳ.


## СОЦИАЛЬНО-ЭКОНОМИЧЕСКОЕ КУЛЬТУРНОЕ РАЗВИТИЕ ДАНГАРИНСКОГО РАЙОНА В ПЕРИОД НЕЗАВИСИМОСТИ


В статье авторе на основе рассмотрения и изучения достоверных фактов и документов из научной литературы, отчетов культурных учреждений, периодической печати и воспоминаний известных общественных личностей приводит сведения о важных достижениях в экономической, социальной, научной и культурной сферах, жителей Дангаринского района. Также отмечается неоценимый вклад Основателя мира и национального согласия, Лидера нации, Президента Республики Таджикистан, уважаемого Эмомали Рахмона в дело социально-экономического и культурного развития района. Строительство таких важных культурно-развлекательных сооружений как Дворец культуры, туристического комплекса "Чашмаи Нукра", развлекательного центра "Хуррамшахр" и целого ряда учреждений было завершено именно по инициативе и при поддержке Лидера нации. Будущее Дангаринского района зависит от развития земледелия, создания садов и виноградников, плантаций по выращиванию фисташек, и самое важное, развития промышленности района. Земли и предгорья района соответствуют для выращивания вечнозеленых и фруктовых деревьев. Также автор отмечает, что было бы очень полезным и выгодным орошение земель и строительство предприятий по переработке овощей и фруктов. Организация свободной экономической зоны "Дангара" в направлении осуществления четвертой стратегической цели Правительства Республики Таджикистан является своевременной и автор также особо подчеркивает данное решение.



**Ключевые слова:** социальная среда, промышленность, история, экономика, кульитура, сельское хозяйство, учреждения, заповедник.


## SOCIO-ECONOMIC CULTURAL DEVELOPMENT OF DANGARA REGION DURING THE PERIOD OF INDEPENDENCE


In the article, the author, on the basis of consideration and study of reliable facts and documents from scientific literature, reports of cultural institutions, periodicals and memoirs of famous public figures, provides information about

important achievements in the economic, social, scientific and cultural spheres of the residents of the Dangara region. The invaluable contribution of the Founder of Peace and National Accord, Leader of the Nation, President of the Republic of Tajikistan, respected Emomali Rahmon to the socio-economic and cultural development of the region is also noted. The construction of such important cultural and entertainment facilities as the Palace of Culture, the Chashmai Nukra tourist complex, the Khurramshahr entertainment center and a number of institutions was completed precisely on the initiative and with the support of the Leader of the Nation. The future of the Dangara region depends on the development of agriculture, the creation of orchards and vineyards, plantations for growing pistachios, and most importantly, the development of the region's industry. The lands and foothills of the region are suitable for the cultivation of evergreen and fruit trees. The author also notes that it would be very useful and profitable to irrigate land and build enterprises for processing vegetables and fruits. The organization of the free economic zone "Dangara" in the direction of the implementation of the fourth strategic goal of the Government of the Republic of Tajikistan is timely and the author also emphasizes this decision.
**Key words:** social environment, industry, history, economics, culture, agriculture, institutions, nature reserve.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Муродов Алихон Шодихонович*** **-** Донишгоҳи давлатии Данғара, унвонҷӯи кафедраи идораи давлатӣ ва таърихи умумӣ. **Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Данғара, кӯчаи Шарипов, 3. E-mail: **murodov.2022@internet.ru** Телефон: **(+992) 988-68-98-95.**

**Сведение об авторе:** ***Муродов Алихон Шодихонович*** **–** Дангаринский государственный университет, соискатель кафедры государственного управления и общей истории. **Адрес**:735320, Республика Таджикистан, город Дангара,улица Шарипова, 3. E-mail: **murodov.2022@internet.ru** Телефон: **(+992) 988-68-98-95.**

**Information about the author:** ***Murodov Alikhon Shodikhonovich*** - Dangara State University, candidate for the Department of Public Administration and General History. **Address:** 735320, Republic of Tajikistan, Dangara city, Sharipova street, 3. E-mail**: murodov.2022@internet.ru** Phone:: **(+992) 988-68-98-95.**

**УДК:930.1**

# ТАЗКИРАИ МАЛЕҲО ВА БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ ТАЪРИХ

***Ахмедов Ф. Ҳ.***
**Донишгоҳи Давлатии Молия ва Иқтисоди Тоҷикистон**

Маҳсули адабии Муҳаммад Бадеъ ибни Муҳаммад Шариф, Малеҳои Самарқандӣ, ки доир ба асри XVII ягона ва муҳимтарин сарчашмаи таърихи адабиёти тоҷик аст, дар масъалаи таърихи халқҳои Осиёи Миёна низ аз аҳамият холӣ нест. Малеҳо зоҳиран, ба таърихи асри худ сахт алоқаманд будани ҳаёти адабиро ҳис карда буд, аз ин ҷост, ки ӯ, аз як тараф, усули тазкиранависиро аз ҷиҳати мазмун то ба охирин дараҷаи такомулоти он сайр дод ва аз тарафи дигар ба масъалаҳои таърихии замони худ низ дахл накарда натавонист ва бо ин принсипи маъмулии тазкиранависиро, ки то замони ӯ давом дошт, тағйир дод. Тазкираи ӯ бо ду хусусияти худ як аҳмияти муҳимми таърихиро дар бар кардааст: аввал ин ки Малеҳо дар ин асари худ ҳаёти як қатор шоиронро то андозае ба таври васеъ тасвир намуда, бо ҳаёти сиёсии замон сахт вобаста кардааст, ки дар вақти ҳозира, дар масъалаи муайян кардани вазъияти сиёсӣ ва иҷтимоии он давра ин хусусиятҳои эҷодиёти ӯро ба ҳисоб нагирифта наметавонем.

Дуюм ин ки ӯ тавонистааст як қатор қайдҳои таърихиро дар асари худ ҷой диҳад. Ин қайдҳои таърихӣ аз ин сабаб характерноканд, ки онҳо воқеаҳое ҳастанд, ки ё муаллиф ба чашми худ дидааст ва ё онҳо дар байни халқ ҳамчун фактҳои барҷастаи таърихӣ нақл шуда омада, дар сарчашмаҳо доир ба таърих дида намешуданд. Шумораи ин қайдҳо зиёд нест, лекин, дар як вақте ки таърихи халқҳои Осиёи Миёна ҳанӯз навишта нашуда ва ҳатто сарчашмаҳои асосӣ низ танқидан омӯхта нашуда, ба ҳолати дастнавис хоб кардаанд, шинос шудан бо ин қайдҳо ниҳоят зарур аст. Зеро, ба воситаи онҳо доир ба асрҳои XVII-XVIII мумкин аст, як қатор гиреҳҳои сарбастаи таърихиро боз кард, ки онҳо ҳатто дар худи сарчашмаҳои асосӣ ҳам мубҳам ва сарбаста мондаанд [1, с. 29].

Дар асари «Тазкираи Малеҳо ва баъзе масъалаҳои таърих» Абдулғанӣ Мирзоев як масъалаи муҳимеро оиди аз ҷониби Шайбониён вайрон карда шудани ёдгориҳои таърихии давраи Темуриёнро омӯхтааст. Абдулғанӣ Мирзоев барои исботи ин масъала дар бораи як факти таърихӣ таваққуф мекунад: аввалан меоем ба масъалаи сабабҳои хароб шудани осори Темур ва темуриён, чи навъе ки маълум аст, шаҳри Самарқанд дар ҷойи имрӯзааш пас аз истилои муғул (дар асри XIII милодӣ) ба вуҷуд омад. Амир Темур, барои нишон додани шукӯҳ ва азамати империяи худ, барои ободӣ ва фаровонии Самарқанд, ки пойтахти давлати ӯ буд, кӯшид. Аз ҷумла пас аз фатҳи Ҳиндустон дар як муддати кӯтоҳ (801-805 ҳиҷрӣ) масҷиди ҷомеъ бино кард, ки ин сохтмон чи дар бузургӣ, чи дар нафисӣ ва чи дар санъати меъморӣ яке аз беҳтарин биноҳои Шарқи исломӣ ҳисоб мешуд ва тамошокунандагони худро ба ҳайрат меандохт. Пештоқ ва гунбазҳои харобе, ки ҳоло дар Самарқанд ба исми «Мадрасаи Хоним» шуҳрат ёфтааст ва ба азамати як бинои олии гузашта шаҳодат медиҳад, боқимондаи ҳамон масҷиди Темур мебошад [2, с. 29].

Ҳамин тариқ, дар замони Темур ва Темуриён монанди Мадрасаи Хоним (ки ҳоло

вуҷуд надорад), Гӯри Мир ва Мадрасаи Улуғбек даҳҳо биноҳои олӣ ба дасти бузургтарин санъаткорони олами меъмории ҷаҳон ба вуҷуд меоянд ва Самарқанд, чи дар қисмати сохтмонҳои бошукӯҳи худ, чи дар нуфуз ва чи дар илм ва санъат ба пешқадамтарин шаҳрҳои Шарқ мубаддал мегардад. Вале ин ободии Самарқанд бисёр давом намекунад, бо инқирози давраи ҳукмронии темуриён дар Мовароуннаҳр Самарқанд низ рӯ ба таназзул ниҳода, осори Темур ва Темуриён ҳам зуд рӯ ба харобӣ мениҳад. Ва чаро осори Темур ва авлоди ӯ зуд рӯ ба вайронӣ ниҳод, муаммоест, ки як қатор муаррихон барои ҳалли он баҳсу мунозираҳо гузарҳо кардаанд [3, с. 30].

Муаллифи «Таърихи Саид Роқим» дар бораи харобии мадрасаи Улуғбек чунин ахбор медиҳад: «Мадрасаи Улуғбек дар соли 823 ҳиҷрӣ (1420 милодӣ) бино гардида, мадраса пештоқи баланд дошта, дар чаҳор ҷониб чор гумбаз буда, чор олим ба омӯхтан ва таълим додани илми ҳайат машғул мешуданд. Чор манора дошта ва худи мадраса дуошёна буда ва дар ҳар равоқи он ҳуҷрае барои ду нафар талаба будааст. Дар ин фурсат, ки 1113 аз ҳиҷрат аст (1701 милодӣ), аз он мадраса ҷуз тоқе боқӣ намонда, алвақт аз талабае, ки сазокини он буданд, ғайр аз ҷуғзи вайронаталаб касе дар равоқи ошёнааш сокин ва мутаваттин нест. Ва аз бузургони мударрис ғайр аз чор гунбази олӣ, ки онҳо низ сари холӣ меҷунбонанд, намондааст» [4, с.15]. Саид Роқим дар бораи сабаби ин харобӣ чизе намегӯяд. Лекин муаллифи таърихи «Самария» масҷиди ҷомеи Темур ва мадрасаи Улуғбекро тасвир карда истода, қайд мекунад, ки ин биноҳои олӣ дар вақти харобии Самарқанд ба ин ҳол афтоданд. Тибқи гуфтаи ӯ, ошёнаи дуюми мадрасаи Улуғбек бо баҳонае аз тарафи ҳокимони сулолаи ӯзбакия вайрон карда шудааст. Масалан ӯ менависад:«Мадрасаи Улуғбек ду ошёна будааст. Дар айёми харобии Самарқанд баъзе аз ҳокимони ҷамоаи ӯзбакия ошёнаи болои он мадрасаро саркӯби арки олӣ гуфта, вайрон кардаанд, алҳол як ошёна мебошад» [5, с.16].

Профессор Вяткин низ ду ошёна будани мадрасаи Улуғбекро тасвир мекунад, аммо дар хусуси чӣ гуна аз байн рафтани ошёнаи дуюмини он чизе намегӯяд [6, с.21].

Профессор А. А. Семёнов, дар бораи сабаби хароб шудани ошёнаи дуюми ин мадраса, фикри муаллифи «Самария»-ро тасдиқ карда истода, илова мекунад, ки эҳтимол дорад қабати болои мадраса дар аввалҳои асри XVII аз тарафи намояндагони сулолаи ӯзбекон хароб карда шуда бошад [7, с. 22].А. Мирзоев ин фикр ба ҳақиқат наздик аст, зеро дар ин ҷо бояд инро қайд кард, ки воқеаи аз байн рафтани ошёнаи дуюми мадрасаи Улуғбек пас аз соли 1028 ҳиҷрӣ (1618 милодӣ) рӯй дода наметавонад, зеро агар дар ин вақт ошёнаи дуюми ин мадрасаро аз сабаби «саркӯби арки олӣ буданаш» (яъне аз арки олӣ баланд будан), хароб карда шуда бошад, ошёнаи дуюми мадрасаи «Шердор», ки аз тарафи Ялангтӯш баҳодур ном умарои Имомқулихони Аштархонӣ дар соли 1028 ҳиҷрӣ, дар муқобили мадрасаи Улуғбек сохта шудааст, низ бояд хароб карда мешуд [8, с.30].

Профессор Н. И. Веселовский дар сарсухани худ, ки ба муносибати ба чоп тайёр кардани таърихи «Самария» навиштааст, доир ба масъалаи сабабҳои харобии Самарқанд, муаллифи таърихи «Самария» -Абӯтоҳирхоҷаро сахт танқид карда истода, менависад: «Муаллифи таърихи «Самария» ба таърих тамоман аҳамият намедиҳад. Масалан: ӯ хароб шудани баъзе биноҳоро борҳо хотиррасон намуда, дар бораи аз чи сабаб рӯй додани ин харобӣ чизе намегӯяд».Баръакс назар ба он чизе, ки дар «Туҳфат-ул-хонӣ» гуфта шудааст, ӯ метавонист ба мо бештар маълумот диҳад. Яке аз ҳуҷҷатҳои вақфи масҷидҳои «Шердор» ва «Тиллокорӣ», ки дар соли 1804 тартиб ёфтааст, чунин маълум мешавад, ки харобии Самарқанд дар замони Абдулфайзхон рӯй додааст.

Мувофиқи ақидаи Веселовский, Раҷабхон ном шахсе худро хон эълон карда, қалмоқҳо ва қазоқҳои кӯчманчиро дар атрофи худ муттаҳид карда дар миёнаи солҳои 1721-1722 ба Мовароуннаҳр ҳуҷум намуда, лашкари Бухороро шикаст дода, водии ҳосилхези Миёнколро забт карда, 7-сол дар дасти худ нигоҳ дошт. Ва қазоқҳою қалмоқҳо водии ҳосилхези Миёнколро ҳамчун чарогоҳи ҳайвонҳои худ истифода бурданд, ки дар натиҷа Самарқанд тамоман хароб шуд. Ин харобӣ то ҳамин дараҷа буд, ки амир Шоҳмурод ҳарчи ҳаракат карда бошад ҳам, вақти зиёде натавонист харобии Самарқандро ислоҳ кунад. Ягона сарчашмае, ки Веселовский ба ин хулоса меояд «Тӯҳфат-ул-хонӣ»-и Муҳаммад Вафои Карминагист ва агар равшантар гӯем, ин ҳамон фикрест, ки муаллифи «Туҳфат-ул-хонӣ» ифода кардааст. Масалан, Муҳаммад Вафо ин воқеаро чунин тасвир мекунад: «Баъзе аз умарои ӯзбакия ва элоти музофоти мухолифат ва туғён карда, Раҷабхонро дар Самарқанд подшоҳ бардошта ва ҳуҷум карда, чандин вақт дар мобайн муҳориба ва муқотала шуд, қазоқҳо аз фишори қалмоқҳо кӯчида, ба Мовароуннаҳр омада буданд. Раҷабхон онҳоро бо худ ҳамроҳ карда, лашкари Бухороро шикаст дод. Пас қазоқҳо чандин сол зироати Самарқандро ба мавошии (ҳайвоноти) худ хӯрониданд, Самарқанд тамоман хароб шуд. Масҷид ва мадрасаҳо тамоман хароб буд. Пас аз соли (1776-1777) милодӣ сар карда, ба ободии Самарқанд кӯшиданд. Амир Дониёлбий барои ин кор фарзанди худ Шоҳмуродро ба Самарқанд ҳоким кард. Шоҳмурод пас аз амир шудани худ, дар соли 1199 ҳиҷрӣ вақфномаҳоро барқарор намуд».Абдулғанӣ Мирзоев менависад,

ки «дар ин ҷо аз ду сабаб ба фикри Муҳаммад Вафои Карминагӣ ва профессор Веселовский ҳамроҳ шуда наметавонем, аввал ин ки, муаллифи таърихи Саид Роқимӣ менависад, ки дар соли 1701, яъне 20 сол пештар аз воқеаи Раҷабхон, ҳамчун мадрасаи Улуғбек, осори Темуриён рӯ ба инҳидом ниҳода буданд. Дуюм ин ки воқеаи Раҷабхон, мумкин аст ба харобии Самарқанд таъсири зиёде карда бошад, лекин қатъи назар аз дигар сарчашмаҳо сабаби харобии Самарқандро танҳо аз ин воқеа ҷустуҷӯ кардан хатост.

Мо (Абдулғанӣ Мирзоев) муаллифи таърихи «Самария»-ро мудофиа карданӣ нестем, лекин мумкин аст ӯ дар бораи сабабҳои харобии осори гузашта ба фикри «Туҳфат-ул-хонӣ» қаноат накарда, ҳамчун равияи як қатор муаррихони гузаштаи Шарқ хароб шудани биноҳоро ба давраи харобӣ ҳавола намуда, дар бораи вақти харобӣ ва дигар сабабҳои он чизе нагуфта, масъаларо сарпеч гузошта рафта бошад» [9, с.91].

Мувофиқи ақидаи А. Мирзоев, Малеҳои Самарқандӣ дар тазкираи худ ин масъаларо тамоман тарзи дигар тасвир карда, сар шудани харобии осори Темур ва темуриёнро, назар ба воқеаи Раҷабхон, тақрибан 137 сол ақибтар бурдааст. Масалан, ӯ чунин менависад:

«Мардуми кӯҳансол аз пирон шунидаанд,ки Абдуллохон, ки дар тарвиҷи вилояти фохираи Бухоро кӯшид ва иморати олӣ ва буқъоти хайри мутаолӣ бино кард, бар хилофи он дар Самарқанд хиште ба ҷиҳати биноии хайр нагузоштааст. Зиёдатӣ он, ки бар хилофи хавоқини ҷағатой ҳар ҷо иморати олии Темурия буда, дар инҳидоми он кӯшидааст. Яке аз он ҷумла масҷиди ҷомеи Самарқанд аст, ки аз тарафи ҷануб ва шимол ду офоқ ва аз тарафи шарқӣ ду офоқро мунҳадим сохтааст. Ва шоҳиди ин муддао дурии масҷиди Газ мебошад. Собиқ масофати байни онҳо як газ буда ва аз ҳамин сабаб масҷиди Газ мегуфтаанд. Ҳоло масофати байни Масҷиди Ҷомеъ ва масҷиди Газ як тирандоз роҳ аст. Ва асари вайрон кардани тоқҳои масҷиди мазкур бар назаркунандагон маълум мешавад» [10, с. 31].Аз умарои Абдуллоҳхон Кулбобо Кӯкалтош барои баъзе таъмирот дар Самарқанд кӯшиш карданӣ шуда, ба ғазаби хон дучор мешавад. Бинобар ин, ӯ барои аз худ бартараф кардани ғазаби Абдуллоҳхон дар Бухоро, дар наздикии ҳавзи Надир Девонбегӣ, ки баъд ба вуҷуд омад, мадрасаи Кукалтошро бино мекунад [11, с. 31].

«Дигар аз ҷумлаи кардаҳои Абдуллоҳхон, мегӯяд Малеҳо, мадрасаи Хоним аст, ки дар муқобили масҷиди ҷомеи соҳибқирон, Амир Темури Курагон воқеъ буд. Ӯ ин мадрасаро ба навъе вайрон кард, ки ҷуз гумбази гӯрхонаи хоним, асаре боқӣ намондааст. Умарои Абдуллоҳхон бо дастури ӯ дар Бухоро иморатҳо бино кардаанд, ва сад сол бештар аст, ки Самарқанд, дар харобӣ ва Бухоро дар ободонӣ мебошад» [12, с. 32].

Тибқи гуфтаи Малеҳо, Абдуллоҳхон на танҳо бо хароб кардани осори дар Самарқанд гузоштаи Темуриён қаноат кард, балки аз хароб намудани дигар осори Темуриён низ даст накашидааст: «Вилояти Кеш, ки иборат аз Шаҳрисабз аст аз шаҳрҳои қадим аст. Аввал пойтахти Амир Темур буда, дар таърихи 1103 ҳиҷрӣ (1691 м) ба дастури Самарқанд хароб аст. Дар ин ҷо иморот аз салотини ҷағатоӣ бисёр аст: масҷиди ҷомее дорад, ки амир Улуғбек бино кардааст. Қабри шайх Кулол дар ялии (наздикии) он аст ва дар ялии он мадрасаест Дор-ут-тилло ва ном ва мадрасаи дигар буд маъа гурхонаи Амир Тарағой. Гӯрхонаи Мирзо Ҷаҳонгири ибни Соҳибқирон дар ҷавори мазори Имом Шайбонист. Абдуллоҳхон он мадрасаро бо ҳамроҳии гӯрхонаи Ҷаҳонгир Мирзо хароб сохт. Ва аз ҷумлаи имορати Амир Темур танҳо тоқии ҷилавхонаи давлатсарои ӯ боқӣ мондааст».Харобие, ки дар Самарқанд дар аҳди салтанати Абдуллоҳхон шурӯъ мешавад, дар замони ҳукмронии Субҳонқулихон (1680-1702), боз бадтар мегардад «Дар аҳди салтанати ду бародар -Абдулазиз ва Субҳонқулӣ, - мегӯяд Малеҳо, Балх ва Бухоро ба навъе ободон гардид, ки шарҳ надорад ва дар ибтидои салтанати хони Ҳолӣ Самарқанд низ хуб буд. Лекин аз таърихи 1669 милодӣ усрате, тороҷ ва яғмое, ки дар Самарқанд воқеъ шуд, хусусан баъд аз мутасарруф шудани Анушахони Урганҷӣ, Самарқандро ободиаш ба вайронӣ ва маъмуриаш ба харобӣ мубаддал гардид. Муқимонаш ҷилои ватан гардида, мусофарат ихтиёр карданд. Ва асари бемурувватӣ ва беилтифотии Субҳонқулихон гардид, ба иттиҳоми он, ки мардуми Самарқанд Анушахонро беҷангу ҷидол дохили шаҳр кардаанд, ҳукм ба қатли мардуми ӯ фармудаанд.

Ва тоифае аз мардуми юзро гузошта, аз пайи ҷурме ҷурмона аз мардуми Самарқанд гирифтанд ва аз тааддӣ чунон шуд, ки аз бевазане маблағе гирифтанд, ки ба солҳо аз уҳдаи адои он набаромад. Дигар он ки Субҳонқулихон дар ҷамъи қаламрави худ, хусусан дар Самарқанд, ҳар сол 7-сола баротро – андозро муқаррар карда меситониданд. Агар шахсеро як танга додан лозим буд, 7 танга мегирифтанд. 70 чанди дигар ба қалами девониён ва арбоб хароҷот мебаромад ва заминҳои милк, ки аз аҳди хилофати Умари ибни Хаттоб милк шуда буд, мулкона гӯён чандон гирифтанд, ки соҳибонаш ба касе муфт медоданд, касе намегирифт. Самарқанд навъе хароб шуд, ки агар қарнҳо гузарад, онро натавон ба ислоҳ овард. Аз мардумонаш ҷуз номе боқӣ намонда, ҷамоае аз ӯзбек (ҷониён) дар даруни ҳисораш ба навъе дасти тааддӣ дароз карданд, ки қалам аз баёни он кӯтоҳ аст, даруни балдаро ин ҳолат бошад, аз саҳрои он ҷӣ гуфта шавад».

Сабаби харобии осори Темур ва Темуриён на фақат ба воқеаи Раҷабхон, балки ба

сиёсати пешгирифтаи Абдуллоҳхони Шайбонӣ сахт алоқаманд аст. Абдуллоҳхон, ки охирин намояндаи давлати ҷағатоиро дар Бадахшон танҳо дар соли 1584 барҳам дода, ғалабаи давлати Шайбониёнро бар зидди сулолаи куҳна –Темуриён тамоман таъмин намуда ва Осиёи Миёнаро ба атрофи як марказ муттаҳид карда буд, на танҳо бар зидди тарафдорони Темуриён мубориза мебурд, балки барои ба куллӣ аз байн бурдани таъсири Темуриён низ кӯшиш менамуд. Зоҳиран ӯ ободии пойтахти давлати темурӣ ва мавҷудии осори Темуриёнро яке аз воситаҳои ба зуди барҳам наёфтани таъсири сулолаи кӯҳна медонист. Ин буд, ки ӯ, аз як тараф, то андозае тавонист осори Темур ва Темуриёнро хароб намояд ва аз тарафи дигар, дар Самарқанд, ки пойтахти давлати Темуриён буд, ҳеҷ як иморате бино накарда, баръакс ба ободии Бухоро кӯшид, то ки ин шаҳр ҳамчун як маркази илмӣ ва сиёсии давлати Шайбониён пурқувват гардида, Самарқанд аҳамияти худро тамоман аз даст диҳад [13, с. 32-35].

Самарқанд дар замони ҳукмронии Имомқулихони Аштархонӣ (1611-1642) андаке ба ҷон даромада ва дар он ҷо баъзе биноҳои олӣ ба вуҷуд омада бошад ҳам, дар замони Субҳонқулихон, ки зулм ва истисмор ниҳоятдараҷа қувват гирифта, махсусан гурӯҳҳои меҳнатии аҳолии Самарқанд ба фишори табақаи ҳоким бештар дучор гардида буданд, харобии Самарқандро меафзояд. Ин аст, ки воқеан Раҷабхон, ки Муҳаммад Вафои Карминагӣ, Веселовский ва профессор Вяткин сабаби ягонаи харобии Самарқанд ва осори замони Темуриёнро аз он ҷустуҷӯ кардаанд, аҳамияти худро то андозае гум мекунад, яъне ин воқеа сабаби аввалин ва асосии хароби намуда, балки ҳамон харобии дар вақти Абдуллоҳхон ва Субҳонқулихон рӯй додагиро пурқувват кардааст [14, с. 22-23].

Дар соли 1099 ҳиҷрӣ (1688 м) Зарбастхон ном умаро ба элчигарӣ аз Ҳиндустон ба хизмати Субҳонқулихон омад. Аврангзеб подшоҳ ба сокинони мазори Амир Темур даҳ ҳазор рупия фиристода буд. Элчӣ маъмур ба ин хизмат буд, ки ба масраф расонад. Баъд аз мулозамат элчии мазкур иҷозат талабид, ки аз Бухоро ба Самарқанд рафта, хизмати худро мувофиқи фармудаи соҳиби худ адо созад. Рухсат аз Саид Субҳонқулихон наёфт. Оқибат-уламр Хоҷа Абулмаониро элчӣ ба Самарқанд аз Бухоро фиристонид. Субҳу шом аз хавос ва авом рӯзе ду навбат ба дарбори воқеанависи мазкур ҳозир буданд, ки ҳашри акбар ва ғавғои машҳар ба рӯйи кор омада буд. Хоҷа Абулмаонӣ худ аз Хуросон ва нашъунамо ёфта дар Ҳиндустон ва ҳамсуҳбат бо мардуми Эрон буд. Ба ҳар кадом, ки мулоқот менамуд, бо он ки лоиқ набуд, ӯ имое мекард, ки мустаҳқиқи ҳазор рупия туӣ ва ба ту хоҳам таслим намуд. Муддате бад-ин восита шӯре ва ғавғое дар Самарқанд буд.

Дафтаре кард, ассомии мардумро аз вазеъ (нокас) ва шариф, гадо ва фақир ба рӯйи коғаз кард, ба навъе ки фарде боқӣ намонд. Ва тафвиз барои Миркушо, ки қозикалони Самарқанд буданд, гузошт, ки эшон муҳр дар ин қоғаз созанд ва ба ҳар кас лоиқ мебинанд, амр фармоянд, ман ин хизматро дар вилояти фохираи Бухоро рафта ба элчӣ гуфта ба тақдим расонам. Қозии мазкур фикри ӯро донистанд, ки маҳз андешаи ботил аст, ба нодурустии қавли ӯ ҳукм карда, ба хат муҳр накарданд, ки хотираш ба парешонӣ мубаддал шуд. Дар давлатсарои ӯ ҷӯши маҳшари кӯчак аз омаду шуди бузургон буд. Ӯ рӯзе чанд бад-ин монанд дар Самарқанд буд ва аз он маблағи овардаи куллӣ ҷузъе ба мударисони мадраса ва ҳиффоз (нигаҳбонон) дода, бозгашт ба сӯйи элчӣ кард. Яъне, хонадони ҷониён монеаи ободии Самарқанд аз ҷониби элчии могулҳои бузурги Ҳинд шуданд [15, с. 12-15].

Хулоса, яке аз сабабҳои асосии ба зудӣ хароб шудани мероси фарҳангии Темуриён аз ҷониби Шайбониёну Ҷониён ин аз нажодҳои ӯзбекӣ ва муғулӣ будани ин хонадонҳо мебошад. Баробари ба сари қудрат омадани сулолаҳои ӯзбекии Шайбониёну Ҷониён, ки мероси фарҳангии сулолаи Темуриёни муғул барои онҳо бегона буд, аз пайи тамоман хароб намудани ин мероси бойи фарҳангӣ дар Самарқанду Кеш (Шаҳрисабз) ва Балх шуданд. Ӯзбекон мехостанд, ки бо ин амалашон шуҳрати сулолаи мағлубро дар байни мардум тамоман коста кунанд. Ин кор баъд аз соли 1584 мелодӣ, ки Шайбониён охирон ҳокими Темуриёнро дар Бадахшон мағлуб карданд, боз шидатноктар шуд. Сулолаҳои ӯзбекии Шайбониёну Ҷониён даст ба ободии танҳо Бухоро заданд, то ки ба мисли сулолаи азбайнрафтаи Темуриён дар байни омма машҳур шаванд. Ӯзбекон бо ин амалашон мехостанд ба мисли Темуриён диққати оммаро ба ҷониби худ равона кунанд. Аз миёни оммаи бумӣ ба мисли Темуриён тарафдорони худро ёбанд [15, с. 33].

**Муқарриз: *Ғуломов Т.М.* – номзади илмҳои таърих, дотсенти ДМТ**

## АДАБИЁТ


1. Мирзоев Абдулғанӣ. Муҳимтарин сарчашмаи адабиёти асри XVII. -Шарқи Сурх» р5. - 1940. –С. 21-25).
2. Мирзоев А. Таърихи Саид Роқим / А. Мирзоев. - Нусхаи дасхати рақами 49, боби 48, китобхонаи ш. Сталинобод.
3. Абу –Тоҳирхоҷа. Самария. -Санкт-Петербург, 1904. –С. 15-16.
4. Вяткин В. Памятники древностей Самарканда / В.Вяткин. - Издание второс. -Самарканд, 1929. -С. 2.
5. Семёнов А. А. Материальные памятники иранской культуры в Средней Азии / А. А. Семёнов. – Сталинобод, 1945. –С. 22.
6. Веселовский Н. И. Тӯҳфат-ул-хони / Н. И. Веселовский. - Нусхаи дастхати муаллиф. –С. 91.

7. Абдулғанӣ Мирзоев. «Муҳимтарин сарчашмаи адабиёти асри XVII». қ. 2 -Шарқи Сурх р7. – 1941. –С. 31-35.
8. Мирзоев А. Таърихи Саид Роқим / А.Мирзоев. - Нусхаи дасхати рақами 50, боби 50, китобхонаи ш. Сталинобод.
9. Абу –Тоҳирхоҷа. Самария. -Санкт-Петербург, 1905. -Қ. 2. –С. 16-18.
10. Вяткин В. Памятники древностей Самарканда /Вяткин В. - Издание вторoс. -Самарканд, 1930. -Т.2. –С. 5.
11. Семёнов А. А. Материальные памятники иранской культуры в Средней Азии / А. А. Семёнов. – Сталинобод, 1948. -Т. 2. –С. 33.
12. Веселовский Н. И. Туҳфат-ул-хонӣ / Н. И. Веселовский. - Нусхаи дастхати муаллиф. –С. 94.
13. В. А. Шишкин. Шаҳрҳои Ӯзбекистон / В. А. Шишкин. –Тошканд: Фан, 1943. –С. 16-17.
14. Вамбери Г. Таърихи Бухоро ё Трансоксания / Г. Вамбери. –Санкт Петербург, 1873. -Қ.1. -С. 99-100.
15. Вамбери Г. Таърихи Бухоро ё Трансоксания / Г. Вамбери. -С.-Петербург, 1875. -Қ.2. -С. 80-83.

## ТАЗКИРАИ МАЛЕҲО ВА БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ ТАЪРИХ

Дар мақолаи мазкур гуфта мешавад, ки Абдулғанӣ Мирзоев дар такя ба тазкираи Малеҳои Самарқандӣ, сабабҳои асосии харобшавии ёдгориҳои фарҳангии сулолаи Темуриёнро пас аз сукути ин сулола муайян намудааст, ки омили асосии харобшавии мероси фарҳангии сулолаи Темуриён, маҳз омили инсонӣ буд. Аниқтараш сулолаҳои нав ба сари қудрат омадаи ӯзбакия, аз ҷумла Шайбониёну Аштархониҳо. Сулолаҳои ӯзбакия бо ин амали харобиовари худ мехостанд шуҳрати дар миёни раияти бумӣ, яъне тоҷикон доштаи Темуриёнро аз байн баранд. Бинобар ин, ёдгориҳои фарҳангии замони Темуриёнро дар шаҳрҳои Самарқанду Кеш ва водии Миёнкол хароб намуданд ва баръакси ин даст ба ободонии Бухоро заданд. Бо ин амалашон мехостанд ба мисли Темуриён дар миёни раияти бумӣ машҳуру номдор шаванд.Сабаби асосии ба ин кор даст задани сулолаҳои ӯзбекия дар он буд, ки қабилаҳои барлоси аз нажоди ғайри ӯзбекӣ буданд. Онҳо тақрибан 4-5 ҳазор нафар дар зери роҳбарии фарзанди калонии Чингизхон Джуҷи дар асри XIII милодӣ баъди мағлуб намудани давлати Хоразмшоҳиён ба водии Шаҳрисабз омада маскун шуда буданд. Дар инҷо онҳо бекигарии худро ташкил намуданд. Бо мурури замон онҳо бо қабилаҳои турки омезиш ёфта, бо забонҳои тоҷикӣ, туркӣ ва муғулии чағатоӣ озодона гап мезаданд. Як қатор қабилаҳои муғулии Осиёи Миёнаву Эрону Афғонистон, ки дини исломро қабул карда буданд. Аз қабилаҳои муғулии ғайри мусулмон ҷудо шуда, худро бо номи қабилаашон муаррифӣ мекарданд.

**Калидвожаҳо:** Бухоро, Самарқанд, Кеш, Миёнкол, Темуриён, Шайбониён, Ҷониён, қипчоқҳо, қалмоқҳо, Раҷабхон.

## ЛЕТОПИСЬ МАЛЕХО И НЕКОТОРЫЕ ИСТОРИЧЕСКИЕ ВОПРОСЫ

В данной статье рассматривается вопрос о разрушении исторических памятников династии Тимура. Абдулгани Мирзоев, основаясь на летописи Малехо, утверждает, что причиною их разрушения стал человеческий фактор. По его мнению, их разрушили узбекские династии Шайбониды и Аштарханиды. Данные династии хотели затмить достижения Тимуридов и уменьшить их славу среди коренного населения. Именно поэтому они разрушали исторические памятники в Самарканде и Кеше, но стремились развивать Бухару. Своими действиями они хотели завоевать поддержку народа. Основная причина, по которой узбекские династии поступили так, заключалась в том, что племена барласов не принадлежали к узбекской расе. Около 4-5 тысяч из них пришли в Шахрисабзскую долину в XIII веке нашей эры после разгрома Хорезмского государства под предводительством старшего сына Чингисхана Джуджи. Здесь они сформировали собственное дворянство. Со временем они смешались с тюркскими племенами и свободно говорили на таджикском, турецком и монгольском чагатае. Но узбекские племена принадлежали к другой расе - Джуди Шибаниды. Ряд монгольских племен в Средней Азии, Иране и Афганистане обратились в ислам.

**Ключевыее слова:** Бухара, Самарканд, Кеш, Мянкол, Тимуриды, Шайбаниды, Джаниды, кипчаки, калмыки, Раджабхан.

## CHRONICLE MALEHO AND SOME HISTORICAL QUESTIONS

In this article reviewed the problem of destroying historical memorials of Temur dynasty. Abdulghani Mirzoev is based on Maleho's chronicle claimed that the main reason of their destroying was human factor. According to him they were destroyed by uzbekian dynasties Shayboniyon and Ashtarkhoniyon. This dynasties wanted to obscure Temurian's fame among native persons. Cause of this they destroyed historical memorials in Samarqand and Cesh and against of it developed Bukhoro. They want to achieve people's support by it. The main reason for the Uzbek dynasties to do so was that the Barlas tribes were of a non-Uzbek race. About 4-5 thousand of them came to the Shahrisabz valley in the 13th century AD after the defeat of the Khorezm state under the leadership of the eldest son of Genghis Khan Juji. Here they formed their own nobility. Over time, they mingled with the Turkic tribes and spoke Tajik, Turkish, and Mongolian Chagatai fluently. But the Uzbek tribes were of another race, the Judy Shibanids. A number of Mongol tribes in Central Asia, Iran, and Afghanistan converted to Islam. They separated from the non-Muslim Mongol tribes and introduced themselves by the name of their tribe. One such tribe was the Barlas, the Shibanids, and the Moguls. Enmity between the Barlas and the Shibanids dates back to the reign of Amir Temur (1370-1405). During the two centuries, namely the XIV-XVI centuries, there were several violent clashes between them.

**Keywords:** Bukhara, Samarqand, Cesh, Miyonqold, Temurian, Shayboniyon, Joniyon, Qipchoq, Kalmik, Rajabkhon and chronicle «Samariya».

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Ахмедов Фаррухзод Хасанович*** – Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, ассистенти кафедраи фанҳои гуманитарӣ. **Суроға**: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14. Телефон: **985-01-59-26.**

**Сведение об авторе:** ***Ахмедов Фаррухзод Хасанович*** - Таджикский государственный финансово – экономический университет, ассистент кафедры гуманитарных дисциплин. **Адрес:** 734067, Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова, 64/14. Телефон: **985-01-59-26.**

**Information about the author:** ***Akhmedov Farrukhzod Khasanovich*** - Tajik State Finance and Economics University, assistant of the Department of Humanities. **Address:** 734067, Tajikistan, Dushanbe, st. Nakhimov, 64/14.
Phone: **985-01-59-26.**

УДК:13(575.3)

# ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВИИ АФКОРИ АХЛОҚИИ АРАСТУ ВА ФОРОБӢ

*Амондуллоев Б.С., Давлатов П. Н.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар таърихи афкори фалсафӣ Арасту ва Форобӣ бо мероси пурғановати худ мақоми арзандае касб намудаанд. Масоили ахлоқӣ яке аз мавзӯъҳои меҳварии таълимоти фалсафии онҳо ба ҳисоб меравад. Арастуро аксари сарчашмаҳо ба ҳайси поягузори илми ахлоқ муаррифӣ мекунанд. Таъсири афкору андешаҳои фалсафии ӯ дар қатори дигар мутафаккирон ба Форобӣ низ зиёд аст. Аз мутолиаи осори Форобӣ бармеояд, ки заминаҳои муҳимтарин андешаҳои фалсафии ӯро маҳз таълимоти Арасту ташкил мекунад. Барои муқоиса намудани афкори ахлоқии Арасту ва Форобӣ, пеш аз ҳама, ба осор ва усули андешаронии ин мутафаккирон таваҷҷуҳ намудан лозим меояд. Зеро, бебаҳс, муҳимтарин сарчашмаи шинохти ҳар донишманде осори ӯст.

Форобӣ дар бисёр маврид ба Арасту пайравӣ намуданашро таъкид намуда, бардошти вофире аз ӯ доштааст, ки мегӯяд: «масоили нахустини фалсафа ва равишҳояш навсохтаи ин ҳаким аст» [2, с.26]. Аммо усулан ба таҳлили осори ин мутафаккирон пардозем, ҳам аз лиҳози шаклу мазмун ва ҳам аз ҷиҳати услубу тарзи баён миёни онҳо илова ба ҳамоҳангӣ фарқияти ҷиддӣ низ зоҳир мегардад. Пурра ба афкори ҳакимони юнонӣ пойбанд нашудани баъзе аз уламои саршиноси мусулмон, махсусан Форобиву Ибни Синоро ҳанӯз Ибни Халдун таъкид карда буд [1, с. 947]. Албатта, тарзи ҷаҳоншиносӣ, услуби тафаккуру сохтори ғоявӣ ва симои фалсафии замон асосҳои маданияти ҳар давра аст. Тарзи ибрози андеша асосҳои маданияти давраро муайян мекунад. Ин мазмунро Карл Маркс чунин ифода мекунад: «Ҳар гуна фалсафаи ҳақиқӣ ҷавҳари замони худ ва рӯҳи махсуси зиндаи маданиятҳоро ташкил медиҳад» [16, с. 105].

Таъсири мусбии ҳакимон дар ташаккули тафаккури ахлоқиву фалсафии инсоният хеле назаррас аст. Файласуфон бо офаридани осори фалсафиву ахлоқӣ дар таълиму тарбияи инсоният саҳиманд. Бинобар ин омӯзиш ва таҳлилу баррасии афкори файласуфони барҷаста яке аз муҳимтарин вазифаҳои муҳаққиқони имрӯза аст, то дар асоси он моҳияти ғояҳои инсонпарварона, созандагӣ, таҳаммулпазирӣ ва махсусан ахлоқии бузургони ҷаҳони андеша, ки дар ташаккули шахсияти имрӯза низ ниҳоят муҳим аст, баҳри рушди ҷомеаи солим равшан карда шавад.

Баҳси ахлоқ таърихи хеле тӯлонӣ дорад, аммо бо такя ба сарчашмаҳои бостонӣ метавон бо дилпурӣ гуфт, ки ин баҳс то як аср пеш аз Арасту натавониста аз доираи амру наҳй, панду андарз ва ташвиқу тарғиби кори нек берун равад. Яъне, муназзамияте, ки хосси илмият аст, дар ин баҳс, то фалсафаи классикии Юнони бостон дида намешавад [15, с.15]. Агар ба таърихи ташаккули ахлоқ таваҷҷуҳ шавад, он дар замоне ҳамчун илми мустақил арзи ҳастӣ намуд, ки дар тафаккури сиёсии юнониён таҳаввулоте ба амал омад ва онҳо пас аз мағлуб сохтани гурӯҳҳои мухталифи мухосимонашон ба ташкили империяи мутамарказ шурӯъ намуданд ва ба меъёрҳои умумии иҷтимое, ки тавонад онҳоро пайванд бидиҳад, ниёзманд гардиданд.

Тадриҷан, дар асрҳои миёна тавассути тарҷумаи осори мутафаккирони юнонӣ мусулмонон бо расоили мухталифи ахлоқии ғарбиён ошно гардиданд, ки маъруфтарину муътабартарини онҳо асарҳои ба ин мавзӯъ бахшидаи Арасту мебошанд. Зеро усули ҷаҳоншиносии ин мутафаккир идеалистӣ буда, осори ахлоқии ӯ бо идеологияи исломӣ аз бисёр ҷиҳатҳо ҳамоҳангӣ дорад. Аз ин рӯ, дар олами ислом таваҷҷуҳи мусулмонон аз миёни осори фалсафии юнонӣ ба масоили ахлоқӣ бештар буда, яке аз осоре, ки мавриди пазироиши аксари муҳаққиқони мусулмон қарор гирифт, кутуби ахлоқии Арасту маҳсуб мешавад.

Ин асарҳо асосан ба забони арабӣ, ки дар он давра чун забони илмиву идорӣ ва муоширати байналхалқӣ хидмат менамуд, тарҷума мегардиданд. Осори илмии тарҷумашуда «дар олами ислом ва араб муҷиби чунон инқилоби фикрӣ, фарҳангӣ ва

луғавӣ гардид, ки дар тамоми таърихи тамаддуни башарӣ назир надошт» [22, с. 342]. Баъдан баръакс, тарҷумаи мутуни илмӣ-фалсафӣ аз забони арабӣ ба лотинӣ... ривоҷи хос ёфт [13, с. 299] ва ба яке аз муҳимтарин заминаҳои ташаккули афкори фалсафии ғарбиён мубаддал гардид.

Ҳамзамон, дар шароити футуҳоти араб, нобаробарии иҷтимоӣ ва садрнишинии аъроб дар ҷаҳони ислом ба масоили ахлоқӣ талаботи иҷтимоӣ бештар гардида буд, ки файласуфонро наметавонист дар ин масъала бетараф гузорад. Абӯнаср Муҳаммад ибни Муҳаммад ибни Тархон ибни Узлағ маъруф ба Форобӣ аз ҷумлаи мутафаккирони шинохтае дар ин ҷода ба ҳисоб меравад, ки қисмати умдаи афкори фалсафии худро сарфи баҳси фалсафаи ахлоқ намуда, асосан ба назарияи «ҳадди миёна ё эътидоли тиллоӣ»-и Арасту такя намудааст. Усули таҳқиқи Форобӣ дар низоми ахлоқ бо таълимоти машшоияи ғарбӣ ҳамоҳангии назаррас дорад ва ӯро метавон дар мабоҳиси ахлоқ аз пайравони Арасту ҳисобид. Вале дар байни таълимоти Арасту ва Форобӣ дар бахши масоили ахлоқӣ тафовутҳое низ мавҷуданд, ки дар ин мақола кӯшиш шудааст, то ба ин масъала равшанӣ андохта шавад ва ҳамзамон, равишҳои муштараки ин ду ҳаким низ бознамоӣ гарданд. Аз ин рӯ, мо асосан бо такя ба осори дастраси Форобӣ, таносубу тафовути афкори фалсафии ӯро бо Арасту нишон додан мехоҳем.

Яке аз муҳимтарин сабабҳои ба Муаллими сонӣ мулаққаб гардидани Форобӣ дар он аст, ки ӯ ҳикмати юнониро бо камоли маҳорат тавзеҳ дод ва навовариҳои назаррасе ба он ворид намуд. Махсусан, дар масъалаи фарқ гузоштан ба вуҷуд ва моҳият дар фалсафаи исломӣ ба номи Форобӣ алоқамандӣ дорад. Зеро ӯ бори нахуст ин масъаларо, ки дар «Метафизика»-и Арасту низ ба таври мармуз ишорат шуда буд, қатъан ба миён гузошт ва тафовути онҳоро ошкор намуд. Назаррастарин тафовути фикрии Форобӣ аз Арасту дар ин боб таҳлили мафҳумҳои «вуҷуд» ва «моҳият»-и як чиз аст. Муҳимтарин нукта дар ин боб тавсифи робита миёни вуҷуду моҳияти калимаҳои «ориз» ва «лозим» мебошад. Вуҷуди ориз моҳият аст, яъне чизе аз берун ориз ва ҳодис мешавад. Вуҷуди лозим моҳият аст, яъне ин ду сифат ҷудонопазиранд.

Ба ҳар навъ, ҳарчанд дар ташаккули низоми ахлоқии Форобӣ таъсири таълимоти Арасту хеле зиёд аст, аммо ин таъсир мутлақ набуда, дар он ҷанбаҳои эътиқодии вай низ нақши муҳимме гузоштаанд. Ҳанӯз дар даврони Форобӣ ва аз он баъд баъзе муҳаққиқон ӯро чун ҷамъоварандаи осор ва шореҳи афкори Арасту унвон карда бошанд ҳам, дар бисёр мавридҳо ӯ ба моҳияти ахлоқ бо диди тоза нигариста, чун файласуфи асил баромад менамояд ва амалан исбот менамояд, ки аз усули фалсафии хоссе бархурдорӣ дорад. Барои он ки Форобӣ унсурҳои ахлоқи юнониву исломиро ба ҳам рабт дода, як навъ кӯшиши омехтани эътиқодоту фалсафа мекунад ва барои мутафаккирони сершумори баъди худ ин равишроба мерос гузоштааст, ки ифодакунандаи соҳибмактабии ӯст.

Ҳадафи аслии мо дар ин сатрҳо аз он иборат аст, ки бо такя ба осори ахлоқии Арасту ва Форобӣ дар атрофи масоили куллии ахлоқ, яъне ба саодат расидани инсон ва омилҳое, ки дар ин раванд ба ӯ кӯмак мерасонанд, баҳс намоем ва ба таъсироти арастуие, ки ба воситаи талошҳои мақсад гузоштем, ки саҳми Форобиро дар интиқоли тафаккури фалсафии юнонӣ ба ҷаҳони ислом мушаххас намоем.

Дар тавзеҳу баррасии афкору андешаҳои ба илми ахлоқ алоқамандаш, махсусан дар асари «Таҳсил-ус-саодат» Абӯнасри Форобӣ асосан ба равиши арастуӣ такя менамояд. Аммо агар ба осори ахлоқии адибони мусулмон, ки пас аз Форобӣ кору фаъолият намудаанд, таваҷҷӯҳ намоем, аз ягон ҷиҳате аксари онҳо ба низоми ахлоқии муқаррарнамудаи Форобӣ алоқамандиашонро нишон додаанд. Масалан, чи тавре ки Форобӣ дараҷоти фазилатҳоро ба назариявӣ, халқӣ ва фикрӣ [3, с.61] ҷудо мекунад, Ибни Мискавайҳ низ барои фазоил чандин мартабае қоил аст [12, с.153], ки бозгӯкунандаи таъсирпазирии ӯ аз Муаллими сонист. Ҳамчунин, дар осори ахлоқии файласуфони маъруфи мусулмон, ки дар ин соҳа навгониҳое доранд, ба мисли Ибни Сино дар «Рисола андар ахлоқ», Ибни Мискавайҳ дар китоби «Таҳзиб-ул-ахлоқ ва татҳир-ул-аъроқ», Хоҷа Насириддини Тӯсӣ дар «Ахлоқи Носирӣ» ва Мулло Аҳмад Нароқӣ дар «Меъроҷ-ус-саодат» таъсири таълимоти ахлоқии Форобӣ равшан мушоҳида мегардад. Китобҳои

ахлоқии файласуфони фавқуззикр ҳарчанд дар рӯҳияи ахлоқи исломӣ китобат шудаанд, вале таъсири методи таҳқиқи Арасту дар онҳо мушоҳида мегардад, ки бешубҳа, ба кӯшишҳои пайгиронаи Форобӣ дар ҳамоҳангсозии назарияҳои ахлоқии файласуфони Юнони бостону ахлоқи исломӣ марбут аст. Ба равиши арастуӣ таваҷҷуҳ намудани файласуфони мусулмон ва ҳамзамон ба усули коркарди низоми ахлоқии Форобӣ такя намуданашон нишондиҳандаи он аст, ки дар иртиботи афкори ахлоқии юнониён бо ҳавзаи ахлоқу андешаи исломӣ саҳми Муаллими сонӣ ниҳоят бузург аст.

Ба назари Анри Корбен, Форобӣ «андешаманди амиқан динӣ ва аҳли ирфон низ буд» [9, с. 225]. Ин назари муҳаққиқ дар натиҷаи ба осори доир ба ҳаёти Форобӣ бахшидашуда таваҷҷуҳ намуданаш маншаъ мегирад. Зеро Форобӣ ҳаёти зоҳидонае пеша намуда, Афлотунро идеали зиндагиаш қарор дода буд, ки аз ишороти дар китоби «Ал-ҷамъ байна раъйи-л-ҳакимайн» (Ҳамоҳангии афкори ду файласуф Афлотун ва Арасту)-аш бо равшанӣ бармеояд. Аке аз муҳимтарин ҳадафҳои ин файласуф мувофиқ сохтани афкори фалсафии мутафаккирони классики қабл аз худаш аст. Ӯ бо итминон қайд мекунад, ки «Афлотуну Арасту бунёдгузорони фалсафаанд» [2, с.26].

Албатта, дар масъалаи мувофиқ сохтани афкори фалсафии пешиниён ба тафаккури замонашон олимоне буданд, ки аз Форобӣ пешдастӣ доштанд ва ин масъала мавриди пажӯҳиш қарор гирифтааст: «...гароиш ба ҳамоҳанг сохтан ва вафқ додан ривоҷ ёфта буд», [22, с.400] аммо нисбати тамоми файласуфони пеш аз худаш Муаллими сонӣ муваффақтар буд ва дар ин роҳ дастовардҳои бештар дошт. Форобӣ бовар дорад, ки фалсафа ва ҳақиқати фалсафӣ, ҳарчанд бо равишҳову сабки гӯишҳои мухталиф баён мешавад, аммо якест. Ба хотири исботи ин андеша ӯ китоби «Ал-ҷамъ байна раъйи-л-ҳакимайн»-ро навишт ва дар ин асар бо итминон таъкид менамояд, ки «агар ҳақиқати фалсафӣ воҳид аст, бояд битавон миёни афкори фалосифаи бузург, бавижа Афлотун ва Арасту тавофуқе падид овард» [2, с.25-76]. Ӯ ба ин бовар аст, ки агар миёни афкори фалсафии Афлотун ва Арасту тафовути куллӣ вуҷуд дошта бошад, дар бисёр мавозеи матолиби фалсафӣ «носозгорӣ пайдо мешавад, ки аз се ҳолати таҳтуззикр берун нест:

а) Фалсафа огоҳӣ ёфтан аз мавҷудот аст, ба он гуна ки ҳаст; бо ин таъриф, ки аз моҳияти фалсафа огоҳӣ медиҳад, нодуруст аст;

б) ва ё он ки эътиқоду назари ҳама, ё бештари мардум дар боби фалсафа донистани ин ду мард (Афлотун ва Арасту – А.Б.) пасту беҳуда ва дорои шубҳа аст;

в) ва ё дар шинохту биниши касоне, ки дар ин усул байни ин ду файласуф носозгорӣ гумон бурдаанд, носозие ҳосил аст.

Лекин таърифи фалсафа дуруст ва бо ин кордонӣ баробар аст ва дурустиаш аз диди бахшҳои он аён шуд» [2, с.26-27].

Ҳарчанд Форобӣ мусовоти фикрии Афлотун ва Арастуро зиёд таъкид мекунад, аммо дар таълимоти ахлоқиаш бештар ба равиши арастуӣ такя менамояд. Масалан, Форобӣ ба назар гирифтани ҳадди миёни ифроту тафритро (аз ҳадди зарурӣ зиёд ё кам ҳисобидани чизе), яъне эътидолгароӣ ва ба ҳадди миёна такя намуданро, ки усули арастуиро дар зеҳнҳо ба вуҷуд меорад, василаи ба саодат расидан меҳисобад. Ё Арасту дар муқаддимаи «Ахлоқи Никомах»-аш менависад, ки «ғояти ҳар дониш ва ҳар фан ва инчунин ҳар амал ва ҳар як интихоб амали хайр аст. Аз ин рӯ, ба ҳақ, хайр ғояти ҳама чиз номида шудааст» [10, с.3]. Ҳамин мазмун дар «Китобу орои аҳл-ил-мадинат-ил-фозила» [5, с.105-106] ва «ат-Таълиқот» [4, с. 22] -и Форобӣ низ равшан мушоҳида мешавад, ки нишондиҳандаи пайравии Форобӣ аз равиши арастуист.Ҷанбаҳои мухталифи фалсафаи амалии Форобӣ ба таълимоти Арасту мувофиқат дорад. Масалан, мафҳуми сиёсатро Арасту фарогири ҳама донишҳои амалӣ меҳисобад. Ӯ ба ин назар аст, ки ғояти дониши сиёсат ғоёти ҳама донишҳои дигарро дар худ инъикос мекунад ва ин ғоят ҳамон хайри одамиён ё ба таъбири дигар «саодат» аст, ки ҳам метавонад ҷанбаи фардӣ дошта бошад ва ҳам ҷанбаи иҷтимоӣ[10, с.14] ва қайд мекунад, ки «Инсон ба ҳукм physis мавҷудест, ки барои зиндагӣ дар polis офарида шуда» [11, с.17].

Дар ин масъала Арасту таъкид менамояд, ки нисбат ба фард иҷтимоъ асолати бештаре дорад [10, с. 14-15]. Форобӣ низ айни ҳамин маъниро дар масъалаи маротиби фазоил қайд мекунад ва муътақид аст, ки меъёрҳои ахлоқиро пазироиши гурӯҳӣ муайян

мекунанд [3, с.63-65]. Форобӣ ба мисли Арасту муҳимтарин омили таъмини саодатро дониши сиёсӣ меҳисобид. Ӯ назаррастарин хусусияти мадинаи фозила дар сиёсат мебинад ва онро асоситарин василаи ба саодат расидани мардум медонад. Ба назари Форобӣ, «ҳадафи ғоийи раёсат дар мадинаи фозила дарёфти роҳҳои таҳсили саодати аҳли он мебошад» [5, с.120] ва «ҳадафи ғоийи инсон нил(дарёфт-А.Б.)-и саодат аст» [19, с. 101].

Форобӣ дар асари «Фусус-ул-мунтазиа»-аш ба масоили иҷтимоие, ки дар китоби «Сиёсат»-и Арасту низ ба он таваҷҷӯҳи ҷиддӣ шуда, бо диди нав, ки хоси замонаш буд, менигарад ва мафҳуми ҷавонмардиро васф менамояд. Бояд гуфт, ки дар асрҳои миёна ҷараёне бо номи ҷавонмардон ба вуҷуд омада буданд, ки аз ҷониби муҳаққиқон гуногун тавсиф шудаанд. Ҷавонмард, мувофиқи нишондоди Форобӣ, нафарест, ки «барои мардуми шаҳр хубиҳову хушиҳо расонад ва некӯкорӣ кунад, бе он ки худ ба он дилбастагӣ нишон диҳад» [6, с. 36]. Ӯ шаҳрвандони ба чунин мартаба расидаро аз сиёсатмадорон бартар меҳисобад ва қайд мекунад, ки бархе аз мардумон каромату ҷавонмардиро дар сарвати бештар доштан мебинанд ва мекӯшанд моли зиёдтар дошта бошанд, то обрӯву нуфуз пайдо намоянд, гурӯҳе онро ба аслу табор вобаста медонанд, гурӯҳи дигар бар чира шудан бар мардуми шаҳр ва хор кардану тарсонидани онон мебинанд ва номи ин тоифа «сиёсатмадорони хасису бузургони фурӯмоя аст» [6. с.36].

Агар Арасту дар осори фалсафиаш ба масоили иҷтимоӣ камтар таваҷҷӯҳ намуда бошад ҳам, дар таъйини қоидаҳои ахлоқӣ ба таҷрибаи иҷтимоӣ бештар такя менамуд, чун ӯ ҳадафи ниҳоии инсонро «некӯкорӣ дар раванди ҳаёт» [14, с. 214] меҳисобид ва дарку фаҳми мардуми авомро нисбати зиндагии хуб, ки ба маънои зиндагии саодатмандона истифода мегардид, қабул дошт. Ин равиш дар таълимоти Форобӣ низ мушоҳида мегардад.Дар миёни муҳаққиқони зиёде, ки ба масъалаи шинохти зиндагии саодатмандона таваҷҷӯҳ намудаанд, Арасту ба нисбиятгароӣ дар ахлоқ ва таҷрибии маслакӣ маъруфият касб намудааст. Арасту саодатро дар назарияи эътидолиаш ба хуб истеъмол намудани ғизо ташбеҳ додааст, ки дар он наметавон бо як миқдори муайяне ҳади хуб истеъмол намудани онро маълум намуд. Танҳо метавон чунин бардошт намуд, ки хуб хӯрдан риояи ҳадди миёна миёни пурхӯрӣ ва камхӯрӣ аст [10, с.17].

Дар таълимоти ахлоқии Арасту ҳади миёна баъзан муодили «фазилат» ба кор меравад [10, с. 53]. Дар ин таълимот мафҳумҳои «саодат» ва «фазилат» мавқеи волотаре касб намудааст. Фазилат ифодакунандаи рафтори дуруст ва ба унвони ҳадди васат миёни ифрот ва тафрит баромад менамояд. Разилат бошад дур шудан аз ҳамон «ҳадди васат» аст.

Арасту муътақид аст, ки фазилат муҳимтарин василаи даст ёфтан ба саодат аст. Вале фазоил ба танҳои наметавонад моҳияти куллии мафҳуми саодатро таъмин намояд. Ӯ дар баробари разоили ифрот ва тафрит баъзе аз фазоили аслиро ёдовар мешавад ва онҳоро зидди ҳам баҳогузорӣ намуда, илова менамояд, ки баъзе аз разоил ба ҳадди васат наздиктар менамояд. Масалан, густохӣ, ки яке аз ду тарафи шуҷоат аст ва дар тарафи ифроти он қарор дорад, нисбат ба буздиливу тарсончакӣ, ки тарафи дигар аст, ба шуҷоат наздиктар менамояд. Аз шеваи баёни Арасту метавон натиҷагирӣ намуд, ки вай фазилатро дар маҷмӯъ ба ақлонӣ ва ахлоқӣ ҷудо менамояд. Ӯ қайд менамояд, ки мо фазоили ақлониро ба василаи дастуруламал ё бо омӯзиш (Instruction) ва фазилати ахлоқиро бо одат ё фаъолияти таҷрибӣ (by habit and constant practice) аз худ менамоем. Ба назари ӯ, инсоният фитран дорои қувваи фазоили ахлоқист, вале на бо андешидан ва тахаййул атрофи ахлоқи ҳамида, балки дар амал татбиқ намудани он ба фазилат мерасанд [10, с.53].

Некиву бадӣ мафҳумҳои куллитарину мақулаҳои асоситарини илми ахлоқанд ва тамоми мақулоти дигар дар атрофи онҳо мечарханд ва аз кадом ҷиҳате равшанкунандаи мазомини умумии онҳоанд. Қариб тамоми мутафаккирон нисбати ин мафҳумҳо ибрози андеша намудаанд. Таснифи аъмоли инсон дар робита ба ин мафҳумҳо бори нахуст ба таври муназзам аз ҷониби Арасту сурат гирифтааст. Бо бардошт аз осори ба ахлоқ бахшидашудаи Арасту метавон натиҷагирӣ намуд, ки ӯ кӯшишҳои зиёде ба харҷ додааст, то фазоилу разоили ахлоқиро табақабандӣ намояд, ки минбаъд муҳаққиқони зиёде дар асоси он ҷанбаҳои мухталифи илми ахлоқро таҳлил намудаанд ва Форобӣ аз зумраи онҳост. Лекин таҳқиқот нишон медиҳад, ки ин назарияи арастуӣ камбудӣ низ дорад, чун

дар он тавозуну баробарии фазилат бо ҳадди миёна нишон дода мешавад. Аммо ҳадди миёнаи ҳар чизе на ҳамеша метавонад фазилат бошад, зеро дар таҷрибаи башарӣ ҳолатҳое пеш меоянд, ки шояд дар онҳо амал ба ҳар ду тарафи ҳадди миёна барои фард сабаби расидан ба саодат бошад.Сарфи назар аз имтиёзу камбудиҳояш назарияи ҳадди васати Арасту дар миёни уламои асримиёнагии мусулмон шӯҳрати зиёде касб намуда, мавриди пазироии аксарияти онҳо қарор гирифта буд. Абӯнасри Форобӣ аз ҷумлаи чунин файласуфон аст, ки ба назарияи ҳадди васат ё эътидоли арастуӣ таваҷҷуҳи ҷиддӣ дода, дар мавозеи зиёде ба ин назария такя намудааст. Махсусан, масоили калидии рисолаи «Таҳсил-ус-саодат»-и Форобӣ маҳз дар заминаи таваҷҷуҳи ӯ ба ин назария рӯйи кор омадааст. Таҳлили обективии «Таҳсил-ус-саодат» муайян менамояд, ки Форобӣ дар бахши назарияи эътидол таваҷҷуҳи зиёде ба андешаҳои ахлоқии Арасту дошта, аз усули назариёти ӯ истифода менамояд ва назарияи васатиятро писандидааст.

Ҳаёту фаъолият ва таълимоти ахлоқиву фалсафии Форобӣ ҳанӯз дар асрҳои миёна таваҷҷӯҳи муҳаққиқони зиёдеро ба худ ҷалб намуда буд. Аввалин сарчашмаҳои исломие, ки дар бораи Форобӣ маълумот пешкаш мекунанд, ба муаллифони асрҳои XII-XIII Байҳақӣ, Қифтӣ, Ибни Усайбия ва Ибни Халликон тааллуқ доранд. Далелҳое, ки дар китобҳои онҳо дарҷ шуда, ба замони Форобӣ наздиктар аст ва нисбатан боварибахштаранд [21, с.70]. Вале барои равшан намудани афкори ахлоқиву фалсафии Форобӣ муҳимтарин сарчашма таълифоти худи ӯ маҳсуб мешавад.

Форобӣ ба равиши Арасту фазилатҳоро ба хулқӣ ва нутқӣ тақсим мекунад ва барои ҳар кадом мисолҳое низ меорад[2, с. 106-107]. Муҳимтарин ҳадафи таълифи китоби «Ал-ҷамъ байна раъйи-л-ҳакимайн» (Ҳамоҳангии афкори ду файласуф «Афлотун ва Арасту»)-ро ин файласуф созиш додан миёни андешаҳои фалсафии Афлотун ва Арасту унвон мекунад, зеро ӯ «ин ду файласуфро мазҳари ақли комил медонад» [18, с.203].

Форобӣ дар масъалаи хайри ниҳоӣ ба мисли Арасту муътақид аст, ки меъёри он ба саодат расидан аст. Аммо миёни таълимоти ин ду чунин тафовут низ ҷой дорад, ки саодат барои Форобӣ сирф мафҳуми динист ва ӯ саодатро шинохти воқеии холиқ аз ҷониби инсон меҳисобад. Вай ба ин бовар аст, ки башар тавассути «ақли фаъол» ба мартабаи инсони комил мерасад. Ба назари ӯ, «ақли фаъол иборат аз нахустин рутбаест, ки ҳис аз он аз миёни рутбаҳои рӯҳонӣ мункашиф мешавад» [1, с.1051] Ӯ ақлро ба ҳадафи ба даст овардани саъодати уммиинсонӣ ба амалӣ ва назарӣ ҷудо мекунад. Ба назари ӯ, вазифаи ақли назарӣ шинохти саодат аст ва вазифаи қувваи шавқӣ он аст, ки инсонро ба саодат мутамоил созад. Вазифаи ақли амалӣ он аст, ки дар садади таҳсилу иктисоби он бояд [17, с. 23].Ба андешаи Форобӣ, фазилат ё разолати инсон фитрӣ нест. Ҳарчанд имкон дорад истеъдоди табиии инсон барои анҷоми фазоил ё разоил мусоидат намояд. Ба ҳар навъ, Форобӣ ба иктисобӣ будани аъмол бовар дорад ва итминон дорад, ки «корҳое, ки тавассути онҳо метавон ба саодати ҳақиқӣ расид, хайру накӯкорӣ ва фазилат аст» [7, с.107]. Ӯ муътақид аст, ки инсон ба замми истеъдоди иктисобӣ ба фазилат ё разолат аз истеъдоди табиӣ низ бархӯрдорӣ дорад ва метавонад онро такмил диҳад ё дар натиҷаи беаҳмиятӣ он истеъдодро аз даст бидиҳад [6,с. 34].

Дар масъалаи тавассути амали фазилатмандона даст ёфтан ба саодат Форобӣ бо Арасту комилан мувовиқ буда, ҳар ду фазилатро ҳадди миёнаи ифроту тафрит медонанд [6, с.31]. Дар ин маврид Форобӣ инсонро дар анҷоми афъоле, ки аз вай сар мезанад, соҳибихтиёр ҳисобида, ба ин назар аст, ки «маҳз тавассути фалсафа мо ба саодат мерасем» [20, с.31]. Ин равиши Форобӣ баёнгари он аст, ки мехоҳад миёни андешаҳои диниву фалсафӣ мувофиқате ба вуҷуд орад. Ин ҳам аз мухтассоти тафаккури фалсафии Форобист, зеро ӯ ҳамеша дар масъалаи оштӣ додани дину фалсафа кӯшидааст ва ақоиди диниашро усулан бо фалсафаи юнонӣ мехост ҳамоҳанг созад. Форобӣ таъкид мекунад, ки «...дини муҳаммадӣ бо ҳикмати юнонӣ мутаноқиз нест, ҳарчанд баъзе ихтилофот ва таноқузот дида шавад, вале онҳо ҳама дар зоҳир аст ва беҳтар аст, ки барои рафъи ин таноқузот ба таъвилоти фалсафӣ бипардозем..., то ҳақиқати муҷаррадаро берун кашем» [22, с. 408].

Ин ба он маъно нест, ки Форобӣ саодатро хоси ҳаёти ухравӣ дониста бошад, чунки дар асарҳои гуногунаш борҳо ёд намудааст, ки дастрасӣ ба саодат дар мадинаи фозила

муяссар мегардад [2,3,5,], аммо дар баробари ин ӯ аз «саодати қасбӣ» [8, с. 22] мутазаккир мегардад, ки дар натиҷаи растагорӣ аз қайди ҳиҷоби тан ҳосил мешавад [19, с. 102].

Яке аз хусусиёти таълимоти ахлоқии Форобӣ, ки дар осори Арасту ба он диққати ҷиддӣ дода нашудааст, алоқаманд намудани улуми фалсафӣ бо усули дин маҳсуб мешавад. Махсусан, дар «Китобу ас-сиёсати-л-маданият»-и Форобӣ дар бахши маротиби вуҷуд ин масъала хеле равшан матраҳ мегардад. [8, с.21]. Шаш маротиби вуҷудро Форобӣ дар ин асараш нишон медиҳад, ки ба тариқи зайланд: якум, сабаби аввал, яъне Аллоҳ, дувум, ақсоми самовӣ, ки иборат аз нӯҳ сайёраанд: Самои аввал, Фалаки кавокиби собита, Зуҳал, Муштарӣ, Миррих, Шамс, Зуҳра, Аторуд, Қамар, сеюм, ақли фаъъол, чаҳорум, нафс, панҷум, сурат ва шашшум, модда. [8, с.21-31].

Манзури ӯ аз маърифати маротиби вуҷуд дар он аст, ки ҳар падидаи ахлоқӣ бо ҳадафи муайянест ва мунтаҳои он барои аҳли маърифат саодати ниҳоист. Саодати ниҳоӣ ғоятест, ки пас аз он ғоёти дигар вуҷуд надорад ва ба ин мартаба инсон тавассути ҷидду ҷаҳд ва ақлу ҳикмат метавонад ноил гардад. Дар китоби «Фусул-ул-мунтазиа»-и Форобӣ таъсири назарияи мутавассити Арасту хеле равшан баён шудааст. Масалан, Форобӣ қайд мекунад, ки «Афъоле хайр номида мешаванд, ки муътадил ва мутавассит байни ду тараф: ифрот ва тафрит ҳастанд, ки ҳарду тараф шарранд. Ҳамчунин, фазоил ҳайати нафсонӣ ва малакаҳое ҳастанд, ки байни ду ҳайат, ки ҳарду разилат ҳастанд, қарор доранд» [6, с.31]. Аз ин метавон натиҷагирӣ намуд, ки чунин усули баёни Форобӣ дар асоси назарияи эътидоли арастуӣ ба вуҷуд омадааст. Ӯ дар тақвияти нишон додани мафҳуми «афъоли хайр» низ аз ин равиш истифода намудааст [6, с.31].

Форобӣ дар осораш ду навъи эътидолро, ки яке «Мутавассит фӣ нафсиҳӣ (дар худ)» ва дигаре «Мутавассит бо изофа ва дар қиёс бо ғайр» унвон мешавад, ёд мекунад, ки таҳлили онҳо ба дар ин ҷо, ба назари ин ҷониб, аз манфиат холӣ нест. Ба қавли ӯ, «Мутавассит фӣ нафсиҳӣ» ба чизҳое нисбат дода мешавад, ки миқдори муайяне доранд ва маъмулан имкони тақсими баробари онҳо мавҷуд аст ва ҳамеша ҳосили ин тақсим як адади собит буда, ҳадди миёнаи он маълум аст. Аммо дар навъи «Мутавасит бо изофа ва дар қиёс бо ғайр» масъала сурати дигар мегирад ва дар он мафҳуми нисбият ворид мешавад. Зеро умури мутавассит дар ин сурат дар вақтҳои мухталиф ва ба ҳасби ихтилофи ашёе, ки ба онҳо изофа мегардад, кам ё зиёд мешаванд. Монанди ғизои мутавассит, ки барои кӯдак ва марди комил ба ҷиҳати ихтилофи баданашон ё ихтилофи синнашон ва ғ. гуногун мешавад [6, с.37].

Дар ин замина Форобӣ ба натиҷае мерасад, ки ахлоқи мутавассите, ки дар афъоли одамон ба кор меравад, бояд ба онҳо таълим дода шавад, зеро он авлавият дорад ва нафароне, ки ин меъёрҳоро медонанд ва риоят мекунанд, хушахлоқанд. Аз диди ӯ, маърифатро метавон ба яқинӣ ва қонеъкунанда ҷудо намуд. Маърифати яқинӣ дар бораи мавҷудот ва умуре, ки дар нуфуси мардум чунонки ҳастанд, тасвир мешавад. Маърифати қонеъкунанда бошад, аз тариқи сувари зеҳнӣ ва тақлиду тамсил ҳосил мешавад [19, с.117-118].Форобӣ мавқеи таълиму тарбият дар ташаккули ахлоқро муҳим ҳисобида, ба ин назар аст, ки ҳадаф аз таълиму тарбият эҷоди фазоили назарӣ, хулқӣ ва фикрӣ дар байни афрод, гурӯҳҳо ва шахрҳост[3, с.71-83]. Ӯ ба ин бовар аст, ки фазоили назариро дар ҷомеа таълиму тарбият ба вуҷуд меорад ва фазоили хулқӣ ва бунёдкориро ташаккул медиҳад. Ӯ фазоили ахлоқиро ба назарӣ, фикрӣ, хулқӣ ва амалӣ ҷудо намуда, муътақид аст, ки агар ин чаҳор чиз дар миллатҳо ва умматҳо ва аҳли мадина эҷод шавад, саодати дунё ва охират насиби онҳо хоҳад шуд [3, с. 25-62].

Ин равиши фаъолияти Форобӣ ба масоили ҳадди миёна ва нисбиятгароии ахлоқии арастуӣ ҳамоҳангии зиёд дорад ва файласуфони зиёди мусулмон пас аз ӯ таҳти таъсири ин назариёт қарор гирифтаанд.

Хулоса, аз маҷмӯи ин мухтасаргуфтор метавон натиҷагирӣ намуд, ки Арастуву Форобӣ аз саромадону назарияпардозони илми ахлоқанд, ки дар ташаккули ин илм саҳми бузург гузоштаанд ва таълимоти онҳо дар баробари ҳамоҳангиҳо тафовут низ дорад. Таъсири таълимоти Арасту ба Форобӣ дар бахшҳои мухталифи ахлоқӣ, махсусан дар назарияи эътидоли тиллоӣ ё ҳадди васат назаррас аст. Форобӣ ташаккули фазоилро ба тарбияту одат рабт медод ва ташхиси ҳадди васат дар фазоили ахлоқиро душвор, аммо амалишаванда меҳисобид, ки ба назарияи нисбиятгароии арастуӣ айният дорад.

**Муқарриз: *Аҳмадов С.* – доктори илмҳои фалсафа, профессори ДМТ**

## АДАБИЁТ

1. Абдурраҳмон ибни Халдун. Муқаддимаи Ибни Халдун. Мутарҷим Муҳаммад Парвини Гунободӣ. Ҷ.2. – Сарредаксияи илмии Инсиклопедияи Миллии Тоҷик, 2019. –1394 с.
2. Абӯнаср ал-Форобӣ. Ал-ҷамъ байна раъйи-л-ҳакимайн (Ҳамоҳангии афкори ду файласуф “Афлотун ва Арасту”). Тарҷумаи Абдулҳусайн Машкут ад-Динӣ. –Теҳрон, 1391. –289 с.
3. Абӯнаср ал-Форобӣ. Таҳсил-ус-саодат. Шореҳ дуктур Алӣ Абумулҳам. –Бейрут, 1995. –102 с.
4. Абӯнаср ал-Форобӣ. Ат-таълиқот. Муқаддима, таҳқиқ ва тасҳеҳи Сайдҳусайн Мӯсавиён. –Теҳрон, 1392. - 106 с.
5. Абӯнаср ал-Форобӣ. Китобу орои аҳл-ил-мадинат-ил-фозила. –Бейрут, 1986. –188 с.
6. Абӯнаср ал-Форобӣ. Фусул-ул-мунтазиъа. Тарҷимаи Ҳасан Маликшоҳӣ.–Теҳрон, 1382. –207 с.
7. Абӯнаср ал-Форобӣ. Эҳсо-ул-улум. Мутарҷим: Ҳусайн Хидев Ҷам. –Теҳрон, 1381. –119 с.
8. Абӯнаср ал-Форобӣ. Китобу ас-сиёсати-л-маданияти. Муқаддима, таҳқиқ ва тасҳеҳи дуктур Алӣ Бӯмулҳам. –Бейрут: Мактабат-ул-ҳилол, 1996. –128 с.
9. Анри Корбен. Таърихи фалсафаи исломӣ. Тарҷумаи Ҷавод Таботабоӣ. –Теҳрон, 1380. –513 с.
10. Арасту. Ахлоқи Никомах. Мутарҷим: Муҳаммад Ҳусайн Лутфӣ Табрезӣ. –Теҳрон, 1377. –414 с.
11. Арасту. Сиёсат. Мутарҷим: Ҳамид Иноят. –Теҳрон, 1381 [2002] –482 с.
12. Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Мискавайҳ. Тазҳиб-ул-ахлоқ ва татҳир-ул-аъроқ. Тарҷимаи Ҳусайн Қадамӣ. –Қум, 1397. –328с.
13. Бобоӣ Парвиз. Мактабҳои фалсафӣ аз даврони бостон то имрӯз. –Теҳрон, 1386 (2007).–844 с.
14. Диоген Лаэртский. О жизни, учениях и изречениях знаменитых философов(Дар бораи ҳаёт, таълимот ва ҳикмати маъруфтарин файласуфон).–Москва, 1979. –620 с.
15. Драч Г.В. Рождение античной философии и начало антропологической проблематики(Тавлиди фалсафаи атиқа ва ибтидои масъалагузориҳои антропологӣ). –М.: Гардарики, 2003. – 318 с.
16. Маркс К., Энгельс Ф. Сочинение (Куллиёт). Ҷ. 1. –М., 1955. –698 с. (www.uaio.ru манбаи электронӣ, санаи муроҷиат 25-03-2021).
17. Муҳаммад Тақии Астарободӣ. Шарҳи Фусус-ул-ҳикам, мансуб ба Абӯнасри Форобӣ. –Теҳрон, 1358 ҳ./1980м. –382 с.
18. Осифа Осифӣ. Мабонии фалсафа, ошноӣ бо фалсафаи ҷаҳон: аз замонҳои қадим то имрӯз. –Теҳрон, 1370. –654 с.
19. Ризо Доварӣ. Фалсафаи мадании Форобӣ. –Теҳрон, 1354. –253 с.
20. Таранов П.С. 150 мудрецов и философов (Жизнь. Судьба.Учение. Мысли) (150 мутафаккирон ва файласуфон. Зиндагӣ. Сарнавишт. Таълимот. Андеша). Ҷ.1. –Симферопол – Запороже, 2000. –848 с.
21. Хайруллоев М.М. Абу Наср ал-Фараби. –Москва: Наука, 1982.–302 с.
22. Ҳанно ал-Фохурӣ, Халил Ҷарр. Таърихи фалсафа дар ҷаҳони исломӣ. Мутарҷим Абдулмуҳаммад Оятӣ.–Теҳрон, 1386. –816 с.



## ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВИИ АФКОРИ АХЛОҚИИ АРАСТУ ВА ФОРОБӢ

Дар мақола ҷанбаҳои мухталифи афкори ахлоқии Арасту ва Абӯнасри Форобӣ бо такя ба асарҳои ин мутафаккирон таҳлилу баррасӣ гардида, таъсирпазирии Форобӣ аз таълимоти Арасту ва нақши Форобӣ дар иртиботи афкори ахлоқии юнонӣ бо ҳавзаҳои ахлоқу андешаи исломӣ нишон дода шудааст. Инчунин, бо далелҳои шайӣ исбот карда шудааст, ки низоми ахлоқии Форобӣ ҳарчанд таҳти таъсири таълимоти Арасту шакл гирифтааст, аммо ин таъсир мутлақ набуда, Форобӣ на ҳамчун шореҳи Арасту, балки чун файласуфи соҳибмактаб дар таърихи фалсафа мақоми хосса дорад. Зеро Форобӣ ба моҳияти ахлоқ бо диди тоза нигариста, чун файласуфи асил амал менамояд ва аз усули фалсафии хосе бархӯрдор аст. Форобӣ мехост миёни андешаҳои диниву фалсафӣ мувофиқате ба вуҷуд орад. Зеро ӯ ҳамеша дар масъалаи оштӣ додани дину фалсафа кӯшидааст ва ақоиди диниашро усулан бо фалсафаи юнонӣ мехост ҳамоҳанг созад. Форобӣ дар масъалаи хайри ниҳоӣ ба мисли Арасту муътақид аст, ки меъёри он ба саодат расидан аст. Аммо миёни таълимоти ин ду чунин тафовут низ ҷой дорад, ки саодат барои Форобӣ сирф мафҳуми динист ва ӯ саодатро шинохти воқеии холиқ аз ҷониби инсон меҳисобад. Вай бар ин бовар аст, ки башар тавассути «ақли фаъол» ба мартабаи инсони комил мерасад. Мушаххас карда шудааст, ки аксари ҳакимони мусулмон, ки пас аз Форобӣ доир ба илми ахлоқ асари алоҳидае таълиф намудаанд, аз кадом ҷиҳате таҳти таъсири таълимоти ахлоқии Форобӣ қарор гирифтаанд. Форобӣ ба монанди Арасту тарбият ва одатро дар касби фазоил муҳим арзёбӣ карда, онро фитрӣ намеҳисобид ва тағйирпазир медонист.



**Калидвожаҳо:** ахлоқ, Арасту, Форобӣ, тарбият, саодат, фазилат, ақл, илм, таълимот, фалсафа, дин, одат, хайр, шарр.



## СРАВНИТЕЛЬНЫЙ АНАЛИЗ НРАВСТВЕННЫХ МЫСЛЕЙ АРИСТОТЕЛЯ И ФАРАБИ

В статье анализируются различные аспекты нравственной мысли Аристотеля и Абу Насра Фараби, на основе трудов этих мыслителей. В статье показано влияние учения Аристотеля на учение Фараби и роль Фараби в синтезе греческой и исламской мысли. Указано на наличие существенных доказательств о том, что моральная система Фараби находится под влиянием Аристотеля, но является самостоятельной, отличающейся от системы Аристотеля, что дает основание говорить о том, что этическое учение Фараби не является простым комментарием учения Аристотеля. Фараби является основателем новой школы в области этической мысли. Он имеет свой уникальный метод в исследовании морали. Учение Фараби является связующим звеном между исламским и перипатетическим философским учением. Фараби, как и Аристотель, верит в высшее благо, но для Фараби высшее благо -чисто религиозное понятие. Счастье зависит от творца мира и человека. Он считает, что человек достигает статус совершенного человека через «активный интеллект». Ясно, что после Фараби многие мусульманские

ученые, написавшие отдельные работы по этике, испытали влияние его учение о нравственности. Как и Аристотель, Фараби считал воспитание и привычки важными средствами в воспитании добродетельных качеств человека, а … не сводил их к естественным характеристикам. По мнению Фараби, они формируются в процессе воспитания.

**Ключевые слова:** мораль, Аристотель, Фараби, образования, счастье, добродетель, интеллект, наука, учение, философия, религия, привычка, добро, зло.

**COMPARATIVE ANALYSIS OF MORAL THOUGHTS OF ARISTOTLE AND FARABI**

The article analyzes various aspects of the moral thought of Aristotle and Abu Nasr Farabi, based on the works of these thinkers. The article shows the influence of the teachings of Aristotle on the teachings of Farabi and the role of Farabi in the synthesis of Greek and Islamic thought. It is pointed out that there is substantial evidence that the moral system of Farabi is influenced by Aristotle, but is independent from the system of Aristotle, which gives reason to say that the ethical teaching of Farabi is not a simple commentary on the teachings of Aristotle. Farabi is the founder of a new school in the field of ethical thought. He has his own unique method in the study of morality. Farabi's teachings are the link between Islamic and Peripatetic philosophical teachings. Farabi, like Aristotle, believes in the highest good, but for Farabi, the highest good is a purely religious concept. Happiness depends on the creator of the world and man. He believes that a person achieves the status of a perfect person through an "active intellect". It is clear that, after Farabi, many Muslim teachings who wrote individual works on ethics were influenced by his teaching on morality. Like Aristotle, Farabi considered upbringing and habits to be important means in educating the virtuous qualities of a person, and ... he did not reduce to natural characteristics. According to Farabi, they are formed in the process of education.

**Key words:** morality, Aristotle, Farabi, education, happiness, virtue, intellect, science, teaching, philosophy, religion, habit, good, evil.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Амондуллоев Бегмурод Саломатуллоевич*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илми фалсафа, дотсени кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоии факултети фалсафа. **Суроға:**734052, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail**- Amoni79@mail.ru**. Тел: **(+992) 93-534-34-60**
***Давлатов Пулодҷон Нуралиевич*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоӣ. **Суроға:**734052, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail**- DavlatovP1976@mail.ru** Телефон: (+992) 93-542-42-91

**Сведение об авторах:** ***Амондуллоев Бегмурод Саломатуллоевич*** - Таджикский национальный университет, кандидат философских наук, доцент кафедры истории философии и социальной философии философского факультета. **Адрес:** 734052, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. E-mail- **Amoni79@mail.ru**. Телефон: **(+992) 93-534-34-60**
***Давлатов Пулодҷон Нуралиевич*** - Таджикский национальный университет, кандидат философских наук, доцент кафедры истории философии и социальной философии философского факультета. **Адрес:**734052, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. E-mail- **DavlatovP1976@mail.ru** Телефон: **(+992) 93-542-42-91**

**Information about the authors:** ***Amondulloev Begmurod Salomatulloevich*** - Tajik National University, Candidate of Philosophical Sciences, Associate Professor of the Department of History of philosophy and Social philosophy in philosophycal faculty. **Address:** 734052, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail- **Amoni79@mail.ru**. Тел: **(+992) 93-534-34-60**
***Davlatov Pulodjon Nuralievich*** - Tajik National University, Candidate of Philosophical Sciences, Associate Professor of the Department of History of philosophy and Social philosophy in philosophycal faculty. **Address:** 734052, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail- **DavlatovP1976@mail.ru** Телефон: **(+992) 93-542-42-91**

**УДК: 1(091) (575.3)**

# ТАБИАТ ВА МОҲИЯТИ ИНСОН ДАР МЕРОСИ ФАЛСАФИИ АФЗАЛУДДИНИ КОШОНӢ

***Одинаев М.С.***
**Доишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Мураттибон ва муҳаққиқони осори фалсафии Афзалуддини Кошонӣ ӯро ҳамчун файласуфи мутаолӣ ва ҳакими ориф муаррифӣ кардаанд [1, *с.22*]. Аммо таҳқиқоти амиқтари моҳият ва хусусияти ақоиди динӣ ва афкору андешаҳои фалсафиву ирфонии ин мутафаккир нишон медиҳад, ки ин нуқтаи назари муҳаққиқони эронӣ мазҳаби фикриву ғоявии ӯро бо пуррагӣ ифода карда наметавонад. Далели нахустине, ки сатҳӣ ва номукаммал будани нуқтаи назари муҳаққиқони эрониро нисбат ба мазҳаби фалсафии Афзалуддини Кошонӣ собит менамояд ин аст, ки ҳикмати мутаолӣ ҳамчун мазҳаби фикриву ғоявӣ ҳудуди сесад сол баъд аз замони зиндагӣ ва фаъолияти эҷодӣ-таҳқиқотии Афзалуддини Кошонӣ дар нимаи аввали асри XI ҳ. бунёд гардидааст.

Муассису бунёдгузори ин мазҳаб Садриддини Шерозӣ (ваф. 1050 ҳ.) мебошад, ки дар таърихи фалсафаи исломӣ бо тахаллуси Садралмутааллиҳин маъруф гаштааст [10,с.35].

Ин далел собит менамояд, ки Афзалиддини Кошонӣ пайрави мазҳаби ҳукамои

мутаолӣ нест, балки мутафаккирест, ки осораш аз тарафи бундёгузорони ҳикмати мутаолӣ - Садриддини Шерозӣ, Мулло Ҳодии Сабзаворӣ ва дигарон ҳамчун як маншаи ғоявӣ дар тарҳрезии низоми таълимотии ин мазҳаб шояд ки мавриди истифода қарор гирифта бошад. Аз ҳамин сабаб, нуқтаи назари муҳаққиқони эронӣ роҷеъ ба он ки Афзалуддини Кошонӣ ҳакими мутаолист, аз лиҳози далоили мантиқиву таърихӣ собит ва мусаллам нест.Вале дигар нуқтаи назари муҳаққиқони эронӣ роҷеъ ба он ки Афзалуддини Кошонӣ ҳакими ориф, яъне сӯфии ирфонист, комилан

дуруст мебошад. Мансубият, таваҷҷуҳ ва алоқамандии худ нисбат ба тариқати ирфонӣ ва усулҳои маърифати онро Афзалуддини Кошонӣ қариб дар ҳамаи рисолаҳо ва ашъори ирфонии худ гаштаву баргашта таъкид кардааст. Чунончи:

*Ҳаққо, ки камоли маърифат они валист,*
*Ҷони ҳама ашё зи дами ҷони валист.*
*Хатм аст нубуввату вилоят бо ҳам,*
*Ин номаву хар чи ҳаст, унвони валист [15,с.29].*

Дар ин рубоӣ вожаи «валӣ» истифода бурда шудааст, ки он маънои «ориф»-ро ифода мекунад. Чи хеле ки аз мазмуни рубоӣ бармеояд, Афзалуддини Кошонӣ маърифат, ё ин ки илҳом ё ҳадси ирфониро беҳтарин ва мукаммалтарин усули касби дониш меҳисобад. Анбиё ва авлиё,-менависад Афзалуддини Кошонӣ дар «Ҷовидоннома»,-чун фариштагонанд ба афзудани яқин ва илҳом додан [2,с.300].

Мувофиқи назари Афзалуддини Кошонӣ, дар байни ирфону тасаввуф аз як тараф ва дигар, мазҳабҳои фалсафаи исломӣ аз тарафи дигар аз лиҳози аҳдофи ғоявӣ ҳеҷ гуна ихтилофоти ҷавҳарӣ вуҷуд надорад. Аммо аз лиҳози усули шинохт ва маърифати аҳдоф, дар баёни мазоҳиби диниву фалсафӣ, ба истисноии ирфону тасаввуф зиддияту ихтилофоти зиёдеро дучор омадан мумкин аст. Дигар аз лиҳози аҳдофи ғоявӣ ҳеҷ гуна ихтилофи ҷавҳарӣ вуҷуд надорад. Аммо аз лиҳози усули шинохт ва маърифати аҳдоф, дар баёни мазоҳиби диниву фалсафӣ, ба истисноии ирфону тасаввуф, зиддияту ихтилофоти зиёдеро дучор омадан мумкин аст.

Дар боби дувуми рисолаи «Ҷовидоннома», ки ба шарҳи масъалаи худшиносӣ бахшида шудааст, Афзалуддини Кошонӣ омилҳои пайдоиши ихтилофи назарии байни адёну мазоҳиби гуногунро таҳқиқ карда менависад: «Он ихтилоф бар чаҳор асл падид ояд: яке ихтилоф дар асли илми тавҳид, чун ихтилофи муаттил ва мулҳид ва даҳрӣ ва он инкори ваҳдат ва рубубият бувад; дувум, ихтилофи диндорон, чун ихтилофи ҷабр ва ҷуҳуд ва тарсо ва он ихтилоф аз инкор ва нашнохтани Расул хезад; савум, ихтилофи аҳли мазоҳиб, чун суннӣ ва муътазилӣ ва шиъӣ ва хориҷӣ ва он аз нашнохтани имом хезад; чорум, ихтилофи аҳли мақолот аст, чун ихтилофи суннӣ бо суннӣ ва муътазилӣ бо муътазилӣ ва он инкори ҷамоат аст» [1,с.263].

Чи хеле ки аз мазмуни ин навиштаҳо бармеояд, мутафаккир зимни шарҳи омилҳои пайдоиши ихтилофи байни мазоҳибу адён, на танҳо он омилҳоро муайян мекунад, балки дар куҷо ва дар кадом ҳолату шароит пайдо шудан ва бо кадом роҳ бартараф кардани онҳоро низ нишон медиҳад. Ӯ менависад: «Ихтилоф дар фурӯъ аз ихтилоф дар асли тавҳид хезад. Ҳар он гаҳ, ки асли чиз ношинохта монд, фурӯи вайро ҳам натавон шинохт. Ихтилофи аслу фаръ аз ихтилофи луғоти гӯяндагон хост, ки ҳар қавме ба боисти худ номе гуфтанд, тозӣ ба луғати тозӣ ва порсӣ ба луғати худ, бе он ки номи он чизро барои як маънӣ гуфтанд ва бе он ки ҳар яке аз шунаванда ва гӯянда айни онро, ки ном ҳамегуфтанд, ёфта буданд. Он ихтилоф, ки аз идрокоти самъӣ афтад ба ном, дар мадракоти ба сар наафтад аз айни чиз. Пас, чун мо он чизҳоро, ки ба номҳои мухталиф аз худ гум кардаанд боз пеши назари ҷӯяндагон оварем, ҳамаро яксон ёбанд, чӣ агар обро ҳар кас ба номе тавонад хонд бар хилофи дигаре, ба чашм натавонад, ки бар хилофи дигаре бинад, магар чашме, ки дардманд ё мутағайир бувад» [3,с.263].

Чи хеле ки мушоҳида гардид, Афзалуддини Кошонӣ маншаи ҳама гуна ихтилофҳоро дар табиат ва моҳияти худи одамон, аниқтараш, дар сатҳи пасти худшиносӣ ва заволи ахлоқу маънавиёти онҳо мебинад. Аз ҳамин сабаб дар таълимоти фалсафиву ирфонии ӯ таҳқиқи табиат ва моҳияти инсон, шарҳу баёни роҳу воситаҳои такомули ахлоқу

маънавиёт ва худшиносии инсон мақоми хеле баланд дорад. Бояд тазаккур дод, ки масъалаи худшиносиро ба доираи мавзӯоти фалсафӣ аввалин бор ҳакимони Юнони қадим ворид карданд.

Ҳакими софист Протогор (480-410 қ.м.) нахустин мутафаккирест, ки бо шиори «Инсон - меъёри ҳама ашёст» мубрамияти таҳқиқ ва омӯзиши моҳият ва табиати инсонро ба аҳли афкору андеша таъкид кардааст. Моҳият ва мазмуни прогрессивии ин шиори пурҳикмат дар он ифода меёфт, ки он дониши асотирӣ роҷеъ ба инсонро ботил карда, ба фалсафаи Юнони қадим мазмуни башардӯстона ато мекард. Баъдан, Суқроти ҳаким (470-389 қ.м.) ин назарияи Протогорро такмил дода, ҳамзамон, барои дар амал татбиқ кардани назарияи мазбур роҳеро кашф кард, ки он худшиносӣ мебошад. Азбаски ин роҳ аз умқи олами пурасрори ботинии инсон мегузашт, аз ҳамин сабаб кашфи табиат ва моҳияти инсон ҳамчун яке аз масъалаҳои асосии таҳқиқоти фалсафӣ ба миён омад. Баъд аз Суқрот дар фалсафаи Юнони бостон давраи пурҷӯшу хурӯши таҳқиқотҳои масоили инсоншиносӣ аз тариқи худшиносӣ, яъне ҳамон роҳе, ки Суқрот ҳамвор карда буд, оғоз меёбад.

Дар заминаи омӯзиши табиати инсон Афлотун, Арасту ва минбаъд, ҳакимони навафлотунӣ як силсила назариёти ҷолиберо пешниҳод карданд, ки онҳо дар таҳаввул ва инкишофи минбаъдаи ҷаҳонбинии фалсафӣ нақши муассире гузоштаанд. Назрияи мусули Афлотун, таълимоти Арасту роҷеъ ба нафс, андешаҳои навафлотуниён роҷеъ ба ваҳдати вуҷуд аз ҷумлаи ҳамин гуна назрия мебошанд, ки дар ташаккули ҷаҳонбинии ҳакимони мусалмон дар баробари таълимоти Куръону ҳадис саҳмгузор мебошанд [4,с.161].

Аммо бояд тазаккур дод, ки таъсирпазирии ҷаҳонбинӣ ва афкори мутафаккирони мусалмон аз фалсафаи юнонӣ ба таври стихиявӣ ё ноогоҳона сурат нагирифта, балки ҳамаи мутафаккирони мусалмон машшоиён, мутакаллимону орифон ва ғ., фалсафаи юнонӣ огоҳона, бо назардошти таносуб, ҳамоҳангӣ ва мувофиқати он бо ҳикмати Қуръонӣ муносибат карданд. Яъне, ҳакимони мусалмон аз таълимоти ҳакимони юнонӣ то он ҷое ва ба тавре истифода бурдаанд, ки бо ҳикмати Куръонӣ ихтилоф надошта бошад.

Ин нуқтаи назар, алалхусус, дар мавриди таъсирпазирии ирфон ва тасаввуф аз фалсафаи Юнони қадим собит ба назар мерасад. Аз ҷумлаи масоиле, ки аз фалсафаи Юнони қадим ба ҳамин тариқ ба доираи мавзӯъҳои фалсафаи исломӣ ворид гардидаанд, ҳамин масъалаи худшиносӣ мебошад.

Ҳадиси машҳури Паёмбари ислом (с): «Ҳар кӣ худро мешиносад, Худоро шинохтааст», мубрамият ва арзиши масъалаи худшиносиро дар пеши назари ҳакимони мусалмон боз ҳам афзун намуда, диққати аҳли таҳқиқу маърифати исломиро хоҳу нохоҳ ба назарияҳои худшиносии ҳакимони юнонӣ равона мекард. Аз ҳамин сабаб, таваҷҷуҳи бепоёни ҳакимони мусалмонро ба ҳикмати Юнони қадим ҳамчун як тамоили ғайришаръӣ ва мухолиф бо ғояҳои исломӣ фаҳмидан ва шарҳу маънидод кардан аслан ва мантиқан дурусту ҷоиз нест. Мутаассифона, бисёр муҳаққиқони фалсафаи исломӣ зимни таҳқиқи масъалаи муносибати назарии ҳакимони мусалмон ба фалсафаи Юнон ва навафлотунӣ ҳамин гуна як хулоса ё нуқтаи назари комилан нодуруст, сатҳӣ ва муғризонаро табйину тасдиқ кардаанд [7,с.161]. Дар рафти таҳқиқи масъалаи асосӣ мо кӯшиш мекунем, ки аз ин нуқтаи назари маъмул даст кашида, муносибати ҳикмату ирфони исломиро бо фалсафаи Юнони қадим объективона баррасӣ намоем.

Ҳамин буд чанд нукоти муҳим, ки қабл аз руҷӯъ ба таҳқиқи масъалаи мавриди таҳқиқ шарҳ додани онҳо ногузир буд. Акнун ба таҳқиқи масъалаи инсон дар фалсафаи Афзалуддини Кошонӣ идома медиҳем. Чи тавре ки қаблан ишора карда будем, моҳият ва табиати инсон мавзӯи асосии ҳикмати ирфонии Афзалуддини Кошонӣ буда, ӯ қариб ҳамаи ашъори пурҳикмати худро ба таҳқиқи масъалаи мазкур бахшидааст.

Афзалуддини Кошонӣ бартарияту афзалияти ирфону тасаввуф аз дигар мазҳабҳои фикрӣ (калом, машшоия, ишроқ ва ғ.)-ро дар он мебинад, ки ирфон, аз як тараф, барои касби дониши ҳақиқӣ роҷеъ ба зоту сифоти Худованд мусоидат менамояд, аз тарафи дигар бошад, сайру сулук дар ин ҷода рӯҳи инсонро ба ҳаракат овардаву обутоб дода, боиси камолоти ахлоқиву маънавӣ ва рушди зоту сифоти фитрии худи ӯ низ мегардад.

Албатта, худшиносӣ, ё ин ки шинохти мабдаи аввал на танҳо барои ирфон, балки

барои ҳамаи мазҳабҳои фалсафаи исломӣ яке аз ҳадафҳои муҳимми ғоявӣ ба шумор меравад. Аммо тафовуте, ки ирфон нисбат бо дигар мазоҳиби фалсафаи исломӣ дорад, дар он мебошад, ки ҳамаи онҳо роҳҳое мебошанд нотамом ва соликонро то ба мақсад бурдаву расонида наметавонанд.

Ҳикмати ирфонии Афзалуддини Кошонӣ роҷеъ ба инсон таълимоти муназзалист, ки дар он «анатомияи» ҳастии рӯҳониву маънавии инсон шарҳу тавсиф дода шудааст. Ҳастии рӯҳонӣ (маънавиёт, олами нафсонӣ)-и инсон дар тасаввуфи Афзалуддини Кошонӣ худ як олами асғар, мамнуъгоҳест, ки дар он ҷавҳари аслии одамият камол меёбад ва ба ин мамнӯъгоҳ роҳе ба ҷуз тариқати ирфонӣ вуҷуд надорад. Олами нафсонии инсонро осмону офтоби дигарест, он оинаест, ки дар худ сурати ҷаҳони малакут ё олами ғайбро аксандоз кардааст:

*Эй нусхаи олами илоҳӣ, ки туӣ,*
*В-эй оинаи ҷамоли шоҳӣ, ки туӣ.*
*Берун зи ту нест, ҳарчӣ дар олам ҳаст,*
*Дар худ биталаб, ҳар он чи мехоҳӣ туӣ* ***[8,с.29].***

Вуҷуди инсонӣ бори дарахти ҷаҳон, ҳосили инкишофи ҳаёти олами табиӣ ва дар айни замон дарахтест, ки самараи он хирад аст. Ниҳояти камоли хиради инсонӣ бошад, лиқои Худованд, яъне шинохти айнии аслу мабодӣ ва ҳақиҳати рӯҳу одамияти инсонист.Ин ҳақиқати одамӣ ва ҷавҳари маънавиёти ӯ нафс аст ва тан фаръу мисоли он. Нафс ҷавҳарест номутаҳайиз, муҷаррад аз замон, макон, мавод ва аносир; мухотаби хитоби бори Худо ва қобили улуму мудрики ашё [12,с.104].

Азбаски инсон ҷавҳари ҳастӣ ва нафс аслу ҳақиқати худи ӯст, пас шинохтани асли инсонӣ шинохтани аслу ғояти ҷаҳон низ мебошад. Афзалуддини Кошонӣ ба ҳамин гуна хусусият ва аҳамияти универсалии ирфон дар маърифати Худованд, олам ва инсон ишора карда, дар як рубоии худ бо ваҷд мегӯяд:

*Ё Раб, чӣ хуш аст бе даҳан хандидан,*
*Бе миннати дида халқи олам дидан.*
*Бинишину сафар кун, ки ба гоят некуст,*
*Бе заҳмати по гирди ҷаҳон гардидан* ***[9, с.662].***

Ӯ дар «Ҷовидоннома» ин андешаро тақвият дода, олами фардиву ботинии инсонро ҳуҷҷате барои шинохтан ва маърифати Худованд мешуморад: «Ҳуҷҷати Худованд бар мардум ҷаҳони мардум аст. Ҳақ таоло ҳар он чи мардумро ба кор ояд шинохтани Худо ва донистани он чаҳону ин чаҳон бар мардум навиштааст ва навиштаи Худои таоло ин сувари офоқ ва анфус аст. Ҳар кӣ хоҳад навиштаеро, ки аз Худо дорад бархонад ва бидонад, донистанаш он гаҳ бувад, ки дар ҷаҳони мардум нигарад ва мудаббираш бидонад. Мудаббири ҷаҳони мардум он гаҳ шинохта шавад, ки маъмурон ва фармонбардорони ҷаҳони мардум як-як шинохта шаванд. Маъмурон ва фармонбардорони ҷаҳони мардум бар нуҳ адад пайдо шаванд: самъ, басар, шомма, завқ, ламс, фикр, ҳифз, нутқ, китоб, чунонки гуфт: ва лақад аътайно Мусо тисъа оётин байинотин" (Қуръон, 17: 101- ишораи муаллиф).

Муҳимтарин мақулаи ҳикмати ирфонии Афзалуддини Кошонӣ нафс аст. Ӯ таҳти ин мафҳум асл, зот ва ҳақиқатро фаҳмида ин андешаашро чунин шарҳ медиҳад:

-нафс - асли ҳастист, чунки ҳарчи ки ҳастиро бувад, фуруди ӯ аз ӯ бувад;

-нафс - ҳақиқати ҳастист, чунки ҳастӣ ӯро шоиста ва сазовор бувад;

-нафс-зоти ҳастист, чунки ҳастиву чизҳо ӯро бувад ва ӯ Худованду дорои эшон [1,с.9].

Дар рисолаи «ал-Муфид -ли-лмустафид», зимни шарҳу тавсифи ҷавоҳири таркибии ҳастии инсонӣ -тан ва ҷон, ӯ аслу ҳақиқати гавҳари ҷисмонии инсонро обу гил ва асли ҷони ӯро бо ишора ба ояи шарифаи «Ва нафахту фиҳӣ мин рӯҳӣ» (Қуръон, 15:29) рӯҳи илоҳӣ мешуморад. Ба қавли мутафаккир, ҳар як тоифаю асҳоб барои ифодаи ин ду асли инсонӣ истилоҳе ба забони худ ба кор гирифтанд, чунончи: қалбу қолаб, нафсу бадан, ғайбу айн, ақлу ҳис ва ҳоказо. Ӯ яке аз сабабҳои асосии пайдоиши ихтилофи назари байни тавоифу асҳоб дар масъалаи шинохти асли моҳият ва ҳастии инсониро дар он мебинад, ки онҳо истиноҳоти якдигарро намешиносанд. Чи тавре ки аз умқи мазмуни ин андешаҳо

маълум мегардад, ӯ дар баробари худшиносӣ, Худошиносӣ ва ҷаҳоншиносӣ ба қатори ҳадафҳои ҳикмати ирфонӣ боз як ҳадафи муҳимро ворид мекунад, ки он аз байн бурдани ихтилофҳои назариву ғоявии байни асҳобу тавоиф, мазҳабу ҷараёнҳои гуногуни фикрӣ дар масоили ҳастишиносӣ ва маърифатшиносӣ мебошад.Чи тавре ки пештар зикр кардем, Афзалуддини Кошонӣ нафсро мудаббиру мураббии олами ботини фарди инсонӣ, мазҳари аслии гуфтор, пиндор ва кирдори инсон мешуморад. Ӯ фармонбардорони нафс (ҳавоси хамса, фикр, ҳифз, нутқ, китоб)-ро ба ду даста ҷудо мекунад:

-фармонбарони маҷбурӣ, ки ба ҷуз он чи бувад аз берун натавонанд намуд ва низ ҳар яке аз кори дигаре оҷизанд-ҳавоси хамса;

-фармонбарони мухтор, ки ба чуз он чи бувад, тавонанд намуд: фикр, ҳифз, нутқ, китоб [11,с.119].

Ба ҳамин тариқ, Афзалуддини Кошонӣ зимни маърифати моҳияти инсон ду шакли ҳастии инсонро муайян мекунад:а) ҳастии ҷисмонӣ, ё ин ки ҳастии физиологию биологии инсон;б) ҳастии маънавӣ, ё ин ки ҳастии равонию ақлонии инсон.

Мушоҳидаи назму ягонагии инкишофи физиологию биологӣ, яъне ҳамоҳангии фаъолияти ҳаётии аъзои бадани инсон мутафаккирро ба хулосае овардааст, ки ҳаёти ҷисмонии инсон низ бе назму тартиб набуда, қонуният ва танзимкунандае дорад:

«Тани инсон ҷисмест мураккаб аз аҷсоми бисёр, мухолиф ба шакл, табъ ва кайфиёт чун гушту пӯсту чарбу устухону рагу пай ва андомҳое мураккаб аз ин аҷсом, чун сару гардану ду дасту пушту ишкаму ду пой ва чун андомҳои дарунӣ аз димоғу дилу меъдаву ҷигар ва гурда ва сипурз ва ҳастии ин аҷсому аъзо ва андом ба ҳис равшан шудааст ва бар ҳамаи ин аъзо гумоштаест, аз қибали подшоҳи аҷсом, ки ҷисм оромҷой ва хобгоҳи ӯст, ки аз ҷисм ҷудо нашавад ва ҷисмро бар ҷисм будан нигоҳ дорад, номи ин муваккил табиат аст». Афзалуддини Кошонӣ табиатро рӯҳи ҷисмонӣ, дар байни арвоҳ аз ҳама ноқистарин, олудатарин, ширатарин ва касифтарин рӯҳ мешуморад. Мартабаи табиат аз рӯҳи наботӣ дида пасттар аст [5,с.432].

Аз чунин тарзи андешаронии Афзалуддини Кошонӣ хулоса баровардан мумкин аст, ки ӯ табиат гуфта «рӯҳи ҷимодӣ», яъне хусусият ё қобилияти аҷсоми олами моддӣ ба пояндагӣ ё баҳо дар ҳолати аслии аҷсомро дар назар дорад, ба ибораи дигар, рӯҳи ҳар як ҷисм, масалан санг ин ҳамон табиатест, ки ӯро дар ҳолати табиию ҷисмониаш нигоҳ медорад.Ба ақидаи Афзалуддини Кошонӣ, табиати ҷисмонӣ, яъне рӯҳи ҷимодӣ аз арвоҳи дигар аснофи аҷсоми зинда-наботот, ҳайвонот ва инсон бо он фарқ мекунад, ки ӯ аз хусусияту қобилиятҳои эҳсосу ҳаракат, тағйиру таъсирпазирӣ озоду осуда аст: «Рӯҳи табиати ҷисмонӣ осуда аст ва холӣ ҳам аз арвоҳи ёбанда ва ҳам арвоҳи ҷунбонанда, ки ҳеҷ нанамояд, на мувофиқ, то ҷисмро сӯйи вай ҷунбонад ва на мухолиф, то ҷисмро аз вай дур кунад. Агар ҷисмро ба табъи худаш, ки рӯҳи ӯст боз гузоранд, ҳеҷ наҷунбад, аз ҷое ба ҷое чун ҷонвар ва на бузург шавад ва на хурд шавад чун рустаниҳо ва на аз ҳоле ба ҳоле гардад ва на дар ниҳоди худ ҳаракат кунад, чун фалак.

Магар ки ҳоле дигар дар ӯ ояд аз чизест ҷуз ҷисм (яъне аз таъсири қувва ё чизи беруна аст,- шарҳи муаллиф), ки табиати ҷисм бо вай натавонад кӯшидан ва биночор мутеи вай шавад, чун санги орамида бар ҷой ба ҳукми табиати хеш, ки қуввати чизе бурун аз ӯ ба вай расад ва ӯро аз ҷойи худ ба сӯйи ҳаво ҷунбонад ва табиати санг чун бо ӯ натобад, мутеъ шавад, то ки он қувват бирасад ва аз вай бигсалад.Пас табъи санг ба кор ояд ва сангро сӯйи оромҷойи вай бозорад» [6,с.216]. Табиат парокандатарин рӯҳ дар олам буда, аз ҳамаи дигар арвоҳ (наботӣ, ҳайвонӣ, инсонӣ) дида бештар бо ҷисм ва ҷисмониёт махлуту пайваста аст. Мутаносибан, рӯҳи наботи аз табиат софитар ва аз ҷисм ҷудотар аст. Рӯҳи наботӣ ҳамеша дар пайи парваридани олати худ мебошад ва ҷисми дигарро бо вай меомезад.Рӯҳи ҳайвонӣ нисбат ба наботӣ софитар буда, афзалияти бештаре дорад: муҳаррику ҷунбонандаи ҷасад аст, ёбанда ва огоҳ аз мувофиқ ва номувофиқ аст, чун нафси рӯёнанда ба корсозӣ ва тадбири ҷасади ҳайвон машғул аст. Аммо рӯҳи ҳайвонӣ, масалан, ҳаввоси панҷгона ё қувваи ғозияву рӯёнанда на ҳамеша ба ҷасади ҳайвон таъсирбахш коргар аст, балки аҳёнан ва ба ҳукми иродату хоҳиш, вақте ки махсус пеш ояд [14,с.168]. Чи хеле ки аз мазмуни ин андешаҳои мутафаккир аён мегардад, рӯҳи ҳайвонӣ

гуфта, ӯ маҷмӯи он хусусияту қобилиятҳои ҳайвонро дар назар дорад, ки онҳоро бо истилоҳоти илми муосири ҳайвоншиносӣ (зоология) инстинкти ҳайвонӣ ва рефлексия меноманд. Афзалуддини Кошонӣ хусусияти хосси рӯҳӣ ва афзалияти вай аз рӯҳи ҳайвониро дар он мебинад, ки «аз мувофиқ ва номувофиқи норасида ба тан огоҳ гардад»·.Дар заминаи чунин тасниф ва муқоисаи анвои рӯҳ (табиати ҷисмонӣ, рӯҳи наботӣ, ҳайвонӣ ва инсонӣ) мутафаккир кӯшиш кардааст, ки аломату нишонаҳои барои ҳамаи онҳо умумии инкишофу такомулро муайян кунад.Таҳқиқи масъалаи мазкурро анҷом дода, ӯ менависад: «Ҳар рӯҳе аз ин арвоҳ он гоҳ тамом гардад, ки ҳар он чи шояд бувад ӯро, бошадаш, аз хосият ва ҳунар» [2,с.33]. Ҳар кадом аз ин нафсҳо-ҳам табиати ҷисмонӣ ва ҳам нафсҳои наботиву ҳайвонӣ, ки берун аз ҳастии инсонӣ ба ҳайси ҷавҳарҳои аҷсоми табиӣ ва дигар мавҷудоти зинда арзи вуҷуд доранд, дар ҳастии инсонӣ низ ҳамчун ҷузвҳои ногусастании куллиёти нафси инсонӣ мавҷуд мебошанд. Аммо тарзи мавҷудияти ин нафсҳо аҷсоми табиӣ ва набототу ҳайвонот бо тарзи вуҷуди онҳо дар ҳастии инсонӣ комилан тафовут дорад. Берун аз ҳастии инсонӣ ҳар кадоме аз онҳо ҷудогона тазоҳур карда, бо дигар анвои нафс доимо дар тазоду муқобала мебошад; табиати ҷисмонӣ бо нафси наботӣ, он бошад бо нафси ҳайвонӣ ҳамеша муқовимат карда, аз озодии худ дифоъ менамояд. Камоли як нафс омили нуқсони дигар нафсҳо мегардад.

Вале, дар ҳастии инсонӣ муносибати байни ин нафсҳо тамоман дигар хел аст: онҳо озод ва бо ҳам дар тазод нестанд, балки дар тобеияти нафси нотиқаи инсонӣ буда, ҷузвҳои фармонбардори он ба шумор мераванд. Ба ҳамин гуна ба назми ҳаёти нафсонии инсонӣ ишора карда, Афзалуддини Кошонӣ менависад: «Нафси мардум дар пояи куллиёти вуҷуд аст, на дар ҳайси ҷузвиёт. Ҳама чизҳо дар ӯст ва аз они ӯст. Ҳам рӯҳи ҳиссиву ёбандаи ҳайвонӣ, ҳам рӯҳи ҷунбонандаи наботӣ ва ҳам табиати гавҳари ҷисмонӣ-ҳама дар партави фурӯғи нафси инсонанд». Ҳамин тавр Афзалуддини Кошонӣ моҳияти инсонӣ ва тазоҳуроти ҷисмонии ҳастии инсонро бо ҳам муқобила намуда, нафсро махзани ҳақоиқ ва асли инсонӣ, ҷисмониётро бошад, фаръи он шуморида, барои исботи афзалият ва қадимияти нафс бар ҷисм далелҳои фаровоне овардааст**.** Ӯ на танҳо ба моҳияти инсон, балки ба аслу моҳияти аҷсому падидаҳо ва мавҷудоти зиндаи табиӣ низ аз ҳамин гуна як мавқеи рӯҳгароёна назар карда, баҳо додааст.

Афзалуддини Кошонӣ ҳангоми таҳқиқи моҳияти нафс, одамонро аз рӯйи нишонаҳои такомули ҳаёти нафсониашон, ки дар тазоҳуроти ҳаёти ҷисмонии онҳо инъикос мёёбад (масалан дар одобу рафтор, тарзи хӯроки хӯрӣ, муносибат бо дигарон ва ғ.), ба ду гурӯҳ ҷудо мекунад: мардуми комил ва мардуми ноқис: «Камоли мардум як ғоят аст, ки дар он касрат натавонад буд. Аз мардум ҳар он кӣ бад-он ғоят расад, тамом ва ба камол бувад ва ҳар он кӣ фуруди он ғоят бувад, ноқис бувад» [1, с.148]. Чи тавре ки аз андешаҳои мутафаккир ҳувайдо мегардад, дар байни мардуми комил ҳеҷ гуна ихтилофи ҷавҳарӣ вуҷуд надорад. Ба ин гурӯҳ ӯ анбиё ва авлиёро шомил мекунад. Аммо мардуми ноқис ду гурӯҳанд, ки ҳар кадоме аз он гурӯҳ боз ба дастаҳо тақсим мешаванд: **гурӯҳи аввал-** ноқисони нописандида; **гурӯҳи дувум -** ноқисони писандида.

Ноқисони нописандида ҳамаи онҳое мебошанд, ки ахлоқ ва маънавиёти онҳо дар пояи нуқсону камбудиҳо қарор дорад ё рӯ ба завол ниҳодааст, аммо онҳо аз ин ҳолат парвое надошта, барои илоҳи нуқсу камбудиҳои ахлоқиву маънавӣ ва раҳо кардани нафси худ аз вартаи таназзулу буҳрон ҳеҷ гуна чораҷӯйӣ намекунанд. Чи хеле ки Афзалуддини Кошонӣ ин гурӯҳро тасниф мекунад, аъзои он чанд дастаанд «ва аз он ҷумла (яъне аз ҷумлаи ноқисони нописандида, О.М.) бошад он шахсе, ки ҷумлаи қувватҳои ӯ-инсониву набот ва ҳайвонӣ суст доранд,-на қуввати ақли назарии ӯ асари биноии басират дорад ва на қуввати ақли амалиаш коркарди хуб намояд; на қуввати ғазаб ва ҳамият ба ҳангоми диду шуниди калимот ва ҳаракоти хашмангез ӯро тофта кунад ва на қуввати шаҳвонӣ ва баҳимӣ ӯро ба тӯшаи хӯриш ва пӯшиш сохтан ва ҷуфт гирифтан орзуманд гардонад ва чунин шахс дар хосият аз ҳадди рустаниҳо барнагзарад» [3,с.35].

Ба андешаи мо, чунин ашхоси ноқису нописандидаро, ки Афзалуддини Кошонӣ онҳоро тавсиф кардааст, дар ҷомеа пайдо кардан хеле мушкил аст.Мушкилоти асосӣ дар он аст, ки ашхоси мавсуф аз нуқсонҳои худ огоҳанд, вале барои рафъи онҳо майлу хоҳиш

надоранд. Агар ин нуқсони онҳо аз рӯи ноогоҳӣ, ҷунуну девонагӣ ё ҷаҳл мебуд, онҳоро Афзалуддини Кошонӣ ҳеҷ гоҳ ва ба ҳеҷ ваҷҳ ба қатори ноқисони announced нописандида ворид намекард. Саволе пайдо мегардад, ки Афзалуддини Кошонӣ ба ин дастаи ноқисони нописандида киҳоро дохил кардааст? Дар замони ҳаёт ва фаъолияти эҷодии Афзалуддини Кошонӣ авзои муташанниҷи замон ба сари мардум бадбахтиҳои зиёдеро оварда буд. Алалхусус ба қишри босавод ва аҳли фарҳанг ин бухрону бадбахтиҳо зарари ҷуброннопазири маънавӣ ва моддӣ расонида буданд. Дар тайи таъсири чунин омил вазъи ҳаёти илмиву фарҳангӣ низ дигаргун гашта, рӯ ба таназзул ниҳод. Дар байни аҳли илму фарҳанг тамоили фирор ва гӯшагирӣ, эътироз аз одаму олам авҷ гирифт. Аз ҷумлаи онҳое, ки ба ин тамоил гаравида буданд, бархе аз аҳли тасаввуф низ мебошанд, ки дар таърихи тасаввуф ҳамчун сӯфиёни ифротӣ машҳур гаштаанд. Ба андешаи мо, ашхосе, ки онҳоро Афзалуддини Кошонӣ ҳамчун ноқисони нописандидаи шомили дастаи аввал тавсиф кардааст, ана ҳамин гуна сӯфимашрабони ифротӣ бояд бошанд. Бояд тазаккур дод, ки чунин тамоили номатлуби таассубомезу ифротӣ дар асрҳои миёна на танҳо дар байни аҳли тасаввуф ва дигар мазҳабҳои фикрии ҷомеаи исломӣ, балки дар байни аҳли афкору андешаи ҷаҳони насронӣ низ хеле роиҷу густурда буд. Ин тамоили номатлуб, ҳарчанде хилофи шароеи ҳардуи ин динҳои бузурги ҷаҳонист, лекин зоҳиран тобиши диниву мазҳабӣ дорад. Аз ҳамин сабаб, мунаққидони Шӯравӣ асли ин тамоилро дар умқи ғояҳои динӣ меҷустанд [13,с.206].

Афзалуддини Кошонӣ бошад, чи тавре ки аз мазмуни иқтибоси дар боло овардашуда дарк кардан мумкин аст, ноқисони нописандида гуфта, сӯфиёни ифротӣ ва мисли онҳо дигар тоифаҳоеро дар назар дорад, аммо дар баробари ин тамоили мазкурро ҳамчун хилофи шариати динӣ маҳкуму мазаммат низ кардааст.Андешаҳои Афзалуддини Кошонӣ роҷеъ ба хусусият ва моҳияти ахлоқиву маънавии афроди шомили дигар дастаҳои гурӯҳи ноқисони нописандида низ хеле ҷолиб аст: «Ва бошад, ки инсони ноқисро қуввати шавҳати баҳимӣ қавитар афтад, то бештарини авқот ба хобу хӯр ва сохтани хӯриш харҷ шаванд ва чунин мардум на басе фузунтар аз баҳоим бувад, дар хосият, балки бад-он пояе фузунӣ дорад, ки асбоби он корро тавонад андешидан ва андохтан аз пеш бо худ. Ва аз мардум бувад, ки қуввати хашмаш бар ҳамаи қувватҳо ғолиб афтад ва оташи хашмаш бо андак саъй фурӯзон шавад, кори вай куштан бувад, гуфтораш хусумат ангезад ва дашном барад, андешааш дар озору газнаду харош бувад ва чунин мардум аз сибоъ ва ҳайвоноти дарранда ҷудоӣ ба сурати инсонӣ дорад. Ва бошад мардуме, ки ҳарду қуввати ҳайвоният аз сибъӣ ва баҳимӣ бар қуввати мардумияш (яъне ба неруи ақлониаш,- О.М.) фармондеҳ бошанд ва мусаххари табъу хӯи худашон доранд, то аз он ахлоқи бад ва аъмоли зишт бизоянд. Чунин мардумро агар нафси баҳимии шаҳвонӣ коргартар афтад, озу ҳирс бар ҷазби амволу захоир, тамаъ ба чизи дигарон, бухл бар он чи худ дорад, фиребу хиёнат ва чоплусию дуздӣ аз ӯ зоҳир бувад ва агар нафси сибъӣ қавитар бувад, чунин мардум мутаккабир ва фузуниталаб ва мутатовил, кинавару ситезакор, кушандаву нобок душманандӯзу табоҳиҷӯй бошад. Ва чунин мардумро, ки қувватҳои мардумиаш мусаххару мутеи қувватҳои сибгиву баҳимӣ бошад, аз шумори шаётини пайдо шуморанд ва нафсашон аз шумори шаётини ҷин, яъне нопайдо». Ба ақидаи Афзалуддини Кошонӣ, зиён ва газанди ин тоифа аз дигарон дида ба худ ва ҳамфикронашон бештар мерасад. Ҷӯяндагони камолро мушоҳидаи «кирдори нохубу ахлоқи зишт, сирати маъюбу кӯтаҳназарӣ ва фурӯмоягии гавҳари чунин шаётин судманд бувад. Эшонро (яъне, ҷӯяндагони камолро) нафрату гурез ва парҳез аз чунин зиштиҳо биафзояд ва оҳанги сайрашон сӯйи камол қавитар гардад».

Афзалуддини Кошонӣ ноқиси писандида гуфта умуман, ҳамаи он ашхосеро дар назар дорад, ки хосияти мардумият бар ҳавоси сибъӣ ва баҳимӣ фармондеҳу муставлӣ бошад, ҳама қувватҳояш дар зери итоати хирад бошанд ва ҳамаи корҳояш ба ҳукми хирад анҷом ёбанд. Ин қисм аз мардумро «баҳра аз нафси оқила қуввати ақлӣ амалӣ бошад ва хиради коргараш мутеи хиради бино бошад ва ҷасадаш ба фармони ақл биҷунбад, дар изҳори осои ӯ ба амал ва санъат, то кори маишати мардум бад-он илмҳо ба сомон ояд ва пешаварону коргарон аз бинокору ҷӯбкор, оҳангар, бофанда, дӯзанда ва монанди ин ҳама

аз уммати лашкари ақли амалианд» [2,с.36]. Қисми дигари гурӯҳи ноқисони писандида онҳое шомиланд, ки осори ақлро дар ахлоқу қувватҳои ҳайвонӣ ба кор мебаранд, хӯйҳои ҳайвониро бо он ороставу пероста медоранд ва қувватҳои худро аз ахлоқи зишт пок месозанд, яъне зоҳидону обидон, некукорону хайрандешон, аҳли савобу фарҳангҷӯён ва амсоли онҳо.

Афзалуддини Кошонӣ монеаи асосиеро, ки барои такомули маънавию ахлоқии инсон халал мерасонад, дар омезиши нафс бо ҷисм медонанд. Ба андешаи мутафаккир, сифати нафсонии инсон бо аҳволи ҷисмонии ӯ ҳеҷ монандӣ надорад. Сифати нафс кунандагӣ ва сифати ҷисм кардагист. Нафси кунандаро аз шиддати кунандагӣ кунандагӣ ботил намешавад, аммо ҷисми кунишпазирро аз шиддат ва ғалабаи куниш кунишпазирӣ ботил мегардад. Аз ҳамин сабаб, масалан, ҷонвар аз ҳаракати қавӣ ё бисёр хаста шуда, аз ҳаракат мемонад.Далелҳои дигаре, ки Афзалуддини Кошонӣ барои исботи ихтилофи нафс ба ҷисм ба кор мебарад, низ комилан мантиқӣ ва ҷолиби диққатанд.

**Муқарриз: *Сафарова С.Д.* – номзади илмҳои фалсафа, дотсенти ДМТ**

**АДАБИЁТ**


1. Афзалуддин Муҳаммад Марқии Кошонӣ. Макотиб ва ҷавоби суолот ва мусанифот.– Теҳрон, 1366 ҳ .– С.698 .
2. Афзалуддин Муҳаммади Кошонӣ. Марҳилаҳои комил / Кошонӣ Муҳаммад Афзалиддин. Маҷмӯаи асарҳои Афзалиддин Муҳаммад Марқии Кошонӣ. Бо шарҳҳои Муҷатабаи Минай ва Яҳё Маҳдавӣ. - Теҳрон, 1366, с.590.
3. Афзалиддини Кошонӣ. Манфиати истифодабар. (Ал-муфид ли-л-мустафид) / Кошони Афзалиддин. - Теҳрон, 1366. -С.562.
4. Абдуллоев Ш. Муқаддимаи фалсафа / Ш. Абдуллоев. -Душанбе, 2004. – С. 160-161.
5. Анри Корбен. Таърихи фалсафаи ислом / Корбен Анри. –Теҳрон, 1974. –С.432.
6. Грюнебаум. Г.Э. Исломи классикӣ. Очерки таърихӣ (600 - 1258) / Г.Э. Грюнебаум. Тарҷ. аз забони англисӣ И.М.Дижура. Муқаддима Наумкина В.В .,– М.: Наука,1986.– 216 с.
7. Ислом. Луғати энсиклопедӣ. - Москва: Наука, 1991. –396 с.
8. Кошонӣ Афзалиддин. Девони шеър ва рисолаи "Ал-муфид ли-л-мустафид". Бо сарсухан, тафсир ва ёддоштҳои Мустафо Файзӣ. - Теҳрон, 1367. - С.665.
9. Кошони Афзалуддин. Чор мисраъ шеър. Мураттибон Саид Нафисӣ. - Теҳрон, 1311. –С.670.
10. Муртазо Мутаҳҳарӣ. Шиносоӣ бо улуми исломӣ. Тарҷума аз форсӣ, сарсухан ва шарҳи академик М. Диноршоев.– Душанбе, 2004.- С. 33-35.
11. Одинаев М.С. Ақидаҳои инсоншиносии Афзалуддини Кошонӣ / М.С. Одинаев // Паёми Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон. –Душанбе, 2020. -№9. –С.113-119.
12. Одинаев М.С. Маншаъҳои ғоявии ташаккули ақоиди фалсафии Афзалуддини Кошонӣ / М.С. Одинпев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. - Душанбе, 2020. -№10 – С.98-104.
13. Решетников Н.А. Инчил ва замони муосир / Н. А. Решетников. –Москва, 1968. -С. 566.
14. Фролова Е. А. Масъалаҳои имон ва дониш дар фалсафаи араб / Е. А. Фролова. –М.: Наука, 1983. –168с.
15. Хоҷа Ҳаким Афзалуддини Муҳаммад Марқии Кошонӣ. Рубоиёт. Гирдоварии Саид Нафасӣ.,– Теҳрон, 1311.– С.29.


## ТАБИАТ ВА МОҲИЯТИ ИНСОН ДАР МЕРОСИ ФАЛСАФИИ АФЗАЛУДДИНИ КОШОНӢ


Дар мақолаи мазкур табиат ва моҳияти инсон доир ба мероси фалсафии Афзалуддини Кошонӣ сухан меравад. А. Кошонӣ маншаи ҳама гуна ихтилофҳоро дар табиат ва моҳияти худи одамон, аниқтараш, дар сатҳи пасти худшиносӣ ва заволи ахлоқу маънавиёти онҳо мебинад. Муаллиф дар мақола қайд мекунад, ки дар таълимоти фалсафиву ирфонии Афзалуддини Кошонӣ таҳқиқи табиат ва моҳияти инсон, шарҳу баёну роҳу воситаҳои такомули ахлоқу маънавиёт ва худшиносии инсон мақоми хеле баланд дорад. Мутафаккир ҳикмати ирфонии роҷеъ ба таълимоти муназзалӣ ва «анатомияи» ҳастии рӯҳониву маънавии инсонро шарҳу тавсиф дода, нафсро мақулаи ҳикмати ирфонӣ нишон додааст. Ва зикр намудааст, ки нафс ин мудаббиру мураббии оламӣ ботинӣ ва фарди инсонӣ, мазҳари аслии гуфтор, пиндор ва кирдори инсон мебошад. Ғайр аз ин, зимни маърифати моҳияти инсон ду шакли ҳастии инсонро муайян намудаст. Ин ҳастии ҷисмонӣ, ё ин ки ҳастии физиологию биологии инсон ва ҳастии маънавӣ, ё ин ки ҳастии равонию ақлонӣ мебошад.Ҳамин тавр, Афзалуддини Кошонӣ моҳияти инсонӣ ва тазоҳуроти ҷисмонии ҳастии инсонро бо ҳам муқобила намуда, нафсро махзани ҳақоиқ ва асли инсонӣ, ҷисмониётро бошад, фарқи он шуморида, барои исботи афзалият ва қадимияти нафс бар ҷисм далелҳои фаровоне овардааст. Ӯ на танҳо ба моҳияти инсон, балки ба аслу моҳияти аҷсому падидаҳо ва мавҷудоти зиндаи табиӣ низ аз ҳамин гуна як мавқеи рӯҳгароёна назар карда, баҳо додааст. Зимнан, қайд мегардад, ки Афзалуддини Кошонӣ заифии нафси нотиқаро дар қаҳтии ғизои маънавӣ, яъне донишу хирад дида, сабаби чунин қаҳтиро ба бозмондани нафси нотиқа аз фаъолияти маърифатӣ вобаста медонад.



**Калидвожаҳо:** мутафаккир, табиат ва моҳияти инсон, андеша, ҳикмати ирфонӣ, моҳияти инсон, мавҷудоти зинда, ноқисони нописандида, дониш ва хирад, табиати ҷисмонӣ, мансубият, алоқамандӣ, фалсафӣ, ирфонӣ.

**ПРИРОДА И СУЩНОСТЬ ЧЕЛОВЕКА В ФИЛОСОФСКОМ НАСЛЕДИИ АФЗАЛУДДИНА КОШАНИ**

В данной статье рассматриваются природа и сущность человека в философском наследии Афзалуддина Кошани. А. Кошани видит источник всех противоречий в природе и сущности самих людей, точнее, в низком уровне самопознания и упадке их нравственности и духовности. В статье автор отмечает, что в философско-мистическом учении Афзалуддина Кошани изучение природы и сущности человека, толкований, способов и средств повышения нравственности, духовности и самопознания человека имеет очень высокий статус. Мыслитель объяснил и описал доктрину мистицизма и «анатомию» духовного существования человека и показал «нафс» как источник мудрости гнозиса. Он отмечает, что «нафс» является воспитателем и наставником внутреннего мира и человеческой личности, сущности человеческой речи, мыслей и действий. Кроме того, в процессе понимания природы человека он выделил две формы человеческого существования. Это физическое существо, и духовное существо, или ментальное существо.Таким образом, Афзалуддин Кошани противопоставил человеческую природу и физические проявления человеческого существования, рассматривая «нафс» как источник истинного и изначального человеческого существа, а физическое как его подразделение, и предоставил достаточно доказательств, доказывающих превосходство и древность нафсов над телом. Он рассматривал и оценивал не только природу человека, но и природу живых и природных существ с духовной точки зрения.В ходе обсуждения в статье отмечается, что Афзалуддин Кошани видит слабость нафса говорящего в недостатке духовной подпитки, то есть знаний и мудрости, и объясняет причину такой нехватки недостатком познавательной активности.

**Ключевые слова:** мыслитель, природа и сущность человека, мысль, мистическая мудрость, просветление сущности человека, природные живые существа, несовершенные существа, знание и мудрость, физическая природа, принадлежность, связь, философский, мистический.

**THE NATURE AND ESSENCE OF MAN IN THE PHILOSOPHICAL HERITAGE OF AFZALUDDIN KOSHANI**

This article examines the nature and essence of man according to the philosophical heritage of Afzaluddin Koshani.A. Koshani sees the source of all contradictions in the nature and essence of people themselves, more precisely, in the low level of self-knowledge and the decline of their morality and spirituality.In the article, the author notes that in the philosophical and mystical teachings of Afzaluddin Koshani, the study of the nature and essence of man, interpretations, methods and means of improving morality, spirituality and self-knowledge of a person has a very high status.The thinker explained and described the doctrine of mysticism and the "anatomy" of the spiritual existence of man and showed nafs as the source of the wisdom of gnosis. He noted that nafs is an educator and mentor of the inner world and the human personality, the essence of human speech, thoughts and actions. In addition, in the process of understanding human nature, he identified two forms of human existence. It is a physical being or a physiological and biological being and a spiritual being or a mental being.Thus, Afzaluddin Koshani contrasted human nature and the physical manifestations of human existence, considering nafs as the source of the true and original human being, and the physical as its subdivision, and provided sufficient evidence to prove the superiority and antiquity of the naf, on the body. He considered and evaluated not only the nature of man, but also the nature of living and natural beings from such a spiritual point of view.During the discussion, the article notes that Afzaluddin Koshani sees the weakness of the speaker's nafs in a lack of spiritual nourishment, that is, knowledge and wisdom, and explains the reason for such a lack of a lack of cognitive activity.

**Key words:** thinker, nature and essence of man, thought, mystical wisdom, enlightenment of the essence of man, natural living beings, imperfect beings, knowledge and wisdom, physical nature, belonging, connection, philosophical, mystical.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Одинаев Махмадрахим Сиёхмардович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, муаллими калони кафедраи умумидонишгоҳии фалсафа. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **919750494.**

**Сведение об авторе:** ***Одинаев Махмадрахим Сиёхмардович*** - старший преподаватель общеуниверситетской кафедры философии Таджикского национального Университета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон:**919750494.**

**Information about the author:** ***Odinaev Makhmadrakhim Siyohmardovich*** - Tajik National University, Senior Teacher of the general university department of philosophy. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki Avenue, 17. Phone**: 919750494**.

УДК: 297 (55)

# БАЪЗЕ АНДЕШАҲОИ АЛИИ ШАРИАТӢ ДАР БОРАИ ИРФОН, БАРОБАРӢ ВА ОЗОДӢ

*Алиев С. И.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Башарият дар тӯли таърих фаразандони фарзонаи зиёде халқ кардааст, ки дар рӯзҳои сахтияш давои дардҳояш шудаанд. Азбаски инсоният аз як гавҳар сиришта шудааст:

*Бани Одам аъзои якдигаранд,*
*Ки дар офариниш зи як гавҳаранд [14].*

дардҳояш низ яксон аст ва чун қавмеву миллате гирифтори душворие мешавад, дигар мардумон низ аз он азият мекашанд:

*Чу узве ба дард оварад рӯзгор,*
*Дигар узвҳоро намонад қарор [14].*

Аз ин рӯ, донишмандон олам (новобаста ба қавм, миллату нажод) агар ҳалли душвориҳои миллати хешро дар таҷрибаву андешаҳои миллати дигаре дармеёфтанд, аз онҳо ибрат мегирифтанд ва ҳаргиз аз таҷрибаомӯзӣ ор накардаанд.

Алии Шариатӣ яке аз шахсиятҳои барҷастаи илму фарҳанги форс-тоҷик ба шумор меравад, ки бо жарфои андеша дар масоили гуногуни инсонӣ ва пешниҳоди роҳи дурусти ҳалли онҳо дар таърихи ақвоми ориёинажод камназир будааст. Ӯ бар асоси омӯзаву андешаҳои инсонӣ (шарқиву ғарбӣ) аз даврони бостон то ин замон ба дидгоҳи хосе ноил шудааст, ки муҳим арзёбӣ мешавад ва мо мутаассифона, то ҳол ба онҳо кам таваҷҷуҳ зоҳир намудаем. Яке аз масоили хеле муҳимме, ки Алии Шариатӣ барои таваҷҷуҳ зоҳир кардааст, мавзӯи ирфон, баробарӣ ва озодӣ мебошад.

Ба андешаи Алии Шариатӣ, табиат ва инсон ду мавзӯи асосианд, ки дар бораи онҳо амиқтар андешидан зарур аст. Барои мутолиаи ин ду мавзӯъ ва робитаҳои онҳо бо ҳамдигар бояд тамоми мактабҳо ва таҷрибаҳоеро баррасӣ кард, ки дар таърих ба номи дин ё бо номи фалсафа, ё риштаҳои мухталифи фикр ва амали башарӣ арза шудаанд. Ба назари Алии Шариатӣ, се ҷараёни аслӣ: ирфон, баробарӣ ва озодӣ вуҷуд доранд, ки омӯзиши онҳо дар дараҷаи аввал қарор дорад ва боқӣ ҳама аз ин се маншаъ мегиранд ё фаръӣ маҳсуб мешаванд. Ӯ ба таҳлили ҳар яке пардохта, ба ин натиҷа мерасад:

Ирфон[(яъне, дониш, маърифат ва ҷараёни динию фалсафӣ]. Ирфон ҳамеша ҳам дар Шарқ ва ҳам дар Ғарб вуҷуд доштааст. Шубҳае нест, ки Шарқ зодгоҳ ва гаҳвораи тамаддуни башарӣ, маркази тавлиди фарҳангҳои бузург будааст ва аз ин рӯ, ирфон низ дар ин ҷо рӯидааст. Аммо, ба ақидаи Алии Шариатӣ, ирфон ҷузъи фитрати одамист, бинобар ин, ирфон хосси тамоми башарият мебошад. Ва аввалин марҳалаи ирфон ҳисси ирфонӣ аст, ки аслан марҳилаи такомули инсонӣ бо он шурӯъ мешавад ва инсони ибтидоӣ, чи дар Шарқ ва чи дар Ғарб, як ҳисси ирфонӣ ва як ирфони ибтидоӣ дорад. Ирфон як ҷараён фикрӣ аст.

Алии Шариатӣ чунин мепиндорад, ки инсоне, ки дар ин табиат ба вуҷуд омадааст, ниёзҳое дорад, ки табиат наметавонад онҳоро бароварад. Аз ин ҷост, ки камбуд ва эҳсоси бегонагӣ бо ҷаҳон ва эҳсоси ғурбат дар ин дунё дар вай эҷод мешавад. Ва ин ташнагӣ ва ғурбат ниёз ва оташро дар ӯ ба вуҷуд меоварад. Ниёз ва оташе, ки ду сарчашмаи аслии таҷаллии рӯҳи ирфонӣ дар башаранд. Пас, табиист, ки инсон барои баровардани ниёз ва оташи худ ба он чи, ки дар ин ҷаҳон нест, бояд биандешад ва барои баровардани эҳтиёҷоти мутаолие, ки моварои ҷаҳони моддӣ аст ва ҳам барои рафтан ба он ҷойҳое, ки эҳсос мекунад ҷойи ӯст, ба фаросӯи табиат таваҷҷуҳ кунад. Зеро, инсон ба ҳамон андоза, ки бештар аз табиат рушд мекунад, бо табиат бегона мешавад ва дар натиҷа эҳсоси ғурбат ва танҳоӣ мекунад. Ва барои ҷилавгирӣ аз ин танҳоӣ ва барои фирор аз ин ғурбат ба дунёе, ки ин ҷо нест, таваҷҷуҳ мекунад [9]. Яъне, ба дунёе, ки ин ҷо нест, ғайб аст. Бинобар ин, ба таври хулоса метавон гуфт, ки ирфон таҷаллии фитрати инсон аст барои рафтан ба ғайб, кашф ва шинохти ғайб. Аммо ғайб дар куҷост? Ҷавоб ба ин савол моро дубора ба як

фирқаи хос ва як мактаби ирфонӣ ва сӯфиёнаи хос равона месозад. Инсон усулан ғайбҷӯст ва асосан омили ҳаракат ва такомулаш ҳам ҳамин ғайбҷӯии ӯст. Агар он чи машҳуд ва маҳсус аст барои инсон бас бошад, вай мутаваққиф мемонад, аммо чун бас нест, ба ҳаракат меояд ва ин ҳаракат такомули ӯро тазмин мекунад. Рафтан ба сӯйи арзишҳое, ки дар табиат вуҷуд надорад, инсонро аз ҳадди маҳдуди табиат фаротар мебарад ва такомули маънавӣ ва навҷӯии зотӣ ӯро камоли маънавӣ мебахшад. Бинобар ин, ирфон чароғест, ки дар даруни одам равшан мешавад ва роҳи пасту баланди зиндагии ӯро ба ӯ осон ва ошкор мекунад.

Алии Шариатӣ ирфонро робитаи инсон бо олами ғайб медонад, ки инсони моддиро ба як мавҷуди ғайримоддӣ табдил медиҳад ва аз тамоми фазои табиат фаротар мебарад. Тамоми мазҳабҳои олам (ғайр аз аҳкоме, ки роҷеъ ба зиндагӣ, иқтисод, сиёсат, ахлоқ ва амсоли инҳо баҳс мекунанд) як решаи ирфонӣ доранд. Ҷавҳари ҳар дине ҳамин эҳсоси ирфонӣ аст, чи шарқӣ бошад чи ғарбӣ, фарқе надорад. Агар ин эҳсоси ирфонӣ аз одам гирифта шавад, инсон аз ҳайвон кам фарқ мекунад. Эҳсоси ирфонӣ ирфонест, ки инсонро фазилат ва каромат медиҳад ва агар инсон хирадманду комилтар бошад, ташнагиву ниёз ва оташи ӯ дар вай шадидтар мешавад ва инсонҳое, ки комилтаранд, норозитаранд. Инсонҳое, ки такомули маънавиашон бештар аст ва ниёзҳояшон мутаолитар, муҳаббати дунё ва моддиёт барояшон хурдтар аст. Вале ҳастанд донишмандоне, ки мазҳабу Худоро аслан қабул надоранд. Набудани мазҳаб ва Худо барои онҳо як камбуд аст, аммо чун бад-он мӯътақид нестанд, худро дар ҷаҳон танҳо ҳис мекунанд ва эҳсоси маҳкумият, бадбахтӣ ва ғурбат мекунанд. Ин амр нишон медиҳад, ки рушди фитрати инсон болотар аз рушди табиат ва марзи табиат аст ва агар эҳсоси ирфонӣ дар инсон набошад, инсон аз лиҳози маънавӣ мехушкад, чунонки тамаддуни босуръат пешравандаи имрӯз бидуни Худо ба ҷомеаи инсонии ваҳшитабиат даромадааст [15].

Акнун илме, ки бидуни Худо рушд кардаву тамаддун эҷод намудааст, худи инсонро аз тамаддун дур сохтааст. Ирфон рушди фарҳангӣ ва маънавӣ ва кароматӣ вуҷуди инсонро то авҷи мутлақ – то боргоҳи Худо тазмин мекунад.

Аммо, мутаассифона, ирфон дар асрҳои миёна, чи дар Шарқ ва чи дар Ғарб вориди мазҳаб шуд ва мазҳаб низ кам-кам ба сурати як дастгоҳи рӯҳоният даромад ва як табақаро ташкил дод ва чун ҷузъи табақаи ҳоким буд, аз лиҳози вазъи иҷтимоӣ ба дигар табақоти ҳоким вобаста шуд. Дар натиҷа ва мутаассифона, ирфон ва мазҳаб табдил ба хурофот шуданд ва ба нафъи табақаи ҳоким кор карданд. Ирфон ва мазҳаб дар ин даврон алайҳи мардум шӯриданд, бар зидди рушди инсон ва фитрати озодии инсонӣ бархоста, ба сурати банде бар пойи такомули маънавӣ ва моддии инсон даромаданд. Шахсиятҳои забардасту инқилобӣ, ки ба думболи озодӣ мегаштанд, бар муқобили чунин мазҳабу ирфон овоз баланд карданд [1].

Баробарӣ ва озодӣ. Ба андешаи Алии Шариатӣ, мазҳабе, ки дар Аврупо дар асрҳои миёна ба дасти рӯҳониёни ифротӣ афтод, нақши иртиҷоиву зиддиинсонӣ дошт ва дар баробари бедории афкору озодии инсон бархоста, завлонаи манқуртӣ ба андешаи инсонӣ зада буд. Аз ин рӯ, афкори ҷадиде, ки пайи озодии инсон ва ба думболи рушди илму ақл будааст, худ ба худ дар баробари мазҳаб истод. Ба вуҷуд омадани фикри ҷадид дар Аврупо, аз ибтидо, ба хотири ҳалли масоили инсонӣ, баробарӣ, адолат ва асолати инсонӣ буд, ҳалли душвориҳое, ки ҷузъи афкору идеалҳои ҳамешагии инсонанд. Вале чун дар қарни 18 ва 19 мошин ба вуҷуд омад, мошин тазоди табақотӣ, зулму ситам, ғаниву фақир будани табақаҳоро афзун кард. Агар дар гузашта аз панҷ ду ҳиссаро арбоб мебурд, акнун, садҳазорро арбоб мебараду ба коргари бечора ду-серо вомегузорад. Яъне, тавлиди ашёву амвол сад баробар афзуд, аммо ҳуқуқи коргар дар ҳеч ҷои дунё сад баробар таҳким наёфт. Ин истисмор боис гардид, ки дар як тараф анбӯҳи сарват афзоиш ёбад ва дар тарафи дигар фақр зиёдтар шавад. Деҳқон дар гузашта метавонист дар хонааш чанд гову гӯсфанду мурғ нигаҳ дорад ва хӯрокашро аз онҳо ҳосил кунад. Яъне, деҳқон як навъ молик буд. Аммо чун деҳқон ба коргар табдил меёбад, ба ҷуз бозуи корӣ дигар чизе надорад ва танҳо бозӯи кориашро ба фурӯш гузошта, рӯз мегузаронад. Дар сурате ки деҳқон инсони озоду доранда аст, дар як сол панҷ моҳ кор мекунад; корашро низ худаш интихоб

менамояд ва эҳсоси озодӣ дорад. Аммо барои коргар дигар он эҳсоси озодӣ ва ҳатто имкони як дақиқа тааммул, як дақиқа фирор аз кор нест.

Тазоди табақотӣ ба авҷи худ расида, сармояҳо дар дасти панҷ, даҳ ва бист нафар мутамарказ шудаанд ва дигарон ба сурати тӯдаҳои анбӯҳи коргар даромадаанд. Дар ин ҳол он фикр ва орзӯи ҳамешагии мазоҳиб ва инсонҳо барои адолат ва баробарӣ ба сурати фоҷиаомез ва нафйи инсон даромад ва инсонҳо ва ҷомеаҳо ва миллатҳо ба ду қутби душмани ваҳшатноке, ки хуни якдигарро мемаканд, табдил шудаанд; арзишҳои баланди инсонӣ ва маънавиёти одамият аз байн рафтааст; инсони коргар ба сурати як мошин даромадааст, ки он қадар бояд кор кунад то пурра харобу фарсуда ва ба дӯр андохта шавад ва ҳеҷ фурсат ва маҷоле ҳам барои рушди маънавӣ ва инсонияш надорад. Барои мубориза бо ин низоми сармоядории ваҳшатнок мактабҳои мухталиф ба вуҷуд омаданд. Ин мубориза ба исмҳои мухталиф дар сатҳи ҷаҳон шурӯъ шуд, вале, мутаассифона, ин бедорӣ ва гароиш ба тарафи мардум ва барои адолати табақотӣ ва танзими одилонаи равобити инсонҳо дар дунё дар баробари мазҳаб рушд пайдо кард. Зеро мазҳаб дар дасти дастгоҳҳои ҳоким ва табақа рӯҳоние буд, ки асосан дар тӯли низоми ҳоким рушд карда буданд [2]. Сармоядории Аврупо тавонист инқилоби сотсиалистиро ба куллӣ хунсо кунад, зеро кишварҳои Аврупо ба зудӣ дарк карданд, ки ҳама гуна инқилоб вайронгар мебошад, аз ин рӯ, роҳи тадриҷии рушду инкишофи кишварҳояшонро интихоб карданд ва шоҳиди он будем, ки сотсиализми кишварҳои Чину Иттифоқи Шӯравӣ ба бунбаст расидаанд ва ҳадафҳое, ки озодихоҳони асри 19 дар робита бо сотсиализм доштанд, амалӣ нашуд.

Озодихоҳони қарни 19 бар ин андеша буданд, ки агар низоми сотсиалистӣ дар ҷомеа ҳоким гардад, инсон аз банди ғуломӣ ва моддигарӣ озод мешавад ва тазоди табақотӣ аз байн меравад. Тазодҳо ки набошанд, ҷанг нахоҳад буд, ҷангу тазодҳо ва истисмор, ки набошанд, ҳамаи неруҳои инсонҳо бо ҳам ҷамъ мешаванд ва барои такомул ва рушди маънавӣ ба кор хоҳанд баст. Аммо ҳама инҳо орзуҳое буд, ки сотсиалистҳои қарни 19 доштанд [3].

Дар асри 20 чандин корҳои муҳим сурат гирифт: яке он ки ду мартаба мазҳабро дар дунё ба сурати ҷиддӣ матраҳ кард, дигар он ки ба илм мақоми баландашро баргардонд ва севум он ки марксизмро аз эътибор соқит кард, зеро марксизм натавонист ба мушкилоти иқтисодӣ ва инсонӣ посух гӯяд. Ва дар ин росто масъалаи рушди фалсафаи вуҷудӣ (экзистенсиализм) матраҳ шуд. Албатта, фалсафаи вуҷудӣ дар қарни 19 ва ҳатто пеш аз он низ вуҷуд дошт. Ҳатто дар ирфони мо низ вуҷуд дорад (чаро, ки аслан ирфон як фалсафаи вуҷудӣ аст), вале ба ин сурати нав, ки акнун дар дунё матраҳ шудааст ва такяаш ба худи инсон аст. Фалсафаи вуҷудӣ бармегардад ба такя кардани рӯй вуҷуди худи инсон ва ба вай мегӯяд: худро бишнос ва ба худ баргард ва нигоҳ кун. Чаро ки чашми инсон ҳамеша ба берун аз хеш будааст: ба худоён, ба арвоҳ ва ғайра. Ва акнун дар низоми имрӯз низ, ки мазҳабро раҳо карда, ба зиндагӣ моддӣ часпидааст ва ҳама вақташ думболи ба даст овардани чизеву зиёд кардан чизи дигаре сарф мешавад, аз хештани хеш берун рафтааст. Дар ин даврон чизе, ки фаромӯш шудааст, худи инсон аст ва “Ман” аст ба унвони як вуҷуд. Бинобар ин, фалсафаи вуҷудӣ навъи дигаре аз асолат додан ба вуҷуди инсон аст [5]. Пас се ҷараён падид омад:

Ҷараёни аввал: ҷараёни маънавӣ аст дар робитаи инсон ва ҳастӣ. Ирфон, ки он робитаи азимро дар ҷаҳонбинии инсон матраҳ мекунад.

Ҷараён дувум: дар сотсиализм, дар коммунизм ва дар ҳама мактабҳое арзи вуҷуд мекунад, ки дар баробари инсон ва нафйи тазод суҳбат мекунанд. Инҳо фақат ба танзими робитаи табақотии ду гурӯҳ ва ду қутб дар матни як ҷомеа: танзим, робита, деҳқон ва арбоб, сармоядор ва коргар ва робитаи иҷтимоӣ фикр мекунанд, дар сурате ки ирфон робитаи ҷаҳону инсон ва ҳастиро матраҳ мекунад.

Ҷараён севум: фалсафаи вуҷудӣ аст, ки мегӯяд ин ҳар ду робита боз инсонро фаромӯш мекунанд ва ё даргир бо он мавзӯи хориҷӣ менамоянд, масъалаи адолат ва сармоядорӣ ва ҷанги сиёсӣ ва табақотӣ дар сотсиализм ва робитаи ғайбӣ ва маънавӣ ва амсоли он дар ирфон. Аммо ҳар ду худи инсонро раҳо кардаанд. Пас ба худи инсон баргардем ва он чизеро, ки ҳам мазҳаб ва ҳам сотсиализм мехоҳанд аз инсон бигиранд,

бичаспем. Бичаспем ба он озодии инсонӣ. Ман дорои озодӣ ва ихтиёр ҳастам. Аммо сотсиализм ҳама ибтикоротро гирифта ва ба давлат таҳвил додааст ва ба ҷойи ман тасмим мегирад. Сотсиализм барои ман барномарезӣ мекунад ва сарнавишти масраф ва тавлиди маро таъйин менамояд ва бинобар ин, озодии маро низ аз ман мегирад. Мазҳаб ҳам озодии инсонро салб мекунад чун як вуҷуд хориҷ аз зоти Худованд аст. Ба худи инсон баргардем ва бигӯем: Ту мавҷудӣ ва дар ин табиат ҳастӣ. Бинобар ин, ба арзишҳои зотии худ (ихтиёр ва озодӣ), ки дар зоти навъи ту ҳаст, бичасб ва онҳоро рушд ва такомул деҳ. Ҳама арзишҳо вақте вуҷуд доранд, ки ин озодӣ ва ихтиёр вуҷуд дошта бошад, аммо агар ин озодӣ ва ихтиёрро аз ту бигиранд, он арзишҳо низ бароят нахоҳанд буд ва ту ба сурати бандае барои қудратҳои дигар хоҳӣ буд [9].

Нуқтаи заъфи сотсиализм ин аст, ки онро ба моддигароӣ васл кардаанд ва дар амал ҳам ба сурати давлатпарастӣ ва асолати давлатиаш даровардаанд. Ва асолати давлат ҳам баъдан ба сурати асолати раиси давлат ва раҳбар даромадааст.

Нуқтаи заъфи фалсафаи вуҷудӣ ин аст, ки ҳарчанд ба асолати вуҷуди инсон ва озодии ӯ такя мекунад, вале вақте Худоро ва масоили иҷтимоиро инкор мекунад ва ба вуҷуди худи инсон бармегардад, инсонро дар ҳаво маътал мегузорд. Вақте ман озодам, ҳар чизеро, ки хоҳам интихоб мекунам ва ҳеҷ милоки дигаре ҳам вуҷуд надорад. Ин савол матраҳ мешавад: Ба чӣ далел хубро интихоб кунам ва бадро инкор намоям? Фалсафаи вуҷудӣ ҳеҷ далел ва посухе барои ин пурсиш надорад. Фалсафаи вуҷудӣ намегӯяд, ки кадомро интихоб кун, зеро далеле, ки бигӯяд кадомро интихоб кун вуҷуд надорад, зеро на сотсиалист аст ва на худопараст. Инсонро озод мекунад, ба мисли озодипарастони Аврупо, ки озодиро ҳамчун касофаткории фардӣ фаҳмидаанд. Зеро озодии фардие, ки чаҳорчӯбааш мушаххас набошад, боз ба сурати зиллат ва таназзул дар гирдоби фасоду касофат меғӯтад ва натиҷааш як навъи озодии касиф мебошад.

Агар ирфон вуҷуд надошта бошад, асосан инсон нест. Фақат нутқу фикр ва ҳуш (шуур) доштан нишонаи инсон будан нест. Он чи ки воқеан инсонро аз ҳама ҳайвонот ҷудо мекунад, талоши ӯ дар баробари ғайб аст, яъне талоши ӯ ба сӯйи асли хеш. Ин амр аслан ҳамон ҷилваи маънавӣ ва мутаолии инсон аст. Ишқ неру ва ҳароратест, ки аз калорияҳо ва прутеинҳое, ки вориди бадан мешаванд, зоида намешавад. Ишқ манбаест, ки тамоми вуҷуди инсонро мегудозад ва ҳатто ба нафйи хеш водор мекунад. Ишқ арзишҳои мутаолитар ва болотар аз суди инсон ба иснон мебахшад ва дар ҳеҷ тавҷеҳи физикӣ ва моддӣ ва биохимиявӣ намеғунҷад. Агар ишқ аз инсон гирифта шавад, вай ба сурати як мавҷуде дармеояд, ки фақат ба дарди дастгоҳҳои тавлидӣ мехӯрад. Муҳандис ва доктор мешавад, вале одам будан ба маънои ошиқ будан аст, ба маънии як неруи ғайримоддие, ки бо ҳамин неру инсонҳо таърих ва инқилобҳои бузургро сохтаанд [9].

Аслан пайғамбарон барои эҷоди баҳс кардан омадаанд. Мебоист хулоса кард, то ин се заминаи асоси ҷараёни рӯҳӣ ва фикрии инсон, асолати вуҷуд, асолати адолат ва асолати ишқ ва ирфон мушаххастар шаванд. Ирфон ба думболи ишқ аст. Ишқ ба маънои он неруи ғайрмоддиест, ки дар инсон ҳаракат эҷод мекунад. Бедорие, ки шурӯъ шудааст, бар асоси адолати табақотӣ ва адолати моддии байни инсонҳо ва озодӣ ва ихтиёри инсон будааст.

Бояд ин се ҷараёни асосиро дар се калима хулоса кунем: 1[ ишқ, ки решаи таҷаллии мактабҳои ирфонӣ дорад ва мазҳаб ҳам ҷилвае аз ҳамон аст; 2] адолати моддӣ байни миллатҳо ва табақот дар робитаи истеъморӣ ва робитаи истисмори дохилӣ; 3) асолати вуҷуди инсон ба маънои такя кардан ва баргаштан ба даруни зотӣ ва навъе арзишҳои инсонӣ ва ато кардани ихтиёр ва озодӣ ба худи инсон барои рушд ва камоли он ва чашм кушудан ба худи зоти одам.

Ирфон барои инсон як ҳассосиятҳои маънавӣ ва арзишҳои мутаолӣ, равонӣ ва рӯҳӣ эҷод мекунад, ки вуҷуд ва рӯҳи ӯро рушд ва камол медиҳад. Аммо ирфон инсонро аз баъзе аз фоҷиаҳое, ки дар перомунаш мегузарад, ғофилу беэътино ва кӯр мекунад. Мисли марде, ки дар гӯшаи хилвати рӯҳонӣ ва маънавии хеш, то осмон ва то сидратулмунтаҳо, ба меъроҷи маънавӣ ва рӯҳонӣ меравад, аммо дар пушти ҳамон девори хилватгоҳаш, зулму фоҷиа ва фақру ҷаҳлу фасоде, ки инсон мегузарад, аз онҳо аслан хабардор намешавад, яъне, робитаашро ба таври куллӣ бо воқеияти муҳиташ қатъ мекунад.

Мо наметавонем воқеан аз иродат ва имон ва эътиқод ба мардоне мисли Шамси Табрезӣ ва Ҷалолуддини Балхӣ худро дур нигаҳ дорем. Вақте дар баробари инҳо қарор мегирем, монанди ин аст, ки дар баробари як хуршеде қарор гирифтаем. Мавлавиро мисли ин аст, ки вай дар садри ҳама мавҷудоти инсонӣ, ки то кунун мешиносем, аз лиҳози рушди маънавӣ, рӯҳӣ, шахсияти инсонӣ қарор гирифтааст [14].

Дар ҳеҷ мактабе ба андозаи ирфон инсони мутаолӣ сохта намешавад. Мактабҳои ирфонии мо инсонҳоеро ба мо арза кардаанд, ки шабеҳи онҳоро дар ҳеҷ мактабе ва дар ҳеҷ инқилобе намебинем.

Агар озодӣ ба сурате дарбиёяд, ки милоку меъёр ва ҷиҳат надошта бошад, оворагӣ аст ва табдил ба пучӣ мешавад.

Ба ҳар ҳол ин се чараёни асосӣ ва воқеӣ ва ҳақиқӣ дар умқи хислати инсон ҳаст ва асоси ниёзи вуҷуди инсон аст, ба сурати се таҷаллӣ: аз як тараф ишқ ва ирфон аст ва аз тараф дигар адолатхоҳӣ ва аз тарафи севум, асолати вуҷудӣ аст барои бозгашт ба инсон.

Бинобар ин, комилтарин мактабе, ки мехоҳад инсонро ба наҷоту растагорӣ ва осудаҳолӣ бибарад, инсон ва мактабест, ки ин абъоди асосиро дар худ дошта бошад. Агар ирфон маро аз масъулияти иҷтимоӣ барӣ намояд ва фақат ба такомули вуҷудӣ ва маънавии худ машғул кунад, эътиқод ба баробарие, ки як бӯъди дигари мактаби ман аст, маро ғофил аз масъулияти иҷтимоӣ дар баробари дигарон нахоҳад кард.

Хулоса он ки аз як тараф Ж.П. Сартр инсони кунуниро ба озодии вуҷуди худ мехонад ва аз тарафи дигар сотсиализм ӯро ба масъулияти иҷтимоӣ даъват мекунад ва аз тарафи севум, ирфону ишқ робитаи инсонро бо олами вуҷуд, зиндагӣ, сарнавишти ниҳоии вуҷудӣ фаро мехонад.

Ба андешаи Алии Шариатӣ, арзиши ислом дар ин аст, ки рӯйи ҳар се бӯъди ҳамоҳанг бо ҳам такя мекунад. Бунёди ислом ва рӯҳу ҷавҳараш ирфон аст, аммо такяаш ба масъалаи адолати иҷтимоӣ аст ва сарнавишти дигарон. Масалан, дар Қуръон омадааст, ки агар як фарди дигарро зинда нигаҳ доштӣ ва эҳё кардӣ, монанди ин аст, ки ҳама инсонҳоро эҳё кардаӣ ва агар як фардеро куштӣ, монанди ин аст, ки ҳамаи инсонҳоро куштаӣ. Ё масъалаи рибо, ки як амри иҷтимоӣ ва табақотӣ аст, рибохор сахт маҳкум шудааст.

**Муқарриз:** ***Худойдодзода Ф.*** **– доктори илмҳои фалсафа, профессори ДМТ**

**АДАБИЁТ**


1. Алии Шариатӣ. Бозгашт ба хештан. -Машҳад, 1357.
2. Алии Шариатӣ. Бо мухотабҳои ошно. -Машҳад, 1350.
3. Алии Шариатӣ. Мо ва Иқбол. -Машҳад, 1358.
4. Алии Шариатӣ. Ташаюъи алавӣ ва ташаюъи Сафавӣ. -Машҳад, 1359.
5. Алии Шариатӣ. Таърихи тамаддун. Ҷилдҳои 1 ва 2. -Машҳад, 1360–62.
6. Алии Шариатӣ. Таърих ва шинохти адён. Ҷилдҳои 1–2. -Машҳад, 1351.
7. Алии Шариатӣ. Исломшиносӣ. 3 ҷилд. -Машҳад, 1350–51.
8. Алии Шариатӣ. Чӣ бояд кард? -Машҳад, 1356.
9. Алии Шариатӣ. Ирфон, баробарӣ, озодӣ. -Теҳрон, 1377. -С. 3.
10. Алии Шариатӣ. Маҷмӯаи осор. – Ҷ. 33, бахши аввал.
11. Алии Шариатӣ. Маҷмӯаи осор. Ҷ. 33, бахши дуввум.
12. Алии Шариатӣ. Фалсафаи таърих. -Машҳад, 1351.
13. Алии Шариатӣ. Ниёзҳои инсони имрӯз, Shariati.Nimeharf.Com
14. Саъдии Шерозӣ. Гулистон. -Душанбе, 2020. -С. 75.
15. Ҷаъфари Саидӣ. Шахсият ва андешаи доктор Алии Шариатӣ. -Теҳрон, 1371.


**БАЪЗЕ АНДЕШАҲОИ АЛИИ ШАРИАТӢ ДАР БОРАИ ИРФОН, БАРОБАРӢ ВА ОЗОДӢ**

Донишмандони олам (новобаста ба қавм, миллату нажод) агар ҳалли душвориҳои миллати хешро дар таҷрибаву андешаҳои миллати дигаре дармеёфтанд, аз онҳо ибрат мегирифтанд ва ҳаргиз аз таҷрибаомӯзӣ ор накардаанд. Алии Шариатӣ яке аз шахсиятҳои барҷастаи илму фарҳанги форс-тоҷик ба шумор меравад, ки бо жарфои андеша дар масоили гуногуни инсонӣ ва пешниҳоди роҳи дурусти ҳалли онҳо дар таърихи ақвоми ориёинажод камназир будааст. Ӯ бар асоси омӯзаву андешаҳои инсонӣ (шарқиву ғарбӣ) аз даврони бостон то ин замон ба дидгоҳи хосе ноил шудааст, ки муҳим арзёбӣ мешавад ва мо, мутаассифона, то ҳол ба онҳо кам таваҷҷуҳ зоҳир намудаем. Яке аз масоили хеле муҳимме, ки Алии Шариатӣ ба он таваҷҷуҳ зоҳир кардааст, мавзӯи ирфон, баробарӣ ва озодӣ мебошад. Ба андешаи Алии Шариатӣ, табиат ва инсон ду мавзӯи асосианд, ки дар бораи онҳо амиқтар андешидан зарур аст. Барои мутолиаи ин ду мавзӯъ ва робитаҳои онҳо бо ҳамдигар бояд тамоми мактабҳо ва таҷрибаҳоеро баррасӣ кард, ки дар таърих ба номи

дин ё бо номи фалсафа, ё риштаҳои мухталифи фикр ва амали башарӣ арза шудаанд.
**Калидвожаҳо:** ирфон, озодӣ, баробарӣ, адолат, ишқ, дин, фалсафа, сотсиализм, рушд, таҷриба.

**НЕКОТОРЫЕ МЫСЛИ АЛИИ ШАРИАТИ ОБ ЭПИСТЕМОЛОГИИ, РАВЕНСТВЕ И СВОБОДЕ**

Ученые мирового сообщества (независимо от расы, национальности или расы) всегда извлекали уроки из опыта и идей других нации и народов мира, если они находили решение проблем своей нации в опыте других.Али Шариати - один из выдающихся деятелей персидско-таджикской науки и культуры, который уникален в истории нашего народа, своим пониманием различных человеческих проблем и предложением правильного пути их решения. Он разработал уникальное учение, основанное на человеческих учениях (восточных и западных) с древних времен до наших дней, что кажется нам очень важным, хотя до сих пор мы мало уделяем им внимания. Один из самых важных вопросов, которым озабочен Али Шариати, - это темы гносеологии, равенства и свободы. По словам Али Шариати, природа и человек - два основных вопроса, которые необходимо рассмотреть более глубоко. Чтобы изучить эти две темы и их взаимосвязь друг с другом, нужно рассмотреть все школы и практики, которые были представлены в истории во имя религии или во имя философии, или в различных дисциплинах человеческого мышления и практики.
**Ключевые слова:** гносеология, свобода, равенство, справедливость, любовь, религия, философия, социализм, развитие, практика.

**SOME THOUGHTS OF ALI SHARIATI ABOUT EPISTEMOLOGY, EQUALITY AND FREEDOM**

Scientists of the world community (regardless of race, nationality or race) have always learned from the experiences and ideas of other nations and peoples of the world, if they found a solution to the problems of their nation in the experience of others. Ali Shariati is one of the outstanding figures of Persian-Tajik science and culture, who is unique in the history of our people, his understanding of various human problems and proposing the right way to solve them. He developed a unique teaching based on human teachings (Eastern and Western) from ancient times to the present day, which seems to us very important, although we still pay little attention to them. One of the most important issues that Ali Shariati is concerned about is the topics of epistemology, equality and freedom. According to Ali Shariati, nature and man are two main issues that need to be considered in more depth. To study these two topics and their relationship with each other, one must consider all the schools and practices that have been presented in history in the name of religion or in the name of philosophy, or in the various disciplines of human thought and practice.
**Key words:** epistemology, freedom, equality, justice, love, religion, philosophy, socialism, development, practice.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Алиев Сафаралӣ Исроилович*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти Ph.D кафедраи онтология ва назарияи маърифати факултети фалсафа. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17 . Телефон**: 904-54-03-04**

**Сведение об авторе:** ***Алиев Сафарали Исроилович*** – Таджикский национальный университет, докторант Ph.D кафедры онтологии и теории познания философского факультета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17 .Телефон**: 904-54-0-04**

**Information about the author:** ***Aliev Safarali Isroilovich*** **-** Tajik National University, Ph.D doctoral student of the Department of Ontology and Theory of Knowledge of the Faculty of Philosophy. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki Avenue, 17. Phone: **904-54-03-04**

**УДК: 167.7(575.3)**

# САҲМИ ФАХРИДДИНИ РОЗӢ ДАР ИЛМИ МАНТИҚ

***Қаландаров М.И.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар шароити имрӯза омӯзиши афкор ва таълимоти мантиқии гузаштагон яке аз масъалаҳои муҳимтарин ба ҳисоб рафта, баҳри ташаккул додани савияи ҷаҳонбинии насли наврас ва дар доираи ҷаҳонбинии фалсафӣ-илмӣ ба воя расонидани онҳо нақши муҳим мебозад. Баробари омӯзиш ва равшан сохтани дигар паҳлуҳои таълимоти Фахриддини Розӣ, омӯзишу баррасии афкори мантиқияш низ хело муҳим буда, барои муайян кардани муносибат ва дидгоҳаш нақши калидӣ мебозад. Фахриддини Розӣ яке аз чеҳраҳои бузургтарин ва ношинохта дар таърихи мантиқ буда, то имрӯз аз ҷониби муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ ба таври алоҳида мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор нагирифтааст. Муҳаққиқони ватанӣ, ки ба омӯзиши паҳлуҳои гуногуни афкори ӯ машғул гардидаанд, М. Диноршоев, Н. Арабзода, М. Наимов, Пиров Т., Қаландаров М. ва Элчибекова Б. аз муҳаққиқони хориҷӣ Алии Ҳақӣ, А. Таботабоӣ, С. Наср, А. Ҳалабӣ, Наргиси Назарнажод., Алиризо Наҷафзода., Ҳусайни Маҳдавинажод., Беҳуҷҷати Воҳидӣ, Муртазо Муттаҳарӣ ва дигарон мебошанд [7, с.2]. Тадқиқоти алоҳидае, ки танҳо фарогири назариёти мантиқии Фахриддини Розӣ бошад, анҷом наёфтааст, вале то андозае дар шакли муқоисавӣ назариёти фалсафӣ-мантиқии Фахриддини Розӣ бо Ибни Сино ва Насируддини Тӯсӣ аз ҷониби баъзе муҳаққиқони эронӣ анҷом ёфтааст, ки қаблан ишора

намудем.

Фахриддини Розӣ яке аз шахсиятҳои барҷастаи таърихи фалсафа ва мантиқу калом мебошад, ки соли 1149 дар шаҳри Райи Эрон ба дунё омада, соли 1209 дар Ҳирот аз олам гузаштааст. Таҳсилоти ибтидоияшро дар назди падараш Зиёуддин Умар, ки олим, мутакаллим, муфассир ва орифи давр буд, гирифтааст. Пас аз сари падар барои идомаи таҳсил ва касби улуми фалсафа, мантиқ, калом, тафсир, табииёт, риёзиёт ва ғайра ба назди Камоли Симнонӣ ва Маҷдуддини Ҷеллӣ меравад [6, с.344].

Осори мантиқии Фахриддини Розӣ нишон медиҳад, ки ӯ дар бисёре аз илмҳои замонаш чирадаст буда, доир ба аксарияти онҳо асару рисолаҳои алоҳидае навиштааст, ки зикри онҳоро метавон дар асари ҷамъбастии мутафаккир «Ҷоме-ул-улум» ё худ «Ситтин», ки фарогири 60 илм мебошад, номбар кард. Чуноне ки қаблан ёдовар шудем, то ба имрӯз аз ҷониби муҳаққиқони розишинос бештар назарияҳои каломӣ, фалсафӣ ва тафсирияш мавриди омӯзиш қарор гирифта, назариёти мантиқияш бошад, ба таври зарурӣ омӯхта нашудааст. Дар мақолаи мазкур мо кӯшиш намудем маҳз ба ҳамин қисмат дахл намуда, саҳми мутафаккирро дар илми мантиқ нишон диҳем.

Фахриддини Розӣ мутакаллим, файласуф ва мантиқдони асри XII-XIII мебошад, ки то ба имрӯз бо ҷаҳонбинӣ ва тафаккури интиқодияш маълуму машҳур аст. Оид ба мақом ва ҷойгоҳи мутафаккир, ки Баҳоуддин Валад, Шамси Табрезӣ, Мавлоно (дар истифодаи масоили динӣ аз мантиқу фалсафа, ки барои онҳо нохушоянд буд), Насируддини Тӯсӣ ва Муллоҳодии Сабзворӣ дар масоили каломӣ (мазҳабӣ) ва фалсафӣ, ки ба Ибни Сино дар марҳилаи аввал эродҳо гирифта буд ва баъдтар ҷонибдорияшро баён кардааст, муқобилият нишон медиҳанд. Ба қавли Тоҳири Ироқӣ, «ӯ бо зеҳни виқод, таҳлилгар, мушаккик, маълумоти густурда, ҳофизаи тавонманд ва баёни равшану гӯё дар гуфтану навиштан, ҳама бо ҳам дар вуҷуди Фахри Розӣ гирд омада буд ва бо баракату кӯшишҳои мудому талоши бевуқуфаш дар зиндагии худ мероси гарону арзишманде дар улум ва маорифи гуногун ба ҷо гузошт» [2, с,780]. Ин ҳама гуфтаҳо баёнгари он мебошанд, ки Фахриддини Розӣ бо афкор ва ҷаҳонбинию тафаккури таҳлилгараш дар соҳаҳои мухталиф саҳми бузурге гузоштааст.

Бинобар сабаби дониши васеъ дар соҳаи калому фиқҳ, фалсафаву мантиқ ва зери шак қарор додани дигар масоил, аз ҷониби шогирдону шореҳонаш бо унвони «Имом» ва «Имом-ул-мушаккикин» ном бурда мешуд. Хоҷа Насируддини Тӯсӣ аз ӯ ба унвони фозилу аллома ёд карда, баъдтар мутакаллимони шиа, бахусус ҳавзаҳои фалсафии Исфаҳон, ба ӯ лақаби “Имом-ул-мушаккикин”-ро додаанд. Муртазо Муттаҳарӣ бошад, ин муносибати Фахриддини Розиро муфид арзёбӣ намуда, чунин мегӯяд: «Фахри Розӣ ҳамеша ташкикоташ муфид, нофеъ ва сабаби шикофтани масоил шуд ва дар ин роҳ хеле кумак кардааст» [11, с.32].

Баъд аз даъвати Маҷдуддини Ҷелӣ ба Мароға, Фахриддини Розӣ низ ҳамроҳаш барои касби илм сафар намуда, дар ҳалқаи дарсаш як ҷо бо Суҳравардӣ мепайвандад. Агарчи аз Маҷдуддини Ҷелӣ ягон осоре боқӣ намондааст, вале таҳаввули афкори каломӣ, фалсафӣ ва мантиқии Шаҳобуддини Суҳравардию Фахриддини Розӣ баёнгари андешаи волои ӯ дар ин ҷода мебошад.

Мавриди зикр аст, ки осори Фахриддини Розӣ ҳанӯз дар давраи зинда буданаш барои ҳаводорони мантиқ ҳамчун китоби дарсӣ қарор гирифта буданд. Масалан, дар Самарқанд Фариддуни Ғеллонӣ аз китобҳои «Ал-мабоҳис-ул-Машриқия», «Ал-мулаххас» ва «Ал-анорот»-и Фахриддини Розӣ ба шогирдонаш дарс медод ва ҳангоми сафари Фахриддини Розӣ ба Самарқанд Ғеллонӣ бо ӯ суҳбатҳо намуда, доир ба масъалаҳои гуногуни мантиқ маълумот гирифтааст [4, с.73].

Сафарҳои пайдарпайи Фахриддини Розӣ ба шаҳрҳои бузурги Хуросон, Мовароуннаҳр, Бухоро, Самарқанд, Ҳирот, Фирӯзкӯҳ ва баҳсу мунозираҳояш бо намояндагони равияву ҷараёнҳои каломӣ-фалсафӣ дар баробари мақому мавқеъ, нафрату бадбиниро низ нисбаташ зиёд намуд. Махсусан, баҳсу мунозираҳои ӯ бо каромиён, ки сабаби аз шаҳр хориҷ шудан, баҳс бо исмоилиён, сабаби ба гулӯяш корд мондан гардид ва дигар баҳсҳояшро метавон ёдовар шуд, ки омӯзишу баррасиҳои алоҳидаро талаб менамояд.

Фахриддини Розӣ пас аз маргаш пайравон ва мунаққидони зиёдеро низ пайдо кард, агар пайравону ҳавдоронаш ӯро ба ҳайси як муҷаддид, Шайх-ул-ислом ва Имоми худ ном баранд ва дар тарғибу ташвиқи афкораш кӯшиш намоянд, рақибонаш ӯро ба баддинӣ, илтиқою фитнагар ва Имом-ул-мушаккикин ном мебурданд. Ин ҳама зиддият ва бадгӯии шахс баёнгари мақом ва ҷойгоҳи волои ӯ дар ҷодаи улум мебошад, ки нисбаташ сухан гуфта мешавад ва инро дар ҷаҳонбинии васеъ, фалсафӣ-мантиқӣ ва каломии Фахриддини Розӣ метавон мушоҳида кард. Ҳамчунон ки қаблан ёдовар шудем, баробари каромиёну исмоилиён…душманони сарсахттарини Фахриддини Розӣ аҳли тасаввуф (Баҳоуддин Валад, Шамси Табрезӣ ва Мавлоно) буданд, ки барои истифодаи фалсафаю мантиқ, каломи ақлӣ, табиийёт ва дигар улуми ақлӣ ӯро ба куфру гумроҳӣ ва бода муттаҳам менамуданд [5, с.101]. Ин баҳсу ихтилофи онҳоро мо ба таври алоҳида дар мақолае таҳти унвони «**Ихтилофи тасаввуф ба консепсияи ақлгароёни Фахриддини Розӣ**» баррасӣ намудем.

Агарчи дар ҳалқаи дарси Фахриддини Розӣ беш аз сесад тан аз шогирдон ҷамъ мешуданд [9, с-310], вале машҳуртарини онҳо дар мантиқу фалсафа ва калом: Асируддини Абҳарӣ, Қутбиддини Мисрӣ, Абулаббоси Хӯйӣ, Шамсиддини Хусравшоҳӣ, Зайнуддини Кешӣ, Қутбиддини Абҳарӣ ва Байлақонӣ [11, с.10] буданд ва дар ташаккули соҳаҳои гуногуни илм саҳми бузург гузоштанд.

Фахриддини Розӣ дар баробари илми калом дар улуми дигар низ хело чирадаст буд, ин мавқеи ӯро Деҳхудо чунин баён менамояд: «Ӯ ҳамчун фуҳули ҳукамо (доно ва барҷаста Қ.М.), фалосифа ва уламои шофеия аст, ки Ҷомеъ-ул-улум»-и ақлию нақлиро ба вуҷуд овард ва дар таърихи илми калом, мантиқ, фиқҳ, усул, тафсир, ҳикмат, улуми адаб ва риёзӣ ягонаи асри худ гардид» [2, Ҷ. 37, с-780]. Дар маҷмӯъ, муҳаққиқон нақши Фахриддини Розиро дар ташаккули калому фалсафа ва мантиқ дар муқоиса бо Муҳаммад Ғазолӣ бузургтарин устоди ин мактаб хонда, ӯро ҳамчун поягузори мактаби ҷадиди каломи ақлонӣ ҳисобида, «пас аз Арастуву Форобӣ дар мантиқ «муаллими сеюм» ном бурдаанд [10, с.192].

Таваҷҷуҳ ба чунин мақом дар соир мавзӯъҳои мухталифи улум, бозгӯкунандаи мақом ва ҷойгоҳи мутафаккир дар калом, фалсафа, мантиқ, тафсир, усул, фиқҳ, ҳадис, улуми табиӣ, таърихи фирақ, тиб, нуҷум ва ғайра мебошад. Ба қавли Маъмуми Ҳамадонӣ, «гароиши каломӣ дар осори фалсафӣ ва гароиши мантиқӣ дар осори каломӣ сабаб шудааст, то ба тааммулоти фалсафӣ рӯй оварад ва ноқидона ахз кунад ва дар пажуҳишҳои каломӣ сароғози машраби фалсафӣ дар каломи ашъарӣ гардад. Ба ҳар рӯй, Фахри Розӣ калом ва фалсафаро пурҳаҷмтар аз он чи пеш аз вай буд, кардааст» [13, с.28].

Ин ҳама гуфтаҳо бозгӯкунандаи мавқеи Фахриддини Розиро баробари дигар улум, дар илми мантиқ низ нишон медиҳад. Аз рӯйи чунин муносибат дар соҳаҳои мухталифи илм метавон саҳми мутафаккирро дар асоси ду сарчашма зикр намуд: аввалан, аз худи сарчашмаҳои истифода намуда, ки дар мавзӯъҳои мухталиф ба осори дигараш ишора намудааст; дувум, шореҳони осори ӯ, бахусус Котиби Қазвинӣ ва шогирдонаш, ки аз осори Фахриддини Розӣ фаровон истифода бурдаанд. Усуле, ки ғолибан ҷанбаи мантиқӣ дошта, дар онҳо танҳо масъалаҳои се дониш: мантиқ, табиийёту илоҳиёт ва шарҳҳое, ки ба осори Ибни Сино навиштааст, дохил мешаванд. Дар асоси ин манбаъҳо метавон осори мантиқии Фахриддини Розиро чунин баён намуд: 1) «Мантиқ-ул-кабир»-равиши муфассал, ки Фахриддини Розӣ дар оғози асарҳои «Шарҳи уюну-л-ҳикам» ва «Ал-мулаххас» аз он ёдовар мешавад. Котиби Қазвинӣ дар тавзеҳе, ки Фахр дар «Ал-мулаххас» ба ин масъала таваҷҷуҳ кардааст, чунин мегӯяд: «Нусхае аз он ёфта намешавад ва агар низ бошад, маъруф нест, бо вуҷуди он ки мо ин асари мантиқиро наёфтем, вале аз сарчашмаҳои таърихӣ маълум мешавад, ки ин асар то як муддат байни шогирдони Фахриддини Розӣ таълим дода мешуд” [15, с.28]. Шояд ин асар низ чунин дигар асарҳои мутафаккирони дигар бинобар сабаби ҳодисаҳои гуногуни руҳдода, монанди оташзанию ғоратгарӣ ва роҳзаниҳо аз байн рафта бошад; 2) «Ал-оёт-ул-байинот» - Асқалонӣ дар «Лисон-ул-мизон», Сафдӣ дар «Ал-вофӣ» ва Хайриддини Зарконӣ дар «Аълам» аз он гузориш додаанд. Ба қавли муҳаққиқон, ин асар ду маротиба чоп гардида, пурра шомили

масоили мантиқӣ аст ва аз ҷониби ҳаводорони соҳаи мантиқ, бахусус Ибни Абилҳабиб бар он шарҳе навишта шудааст; 3) «Ал-мухтасарат фил-мантиқ» - доир ба ин асар Ҳоҷи Халифӣ маълумот дода, онро шомили даҳ боб медонад; 4) «Рисола фил-куллия» - рисолаи хеле мухтасар дар мантиқ буда, мувофиқи маълумоти сарчашмаҳо шарҳе низ бар он навишта шудааст; 5) «Ал-мулаххас» - ин асар шомили се илм: мантиқ, тибииёт ва илоҳиёт буда, аз ҷониби шореҳони мантиқ ба он шарҳҳо навишта шудааст; 6) «Ар-рисолату-л-камолия фил-ҳақоиқу-л-илоҳия» - Фахри Розӣ ин асарро дар пайравии «Донишнома»-и Ибни Сино бо забони форсӣ навиштааст. Ин асар шомили даҳ мақола: мантиқ, мақулот, маърифати Бори таоло, сифоти воҷиб-ул-вуҷуд, афъоли Бори таъоло, аҳволи ҷисм, сифати афлок, аркону аносир, илмуннафс ва илми ҳайат мебошад. Аз мазмуни асар маълум мегардад, ки Фахриддини Розӣ баъзе қисматҳои онро зери «Ишорот»-и Ибни Сино нигоштааст; 7) «Муҳассал-ул-афкор ва мутақаддимин» - ин асар агарчи фарогири масоили каломӣ аст, вале баҳсҳои гуногуни мантиқиро низ дар бар мегирад. Қутбиддини Мисрӣ шогирди Фахриддини Розӣ бар он шарҳ навишта, Насируддини Тӯсӣ нақде бо номи «Талхис-ул-муҳассал» ва Котиби Қазвинӣ низ шарҳе ба номи «Ал-муфассал фӣ шарҳи-л-муҳассал» навиштаанд; 8) «Ал-анорот фӣ шарҳи-л-ишорот» - бахши мантиқии ин асари муҳим, то кунун чоп нашудааст. Дар ин асар Фахриддини Розӣ шефтагиҳои Ибни Синоро дар мантиқнигорӣ ёдоварӣ гардида, дар «Лубоб-ул-ишорот» ба унвони делел шефтагиҳои худро нишон медиҳад, ки Ғеллонии Балхӣ (соли 582 ҳ.қ.) аз он ба шогирдон дарс медодааст; 9) «Лубоб-ул-ишорот» гузориш ва шарҳе бар «Ишорот»-и Ибни Сино аст, ки дар муқаддимаи он зикр ёфтааст. Ин китоб ҳанӯз дар замони зинда будани Розӣ аз ҷониби муаллимони мантиқ дар мадрасаҳо дарс дода мешудааст; 10) «Ал-ҳадӣ» - Фахри Розӣ дар «Шарҳи уюн-ул-ҳикмат» ва «Ал-мулаххас» ба он ишора намуда, онро ба таври хосса аз орои мантиқии худ медонад; 11) «Шарҳи уюн-ул-ҳикмат» - шарҳи муфассале бар «Уюн-ул-ҳикмат»-и Ибни Сино буда, бар хилофи «Ал-анорот» рӯйоварди интиқодӣ дорад. Дар ин ҷода метавон гуфт, ки Фахриддини Розӣ яке аз нахуст касонест, ки пас аз асари «Ал-Анорот»-аш шарҳ бар «Уюну-л-ҳикмат»-и Ибни Сино навишта, дар он аз осори дигараш: «Ал-Ҳадӣ», «Ал-мулаххас» ва «Ал-анорот» зикр менамояд; 12) «Шарҳ-ул-наҷот» - ин асарро бо забони форсӣ навиштааст, вале муҳаққиқон доир ба он ихтилофи назар дошта, онро ба Исфаронӣ нисбат медиҳанд, на Фахриддини Розӣ. Дар ҳоле ки Исфаронӣ дар «Шарҳ-ул-наҷот»-и худ зиёд аз Фахриддини Розӣ ёд ва пайравӣ кардааст. Дар баробари баёни Фахри Розӣ аз соҳиби «Ал-мизон» Ибни Саҳловонии Совӣ, Форобӣ ва Ибни Сино низ ишора мекунад. Дар ҳоле ки нигориш ва сабки шарҳи «Наҷот»-и Исфаронӣ аз сабки Фахриддини Розӣ тафовутҳои зиёде дорад.

Агарчи то имрӯз аз ҷониби ягон муҳаққиқи ватанӣ осори мантиқии Фахриддини Розӣ ба таври бояду шояд мавриди омӯзиш қарор нагирифтааст ва ӯ танҳо ба ҳайси як мутакаллим шинохта шудаасту бас. Ин муносибат муҳаққиқони риштаҳои фалсафаро водор месозад ба ҷанбаҳои гуногуни таълимоти ин мутафаккир машғул гардида, мавқеи ӯро на танҳо дар калому тафсир, балки дар мантиқу фалсафа, сиёсату ахлоқ, антропология ва дигар улум ошкор созанд.

Фахриддини Розӣ дар «Ал-мулаххас» ҳадафҳои худро ба таври муфассал доир ба таърих ва моҳияти масоили мантиқӣ баён кардааст. Ҳамчунон ки қаблан ёдоварӣ намудем, орои мантиқии Фахриддини Розӣ ҳанӯз дар замони зиндагӣ ва баъд аз маргаш китоби рӯйимизии дӯстдорони мантиқ қарор гирифта буд, яъне то ҳадде онҳо шуҳрат ёфта буданд, ки кам китоб ё рисолаи баъдиро метавон дид, ки аз онҳо ишора накарда бошад. Масалан, Муллосадро дар баёни мавзӯъҳои «Асфор» беш аз саду бист маротиба аз осори Фахриддини Розӣ ёдоварӣ мекунад. Бо вуҷуди он ки Фахриддини Розӣ осори зиёданд ба мантиқ навиштааст, вале пас аз қарни XIII-XIV инҷониб бинобар сабаби бад кардани таълимоташ аз ҷониби рақибон, ба афкору осори мантиқию фалсафияш таваҷҷуҳи зоҳир карда нашуд ва мутафаккир танҳо ба ҳайси муфассиру мутакаллим шуҳратёб гардид. Дар ҳоле ки Ибни Халдун рудши каломи фалсафӣ ва омезиши каломро бо фалсафа ва хотима бахшидани нақди фалосифаро ба Фахриддини Розӣ нисбат медиҳад. Фахриддини Розӣ фалсафаи каломро то андозае поягузорӣ намуд, ки пас аз ӯ омӯзишҳои динӣ бо забони

фалсафию мантиқӣ баён шуданд. Барои тақвияти ин гуфтаҳо месазад, андешаи худи Ибни Халдунро доир ба нақши Фахриддини Розӣ баён менамояд: «Фахриддини Розӣ калом ва фалсафаро ба ҳам омехт, дар бораи таҳаввули даврони калом ва робитаи он бо фалсафаю мантиқ аз замони Ашъарӣ то рӯзгори худ чунин гузориш медиҳад: Қозӣ Абубакри Боқилонӣ…дар тариқаи мазбур (тариқаи ашъария) ба мақоми пешвоӣ ноил омад ва онро таҳзиб кард ва ба вазъи муқаддамоти ақлӣ пардохт, ки адилла ва афкору назариёт бар онҳо мутаввақиф мегардид. Аз қабили исботи ҷавҳари фард ва хало ва ин ки араз қоим ба араз намебошад ва дар ду замон боқӣ намемонад…тобеи ақоиди имонӣ қарор дод. Саранҷом ин тариқа такмил гардид ва дар зумраи беҳтарин фунуни назарӣ ва улуми динӣ ба шумор омад…он гоҳ, пас, аз Боқилонӣ Имомулҳарамайн Абулмаолӣ падид омад ва ӯ дар ин тариқат китоби «Шомил»-ро таҳия намуд ва ба шарҳу басти он пардохт. Сипас, ин тариқаро дар китоби «Иршод» талхис кард, ки мардум онро ба манзалаи раҳнамои ақоиди хеш донистанд ва мавриди истифода қарор доданд. Ҳамин тавр, Боқилонӣ бар он ақида шуд, ки марҷаи мазбур (номбурдашуда Қ. М.) дар пайравии эшон мабонии тариқаи нахустин гардид ва онро ба номи тариқаи мутааххирин ном бурд ва чи басо, ки дар ин тариқа рад бар файласуфонро низ дар бораи масоиле аз фалсафа, ки мухолифи ақоиди имонӣ буд, дохил карданд ва файласуфонро дар зумраи душманони ақоиди имонӣ қарор доданд. Ин шеваҳои онҳо бо бисёре аз мазоҳиби бидъатгузорон мувофиқ буд ва нахустин касе, ки дар тариқаи каломӣ ба муқобили онҳо ба таълиф пардохт, Ғазолӣ ва сипас Имом Хатиб (Розӣ) буд. Пас аз Имом Фахри Розӣ, мавзӯъҳои ин ду илмро то ҳадде ба ҳам даромехт, ки тафовут миёни ин ду номумкин гардид» [8, с.73].

Метавон гуфт, агарчи дар бахши мантиқии табииёт ва илоҳиёти «Ал-анорот» ду тавзеҳи мухталифи Фахриддини Розӣ нисбат ба Ибни Сино ироа гардида бошад ҳам, вале нисбати бахши дувум бошад, Насируддини Тӯсӣ ишора намуда, онро на шарҳ, балки ҷарҳ хондааст. Маврид ба зикр аст, ки яке аз рақибони сарсахттарини Фахриддини Розӣ дар калом ва фалсафаю мантиқ Насируддини Тӯсӣ буд, ки дар бисёр ҳолат каломи ӯро аз нигоҳи мазҳабӣ накд мекард, вале дар фалсафаю мантиқ бошад, зери таъсири таълимоти Ибни Сино қарор мегирифт. Ҳатто ӯ қайд мекунад, ки «бар ҳасби ин бахш аз «Ал-анорот», ки бешу кам дар «Ал-муҳассил» ва «Шарҳи уюн-ул-ҳикмат»-и Фахри Розӣ низ мунаъкис аст, ӯ шоистаи номи Имом-ул-мушаккикин аст [12. Ҷ.1, с.35].

Воқеият ин аст, ки Фахриддини Розӣ дар бахши мантиқии «Ал-анорот», «Шарҳи уюн-ул-ҳикмат» ва «Шарҳ-ул-ишорот»-аш шефтаи Ибни Сино ва пайрави навовариҳои ӯ дар мантиқ мебошад. Ҳатто бар касоне, ки нохондаву нофаҳмида бар Ибни Сино хӯрдагирӣ мекарданд, эродҳо мегирифт. Масалан, Ибни Асокир нақл мекунад, ки Фахриддини Розӣ рӯзе ба Бухоро сафар кард ва дар он ҷо шунид, ки шахсе ба «Ишорот»-и Сино ишколоте ворид кардааст. Чун он шахс аз вуруди Фахриддини Розӣ ба Бухоро огоҳ шуд, ба шогирдонаш фармон дод, ки ин китобро ба ӯ нишон надиҳанд. Фахриддини Розӣ, ки бо яке аз шогирдонаш робитаи дӯстӣ дошт, якшаба онро ба амонатӣ гирифту то саҳар пурра онро хонд ва саҳар ба маҷлиси он шахс ворид шуда, гуфт: «Шунидам, ки ба «Ишорот»-и Бӯалӣ ишколоте ворид кардаӣ», нофаҳмида ва надониста бар он бузургвор ишкол раво медорӣ? Оё аз Худо наметарсӣ? Ба маънии сухану андешаҳояш сарфаҳм нарафта, ба хаёли худ онҳоро тафсири нодуруст мекунӣ»! Он шахс гуфт: Гумон мекунам ту Фахри Розӣ ҳастӣ. Гуфт: Гумонат дуруст аст ва бархосту берун рафт» [9. Ҷ. 3, с.311]. Ин гуфтаҳо баёнгари он мебошанд, ки Фахриддини Розӣ, агарчӣ зери таъсири калом дар марҳилаи аввал қарор дошта бошад ҳам, вале минбаъд ҷонибдории худро ба Ибни Сино баён намуда, аз ӯ муҳофизат намудааст.

Омӯзиш ва таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар низоми мантиқнигории Ибни Сино ҷонибдорон ва мунаққидонаш ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: сараввал, ӯ дар «Шифо» дар баррасии масоили анъанавии арастуӣ нуҳ бахши дигарро баррасӣ намуда, дар «Ишорот» бошад, раванди баррасии мантиқнигориро заминагузорӣ месозад, ки дар ин ҷода гурӯҳи аввал: Баҳманиёр, Лукарӣ, Ғейллонӣ, Хоҷаи Тӯсӣ, Ғиёсуддини Душтарӣ ва Нуриддини Ансорӣ пайрави «Шифо» ва гурӯҳи дувум, дар муқобилаш: Ғазолӣ, Фахри Розӣ, Шайхи Ишроқ, Омирӣ, Абҳарӣ, Котибӣ, Самарқандӣ, Аллома Ҳеллӣ, Тафатазонӣ, Мирдомод ва

Муллосадро бар низоми «Ишорот» дониста мешаванд.

Фахриддини Розӣ дар такмилу баррасии ду бахши мантиқи Ибни Сино ва интиқоли он ба наслҳои баъдӣ нақши муассир гузоштааст. Чуноне ки қаблан ёдовар гардидем, Фахриддини Розӣ ва Шайхи Ишроқ илми мантиқро назди Маҷдуддини Ҷелӣ аз китоби «Ал-басоир-ул-насирия»-и Ибни Саҳлонии Совӣ, ки дар он вақт китоби дарсӣ дониста мешуд, омӯхтаанд. Бо вуҷуди он ки Фахриддини Розӣ ва Суҳравардӣ шогирди Маҷдуддини Ҷелӣ дониста мешаванд, вале дар ақоид яке пайрави калом ва дигар аз ишроқ шинохта шудаанд. Дар раванди муайянсозии ихтилофҳои Фахриддини Розӣ бо Ибни Сино бештар Насируддини Тӯсӣ кӯшиш намудааст, дар ҳоле ки ӯ ба бахши мантиқии «Ал-анорот»-и Фахриддини Розӣ таваҷҷуҳе накарда, ҷонибдорӣ ва ҳамфикрии Фахриддини Розиро бо Ибни Сино нодида гирифтааст.

Фахриддини Розӣ бештар ҷонибдору шефтаи ду бахши мантиқ: илоҳиёту табииёти «Ишорот» ва навовариҳои Ибни Сино дар масоили мантиқӣ буда, аз назариёти мантиқии «Шифо» низ дифоъ кардааст. Баъзе мавзуъҳое, ки аз назари Фахриддини Розӣ навоварии Ибни Сино мебошанд, инкор намуда, назарияҳои Ибни Синоро дар мавриди навовариҳо нақд ва рад месозад. Албатта, ин масъала омӯзиш ва таҳлили алоҳида мехоҳад ва аз доираи мавзӯи мо берун аст.

Яке аз масъалаи муҳимтарин байни мавзуъҳои мантиқӣ, масъалаи тасаввур ва тасдиқ (маърифтаи ҳиссӣ ва ақлӣ дар мантиқи классикӣ дониста мешуданд) мебошад, ки ба он Форобӣ, Сино, Ибни Рушд ва Насафӣ зимни сарчашмаҳои мантиқи арастуӣ ба он таваҷҷуҳ намудаанд. Ибни Сино низ бо як таваҷҷуҳи хосса аз ин усул даст зада, қисмати баррасинамударо ба маҷҳул (норавшан, номаълум Қ.М.) нишон дода, он гоҳ дугонагии роҳи пайваст шудан ба маҷҳули тасаввур ва маҷҳули тасдиқиро асоси мантиқи таъриф ва ҳуҷҷат қарор медиҳад, ки баъдтар ин аз ҷониби ҳаводорони мантиқ мавриди баррасии хосса қарор мегирад. Ба қавли Шайхи Ишроқ, аз китобҳои мантиқӣ ба натиҷае метавон омад, ки матлубе нест, магар тасаввур ва тасдиқе, ки алоқамандии байни он ду қабули шарҳ ва ҳуҷҷат бошад. Ин таъбир, ки дақиқан аз они Абӯалӣ аст, назди дигар мантиқдонон камтар ба назар мерасад [15, с.2].

Машҳуртарин таърифе, ки ҳам Ибни Сино ва ҳам Шайхи Ишроқ дар тақсими илм ба тасаввурӣ ва тасдиқӣ баён намудаанд, ин аст: «илм ё тасаввурӣ аст ё тасдиқӣ» [1, с.2]. Дар ҳоле ки Фахриддини Розӣ ба ин ақидаи онҳо эрод гирифта, чунин мегӯяд: «Тасаввур шарти тасдиқ аст ва шарт наметавонад қисм ва маонии машрут бошад» [13, с.35]. Ба қавли Фахриддини Розӣ, назари Ибни Сино дар «Ишорот» ҷиҳати рафъи ин интиқод дақиқтар аст, чуноне ки Фахриддини Розӣ ёдовар мешавад: «Абӯалӣ тасаввури орӣ аз ҳукмро ба тасаввури ҳамроҳи ҳукм ҷудо намуда, онро ношӣ аз шароити мантиқи тасдиқӣ медонад. Баёни Шайхурраис дар «Мантиқ-ул-Машриқия» ин аст, ки тасаввур ашёест, ки дар зеҳнҳои мо ҳосил мешавад ё тасаввуре аст, ки тасдиқ ҳамроҳи он нест ва ё тасаввуре аст, ки ҳамроҳи он тасдиқ аст.

Фахриддини Розӣ дар пайравӣ аз Ибни Сино дар «Ал-мулаххас» чунин баён мекунад: «Тасаввур вуҷуд дорад ва агар ҳукм бошад, тасдиқӣ аст» [13, с.36]. Ин ақидаро мантиқдонони баъдӣ монанди Абҳарӣ дар «Кашф-ул-ҳақоиқ», Хоҷаи Тӯсӣ дар «Асос-ул-иқтибос», Абҳарӣ дар «Матолеъ-ул-анвор» ва Котиби Қазвинӣ дар «Мантиқ-ул-айн» ҷонибдорӣ кардаанд. Дар пайравӣ аз Фахриддини Розӣ бошад, Ибни Камуна чунин мешуморанд, «агар тасдиқ мураккаб аз тасаввури сегона (эҳсос, идрок ва тасаввур) ва ҳукм бошад, дар ин сурат тасдиқ наметавонад бадеҳӣ бошад, магар он ки тасаввуроти он низ бадеҳӣ бошад» [13, с.10]. Дар ин росто Хоразмӣ низ чунин мешуморад, ки «бадоҳати тасдиқ дар асоси баёни Фахри Розӣ ба бадоҳати маҷмуъ ирҷои он аст, яъне маҷмуъ бадеҳӣ нест, магар ба бадоҳати ҳар яке аз аҷзои он» [13, с.10]. Ин аст, ки Фахри Розӣ дар осори каломию фалсафияш бештар аз ин роҳу усулҳои мантиқӣ истифода намуда, дар асоси он қоидаеро ироа месозад: «Ҳар тасаввуре, ки тасдиқи аввалӣ ва бадеҳӣ бар он мубтанӣ бошад, худ аввалӣ ва бадеҳӣ аст» [13, с.39].

Аз мазмун ва моҳияти мавзӯи мазкур ба хулосае метавон омад, ки нақш ва таъсири Фахриддини Розӣ дар таърихи илми мантиқ баробари Арасту, Форобӣ ва Ибни Сино хеле

бузург буда, бо навиштани асару рисолаҳои хурду бузургаш хизмати бузурге намудааст. Ҳамчунин, бо навиштани асарҳои каломию тафсирияш, ки бо усулу равишҳои ақлӣ, мантиқӣ ва фалсафӣ эҷод шудаанд, дар таърихи фалсафаи ба ҳайси мутакаллими ақлгаро ва барҳамзанадаи каломи нақлӣ шинохта шудааст. Агарчи дар таърихи фалсафа, калом, тафсир ва мантиқ Фахриддини Розӣ рақибони сарсахте доштааст, вале баробари онҳо ҷонибдорони зиёдеро низ дар соҳаҳои мазкур пайдо намудааст. Асару рисолаҳои ба мантиқ бахшидаи Фахриддини Розӣ баёнгари он мебошанд, ки аксарияти онҳо зери таъсири назариёти Форобию Ибни Сино навишта шудаанд ва дар муқобили онҳо низ эродҳо гирифта, дар ин ҷода баҳсҳои зиёдро ба вуҷуд овардааст.

**АДАБИЁТ**


1.Қадиров К. Таърихи фалсафаи тоҷик / К. Қадиров. - Душанбе: Маориф, 1998. - 272 с.
2Қаландаров М.И. Масъалаҳои сиёсат ва давлатдорӣ дар асари «Ҷомеъ-ул-улум»-и Фахриддини Розӣ / М.И. Қаландаров. –Душанбе, 2017. - №4 (1).
3Қаландаров М.И. Философско-теологические учение Фахриддина Рази / М.И. Қаландаров. –Душанбе, 2018. -48 с.
4Қаландаров М.И. Таъсири андешаҳои Фахриддини Розӣ ба рушди фалсафаи калом // Ахбори АИҶТ / М.И.Қаландаров, М.Ҳ. Туйчиева. -Душанбе, 2019. -№2.
5Камилов Рустам. Таърихи фалсафаи тоҷик аз аҳди бостон то имруз / Р. Камилов. –Душанбе: Ирфон, 2011.- 302 с.
6Қаландаров М.И. Ахбори. Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АИҶТ / М.И. Қаландаров. –Душанбе, 2019.
7Қаландаров М.И. Ихтилофи тасаввуф ба консепсияи ақлагароёнаи Фахриддини Розӣ / М.И. Қаландаров. – Душанбе, 2021. - №2.
8Муҳаммад Рашшод. Фалсафа аз оғози таърих. –Душанбе, 2002. –Ҷ.3.4. -401 с.
9Нозир Арабзода. Фахруддини Розӣ. –Душанбе, 1993. -84 с.
10Сайид Ҳусайни Наср. Суннати ақлонӣ дар ислом.-Теҳрон, 1373.- 390 с.
11 Саҳобуддини Суҳравардӣ. Мантиқ-ул-талвиҳот. Муҳаққиқ Алӣ Акбар. -Теҳрон, 1334. -374 с.
12Сироҷов Ф. Масъалаҳои фалсафаи ҳастӣ дар китоби «Наҷот»-и Ибни Сино / Ф. Сироҷов. - Душанбе: Дониш, 1980.- 138 с.
13Фахриддини Розӣ. Ал-Бароҳин дар илми калом.-Теҳрон,1341. - Ҷ.1. - 339 с.
14Фахриддини Розӣ. Мантиқ-ул-мулаххас. Тасҳеҳи Аҳади Фаромарз ва Одинаи Асғаринажод. –Теҳрон, 1381. -479 с.
15Хоразмӣ. Лавомеҳ-ул-афкор. –Теҳрон, 1395. -378 с.
16Шерзод Абдуллозода. Фалсафаи одамият.- Душанбе: Дониш, 2003.-160 с.


**САҲМИ ФАХРИДДИНИ РОЗӢ ДАР ИЛМИ МАНТИҚ**


Дар мақолаи мазкур саҳми Фахриддини Розӣ дар илми мантиқ нишон дода шуда, замони ҳаёту фаъолият, таҳқиқоти муҳаққиқони ватанию хориҷӣ, устодон ва шогирдони мутафаккир баррасӣ шудаанд. Ҳамчунин, сафарҳои мутафаккир ба минтақаҳои гуногун ва баҳсу мунозираҳояш бо намояндагони равияву ҷараёнҳои гуногун доир ба масоили фалсафӣ ва мантиқӣ арзёбӣ гардидаанд. Бахусус баҳсу мунозираҳои ақлонии Фахриддини Розӣ дар масоили динӣ ва ихтилофи сӯфиён ба ин консепсияи мутафаккир нишон дода шудааст. Дар мақола асарҳои мантиқии Фахриддини Розӣ ва шарҳи мухтасари онҳо баён ёфта, таъсири таълимоти мантиқии мутафаккир ба дигарон дар замони ҳаёт ва баъди маргаш нишон дода шудааст. Муайян карда шудааст, ки дар баробари китобҳои каломии мутафаккир, ҳамчун китобҳои мантиқияш низ ҳамчун китоби дарсӣ таълим дода мешуданд. Дар мақолаи мазкур заминаҳои асосии ташаккули ақидаҳои мантиқии Фахриддини Розӣ ба таври мухтасар нишон дода шуда, таъсири назарияҳои ӯ ба файласуфон ва муҳаққиқони баъдӣ зикр шудааст. Ҳамчунин, мавзуъҳои мантиқ: тасаввур ва тасдиқ низ баррасӣ гардидаанд.



**Калидвожаҳо**: мантиқ, фалсафа, калом, улуми ақлӣ, улуми нақлӣ, истидлол, мутакаллим, файласуф, илоҳиёт, табииёт.


**ВКЛАД ФАХРИДДИНА РАЗИ В НАУКЕ О ЛОГИКИ**


В данной статье показан вклад Фахриддина Рази в развитии науке и логике. В ней также даётся описание его жизнь и творчества. Рассмотриватся исследования отечественных и зарубежных исследователей. В статье ней показаны его путишествие в разных регионах и его споры с представителями различных школ своего времени о философских и логических проблемах. Особенно показаны его рационалистические споры о проблемах религии и разногласия суфиев к этой концепции мыслителя.В статье упоминается о логических трудах мыслителя, даётся их короткое описание и показывается влияние его логических учений на поседующих логиков. Изучение научных исследований показала, что на ряду с богословскими книгами, его канига логики также использовали как учебник. В данной статье также показаны основные корни формирования логических учений Фахриддина Рази и показаны его влияние на последующих логиков, философов и исследователей. Также рассмотрены такие проблемы логики как представление и утверждение.



**Ключевые слова**: логика, философия, калам, рациональные науки, доказательство, философ, мутакаллим (теолог), теологии, метафизика, физика.

**FAKHRIDDIN RAZI'S CONTRIBUTION TO THE SCIENCE OF LOGIC**

This article shows the contribution of Fakhriddin Razi to the development of the science of logic. It also describes his life and work and examines the research of domestic and foreign researchers. It also shows his journey to different regions and his disputes with representatives of various schools of his time about philosophical and logical problems. Especially shown are his rationalistic disputes about the problems of religion and the differences of the Sufis to this conception of the thinker.The article mentions the logical works of the thinker, gives a short description and shows the influence of his logical teachings on other logicians. The study of scientific research showed that, along with his other scientific books, his caniga logic was also used as a textbook. This article also shows the main roots of the formation of the logical teachings of Fakhriddin Razi and shows his influence on other subsequent logicians, philosophers and researchers. It also discusses problems of logic such as presentation and assertion.

**Keywords:** logic, philosophy, kalam, rational sciences, proof, philosophers, mutakallim, theology, natural sciences

**Маълумот дар бораи муаллиф**: ***Қаландаров Мустафо Искандаршоевич*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои фалсафа, муаллими калони кафедраи онтология ва назарияи маърифат. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17 Телефон:**(+992938666411**). E-mail: **mustafo.kalandarov@mail.ru**

**Сведение об авторе:** ***Каландаров Мустафо Искандаршоевич*** – Таджикский национальный университет, кандидат философских наук, старший преподаватель кафедры онтологии и теории познания. **Адрес:** 734025, Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17 Телефон:**(+99938666411**). E-mail: **mustafo.kalandarov@mail.ru**

**Information about the author*: Kalandarov Mustafo Iskandarshoevich*** – Tajik National University, Ph.D of Philosophy, Senior Lecturer of the Department of Ontology and Theory of Knowledge. **Address:** 734025, Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17 Phone: **(+ 99938666411**). E-mail: **mustafo.kalandarov@mail.ru**

**УДК:130.1**

# АҚИДАҲОИ УМДАИ ФАЛСАФИИ АБУРАЙҲОНИ БЕРУНӢ

***Мирзоев С.С.***
**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ**

Дар асрҳои миёна дар Шарқу Ғарб афкори фалсафӣ рушд мекард ва пешравии умумие ба вуқӯъ пайваст, ки бисёр паҳлуҳои маданияти моддӣ ва маънавиро дар бар мегирифт. Фақат сифатҳои пешрафта ва комёбиҳои натурфалсафии асрҳои миёнаи мардуми тоҷику форс сазовори таваққуфи махсус мебошад. Дар гузаштаи начандон дур ба афкори ахлоқӣ ва фалсафии мардуми Машриқзамин муаррихони илми мағриб баҳои дуруст намедоданд ва таваҷҷуҳи хосса зоҳир намекарданд. Аксарияти олимон ба таърихи афкори Шарқи исломӣ ва мероси маънавии он аз рӯйи равияи аврупоӣ баҳо дода, итминони комил доштанд, ки илму фалсафаи Шарқ такрор ва тафсири осори олимони Мағриб мебошад. Ба ин хулосаи ғалат ҳатто Рассел ва Гегел низ тарафдор буданд. Решаи чунин фарзияҳо дастрас набудани манбаъҳо ва аз нодуруст омӯхтани дастнависҳои мавҷуда сар задааст. Муҳаққиқон солҳои охир саҳифаҳои китоби таърихӣ ва афкори мардуми Ховарзамин ва саҳми арзандаи онҳоро дар рушди илму фарҳанги ҷаҳонӣ ошкор ва муқаррар намуданд. Бо кашфу таҳлили ҳуҷҷат ва далелҳои тоза ҳамагон эътироф карданд, ки ақоиди илмӣ, ахлоқӣ, зебопарастӣ ва фалсафии халқиятҳои Шарқи Наздик ва Миёна, шимолу ғарби Ҳиндустон ва бахусус Осиёи Миёна, нуфуз ва мақоми хоссаро дар рушди минбаъдаи илму тамаддуни ҷаҳонӣ соҳиб буда, ба инкишофи илми аврупоии замони Эҳё таъсири амиқе гузоштааст. Дар қатори соҳаҳои дигари илми табиатшиносӣ, илми нуҷум, яъне астрономия низ рушд кардааст. Абӯрайҳон Муҳаммад ибни Аҳмад ал-Берунӣ дар давраи ноороми сиёсие, ки қариб ҳамаи Осиёи Миёнаро фаро гирифта буд, зиндагӣ ва эҷод кардааст. Истилои Осиёи Миёна аз тарафи арабҳо дар асрҳои VII-VIII оғоз шуда, давраи дарози мубориза байни феодалон ва деҳқонон ҳисоб мешавад [1, с. 165]. Зиёда аз сад нафар донишмандони маъруфи ин соҳа дар давоми ҳафт аср аз Осиёи Миёна ба арсаи илми умумиҷаҳонӣ по гузоштаанд. Мувофиқи ахбороти омӯхтаи Саид Ҳусайн Наср, қариб ки бист расадхона дар ин сарзамин ташкил шуда, бо асбобу анҷомҳои пуриқтидор ва дақиқкор ҷиҳозонида шуда буданд, ки барои анҷом додани корҳои гуногуни илмӣ ва таҳқиқотӣ имконият медоданд. Муддати солҳо мушоҳидаҳои пураризиши астрономӣ аз тарафи Абӯрайҳони Берунӣ дар Хоразм ва як қатор бузургони дигар, ба мисли Насируддини Тӯсӣ (Мароға), Умари Хайём (Исфаҳон), Холади Марвирудӣ (Димишқ), Ибни Юнус (Қоҳира), Муҳаммади Хоразмӣ (Бағдод) ва дар Самарқанд Мирзо Улуғбек бо ҳамкоронаш вобаста ба ҳиммату имкониятҳо ҳиссаи

арзандаи худро дар инкишофи илми астрономия гузоштаанд. Яке аз самтҳои махсуси кайҳоншиносии Шарқи исломӣ аз он иборат буд, ки вазифаи асосии худро ба мушоҳида ва расадбандӣ қарор дода буд. Бахусус олимони Машриқзамин ба комёбиҳои назаррас дар соҳаи астрономияи мушоҳидавӣ ноил гаштанд. Ҳакимони тоҷику форс дар омӯзиши ҳаракати сайёраҳо, тартиб додани зичҳо (ҷадвали ситораҳо), муайян кардани шакл ва андозаи замин, чен кардани баробаршавии шабу рӯзи баҳорӣ ва тирамоҳӣ, мураттабсозии тақвимҳои аниқ ва дар охир ихтироъ кардану мукаммал сохтани дастгоҳ ва афзорҳои мушоҳида ва андозагирӣ ба муваффақиятҳои беназир комёб шуданд, ки номи худро дар саҳифаи таърихи ҳайатшиносӣ бо ҳарфҳои заррин ҷой додаанд. Комёбиҳои астрономии мутафаккирони Шарқи асрҳои миёна дар ташаккул ва инкишофи астрономияи ғайрителескопӣ баландтарин дастовард буданд ва дар рушди астрономияи асрҳои XV-XVII-и Аврупо мақоми бузург доштанд. Равияҳои асосии таҳқиқи астрономияи Машриқзамин ба ду қисм ҷудо мешаванд. Равияи аввал ба тақвимсозӣ машғул буданд. Қавмҳои тоҷику форс аз қадимулайём тақвим ва солшумории худро доштанд. Аҷдодони мо (тоҷикони суғд) тақвими махсусро ихтироъ карда буданд ва ин солшуморӣ (имкон дорад дар ҷараёни илмҳои Бобул ва Юнон сурат гирифтааст) ба тақвимҳои Ҳиндустон ва Хитой таъсир кардааст. Бисёр аниқу дақиқанд суханони Берунӣ оиди вуҷудияти бутпарастӣ дар оини зардуштияи Осиёи Миёна: «Дар ҳиндуҳо ҳамаи рӯзҳо бо номи девҳо, яъне фариштаҳо номгузорӣ шудаанд. Ҳамин гуна номгузории рӯзҳо ва моҳҳо ба суғдиҳо ва хоразмиҳо низ хос буда, бисёр хуб маълуманд ва ҳангоми мукотибот нодуруст навишта мешаванд» [2, с. 136]. Солшумории шамсӣ аз қадимтарин тақвимҳои тоҷику форс буда, аз решаи зардуштия об меҳӯрад. Равияи дуюми таҳқиқотии Шарқи ислом мураттабсозии ҷадвалҳои нуҷум (зичҳо) мебошад. Зиҷсозӣ аз асри нуҳ сар шудааст. Ба қалами олимони Шарқи ислом қариб панҷоҳ зиҷ, аз ҷумла «Зиҷи Маликшоҳӣ»-и Умари Хайём, «Зиҷи Илхонӣ»-и Насируддини Тӯсӣ, «Зиҷи Ҳоқонӣ» Ғиёсиддини Кошӣ ва «Зиҷи ҷадиди Кӯрагонӣ»-и ки дар якҷоягии таҳқиқоти як зумра олимони забардасти Самарқанд таҳти роҳбарии Муҳаммад Тарағай, яъне Улуғбек дарҷ шудаанд. Як қатор муҳаққиқон дар асоси муқоисаи ахбороти Берунӣ бо нишондодҳои дастнависҳои суғдӣ ва ҳуҷҷатҳо ба чунин хулоса омаданд, ки моҳҳо ва рӯзҳои тақвими суғдӣ ба шарафи худоҳои табиати Эрони қадим ва ҳавзаи Авасто номгузорӣ шуда буданд [17, с. 28-29; 18, с. 45-60]. Дар ҳуҷҷатҳои Суғдӣ танҳо 12-то аз 13-тои тақвими Суғдӣ то ба имрӯз расидаанд [3, с.31]. Номи ёздаҳ рӯзи дигар аз рӯйи осори Берунӣ барқарор карда шуданд.

Аз замони Птоломей то давраи ҳаёт ва фаъолияти Коперник дар дунё пешравии илми ҳайатшиносӣ музтар нашудааст ва марҳилаи асрҳои IX-XV Шарқи исломӣ маркази астрономия буд.

Мувофиқи ақидаи муаррихи маъруф Сартон Г., - Абӯрайҳони Берӯнӣ «яке аз бузургтарин олим ва файласуфи кулли қарнҳо мебошад, ки рӯҳи танқидӣ, босабрӣ, дӯстдори ҳақиқат ва ҷасорати ақлонии ӯ дар асрҳои миёна ҳамто надошт» ва хусусан – идеяи инқилобиро оид ба ҳаракати замин инкишоф дод [1, с. 43]. Абӯрайҳони Берунӣ таърихи ақлӣ ва илмии Ҳиндустон ва Юнонро нағз медонист ва ин ғоя аз сарчашмаҳои натурфалсафии он ҷо об меҳӯрад. Дар «Таҳрина лил Ҳинд мин мақола Мақбула фил ақл ал-Маъзула», ки аз машҳуртарин асари Берунист, чунин дарҷ шудааст: “Таълимот дар бораи қарор истодани замин аз ҳақиқати ибтидоии илмӣ ҳайат мебошад, ки онро ҳиндуён дар қатори одамони дигар эътиқодмандона қабул кардаанд”. Ғояи ҳаракати замин баҳсу мунозираи дурудароз дошт. Муҳаммад Абӯрайҳони Берунӣ дар китобаш мегӯяд: «Бисёр ҳайатшиносони маъруфи гузашта ва ҳозира кӯшиданд ва саъй карданд, ки ҳаракати даврии Заминро инкор намоянд, лекин ҳаракати даврии Замин ҳаргиз илми ҳайатро сиёҳ намекунад; тамоми ҳодисоти осмониро бошад, дар чаҳорчӯбаи мафҳуми чунин ҳаракат низ маънидод кардан мумкин аст». Дар охири умраш Берунӣ ақидаи заминмарказиро тарафдорӣ кард, ки ба ин ӯро сабабҳои тозаи илмӣ (физикӣ) водор кард. Берунӣ хост, ки суръати ҳаракати Заминро муқаррар кунад ва худаш низ ба дурустии он боварӣ ҳосил кунад, аммо бузургии суръати ҳаракати даврии Замин аз рӯйи ҳисобҳои вай аз ҳад зиёд баромад ва олимро ба шубҳа андохт. Берунӣ дар китоби «Ал-Қонун ал - Масъудӣ фӣ-л ҳайат ван-нуҷум» ба ақидаи Арабяҳатӣ ва пайравонаш ҳамфикрӣ изҳор намуда,

космологияи Арасту - Птоломейро (оромии Замин) зери шубҳа гузошта буд. Абӯрайҳони Берунӣ инчунин ақидаи Арастуро оид ба тазодии хосиятҳои табиии ҷирмҳои осмонӣ ва ҷисмҳои заминӣ тарафдорӣ намекард. Аз рӯйи ҳисоби Берунӣ, ҳодисоти осмонӣ ва заминӣ хосиятҳои ягонаи табиӣ (физикӣ) доранд. Ба ақидаи Берунӣ кайҳон аз ду қисм: олами аъло ва олами асфал иборат аст ва байнашон як навъ тафовути асосӣ боқӣ мемонад. Яъне мувофиқи ақидаи Берунӣ, ҷирмҳои осмонӣ ба ҳодисоти заминӣ таъсир мерасонанд (ба маънои физикӣ).

Дар таърихи Шарқ яке аз идеяҳои ҷасуронаи илмӣ – идеяи дар Коинот вуҷуд доштани оламҳои дигар ба номи Абӯрайҳони Берунӣ иртибот дорад. Вай дар ин масъала бо Сино баҳс карда, дар далел овардан ва вуҷуд доштани ин идеяи астрономӣ иқдоми ғаюрона намудааст. Моҳияти аслии мавзӯи баҳси ин ду нафар симои барҷастаи илму фалсафаи давраи Эҳёи тоҷику форс ҳанӯз ҳам аҳамияти илмӣ доранд. Ба қавли Берунӣ, «ҳар яке аз ин оламҳо аз дигараш бо садди муайян ҷудо аст». Мутафаккири бузург Абӯрайҳони Берунӣ дар таърихи астрономияи ҷаҳонӣ бо асари маъруфаш «Китоб ат-тафҳим ли авоил саноат ат-танҷим» мақоми бузург дорад. Академик Конрад Н.И. пешрафти умумии кишварҳои Шарқро, ки дар бисёр соҳаҳои маданияти моддӣ ва маънавӣ ба вуқӯъ пайваста буд, чунин зикр кардааст: «Он замон маданияти хитоӣ, ҳиндӣ, арабӣ, эронӣ, осиёи миёнагӣ, дар бисёр соҳаҳои техника ва тамаддуни моддӣ, махсусан дар санъат ва соҳаи қонунгузорӣ, таълимоти сиёсӣ, фалсафӣ, таърихшиносӣ, илм ва адабиёти бадеӣ, пештар инкишоф ёфта, дар муддати дурудароз аз ҷиҳати мазмун назар ба маданияти Ғарб ғанитар буд».

Давраи Эҳёи тоҷику форс аз шаш аср зиёдтар давом карда, ба дунёи тамаддуни илму маърифат на фақат устодони забардаст, ба монанди Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Низомӣ, Саноӣ, Саъдӣ, Ҳофиз, Ҷомӣ ва дигарон инчунин олимони бузургро, ба мисли Хоразмӣ, Эроншаҳрӣ Розӣ, Форобӣ, Сино, Тӯсӣ, Берунӣ, Хайём Носири Хусрав ва дигаронро, ки нақши равшану муайян доранд, додааст.

Дар соҳаи фалсафа ягона таълимоти ҷолиби диққат назарияи Арасту ва қисман Афлотун ҳисоб мешуд, зимнан «схоластика ва кашиноният аз Арасту унсурҳои зиндаро не, балки мурдаашро гирифтаанд». Умуман, Эҳёи тоҷику форсро ҳамчун қисми таркибии Эҳёи ҷаҳонӣ донистан мумкин аст, ки он аз асри VII дар Шарқи Дур ибтидо гирифта, аз Шарқи Наздик ва Миёна асрҳои IX-XV гузашта ба зинаи олии инкишофи худ дар Аврупои Ғарбӣ асрҳои XIV- XVI расидааст.

Ягон соҳаи физикаи муосир дар таърихи тараққиёташ мисли космология ба фалсафа алоқаи зич надошт: таърихан ғояҳои асосӣ ва назарияҳои фундаменталии кайҳоншиносӣ дар доираи афкори фалсафӣ ташаккул ёфтаанд, чунки маҳз файласуфон нахустин мутафаккироне буданд, ки дар бораи сохти коинот ва мавқеи инсон дар таркиби он андеша рондаанд. Дар вақташ Фридрих Энгелс зарурати шиносоӣ бо таърихи тафаккури одамиро махсус қайд карда, ба далели диққатангез аз амалияи таҳқиқоти илмӣ эътибор дода буд: бехабарии табиатшиносон аз таърихи афкори фалсафӣ дар он зоҳир мешавад, ки ину он ақидаи фалсафии кайҳо муайян ва муқарраршударо ногаҳон дар соҳаи дахлдори таҳқиқоти илмӣ «ба сифати ҳақиқати навтарин зоҳиршуда, ҳатто дар муддати муайян ба расмият даровarda мавриди тақлид қарор медиҳанд».

Дар назари одами бостонӣ олам асосан бо сарҳади муҳити табиие маҳдуд мешуд, ки дар он инсон зиндагӣ ва кор мекард; аз боло фазои ҳастии ӯ бо гумбази зоҳирии осмон пӯшида шуда буд, ки он ҳам бошад, ҳамчун як «замин»-и маскуна хело дур вонамуд мегашт. Масалан, қавмҳои тоҷикони ҷануб Роҳи Каҳкашонро ба сифати роҳи ҳаракати аробаи сокинони осмонӣ тасаввур мекарданд, ки бо каҳи аз ҷуволи онҳо рехтагӣ ороиш ёфтааст. Дар қавмҳои шимол Роҳи Каҳкашон мисли пайи лижаи сайёҳони осмонӣ тасаввур ва вонамуд мегашт. Ҳиндуёни қадим оиди ягонагии замину осмон ақидаи мароқангез доранд, ки ба қавли онҳо дарёи Ганга: дар осмон, рӯйи замин ва зери замин ҷараён дорад.

Ақидаи Анаксагор оиди коинот ҷолиби диққат аст ва Маркс навиштааст, ки маҳз Анаксагор «аввалин шуда осмонро аз ҷиҳати физикӣ маънидод намуд ва бо ҳамин назар ба Суқрот онро ба замин овард» [4, с. 58].

Яке аз идеяҳои асосии фалсафаии табии қадим идеяи «даври кайҳонӣ» буд. Дар

тамаддуни Ҳинд онро Дхарма, дар Хитой – Дао, дар Юнон – логос, дар қавмҳои тоҷику форс бо номи Даври тасалсул меномиданд. Зинаи нави инкишофи мафҳуми коинот бо фаъолияти пифагорчиён алоқаманд аст. Мактаби Пифагор се идеяи муҳимро пешниҳод кард: Замин курашакл аст, дар атрофи меҳвари худ ва оташи марказӣ (яъне Офтоб) давр мезанад, дар низоми ҷирмҳои кайҳонӣ мавқеи марказиро ишғол намекунад. Ин ақида аслан бунёди таърихии идеяи заминмарказӣ буд, ки қисман Афлотун, махсусан Аристархи Самосӣ ва олими бузурги асрҳои миёна Абӯрайҳони Берунӣ ба ташаккули мафҳуми нав ва мазмуни дақиқи коинот оварда расонд. Чунонки аз мазмуни асосии «космос» пай мебарем, аввалан он ба сифати категорияи эстетикӣ ташаккул ёфта, баъдтар арзишӣ иҷтимоию сиёсӣ пайдо кард ва дертар ҳамчун мафҳуми умдаи космология истифода шуд. Аз таърихи гузаштаи ақлонии халқҳо чунин бармеояд, ки инсони бостонӣ ихлосманди осмон будааст ва ба он дилбастагии хос доштааст. Бахусус фаҳмиши умумиинсонии зебоӣ бо образи осмон ташаккул ёфтааст ва камоли матлуби эстетикӣ аз он сурат мегирифт. Шуури қадимӣ зебоии табиатро умуман ва зебоии осмонро хусусан бо тартибу низоми азалӣ айният медод. Аз ин сабаб маълум аст, ки мафҳуми соф эстетикии кайҳон (ороиш, сохти нағз, қатори зебо ва ғайра) рафта – рафта ба мафҳуми космологӣ табдил ёфт. Решаи космология чун таълимот дар бораи пайдоиш, сохт ва тағйирёбии коиноти том аз сарчашмаҳои идеявии қадим об мехӯрад.

Гегел қайд карда буд, ки «шоирони Шарқӣ асосан пантеистанд; ваҳдати вуҷуд тарзи муқаррарии баррасии ашё аз тарафи онҳост» [7, с. 67]. Хизмати таърихии илму фарҳанги асрҳои миёнаи Шарқро ба се ҳисса ҷудо кардан мумкин аст: якум, тарҷума (арабӣ, тоҷикӣ) ва ба ин восита ҳифзи осори илмии юнониёни қадим; дуюм, тафсиру таҳрир; сеюм, кашф ва истидлоли ҳақиқати нав. Бояд гуфт, ки тафаккури илмии тоҷику форси асрҳои миёна аз сарчашмаҳо ва решаи таърихии тафаккури илмии машриқиён ва сарчашмаҳои тамаддуни Миср, Бобул, Ҳиндустон ва бахусус Эрону Осиёи Миёна оби раҳмат мехӯрд.

Андешаҳои космологии олими мутабаҳҳир Абӯрайҳони Беруниро таҳлил карда, дидан мумкин аст, ки онҳо ба шабеҳияти инсон (олами сағир) ва коинот (олами кабир) асос ёфтаанд яъне, омӯхтани коинот аз рӯйи монандии вай ба сохти ҳастии худи одамизод пояи кайҳоншиносӣ дониста шудааст. Дарвоқеъ ақидаи алоқамандии микро (хурд) ва макро (бузург) оламҳо дар умқи хоки ақлонии Шарқи куҳан реша гирифта буд. Қавмҳои қадимаи аҷдодони тоҷику форсҳо Инсон ва Коинотро ба ҳам монанд ҳисоб мекарданд. Нақши равшани ин идея дар китоби «Авасто», ки анъанаи фалсафӣ ва адабии тоҷику форсҳо аз он оғоз меёбад равшан намудор аст. Афкори асримиёнагии тоҷику форс, бахусус дар шахсияти бузурги таърихӣ -Абӯрайҳони Берунӣ ин ақидаи қадимаро дар заминаи нав эҳё намуд. Берунӣ чун мутафаккири барҷаста пайдоиш ва сохти ҳастии инсонро мувофиқан ба таърихи ташаккул ва таркиби коинот маънидод менамояд.

Берунӣ, Сино, Умари Хайём ва дигарон аз таълимоти ихвонуссафо таъсир гирифтаанд, ки онҳо барои ба мақсад расидан фақат як роҳ -илму фалсафаро ривоҷ додан зарур медонистанд. Онҳо (яъне ихвонуссафо) рушд додани илмҳои дақиқ ва пеш бурдани илмҳои ҷаҳоншиносӣ ва инсоншиносиро талаб мекарданд. Файласуфони оламшумули мо, ба мисли Форобӣ, Абӯбакри Розӣ, Сино, Берунӣ, Хайём, ки аз онҳо таъсир гирифта буданд, устухони одамро ба кӯҳҳо, рагу пайи ӯро ба дарёву ҷӯйбор, гӯшту пӯсташро ба замин, майнаву синаашро ба фалакҳо ва ниҳоят ҷонашро ба Худо шабеҳ медонанд. Яке аз паҳлуҳои пешравии ва ақидаҳои умдаи илмии Берунӣ он аст, ки вай аз якумин инсонҳое мебошад, ки бо роҳи ақлӣ-диалектикӣ пеш рафта тасаввуроти дақиқу аникро оид ба коинот ба ҷаҳон муаррифӣ кардааст, ки бе шубҳа олимони барҷастаи қарни XIX-XX Маркс ва Энгелс ин гуфтаҳоро тасдиқ мекунанд, чунончи: «Тасаввуроти аниқ оид ба Коинот, оид ба тараққиёти вай ва тараққиёти инсоният, ҳамчунин оид ба инъикоси ин тараққиёт дар каллаи одамон, фақат бо роҳи диалектикӣ, дар сурати ба таъсири мутақобилаи умумии пайдоиш ва нестшавӣ, тағйирёбии прогрессивӣ ва тағйирёбии регрессивӣ таваҷҷуҳи ҳамешагӣ зоҳир намудан ҳосил кардан мумкин аст…»[10, с. 144].

Беҳамтоанд суханони зерини Берунӣ дар он хусус, ки ҳузур дорад дар зардуштияи Осиёи Марказӣ ҷузъиётҳои бутпарастӣ, хусусиятҳои забон, дар бораи аз хотираи халқ рафтани ин номҳо: "Ҳиндуҳо барои тамоми рӯзҳо ном доранд, яъне рӯзҳо ба номи (девҳо) фариштагони онҳо номгузорӣ шудааст. Ин номҳо дар рӯзҳо ва моҳҳои суғдиён ва хоразмиён низ вуҷуд доранд, онҳо хеле хуб маълум нестанд ва ҳангоми мукотибаи бисер

тез-тез хато мешаванд "[11, с. 132; 4, с. 233; 12, с. 136; 12, с. 136].

На ҳамаи муаллифон ва ҳатто баъзе ҳамзамонони Берунӣ дар бораи қоғази самарқандӣ мегӯянд, Беруни бошад, ду маротиба дар ин бора менависад. Бори аввал мегӯяд, ки истеҳсоли қоғазро дар Самарқанд асирафтодагони чинӣ ба роҳ мондаанд [9, с. 174], бори дуюм бо усули гулдӯзии маъдан бо усули майдакунии кунноб барои истеҳсоли коғазҳо муқоиса мекунад [4, с. 219].

Абӯрайҳон Муҳаммад ибни Аҳмад Ал-Берунӣ ҳангоми бесуботии сиёсии Мовароуннаҳр ва Хуросон, ҳаракати оммавии қабилаҳои турк аз Сибир, Муғулистон ва минтақаҳои муосири Чин дар Осиёи Марказӣ зиндагӣ кардааст [10, с. 136-138]. Розен арзиши баланди илмии мероси Бeруниро, арзёбӣ карда чунин меҳисобад, ки «Ҳиндустон»-и Берунӣ дар байни корҳои илмии Шарқ ва Ғарб ба худ ҳамто надорад [12, с. 3]. Вай барои наслҳои оянда мероси ғании илмии бебаҳо гузошт, ки чун таҳкурсӣ барои ташаккул ва рушди самтҳои гуногун дар илм асос гузаштааст. Бо ин корҳояш вай муносибат, қобилият ва малакаи худро дар соҳаҳои гуногуни илм инъикос мекунад. Барои ташаккул ва рушди ҷаҳонбинӣ якчанд омилҳои илмӣ мавҷуданд, ки ҳам ба таври фикрӣ ва ҳам ба таври ақидаҳои илмӣ асоснок шуда, таъсири худро мерасонанд.

Ба чунин омилҳо пайдоиши шаҳрҳои калон, рушди тиҷорати байналмилалӣ, пайдоиши равобити иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангии халқҳои Шарқ ва Ғарб, мубoризаи байни синфҳо ва табакаҳои гуногуни аҳолиро дохил кардан мумкин аст. Ин омилҳо на танҳо ба рушди ҷаҳонбинӣ ва андешаҳои илмии Берунӣ, балки ба тамоми муҳити илмӣ ва эҷодии ҳамон вақт таъсир расонданд[13, с. 137].

**Муқарриз: *Худойдодзода Ф.* – доктори илмҳои фалсафа, профессори ДМТ**

## АДАБИЁТ


1. Турсунов А. Коинот ва ҷараёни дониши инсон / А.Турсунов. –Душанбе: Ирфон, 1973. –С.41.
2. Абӯрайҳони Беруни. Китоб-ут-тафҳим ли авоили саноат-ит-танҷим. -Душанбе: Дониш, 1973.- 287с.
3. Фрейман А.А. Согдийские документы с горы Муг / А.А. Фрейман. -М.:Восточная литература,1962. - 92с. - Вып.1.
4. Ал-Бируни, Абу-р-Райхан Мухаммед ибн Ахмед. Собрание сведений для познания Драгоценностей (Минералогия) [перевод А.М. Беленицкого. Редакция проф. Г.Г. Леммлейна, проф. Х.К. Баранова и А.А. Долининой. (Статьи и примечания А.М. Беленицкого и Г.Г. Леммлейна) / А. ал-Бируни. - М.: АН СССР, 1963,- 518 с.
5. Беруни, Абурайхон. Избранные произведения: в 7т.Памятники минувших поколений.-Ташкент: АН Уз ССР,1963.-727с.-2т.
6. Беруни, Абу Райхан. Избранные произведения: в 7 т. Канон Масъуда [отв. ред. С.Х. Сираждкнов и Г.П. Матвиевская, Вступит, статья, пер. и прим. П.Г. Булгакова и Б.А. Розенфельда]. - Ташкент: Фан, 1973,- 648 с. - 5 т.
7. Абурайхан Беруни. Избранные произведения: в 7 т. Книга вразумления начаткам науки о звездах (вступительная статья, перевод и примечания Б.Ф. Розенфельда и А.Ахмедова. Отв. ред. доктор филологических наук А.К. /Аренде). - Ташкент: Фан, 1975,- 328с,- 6т.
8. Абӯрайҳон Берунӣ. Ат-тафҳим ли авоили саноат-ит-танҷим; (ба тасҳеҳи Ҷалолуддин Ҳумойӣ) / А.Берунӣ)- Теҳрон: Ҳумо,1367.-746 с. Берунй, Абӯрайҳон. Китоб-ут-тафҳим ли авоили саноат-ит-танҷим (ба чоп тайёркунандагон А. Девонақулов, Х. Мамедова, Т. Собиров. Муқаррири масъул М, Диноршоев) / А,Берунй. - Душанбе: Дониш, 1973.- 287 с.
9. Бируни, Абу Райхан. Избранные произведения: в 7 т. Памятники минувших поколений [перевод и примечания М.А. Салье]. - Ташкент: АН УзССР, 1957.486 с,-1 т.
10. Бируни,Абу Рейхан. Избранные произведения: в 7 т. Индия / [перевод А.Б. Халидова и Ю.Н, Завадовского. Комментарии В.Г. Эрмана и А.Б. Халидова. Отв. ред. В.И. Беляев]. - Ташкент: АН УзССР. 1963.- 727 с,- 2 т.
11. В.И. Ленин. Полное собрание сочинений, т. 29, с. 326.ы
12. Гегель. Сочинения, т.XI,М- Л., 1935,. -С.104.
13. Конрад Н.И. Ғарб ва Шарқ. -М., 1966. -С. 117-118.
14. Карл Маркс, Фридрих Энгельс. Сочинения. -М., 1961. Т.20. -С. 367.
15. К. Маркс,Ф. Энгельс.Из ранних произведений. -М.,1956. -С.58.
16. Карль Маркс, Фридрих Энгельс. Сочинения. -Т. 19. -С.205.
17. Пӯлодӣ, А. Таърихи бозёфтҳои қалъаи Муғ // Мероси Ниёгон. - 2014. - № 16. - С.33.
18. Смирнова, О.И. Очерки из истории Согда / О.Смирнова.-М.: Наука, 1970.- 288 с.
19. Ҷонбобоев С. Абӯрайҳон Берунӣ // Таърихи фалсафаи точик (аз давраҳои қадим то асрҳои XV). – Душанбе, 2012.-790с.
20. Якубов, Ю. Религия древнего Согда /Ю.Якубов. - Душанбе: Дониш, 1996.-196 с.


## АҚИДАҲОИ УМДАИ ФАЛСАФИИ АБУРАЙҲОНИ БЕРУНӢ


Мақолаи мазкур акидаҳои умдаи илмии яке аз мутафаккирони мутабаҳҳири асрҳои миёнаи тоҷикуфорс Муҳаммад Ахмад ибни Абӯрайҳони Берунӣ баррасӣ шудаанд. Бешубха Беруни дар олами илму маърифати чахон дурахшон аст. Фикру мулоҳизаҳо ва тадқиқотҳои илмии Берунӣ умда ва аз замони зиндагиаш асрҳо пеш буданд, ки ин гуна ақидаҳои ҷасуронаи илмӣ: давр задани Замин, дар коинот вуҷуд доштани оламҳои дигар ва аз якдигар бо сарҳад ҷудо будани онҳо, низ ба ӯ тааллуқ доранд. Баҳси Берунӣ ва

Сино оиди коинот ва вучуд доштани оламҳои дигар то ба ҳозир аҳамияти илмии худро аз даст нададааст. Асрҳои IX-XV зиёда аз 100-донишманди чаҳониро муаррифӣ кардааст, ки Форобӣ, Тӯсӣ, Марвирудӣ, Ибни Юнус, Хоразмӣ, Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Низомӣ, Саноӣ, Саъдӣ, Ҷомӣ, Ҳофиз, Хаём ва бахусус Берунӣ аз чумлаи онҳо мебошад.Берунӣ чун мутафаккири барҷаста пайдоиш ва сохти ҳастии инсонро мувофиқан ба таърихи ташаккул ва таркиби коинот маънидод менамояд. Берунӣ, Сино, Хайём ва дигарон аз таълимоти ихвонуссафо таъсир гирифтаанд, ки онҳо барои ба мақсад расидан фақат як роҳ-илму фалсафаро ривоҷ додан зарур медонистанд.Мардуми Ховарзамин дар рушди илму фарҳанги ҷаҳони бо кашфиёту таҳлил, ҳуҷҷат ва далелҳои тозаи илмӣ дар соҳаи этика, эстетика, фалсафа, табиатшиносӣ, нуҷум саҳми назаррас гузоштаанд.
**Калидвожаҳо:** фалсафа, Шарқи исломӣ, мутабаҳҳир, нуҷум, таҳқиқот, коинот, ҳаракат, ҳақиқат, илм, замин, идея, маданият, тамаддун, табиатшиносӣ, шуур, диалектика.

## ПЕРЕДОВЫЕ ФИЛОСОФСКИЕ ВЗГЛЯДЫ АБУРАЙХОНА БЕРУНИ

Данная статья написана о передовых взглядах таджикско-персидского средневекового философа – энциклопедиста Мухаммада Абурайхана ибн Ахмада Бируни. Без сомнения, научному миру известно его имя. Научные выводы и исследования Бируни превзошли на столетия этапы его времени жизни, которые были большой смелостью для того времени; в частности, его мысли по поводу существования других планет в бесконечном космосе и границ между ними и вращения земли. Научный спор между Беруни и Авиценной в виде переписки о галактике до сих пор не теряет свои научныеого интереса в мире. IX-XV века являются эпохой Возрождения таджикско-персидской культуры, которая подарила свету более ста выдающихся мыслителей в число которых входят Фараби, Рази, Туси, Марвируди, Ибн Юнус, Хоразми, Сино, Насир Хусрав, Низами, Санаи, Хайям, Саади, Джами, Хафиз, и несомненно, Бируни. Как выдающийся мыслитель объясняет появление и форму человека в соответствии с историей структуры космоса. Бируни и Авиценна находились под влиянием учения Ихванусафы. Выдающийся вклад народов Востока в развитие мировой науки и культуры с исследованиями и новыми открытиями, фактами, доказательствами в сфере этики, эстетики, философии, естествознания, астрономии, занимают центральное место. Таким образом, Ближний Восток оказал большое влияние на развитие мировой науки и цивилизации.
**Ключевые слова:** философия, исламский Восток, энциклопедист, астрономия, исследования, космос, движение, правда, наука, земля, идея, культура, цивилизация, естествознание, сознание, диалектика.

## ADVANCED PHILOSOPHICAL VIEWS OF ABURAIKHONI BERUNI

This article is about the main scientific ideas of one of the greatest medieval Tajik-Persian thinkers Muhammad Ahmad ibn Abu Rayhan al-Biruni. Biruni's scientific conclusions and research surpassed by centuries the stages of his life, which were a great courage for that time; in particular, his thoughts on the existence of other planets in infinite space and the boundaries between them and the rotation of the earth. The scientific dispute between Beruni and Avicena in the form of correspondence about the galaxy still does not lose their scientific interests in the world. IX-XV centuries are the era of the Renaissance of the Tajik-Persian culture, which gave the world more than a hundred outstanding thinkers, including Forobi, Razi, Tusi, Marvirudi, Ibn Yunus, Kharazmi, Sino, Nasir Khusrav, Nizami, Sanai, Khayyam, Saadi, Jami , Hafiz, and undoubtedly Biruni. As an outstanding thinker explains the appearance and form of man in accordance with the history of the structure of the cosmos. Biruni and Avicenna were influenced by the teachings of Ikhvanusafa who, through the development of philosophy, achieve their goals. The outstanding contribution of the peoples of the East to the development of the world science and culture with research and new discoveries, facts, evidence in the field of ethics, aesthetics, philosophy, natural science, astronomy, occupy a central place. Thus, the Middle East has had a great influence on the development of world science and civilization.
**Key words:** philosophy, Islamic East, encyclopedist, astronomy, research, space, movement, truth, science, earth, idea, culture, civilization, natural science, consciousness, dialectics.

**Маълумот дар бораи муаллиф: Мирзоев Сухроб *Сулаймонович*** – Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ, унвонҷӯи кафедраи фалсафа. **Суроға:** 735360 ш. Кӯлоб куч. С.Сафаров 16. Телефон: **984443574**

**Сведение об авторе: *Мирзоев Сухроб Сулаймонович*** – Кулябский государственный университет имени Абуабдуллоха Рудаки, соискатель кафедры философии. **Адрес:** 735360, Республика Таджикистан, город Куляб, улица С.Сафаров 16. Телефон: **984443574**

**Information about the author: *Mirzoev Sukhrob Sulaimonovich* -** Kulyab State University named after Abuabdulloh Rudaki, applicant for the Department of Philosophy. **Address:** 735360, Republic of Tajikistan, Kulyab city, S. Safarov street 16. Phone: **984443574**

УДК 575.8 / 621.391

# ИТТИЛООТ ВА ТАҲАВВУЛОТ

*Ибодов М.О., Камолов Ш.В.*
**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ**

Дар фалсафа ва илми муосир ба таври васеъ паҳншавии идеяҳои таҳаввулотгароӣ ва муносибати таҳаввулотӣ ба мушоҳида мерасад. Вазифаи асосӣ дар ин алоқамандӣ бунёди таҳкурсии назариявии боэътимоди таҳаввулотгароӣ ҳамчун консепсияи умумиилмӣ ва фалсафӣ маҳсуб меёбад. Дар ҳоле ки бунёди бинои воқеии таҳаввулот афзоиш ёфта, дарки назариявии он дар коркарди кашфиётҳои нав қафо монда истодааст, метавонад самаранокии таҳқиқотҳои навро коҳиш дода, рушди методологияи навро мушкил намояд.

Гарчанде ба масъалаи мазкур диққати аксари файласуфон, муҳаққиқону коршиносон равона гардидааст, аммо бояд қайд намуд, ки самти ягонаи асосии илмӣ ва фалсафии фарзияи таҳаввулотгароӣ мавҷуд нест. Ғояи таҳаввулот моҳияти глобалӣ пайдо намудааст, яъне ба ҳама сохторҳои воқеият (табиати зинда ва ғайризинда, тафаккур, ҷомеа, Олам) ва ҳама дараҷаҳои ташкили материя хос аст. Принсипи асосии таҳаввулот инкишоф буда, дар фалсафа ва илм ғояҳои гуногуни он ҷой доранд. Илмҳои гуманитарӣ ва табиатшиносӣ барои омӯзиши низомҳои таҳаввулотӣ комилан методҳои гуногунро истифода мебаранд. Консепсияи таҳаввулотгароии глобалӣ, ки ба сифати аломати асосии идеявӣ барои таҳаввулотгароёни асри XX эълон гардида буд, барои мусоидат ба ташаккули методологияи ягонаи таҳаввулотӣ истифода гардид. Набояд гуфт, ки ҳалли ин масъала ба анҷом расид, баръакс, дар дохили худи илмҳои амиқ муборизаи шадиди ғояҳо ва консепсияҳои муайянкунандаи моҳияти ҳаракати таҳаввулотии олами моддӣ авҷ гирифта истодааст. Дар доираи рушди илми биология самтҳои нави он биологияи таҳаввулотӣ, генетикаи муҳандисӣ, биологияи молекулярӣ ва ғ. пайдо гардидаанд.

Фалсафа, дар ҳамбастагӣ ва ҳамоҳангӣ бо дастовардҳои илмӣ талаботҳои худро қонеъ гардонида, ҳамчун фанни асоси ҷаҳонбинӣ ва методологидошта, ба раванди рушди донишҳои илмӣ, устувор гардидани мақоми фанҳо ва назарияҳои нав дар низоми умумии ҷаҳонбинӣ, воридшавии дарстовардҳои аксиологии онҳо кумак мерасонад. Дар қаринаи мазкур интизориҳои асосӣ ба фалсафаи илм алоқаманд аст, ки дар доираи он метавонанд идеяҳое пайдо шаванд, ки афкори олимони таҳаввулотгаро ва файласуфонро муттаҳид намоянд.

Муносибати таҳаввулотӣ дар коркарди консепияҳои методологии гуногуни умумиилмӣ ва байнифаннӣ истифода гардида буд. Акнун мебояд муносибати низомӣ, коэволютсионӣ, ташкилӣ, структуралистӣ, парадигмаи синергетикиро ба хотир овард. Аз солҳои 70-80-уми асри XX кӯшиши ҷой додани баъзе ғояҳои назарияи иттилоот дар қаринаи таҳаввулотӣ анҷом дода шуд. Натиҷаҳои чашмдошт бо вуҷуди ин бо ҳалли проблемаҳои онтологӣ алоқаманд буданд, аммо, ҳолате ки дар истифодаи муштараки ду принсипҳо ва натиҷаҳои методологӣ чиро мебоист дар соҳаи назарияи маърифат интизор шуд, аз мадди назар асосӣ дар канор монд.

Новобаста аз он ки атрофи консептуализатсияи фалсафӣ ва умумилмии мафҳуми иттилоот таҳқиқотҳои назаррас дар солҳои 60-70-уми асри гузашта оғоз гардиданд, то ҳол хулоса ва идеяҳои муайян ба даст наомадааст ва кӯшишҳои нав дар омӯзиш ва таҳқиқи назарияи фалсафии иттилоот имрӯзҳо низ фаъолона ба чашм мерасанд. Дуруст аст, ки иттилоот дар баъзан маврид аз доираи муайяншудаи бунёдгузорон ва назариячиёни назарияи иттилоот (К. Шеннон, Н. Винер), қисман барои асосноккунии консепсияҳои шубҳаноки фалсафӣ ва илмӣ берун мебарояд.

Иттилоот ва таҳаввулот дар фазои илмӣ кам муҳаққиқонро беаҳмият мегузорад, ин ба он вобастагӣ дорад, ки воқеияти иттилоотӣ худ навигарии таҳаввулотист, яъне хосияти пайдошудаи Олам дар давраи муайяни инкишофи худ мебошад. Аз ҷониби дигар, маърифат – ин худ моҳиятан тамоюли иттилоотии ба самти азхудкунии дониш, инчунин оид ба моҳияти таҳаввулот равонашуда мебошад.

Таҳаввулотгароии илмӣ ва фалсафӣ-илмӣ ба мероси ғоявии фалсафаи диалектикӣ, пеш аз ҳама, ба файласуфи барҷастаи немис Гегел, назарияи фалсафии иттилоот бошад, ба Р. Хартли, Найквист, К. Шеннон, Н. Винер, А.Д. Урсул такя менамояд. Дар ин замина махсусан таҳқиқи иттилоот ва таҳаввулот дар алоқамандӣ бо категорияҳои дигари фалсафӣ ва умумиилмӣ (инкишоф, инъикос, энтропия, эҳтимолият, гуногунрангӣ) сурат гирифт, ки дар асри XX-ум ба яке аз мавзуъҳои калидии илм ва фалсафа қарор гирифт.

Таҳаввулот ин тағйирёбии ирсии организмҳо мебошад, ки ба пайдоиши намудҳои нав мебарад, аммо дар он ягон нақша ва раванди муайян мавҷуд нест, ки ҳатман самти муайян ва намуди пешакӣ барномарезӣ ва иттилоотонишуда пайдо шавад. Дар ин замина таҳқиқоти Ибодов М.О. ҷолиби диққат мебошад [3; 4]. Бо вуҷуди ин, баҳсҳо оиди таҳаввулоти пешакӣ барномарезӣ ва тарҳрезишуда дар самти таҳаввулот низ вуҷуд

доранд. Дар ин ҷода муҳаққиқ Колин К.К. қайд менамояд, ки иттилоот ба ҳама дараҷаҳои ташкили материя ва энергияи олами иҳотакарда ҷорӣ мешавад, он нахустсабаби ҳаракати материя ва энергия буда, самти ин ҳаракатро дар фазо ва вақт муайян менамояд [6,с.59].

Идеяҳои нодири фалсафӣ на танҳо дар табиатшиносӣ, балки дар илмҳои гуманитарӣ низ пайдо гаштанд. Агар предмети мулоҳизаи физикҳо, кимиёгарон, кайҳоншиносон, биологҳо равандҳои таҳаввулотӣ дар табиат қарор гирифта бошанд, дар илмҳои гуманитарӣ, пеш аз ҳама, ба муҳокимаи ҷанбаи динамикии иттилоот, фарҳанг ва ҷомеа машғул гардиданд. Таҳқиқотҳои аҳамиятноки равандҳои таҳаввулотиро дар низоми фарҳанг ва ҷомеа Ю.М. Лотман, С. Лем, У. Эко, Ж. Бодрийяр, К.Р. Поппер ва дигарон анҷом доданд, ки дорои нишондодҳои комилан гуногуни назариявӣ ва методологӣ мебошанд.

Яке аз тамоюлҳои марказӣ ва асосӣ дар фалсафа ин таҳаввулотгароии глобалӣ мебошад, ки асосҳои онтологӣ ва гносеологии он дар таҳқиқотҳои Л.В. Фесенкова, С.Г. Пионтковский, В.С. Крисаченко, А.В. Болдачев, В.С. Данилов, Н.Н. Кожевников инъикос ёфтаанд. Чун қоида, он на ба сифати конструкти онтологӣ, балки дар намуди синтези парадигмаҳои методологии синергетикӣ ва принсипи антропӣ баромад менамояд. Новобаста ба мавҷудияти адабиёти зиёд бахшида ба таҳаввулотгароии глобалӣ, ин самт айни замон ба парадигмаи пурраи фалсафӣ ва ё умумиилмӣ мубаддал нагардидааст.

Назарияи иттилоот ба аксар соҳаҳои илм дар бораи табиати ғайризинда, зинда, ҷомеа ва тафаккур ворид гардида, онро ҳам физикҳо, кимиёгарон, биологҳо, иқтисодчиён, забоншиносон ва коршиносони соҳаҳои дигари илм ба таври васеъ истифода менамоянд. Кӯшиши ҷорӣ намудани назарияи иттилоот дар қаринаи динамикаи фарҳангӣ дар китоби А. Мол «Сотсиодинамикаи фарҳанг» дар солҳои 60-уми асри XX амалӣ карда шудааст. Аз он замон теъдоди зиёди адабиётҳо ба коркари дастгоҳи категориалии назарияи фалсафии иттилоот ва равшанӣ андохтан ба табиати иттилоот бахшида шудааст. Дар Ғарб назарияи иттилоот аз таҳқиқотҳои К. Шеннон, Н. Винер ва А. Тюринг сарчашма мегирад. Дар адабиёти шӯравӣ бошад, ба таҳқиқи масъалаи мазкур олимон Н.Н. Моисеев ва А.Д. Урсул машғул гардидаанд. Дар ин замина А.Д. Урсул иттилоотро ҳамчун атрибути материя медонад, Н.Н. Моисеев такя бар он менамояд, ки мавҷудияти иттилоот танҳо ба таҳаввулот ва пайдоиши ҳаёт, яъне ба хотира алоқаманд аст.

Дар охирҳои асри XX ва ибтидои асри XXI таҳқиқотчиёни проблемаи иттилоотӣ атрофи идеяҳои ҷомеи иттилоотӣ ҷамъ меоянд. Технологияҳои иттилоотӣ мавриди истифодаи васеъ қарор гирифта, ба таври гуногун арзёбӣ ва баҳогузорӣ мегарданд. Агар баъзан муаллифон дар ин дурнамо имкониятҳои нави рушдро мушоҳида ва арзёбӣ намоянд, дигарон бошанд, ба ҷомеаи иттилоотӣ ба таври эҳтиётона нигариста, дар он асосан хавфу таҳдидҳои навро мебинанд. Ба проблемаи ҷомеи иттилоотӣ, мақоми инсон дар он ва дигар масъалаҳои муҳимми алоқаманд ба иттилоот таҳқиқотҳои Д. Иванов, С.И. Валянский, А.Л. Самсонов, М. Янков ва дигарон бахшида шудаанд. Дар ин замина рушди илмҳои кибернетика, генетикаи муҳандисӣ, кӯшишҳои ҳарчи зудтар татбиқ намудани техника дар организми инсон, ихтирои зеҳни сунъӣ ва ғ. дар маркази таваҷҷуҳи олимон масъалаи «нигоҳ доштани моҳияти биологии инсон»-ро дар оянда норавшан боқӣ мемонад. Яъне, оё инсон дар натиҷаи рушди босуръати технологияҳои иттилоотӣ ва татбиқи онҳо дар организми худ дар оянда моҳияти биологии худро нигоҳ дошта метавонад? Таҳаввулоти инсонӣ ба кадом самт равона аст?

Раванди иттилоотонии ҷомеаи муосир бо худ таҳаввулоти илмию техникӣ ва иқтисодию иҷтимоиро меорад, ки дар навбати худ ҳаёту фаъолият ва тафаккуру арзишҳои инсониро дигаргун месозад. Дар қаринаи таҳаввулотӣ, гузариш ба зинаи нави ташаккули ҷомеа – ҷомеаи иттилоотӣ, рушди техникию технологӣ, аз раванди итсеҳсолот дур гардидани меҳнати ҷисмонию фикрӣ ва тағйир ёфтани шароити зист таҳаввули инсон аз ҳомо сапиенс ба ҳомо электроникус, ҳомо информатикус, ҳомо интеллигенс ва постҳомо табдил меёбад, ки ғояи мазкур дар солҳои 90-уми асри гузашта ба фазои илмӣ ворид гардида буд [10,с.219-226]. Муносибати иттилоотӣ дар фаҳмиши таҳаввулотгароӣ, чи дар масъалаҳои хосси илмҳои алоҳида, чи дар бунёди назарияҳои бузурги онтологӣ истифода мегардад.

В.М. Глушков (Кибернетика. Вопросы теории и практики. М., Наука. 1986) методи аслии амсиласозии иттилоотиро пешниҳод намуд, ки махсусан дар омӯзиши масъалаҳои таҳаввулотӣ истифода мегардад. Зеро амсиласозии иттилоотӣ ба базаи назариявӣ-методологии таҳқиқотҳои умумиилмӣ, гуманитарӣ ва фалсафӣ устуворона ворид гардид. Мураккабият, номуайянии шарҳ ва мафҳумот, инчунин проблемаҳои зиёди ҳалношудаи дар буриши масъалаҳои табиати иттилоот ва таҳаввулот таҳқиқотҳоро аҳамиятнок ва коркарди муносибатҳои навро дар омӯзиши мавзуъ зарурӣ мегардонад. Аз ҷумла, Лапшин М.В. дар таҳқиқоти худ амсилаи иттилоотиро дар қаринаи таҳаввулотгароӣ кор карда баромада, ба чунин хулоса омадааст: дарки махсусияти мафҳуми иттилоот ҳамчун категорияи фалсафӣ ба кӯшиши нишон додани иттилоот ҳамчун хосияти амиқи материя

тавсиф меёбад. Мафҳуми иттилоот инчунин бо мақсади шакл ва мазмуни илмӣ бахшидан ба ғояҳои аз доираи илм ва умуман анъанаҳои хирадӣ истифода мегардад. Ҳаракати таҳаввулоти олами зинда ва низоми ҷомеа аз нуқтаи назари иттилоотӣ (континууми иттилоотӣ-семантикӣ) дар намуди афзун гардонидани қишрҳои нави иттилоотӣ ифода меёбад. Чунин сохторбандӣ ба туфайли ягонагии диалектикии табиати рамзӣ ва матнии объектҳои моддӣ имконпазир мегардад: рамзҳо ба матн мубаддал мегарданд, матнҳо вазифаи рамзҳоро иҷро менамоянд [8; 9]. Маърифат тамоюли иттилоотӣ буда, табиати он дар раванди таҳаввулот ташаккул ёфтааст. Дар динамикаи мазкур имкониятҳои маърифат бо доираи муайяншудаи сарҳади дастрасии тарафайни олам - амсилаҳои иттилоотӣ маҳдуд мегардад. Азбаски раванди таҳаввулотии сохтори воқеияти иттилоотӣ мураккаб мегардад, барои дарк ва маърифат танҳо иттилоот дастрас мебошад, ки сохтори он аз сохтори иттилоотии воситаҳои маърифатии субъект мураккабтар нест.

Идеяи амсиласозии иттилоотии олами таҳаввулотшаванда дар асоси консепсияи функсионалистӣ (релятивистӣ)-и иттилоотӣ воситаҳои самараноки маърифат ва даркро барои омӯзиши низомҳои таҳаввулотшаванда пешниҳод менамояд. Муносибати субстансионалӣ дар фаҳмиши табиати иттилоот дар доирае, ки иттилоот монанди ашё дар фазо ва вақт ҷой иваз намуда, зичӣ ва ҷамъовариро ташкил менамояд, асоснок наменамояд, чунки дар раванди таҳаввулот ва кӯчиши иттилоот аз як низом ба низоми дигар, иттилоот оиди зинаҳои таҳаввулот ва низомҳои қаблӣ маълумот дода, худро дар ҳама дараҷаҳои ташкили материя нигоҳ медорад.

Қадами асосӣ ва муҳим дар таҳаввулоти материя гузариш ва тағйирёбӣ аз зинаи беэҳсосӣ ба эҳсосот, баъдан ба материяи дорои равону шуур мебошад, ки бо пайдоиши инъикоси иттилоотӣ, гузариш аз инъикос ҳамчун хосияти умумии материя ба истифодаи нақш ва аломатҳои таъсири як низоми моддӣ ба дигар барои тамоюли фаъол дар воқеият мебошад [15,с.294].

Дар раванди инъикос таҳвили иттилоот, яъне кӯчиш аз як предмет ба предмети дигар бо тартибот (сохт ва шакл)-и муайян, ки дар асоси он метавон оиди аломат, хосиятҳои муайяни таъсиррасонии предмет ва ё зуҳурот сухан ронд, ба амал меоянд. Дар ҳама дараҷаҳои ташкили материя равандҳои иттилоотии сифатан хос ба амал меояд. Дар табиати ғайризинда табодули иттилоот рух медиҳад, аммо иттилоот рамзкушоӣ ва фаҳмида намешавад. Дар дараҷаи материяи зинда бошад, иттилоот на танҳо таҳвил мегардад, балки фаъолона истифода мешавад. Дар ҳайвонот фаъолияти махсуси мутобиқшавӣ – рафтор ва бо он идора, ки бе истифодаи фаъолонаи иттилоот ғайриимкон мебошад, пайдо мешавад. Дар асоси функсияи мақсадноки нигоҳдории томияти худ, низомҳои зинда қобилияти мутаассиршавиро на танҳо ба арзиши мутлақи таъсирот, балки дар муносибат бо ҷузъиёти худ низ пайдо мекунанд. Бо болоравии дараҷаи ташкил, барои дуруст мутаассир шудан ва мувофиқ шудан ба муҳити атроф, организм бояд тавре иттилоотро оиди тағйирёбии ин муҳит қайд намояд, ки дар онҳо тадриҷан қобилияти рамзбандии иттилоот пайдо мешавад [5,с.134].

Ҳамчунин, сатҳ ва дараҷаи инъикосро чунин ҷудо менамоянд: инъикос дар табиати зинда, табиати ғайризинда ва дараҷаи сотсиум. Инъикоси иттилоотӣ дар таҳаввулоти олами моддӣ дар марҳилаи табиати зинда пайдо мешавад. Инъикоси иттилоотӣ дар дараҷаи сотсиум дар шаклҳои шуури ҷамъиятӣ ва шуури фардӣ, ки кори шуури инсониро дар бар мегирад, пайдо мешавад [15,с.297].

Ҳамбастагии иттилоот ва таҳаввулотро ҳангоми таҳқиқи таҳаввулотгароии глобалӣ ва синергетикаи ноосфера (кураи хирад) муҳаққиқ Крайнюченко И.В. қайд намуда, ба хулосаи методологие меояд, ки иттилоот асоси худҳаракатии Олам буда, иттилооти атрибутивӣ бошад, нахустсабаби ноосфера (кураи хирад) мебошад. Таҳаввули иттилоот дар низомҳои мураккаб падидаи идoраро ҳамчун воситаи ташкили инкишофи муътадил ва мақсадноки Олам ба вуҷуд овард. Доираи амалкарди хирад (ноосфера) дараҷаи баланди инкишофи занҷирбанди равандҳои идора дар табиат буда, иттилоот – ҳамчун нахустсабаби ноосфреогенез (таҳаввулоти кураи хирад) баромад мекунад [7].

Дар ин ҷода қайд мегардад, ки иттиллот ҳам дар олами зинда ва ғайризинда мавҷуд буда, материя иттилоотро оиди раванди таҳаввулотии пешини худ ба зинаи нави таҳаввулот интиқол медиҳад. Ҳамчун атрибути материя иттилоот дар раванди худташкилёбии он ширкат намуда, ба пайдоиши олами зинда, ҳамчунин ба ташаккули гомеостаз ва падидаи идора мусоидат намудааст. Чунончи, ҳар як организм, аз он ҷумла одам, барандаи иттилооти генетикӣ мебошад, ки он аз насл ба насл ба таври ирсӣ мегузарад. Иттилооти генетикӣ дар молекулаҳои КДН-и ҳар як ҳуҷайраи организм нигоҳ дошта шуда, аз генҳои алоҳида иборат мебошад, ҳар як ген кафили хислатҳои муайян ва сохту тарзи кори организм ба ҳисоб рафта, масъули иқтидорҳо ва майли он ба ҳар гуна бемориҳои ирсӣ мебошад. Муҳаққиқ Р.Б. Сейфул-Мулюков таркиби химиявӣ ва пайвастагии нефтро омӯхта, фарзияҳо пешниҳод менамояд, ки ин таркибот иттилоотро оиди зинаҳои таҳаввулот, мавқеъ ва шароити пайдошавии нафт ба зинаҳои нави

тағйироти он интиқол медиҳад. Барандаи иттилоот метавонад дилхоҳ ҷисми табиӣ-санг, дарахт, қоғаз, атом, зарраҳои электронии дохили атомҳо, ядро ва дигар моддаҳои физикӣ бошад. Шабеҳи биологии ин ген мебошад, ки тамоми иттилоот дар бораи организм дар он маҳфуз буда, метавонад таҳвил ёбад [12; 13].

Омӯзиши равишҳо ва амсилаҳои иттилоотии ҳама соҳаҳои илм, махсусан илм дар бораи Замин натиҷаҳои комилан нави илмиро нишон медиҳанд. Масалан, дар таҳқиқоти муҳаққиқ Р.Б. Сейфул-Мулюков оварда шудааст, ки ҳангоми омӯзиши равандҳои ташкилёбии нафту газ дар қабатҳои зери замин (сайёраи мо) муносибати иттилоотӣ имкон медиҳад ба қонуниятҳои таҳаввулотии ин равандҳо ба таври нав нигариста, ба таври асоснок фарзияи биологии пайдоиши нафтро, ки даҳсолаҳо дар илмҳои геологӣ-минералӣ ҳукмрон буд, зери шубҳа қарор дод [13,с.41].

Иттилоот маҳсули таҳаввулот мебошад, яъне дар ҳаракати макротаҳаввулотӣ ва иттилоотии материя ба вуҷуд омада, аз рӯйи моҳият ба қишрҳои баъдии олами ҳастӣ хос мебошад. Аз нуқтаи назари эҷодиёт таҳаввулот раванди иттилоотӣ мебошад, чунки натиҷаи таъсироти он пайдоиши низомҳои нави иттилоотӣ (тарҳи иттилоотӣ-кибернетикӣ) мебошад. Дараҷаи нави ташкили иттилоотии материя бо он тавсиф меёбад, ки ҷузъиёти низомҳои пешинро ба сифати маводи сохтмонӣ барои ҷузъиёти рамз ва фазои матнии худ истифода менамояд. Аз нуқтаи назари иттилоотӣ-семантикӣ дараҷаи нав аз пешин дида мураккабтар аст: низомҳои нави иттилоотӣ дар худ нисбати раванди таҳаввулоти пешин маълумоту ахборотҳоро нигоҳ медоранд. Дигар ин ки барои рамзкушоӣ намудани чунин маълумотҳо бояд кори муайянро анҷом дод, лозим меояд иттилоотро дар бораи иттилоот бунёд намуд.

Хусусияти ҳаракати яксамтаи вақт муносибатро миёни гузашта ва оянда аз нуқтаи назари иттилоотӣ номутаносиб мегардонад. Имкони маърифат кардани оянда бо роҳу воситаҳои маърифати субъект маҳдуд аст: барои амсиласозии амсилаҳои мураккаби иттилоотӣ рамзи амсилаи иттилоотии оянда зарур аст, ки метавонад ҳаракати таҳаввулотии дар замон баамаломадаро коркард намояд.

Имрӯз раванди иттилоотонии рушди ҷомеа, на танҳо марҳилаи нави инқилоби илмӣ-техникӣ, балки ибтидои ҳаракати таҳаввулотии ҷомеа ба дараҷаи сифатан нав ва баланди рушди тамаддун – ташаккули ноосфера (кураи хирад) мебошад. А.Д. Урсул қайд менамояд, ки рушди иттилоотӣ бояд заминаи таҳавулоти минбаъдаи инсоният гардад. Чунки танҳо азхуднамоии иттилоот ва истифодаи васеи он ҳамчун манбаи асосӣ ва омили афзалиятноки рушди тамаддун ба инсоният барои баромадан аз буҳрони низомӣ ва ҳалли проблемаҳои глобалии имрӯза ва оянда, ки моро интизор аст, умед мебахшад [14,с.17]. Акнун зарурияти дарки нақши иттилоот дар раванди таҳаввулоти табиат, ҷамъият ва худи инсон пеш меояд. Таҳқиқот пешакӣ нишон доданд, ки танҳо дар ин замина манзараи муосири илмии олам, ки нақши асосиро иттилоот ва равандҳои баҳамтаъсиррасони иттилоотӣ ишғол менамояд, бунёд мегардад. Ин ба он вобаста аст, ки дар қатори таҳқиқотҳои анъанавии равандҳои иттилоотӣ дар низомҳои техникӣ, айни ҳол чунин самтҳои илм, ки омӯзиши равандҳои иттилоотӣ дар муҳити гуногуни физикии табиати ғайризинда, табиати зинда ва ҷомеаи инсонро фаро мегиранд, рушд меёбанд.

Муқарриз: Садуллоев М. – н.и.ф., дотсенти ДДК ба номи А.Рӯдакӣ

**АДАБИЁТ**


1. Абрамов Ю.Ф. Картина мира и информация. Философские очерки / Ю.Ф. Абрамов. –Иркутск, 1988. -192 с.
2. Волькенштейн М.В. Теория информации и эволюция. Кибернетика живого: биология и информация / М.В. Волькенштейн. -М.: Наука, 1984. -194 с.
3. Ибодов М.О. Направленность и прогресс в эволюции живой природы (методологический анализ) / М.О. Ибодов. -Душанбе: Дониш, 1990. -240 с.
4. Ибодов М.О. Баъзе масъалаҳои фалсафӣ ва методологии манзараи илмии олам / М.О. Ибодов, Ш.В. Камолов. -Кӯлоб, 2020. -174 с.
5. Камолов Ш.В. Таҳлили фалсафӣ ва умумиилмии мафҳуми иттилоот / Ш.В. Камолов // Паёми ДМТ. – 2019. -№10. -С.134-139.
6. Колин К.К. Структура реальности и феномен информации / К.К. Колин // Открытое образование. - 2008. -№5. -С.56-61.
7. Крайнюченко И.В. Глобальный эволюционизм и синергетика ноосферы: автореферат диссертации / И.В. Крайнюченко. –Нальчик, 2004.
8. Лапшин М.В. Эволюция и информация: о некоторых попытках концептуализации в рационалистических контекстах / М.В. Лапшин // Инновации в системе непрерывного образования: Материалы IX международной научно-практической конференции молодых ученых и специалистов (24 мая 2007). -Н.Новгород: ВГИПУ, 2007. -Т.1. -С.99-100.
9. Лапшин М.В. Информационное моделирование в контексте эволюционизма: автореферат диссертации / М.В. Лапшин. –Киров, 2009.
10. Ракитов А.И. Философия компьютерной цивилизации / А.И. Ракитов. -М.: Политиздат, 1991. -287 с.
11. Пузикова В.С. Информация и научная картина мира: автореферат диссер. канд. фил. наук / В.С. Пузикова. -2005.
12. Сейфул-Мулюков. Нефть как носитель информации о своем происхождении, структуре и эволюции // Информатика и ее применение. - 2010. -Т. 4. -Вып. 1. -С.41-49.

13. Сейфул-Мулюков Р.Б. Нефть – углеводородные последовательности: анализ моделей генезиса и эволюции. -М., 2010. -176 с.
14. Урсул А.Д. Природа информации: философский очерк. Челябинская государственная академия культуры и искусства, Научно-образовательный центр «Информационное общество. Рос. гос. торгово-эконом. университет; Центр исследования глобальных проблем и устойчивого развития» / А.Д. Урсул. -Челябинск, 2010. -231 с.
15. Введение в философию: учебник для вузов в 2-х ч. 2 часть / И.Т. Фролов [и др.]. -М.: Издательство политической литературы, 1989. -639 с.
16. Чернавский Д.С. Синергетика и информация / Д.С. Чернавский. –М.: Наука, 2001.
17. Юдин А.И. История и философия науки: общие проблемы: учебное пособие / А.И. Юдин. -Тамбов: ФГБОУ ВПО «ТГТУ», 2012. -160 с.
18. Яковлев В.А. Бытие информации или информационное бытие? / В.А. Яковлев // Философия и культура. – 2015. -№2(86). -С.173-182.
19. Яковлев В.А. Информационные программы бытия / В.А. Яковлев // Философская мысль. – 2015. -№1. -С.93-147.

## ИТТИЛООТ ВА ТАҲАВВУЛОТ

Дар мақолаи мазкур масъалаҳои паҳншавии идеяи таҳаввулотӣ дар илми муосир, ташаккули консепсияи умумиилмии таҳаввулотӣ, самти ҳаракати таҳаввулот, моҳияти глобалӣ пайдо кардани ғояи таҳаввулотгароӣ, муносибати таҳаввулотӣ дар коркарди консепсияҳои методологии гуногуни умумиилмӣ ва байнифанӣ, инчунин ҷой додани ғояҳои назарияи иттилоот дар қаринаи таҳаввулотӣ муҳокима ва баррасӣ гардидаанд. Назарияи иттилоот ба аксар соҳаҳои илм дар бораи табиати ғайризинда, зинда, ҷомеа ва тафаккур ворид гардида, воқеияти иттилоотӣ бошад, худ навигарии таҳаввулотист, яъне хосияти пайдошудаи Олам дар давраи муайяни инкишофи худ мебошад. Муаллифон қайд менамоянд, ки дар заминаи рушди илмҳои кибернетика, генетикаи муҳандисӣ, кӯшишҳои ҳарчи зудтар татбиқ намудани техника дар организми инсон, ихтирои зеҳни сунъӣ ва ғ. масъалаи «нигоҳ доштани моҳияти биологии инсон»-ро дар оянда норавшан боқӣ мемонад. Раванди иттилоотонии ҷомеаи муосир бо худ таҳаввулоти илмию техникӣ ва иқтисодию иҷтимоиро меорад, ки дар навбати худ, ҳаёту фаъолият ва тафаккуру арзишҳои инсониро дигаргун месозад. Дар қаринаи таҳаввулотӣ, гузариш ба зинаи нави ташаккули ҷомеа – ҷомеаи иттилоотӣ, рушди техникию технологӣ, аз раванди итсеҳсолот дур гардидани меҳнати ҷисмонию фикрӣ ва тағйир ёфтани шароити зист таҳаввули инсон аз ҳомо сапиенс ба ҳомо электроникус, ҳомо информатикус, ҳомо интеллигенс ва постҳомо табдил меёбад.

**Калидвожаҳо:** иттилоот, таҳаввулот, раванди таҳаввулотӣ, ҷомеаи иттилоотӣ, таҳаввулоти инсон, низом, амсила.

## ИНФОРМАЦИЯ И ЭВОЛЮЦИЯ

В статье авторы рассмотрели проблемы распространения эволюционных идей в современной науке, становление общенаучной эволюционной концепции, направленность эволюционного движения, приобретение глобальной сущности идеи эволюционизма, эволюционное отношение в разработке методологических и междисциплинарных общенаучных концепций, а также место идей теории информации в контексте эволюционизма. Теория информации проникает во многие сферы науки о природе неживой и живой, обществе и мышлении, а информационная реальность является новой ступенью эволюционного развития Вселенной.Авторы отмечают, что в процессе развития кибернетики, инженерной генетики, внедрения и применения техники в человеческом организме, изобретения искусственного интеллекта и т.д. проблема «сохранения биологической сущности человека» в будущем остаётся неясной. Процесс информатизации современного общества несет за собой научно-технические и социально-экономические изменения, которые в свою очередь трансформируют жизнедеятельность и способы мышления человека, также и систему ценностей. В эволюционном контексте, переходе к новой ступени развития общества-информационному обществу, отдалению от процесса производства физического и умственного труда, также изменению жизненных условий происходит эволюция человека от гомосапиенса в гомоэлектроникус, гомоинформатикус.

**Ключевые слова:** информация, эволюция, процесс эволюции, информационное общество, эволюция человека, система, метод.

## INFORMATION AND EVOLUTION

Satatier analyzed and considered the problem of the spread of evolutionary ideas in modern science, the formation of a general scientific evolutionary concept, the direction of the evolutionary movement, the acquisition of a global essence of the idea of evolutionism, an evolutionary attitude in the development of methodological and interdisciplinary general scientific concepts, as well as the place of ideas of information theory in the context of evolutionism. Information theory penetrates into many areas of science about the nature of inanimate and living, society and thinking, and information reality is a new stage in the evolutionary development of the Universe.The authors note that in the development of cybernetics, engineering genetics, the introduction and application of technology in the human body, the invention of artificial intelligence, etc. the problem of "preserving the biological essence of man" in the future remains unclear.The process of informatization of modern society brings with it scientific, technical and socio-economic changes, which in turn transforms the life activity and the way of thinking of a person, as well as the value system. In an evolutionary context, the transition to a new stage in the development of society - an information society, a distance from the production process of physical and mental labor, as well as a change in living conditions, the evolution of a person from homo sapiens to homo electronicus, homo informaticus takes place.

**Keywords:** information, evolution, evolution process, information society, human evolution, system, method

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Ибодов Маҳмадулло Орифович*** **-** Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи фалсафа. **Суроға:** 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров, 16. Телефон: **904-10-14-17**
***Камолов Шодмонҷон Валихонович*** **-** Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, докторанти Ph.d. **Суроға:** 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров, 16. E-mail: **Shk_filosof@mail.ru**

**Сведение об авторах:** ***Ибодов Махмадулло Орифович*** – Кулябский государственный университет им.

Абуабдулаха Рудаки, доктор философских наук, профессор кафедры философии. **Адрес:** 735360, Республика Таджикистан, г. Куляб, улица С. Сафарова 16. Телефон: **904-10-14-17**
***Камолов Шодмонджон Валихонович*** – Кулябский государственный университет им. Абуабдулаха Рудаки, докторант Ph.d. **Адрес:** 735360, Республика Таджикистан, г. Куляб, улица С. Сафарова 16. E-mail: **Shk_filosof@mail.ru**

**Information about the authors: *Ibodov Mahmadullo Orifovich* -** Kulyab State University named after Abuabdulaha Rudaki, Doctor of Philosophy, Professor of the Department of Philosophy. **Address:** 735360, Republic of Tajikistan, Kulyab, S. Safarov street 16. Phone: **904-10-14-17**
***Kamolov Shodmonjon Valikhonovich* -** Kulyab State University named after Abuabdulaha Rudaki, Ph.D. candidate**. Address:** 735360, Republic of Tajikistan, Kulyab, S. Safarov street 16. E-mail: **Shk_filosof@mail.ru**

**УДК:327.5 (575.3)**

# ТАҲДИДҲОИ ЗАМОНИ МУОСИР ВА ТАЪСИРИ ОНҲО БА АМНИЯТИ ТОҶИКИСТОН

***Шарипов А.М.***
**Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат**

Вазъи кунунии сиёсии ҷаҳони муосир моро аз таъмини бехатарии давлатҳо нигарон мекунад. Афзоиши суръатноки ҷаҳонишавии манфиатҳо, муттаҳидсозии давлатҳо ва халқҳо дар Аврупо, пайдоиши босуръати шабакаи интернет, рушди технологияҳо дар илм ва тиб ва дигар соҳаҳо, кашфи фазои кайҳон, паҳншавии демократия ва озодии сухан дар собиқ давлатҳои Шӯравӣ, пайдоиш ва таъсири кишварҳои сарватманд ва рушдёфта, истеҳсолоти зиёди мол ва мавҷудияти маҳсулотҳои гуногуни зиёдатӣ, аз як тараф пешрафт ва рушди дунё ва ҳақиқатро дар саросари ҷаҳон ва ояндаи зебои инсониятро нишон медиҳанд, вале аз тарафи дигар, ҷангу низоъҳо, барҳамхӯрии иттифоқҳои калон ва давлатҳо, нотинҷии ҷомеа, пайдоиши терроризму экстремизм, баландшавии ҷинояткорӣ ва коррупсия, фиреб ва дуздии одамон, муҳоҷирати оммавии халқҳо, камбизоатии аксари аҳолии дунё, пайдоиши бемориҳои нав ва вирусҳо ва ғайраҳо, инъикоси манфии вазъияти ҷории ҷаҳони муосирро тасвир мекунад ва аз амнияти нави дунёи инсонӣ огоҳ мекунад.

Бояд хотиррасон кард, ки баъди пошхӯрии ИҶШС ва барҳамхурии зиддияти чандинсолаи байни Ғарб ва Шарқ, дар баробари таҳдиди 50 солаи ҷанги ядроӣ, ки ҳамчун таҳдиди анъанавӣ фаҳмида мешуд, дар арсаи сиёсии дунё таҳдидҳои нави ба ном ғайрианъанавӣ пайдо шудаанд. Бисёре аз олимону таҳқиқотчиён, чи ватанӣ ва чи хориҷӣ фарқи байни таҳдидҳоро маҳз дар анъанавӣ ва ғайрианъанавӣ мебинанд. Зери мафҳуми таҳдидҳои анъанавӣ он таҳдидҳое баррасӣ карда мешаванд, ки ба таври ошкоро анҷом дода мешаванд, масалан, ҷанги рушоди як давлат бо дигар давлат ошкоро амалӣ карда мешавад. Зери мафҳуми таҳдидҳои ғайрианъанавӣ бошад, таҳдидҳое фаҳмида мешаванд, ки табиати зуҳури онҳо, таъсир ва зиёни онҳо дигар хел аства ё махфӣ аст [8, с.11].

Ба андешаи бештари олимон ҳама он чизе, ки ба соҳибихтиёрии давлат таҳдид мекунад, ҳамчун таҳдидҳои ғайрианъанавӣ фаҳмида мешавад [14, с.109-123]. Ба онҳо ҳам таҳдидҳое, ба монанди терроризм, ҷаҳонишавӣ, гармшавии иқлим, дигар таҳдидҳои ҳам глобалӣ, минтақавӣ ва дохилӣ шомил мешаванд. Омӯзиши маводҳои гуногун маълум кард, ки ба таҳдидҳои ғайрианъанавӣ дохил мешаванд: ҳама намудҳои терроризм, ба монанди терроризми байналмилалӣ ва экстремизм, терроризми биологӣ, терроризми аграрӣ, терроризми экологӣ; ҳама намудҳои фалокатҳои табиӣ, ба монанди фалокатҳои экологӣ, заминларза, обхезиҳо, сунами, фуруӯравии кӯҳу заминҳо, сел ва лағжишҳо, вайроншавии боду ҳаво, гармшавии иқлим, заҳролудшавии замину об, растаниву ҳайвонот ва фауна; ҳама намуди ҷинояткориҳо, ба монанди ҷиноятҳои трансмиллӣ, ҷиноятҳои иқтисодӣ, рушди коррупсия, ҷиноятҳо тариқи интернет (кибертерроризм); ҳама намуди қочоқ, ба монанди қочоқи маводи мухаддир, яроқу аслиҳа, одамфурӯшӣ ва ғайра; ҳама намуди паҳншавии бемориҳо ва вирусҳо, ҳашароту бактерияҳои зараррасон, паҳншавии босуръати бемориҳои сироятӣ, ба монанди масъунияти норасоии одам, COVID 19, Эбола, газак, табларза, зукомҳои гуногун, ҳам инсонӣ ва ҳам ҳайвоноту парандаҳо, паҳншавии босуръати бемориҳои психикӣ, дилу ҷоғар, қанд ва саратон ва

ғайра; проблемаҳои иҷтимоӣ, ба монанди камбизоатӣ, баландшавии нарху арзиши маҳсулот, тақсимшавии ҷомеа ба табақаҳо, фарқияти манфии байни шаҳрҳои калону деҳот, бадшавии саломатии аҳолӣ, сатҳи пасти маориф ва таълим, хизматрасониҳои тиббӣ, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, муҳоҷирати аҳолӣ, мутахассисони касбӣ ба дигар давлатҳо; проблемаҳои ақидавӣ ва идеологӣ, ба монанди низоъандозӣ дар ҷомеа, маҳалгароӣ, шовинизм ва сепаратизм, миллатгароӣ ва фашизм; масъалаҳои энергетикӣ, таъмини аҳолӣ бо барқу сӯзишворӣ, баландравии нархи маҳсулоти сӯзишворӣ, рақобат байни давлатҳо дар масъалаи нафту газ, тақсимоти байнисарҳадии арзишҳои энергетикӣ ва ғайра.

Беҳуда нест, ки оиди ин ва дигар паҳлуҳои паҳншавии таҳдидҳои гуногуни замони муосир ба соҳибихтиёрии давлатҳо Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ -Пешвои миллат, Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон борҳо дар баромадҳояшон дар конференсияҳои гуногуни байналмилалӣ таъкид менамоянд ва пешниҳодҳо манзур менамоянд [4, с.1]. Аз ин конефренсияи байналмилалӣ, ки моҳи майи соли 2019 дар ш. Душанбе гузашта буд шаҳодат медиҳад [9, с.10]. Илова бар ин, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор қонунҳоро оид ба мубориза бар зидди терроризм, терроризми байналмилалӣ ва ифротгароӣ қабул кард. Ҳамин тариқ, 16 ноябри соли 1999 Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди терроризм»-ро қабул кард, ки заминаи ҳуқуқӣ ва ташкилии мубориза бар зидди терроризмро дар кишвар муайян намуд [6, с.2]. Қонуни мазкур мафҳумҳои асосии терроризм, амалҳои террористӣ, ташкилотҳои террористӣ, фаъолкунандагони бевоситаи муқобили терроризм,инчунин ҳамкории байналмилалӣ дар мубориза бар зидди терроризм ва ғайраро муайян кард. Инчунин, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди экстремизм»-ро қабул кард [7, с.1]. Дар ин Қонун мафҳумҳои асосии экстремизм, фаъолиятҳои экстремистӣ, ташкилотҳои экстремистӣ ва маводҳои экстремистӣ муайян карда шудаанд.

Бояд қайд кард, ки омӯзиши хатару таҳдидҳои муосир ба амнияти кишварҳо муайян кард, ки аз рӯйи субъекти ташкилот, хусусиятҳо ва шакли интиқолашон онҳоро ба ду гурӯҳ тақсим кардан мумкин аст. Гурӯҳи якум, таҳдидҳое мебошанд, ки интиқолдиҳандаи онҳо субъекти ташаккулёфта ба ҳисоб меравад, масалан, терроризм ва экстремизм, терроризми баҳрӣ ва роҳзанӣ, ҷиноятҳои муташаккилона, хариду фурӯши одамон, кибертерроризм ва ғ. Гурӯҳи дуюм, хатару таҳдидҳое ба ҳисоб мераванд, ки интиқолдиҳандаи онҳо асосан субъекти ташкилотӣ нест ва ин гурӯҳи таҳдидҳо зуҳури табиӣ ва ғайринизомӣ доранд. Масалан, раванди ҷаҳонишавӣ, таҳдидҳои иқтисодӣ, экологӣ, биологӣ – пандемияҳо, иттилоотӣ, ивазшавии иқлим ва ғ. [8, с.12]. Аз ин сабаб ошкор карда шуд, ки таҳдидҳои гурӯҳи якум ба манфиати шахсӣ ва бештар пинҳонӣ амалӣ карда мешаванд. Таҳдидҳои гурӯҳи дуюм бошанд, тағйирёбандаанд, доимо эҳтимолияти пайдошавии дигар шаклҳои онҳо вуҷуд дошта, онҳо ҳам сирф табиӣ ва ҳам сирф техногенӣ буда метавонанд. Ин гуна таҳдидҳо ба амнияти иқтисодӣ, экологӣ ва тандурустии миллат таъсир расонда метавонанд, аз қабили бемориву вирусҳо ва роҳҳои паҳншавии онҳо дар вақти кӯтоҳтарин.

А. Брудний яке аз сабабҳои иҷтимоиву равонии зуҳури хатару таҳдидҳои замони муосирро дар пошхӯрии ИҶШС, ҷаҳонишавии босуръат, бархӯрди тамаддунҳо, паҳншавии ақидаҳои нави динӣ ва мазҳабӣ ва ғ. мебинад [3, с.152]. Ба ақидаи мо, дигар сабабҳои пайдоиши хатару таҳдидҳои муосир манфиатҳои шахсии давлатҳои абарқудрат дар сиёсати ҷаҳонӣ, дастрасӣ доштан ба сарватҳои табиӣ, бартарият дар сиёсати минтақавӣ ва албатта, вазъи экологии ҷаҳонӣ маҳсуб меёбанд. Ба ақидаи А.Г. Холиқзода, сабабҳои пайдоиши таҳдидҳои муосир падидаи ҷаҳонишавӣ, паҳншавии ғоя ва мафкураи бегона, таъсири нуфузи хориҷӣ, забонҳои хориҷӣ, тағйиротҳо дар тафаккури ҷавонон, таъсири ҳуқуқи хориҷӣ ва ғ. ба ҳисоб мераванд [15, с.23-25]. Дар ин ҷо бо А. Холиқзода розӣ шудан мумкин аст, чунки яке аз воситаҳои таъсир ва ҷалбкунии омма паҳнкунии ақидаҳои ғайриинсонӣ ва арзишҳои ба миллати мо хос набуда ба ҳисоб меравад. А.С. Раҳмонов якчанд хатару таҳдиди асосӣ ба кишвари Тоҷикистонро пешбинӣ мекунад, аз

ҷумла, фурӯши маводи мухаддир ва таъсири он ба аҳолӣ, фурӯш ва зиёдшавии яроқу аслиҳаи ҷангӣ, имконоти интиқоли он ба минтақа, зиёдшавии ташкилоту созмонҳои экстремистӣ ва террористӣ дар Шарқи Наздик, таҳвили ақидаҳои бегона ва диверсияҳо ва ғ. [11, с.10].

А.Н. Маҳмадов паҳншавии ғояҳои ифротгароии динию сиёсӣ, ташаккули терроризм, гаравидани ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои ифротӣ ва таъсири манфии онҳоро ба амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ мекунад [10, с.112]. И.К. Асадуллоев дар таҳқиқоти худ масъалаҳои ҳифзи манфиатҳои миллии Тоҷикистонро дар раванди ҷаҳонишавӣ аз таҳдиду хатарҳои муосир ва усулҳои пешгирии онҳоро мавриди баррасӣ қарор додааст [1, с.92]. Дигар олимону таҳқиқотчиёни ватанӣ, ба монанди Мансурхоҷаев М.А., Искандаров А.И., Холов Ҳ.Қ., Ятимов С.С., Салимов Ф.Н., Нуриддинов Р.Ш., Зокиров Г.Н., Ҳайдаров Р.Ҷ. ва дигарон дар корҳои илмиву таҳқиқотии худ паҳлуҳои гуногуни таҳдиду хатарҳои муосирро ба амнияти кишварҳои соҳибистиқлол таҳлилу баррасӣ кардаанд.

Н.В. Загладин ба таҳдиду хатарҳои замони муосир мусаллаҳшавӣ, рақобат байни қудратҳо дар бобати мусаллаҳшавӣ, рушди низҳоъҳо дар саросари дунё, бухрони муҳоҷиратӣ, ки миллионҳо одамон аз як минтақа ба минтақаи дигар сафар мекунанд, таназзули низоми байналмилалии пулу молия ва бӯрони молиявии ҷаҳонӣ ва ғ. Мансуб медонад [5, с.2-3], ки бо ӯ розӣ шудан мумкин аст, зеро бухрони молиявӣ аллакай ба иқтисодиёти бештари кишварҳо таъсир расонида, боиси афзудани шумораи зиёди бекорон гаштааст.

Як қатор олимон дар қатори дигар таҳдиду чолишҳои муосир, инчунин терроризми биологӣ, терроризми озуқаворӣ, терроризми экологӣ, паҳншавии вирусу бемориҳои гуногунро ҳамчун таҳдидҳои ғайрианъанавӣ баррасӣ менамоянд. Дар чунин таҳқиқот қайд карда мешавад, ки имрӯз ба воситаи технологияҳои рушдёфта дар дилхоҳ лабораторияҳо вирусу бемориҳое эҷод карда мешаванд, ки метавонанд ҷони ҳазорон одамонро аз байн баранд (COVID-19). Чуноне ки Требин М.П. қайд мекунанд: "Терроризми биологӣ ин қасдан истифода бурдани силоҳи биологӣ аз ҷониби шахсони алоҳида, гурӯҳҳои террористӣ бо мақсади зарар расонидан ба одамон, ба соҳаи кишоварзӣ, нест кардани растаниву ҳайвонот, зарари калон расондан ба иқтисодиёт ва ғ. мебошад" [13, с.665]. Боголюбов С.А қайд мекунад, ки имрӯзҳо истифодаи ғайриқонунии дефолиандҳо, паҳншавии моддаҳои заҳролуд ва зархимикатҳо, истифодаи изотопҳои радиоактивӣ, сироят намудани одамон ба воситаи паррандаҳо ва моҳӣ муқаррарӣ гаштааст [2, с.18-23]. Вирусҳо, бактерияҳо ва мағорҳо тавассути шамол, ҳашарот ва парандагон мегузаранд. Бисёре аз онҳо заҳролуданд ва заифтарине аз онҳо метавонад ба талафи ҳосил оварда расонад. Дар ҷараёни нигоҳдории маҳсулоти кишоварзӣ, аз қабили гандум ё картошка, дар натиҷаи тағйирёбии шароити нигоҳдорӣ ё тавассути таъсири омилҳои биологӣ, мағор метавонад аз худ заҳрҳоро ҷудо кунад. Вирусҳо, бактерия ва мағорҳоро метавон ба осонӣ барои терроризми биологӣ истифода бурд. Бо олимони дар боло зикршуда розӣ шудан мумкин аст, зеро падидаи паҳншавии вируси нави марговар COVID 19 дар охири соли 2020 дар Чин ва минбаъд дар саросари ҷаҳон аз он шаҳодат дод, ки инсоният ҳоло ҳам ба чунин пандемияҳои оммавӣ тайёр нест ва пешгирӣ ва мустаҳкам намудани ҳифзи тандурустии шаҳрвандон яке аз масъалаҳои аввалиндараҷа ба ҳисоб меравад. Қайд карда мешавад, ки аз нуқтаи назари амният, пандемия як қатор хусусиятҳои муҳимро дорад, ки ба вазъи давлатҳои муосир таъсир мерасонад. Онҳо ба вазъи захираҳои инсонӣ таъсири манфӣ расонда, дар сатҳи макроиқтисодӣ боиси кам шудани пасандозҳои шахсии аҳолӣ ва афзоиши хароҷот ба соҳаи тандурустӣ мешаванд, ки метавонанд дар оянда амнияти иқтисодии давлатро зери хатар гузоран [12, с.10].

Ҳамин тавр, таҳдиду хатарҳои замони муосир бо шаклу навъҳои худ ҳамчун ҷузъи дигар таҳдидҳо ба амнияти кишварҳо, бо суръати баланд байни ҷомеа паҳн шуда, ошкор намудани онҳо хело ҳам мушкил буда, онҳо метавонанд ба одамон, ҷомеа ва давлатҳои соҳибистиқлол зарбаи ҷоннок зананд ва мубориза бо онҳо восита ва усулҳои махсусро талаб мекунад.

Бояд қайд кард, ки фикри он ки яке аз намудҳои ин таҳдидҳо асосӣ ба ҳисоб меравад,

ё аз ҳама хатарнок аст саҳв аст, ҳамаи таҳдидҳои дар боло зикршуда ба таври муайян аз рӯйи характери худ хатарнок ҳисобида мешаванд ва онҳо на танҳо ба як кишвар ва ё давлат, балки метавонанд ба тамоми инсоният таҳдид кунанд. Пеш аз ҳама, бояд мафҳуму амали чунин таҳдидҳоро хуб дарк кард ва омӯзишхт, ки онҳо чӣ гуна ва бо кадом роҳҳо метавонанд ба амнияти давлат таъсир расонанд. Барои мубориза бар зидди чунин хатару таҳдидҳо, албатта, муттаҳидии ҷомеа ва аҳолӣ бо давлат, муттаҳидии давлатҳо байни ҳамдигар, ҳамкорӣ бо созмону ташкилотҳои байналмилалӣ, муттаҳидии мақомотҳои дахлдори байни давлатҳо заруру муҳим аст. Метавон ин ҷо таъмини аҳолӣ, ҷомеа, давлат ва мақомотҳои дахлдор, ВАО, телевизион ва радио бо итилооти тарутозаро низ дохил кард. Барои мубориза бар зидди хатарҳои замони муосир, ба ақидаи бисёре аз таҳқиқотчиён, ташкил ва ё созмони маркази итилоотии махсусе, ки бо иттилооту далелҳои саривақтӣ мақомоту давлат ва аҳолиро таъмин кунад, доимо чунин падидаҳоро зери омӯзиш қарор диҳад, ва албатта, ҳамчун маркази итилоотии аз ҷониби давлат ташкилшуда ба ҳисоб равад, бисёр заруру муҳим аст. Барои Тоҷикистони ҷавону соҳибистиқлол омӯзиши паҳлуҳои гуногуни хатару таҳдидҳои замони муосир, ҳамкорӣ бо созмону ташкилотҳои таҷрибадори байналмилалӣ, бо давлатҳои абарқудрати ҳам Осиё ва ҳам Аврупо яке аз масъалаҳои муҳим барои пешгирӣ ва бартараф намудани хатару таҳдидҳои гуногуни ҳам анъанавӣ ва ҳам ғайрианъанавӣ барои таъмини амнияту суботи миллӣ ба ҳисоб меравад.

Ҳамин тариқ:

1. Таҳдидҳои ғайрианъанавӣ имрӯз ба амнияти давлатҳои соҳибистиқлол хатари калон доранд ва оқибатҳои таъсири онҳо бо миллион долларҳо баробар шуда метавонанд. Аҳамият надодан, бепарвоӣ ва хунукназарӣ ба зуҳури чолишу таҳдидҳои замони муосир метавонад ба давлату кишварҳои дунё зиёну зарари бузург расонад ва бартараф намудани оқибатҳои он солҳои тӯлонӣ метавонад идома ёбад.

2. Таҳдидҳои ғайрианъанавӣ ҳам табиати глобалӣ (COVID-19), ҳам минтақавӣ ва ҳам дохилӣ доранд. Яъне, онҳо ҳам глобаливу минтақавӣ ва ҳам дохилӣ, мансуб ба ягон кишвар мебошанд. Ҳалли мушкилот дар масъалаи чолишу таҳдидҳои глобалӣ ва минтақавӣ аз ҷониби тамоми кишварҳои дунё, созмонҳои байналмилалӣ, кишварҳои абарқудрат пешбинӣ шудааст. Ҳалли мушкилот нисбат ба таҳдиду хатарҳои дохилии як кишвар ба худи он кишвар вогузор карда мешавад. Мубориза бар зидди зуҳури таҳдидҳои замони муосир ҳамгироии тамоми табақаҳои ҷомеаро тақозо дорад. Дар алоҳидагӣ мубориза бурдан бар зидди хатарҳои муосир қариб ки номумкин аст.

3. Сабабҳои пайдоиши чолишу таҳдидҳои ғайрианъанавӣ гуногун баррасӣ карда мешаванд. Баъзеи онҳо табиӣ буда, дар натиҷаи дигаргуншавии иқлими сайёра, гармшавии ҳаво, сӯрохшавии озони атмосфера ва дигар падидаҳои табиӣ зуҳур меёбанд. Баъзеи дигари онҳо, аз қабили терроризму экстремизм, ҷинояткории фаромиллӣ ва ғайра маҳсули доираҳои манфиатдори фаромиллӣ мебошанд, ки ба суст кардани пояҳои давлатдории кишварҳои соҳибистиқлол, забт намудани ин кишварҳо, ба даст овардани боигариҳои табиӣ ва ғайра нигаронида шудаанд. Дуруст дарк намудани зуҳури хатару таҳдидҳои замони муосир аз манфиат холӣ нест.

4. Таҳдидҳои ғайрианъанавӣ ба он намуди хатарҳо дохил мешаванд, ки бештар ба шакли ноаён ва махфӣ, бо роҳу воситаҳои гуногуни пинҳонӣ аз ҷониби субъектони воқеӣ ва ё гурӯҳҳои махсуси ҷосусии манфиатдор ба самти дигар кишвар, бо мақсади паҳнкунии тарсу бим байни омма, несту нобуд сохтани сохтори давлатӣ, ба вуҷуд овардани бесуботӣ ва ноустуворӣ дар он кишвар, аз худ намудани низоми ВАО ва дар оқибат, аз худ намудани сарватҳои табиӣ ва худи он давлат равона карда шудаанд. Ба ин хатару таҳдидҳо он таҳдидҳое дохил мешаванд, ки барқасдона амалӣ карда мешаванд.

5. Бо ин сабаб, бо назардошти тамоюли афзояндаи терроризму экстремизми байналмилалӣ, ҷиноятҳои фаромиллӣ, паҳншавии вирусу бемориҳои марговар, зиёд шудани муҳоҷират, таъмини амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон, нигоҳ доштани пояҳои давлати соҳибистиқлол, ҳифзи шаҳрвандон ва мақоми кишвар дар дар арсаи сиёсии ҷаҳонӣ дар мадди аввал меистанд. Дарки ин масъала аз ҷониби дилхоҳ шаҳрванд

маъсулияти махсусеро тақозо дорад.

**Муқарриз:** ***Маҳмадизода Н.Д.*** **– доктори илмҳои фалсафа, профессори ДМТ**


**АДАБИЁТ**

1. Асадулаев, И.К., Махмадов, А.Н. Национальные интересы Таджикистана / И.К.Асадулаев, А.Н. Махмадов. – Душанбе, 2009. – 92 с
2. Боголюбов, С.А. Глобализация и развитие экологического законодательства /С.А.Боголюбов // Журнал российского права. – 2004. – № 5. – С.18, 21.
3. Брудный, А. Что нас ждет? Заметки об интеграции / А. Брудный // Центральная Азия и Кавказ. – 1998. – №1. – С.152.
4. Ежегодное послание Президента Республики Таджикистан. 23 января 2015 год. Душанбе. [Электронный ресурс]. – Режим доступа: http://minfin.tj/index.php?newsid=538 (дата обращение 25.05.2021)
5. Загладин, Н.В. Глобальные вызовы и угрозы национальной безопасности России / Н.В. Загладин // Тезис доклада к заседанию Ученого совета ИМЭМО РАН. – 2015. – 25 ноября. – С.2.
6. Закон Республики Таджикистан «О борьбе с терроризмом» // Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан.– 1999. – №11. – ст.275.
7. Закон Республики Таджикистан «О борьбе с экстремизмом» [Текст] // Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан. – 2003. – №12. – ст.697.
8. Колдунова, Е.В. Нетрадиционные аспекты безопасности в юго-восточной Азии. Характерные черты и тенденции эволюции [Электронный ресурс] / Е.В. Колдунова. – С.12. – Режим доступа: https://cyberleninka.ru/article/n/netraditsionnye-aspekty-bezopasnosti-v-yugo-vostochnoy-azii-harakternye-cherty-i-tendentsii-evolyutsii/viewer
9. Конфронси байналмилалӣ "Ҳамкории байналмилалӣ ва минтақавӣ оид ба мубориза бар зидди терроризм ва маблағгузории он тавассути гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва ҷинояткории муташаккилона". 17 майи соли 2019. Ш. Душанбе.
10. Махмадов, А.Н. Безопасность как социально-политический феномен / А.Н. Махмадов, Ш. Раджабов. – Душанбе, 2008. – 112 с
11. Рахмонов, А.С., Рахмонов, Б.Ш. Роль и место Республики Таджикистан в системе безопасности и противодействия современным нетрадиционным угрозам в ЦАР [Электронный ресурс] / А.С. Рахмонов, Б.Ш. Рахмонов. –Режим доступа: http://vestnik.tj/soc_doc/2016/n2/RU/ Rakhmonov_as_Rakhmonov_bsh.pdf(дата обращение 22.05.2021).
12. Tandon, F. Macroeconomic Impact of HIV\AIDS in the Asian and Pacific Region / F. Tandon. – Manila; Asian Development Bank, 2005. [Электронныйресурс].–Режим доступа: https://www.adb.org/sites/default/files/publication/28197/wp075.pdf. (дата обращение 27.05. 2021).
13. Требин, М.П. Терроризм в XXI века /М.П. Требин. – Минск: Харвест, 2004. – 665 с.
14. Триведи, Р. Нетрадиционные угрозы безопасности в ЦА с точки зрения сравнительной региональной перспективы / Р. Триведи // Сравнительная политика. – 2011. – №2. – С.109-123.
15. Холиксаде, А.Г. Идея национального государства / А.Г. Холиксаде. – Душанбе: ЭР-Граф, 2013. – С.23-25.
16. Хрусталев, М.А. Центральная Азия во внешней политике России / М.А. Хрусталев. – М.: МГИМО, 1994. – 38 с.


## ТАҲДИДҲОИ ЗАМОНИ МУОСИР ВА ТАЪСИРИ ОНҲО БА АМНИЯТИ ТОҶИКИСТОН


Дар мақолаи мазкур масъалаи мубрами рӯз - паҳншавии хатару таъдидҳои ғайрианъанавӣ ба амнияти кишварҳои соҳибистиқлол таҳлилу баррасӣ карда шудааст. Бояд зикр кард, ки масъалаи мазкур мушкилоти воқеӣ ба ҳисоб рафта, аз ҷониби муҳаққиқони зиёде баррасӣ шудааст. Имрӯз маълум нест, ки ба амнияти кишварҳои соҳибистиқлол аз куҷо ва чӣ тавр хатарҳо таҳдид карда метавонанд. Дарки илмии чунин таҳдидҳои ғайрианъанавӣ барои дилхоҳ шаҳрванд ва давлат аз манфиат холӣ нест ва барои ҳифзи кишварҳои соҳибистиқлол масъалаи муҳим арзёбӣ мегардад. Муаллиф дар мақола ба таври муфассал шаклу намудҳои гуногуни таҳдиду чолишҳои замони навро нишон дода, бо такя ба сарчашмаҳои гуногуни илмиву иттилоотӣ шакл ва зуҳури онҳоро пешниҳоди хонанда кардааст. Аз ҷумла мекунад, ки таҳдидҳои ғайрианъанавӣ ба он намуди хатарҳо дохил мешаванд, ки бештар ба шакли ноаён ва махфӣ, бо роҳу воситаҳои гуногуни пинҳонӣ аз ҷониби субъектони воқеӣ ва ё гурӯҳҳои махсуси ҷосусии манфиатдор дар дигар кишвар, бо мақсади ба вуҷуд овардани тарсу бим байни омма, несту нобуд сохтани сохтори давлатӣ, паҳнкунии бесуботӣ ноустуворӣ дар он кишвар, аз худ намудани низоми ВАО ва дар оқибат аз худ намудани сарватҳои табиӣ ва худи он давлат равона карда шудаанд.

**Калидвожаҳо:** амният, кишвар, соҳибистиқлол, чолиш, таҳдид, таҳдидҳои ғайрианъанавӣ, таҳдидҳои анъанавӣ, пешгирӣ, мубориза, замони нав, терроризм, экстремизм, биотерроризм, таъсир, зиён.


## СОВРЕМЕННЫЕ НЕТРАДИЦИОННЫЕ УГРОЗЫ И ИХ ВЛИЯНИЕ НА БЕЗОПАСНОСТЬ ТАДЖИКИСТАНА


В данной статье анализируется и рассматривается актуальная проблема распространения нетрадиционных угроз и вызовов безопасности независимости суверенным государствам. Следует отметить, что этот вопрос является объективной проблемой и рассматривается многими учеными и исследователями. Сегодня непонятно, где и как могут быть угрожать безопасности независимым государствам вызовы и угрозы. Научное понимание таких нетрадиционных угроз для любого гражданина и государства считается целесообразным и является важным вопросом для защиты независимых стран. В статье автор подробно и последовательно показывает различные формы и типы угроз и вызовов нового времени и, опираясь на различные научные и информационные источники, представляет читателю их формы и проявления. В частности, он отмечает, что нетрадиционные угрозы включают такие типы угроз, которые проявляются часто в форме скрытости и секретности, с помощью различных скрытых средств со стороны реальных заинтересованных лиц или специальных шпионских групп, в направлении другой страны, с целью посеять страх среди населения, для разрушения государственного устройства, распространения нестабильности в этой стране, ассимиляция медиа-системы и, в конечном итоге, незаконного присвоения

природных ресурсов и самого государства.
**Ключевые слова:** безопасность, страна, независимость, вызов, угроза, нетрадиционные угрозы, традиционные угрозы, предотвращение, борьба, новая эра, терроризм, экстремизм, биотерроризм, воздействие, ущерб.

**MODERN THREATS AND THEIR IMPACT ON THE SECURITY OF TAJIKISTAN**

This article analyzes the current issue of the spread of non-traditional threats and challenges to the security of independent countries. It should be noted that this issue is a real problem and has been considered by many researchers. Today, it is not clear where and how threats can be made to the security of independent states. Scientific understanding of such non-traditional threats is not without its benefits for any citizen and state, and is an important issue for the protection of independent countries. In the article, the author shows in detail and consistently the various forms and types of threats and challenges of the new age, and, relying on various scientific and informational sources, presents their forms and manifestations to the reader. In particular, he notes that non-traditional threats include those types of threats, often in the form of anonymity and secrecy, by various covert means by real entities or special espionage groups interested in the direction of another country, in order to spread fear between mass destruction, the destruction of the state structure, the spread of instability and instability in that country, the assimilation of the media system and, ultimately, the misappropriation of the natural resources of the state itself. This article corresponds to all the principles and rules of writing scientific works, in which the real and current issues are analyzed and studied.
**Keywords:** security, country, independence, challenge, threat, non-traditional threats, traditional threats, prevention, struggle, new era, terrorism, extremism, bioterrorism, impact, damage.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Шарипов Абдулваҳҳоб Маҳдиевич*** **-** Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат, муаллими калони кафедраи фанҳои гуманитарӣ. **Суроға:** 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Борбад, 48/5. Телефон: **985085842,** E-mail: **vahob.mahdy@mail.ru**

**Сведение об авторе:** ***Шарипов Абдулваххоб Махдиевич*** **-** Институт туризма, предпринимательства и сервиса, старший преподаватель кафедры гуманитарных дисциплин. **Адрес:** 734055, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Борбада, 48/5. Телефон: **985085842,** E-mail: **vahob.mahdy@mail.ru**

**Information about the author:** ***Sharipov Abdulvakhhob Makhdievich*** - Institute of Tourism, Entrepreneurship and Service, senior lecturer at the Department of Humanities. **Address:** 734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Borbada Avenue, 48/5. Phone: **985085842,** E-mail: **vahob.mahdy@mail.ru**

**УДК:316.6(575.3)**

# ОИЛА ВА МАСЪАЛАҲОИ РАФТОРИ ДЕВИАНТИИ НАВРАСОН

***Комилова М. Д.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Оила яке аз панҷ институти фундаменталии иҷтимоии ҷомеа ба ҳисоб меравад, Маҳз оила оромии ҷомеаро таъмин намуда, имконият дорад, ки худистеҳсолкунии инсониятро таъмин ва аз насл ба насл афзоиш диҳад. Аз ин рӯ, омӯзиши масъалаҳои оила мавзӯи сотсиологӣ буда, аз рӯйи нишона ва функсияҳое, ки дар ҷамъият иҷро мекунад ба гурӯҳи хурд дохил мешавад [8, с.9]. Оила –шакли ҳамзистии одамон дар доираи маҷмӯи меъёрҳои иҷтимоӣ, санксияҳо ва намунаи қоидаи рафтор мебошад, ки муносибати байни ҳамсар, волидайн, фарзанд ва дигар хешовандони онҳоро ба танзим медарорад. Дар доираи қоидаҳои оилавӣ, модели рафтор ба вуҷуд оварда мешавад ва роҳҳои муносибат ба одамон, ки дастраси бевосита аст танзим мегарданд. Ин тартибот одатан бо статуси иҷтимоии оила алоқаманд аст, муҳите, ки дар оила ҳукмрон аст, муносибати байни волидайн ва дигар хешовандон, нақши сардори оила, сатҳи обрӯи онҳо ва муносибат бо кӯдакон аҳамияти басо калон дорад.

Вайроншавии муносибатҳои оилавӣ ба иҷро накардани вазифаҳои ҳатмӣ дар оила оварда мерасонад.

Барои таҳлил намудани рафтории девиантии наврасон мебоист якчанд назария ва консепсияҳои муҳаққиқонро таҳлил намоем. Имрӯз доир ба ин мавзӯъ маводи зиёдро омӯтолиа намудан мумкин аст. Дар солҳои охир олимони тоҷик низ дар таҳқиқи масъалаи мазкур саҳм гузошта истодаанд.

Психологони тоҷик С.Х. Расулов ва Н. С. Раҷабов нақши таъсири оиларо ба рафтори девиантии наврасон таҳқиқ намуда, чунин хулосабарорӣ намудаанд: “Танҳо аъзои он оилае метавонад дар муносибатҳои гуногуни иҷтимоӣ аз ҷиҳати психологӣ дуруст мутобиқ гардад, ки арзишҳои оилааш бо арзишҳои ҷомеа, қоидаҳои рафтору муносибат дар оила бо қоидаҳои рафтору муносибат дар ҷомеа мувофиқат кунанд. Ҳангоми десотсиализатсияи оила дар муносибатҳои оилавӣ вазъияти бӯҳронӣ ба вуҷуд

меояд, ки сохтор ва функсияҳои оиларо вайрон карда, ба тарбияи дурусти фарзандон таъсири манфӣ мерасонд”[11,с. 132]. Дар раванди таҳлили масъалаи мазкур муҳаққиқон се таъсири манфии нақши оиларо ҷудо намудаанд, ки он ба коҳиш ёфтани тарбияи дурусти фарзанд таъсир расонда, хатари бавуҷудоии зуҳуроти каҷрафториро дорад:

• шароити номусоиди моддӣ-маишӣ дар оила;

• фазои носолими психологӣ дар муносибатҳои оилавӣ;

• аз ҷиҳати психологӣ-педагогӣ омода набудани волидайн ба тарбияи фарзандон.

Ин зуҳуроти манфӣ бо якдигар дар алоқамандӣ буда, метавонанд дар дараҷаҳои гуногун ба ташаккулёбии шахсияти наврасон таъсир расонанд. Яъне, дар тарбияи шахсияти наврас фазои солими психологии муносибатҳои оилавӣ, фарҳангию психологӣ-педагогии волидайн, рӯовариҳои маънавию ахлоқии оила ҳамчун ниҳоди иҷтимоӣ нақши ҳалкунанда доранд.

Бештари муҳаққиқони чунин ақидаро ҷонибдорӣ менамоянд, ки имрӯз оилаҳо ҳолати бухрониро аз сар мегузаронанд, ки он ба масъалаҳои муқаррарии раванди дигаргуншавии муносибати никоҳию оилавӣ вобастагӣ дорад. Дар аксарияти оилаҳо ҷомеаи муосир марҳилаи душвори инкишоф – гузариш аз шакли оиладории анъанавӣ ба шакли нави оиладории ба замон мувофиқ гузашта истодааст. Муносибатҳои оилавии тағйирёбанда ба дигаргун шудани сохт ва шакли идоракунии он дар ҳаёти оилавӣ, муносибатҳои оилавӣ таъсири муайяне мерасонанд, ки тағйир ёфтани тарбияи кӯдакон, нақш ва аз ҳамдигар вобастагии ҳамсарону фарзандонро ҳангоми иҷрои вазифаҳои оилавии худ ба амал меорад [2, с. 87].

Муҳаққиқ Н.Ф Абдурашитов рафтори ноболиғони ҷинояткор (ҳуқуқвайронкунандаро) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Россия омӯхтааст. Дар асоси таҳлили рафтори наврасони тоҷик ва рус ба хулосае омадан мумкин аст, ки муносибати ҷинояткорони ноболиғ бо волидони онҳо дар шакли ҳамкорӣ бартарӣ дошта, ба ташаккули сифати масъулияти наврасон дар назди худ ва масъулият дар назди волидон мусоидат мекунад. Аз рӯи ақидаи муҳаққик, чи қадаре ки вазифаи тарбиявии волидон беҳтар иҷро карда шавад, ҳамон қадар ташаккулёбии рафтори дивиантии кӯдакон камтар мешавад [1,с.68-69]. Ҳамин тариқ, гуфтан мумкин аст, ки муносибатҳои оилавӣ фазои психологиро эҷод мекунанд, ки аксаран дар натиҷаи кирдор ва рафтори ноболиғон таъсири худро мерасонад. Ҳамдигарфаҳмӣ, муҳаббат, дастгирӣ, ғамхорӣ нисбати як дигар дар сатҳи муносибати волидон-фарзанд ва ё фарзанд-волидон дар оила муҳити мусоиди психологиро ба вуҷуд меоранд ва барои пешгирии рафтори девиантии наврасон яке аз омилҳои муҳим маҳсуб меёбанд.

Албатта, фазои психологӣ, аз нуқтаи назари мо, ба ташаккули баъзе шаклҳои рафтори девиантии наврасон мусоидат мекунад. Як қатор олимон нишон медиҳанд, ки кӯдаконе, ки бо муносибати дағалона мувоҷеҳ шудаанд, ба қаҷрафторӣ даст мезананд. Аксари ҷинояткорони синну соли наврасӣ ва фирориёни хона дар як вақт ба беэътиноӣ ва бераҳмии волидонашон гирифтор шудаанд. Дар баробари фазои психологӣ дар оила, гурӯҳи хонаводае, ки дар он кӯдак тарбия меёбад, аҳамияти калон дорад.

Аз нигоҳи мо, рафтори девиантии наврасон дар оилаҳои комил, ё ин ки оилаҳое, ки дар зоҳир хуб ҳастанд, вале дар дохили он фазои номуносиб аст, ба миён меояд. Дар ин оилаҳо вазифаҳои волидайн иҷро намешаванд. М.Ё. Шарипова дар ин асос андешаи худро баён намуда, қайд кардааст, ки “муҳимтарин омили қонеъ намудани талаботи эмотсионалии кӯдак муҳаббати волидайн ба шумор меравад” [14, с. 89]. М. Давлатов барои рушди шахсияти фарзанд чунин қайд намудааст: “Пойдевори оилаи бо муҳаббату меҳр, ҳамдигарфаҳмӣ, ахлоқи ҳамидаи инсонӣ бунёд гардид, устувор мебошад. Фарзанд дар чунин муҳит сарбаланд, қавиирода, босадоқат, боимон тарбия меёбад” [5 ,с 116].

Ба андешаи И. Б. Холов, аксари падару модарон нисбати наврасон монанди кӯдаки хурдсол муносибат менамоянд, аммо наврас мекушад, то ки аз чунин вазият раҳоӣ ёбад. Аз ин хотир, муносибатҳои дуҷонибаи онҳо, одатан, бо ихтилофҳои шиддатнок тавсиф мешаванд, танқиду эътирозҳо нисбати андешаҳои волидон устувор мегарданд ва дар баробари ин таъсири ҳамсолон афзалият пайдо мекунад. Дар ҳолатҳои мазкур хусусияти рафтори наврасон нисбати калонсолон шакли дигар мегирад: наврас кӯшиш мекунад аз мавқеи тобеият ба мавқеи баробарӣ гузарад.

Ҳамин тариқ, ихтилофу нофаҳмиҳо байни волидон ва наврасон тадриҷан шиддат

меёбанд. Наврасон кӯшиш ба харҷ медиҳанд, то ки манфиатҳои худпарастонаи хешро аз дигарон дарёфт намоянд. Наврасоне, ки дар тарбияи оилавии хеш таваҷҷуҳ ва навозишу меҳрубониро дарк накардаанд, кӯшиш менамоянд, ки бо ҳамсолони "кӯчагӣ"-и хеш бештар дар робита бошанд. Дар натиҷаи худихтиёрӣ ё беназоратии хонавода, наврасон аз таълим даст мекашанд, вақти холии хешро дар кӯча мегузаронанд, ки ин вақтгузаронии бемақсад боиси пайдо гардидани дигар рафторҳои номатлуб мегардад [13, с. 296].

Пароканда шудани оила ё набудани назорати волидайн аксар вақт ба рушди майли ҷиноӣ дар кӯдакон оварда мерасонад. Вале дар айни замон, таҳқиқот нишон медиҳанд, ки қисми зиёди ҷиноятҳои ноболиғон дар оилаҳои нопурра яъне ҷудошуда, содир мешаванд, ки онҳо бо муҳоҷират, беэътиноӣ, беэҳтиромӣ ва норасоии ғамхориҳо мувоҷеҳ гаштаанд, ки кӯдак бо модар мондааст ва дар он ҷо ҳамоҳангӣ, муҳаббату ҳамдигарфаҳмӣ ва дилбастагӣ ҳукмрон нест. Дар ҷомеаи муосир зиёд шудани шумораи оилаҳои нопурраро мушоҳида намудан мумкин аст. Инчунин, миқдори талоқҳо, ки дар соли якум ё дуюми ҳаёти кӯдак ба вуқӯъ меоянд, ба назар мерасад. Чунин падида ба инкишофи шахсияти наврас ва рафтори ӯ таъсир мерасонад ва маълум аст, ки як қатор наврасони каҷрафтор аз чунин оилаҳои нопурра мебошанд. Зиёд шудани теъдоди модарони танҳо дар ҷомеаи муосир яке аз омилҳои зиёд шудани сатҳи рафтори девиантии наврасон мебошад. Имрӯз модарони танҳо бо сабаби норасоии иқтисодӣ ва набудани саробони оила маҷбур ҳастанд, ки аксарият вақти худро аз оила берун сарф кунад [15,с. 39-40]. Дар тамоми ҷаҳон таълиму тарбияи фарзандони модарони танҳо масъалаи мураккаб буда, новобаста аз таъминоти иқтисодӣ, инчунин ҷиҳатҳои психологӣ- ахлоқӣ низ дорад. Мувофиқи тадқиқоти гузаронидаи Г. З. Нафикова аксарияти оилаҳои нопурра ҳамчун оилаҳои ниёзманд имконияти харидорӣ, сохтан ва ё таъмини манзили зистро надоранд. Нисбат ба занони бефарзанд модарони танҳо дар бозори меҳнат имкони дарёфти кори нопурра доранд, онҳо имконияти пурра машғули фаъолияти меҳнатиро надоранд, ки дар натиҷа ин ба иҷтимоишавии фарзандон таъсир расонда, боиси коҳиш ёфтани дараҷаи ихтисосмандӣ мегардад [9, с13;14]. Ноболиғон аз оилаҳои нопурра ба чунин падида ҳассос буда, худмуаяйнкунии касбии онҳо заиф мегардад. Мушкилоти наврасон дар оилаҳои нопурра бештар ба норасоии тарбия, таълим, худмуайянкунии касбӣ ва таъмини самаранокии шуғли наврас назаррас мебошад.Масъалаи модарони танҳоро сотсиологони тоҷик Ш. Шоисматуллоев ва Д. А. Элназарова аз рӯйи таҳқиқоти сотсиологӣ ва таҳлилҳои контентӣ омӯхта, ба хулосае меоянд, ки яке аз масъалаҳои муҳимми модарони танҳо ятимӣ ва бепарастор мондани фарзандон мебошад. Маълум аст, ки ятим мондан мушкилоти иҷтимоӣ мебошад. Ятимон ҳамчун гурӯҳи осебпазир ва ниёзманди ҷомеа ба мушкилоти зиёд гирифтор мегарданд. "Аз байн рафтани оила ҳамчун агенти аввалияи иҷтимоишавӣ барои ятим сабаби харобгардии вазъи рӯҳӣ ва мушкилоти иҷтимоӣ мегардад. Агар ятим аз муҳити хонаводагӣ дурр монад, пеш аз ҳама, масъалаи беназоратӣ, дур мондани ӯ аз тарбия пеш меояд. Аз сабаби беназоратӣ дар вуҷуди кӯдак хислатҳои зиддииҷтимоӣ ва аз меъёрҳои мақбули ҷомеаи берун ташаккул меёбанд (масалан, оворагардӣ, дуздӣ, фоҳишагии кӯдакона ва ғ.)" [17,с. 145]. О.Григорева масъалаи модарони танҳоро таҳқиқ намуда андеша дорад, ки насли нав фаъолият ва рафтори модарро такрор мекунад. "Кам нестанд воқеаҳое (ҳолатҳое), ки модари танҳо буданро насли нав такрор мекунад. Мувофиқи омори ҷаҳонӣ, писароне, ки дар оила нопурра ба воя расидаанд, ҷойи падар аз аввал холӣ аст ва нисбати оилаҳои пурра хатари бештар ба маҳбас афтиданро доранд. Дар мавриди духтарони бепадар бавоярасидан имконияти модари танҳо шуданро панҷ маротиба зиёд мегардонад. Дар байни кӯдакони зери назорати модарони танҳо ба воя расида майхӯрию нашъамандӣ хеле зиёд аст" [4,с. 3]. Ҳамин тариқ гуфтан мумкин аст, ки ҳолати нодуруст корбаст намудани иҷтимоишавии ноболиғон дар оилаҳои нопурра боиси пайдоиши қаҷрафториҳои иҷтимоӣ: бадахлоқӣ, оворагардӣ, нашъамандӣ, дуздӣ, ғоратгарӣ ва дигар ҷиноятҳои муташаккилона ( гурӯҳӣ) мегардад.

Таъсири бузргро ба рафтор ва кирдори наврасон шароити ҳаёти оилавӣ мерасонад, ки худ дорои маҷмӯи омилҳои муҳити макросотсиум ва микросотсиум мебошанд. Қайд

кардан муҳим аст, ки дар муқоиса бо оилаҳои хушбахт, оилаҳое, ки фарзандони ноболиғи қонуншикан ва онҳое, ки фарзандони бетарбия доранд, ба танқисиҳои моддӣ ва маънавӣ гирифторанд. Таҳқиқоти гузаронидашуда нишон додаанд, ки мушкилоти моддӣ яке аз сабабҳои асосии ба даст додан ҷиноят мебошад, ки ин ҳангоми тақсими нобаробари захираҳои моддӣ ба миён меояд. Тарзи ҳаёти оила дар ташкил ва инкишофёбии шахсияти кӯдак ва умуман ба зоҳиршавии ин ё он каҷрафтории наврас метавонад мусоидат намояд. Тарзи ҳаёти оила дорои фурсат, фаъолияти меҳнатӣ, муносибат дар сатҳи кӯдак – калонсолон ва калонсолон – кӯдак мебошад. Айни замон мо ба ҳодисае дучор мешавем, ки фаъолияти бисёртари волидон ба таъминоти иқтисодии оила равона шудааст. Тарбияи фарзандон танҳо ҳамон вақт ба назар мерасад, ки волидайн “бекор шудаанд”. Барои муносибати волидайн-фарзандро барқарор намудан ва аз нав боварӣ ҳосил кардан ба фарзандони худ волидайн ба онҳо нуфузи падару модариро дар вақти холӣ ҷудо менамоянд. Барои ба даст овардани нуфуз ба волидайн лозим меояд, муносибати зиндаро бо фарзанди худ таъмин намоянд. Норасоии муносибати зиндаи волидайн бо фарзандон боиси “норасоӣ”-и маркази диққат мегардад. Дар ин ҳолат фарзанд барои ҷуброн намудани нуфузи волидон ба дигар гурӯҳҳои гуногуни ғайрирасмӣ ҳамроҳ мешавад. Ҳамаи ин амалҳо аз бисёр ҷиҳат рафтор ва кирдори наврасонро муайян мекунанд.

Олимон мушоҳида намудаанд, ки кӯдакони инкишофёфта (нобиға) дар шароитҳои хуби рафтор ва таъсири волидайн ба воя мерасанд. Пас дар ин ҷо муносибати зиндаи волидайн барои ташаккули фарзанд назаррас аст. Ҳангоми ба даст овардани навовариҳои рафтори иҷтимоӣ ва аз худ кардани нақшҳои аниқ волидайн вазифаи муҳимро мебозанд. Муроҷиат ва амалҳои “Чӣ кор кардан?» ва «Чӣ чиз гуфтан?» -ро дар сотсиум танҳо волидайн метавонанд дар раванди иҷтимоишавӣ омӯзонанд. Рафтори волидайн ва муносибати онҳо ба фарзанд механизми асосиест, ки наврас барои муайян кардани ҳалли масъалаи пешомада бо кумаки волидон роҳи осонро интихоб мекунад, малакаҳои гуногунро ба даст меорад, мустақилият, боварӣ ба қувваи худ ва худшиносии касбӣ пайдо мекунад. Беэътиноӣ ва нофаҳмии волидон, беэътиноии онҳо нисбати вазифаҳои, чун қоида, ба мушкилоти зиёд дар ҳаёти наврасон оварда мерасонанд.

Маҳз дар ҳамин ҷо механизмҳои элементарӣ ба вуҷуд меоянд, ки ин амал омодагии рафтори наврасон ва волидайнро дар як вақт муайян месозад. Рафтори волидайн ва муносибати онҳо ба фарзандон то дараҷае наврасонро аз навовариҳо огаҳ мегардонад ва дар натиҷа онҳо мустақилият, боварии комил ба қувваи худ, худбаҳодиҳии мусбиро ба даст меоранд.Сабаби дигар тағйироти сохтори нақш ва мавқеи волидайн дар муносибатҳои оилавӣ мебошад. Дар ҷомеаи постиндустриалӣ ва шароити урбанизатсия нақши падар ва модар дар таъмин намудани некуаҳволии иқтисодии оила қариб баробар мешавад, дар ҳоле ки ҳиссаи “моддӣ” ва иштирок дар таъмини хонавода бештар аз падар вобаста аст. Аммо, дар ин раванд нақши модар дар нигоҳубини кӯдакон ва ҳам дар таъминоти моддӣ меафзояд ва ин ҳолат метавонад обрӯю нуфузи падарро дар оила коҳиш диҳад. Тақсимоти нақшҳо ва уҳдадориҳои волидайн дар оила ба ташаккули шахсияти наврас, ба шуур ва рафтори ӯ таъсир мерасонад ва комилан аён аст, ки як қатор падидаҳои муҳимми порафарҳангии наврасон як навъи "ҷуброн"-и рафтори волидайн мебошад. Кӯдакон тарзи рафтори волидайн ё авзои муҳити онҳоро меомӯзанд ва аз ҳад зиёд афзудани нуфузи модарон ба заиф гаштани нақши падар сабаб мешавад. Ин омил боиси эҷоди монеаҳо дар идоракунии наврас аз тарафи падар мегардад, ки барои тарбияи писарон унсури муҳим мебошад. Яъне, фазои ахлоқӣ ва психологии оила ва мавҷуд будани муоширати на танҳо «уфуқӣ», балки «амудӣ» (аз рӯйи синну сол) дар рушди зеҳни наврас нақши ҳалкунанда мебозад, зеро чунин омил сохтори коллективии оиларо аз рӯйи нақшҳои иҷтимоӣ муайян намуда ба таъсири иҷтимоишавии наврас назаррас аст. Бояд зикр намуд, ки ин яке аз монеаҳои оилаи муосир дар ҷомеа маҳсуб меёбад. Бо назардошти ин, мо танҳо бо хулосаи сотсиологон розӣ шуда метавонем, ки бар хилофи дигар гурӯҳҳои хурди иҷтимоӣ, оила метавонад гурӯҳи аввал ҳисобида шавад, он ба инсон дар тӯли тамоми ҳаёташ таъсир расонда, тамоми ҷанбаҳои фаъолият ва шахсияти ӯро фаро мегирад [6, с, 95]. Ба андешаи мо, оила танҳо дар он ҳолате нақши худро ҳамчун ниҳоди иҷтимоии тарбияи шахсият пурра иҷро карда метавонад, ки агар шаҳрвандони

Тоҷикистон шартҳои маърифати оиладориро риоя кунанд. Зеро «маърифати оиладорӣ – ин маҷмӯи дониш, маҳорат, таҷриба ва тасаввуротҳо мебошад, ки тавассути онҳо муносибатҳои оилавӣ ба танзим дароварда мешаванд. Маърифати оиладорӣ имконият медиҳад, ки дар бунёдкунандагони оила тасаввуроти мувофиқи никоҳию оилавӣ ташаккул ёбад [7] ва ин тасаввурот ба солимии аъзоёни оила мусоидат мекунад. Гарчанде дар нақшаи таълимии мактаб фанни "маърифати оиладорӣ" вуҷуд дорад, он ҳам такмил мехоҳад. Имрӯз барои наврасон ва ҷавонон ин амал ҳам басанда нест, зеро номувозинатии иҷтимоӣ ва иқтисодии ҷомеаи муосир боиси дуршавии наврасон аз меъёрҳои иҷтимоӣ ва ахлоқӣ гаштааст. Бояд зикр намуд, ки дараҷаи маърифати волидайн барои рушди наврас аҳамияти махсус дорад. Сатҳи пасти маърифати волидайн ба таври мустақим ё ғайримустақим метавонад ба рафтори наврас таъсири худро расонад. Таҳқиқот муайян кардаанд, ки сатҳи маърифати волидайн ҳар қадар паст бошад, ҳамон қадар хавфи бадахлоқии ва девиатсияи наврасонро мушоҳида намудан мумкин аст. Н.М. Раҷабов дар таҳлилҳои илмии худ чунин қайд намудааст: "... яке аз омилҳои тамоюли баланди девиатсияи наврасон дар Тоҷикистон ин набудани дониш, савод ва маърифатнокии волидайн мебошад. Таҳлил ва натиҷаҳои бадастомада, нишон додаанд, ки теъдоди бисёри волидайни наврасони вайронкунандагони ҳуқуқ таълимоти миёнаи расмӣ доранд, вале дар асл онҳо камсаводанд" [10,с. 54].

Вайрон кардани функсияҳои таълимӣ боиси беэътиноии оила ба наврасон мегардад. Мафҳуми "назорати оилавӣ" аз ҷониби Б.И. Алмазов пешниҳод шудааст. Ин мафҳум доираи васеи муносибатҳои мутақобиларо фаро мегирад, яъне муносибатҳои кӯдакон ва волидони онҳоро [3,с. 13]. Барои таълим ё тарбияи рафтори намунавии наврас аввалан бояд муҳити оила ором ва комил бошад, ки онро дар ду ҳолат мушоҳида намудан мумкин аст: вазъияти ғайричашмдошти муносибатҳои оилавӣ ва муносибати нодуруст дар тарбияи кӯдакон. Аз рӯйи мушоҳидаҳои Б.И. Алмазов, 4 навъи оилаҳо вуҷуд доранд, ки ба пайдоиши рафтори девиантӣ мусоидат менамоянд.

1) Оилаҳое, ки дар он норасоии захираҳои таълимӣ дида мешавад. Ба онҳо оилаҳои нопура тааллуқ доранд; оилаҳое, ки дар он волидон аз норасоии сатҳи умумии дониш ё маърифат ба кӯдакон дар таҳсили онҳо кумак расонида наметавонанд; як оилае, ки дар он волидайн бештар ба таъминоти моддӣ нисбат ба паҳлуҳои тарбияи маънавии фарзанд таваҷҷуҳ доранд. Ин оилаҳо аз рӯйи андешаи олимон, хатари каҷрафтор гардидани фарзандонро доранд.

2) Оилаҳои низоӣ (ҷанҷолӣ), оилаҳое, ки волидайн ба ҷойи бартараф кардани камбудиҳои худ, кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки якдигарро гунаҳгор созанд. Яке аз падару модарон рафтори дигарро таҳаммул карда наметавонад. Дар чунин оилаҳо кӯдакон аксаран дар мухолифатҳо, баъзан далерона вокуниш нишон медиҳанд. Фарзандон бар зидди мухолифати низоми мавҷудаи оила вокуниш нишон медиҳад ва тарафдори яке аз волидон мешаванд. Чунин падида сабаби ба ду гурӯҳ тақсим шудани як оила шуда метавонад.

3) Оилаҳои ноором. Дар байни аъзоёни чунин оила, фарқиятҳо ва принсипҳои ташкили оила вуҷуд доранд, аммо онҳо кӯшиш мекунанд, ки барои ноил шудан ба ҳадафҳои худ бар зарари дигарон, амал кардан аз манфиатҳои дигарон, меҳнати дигарон, хоҳиши ба дигарон тобеъ гардонидани худ ва ғайраҳоро истифода баранд.

4) Оилаҳои аз ҷиҳати педагогӣ салоҳият надошта: дар онҳо фикру мулоҳизаҳо дар бораи хаёлоти гузаштаи худ тасвири воқеи инкишофи онҳоро иваз мекунанд. Масалан, боварӣ ба имконияти пурраи мустақилияти кӯдак, ки ба беэътиноӣ оварда мерасонад, боиси нороҳатӣ, шиддатнокии эҳсосӣ, хоҳиши ҳимояи худ аз ҳама чизи нав ва ғайримустақим ва нобоварӣ ҳосил кардан нисбати шахси дигар мегардад [3,с. 15].

Қайд кардан зарур аст, ки ҳамаи омилҳои қайдшуда, албатта, барои инкишофи шахсияти наврас ба офариниши ӯ заминаи номусоид фароҳам меоранд. Муҳити оила, некуаҳволии моддии оила, навъи оила барои омӯзиши омилҳои ташаккули рафтори девиантӣ муҳим аст, вале бояд зикр намуд, ки фазои номуносиби психологӣ, сатҳи пасти некуаҳволии оила, зиндагӣ кардани кӯдак дар оилаи нопурра на ҳамеша сабаби рафтори девиантӣ шуда метавонад. Дар ин ҷо мо бояд хусусияти табиии шахсияти худи наврасро

ба назар гирем. Яъне, омилҳои дар боло қайдшуда на ҳама вақт наврасро каҷрафтор мекунанд. Олими шинохта В.Н. Кудревчев чунин қайд менамояд: “Аз таҳқиқотҳои сотсиологияю криминологӣ, аз таҷрибаи судӣ ва педагогӣ бармеояд, ки кирдорҳои зиддиҷамъиятӣ ва каҷрафторӣ, чи аз тарафи одамоне, ки дар шароити мушкил зиндагӣ мекунад ва ё дар шароити мусоид зиндагӣ мекунанд, содир шуда метавонанд. Дар оилае, ки дар он ҳаёт тағйир ёфтааст ва имкониятҳои шароити ҳаёт маҳдуд шудаанд, маънои онро надорад, ки каҷрафторӣ ногузир аст ва дар ин оила ташаккулёбии шахсияти номувофиқ ба миён меояд" [12,с. 144-145]. Ин маънои онро дорад, ки бо вуҷуди шароити объективӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии ҳаёт, ташаккули муносибатҳои меъёрӣ хеле муҳим буда, ҳатто дар муносибатҳои байни ҳамаи одамон нақши ҳалкунадаро мебозанд. Зеро, маҳз тамоюли арзиш ва дигар омилҳои иҷтимоиву психологӣ, муносибати муҳити меъёриро муқаррар намуда, муносибати одамонро муайян мекунад. Аз ин бармеояд, ки муҳити меъёрӣ хусусиятҳои равонӣ ва маънавии шахсиятро ташаккул медиҳад ва тамоюли содир намудани рафтори девиантӣ паст мегардад. Зеро, пойгоҳи ақлонӣ ва маънавии шахс мустақиман ба рафтор таъсири худро мерасонад.Солҳои охир Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати то ҳадди имкон коҳиш додани сатҳи рафтори девиантии ноболиғон чораҳои мушаххас андешида истодааст. Яке аз санадҳои муҳимми меъёриву ҳуқуқӣ, ки барои ҳалли ин масъала мусоидат мекунад, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» мебошад. Қонуни мазкур аз волидон талаб менамояд, ки ба вазифаҳои оилавӣ ва тарбиявии худ бо масъулият муносибат кунанд.

Назария ва натиҷаҳои таҳқиқоти олимонро ба сифати далелҳои эътимодбахш истифода бурда, хулоса баровардан мумкин аст, ки зуҳуротҳои манфии дар боло қайдшуда метавонанд дар дараҷаҳои гуногун ба ташаккулёбии шахсияти наврасон таъсир расонида, сабаби рафтори девиантӣ гарданд. Яъне, дар тарбияи шахсияти наврас фазои солими муносибатҳои оилавӣ, рӯовариҳои маънавию ахлоқии волидайн ва маърифати оиладорӣ, барои паст намудани тамоюли рафтори девиантии наврасон нақши ҳалкунанда доранд.

**Муқарриз: *Миров Ф.С.* – н.и.ф., дотсенти ДМТ**

**АДАБИЁТ**


1. Абдурашитов Н.Ф. Восстановление детско-родительских отношений как механизм формирования готовности к продуктивной социальной включенности подростков-правонарушителей. [Текст]: дис. ... канд. псих. наук/ Ф.Н Абдурашитов. – Душанбе, 2021. – 187с.
2. Абдурашитов Н.Ф. Зӯроварӣ дар оила ҳамчун омили ҳуқуқвайронкунии наврасон // Маводи конференсияи илмӣ-амалии «Масъалаҳои хушунат ва роҳҳои пешгирии он». – Душанбе: ДДОТ, 2019.С-87-88
3. Алмазов, Б. Н. Психическая средовая дезадаптация несовершеннолетних : монография / Б. Н. Алмазов. – 2-е изд. – Москва : Издательство Юрайт, 2019. – 180 с. (Актуальные монографии). — ISBN 978-5-534-09759-7. — Текст: электронный // ЭБС Юрайт [Электронный ресурс]. — URL: https://urait.ru/bcode/428513 (дата обращения: 12.06.2021).
4. Григорьева О. Одинокое материнство/О. Григорьева //Советская Белоруссия. -№1.2001. – С. 3.
5. Давлатов М. Оила ва рушди шахсияти фарзандон: монография /М. Давлатов/ – Душанбе: Ирфон, 2014. – 224 с.
6. Комилова М.Д. Роль семьи в процессе социализации старшеклас-сников /М.Д.Комилова// Сборник материалов научной конференции «Проблемы психологии в современном обществе». -Душанбе, 2016. -С 94-97.
7. Консепсияи рушди оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2015 таҳти №801 тасдиқ шудааст). [Манбаи электронӣ]. http://base.mmk.tj/view_sanadhoview.
8. Кори иҷтимоӣ бо оила: воситаи таълимӣ/ Баҳромбеков Д.А., Ҷӯраев Ҷ.Д., Зеваров Х., Миров Ф., Шоев К. – Душанбе: Истеъдод, 2012. –288с.
9. Нафикова Г.З. Институализация неполной семьи в трансформирующемся обществе: на примере Республики Башкортостан [Текст]:дис.… канд. соц. наук/ Г.З.Нафикова. – Уфа.– 2005.– 151с.
10. Раджабов Н.М. Социально-философское осмысление девиантного поведения подростков и пути его предотвращения [Текст]:дис. ... канд. пед. наук / Н.М. Раджабов. – Душанбе, 2018. – 154с
11. Расулов С.Х. Психологический анализ роли семьи в профилактике девиантного поведения у подростков / С.Х. Расулов, Н.М.Раджабов // Вестник Таджикского национального университета. -2017. -№3-1. – С. 131-134.
12. Социальные отклонения / Под ред. Кудрявцева В.Н. – М, 1989. – 368с.
13. Холов И.Б. Омилҳои асосии бавуҷудоии рафтори девиантӣ дар синни наврасӣ// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2020. – №7. – С. 294- 298.
14. Шарипова М.Ё. Рушди шахсияти кӯдак дар оила /М.Ё Шарипова //Маҷмӯаи маводҳои конфронси илмӣ. Масоили мубрами психологӣ дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон–Душанбе, 2016. –С.86-94.

15. Шоисматуллоев Ш. Хусусиятҳои иҷтимоӣ иқтисодии зиндагонии модарони танҳо ва рафтори стратегии онҳо дар ҳолати мушкили зиндагӣ / Ш.Шоисматуллоев, Д.А. Элмуродова //Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академиям илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. -№1. – Душанбе, 2020. – С.38-41.
16. Эйдемиллер Э.Г. Семейная психотерапия / Э.Г. Эйдемиллер, В.В. Юстицкий.–Л.: Медицина, 1990. – 192 с.
17. Элмуродова Д.А. Барҳамхӯрии оила ҳамчун омили иҷтимоии пайдоиш ва паҳншавии оилаҳои нопурра // Гузоришҳои Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷкистон,шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. №2(006). – Душанбе, 2019. – С. 143-146.

## ОИЛА ВА МАСЪАЛАҲОИ РАФТОРИ ДЕВИАНТИИ НАВРАСОН

Дар мақола нақши оила дар ташаккули рафтори девиантии наврасон таҳқиқ шудааст. Вайроншавии муносибатҳои оилавӣ ба иҷро накардани вазифаҳои ҳатмӣ дар оила оварда мерасонад ва биноан ба ташаккули оилаи солим таъсири манфӣ мерасонад. Барои таҳлил намудани рафтории девиантии наврасон муаллиф назария ва консепсияҳои муҳаққиқони хориҷӣ ва тоҷикро васеъ истифода бурда, натиҷаҳои таҳқиқоти олимонро ба сифати далелҳои эътимодбахш истифода бурдааст.Муаллиф нақши оила ва таъсири онро ба рафтори девиантӣ омӯхта, як қатор омилҳои таъсирбахшро муайян намудааст. Аз таҳлилҳои гузаронида ба чунин хулоса омадааст: шароити номусоиди моддӣ, фазои носолим, омода набудани волидайн ба тарбияи фарзандон, ба инобат нагирифтани синну соли наврас, заиф будани фарҳанги педагогӣ-психологии волидайн, таҳқири наврас дар оила, бесаводии волидайн, душвориҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар оилаҳои нопурра, норасоии таваҷҷуҳи волидайн ба фарзандон, пароканда шудани оила ё набудани назорати волидайн сабабҳои зуҳуроти пайдоиши рафтори девиантии наврасон маҳсуб мeёбанд. Ин зуҳуроти манфӣ бо якдигар дар алоқамандӣ буда, метавонанд дар дараҷаҳои гуногун ба ташаккулёбии шахсияти наврасон расонанд.

**Калидвожаҳо:** наврасон, рафтори девиантӣ, каҷрафторӣ, рафтори ҷиноӣ ва ғайриахлоқӣ, оила, тарзи ҳаёти оила, тарбияи волидайн, норасоии муҳаббат, зуҳуротҳои манфӣ.

## СЕМЬЯ И ПРОБЛЕМЫ ДЕВИАНТНОГО ПОВЕДЕНИЯ ПОДРОСТКОВ

В статье рассматривается роль семьи в формировании девиантного поведения подростков. Нарушение семейных отношений приводят к невыполнению обязательных семейных обязанностей, в совокупности эти ошибки могут негативно повлиять на формирование здоровой семьи. Для анализа девиантного поведения подростков автор широко использует взгляды и концепции зарубежных и таджикских исследователей, используя результаты научных исследований как убедительные доказательства. Автор исследует роль семьи на девиантное поведение и описывает ряд факторов, влияющих на него. На основании анализа нескольких факторов были сделаны выводы: плохое финансовое положение, нездоровая семейная среда, отсутствие ответственности родителей за воспитание детей, пренебрежение подросткового возраста, слабая педагогическая и психологическая культура родителей, жестокое обращение с подростками в семье, неграмотность родителей, социально-экономические трудности в неполных семьях, недостаточное внимание родителей к детям, распад семьи или отсутствие родительского контроля являются факторами возникновения у подростков девиантного поведения. Эти негативные явления взаимосвязаны и могут в той или иной степени влиять на развитие личности подростков.

**Ключевые слова**: подростки, девиантное поведение, отклоняющееся поведение, преступное и аморальное поведение, семья, семейный образ жизни, родительское воспитание, отсутствие любви, негативные явления.

## FAMILY AND PROBLEMS OF DEVIANT BEHAVIOR OF ADOLESCENTS

The article considers the role of the family in the formation of deviant behavior of adolescents. Violation of family relations leads to non-fulfillment of mandatory family responsibilities, together these mistakes can negatively affect the formation of a healthy family. To analyze the deviant behavior of adolescents, the author makes extensive use of the views and concepts of foreign and Tajik researchers, using the results of scientific research as convincing evidence.The author examines the role of the family on deviant behavior and describes a number of factors that affect it. Based on the analysis of several factors, conclusions were drawn: poor financial situation, unhealthy family environment, lack of parental responsibility to raise children, neglect of adolescence, weak pedagogical and psychological culture of parents, abuse of adolescents in the family, parents' illiteracy, socio-economic difficulties in single-parent families, insufficient attention of parents to children, family breakdown or lack of parental control are factors of deviant behavior in adolescents. These negative phenomena are interrelated and can affect the development of the personality of adolescents to one degree or another.

**Keywords**: teenagers, deviant behavior, deviant behavior, criminal and immoral behavior, family, family lifestyle, parental education, lack of love, negative phenomenaa

**Маълумот дар бораи муаллиф:*Комилова Мавҷуда Давлатҷоновна*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои фалсафа, докторанти кафедраи сотсиология. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ,17. E-mail: **komilova.1976@mail.ru** Телефон: **+(992) 935-14-80-80.**

**Сведение об авторе:** ***Комилова Мавджуда Давлатджоновна*** – Таджикский национальный университет, кандидат философских наук, докторант кафедры социологии. Адрес: 734025, Республика Таджикистан,город Душанбе, проспект Рудаки,17. E-mail: **komilova.1976@mail.ru**Телефон: **+(992) 935-14-80-80.**

**Information about the author:** ***Komilova Mavjuda Davlatdzhonovna* -** Tajik National University, candidate of philosophical sciences, doctoral student of the Department of Sociology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. E-mail: **komilova.1976@mail.ru** Phone: **+ (992) 935-14-80-80**

**УДК:1(09)**

# ТУРИЗМ ҲАМЧУН ПАДИДАИ МУҲИММИ ҲАЁТИ ҶАМЪИЯТӢ

***Маҳмадиев Р.С.***
**Донишгоҳи давлатии Данғара**

Туризм шакли фаъолияти инсонӣ буда, дар рушди фарҳанг ва тамадуни башар нақши бориз дорад. Таърихи дурударози туризм, нахуст дар шакли сайёҳат, зиёрати ҷойҳои муқкадас, муҳоҷират аз як ҷо ба ҷойи дигар ба шакли муайяни фаъолият оварда расонид. Ба воситаи ғояҳои мутараққӣ, коммуникатсия ва равобит ба рушди тамаддуни ҷаҳонӣ, ташаккули таҳаммулпазирӣ ва арҷ гузоштан ба таъриху тамаддуни дигарон мусоидат намудааст. Инсоният дар тули таърихи чандин ҳазорсолаи мавҷудияти худ, баҳри омӯзиши ҷаҳон, кашфиётҳои нав баҳри дарёфти захираҳо, рушди тиҷорат, фатҳу азхуд намудани заминҳои нав сафарҳо кардааст. Мақсаду нияти ин сафарҳо гуногун буданд, аммо сабабҳои асосӣ инҳо ба ҳисоб мерафтанд:

–дарёфти маводи ғизо ва масолеҳи сохтмонӣ;

–кӯчбандии мавсимӣ, вобаста ба корҳои хоҷагии қишлоқ ва ҷарогоҳҳо;

–тиҷорат ва сафарҳои шахсӣ;

–сафарҳо бо корҳои давлатӣ;

–сафарҳои ҳарбӣ;

–муҳоҷирати оммавии халқҳо дар натиҷаи офатҳои табиӣ;

–зиёратҳои ҷойҳои муққадаси динӣ;

–сафарҳои омӯзишӣ;

–сафарҳои корӣ ва касбӣ;

–сафарҳо бо мақсади истироҳат, вақтхушӣ ва табобат;[8, с. 13]

Чуноне, ки ке аз мутахассисони варзидаи Ташкилоти умумиҷаҳонии Туристӣ, Ҷаъфар Ҷаъфарӣ дар асари худ “Феноменологияи туризм” қайд кардааст, “Одамон доимо сафар мекунанд. Дар ин бора сабти ёддошту маъхазҳои мардумони қадиме, ки дар Шарқи Миёнаву Дур ва соҳилҳои баҳри Миёназамин маскун шуда буданд, шаҳодат медиҳанд. Масалан, Ҳеродот (асри VI пеш аз мелод), оиди сафарҳои кӯтоҳмуддат ва сайёҳатҳои тулонии худ мероси назарраси хаттӣ боқӣ гузоштааст. Дар чунин адабиёт, ки хусусияти тавсифкунанда ва самти таърихӣ дошт паҳлуҳои фарҳангӣ, фалсафӣ, забон, дин ва расму оини аҳолии дигар мамлакатҳо, хусусиятҳои ҳаёти маҳалӣ ва шакли меҳмондории онҳо баррасӣ карда шудаанд”.[19]

Ба ҳамин хотир, туризм ё ҷаҳонгардӣ аз замонҳои қадим хоси инсоният буд, ҷомеаи инсонӣ ҷиҳати қонеъ намудани ниёзҳои худ аз лиҳози моддӣ ва маънавӣ ва пиёда сохтани аҳдофи гузоштаашон ба ин шакли фаъолият машғулмешуданд. Боиси зикри хос аст, ки яке аз хусусиятҳои асосии туризм дар он аст, ки ин падидаи иҷтимоӣ дар мустаҳкам намудани пояҳои инсондӯстӣ, ваҳдат ва ташаккули шахсият саҳми арзанда мегузорад. Илова барин, падидаи мазкур дар омӯзиши анъана, урфу одат, таърих, омӯзиши табиат мусоидат намуда, дар гуфтугӯи фарҳангҳо ва ба ҳам омезиши арзишҳо воситаи асосӣ ба ҳисоб меравад. Бисёр ҷабҳавии туризм имкон медиҳад, ки ӯро аз чанд ҷониб баҳо дод: ҳамчун шакли фаъолият, ҳамчун талаботи ҷамъиятӣ, ҳамчун омили наздикнамоии ҷамъиятӣ, ҳамчун падидаи иқтисодӣ ва ғайраҳо. Аммо аз ҳама самти муҳим ва ноомӯхта барои доираҳои илмӣ аз нигоҳи фалсафаи иҷтимоӣ, омӯзиши туризм ҳамчун соҳаи ҳаёти иҷтимоӣ мебошад. Ҷомеа ҳамеша дар ҳолати тағирёбист ва доимо рушду тараққӣ меёбад ва ин ҳолатҳо боис мегарданд, ки инсон пайваста ба арзишҳои моддию маънавӣ эҳтиёҷ дошта бошад ва дар ҷомеа раванди диалектикӣ ба вуҷудояд. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки ҷомеаи инсонӣ чи қадаре, ки тараққӣ намояд, ҳамон қадар ниёзҳояшон низ зиёд мегардад ва ин омил боиси пайдоиши ҷаҳонгардӣ ё туризм мегардад. Дарки яке аз инҳо, аз ҷумла фаъолияти туристӣ, имконият медиҳад, ки рушди мавҷудияти ҷомеъа ва пайдо кардани механизми идоракунии сохтори ҷамъитиро пешгӯӣ намоем.

Муносибатҳои соҳавӣ имкон медиҳад, ки туризмро ҳамчун як падидаи воқеӣ, усули таркибии мавҷудияти ҷомеаи инсонӣ, ки худи шахс дар шароити рушди иҷтимоӣ-фарҳангӣ тағйироти куллӣ даровардааст, дарк намуд. Аз ин ҷо мақсади таҳлили мафҳуми “соҳаи ҳаёти ҷамъиятӣ” ва муайян намудани маънои иҷтимоӣ-фалсафии “туризм” оғоз мегардад.

Дар фалсафаи иҷтимоии муосир ду самти омӯзиши ҳаёти ҷамъиятӣ вуҷуд дорад: Якум – классикӣ, ки ҳанӯз дар таҳлилҳои асосгӯзорони марксизм моҳияти он оварда шудааст. Дуюм – ғайриклассикӣ ё позитивӣ. Дар давлатҳои пасошӯравӣ ин равишҳо дар замони “бозсозӣ” ташкил шуда, ҳамчун ғояи ягонаи фалсафаи марксистӣ ташаккул ёфтааст. Ин ду равиш ба гуногунии мазмунашон нигоҳ накарда, қобили таваҷҷуҳи

мутахасисони соҳа гардидаанд. Ин самтҳо ба имконияти дарки моҳият ва муносибати дуруст ба таҳлили мавзӯъи таҳқиқот кӯмак мерасонанд.

Бисёре аз муҳаққиқони фалсафаи иҷтимоӣ бо баъзе аз ақидаҳои К.Маркс розӣ шуда наметавонанд. Масалан, К.Маркс чунин ақида дошт, ки "Тарзи истеҳсоли ҳаёти моддӣ равандҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ ва маънавии ҳаётро дар маҷмӯъ муайян мекунад"[9,с.7]. Асосгузорони фалсафаи марксистӣ натанҳо вобастагии тамоми ҳаёти ҷамъиятиро аз истеҳсолоти моддӣ медонистанд, инчунин ба муносибати дифференсиалии зуҳуроти он диққат дода, нақши фаъоли зерсистемаҳои онро шарҳ медиҳанд.

Ин равиш дар доираи илмҳои ҷомеашиносӣ пазируфта шуда, дар таълимоти соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ҳамчун зерсистемаҳои ба ҳам алоқаманд татбиқ карда шудаанд. Ҳамзамон қайд карда мешавад, ки на ҳама маҷмӯи падидаҳои иҷтимоии ба ҳам алоқаманд соҳаи ҳаёти ҷамъиятӣ номида мешаванд. Чуноне, ки муҳақиқи рус А.К.Уледов қайд менамояд: "Қишри - таълимоти махсуси иҷтимоӣ мебошад, ки дар он ҳаёти иҷтимоии одамон зоҳир мешавад ва ҷанбаҳои гуногуни ҳаёти система дар маҷмуъ амалӣ карда мешавад. Ҳар як соҳа бо тарзи махсуси ҳаётӣ тафсиф карда мешавад, ки барои таъминоти мавҷудият ва рушди ҷомеа ҳамчун як таъиноти муайян равона карда шудааст. Қишрҳо метавонанд чунин форматсияҳои иҷтимоӣ бошанд, ки дар натиҷаи амалкарди якҷоя сифатҳои системаҳои ҷомеаро ба вуҷуд меоранд ва табдил диҳанда ё таъғирдиҳандаи онҳо мешавад"[15,с. 45].

Мувофиқи равиши классикӣ пайдоиши соҳаҳо ба тақсимоти меҳнат, намудҳои гуногуни фаъолият ва муносибатҳои инсонӣ алоқамандаст, ки танҳо аз баъзе ҷиҳатҳо аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Чунон чӣ, муҳақиқи соҳа К.Х.Момҷян мавҷудияти соҳаҳоро аз намудҳои фаъолияти муштараки одамон, барои мавҷудияти мустақилонаи коллективи ҷамъиятӣ, вобаста медонад. Ӯ қайд менамояд, ки "Маҳз намудҳои фаъолият, ки дар тули таърихи инкишофи ҷомае тавлид шудаанд, зерсохторҳои он ва ё соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятиро муайян мекунанд"[10,с.256].

Дар сохтори маҷмӯи меъёрҳои интихоби соҳаҳо А.К.Уледов ғайраъз фаъолият ва муносибат, инчунин талаботҳои махсуси ҷамъиятиро ва В.С.Барулин бошад, қонуни тарақиёт ва ташкил намудани соҳаҳои муайяни ҳаёти ҷамъиятиро низ дарҷ намудаанд[3,с.48]. Ба меъёрҳои нишон додашуда, метавон зуҳуроти ҳаёти маънавиро дар шакли мушаххаси шуури ҷамъиятӣ, сохторҳои махсусгардонидашудаи идоракунӣ ва заминаи моддӣ-техникиро низ илова кард.

Як усули дигари равиши ғайриклассикӣ дар асари Л.М.Семашко" Равиши соҳавӣ: фалсафа, демократия, бозор, инсон. Методология, консепсия, дурнамо"[13, с.25]. ба таври комил пешниҳодгардидааст. Асар дарзамони "бозсозӣ" нашр шудааст ва дар он возеҳу равшан танқиди таълимоти марксистӣ дар бораи соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ба назар мерасад. Ҳамзамон муаллиф ибрози ақида менамояд, ки асоси таълимоти соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ дар таҳлили муносибатҳои соҳавии ҳама падидаҳои иҷтимоӣ асос ёфтааст.

Афлотун низ қишрҳои ҳастиро ба материяи бешаклӣ ва олами ғояҳо ҷудо мекунад. Дар Асрҳои Миёна дар дини масеҳӣ плюрализми қишрҳои заминӣ, иллоҳӣ, ҷисм ва руҳро пайгирӣ менамуданд. Ғояи қишрҳо дар ибтидои асри XX, дар асарҳои Ҷорҷ Сантаян ва Николай Ҳартман бештар дарҷ гардидаанд. Дар онтологияи танқидии худ Н.Ҳартман чор қишри ҳастӣ, аз қабили: ҳастии ҳақиқӣ, ҳастии идеалӣ, қишри мантиқӣ ва доираи донишҳоро чудо мекунад. "Ба таври дуруст бар зидди иштибоҳоти маъмулии фалсафаи гузашта баромадан – омезиш ва муайян кардани қишрҳои ҳастӣ, сайъу кушиш ба харҷ додан то бо ин қишрҳо фалсафа ва ҳаёти инфиродиро пурра намудан, Н.Ҳартман бидуни такя ба илмҳои табиию иҷтимоӣ ва аз ҳама муҳим сарфи назар кардани усули диалектикии умумиинсонӣ ва иваз кардани диалектика бо қонунҳои нисбатан худсаронаи худ ба тақсимоти онҳо ба таври тахминӣ муносибат менамояд[5, с.233].

Дар фалсафаи муосир ғояи қишрҳо дар ҷараёни космизми русӣ фаъолона баррасӣ мешуд. Ҳамин буд, ки Н.Ф.Федоров дар асари худ "Фалсафаи кори умумӣ" дар бораи қишри интеллектуалӣ [16, с. 78]., географ Д.Н.Анучин дар бораи мафҳуми "антропосфера"[1, с. 39], В.И.Вернадский дар бораи мафҳумҳои "биосфера" ва "ноосфера" [4, с. 46], П.А.Флоренский дар бораи мафҳуми "пневматосфера" [17, с. 67] – гардиши рӯҳ, А.Л.Чижевский дар бораи мафҳуми "психосфера" фикру мулоҳизаҳои худро пешниҳод кардаанд. Дар замони муосир мафҳумҳои "техносфера", "экосфера", "наносфера" бештар истифода бурда мешаванд. Ҳамаи ин таълимотҳо нишон медиҳанд, ки қишри соҳавӣ ва қишри фалсафӣ решаҳои амиқи таърихӣ доранд, ки аз фалсафаи қадима манша мегиранд.

Мувофиқи равиши соҳавие, ки Л.М.Семашко пешниҳод намудааст ҳар як қишр ба якчанд намуд амал мекунанд:

• Ҳамчун соҳаи истеҳсолоти ҷамъиятӣ;
• Ҳамчун соҳаи такрористеҳсолии ҷамъиятӣ;
• Ҳамчун соҳаи муносибатҳои ҷамъиятӣ;
• Ҳамчун соҳаи ҳаёти ҷамъиятӣ ва тарзиҳаёт;

Ҳамчун соҳаи истеҳсолот, онҳо дорои услуби истеҳсолӣ, қувваҳои истеҳсолкунандаи соҳавӣ, муносибатҳои истеҳсолӣ, ашёҳои соҳавӣ, олот ва маҳсулоти меҳнат ва соҳаи меҳнатии худ мебошанд.

Ҳамчун соҳаи такрористеҳсолӣ онҳо марҳилаҳои истеҳсолот, тақсимот, мубодила ва истеъмолро бо таносуб ва нобаробарии соҳавии худ доранд.

Ҳамчун як соҳаи муносибатҳои ҷамъиятӣ: иқтисодӣ, ташкилӣ, маънавӣ, башардустона, ки ҳаркадом дар навбати худ дорои базис ва надстройкаи соҳавӣ, муносибатҳои соҳавӣ, ҳастӣ ва шуури соҳавӣ мебошанд.

Ҳамчун соҳаҳои ҳаёт онҳо дар шакли иқтисодӣ, сиёсӣ, ҳаёти маънавию иҷтимоии ҷомеа, мувофиқати талаботу қобилияти инсонӣ, муайянкунандаи таносуби онҳо, робитава мутаҳидӣ, тавлидкунандаи соҳаҳои гуногуни ҳаёти одамӣ зоҳир мегарданд.

Соҳаҳои истеҳсолоти ҷамъиятӣ, хусусан ҳаёти ҷамъиятӣ инҳоянд:

1. Соҳаи моддӣ, ки маҳсулоти он ашё ва сарватҳои моддӣ мебошад;
2. Соҳаи ташкилӣ, ки маҳсулоти он ташкилотҳо мебошад;
3. Соҳаи маънавиёт (иттилоот), маҳсулоти он иттилоот мебошад;
4. Соҳаи гуманитарӣ (иҷтимоӣ), ки маҳсулоти он шахс ва инсоният аст;

Тамоми соҳаҳои номбаршудаи ҳаёти ҷамъиятӣ:

1. Дорои ҳамбастагии диалектикии байни ҳамдигарӣ мебошанд;
2. Дорои ҳадафи мақсадноки ҷомеа, ки ба соҳаи ҳаёти иҷтимоӣ (гуманитарӣ) ва инсон равона карда шудааст;
3. Дар ҳолати мавҷуд набудани ҳадди ақал як соҳаи истеҳсолоти ҷамъиятӣ, ягон ҷомеа побарҷо буда наметавонад. Аз ин рӯ, ҳар як соҳа дар дар навбати худ нақши ҳалкунанда дорад;
4. Дар ҳар як соҳа равандҳои такрористеҳсолӣ, аз ҷумла истеҳсолот, тақсимот, мубодилаи маҳсулотҳои соҳавӣ ва истеъмоли қисмҳои лозимии ҳама захираҳои соҳавӣ мегузаранд;
5. Мубодила дар шароити истеҳсолоти мол шакли бозорро мегирад. Дар марҳилаҳои инкишофи мубодилаи молӣ чор шакли бозори соҳавӣ: бозори молҳои моддӣ, бозори сармоя, бозори иттилоотӣ, бозори меҳнат ба таври возеҳ фарқ мекунанд;
6. Ҳар як соҳа маҳсулоти худро барои дигар соҳаҳо истеҳсол менамояд ва бидуни истеъмоли ҳадди ақал як захираи соҳавӣ вуҷуд дошта наметавонад. Барои ҳамин ҳар як соҳа, инчунин меҳнат дар ҳар як соҳа ва ҳар як гурӯҳи кормандони соҳавӣ ба таври худ самаранок мебошанд.

Системаи диалектикаи мухталифи соҳаҳо ҳамчун сарчашмаи ҷовидонаи рушди худ инкишофёбӣ, пеш рафти ҳар як ҷомеа, ҳар як системаи иҷтимоӣ аз шахс, оила, муассиса то шаҳр, саноат, кишварҳо ва дар маҷмӯъ инсоният баромад мекунад. Фаъолияти якҷояи соҳаҳо ба системаи қонунҳои объективии соҳаҳо, қонунҳои сохторбандии соҳаҳо, фаъолиятнокӣ ва рушд итоат мекунанд.

Ҳамин тариқ, ҳам равиши классикӣ, ки ба таълимоти марксистӣ асос ёфтааст ва ҳам равиши ғайриклассикӣ ба таҳлили соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, ки дар асари Л.М.Семашко оварда шудаанд, нишон медиҳанд, ки соҳаҳои асосии ҷомеа инҳо мебошанд:

– **Соҳаи истеҳсолоти моддӣ (иқтисодӣ)**, ки дар натиҷаи истеҳсолот, тақсимот ва истеъмоли неъматҳои модӣ ба миён меояд ва фаъолият мекунад. Вазифаи асосии он таъминоти одамон бо василаҳои мавҷудият ва асосӣ сарчашмаи боигарии тамаддуни башарият, меҳнат мебошад;

– **Соҳаи иҷтимоӣ (гуманитарӣ)**, бо қонеъ намудани талаботҳои моддӣ ва маънавии одамон, ки онҳо ба соҳаҳои мухталифи иҷтимоӣ, ба монанди ҳудудӣ, синфӣ, демографӣ, касбӣ, иҷтимоӣ – фарҳангӣ ва ғайра мансубанд, алоқамандаст. Моҳияти соҳаҳои иҷтимоӣ бо муносибати байни ҷомеа ва шахсият тавсиф карда мешавад. Соҳаи иҷтимоӣ –ин на танҳо муносибатҳои иҷтимоӣ, инчунин ба монанди дигар соҳаҳои ҳаёт, дар худ фазои иҷтимоӣ, фаъолияти иҷтимоӣ ва идоракуниро дар бар мегирад. Самти муҳимтарин дар соҳаҳои иҷтимоӣ сатҳи некӯ аҳволии одамон, алалхусус фароҳам овардани шароити рухсатии меҳнатӣ ва истироҳат мебошад;

– **Соҳаи сиёсӣ (ташкилӣ),** он дар робита бо фаъолияти умумияти иҷтимоӣ ва фаъолнамоии муассисаҳои иҷтимоӣ барои ба амалбарории вазифаҳои ҳокимиятӣ ва идоракунӣ ба манфиати гурӯҳҳои алоҳидаи иҷтимоӣ ё дар маҷмӯъ ҷомеаи инсонӣ ташаккул меёбад. Соҳаи сиёсӣ ба дигар соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ба воситаи сиёсати дохилӣ ё берунии давлат ва ҳукумат таъсир мерасонад. Он қодираст, тавассути институтҳои

иҷтимоӣ ва шаклҳои фаъолият ҳудуди таъсири худро васеъ намояд. Соҳаи сиёсии ҷомеаи муосири тоҷик имкон фароҳам меорад, ки шахсони алоҳида ва мардум аз ҳуқуқу озодиҳои худ, аз ҷумла ҳуқуқи ҳаракати озодона, шиносоӣ бо фарҳанги дигар самаранок истифода баранд;

– **Соҳаи маънавӣ (иттилоотӣ)**, ин зуҳуроти сифати олии ҳаёти маънавӣ мебошад, ки бо истеҳсоли маънавиёти махсус алоқаманд аст ва дар ҳамбастагӣ бо фаъолияти институтҳои иҷтимоӣ, ки дар доираи он арзишҳои маънавӣ сохта ва паҳнкарда мешаванд, ташакул меёбад. Самти муҳимтарини ҳаёти маънавӣ идеология ба ҳисоб меравад, ки дар шакли ғояҳои сиёсӣ, ҳуқуқӣ, динӣ, ахлоқӣ ва фалсафӣ амал мекунад. Ғояҳо тамоюли идеалогии ҷомеа ва роҳнамоӣ ба ояндаро инъикос мекунанд [13, с. 78]. Аз ин рӯ, бо таҷрибаҳои густаришёфтаи туристӣ нақши онҳо дар шароити муосир, меафзояд;

Ҳама соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, натанҳо аз рӯи пайдоиш, балки бо робитаҳои системавӣ ва сохторӣ: сабабият, натиҷа, функсионалӣ, коммуникативӣ ва ғайра бо ҳам вобастагии мутақобила доранд. Дар ҳамбастагӣ онҳо як дигарро такмил медиҳанд ва пешрафти ҷомеаро ҳамчун як системаи ҷудонашаванда таъмин мекунанд.

Татбиқи усули муназзам дар робита бо таҳлили чунин падидаи мураккаб, ба монанди ҷомеа, ба ақидаи баъзе муаллифон, ба дониши амиқи соҳаҳои алоҳидаи воқеият кӯмак намуда, ба такмили механизмҳои идоракунии равандҳои он мусоидат мекунад. Аммо, равишҳои соҳавӣ, ба аҳамияти методологӣ ва амалии худ нигоҳ накарда, дар таҳлили шумораи ками системаҳои ҷомеа истифода карда мешаванд. Дар айни замон, дар ҷомеа донишҳои соҳавӣ хело зиёданд. Ҳамин тавр, В.Г. Афанасев соҳаи оила ва ҳаёти рӯзмарраро чудо мекунад. Дар ҳуҷҷатҳои расмии тоҷикӣ мафҳуми “соҳаи ҳарбӣ”, “соҳаи фароғат”, “соҳаи маориф” - ро вохурдан мумкин аст. Ифодаи ин тамоюли равиши дифференсиалӣ ба равандҳои иҷтимои иинтихоби самти туристии ҳаёт ва баъдан чунин сатҳи мавҷудяти он ҳамчун соҳаи туристии ҳаёти ҷамъиятӣ мебошад. Он хусусиятҳои мақсадноки ташкил ва фаъолият, инчунин нақши мушаххас дар таъмини ҳастии системаи иҷтимоиро доро мебошад.

Равишҳои соҳавӣна дар зидияти як системаи иҷтимоӣ бо системаи иҷтимоии дигар, балки дар ҳамбастагӣ ва ваҳдати онҳо асос ёфтааст. Аз ин рӯ, рушди соҳаи иқтисодӣ ба озодии инсон аз меҳнати ҷисмонии вазнин мусоидат кард, ки дар натиҷа барои инсон вақти холигӣ пайдо шуд, ҳамчунин ин раванд истилоҳи рухсатии меҳнатиро ба миён овард, ки дар натиҷа одамон метавонистанд имконият барои истироҳату фароғати озодона пайдо намоянд. Дар Эъломияи Манила оиди туризми байналхалқӣ, ки соли 1980 баргузор ва интишор гардида буд, қайд шудааст, ки “Рушди туризм ба рушди иҷтимоию иқтисодии миллатҳо алоқаманд аст ва аз дастрасӣ доштани инсон ба истироҳати фаъол, рухсатии меҳнатӣ, инчунин сайёҳати озодонаи ӯ дар доираи вақти холигӣ ва фароғат вобастагӣ дорад” [6, с. 34]. Дар ин санади сиёсӣ рушди иҷтимоию иқтисодии миллатҳо ҳамчун омили инкишофи туризм арзёбӣ мешавад, зеро маҳз рушди иқтисодиёт ба одамон имкониятро барои истироҳат кардан, доштани вақти холигӣ ва фароғатро фароҳам меоварад ва дар навбати худ таҷрибаҳои гуногуни туристиро инкишоф медиҳад.

Рушди соҳаи иқтисодӣ имрӯз ба инсон вақти холӣ фароҳам меорад, ки ин ба тарзи ҳаёт, саломатӣ, имконияти болоравии сатҳи маънавӣ ва зеҳнӣ ва ғайра таъсири мусбӣ мерасонад. Дар ҷадвали №1-и овардашуда, нишон дода шудааст, ки дар ҳоли ҳозир бо дарозии миёнаи умри 70-сола, шахс 13,6% дар кор ва 38,5%-и умри худро дар фароғат сарфмекунад. Дар муқоиса бо давраи асримиёнагӣ, ки дарозии миёнаи умр 35 солро ташкил мекард, даркор 10 сол (ё 28,5%-и умр) ва дар истироҳат танҳо 8 сол (ё 22,8%-и умр) - ро сарф мекард[14, с. 7].

**Ҷадвали№1 Сарфаи вақтдар шаклҳои гуногуни фаъолияти шахс**

| Сарфаи вақт, бо сол | Давра | | |
|---|---|---|---|
| | Сохти ибтидоӣ | Асри миёнагӣ | Замони муосир |
| Дарозии миёнаи умр | 18 | 35 | 70 |
| Кор | 6 (33,6%) | 10 (28,5%) | 7,25 (13,6%) |
| Хоб ва тановули ғизо | 8 | 14 | 26,3 |
| Таҳсил ва омӯзиш | 1 | 1 | 4,33 |
| Намудҳои дигари фаъолият | 0 | 2 | 5 |
| Фароғат, вақти холӣ | 3 (16,7%) | 8 (22,8%) | 27 (38,5%) |

Аммо на танҳо соҳаи иқтисодӣ ба туризм, инчунин туризм ба рушди соҳаи иқтисодӣ низ таъсир мерасонад. Афзоиши талабот ба туризм ва истироҳат, онро ҳамчун як намуди инфрасохтори пешрафтаи муосир карданд, ки даромад аз ин соҳа дар ибтидои асри XXI, аз рӯи маълумотҳои омории Созмони Умумиҷаҳонии Туристӣ (СУТ) 1,7 трлн доллари ИМА-ро (2019) ташкил кард. Ин нишондиҳанда нисбат ба солҳои қабли хело зиёд аст.

Масалан, даромад аз ҳисоби туризми байналхалқӣ дар охирҳои асри XX 448 млрддоллари ИМА, соли 2001 476 млрд доллари ИМА ва соли 2010 алакай 1,1 трлн доллари ИМА-ро ташкил медод[18].

Бисёр аз кишварҳоиҷаҳон (Таиланд, Италия, Миср, АМА ва ғ.) маҳз бо туфайли соҳаи туристӣ, ки дар ин кишварҳо бо инфрасохтори рушдёфта фарқ мекунанд ва ба сайёҳон имкон медиҳанд, ки аз ҳамагуна маҳсулотҳои туристӣ, хизматрасонии нақлиётӣ, маҷмӯи меҳмонхонаҳо, муассисаҳои хӯрокворӣ, хизматрасониҳои иҷтимоӣ истифода баранд ва ин баландшавии иқдидори иқтисодии давлатро таъмин менамояд.

Яке аз заминаҳои асосии институтсиализатсияшавии туризм ин рушди соҳаи сиёсӣ ба ҳисоб меравад. Онро ҳамчун як шакли фаъолият, ки дорои иқтидори сиёсӣ (идеологӣ) буда, дар ҳалли низоъҳои сиёсӣ бо роҳи маслиҳатомез мусоидат мекунад. Дар соҳаи сиёсӣ унсури асосии он давлат ба ҳисоб меравад ва он назоратро аз болои истеҳсолотуталабот, ташкили чорабиниҳо, пуштибонӣ ва ҳимояи манфиатҳои шаҳрвандони давлат дар мадди аввал мегузорад. Соҳаи сиёсӣ рушди туризмро таъмин намуда, ба амалбарории бо самари хизматрасониҳои туристиро назорат менамояд. Қайд намудан зарур аст, ки сиёсати давлатӣ метавонад ба вазъияти соҳавии туризм таъсир расонад. Ҳамин тавр, аз таърихи рушди туризм маълумаст, ки ин намуди фаъолият дар кишвари мо дар давоми солҳои 50 – 80 – уми асри XX ба қадри кофӣ сиёсӣ карда шуда буд. Ҳукумати Шӯравӣ аз болои ташаккули фарҳангӣ туристони шӯравӣ назорати қатъӣ мебурд. Ҳамчун намуна, мо метавонем мақолаҳоро барои маҷаллаҳо мисол орем, ки таблиғи туризмро дар кишвар инъикос мекарданд:

–“Мақолаҳо оиди алоқамандии туризм бо масъалаҳои ҷории ҳизби давлатӣ;

–Мақолаҳо оиди ошкор намудани ҳама гуна вайронкориҳои туризми мо;

–Мақолаҳо оиди мушкилоти туризм (саволҳои барномавӣ, методология, ба нақшагирӣ);

–Мақолаҳои илмие, ки ба туризм бахшида шудаанд (географӣ, этнографӣ, иқтисодӣ);

–Мақолаҳо бахшида ба лавозимоти туристӣ;

–Ахбороти ҳаракатҳои туристӣ дар ИҶШС ва ҷамъиятҳои ихтиёрӣ”[2, с. 48].

Бо гузариши Ҷумҳурии Тоҷикистон ба иқтисодиёти бозоргонӣ дар ҳама соҳаҳои ҷомеа тағйироти куллӣ ба вуҷуд омад. Инкишоф ва тағйири муносибатҳои ҷамъиятӣ боиси зарурати омӯзиш ва аз нав таҳлилкунии мушкилот дар илми ҳуқуқӣ гардид. Он дар баргирандаи соҳаи иҷтимоӣ ва инчунин сайёҳӣ ҳамчун соҳаи муҳими фаъолияти иҷтимоӣ низ мебошад. Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои мероси бойи таърихӣ ва фарҳангӣ, захираҳои табиии барои ҳам инкишофи сайёҳии дохилӣ ва ҳам қабули шаҳрвандони хориҷӣ мусоидаткунанда мебошад. Воқеияти мазкурро ба инобат гирифта сайёҳӣ дар ҷумҳурӣ самти афзалиятноки иқтисодиёт эълон гардидааст. Танзими ҳуқуқии фаъолияти сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби олимони ҳуқуқшинос то соли 2008 омӯхта нашудааст. Қабули қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи туризм” 3 сентябри соли 1999 таҳти №824 кӯшиши қонунгузор барои танзими муносибатҳои сайёҳӣ гардид

Туризм зери сарпарастии давлат ва соҳаҳои сиёсӣ рушд менамояд ва дар айни замон, ин як шакли фаъолиятест, ки масъулияти бузурги сиёсӣ дорад ва қодир аст, ки вазъи сиёсии кишварро тағир диҳад. Бо дарназардошти хусусиятҳои фаъолият, он метавонад омили ташаккулдиҳандаи фарҳанги сиёсии шахс бошад, ки дар рафтор ва шуури сиёсӣ зоҳир мегардад, дар намоиши меъёрҳо ва принсипҳои аз худ шудаи сиёсӣ ва ғояҳои сиёсие, ки дар ҳаёти сиёсӣ татбиқ карда мешаванд, дар соҳаи ҳаёти ҷамъияти тағирот ворид созад ва унсурҳои онро фаъол намояд.

Соҳаи маънавӣ бо ташаккули ғояҳо, маърифат, тасаввурот алоқаманд буда, ҳамзамон метавонад тавассути фаъолияти туристӣ рушд намояд. Олами маънавӣ бо истеҳсоли арзишҳои маънавӣ, аз қабили дониш, ғоя, дарк, тасавурот алоқаманд аст. Турист ҳамчун барандаи ин арзишҳои маънавӣ, аз як, тараф онҳоро ба муҳити дигари фарҳангӣ меорад ва аз тарафи дигар, шиносоӣ бо фарҳанги нав ӯро аз ҷиҳати маънавӣ бой мекунад. Фаъолияти маънавӣ ба монанди туризм бо дастрас будани вақти холӣ алоқамандӣ дорад. Ҳарчи қадаре доираи ҳаёти маънавии ҷомеа васеътар шавад, ҳамон қадар таҷрибаҳои туристие, ки на танҳо барои барқарор намудани нерӯи ҷисмонӣ ва рӯҳӣ, инчунин барои рушди зеҳнӣ равона карда шудаанд, рангоранг ва ҷолибтар мегарданд. Туризм маҳз дар ҷое ба вуҷудомад, ки дар он ҷо ҳаёти маънавӣ, эҳтиёҷот ба маърифат ва дарки фаҳангҳои дигар мавҷудаст ва ба қадри кофӣ рушд ёфтааст. Ин ҷанбаи туризм дар мундариҷаи Эъломияи Манила дарҷ шудаст. Дар он таъкид шудааст, ки “дар таҷрибаи туризм арзишҳои маънавӣ бояд аз унсурҳое, ки хусусияти моддӣ ва техникӣ доранд, бартарӣ дошта бошанд”. Дар эъломия чунин арзишҳои асосии маънавӣ дохил мешаванд:

а) ташаккули пурра ва инкишофи мутаносибии шахсият;

б) доимо афзудани саҳми маърифатнокӣ ва тарбиявӣ;
в) баробарҳуқуии халқҳо, ҳангоми муайян намудани тақдири худ;
г) озодии шахс, ҳамчун ҳуқуқи эҳтиром ба шаъну шараф ва фардияти ӯ дарк карда шавад;
д) шинохти фарҳангӣ ба худ хос ва эҳтироми арзишҳои маънавии дигар халқҳо [5, с. 56].

Инчунин, соҳаи иҷтимоӣ ва туризм бо ҳам робитаи диалектикӣ низдоранд. Ҳамчун шакли истифодаи вақти холӣ, туризм ба ташаккули муносибатҳои байни шахсӣ ва коммуникатсия мусоидат менамояд ва ҳамчун омил бахри ҳамдигар фаҳмии гурӯҳҳои алоҳидаи этникӣ ва ба тарзиҳаётионҳо низхизматмекунад. Туризм дар ҳолиҳозир диққати миллионҳо одамонеро, ки метавонанд озодона ҳаракат намоянд, ҷалб менамояд ва дар ҳоле, ки ӯ омили муҳоҷирати иҷтимоӣ ва ҳаракат мегардад. Рушди таҷрибаи туристӣ дар сохтори иҷтимоии ҷамъият пайдо шудани як ҷомеаро, ба монанди туристон муайян мекунад, ки онҳо бо хусусияти пайвандҳои ҳамгироӣ, фаъолият, ҳадаф, шуур ва фарҳанг фарқ мекунанд. Қобили зикраст, ки тафриқаи сохтори иҷтимоии ҷомеаи Тоҷикистон ба рушди бахши туризм таъсири манфӣ мерасонанд. Бисёри шаҳрвандони Тоҷикистон наметавонанд ва имконияти амалӣ намудани ниёзҳои туристии худро надоранд ва сатҳи зиндагии аксари онҳо дар сатҳи паст қарор дорад. Бо дар назардошти болоравии нархи химатрасонии нақлиёти байнахалқӣ, гуфтан мумкинаст, ки туризми дохилӣ аҳамияти хоса хоҳад дошт. Барои амалӣ намудани ин ҳадаф Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро зарураст, кибарои рушди бо майлони ин соҳаи муҳими ҳаёти ҷамъиятӣ, барномаҳои самарабахши иҷтимоиро таҳия ва татбиқ намояд. Вобаста ба ин масъала ба мақомотҳои дахлдори соҳа аз ҷониби ҳукумати мамлакат, хусусан Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон як қатор дастуру супоришҳо дода шудаанд. Ба Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон супориш дода шудааст, ки барои инкишофи намудҳои гуногуни сайёҳӣ, таъсиси инфрасохтори зарурӣ, омода намудани маводҳои иттилоотӣ ва хатсайрҳои нав дар мавзеъҳои гуногуни кишвар, инчунин, такмили қонунгузории танзимкунандаи фаъолияти соҳа чораҳои зарурӣ андешида, лоиҳаи Стратегияи рушди сайёҳиро барои давраи то соли 2030 омода ва барои баррасӣ ба Ҳукумати мамлакат пешниҳод намояд[12].

Ҳамин тавр, ҳамаи чор соҳаи истеҳсолоти ҷамъиятӣ, (маънавӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ) ки нисбатан мустақиланд, ба туризм таъсир мерасонанд. Дар навбати худ, рушди туризм муайянкунандаи махсуси рушди дигар соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ба ҳисобмеравад.

Рушди соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, дар қонунҳои диалектикӣ, пеш аз ҳама, дар зиддияти байни талаботи ҷомеа ба арзишҳои муайян ва имконияти татбиқи онҳо асос ёфтааст. Бартараф намудани онҳо манбаи дохилии рушди соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ мебошад.

Боиси зикр аст, ки ҳама соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ҷузъҳои муштарак доранд: меҳнат, истеҳсолот, талабот, истеҳсолкунандагон ва истеъмолкунадагон. Аммо, аломатҳои хоси онҳоро хусусият ва самти фаъолияти мушаххас муайян мекунанд.

Рушди соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятиро қонуниятҳои обективӣ муайян мекунанд. Ҳар як соҳа ба системаҳои ҷамъиятӣ таъсир расонда, дар навбати худ таъсири ҷомеаро низ ба худ эҳсос мекунанд. Маҳз тавассути соҳаҳои иҷтимоӣ, ба раванди ташаккул ва ташкили субектҳои мухталифи иҷтимоӣ, аз ҷумла шахсият таъсир мерасонад.

Равиши соҳавӣ имкони дарк намудани меъёри соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятиро фароҳам меорад. Ҳар як соҳа вобаста ба хусусиятҳои фаъолият, ки асоси он ба ҳисоб меравад, таҳия ва аз худкунии меъёрҳо ва қоидаҳои муносиби ҳаётро дар бар мегирад, ки бо ёрии он танзим карда мешаванд. Субъектҳои ҳар як соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, барои татбиқ намудани ин фаъолият, дорои омодагии муайяни психологӣ мебошанд, ки дар раванди он талаботҳо, ангезаҳо, хоҳишҳо, манфиатҳои худро рушд медиҳанд ва дарк менамояд. Ҳамин тариқ, дар соҳаи ҳаёти иҷтимоӣ тавассути фаъолият ҳар як шахс муносибатҳои субективӣ бо олам, фарҳанг, табиат ва ҷомеаро амалӣ карда метавонад.

Дар айни замон, тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ба равандҳои иттилоотӣ ва ҷаҳонишавӣ рӯ ба рӯ шудаанд, ки ба динамика ва тағирёбии сохтори дохилии он таъсири назаррас мерасонанд.

Соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ин як системаи устувори рушдёбандаи ҷамъиятӣ буда, асоси онро фаъолияти инсон, ки ба қонеъгардонии ниёзмандии мушаххаси иҷтимоӣ, мутаҳиднамоии муносибатҳои гуногуни иҷтимоӣ, робитаҳо ва ташкили дохилии унсурҳои сохтори махсус равона карда шудааст. Устувории соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятро ягонагии ҳадафҳо, самти фаъолият, мутобиқати манфиатҳои инфиродӣ ва коллективӣ, муоширатва мавҷудияти имкониятҳо барои амлигардонии фаъолият ва талабот ташкил менамоянд. Дар соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ истеҳсолоти ҷамъиятӣ, такрористеҳсолии ҷамъиятӣ, муносибатҳои иҷтимоӣ, тарз ва усули ҳаёт амалӣ карда мешавад. Ҳар як соҳаи ҳаёти ҷамъиятӣ меҳнат, талабот, истеҳсолкунанда ва истеъмолкунандаро ҳамчун ҷузъҳои калидӣ дар бар мегирад, ки он танзимгари меъёрҳое мебошад, ки маҷмӯи соҳаҳо ва унсурҳои

алоҳидаро таъмин мекунанд.

**Муқарриз:** ***Маҳмадизода Н.Д.*** **– доктори илмҳои фалсафа, профессори ДМТ**

**АДАБИЁТ**


1. Анучин Д.Н. "Антропология и ея задачи и методы". Москва 1978. 20. с.
2. Ахатова А.И. "Развитие туризма как особой формы массовой культуры в России в 20-80-е годы ХХ века". Дисс. канд. филос. наук. Казань, 2008. 230с.
3. Барулин В.С. "Диалектика сфер общественной жизни". Москва. Изд. МГУ 1988.230 с.
4. Вернадский В. И. "Биосфера и ноосфера". Изд. Айрис-пресс, Москва 2012. 576 с.
5. Гартман Н. "Познание в светеионтологии". Изд. Деловая книга. Бишкек 1997. 540 с.
6. Декларатсияи Манила оиди туризми байналхалқӣ // Организация туризма. - Минск,2003. 476 с.
7. Зорин И.В., Каверина Т.П., Квартальнов В.А. "Туризм как вид деятельности". Учебник. Изд. Финансы и статистика, Москва 2005, 288 с.
8. История туризма: учебник / коллектив авторов; отв. ред. и сост. Ю.С.Путрик. Москва, Федеральное агенство по туризму, 2014.-256 с.
9. Маркс К., Энгельс Ф. Соч. 2-е изд. М., Политиздат, 1965. 599 с.
10. Момджян К.Х. Введение в социальную философию: учебное пособие. М., 1997. 348с.
11. Новая философская энциклопедия. 3-том. Москва 2010. 696 с.
12. Паёми Президенти ҶТ, Пешвои миллатмуҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии ҶТ 22.12.2017 ш. Душанбе.
13. Семашко Л.М."Сферный подход: философия, демократия, рынок, человек". Изд. Нотабене, 1992. 368 с.
14. Стрельцов Ю.Г. "Свободное время и развитие социокультурной деятельности" Вестник МГУКИ. - № 1. - М.: МГУКИ,2003.387с.
15. Уледов А.К.Духовное обновление общества. М., 1990. 169 саҳ.
16. Федоров Н.Ф. "Философия общего дела". Изд.Эксмо, 2008. 752саҳ.
17. Флоренский П.А. "Столп и утверждение истины". Изд. Академический проект. Москва. 2017. 908 саҳ
18. www.unwto.org
19. www.Tourlib.net


**ТУРИЗМ ҲАМЧУН ПАДИДАИ МУҲИМИ ҲАЁТИ ҶАМЪИЯТӢ**


Дар мақолаи мазкур таърихи пайдоиш, ҷанбаҳои метологӣ ва назариявии туризм ҳамчун падидаи ҳаёти ҷамъиятӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Туризм дар таърихи мавҷудияти худ аввалан дар шакли сайёҳат, зиёрати ҷойҳои муқаддас ва муҳоҷират ба шакли муайяни фаъолияти инсонӣ расидааст. Туризм шакли фаъолияти бисёрҷабҳавӣ буда, аз чанд ҷониб мавриди омӯзиши илмҳои гуногун қарор гирифтааст. Аммо, туризм ҳамчун соҳаи ҳаёти ҷамъияти кам омӯхта шудааст. Соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ дар маркази таваҷҷуҳи мутафакирони барҷастаи давраҳои гуногуни таърихӣ қарор гирифтааст. Дар мавриди омӯзиши соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ду самт: классикӣ ва ғайриклассикӣ мавҷуд аст. Мавриди зикр аст, ки пайравони самти классикии омӯзиши ҳаёти ҷамъиятӣ бар он ақидаанд, ки на танҳо тамоми ҳаёти ҷамъиятӣ аз истеҳсолоти моддӣ, инчунин аз муносибати дифференсиалии зуҳуроти он ва нақши фаъоли зерсистемаҳои он вобастагӣ доранд. Ҳамзамон пайравони сатми ғайриклассикӣ иброз медоранд, ки асоси таълимоти соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ дар таҳлили муносибатҳои соҳавии ҳама падидаҳои иҷтимоӣ асос ёфтааст. Муаллиф, қайд намудааст, ҳама соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, на танҳо аз рӯи пайдоиш, балки бо робитаҳои системавӣ ва сохторӣ: сабабият, натиҷа, функсионалӣ, коммуникативӣ ва ғайра бо ҳам вобастагии мутақобила доранд. Дар ҳамбастагӣ онҳо якдигарро такмил медиҳанд ва пешрафти ҷомеаро ҳамчун як системаи ҷудонашаванда таъминмекунанд. Туризм низ дар навбати худ бо ҳама соҳаҳои иҷтимоӣ робитаи диалектикӣ дорад. Аз ин рӯ, туризм ҳамчун шакли истифодаи вақти холӣ дар ташаккули муносибатҳои байнишахсӣ, коммуникатсия, ҳамдигарфаҳмии гурӯҳҳои алоҳидаи этникӣ ва ба тарзи ҳаёти одамон таъсири манфӣ мерасонад.



**Калидвожаҳо:**туризм, сайёҳат, соҳа, ҷамъият, иҷтимоӣ, муносибат, истеҳсолот, классикӣ, ғайриклассикӣ, моддӣ


**ТУРИЗМ КАК ВАЖНОЕ ЯВЛЕНИЕ ОБЩЕСТВЕННОЙ ЖИЗНИ**


В статье рассматриваются история возникновения, методологические и теоретические аспекты туризма как явления общественной жизни. В истории своего существования туризм дошел до определенной формы человеческой деятельности, прежде всего в виде туризма, паломничества к святым местам и миграции. Туризм - это междисциплинарный вид деятельности, который по-разному изучается различными науками. Однако туризм как сфера общественной жизни мало изучен. Сферы общественной жизни были в центре внимания выдающихся мыслителей разных исторических периодов. В изучении общественной жизни есть два направления: классическое и неклассическое. Следует отметить, что последователи классического направления изучения общественной жизни считают, что не только вся общественная жизнь зависит от материального производства, но и от дифференцированного подхода к его проявлениям и активной роли его подсистем. При этом приверженцы неклассического уровня утверждают, что в основе учения о сферах общественной жизни лежит анализ отраслевых отношений всех социальных явлений. Автор отмечает, что все сферы общественной жизни взаимосвязаны не только по происхождению, но и по системным и структурным отношениям: причинно-следственным, функциональным, коммуникативным и т. д. Вместе они дополняют друг друга и обеспечивают прогресс общества как неразрывной системы. Туризм, в свою очередь, диалектически связан со всеми социальными сферами. Поэтому туризм как форма досуга в формировании межличностных отношений, общения, взаимопонимания разных этносов оказывает негативное влияние на образ жизни людей.



**Ключевые слова:** туризм, путешествия, промышленность, общество, социальное, отношения, производство, классический, неклассический, материальный.


**TOURISM AS AN IMPORTANT PHENOMENON OF PUBLIC LIFE**


The article examines the history of the emergence, methodological and theoretical aspects of tourism as a phenomenon of public life. In the history of its existence, tourism has reached a certain form of human activity, primarily in

the form of tourism, pilgrimage to holy places and migration. Tourism is an interdisciplinary activity that is studied in different ways by different sciences. However, tourism as a sphere of public life has been little studied. Spheres of public life have been the focus of attention of prominent thinkers from different historical periods. There are two directions in the study of social life: classical and non-classical. It should be noted that the followers of the classical direction of the study of social life believe that not only the entire social life depends on material production, but also on a differentiated approach to its manifestations and the active role of its subsystems. At the same time, adherents of the non-classical level argue that the theory of the spheres of public life is based on the analysis of sectoral relations of all social phenomena. The author notes that all spheres of social life are interconnected not only in origin, but also in systemic and structural relationships: cause-and-effect, functional, communicative, etc. Together they complement each other and ensure the progress of society as an indissoluble system. Tourism, in turn, is dialectically linked to all social spheres. Therefore, tourism as a form of leisure in the formation of interpersonal relations, communication, mutual understanding of different ethnic groups has a negative impact on the way of life of people.

**Key words:** tourism, travel, industry, society, social, relations, production, classical, non-classical, material.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Маҳмадиев Раҳмоналӣ Сафаралиевич*** - Донишгоҳи давлатии Данғара, омӯзгори калони кафедраи фанҳои гуманитарӣ. **Суроға::**735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ноҳияи Данғара, кӯчаи Шарипов, 3.E-mail: rahmonali311081@gmail.com Телефон: **907906470; 985906470**

**Сведение об авторе:** ***Махмадиев Рахмонали Сафаралиевич*** - Дангаринский государственный университет, старший преподаватель кафедры гуманитарных наук. **Адрес:**735320, Республика Таджикистан, Дангаринский район, улица Шарипова 3. E-mail: rahmonali311081@gmail.comТелефон: **907906470. 985906470.**

**Information about the author:** ***Makhmadiev Rakhmonali Safaralievich*** - Dangara State University, senior lecturer at the Department of Humanities. **Address:** 735320, Republic of Tajikistan, Dangara district, Sharipova street 3. E-mail: **rahmonali311081@gmail.com** Phone: **907906470 985906470.**

УДК:**372.22+373.6/.9](575.3) (09)**

# ТАМОЮЛҲОИ ХАРОБИОВАР ДАР РУШДИ ТАҲСИЛОТИ ИБТИДОӢ ВА МИЁНАИ КАСБӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОЛҲОИ 90-УМИ АСРИ ХХ

***Юлбекова Н.Ш.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Ҷомеаи муосир дар назди низоми маориф вазифаҳои бузургро ба миён гузошта, талаб менамояд, ки барои болоравии камолоти маърифати инсон ва аз бар намудани дастовардҳои илм дар раванди ҷаҳонишавӣ заминаи мусоид фароҳам орад. Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди парокандашавии собиқ ИҶШС 9 сентябри соли 1991 Истиқлолияти давлатии худро ба даст овард ва ҳамчун як кишвари мустақил дар байни дигар давлатҳо шинохта шуд. Дар аввали солҳои соҳибистиқлолӣ кишвари мо бесарусомониҳои сиёсиро паси сар намуд дар мамлакат ҷанги шаҳрвандӣ оғоз шуд ва нооромиҳои сиёсӣ боиси мушкилоти зиёде гаштанд.

Ҷанги шаҳрвандӣ ба тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ таъсири манфии худро расонд, хусусан, соҳаи маориф, ки яке аз соҳаҳои муҳимтарин ба ҳисоб мерафт, дар он замон ба мушкилоти зиёде рӯ ба рӯ гардид. Он замон муассисаҳои таълимӣ ва дигар иншоотҳои соҳаи маориф пурра ё қисман аз фаъолият бозмонда, дар як қатор шаҳру ноҳияҳои кишвар омӯзгорону хонандагон аз таҳсил дур гашта буданд. Дар тули солҳои 1992-1995 беш аз 20 ҳазор нафар омӯзгор кишварро тарк намуданд, ҳазорон муаллимону хонандагон ва донишҷӯён гуреза шуданд. Мардум дар он лаҳзаҳои душвор дар фикри амният ва пешбурди зиндагии худ буданд, аз сабаби таъмин набудани амният фарзандони худро ба мактаб рафтан намегузоштанд.

Дар мактабҳо мутахассисони соҳибтаҷриба ва омӯзгорони фанҳои таълимӣ намерасиданд. Бисёре аз иншоотҳои муассисаҳои таълимӣ таъмирро намедиданд, таҷҳизоти таълимӣ куҳна ва корношоям шуда буданд. Ин вазъияти ногувор дар тафаккури насли наврас ва волидайни онҳо нисбат ба мактаб ва таълиму тарбия як навъ дилсардиро ба вуҷуд овард. Маоши омӯзгоронро моҳҳо пардохт намекарданд, ки ин боиси гум шудани ҳавасмандии меҳнатӣ ва каммасъулиятии онҳо гардида буд.

Дар ин давра таълиму тарбия мавқеи худро аз даст дода, мардум танҳо дар фикри зинда мондан буданд ва саводнокии аҳолӣ ба сатҳи паст омада расид. Донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ва олии касбӣ бо сабаби нооромиҳои сиёсӣ таҳсили худро давом дода натавониста, гуреза шуданд. Вазифаи таълиму тарбияи донишҷӯён пурра бар дӯши волидон гузашт. Бисёре аз ҷавонон аз илму касбомӯзӣ маҳрум шуданд [7].

Дар он давра кишвари моро бухрони шадиди иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ фаро гирифта буд, толибилмон ба ҷойи машғул шудан ба илму маърифат ва касбомӯзӣ, инчунин фикр кардан барои беҳбудии ояндаи худ дар баробари падару модарон ва хешу таборони худ аз пайи ризқу рӯзӣ буданд. Ин ҳолат то ба анҷом расидани ҷанги шаҳрвандӣ ва ба даст овардани истиқлолияти комили кишварамон давом кард. Ҳукумати кишварамон барои бартараф намудани мушкилоти соҳаи маориф ва ба таҳсил фаро гирифтани хонандагону ҷалби омӯзгорон ба мактаб кӯшишу талошҳои зиёде намуданд [12].

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ -Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аввалин кори худро аз беҳтар намудани сатҳу сифати мактабу маориф оғоз намуданд. Бо ташаббус ва дастгирии Пешвои миллат мактабу донишгоҳҳо аз нав эҳё гардиданд, аз ҳисоби буҷаи давлат барои сохтмони мактабу донишгоҳҳо маблағи муайян ҷудо намуданд.

Ҳуҷҷати аввалин дар ташаккули соҳаи маориф, дар шароити нав Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ба ҳисоб меравад, ки он 26 августи соли 1991 ба баррасии умумӣ пешниҳод гардид ва бо назардошти ноустувории сиёсӣ 27 декабри соли 1993 аз тарафи Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шуд. Дар зимни инкишофи ин соҳа, бо мақсади ворид гардидан ба системаи байналхалқии маориф ба ин конун 8 маротиба тағйироту иловаҳо ворид карда шуд. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз оғози соли 2000-ум маблағгузориро ба соҳаи маориф афзун намуд ва маорифро дар моддаи 3-юми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи маориф" соҳаи афзалиятноки сиёсати давлат эълон намуд.

Дар ин асос, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сохтмон ва таъмири бинои мактабҳоро ба нақша гирифта, якчанд қарорҳои дахлдорро барои таъмин намудани мактабҳо бо кадрҳои педагогӣ ба тасвиб расонид, барои чопи китобҳои дарсию воситаҳои таълимӣ маблағ ҷудо карда, барномаи давлатиро оид ба компютеркунонии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тасдиқ намуд. Ҳамаи ин тадбирҳо боиси то дараҷае рафъ гардидани мушкилоти соҳаи маориф гардиданд [2].

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти ибтидоии касбӣ" омадааст, ки таҳсилоти ибтидоии касбӣ-қонеъ гардонии мақсадноки талаботи шаҳрвандон тавассути таълим мебошад [3].

Маориф системаи иҷтимоиест, ки ҷараёни таълим, тарбия, маълумот ва умуман, маърифати ҷомеаро ба танзим медарорад. Маориф ва илм яке аз муҳимтарин омили рушди инсонӣ ба ҳисоб рафта, дар ҳалли мушкилоти гуногуни иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва гуманитарӣ таъсири муайян мерасонад. Насли ҷавон тавассути низоми таълимот ба муносибатҳои ҷамъиятӣ ворид мешаванд ва ба меҳнат ва фаъолияти ҷамъиятӣ рӯ меоранд. Ба андешаи сотсиологи олмонӣ Э. Дюркгейм, вазифаи асосии соҳаи маориф интиқоли арзишҳои фарҳангии бартаридоштаи ҷомеа аз як насл ба насли дигари ҷомеа мебошад. Маориф чун омили азнавсозии сохтори иҷтимоӣ-касбии ҷомеа баромад менамояд. Системаи маориф шаҳрвандро ташаккул медиҳад ва бо ин васила ба соҳаи сиёсии ҳаёти ҷамъиятӣ таъсир мерасонад. Маориф тариқи вазифаи фарҳангӣ-тарбиявӣ ба ҳаёти маънавии ҷомеа таъсир мерасонад [13,с. 285].

Таъмини соҳаҳои гуногуни кишвар бо коргарони соҳибихтисос ва мутахассисони сатҳи миёнаи ҷавобгӯй ба талаботи бозори меҳнат бар дӯши зинаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ буда, маҳз ҳамин зинаи таҳсилот метавонад дар рушди ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва маданию фарҳангии мамлакат саҳми босазо гузорад. Ёдовар бояд шуд, ки заминаи асосии рушд ва пешрафт дар зинаҳои болоии таҳсилот, таҳсилоти ибтидоӣ мебошад [1, с.64].

Таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳимтарин зинаи омода намудани мутахассисони касбӣ барои истеҳсолоти хоҷагии халқи кишварамон ба ҳисоб меравад. Дар давлатҳои мутараққӣ мутахассисони сатҳи миёнаро асосан муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ омода менамоянд [4]. Давомнокии таҳсилот аз мураккабии барномаҳои касбӣ ва дараҷаи азхуднамоии касб вобастагӣ дорад.

Таҳсилоти касбии баъд аз таҳсилоти миёна барномаҳои таълими касбии

омоданамоии кадрҳои баландихтисоси зинаи миёнаи хизматрасонӣ ва идоракунӣ дар соҳаҳои ҳуқуқ, иқтисодиёт, таҳсилот, сотсиология, психология, тибб ва технологияи иттилоотиро фаро мегирад.

Давомнокии таълим дар заминаи таҳсилоти миёна (ғайр аз ихтисосҳои таҳсилот ва тибб) – 2 сол, дар заминаи таҳсилоти техникӣ ва касбӣ – на камтар аз як сол мебошад [6, с.169].

Мақсад аз баланд бардоштани сатҳи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қонеъ гардонидани талаботи ҷомеа ва бо мутахассисони баландихтисоси зинаи миёнаи идоракунӣ ва таъмин кардани он мебошад. Дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ бо фаъолияти муҳандисию педагогӣ он шахсоне машғул шуда метавонанд, ки дорои таҳсилоти миёнаи касбӣ ё таҳсилоти олии касбӣ, малакаҳои зарурии касбӣ ва тайёрии амалии касбӣ бошанд, инчунин шахсоне, ки дар соҳаҳои иқтисодиёт таҷрибаи кории истеҳсолӣ ва сифатҳои баланди ахлоқӣ дошта бошанд. Хусусияти хосси маълумот дар кишварҳои рушдкардаи муосир дар он зоҳир мегардад, ки маълумоти ибтидоӣ ҳатмӣ ва ройгон гардидааст. Дар байни нишондиҳандаҳои асосии баҳогузории инкишофи ҷомеа мавқеи марказиро маълумот ишғол менамояд ва эътирофи принсипиалии нишондиҳандаи асосӣ ислоҳоти маълумот ҷудо карда мешавад, ки тарҳи маълумотро ба миён меорад, ки бояд дорои механизми динамикии худинкишофкунанда бошад.

Дар Иттиҳоди Шӯравӣ сиёсат дар соҳаи маориф ҳамроҳ бо меҳнат ташаккул ёфта буд, ки дар доираи он давлат ба аҳолӣ маълумотро пешниҳод менамуд, аҳолӣ бошад, тамоми кафолат, шарт ва самти истифодаи қувваи кориро дар истеҳсолоти ҷамъиятӣ қабул менамуд.

Илму дониш омӯхтан, соҳиби касбу ҳунар шудан ва зиндагии осудаву фаъолияти самаранок доштан аз сулҳу оромии кишвар ва суботи сиёсии ҷомеа вобастагии калон дорад. Зеро сулҳу субот ва таъмини амнияти мамлакат заминаи пешрафти тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ мегардад. Агар мо ҷомеаи имрӯзаро бо чанд сол пеш муқоиса намоем, ба назар мерасад, ки нисбати солҳои пешин дар зинаи таҳсилоти ибтидоӣ, миёнаи касбӣ ва олӣ дигаргуниҳо ва пешравиҳои назаррас ба чашм мерасанд. Масалан, дар соли 1991 дар мамлакат 4310 муассисаи таълимӣ, аз он ҷумла 944 томактабӣ, 3229 таҳсилоти миёнаи умумӣ, 13 олии касбӣ амал мекард [11].

Охири солҳои 90-уми асри гузашта марҳилаи муҳиме барои кор карда баромадани барномаҳои илмӣ, консепсияҳои дурнамо гардиданд. Бо иштироки олимон ва мутахассисони соҳаи маориф лоиҳаи аввали маълумоти миёна ва олии касбӣ, Барномаи ташкили дигаргунсозии иқтисодии соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва роҳҳои амалӣ гардонидани он ва Барномаи Роҳу усулҳои пешгирӣ намудани непотизм (хешутаборчигӣ) дар соҳаи маориф ва ғайраҳо тартиб дода шуданд ва муассисаҳои илмии тобеъ ба иҷрои онҳо шуруъ намуданд.

Соли 2011 шумораи муассисаҳои таълимӣ ба 4385 адад расида, 488 муассисаи томактабӣ, 3747 муассисаи таҳсилоти миёна ва 30 мактаби олӣ фаъолият доштанд. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки талабот ба таҳсилот нисбати солҳои пешин зиёдтар мебошад. Инчунин, соли 2010-ро “Соли маориф ва фарҳанги техникӣ” эълон намуданд. Имрӯз дар байни аҳолӣ, пеш аз ҳама, дар байни занон ва духтарон нуфузи таҳсилу донишомӯзӣ баланд рафта, бисёре аз волидон новобаста аз сатҳи пасти зиндагиашон мехоҳанд фарзандони худро ба беҳтарин донишгоҳҳо барои омӯхтан ва аз худ намудани касбу ихтисосҳои муайян раҳнамоӣ намоянд. Хусусан, дар шароити деҳот бисёре аз наврасону ҷавонон бо сабабҳои гуногун зинаи таҳсилоти ибтидоиро то ба охир ба анҷом нарасониданд ва имконияти идома додани таҳсилро дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ надоштанд, ки ин ба тайёр намудани кадрҳои баландихтисоси соҳаҳои гуногуни кишвар таъсири манфии худро мерасонид [5, с.83].

Имрӯзҳо бошад, бо дастгирии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ –Пешвои миллат ин масоил ҳалли худро ёфтаанд. Сохтмони иншоотҳои муассисаҳои таълимӣ аз нав бунёд гардида, барои таҳсили наврасону ҷавонон хобгоҳҳои замонавӣ сохта ба истифода дода шуданд. Инчунин, ба духтарон ва писарони ноҳияҳои дурдасти мамлакат квотаҳои Президентӣ ҷудо карда шуд, ки ин ҳама аз сулҳу субот ва ваҳдату ягонагӣ шаҳодат медиҳанд. Бо мақсади беҳтар намудани низоми фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, талабот ба кадрҳои коргарӣ, Барномаи давлатии ислоҳот ва

рушди соҳаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020 қабул шудааст. Давра ба давра зиёд кардани маблағгузории муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёнаи касбӣ ва олӣ ягона роҳи расидан ба комёбиҳои назаррас мебошад [8, с.94].

Имрӯз, ташкилоту муассисаҳои соҳаи маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бо созмонҳои байналхалқии зиёд ҳамкорӣ менамоянд, мисли Барномаи рушди СММ, Созмони байналхалқии муҳоҷират, Хазинаи Оғохон, Хазинаи Қувейт, Ҳамкории техникии Олмон, Бонки Ҷаҳонӣ, Бонки Рушди Осиё, Агентии байналхалқии ИМА оид ба инкишофи байналхалқӣ (ЮСАИД), Бонки рушди Саудӣ, ЮНИСЕФ, Намояндагии САҲА дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, сафоратхонаҳои кишварҳои хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Дар давраи соҳибистиқлолӣ ҳамкориҳои зиёд дар соҳаи маориф дар амал, бо кишварҳои хориҷӣ ва созмону ташкилотҳои соҳавии байналмилалӣ дар сатҳи баланд ба назар мерасад, хусусан фиристодани ҷавонон ба хориҷ аз кишвар барои азхудкунии касбу ихтисосҳои муайян. Дар ин самт, ба ақидаи мо, як қатор мушкилот ҷой доранд [9, с.187].

Пӯшида нест, ки имрӯз вазъияти сиёсӣ дар ҷаҳон аз сабаби ҷалби ҷавонон ба ҳаракат ва гурӯҳҳои номатлуб, ки метавонанд онҳоро бо манфиатҳои худ истифода намоянд, шиддат гирифтааст. Барои ҷавоне, ки нав мактаби миёнаро хатм намуда, ба муҳити ҷадид ворид шудааст ва мавқеи устувор дар зиндагӣ пайдо накардааст, душвор аст, ки манфиатҳоро дар сатҳи шахсӣ, гурӯҳӣ, миллӣ, динӣ ва ҳатто давлатӣ, дуруст дарк намояд. Ин давраи синнусолӣ даврае мебошад, ки бояд ҷавонон илм омӯзанд ва ояндаи худро бунёд созанд.

Барои бартараф намудани мушкилоти таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин чораҳоро андешидан лозим аст:

- рушди маориф бо назардошти хусусиятҳои таърихӣ, миллӣ, демографӣ, ҷуғрофӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии Тоҷикистон;
- таъсиси низоми миллии баҳодиҳии низоми таҳсилот;
- ҳамгироии маориф, илм ва истеҳсолот;
- такмили таъминоти молиявӣ ва кадрии низоми маориф, инчунин баланд бардоштани мақоми иҷтимоии кормандони педагогӣ;
- ҳамгироӣ ба фазои маорифи ҷаҳонӣ.

Барои боз ҳам хубтару беҳтар ба роҳ мондани таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимӣ пеш аз ҳама, шароити мусоид бояд барои толибилмон фароҳам оварда шавад. Инчунин, онҳо бояд аз техникаву технологияҳои замонавӣ бархӯрдор бошанд. Таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор мушкилиҳо дорад. Таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ ба таври пурра талаботи шахсро қонеъ гардонида наметавонанд, ҷомеа масъалаи омоданамоии кадрҳоеро, ки ба талаботи кормандони техникии баландихтисос, мутахассисони дараҷаи миёнаи техникӣ, хизматчиён ва идоракунандагони меҳнат ҷавобгӯ бошанд, ҳал карда натавониста истодааст. Барои беҳтар намудани вазъияти таҳсилот бояд курсу семинарҳои бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси кормандони маориф ба роҳ монда шавад [10].

Аз ин лихоз, мушкилоти аз ҳама муҳимме, яке аз вазифаҳое, ки дар назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон меистад, таъмин намудани тамоми муассисаҳои таълимии мамлакат бо техникаву технологияи информатсионии муосир ба ҳисоб меравад. Ҳарчанд ки ин раванд якчанд сол аст, ки идома дорад, аммо то ҳанӯз ҳалли пурраи худро наёфтааст. Ҳамин тариқ, бо мақсади такмил додани сифати таълиму тарбияи таълимгирандагон, корҳои методӣ, баланд бардоштани маҳорати касбии омӯзгорон бояд дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи касбӣ пайваста мониторинг ва баҳодиҳии сифати таълим гузаронида шавад. Таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳимтарин зинаи омода намудани мутахассисони касбӣ барои истеҳсолоти хоҷагии халқи кишварамон ба ҳисоб меравад. Бо мақсади беҳтар намудани низоми фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, амалӣ гардонидани ислоҳот дар бахши таҳсилот, бо дарназардошти талаботи бозори дохилӣ ва берунӣ, талабот ба кадрҳои коргарӣ, зарурати ба роҳ мондани Барномаи давлатии ислоҳот ва рушди соҳаи

таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020 қабул шудааст. Шаҳрвандон баъди хатми муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумии асосӣ, миёнаи умумӣ ва ибтидоии касбӣ ҳуқуқи гирифтани таҳсилоти миёнаи касбиро доранд. Инчунин, дар натиҷаи устувор гардидани заминаи моддӣ-техникии муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ мутобиқати онҳо ба бозори меҳнат меафзояд ва онҳо рақобатпазир мегарданд. Ин омил ба таъмини сифати таълим дар ин зинаҳои таҳсилот оварда мерасонад. Тавре ки таҳлилҳо собит месозанд, айни замон низоми маорифи Тоҷикистон дар ҳолати номувозинатӣ қарор дорад ва ҳолати мавҷудаи он аз ҷониби муҳаққиқон ҳамчун идомаи бухроне, ки низоми маорифи тамоми кишварҳоро фаро гирифтааст, арзёбӣ мешавад. Дар ҷомеае, ки зимни муайян намудани ҳадафҳои ниҳоии худ ва тағйири муносибат ба арзишҳо мушкилӣ мекашад, соҳаи маориф дар ҳолати ногувори иҷтимой қарор мегирад, ки ин ба шиддат гирифтани ихтилофҳо ва мушкилоти солҳои охир дар ин самт ғуншуда мусоидат менамояд [14, с. 192].

Хусусияти хосси рушди маориф дар замони муосир ҷанбаи глобалӣ доштани он мебошад. Ин хусусият мавҷудияти равандҳои ҳамгироӣ дар ҷаҳони муосир, боҳамалоқамандии байни кишварҳоро дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ инъикос менамояд. Дар ин раванд маориф аз категорияи авлавияти миллии кишварҳои пешрафта ба категорияи авлавияти ҷаҳонӣ табдил меёбад. Чи хеле ки маълум аст, дар ҷаҳони муосир низомҳои гуногуни маориф амал карда, фалсафаи ягонаи маориф вуҷуд надорад. Ҳар як давлату миллат вобаста ба талаботи дохилии хеш низоми маорифашро ба тартиб даровардa, раванди таълиму тарбияро амалӣ месозад. Ин ҳолати табиист, зеро ҳар як давлат хусусиятҳои хосси инкишоф ва талаботҳои миллие дорад, ки онҳо дар раванди амалисозии фалсафаи маорифи миллӣ авлавият доранд. Аммо самти асосии ҷаҳонии таълиму тарбия имрӯзҳо хусусияти ҷаҳонишавиро гирифта истодааст, зеро фалсафаи маориф хусусиятҳои хос, махсус ва куллии раванди таълиму тарбияро фаро мегирад [15].

**Муқарриз: *Шоисматуллоев Ш.* – д.и.с., профессори ДМТ**

**АДАБИЁТ**


1. Баҳромбеков Д. Асосҳои сотсиология (курси лексияҳои мухтасар) / Д.Баҳромбеков, Ф. Миров. – Душанбе, 2014.- 265с.
2. Барномаи давлатии ислоҳот ва рушди соҳаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020 (қарори Ҳукумати ҶТ аз 10.02.2016 № 66).
3. Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ (санадҳои меъёрии ҳуқуқии муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон). – Душанбе, 2014. – 2370 с.
4. Консепсияи гузариш ба низоми нави таҳсилоти миёнаи умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 майи соли 2010 №207 тасдиқ шудааст.
5. Хасанова Ш. Основные формы и методы воспитания вузовской молодежи / Ш.Хасанова. - Душанбе 1993. - 83 с.
6. Маҳмадмуродов А. Идоракунии сифати таҳсилот / А.Маҳмадмуродов, А.Қаландаров, М.Тешаева // Маводи конфронси “Сифати таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон” – Хуҷанд, 2018. -С.169-172.
7. Назаров Р. Философия качества образования Таджикистана / Р. Назаров. – Душанбе, 2011. -319 с.
8. Рахмонов А.А. Дируз ва имрӯзи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон / А.А.Рахмонов, А.Б.Расулов, Қ.Б.Қодиров, Х.С. Афзалов. - Душанбе, 2011. - С. 94.
9. Рушди маориф ва илм дар даврони Истиқлолияти давлатӣ (Развитие образования и науки в период государственной независимости). –Душанбе: Маориф, 2016. - 192 с. -С. 187.
10. Санадҳои меъёрӣ – ҳуқуқӣ ва рушди соҳаи маориф // Садои мардум. - №74 (3868) 14.06.2018.
11. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи таҳсилоти ибтидоии касбӣ // (АМОҶТ с.2003, №4, мод.151; с.2007, №7, мод.696; с.2009, №3, мод. 84; с.2012, №7, мод. 718; с.2014, №7,қ.2, мод.424).
12. Кодиров Ш. Влияние образования населения на его демографическое поведение / Ш. Кодиров. – Душанбе, 2003.
13. Дюркгейм Э. Социология образования / Э. Дюркгейм. - М., 1996- 287с.
14. Шерова Н.Д. Образование в условиях глобализации / Н.Д. Шерова. -2014,- №1.- С.187-192.
15. Шарифзода Файзулло. Ҷаҳонишавии ҳаёти муосир, геополитика ва маориф // Масъалаҳои маориф. – 2009. - №3.


## ТАМОЮЛҲОИ ХАРОБИОВАР ДАР РУШДИ ТАҲСИЛОТИ ИБТИДОӢ ВА МИЁНАИ КАСБӢ ДАР СОЛҲОИ 90-УМИ АСРИ XX


Дар мақолаи мазкур ҳолат ва мушкилоти таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Ҳар як падидаи нав боиси нофаҳмиҳо ва мушкилиҳои зиёде мегардад. Барои гузаштан ба системи нави таълим бояд ҳамаи кормандони муассисаҳои таълимӣ – омӯзгорон, кормандони техникӣ, молиявӣ ва ҳатто хоҷагӣ аз курсҳои махсус гузаронида шаванд. Тарзи таҳияи модулҳо ва маводҳои таълимӣ,

Поскольку игровая деятельность в младшем школьном возрасте по– прежнему является наиболее естественной и понятной для ребёнка, педагогически грамотно будет создавать синтез игровой и учебной деятельности – дидактическую игру. Игра под чутким надзором знающего педагога способна максимально эффективно и разносторонне развивать ребёнка. Правильно подобранная игра и осознание учителем её дидактической цели способны развивать качества, необходимые ученику в школе, где он должен включаться в большой коллектив сверстников, сосредотачиваться на объяснениях учителя в классе, контролировать свои действия при выполнении домашних заданий, начинать формировать собственное мировоззрение, вплетая в него знания, полученные в классе. Подводя итог, мы можем сказать, что взрослым необходимо сознавать, что игра вовсе не пустое занятие. Помимо доставления максимума удовольствия ребёнку, она является мощным средством формирования и развития его полноценной личности. Войдя в игру, раз за разом закрепляются соответствующие действия; играя, ребенок все лучше овладевает ими: игра становится для него своеобразной школой жизни. Ребенок играет не для того, чтобы приобрести подготовку к жизни, а приобретает подготовку к жизни, играя, потому что у него закономерно появляется потребность разыгрывать именно те действия, которые являются для него новоприобретенными, еще не ставшими привычками. В результате он в процессе игры развивается и получает подготовку к дальнейшей деятельности.Игра подготавливает детей к продолжению дела старшего поколения, формируя, развивая в нем способности и качества, необходимые для той деятельности, которую им в будущем предстоит выполнить.Дидактические игры могут применяться для повышения успеваемости учащихся первых классов.Принимая во внимание положительное значение игры для всестороннего развития младшего школьника, следует при выработке его режима дня оставлять достаточно времени для игровой деятельности, дающей так много радости ребенку.

**Ключевые слова:** дидактические игры, компетентность, учебная деятельность, ролевая игра, школьник, нравственные качества, общение, мышление, наглядность, абстрактность, логичность, полноценное, поведение.

## THE ROLE OF DIDACTIC GAMES IN THE LEARNING PROCESS OF YOUNGER STUDENTS (ON THE EXAMPLE OF FINE ARTS AND LABOR)

Since play activity at primary school age is still the most natural and understandable for a child, it will be pedagogically competent to create a synthesis of play and learning activities - didactic play. The game under the strict supervision of a knowledgeable teacher is able to develop the child as efficiently and versatile as possible. A correctly selected game and the teacher's awareness of its didactic goal can develop the qualities necessary for a student at school, where he must be included in a large group of peers, focus on the teacher's explanations in the class, control his actions when doing homework, begin to form his own worldview, weaving knowledge into it received in class. To summarize, we

can say that adults need to realize that play is not an empty exercise. In addition to providing maximum pleasure to the child, it is a powerful tool for the formation and development of his full-fledged personality.After entering the game, the corresponding actions are fixed over and over again; while playing, the child masters them better and better: play becomes for him a kind of school of life. The child does not play in order to acquire preparation for life, but acquires preparation for life by playing, because he naturally needs to act out precisely those actions that are newly acquired habits for him. As a result, in the course of the game, he develops and receives preparation for further activities.The game prepares children to continue the work of the older generation, forming, developing in it the abilities and qualities necessary for the activities that they will have to perform in the future.Didactic games can be used to improve the performance of first grade students. Taking into account the positive importance of play for the all-round development of a younger student, when working out his daily routine, enough time should be left for play activities that give so much joy to the child.

**Key words:** didactic games, competence, learning activity, role-playing game, student, moral qualities, communication, thinking, visualization, abstractness, consistency, full-fledged behavior.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Азизов Абдулатиф Абдухалимович –*** Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, доктори илмҳои педагогӣ профессори кафедраи технология ва методикаи таълими он. **Суроға**: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1.

***Деҳқонова Марҳамат Умарбоевна-*** Филиали муассисаи давлатии Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар вилояти Суғд.

***Таирова Мавлуда Муллоҷоновна*** - Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, муаллими кафедраи технология ва методикаи таълими он. **Суроға**: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1.

**Сведение об авторах:** ***Азизов Абдулатиф Абдухалимович*** - Худжандский государственный университет имени академика Б.Г.Гафурова, доктор педагогических наук, профессор кафедры технологии и методики её обучения. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, проезд Мавлонбекова, 1.

***Дехконова Мархамат Умарбоевна-*** Филиал Республиканского института повышения квалификации и переподготовки образования в Согдийской области.

***Таирова Мавлуда Муллоджоновна -*** Худжандский государственный университет имени академика Б.Г.Гафурова, преподаватель кафедры технологии и методики её обучения. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, проезд Мавлонбекова, 1.

**Information about the authors:** ***Azizov Abdulatif Abduhalimovich*** - Khujand State University by the name acamedician B.Gafurov, Dr.of Pedagogy, Professor of the department of technology and methods of its teaching attached to the faculty of fine arts and technology under**. Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekov passage, 1.

***Dehqonova Marhamat Umarboevna*** - Branch of the Republican Institute for Advanced Studies and Retraining of Education in the Sughd Region

***Tairova Mavluda Mullojonovna -*** Khujand State University by the name acamedician B.Gafurov, teacher of technology and the methods of its teaching. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekov passage, 1.

**УДК:372.861**

# ТАҲЛИЛИ ТАҶРИБАИ ПЕШҚАДАМИ ПЕДАГОГИИ ДАВЛАТҲОИ ХОРИҶӢ ДАР САМТИ ТАЪЛИМИ ФАННИ ТЕХНОЛОГИЯ

***Азизов Ш.Ю., Бобоева Ш.Ҳ.***

**Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров**

Дар айни замон ба илми технология беш аз 200 самт ё соҳа мансуб мебошад [1, с. 245]. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қабули як қатор барномаву консепсияҳои муҳимми давлатӣ барои татбиқи ислоҳоти соҳаҳои илму маориф ва дар ин замина беҳтар намудани шароити кори олимону омӯзгорон ба сатҳу сифати таълиму тарбия дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот такони ҷиддӣ бахшидааст.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин таъкид мекунанд: “Яке аз ҳадафҳои муҳимме, ки дар назди устодону омӯзгорон қарор дорад, тарбияи мутахассисони ҷавобгӯ ба талаботи замони муосир ва мутобиқ ба меъёрҳои ҷаҳонӣ мебошад. Барои ин бояд раванди ихтироъкорӣ, азхудкунии технологияҳои инноватсионӣ, ҷорӣ кардани онҳо дар истеҳсолот ва самарабахш гардонидани натиҷаи корҳои илмиву таҳқиқотӣ вусъат бахшида шавад” [7].

Пайдоиши технологияҳои нав, пайдоиши касбҳои қаблан вуҷуднадошта, зарурати якчанд маротиба иваз кардани ихтисос дар ҳаёт - ин ҳама дар назди системаи муосири таҳсилот вазифаҳои комилан навро мегузоранд.

Дар аксари кишварҳои ҷаҳон ислоҳоти соҳаи маориф гузаронида мешавад. Дар доираҳои саноатии ИМА, Британияи Кабир, Булғористон, Олмон ва дигар кишварҳо

фикрҳои одилона баён карда мешаванд, ки имкониятҳо ва иқтидори таълими меҳнат ва тарбияи хонандагон дар муассисаҳои таълимӣ пурра истифода намешаванд [6, с. 23].

Ассотсиатсияи амрикоии пешрафти илм дар як лоиҳаи соли 1993 таҳияшуда ба зарурати такмили таълими технологии мактаббачагон таъкид карда, иброз намудааст, ки маҳз технология қобилияти моро барои тағйир додани ҷаҳон такон мебахшад. «Мо технологияро барои мутобиқ шудан ба ҷаҳон истифода мебарем. Ин тағйирот метавонанд ба эҳтиёҷоти зиндагонии инсон, аз қабили ғизо, манзил ва муҳофизат ё ба ниёзҳои рӯҳӣ, ба мисли дониш, ҳунар ва назорат рабт дошта бошанд» [13].

Дар барномаҳои таълимии мактабҳои миёнаи Иёлоти Муттаҳида ташаккули чунин сифатҳои шахсӣ дар мактаббачагон, ки ба иҷтимоишавии шахсият ва беҳтар мутобиқ шудани корманд ба шароити меҳнат мусоидат мекунанд, таҳкими хосса доранд.

Омӯзгорони амрикоӣ баҳс мекунанд, ки то ба мактаб омадани кӯдакон онҳо «собиқадорони технология» мебошанд [14, с. 18]. Онҳо дучарха меронанд, дар боғ кор мекунанд, дар пухтупаз кумак мекунанд, телевизорро истифода мебаранд ва ғайра. Вазифаи мактаб дар синфҳои 1-4 иборат аз он аст, ки фаъолияти ихтироъкории кӯдакон ба самти дуруст равона карда шавад, ба онҳо истифодаи асбобро бо мақсадҳои мушаххас омӯхтан, васеъ намудани фаҳмиши онҳо дар бораи он, ки олоти меҳнат аз чӣ сохта мешаванд, шиносоии онҳо бо табиати атроф, муносибати инсон бо табиат, ҷаҳони навро боз мекунад.

Муаллимони амрикоӣ чунин мешуморанд, ки то охири мактаби ибтидоӣ (синфҳои 1-6) хонандагон бояд нуктаҳои зеринро донанд [3, с.15]:

– баъзе ашё бе истифодаи асбобҳо сохта намешаванд;

– ҳангоми истеҳсоли маҳсулот, такмил ё таъмири онҳо, асбобҳои мавҷударо истифода бурдан ба мақсад мувофиқ аст;

– дар раванди рушди худ, одамон воситаҳои гуногуни меҳнатро ихтироъ ва истифода мекарданд. Аксари асбобҳои муосир аз асрҳои гузашта фарқ мекунанд, аммо бисёриҳо навъҳои такмилёфтаи олоти қадимӣ мебошанд;

– асбобҳои ченкунӣ барои ба даст овардани маълумоти дақиқ, тарроҳӣ ва сохтани ашё истифода мешаванд;

– технология ба одамон қудрати тағйир додани ҷаҳон, ҳифзи ҳаёти инсон, беҳтар намудани алоқа, нақлиёт, коммуникатсия, гирифтани дониш ва изҳори ақидаҳоро медиҳад;

– дониши технологиро ҳам аз нашрияҳои чопӣ ва ҳам тавассути компютерҳо ба даст овардан мумкин аст; илова бар ин, таълими технологиро дар мактаб гирифтан мумкин аст;

– дониши технологӣ барои одамони касбу кори гуногун зарур аст.

Дар мактаби миёна (синфҳои 7-12), ҳадафи таълими меҳнат шинос кардани хонандагон бо касбҳо бо роҳи ба фаъолияти амалӣ ҷалб кардани онҳо ва экскурсияҳо ба истеҳсолот ва муассисаҳои гуногун (бонкҳо, ширкатҳо, беморхонаҳо ва ғ.) иборат аст.

Дар синфҳои 9-12 хонандагон дар лоиҳаҳои асосии тарроҳӣ ширкат меварзанд. Дар муқоиса бо солҳои гузашта, тамоюли муайяни ба итмом расонидани таълими меҳнатии сесолаи хонандагон дар мактабҳо бо додани шаҳодатномаи касбӣ мавҷуд аст, ки ба хатмкунандагони мактабҳои миёна имкон медиҳад, ки дар ин касб кор кунанд ё ба коллеҷ раванд, то таҳсили худро идома диҳанд.

То охири синфи 12, хонандагон бояд инҳоро донанд [3, с.16]:

– аксар вақт барои ҳалли мушкилоти технологӣ дониши нави илмӣ талаб карда мешавад, ки технологияҳои нав барои таҳқиқ бо усулҳои нав имконият фароҳам оварда, барои рушди илмҳои мушаххас мусоидат мекунад;

– такмил додани технология дониши бисёр илмҳоро талаб мекунад (математика, мантиқ ва ғ.);

– технология одатан нисбат ба илм ба рушди ҷомеа таъсири қавитар мерасонад, зеро он масъалаҳои амалиро ҳал карда, барои таъмини ниёзҳои инсон хизмат мекунад.

Бояд қайд кард, ки хонандагоне, ки маълумоти миёнаи касбӣ надоранд ва муассисаҳои касбӣ-техникиро интихоб мекунанд, таҳсилоти маҳдудшудаи таҳсилоти

умумӣ мегиранд ва он ба талаботи дохилшавӣ ба мактабҳои олӣ ҷавобгӯ нест. Дар ин ҳолат, хатмкунандагони мактаб тавассути таҳсилоти минбаъда дар коллеҷҳо тавассути низоми курси дар донишгоҳҳо ва коллеҷҳои олӣ таълими иловагии умумӣ мегиранд.

Мушкилоти ба даст овардани таҷрибаи корӣ боиси дар ИМА таъсис ёфтани Ассотсиатсияи технологияҳои муҳассилин гардид, ки ба он хонандагони мактабҳои миёна дохил мешаванд. Ҳамгиро кардани фаъолияти ин Ассотсиатсия бо татбиқи барномаҳои таълими меҳнат, ба хатмкунандагони мактабҳои миёна барои кор дар муҳити рақобат, ҳамкорӣ бо намояндагони доираҳои саноатӣ ва тиҷоратӣ, қабули бори масъулияти шаҳрвандӣ ва ғ. имкон медиҳад [8].

Барои ноил шудан ба муваффақият дар таълими меҳнатии мактаббачагон донистани хусусиятҳои истеҳсолоти муосир бештар мусоидат мекунад. Аз ин рӯ, нақшаи ба истилоҳ "Person" дар даҳсолаи охир васеъ паҳн шудааст. Тибқи ин нақша, муаллимони мактабҳо дар мувофиқа бо маъмурияти корхонаҳо ҳангоми таътил дар корхона кор мекунанд [10]. Гарчанде ин нақша муқовимати ҷиддии қисми муҳими муаллимонро ба бор меорад, дар асл, барои тайёр кардани муаллимон барои "эҳтиёҷоти истеҳсолот" ба дараҷае меафзояд, ки ҳатто ба масъалаи мазкур як пажӯҳишгоҳи махсус (Институти капитализми созанда) дар назди Донишгоҳи Техас таъсис дода шудааст.

Дар ИМА аз соли 1964 инҷониб барномаи омӯхтани асосҳои донишҳои техникӣ дар мактаби таҳсилоти умумӣ таҳия карда мешавад. Шавқи хонандагон ба омӯзиши илм дар мактаб ва муҳандисӣ дар коллеҷ мунтазам коҳиш ёфт. Пас аз ба кайҳон баромадани моҳвораи Шӯравӣ ба такмили таълими технология таваҷҷуҳи хоссаро зоҳир гардид [9, с.92].

Ба барномаи таълимӣ ворид намудани тағйирот дар таълими технологии мактаббачагон соли 1993 вазифа гузошта шуд. Аксари барномаҳо аз рӯйи моделҳои таълими меҳнатии мактаббачагон, ки ба ниёзҳои истеҳсолот нигаронида шудаанд, таҳия шудаанд. Онҳо аз шумораи зиёди модулҳо (барномаҳои таълимӣ) иборатанд, аз ҷумла "Технологияи сохтмон", "Мавод ва равандҳо", "Истифодаи энергия", "Коркарди такрории мавод", "Технологияи истеҳсолот", "Технологияи коммуникатсионӣ", "Технологияи нақлиёт", "Технологияи хидматрасонии молҳои истеҳсолӣ" ва ғайра. Ҷорӣ намудани банақшагирии модулии барномаҳо, истифодаи онҳоро дар раванди таълими курсҳои нисбатан кӯтоҳи омӯзишӣ хеле сабук мекунад.

Дар айни замон, дар тамоми кишварҳое, ки саноат рушд кардааст, таълими фанни технология ба мундариҷаи таҳсилоти умумӣ шомил карда шудааст. Сарфи назар аз фарқиятҳои назаррас дар барномаҳои миллии таълимӣ, онҳо бо назардошти қонуниятҳои рушд, таъсири он ба ҷомеа, муҳити зист ва мушкилоти умумиҷаҳонии инсон хусусиятҳои муштарак доранд.

Намунаи татбиқи мушаххаси консепсияи таълими техникӣ метавонад фанни интегратсионии «Илм, технология, ҷомеа» бошад, ки одатан дар охири давраи таҳсил дар мактабҳо омӯхта мешавад. Барномаи таълимӣ мавзӯъҳои гуногуни интегратсионӣ - аз истеҳсолоти кишоварзӣ (нуриҳои минералӣ, навъҳои хушзоткардашуда, истеҳсоли хӯрокворӣ ва ғ.) то электроника (радар, лазерҳо, микрокалкуляторҳо, микропросессорҳо ва ғ.) -ро дар бар мегирад [12, с. 32].

Дар мактабҳои миёнаи ИМА дар баробари таълими умумии техникӣ, таълими касбӣ оид ба автоматика, кафшери электронӣ, дуредгарӣ, электромеханика ва ғайра низ гузаронида мешавад.

"Шумораи шаҳрвандони бо кор таъмингардидаи ИМА аз 15 то 65 сола дар тӯли якчанд сол ба ҳисоби миёна 66% -ро ташкил дод. Ба ҳисоби миёна, 50% хатмкардагони омӯзишгоҳҳои касбӣ-техникӣ аз рӯйи ихтисоси худ кор мекунанд. Тақрибан 20% хатмкунандагони мактабҳои миёна, ки дар давоми таҳсил дар мактаб таълими касбӣ гирифтаанд, мустақиман ба ҷойи кор мераванд ва имкони таъмин гардидан бо ҷойи корӣ зиёд аст" [4].

Яке аз тамоюлҳои муҳим дар мактабҳои ҳамагонии Британияи Кабир афзоиши таваҷҷуҳ ба фанҳои амалӣ мебошад. Ин шояд ба дарки тағйироте, ки дар даҳсолаи охир дар сохтори донишҳои муосири илмӣ ба амал омадаанд, вобаста бошад. Таърихи тарбияи

меҳнатии ҷавононро дар Британияи Кабир шартан ба чор давра тақсим кардан мумкин аст:

1. ҷорӣ намудани "ҳунармандӣ" ҳамчун фан дар мактаби ибтидоӣ (солҳои 80-уми асри XIX);
2. Ҷорӣ намудани ҳунарҳо дар мактаби миёна (1902);
3. муқаддима ба барномаи таълимии мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ аз фанни «Ҳунар. Таррохӣ. Технология "(1976);
4. ҷорӣ намудани фанни ҳатмии "Технология" барои ҳамаи мактабҳои давлатӣ (1988).

Васеъ шудани мундариҷаи консепсияи «таълими меҳнатӣ» боиси зарурати ҳамгиро кардани панҷ фани таълимӣ, аз қабили «Технологияҳои иттилоотӣ», «Иқтисоди оила», «Соҳибкорӣ», «Санъат ва дизайн», «Ҳунармандӣ. Таррохӣ. Технология» гардид, ки дар як фанни «Технология» муттаҳид карда шуданд.

Омӯзиши ҳатмии фанни технология ва таҳсили омехтаи писарон ва духтарон тамоюлест, ки бо зарурияти объективии омода кардани ҳамаи хатмкунандагони мактабҳои миёна ба ҳаёти ҷомеаи муосир шарҳ дода мешавад.

Таълими технологӣ дар мактабҳои Британияи Кабир, инчунин таълими соҳибкориро дар бар мегирад. Соли 1988 олимони англис ба хулосае омаданд, ки дар амалия ду таърифи соҳибкорӣ истифода мешавад [11]:

- аввал, соҳибкорӣ ҳамчун маҷмӯи хусусиятҳои шахсият (саъй барои расидан ба ҳадафи муайян, тафаккури мустақил, эҷодкорӣ, қобилияти таваккал кардан ва ғайра);

- дуюм, ҳамчун қобилияти ташкил ва татбиқи лоиҳаи хурди корхона.

Онҳо пешниҳод карданд, ки истилоҳи "таълими соҳибкорӣ" ба маънои ташаккул додани хусусиятҳои муайяни шахсият, инчунин гирифтани дониш ва малакаҳо дар соҳаи истеҳсолот истифода шавад.

Таҳлили системаи таълими технологии мактаббачагони Британияи Кабир моро ба чунин хулоса меорад, ки шомили ҷузъҳои ғайримуқарарӣ ба системаи таълими меҳнат ба зарурати мутобиқ кардани таълими меҳнатии мактаббачагон дар ҷомеаи саноатӣ, хоҳиши таъмини рушди ҷанбаҳои нави фарҳанги умумӣ вобаста аст.

Омӯзиши фанни технология дар мактабҳои Булғористон, дар доираи консепсияи таълими меҳнат ва таълими политехникӣ сурат мегирад. Барои таҳқиқоти мо таҷрибаи истифодаи роботҳои омӯзишӣ, ки истеҳсоли он Булғористон дар ҷаҳон яке аз аввалинҳост, ба назар арзишманд менамояд. Шиносоӣ бо роботи навъи “Робко” аз синфи 4 оғоз ёфта, азхудкунии мафҳумҳои асосии робототехника, омӯхтани дастгоҳи манипулятор ва компютер, инчунин амалҳои одитарини операторро бо онҳо дар бар мегирад [5]. Таълими умумии техникӣ танҳо бо маълумот дар бораи иҷрои функсияҳои оператор, барномасозӣ ва омӯзиши кинематикаи манипулятор маҳдуд аст. Принсипи истифодаи дастгоҳҳои барқӣ ва электронии робот амалан омӯхта нашудааст, гарчанде ки ин маълумот, ба назари мо, барои хонандагони синфҳои 7-8 хеле дастрас ва ҷолиб аст.

Дар Олмон системаи таълими мактабӣ асосан дуалист. Заминҳои инфиродӣ дар ҳалли мундариҷаи барномаҳо, шаклҳо ва усулҳои таълими мактаббачагон мустақилият доранд. Пас аз хатми мактаби ибтидоӣ (4 ё 5 соли таҳсил) хонандагон ба се намуди мактабҳо тақсим мешаванд: асосӣ, воқеӣ, гимназия. Хатмкардагони мактабҳои асосӣ ва воқеӣ тахассуси касбӣ мегиранд. Тайёрии хатмкунандагони гимназия қабули онҳоро ба донишгоҳҳои олӣ пешбинӣ мекунад.

Таълими меҳнатии хонандагон дар Олмон аз рӯйи барномаҳои махсус аз ибтидои асри XIX оғоз ёфтааст. Фаъолияти асосии хонандагон меҳнати дастӣ буд, ки анъанаҳои ҳунарро идома медоданд.

Аз ибтидои солҳои 50-ум олимон бо назардошти вазъи кунунии технология ва истеҳсолот тағйир додани мундариҷаи таҳсилотро талаб мекарданд. Дар Олмон соли 1964 дар бораи ҷорӣ намудани фанни "Арбейтслер" фармон қабул гардид. Пас аз он, таълими меҳнат на ҳамчун ҳунар, балки ҳамчун омӯзиши технология баррасӣ мешуд. Яъне, таълими меҳнат ба таълими техникӣ табдил ёфт. Ин таҷрибаи таълимӣ таҳлил ва арзёбии ҳалли алтернативӣ, омӯзиши ба ҳам алоқаманди тарҳи маҳсулот ва принсипи амалиётро

дар бар мегирифт. Ташаккули тафаккури техникӣ нақши махсус пайдо кард.

Фанни таълими меҳнат соли 1968 ба барномаҳои таълимии мактабҳои асосии Олмон ворид карда шуд, ки он дар музофотҳои гуногун бо номҳои "Муқаддима ба ҷаҳони иқтисод ва меҳнат", "Технология / Иқтисод" ва ғ. ҷорӣ гардид.

Дар солҳои 70-ум вазифаи дидактикии таълими меҳнат дар мактабҳои олмонӣ як андоза тағйир ёфт. Объектҳои техникии муҳити атроф ҷудо карда шуданд ва ба вазифаҳои ибтидоии меҳнатии мактаббачагон табдил ёфтанд. Дар раванди таълими меҳнат, мактаббачагон "маҳсулоти муфид" намебаровarданд, балки моделҳои кориро эҷод мекарданд. Усулҳои таълим низ рушд карда, таҷрибаи техникӣ ва таҳлили объектҳои техникӣ васеъ паҳн гаштанд. Дар назди муаллимони технология ҳадафҳо ва вазифаҳои зерин гузошта шуданд [15]:

– шиносоии хонандагон бо ҷаҳони меҳнат ва касбҳо; ба онҳо додани донишҳои ибтидоии технология, иқтисод ва рӯзгордорӣ;

– ташаккули ғояҳои мактаббачагон дар бораи равандҳои асосии истеҳсолот, дар бораи ташкили кор, мушкилоти шуғл, роҳҳои имконпазири таълими касбӣ.

Яке аз муҳимтарин вазифаҳои тарбияи меҳнатии ҷавонон дар Олмон дар марҳилаи кунунӣ таълими ба истилоҳ "тахассуси калидӣ" мебошад, ки дидактикони олмонӣ онро дар ташаккули тафаккури абстрактӣ ва эҷодӣ, малакаҳои банақшагирӣ, таҳлили муносибатҳои мураккаб, таҳлили иқтисодӣ, малакаҳои муоширату муносибат ва ғ. рабт медиҳанд.

Таҳсилоти техникии мактаб қисми таълими умумӣ мебошад. Модели таълими муосири техникӣ, ба гуфтаи муҳаққиқони Олмон, бояд самтҳои зеринро дар бар гирад [6]:

– қобилияти идора кардани технология (азхудкунии бошууронаи технология дар истеҳсол ва истифодаи молҳо ва хидматҳо);

– омӯзиши технология дар алоқамандии таърихӣ (техникаро аз худ кардан ва робитаи иҷтимоию таърихии тарроҳӣ ва шароити амали онро ба роҳ мондан; тафаккури эҷодӣ ва роҳҳои муайяни рафторро инкишоф додан);

– дарки муносибати байни технология ва сифати маҳсулот (таҳлили истеъмолкунандагон, баҳодиҳии сифати маҳсулот, рушди тафаккури иқтисодӣ);

– таъсири мутақобилаи меҳнат ва технология дар робита бо муҳити берунии онҳо (арзёбии экологии натиҷаҳои меҳнат ва истифодаи технология, рушди тафаккури экологӣ ва ғайра).

Дар хулосаи таҳлили муқоисавӣ, ки дар робита ба мавзӯи тадқиқот гузаронида шудааст, қайд менамоем, ки дар марҳилаи навбатии рушди прогресси илмӣ-техникӣ хусусияти таҷрибаи хориҷӣ дар омӯзиши технология дар мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ алоқамандии барномаҳо ва тағйироти босуръати онҳоро дар робита бо мушкилоти нав талаб мекунад.

Хусусияти дигари муҳим дар мавҷуд набудани системаи ягонаи таҳсилот дар кишварҳои саноатӣ алоқаманд аст. Таълими касбӣ бо интихоби хонандагон дар синфҳои болоӣ гузаронида мешавад, мазмуни он аз он вобаста аст, ки дар кадом муассисаи таълимии техникӣ бояд таҳсилро идома диҳад.

Муҳимтарин хулосаи таҳлил ин аст, ки омӯзиши технологияҳо дар кишварҳои интихобкардаи мо ба назарияҳои илмӣ-техникӣ асос ёфтааст. Хусусияти фарққунандае, ки ҳангоми баррасии таҷрибаи хориҷӣ бояд ба назар гирифта шавад, дар он аст, ки омӯзиши технология ба барномаҳои мактаби таҳсилоти умумии хориҷӣ дар доираи як фанни мустақили таълимӣ гузаронида шудааст ва ба таълими меҳнатӣ, политехникӣ асос наёфтааст.

Мазмуни таълими умумии техникӣ дар мактабҳои миёнаи Иёлоти Муттаҳида, дар маҷмӯъ, хеле гуногун ва якхела нест. Барои мактабҳои мо таҷрибаи омӯзиши ҷанбаҳои гуногуни иҷтимоии технология дар Иёлоти Муттаҳида пурарзиш ба назар мерасад, ки асосан ба қонеъ кардани манфиатҳои шахсии хонандагон равона карда шудааст. Ҷанбаҳои мусбати таълими меҳнатии мактаббачагони Иёлоти Муттаҳида, ба андешаи мо, шоёни таваҷҷуҳ аст, ки ба истифодаи таҷҳизоти баланди истеҳсолӣ ва техникӣ дар раванди таълими меҳнат, ташкили меҳнати пурсамари мактаббачагон аз рӯзҳои аввали

омӯхтани ихтисоси муайян, бо хусусиятҳои истеҳсолоти муосир ошно кардани омӯзгорон асос ёфтааст.

Таҷрибаи таълими меҳнатии ҷавонон дар Британияи Кабир ба масъалаҳои мушкилоти соҳаи технология дар ҷумҳурии мо монандӣ дорад, ки ба инҳо дохил мешаванд:

– зарурати омӯзиши оқилонаи усулҳои инноватсионӣ, репродуктивӣ ва васоити таълим;

– ташаккули сифатҳои корӣ ва шахсӣ, ки ба мутобиқшавии хатмкунандагони мактаб дар ҷомеаи муосир мусоидат мекунанд;

– азхудкунии усулҳои универсалии фаъолияти истеҳсолӣ;

– аз худ намудани асосҳои фарҳанги идоракунӣ, ки барои ташкили оқилонаи фаъолияти коллектив заруранд;

– ҷалби хонандагон ба фаъолиятҳои гуногун дар раванди таълими меҳнат.

Таҷрибаи Булғористон, ки дар он асосан омӯзиши роботҳо дар раванди таълими фанни технология иртибот дорад, хеле ҷолиб аст. Таҷрибаи Олмон, ки бештар ба омӯзиши асосҳои дидактикии ташкили таҷрибаи истеҳсолии хонандагон, татбиқи низоми дусамта дар таълим асос ёфтааст, низ ҷолиб мебошад.

Омӯзиш ва таҳлили таҷрибаи пешқадами педагогии давлатҳои хориҷӣ дар самти таълими фанни технология бешубҳа барои рушди соҳа мусоидат мекунад.

**Муқарриз: *Азизов А.А.* – доктори илмҳои педагогӣ, профессори ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров**

**АДАБИЁТ**


1. Азизов А.А. Анъанаҳои ҳунармандӣ ҳамчун омили тарбия дар педагогикаи халқӣ / А.А. Азизов, Ш.Ю. Азизов // «Номаи донишгоҳ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ»-и Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров. - 2016. -№ 4 (49). -С. 245-251.
2. Азизов Ш.Ю. Истифодаи технологияи НЊМИ дар низоми муносибати салоњиятнок ба таълими технология (таълими мењнат) / Ш.Ю. Азизов, Ш.Ҳ. Бобоева // Паёми Донишгоњи миллии Тољикистон. -2018. -№ 7. -С. 294-298.
3. Дмитриев Г.Д. Джонни идёт в школу… (Американская школа сегодня). / Г.Д. Дмитриев. - М.: Новая школа, 2001. – 160 с
4. Морозова М. В. Профильное обучение в системе общего образования США как фактор повышения эффективности профессионального образования. Государственное тестирование результатов обучения // Профессиональное образование в России и за рубежом. 2013. №1 (9). URL: https://cyberleninka.ru/article/n/profilnoe-obuchenie-v-sisteme-obschego-obrazovaniya-ssha-kak-faktor-povysheniya-effektivnosti-professionalnogo-obrazovaniya (дата обращения: 30.05.2021).
5. Путилин В.Д. Технические основы подготовки учащихся средних учебных заведений к техническому творчеству: Автореф. дис. … д-ра пед. наук / В.Д. Путилин. – М., 1997. – 20 с.
6. Сергеев А.Н. Становление идей трудового обучения и политехнического образования в истории педагогической мысли и современной теории и практике: Моногр / А.Н. Сергеев. – Тула: Изд-во Тул. гос. пед. ун-та им. Л.Н. Толстого, 2009.– 126 с.
7. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ифтихори Рӯзи дониш 01.09.2019. [манбаи электронӣ]. URL: http://prezident.tj/node/21207 (санаи истифодабарӣ: 8.05.2021).
8. Терещук А.И. Зарубежный опыт профильной подготовки старшеклассников // Наукові записки Тернопільського національного педагогічного університету. Серія: педагогіка. 2012. №3. URL: https://cyberleninka.ru/article/n/zarubezhnyy-opyt-profilnoy-podgotovki-starsheklassnikov (дата обращения: 30.05.2021).
9. Траксел Д. мл. Новая программа «Мир техники» / Д. Траксел мл. // Наука для техники. Современная радиоэлектроника. Кибернетика и педагогика (новые тенденции в переходе к обучению инженерных кадров в США); Пер. с англ. – М.: Мир, 1992. - 80 с.
10. Холлас Тори, Койн Джейми, Поттер Джалейн П. Исследование условий труда школьных учителей естественных наук // Концепт. 2016. №1. URL: https://cyberleninka.ru/article/n/issledovanie-usloviy-truda-shkolnyh-uchiteley-estestvennyh-nauk (дата обращения: 30.05.2021).
11. Hargreaves D. How to design and implement a revolution in teacher education: some lessons from England / D. Hargreaves // Teacher Education Policies in the European Union / B. Campos (ed.).–Lissabon: INAFOP, 2000. – 240 p.
12. Joerger, Richard M. Teacher Induction Programs: A Strategy for Improving the Professional Experience of Beginning Career and Technical Education Teachers / Richard M. Joerger, Christine D. Bremer.– Columbus: Ohio State University, the National Dissemination Center for Career and Technical Education.– 2001. -136 p.
13. Pachocinski R. Szkolnictwo amerykanskie / R. Pachocinski // Nowa Szkola.– 1994.– № 1.
14. Program lyceum ogolnoksztalcacego. Technika klasa I.– Warszawa, 1990. 54 p.
15. Terhart E. Teacher Education in Germany: Current State and New Perspectives / E. Terhart // Institutional Approaches to Teacher Education within Higher Education in Europe: Current Models and New Developments; B. Moon, L. Vlasceanu, L. C. Barrows (ed.).– Bucharest: UNESCO-CEPES, 2013. - 188 p.


**ТАҲЛИЛИ ТАҶРИБАИ ПЕШҚАДАМИ ПЕДАГОГИИ ДАВЛАТҲОИ ХОРИҶӢ ДАР САМТИ ТАЪЛИМИ ФАННИ ТЕХНОЛОГИЯ**


Мақолаи мазкур ба яке аз масъалаҳои муҳимми соҳаи маориф, масъалаи таҳлили таҷрибаи

пешқадами педагогии давлатҳои хориҷӣ дар самти таълими фанни технология (таълими меҳнат) ва асосҳои таҳсилоти техникӣ бахшида шудааст. Дар замони муосир таҳлил ва омӯзиши таҷрибаи пешқадами педагогии давлатҳои тараққикарда дар самти банақшагирӣ, таҳия ва таълими фанни технология дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, барои низоми маорифи ҷумҳурии мо судманд арзёбӣ мегардад. Дар хулосаи таҳлили муқоисавӣ, ки дар робита ба мавзӯи тадқиқот гузаронида шудааст, қайд шудааст, ки дар марҳилаи навбатии рушди прогресси илмӣ-техникӣ, ҳамоҳангсозии таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ дар омӯзиши фанни технологияи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ зарур буда, ягонасозии барномаҳо ва тағйироти босуръати онҳоро дар робита бо мушкилоти замони муосир талаб мекунад. Дар робита ба ин, дар мақолаи мазкур низоми таълими фанни технология дар давлатҳои Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, Британияи Кабир, Булғористон ва Олмон мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Таваҷҷуҳи махсус ба банақшагирӣ ва мазмуни таълими фанни технология, умумият ва хусусиятҳои фарққунандаи таълими фанни технология дар кишварҳои номбурда, ислоҳот ва навсозӣ дар низоми таҳсилоти политехникӣ, таҷрибаҳои пешқадами педагогӣ зоҳир гардидааст. Муаллифон роҳи ҳалли муаммои соҳаи мазкурро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муқоиса, таҳлил, омӯзиш ва ҷорӣ намудан таҷрибаҳои пешқадами давлатҳои хориҷӣ дар таҳсилот мешуморанд, ки он барои ба сатҳи ҷаҳонӣ баровардани таълими фанни технология мусоидат мекунад.

**Калидвожаҳо:** технология, таълими меҳнат, таҳсилот, низоми таълим, мактаб, хонанда, таҷриба.

## АНАЛИЗ ПЕРЕДОВОГО ПЕДАГОГИЧЕСКОГО ОПЫТА ЗАРУБЕЖНЫХ СТРАН В ОБЛАСТИ ПРЕПОДАВАНИЯ ПРЕДМЕТА ТЕХНОЛОГИИ

Статья посвящена одному из важнейших вопросов в области образования - анализу лучших педагогических практик зарубежных стран в области технологии (трудового воспитания) и основам технического образования. В наше время анализ и изучение лучших педагогических практик развитых стран в области планирования, разработки и преподавания технологии в средней школе считается полезным для системы образования нашей страны. В заключении сравнительного анализа следует отметить, что на следующем этапе научно-технического прогресса необходимо согласовать опыт зарубежных стран по изучению технологии в общеобразовательных школах, унифицировать программы и их быстрое изменение с вызовами современности. В связи с этим в данной статье исследуются системы технологии обучения в США, Великобритании, Болгарии и Германии. Особое внимание уделяется планированию и содержанию технологии обучения, общности и отличительным особенностям технологии обучения в этих странах, реформированию и модернизации системы политехнического образования, лучшим педагогическим практикам.Авторы считают, что решение проблемы в этой сфере в Республике Таджикистан заключается в сравнении, анализе, изучении и внедрении передового опыта зарубежных стран в образовании, что будет способствовать преподаванию географии мирового уровня.

**Ключевые слова:** технология, трудовое воспитание, образование, система образования, школа, ученик, опыт.

## ANALYSIS OF THE ADVANCED TEACHING EXPERIENCE OF FOREIGN COUNTRIES IN THE FIELD OF TEACHING THE SUBJECT OF TECHNOLOGY

The article is devoted to one of the most important issues in the field of education, the analysis of the best pedagogical practices of foreign countries in the field of technology (labor education) and the basics of technical education. Nowadays, the analysis and study of the best pedagogical practices of developed countries in the planning, development and teaching of technologies in secondary schools is considered useful for the education system of our country.In conclusion of the comparative analysis, it should be noted that at the next stage of scientific and technological progress, it is necessary to reconcile the experience of foreign countries in the study of technology in general education schools, to unify programs and their rapid change with the challenges of our time. In this regard, this article examines the systems of teaching technology in the United States, Great Britain, Bulgaria and Germany. Particular attention is paid to the planning and content of teaching technology, the generality and distinctive features of teaching technology in these countries, the reform and modernization of the polytechnic education system, and the best pedagogical practices.The authors believe that the solution to the problem in this area in the Republic of Tajikistan lies in the comparison, analysis, study and implementation of the best practices of foreign countries in education, which will contribute to the teaching of world-class geography.

**Keywords:** technology, labor education, education, education system, school, student, experience.

**Маълумот дар бораи муаллифон:*Азизов Шерзод Юсуфович* -** Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, номзади илмҳои педагогӣ, муаллими калони кафедраи нақшакашӣ, геометрияи тасвирӣ ва методикаи таълим. **Суроға**: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1. E-mail: azizovsher@bk.ru Телефон: **+992 92 788 3445.**

***Бобоева Шоиста Ҳакимовна* -** Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, доктoранти Ph.D, муаллими калони кафедраи нақшакашӣ, геометрияи тасвирӣ ва методикаи таълим. **Суроға**: 735700, Ҷумхурии Точикистон, шаҳри Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1. E-mail: boboevash2017@mail.ru Телефон: **+992 98742 6699/**

**Сведение об авторах: *Азизов Шерзод Юсуфович* -** Худжандский государственный университет имени академика Б. Гафурова, кандидат педагогических наук, старший преподаватель кафедры черчения, начертательной геометрии и методики преподавания **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, проезд Мавлонбекова, 1.E-mail: boboevash2017@mail.ru Телефон: **+992 98 742 6699**

***Бобоева Шоиста Хакимовна* -** Худжандский государственный университет имени академика Б. Гафурова,докторант Ph.D, старший преподаватель кафедры черчения, начертательной геометрии и методики преподавания. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, проезд Мавлонбекова, 1. . E-mail: boboevash2017@mail.ru Телефон: **+992 98742 6699**

**Information about the authors: *Azizov Sherzod Yusufovich* -** Khujand State University named after Academician B. Gafurov, Candidate of Pedagogy, Senior Lecturer of the Department of Drawing, Descriptive Geometry and Teaching

Methods **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekov proezd, 1.E-mail: **boboevash2017@mail.ru** Phone: **+992 98 742 6699 /**
***Boboeva Shoista Khakimovna*** **-** Khujand State University named after academician B. Gafurov, Ph.D. doctoral student, senior lecturer at the Department of Drawing, Descriptive Geometry and Teaching Methods. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekov passage, 1.. E-mail: **boboevash2017@mail.ru** Phone: **+992 98742 6699**

**УДК: 371.012**

# ШАРОИТИ ПЕДАГОГИИ ИНКИШОФИ ТАФАККУРИ ТЕХНИКИИ ХОНАНДАГОН

***Махкамов И.М.***
**Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров**

Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар сиёсати оқилонаи пешгирифтаи худ соҳаи маориф ва илмро яке аз самтҳои стратегии муҳимми давлату миллат қарор додааст. Вобаста ба ин, ба соҳаи маориф ва илм ҳамасола дар низоми буҷаи кишвар дар қиёс ба дигар соҳаҳо бештар маблағ ҷудо карда мешавад.

Дар ҳама мулоқоту суҳбатҳояш бо намояндагони аҳли зиё ва олимону ихтироъкорон ва дар маҷмӯъ бо тамоми шаҳрвандон, Пешвои миллат масъалаи мактабсозиву мактабдорӣ, китобхонию илмомӯзӣ ва ихтирои технологияҳои навинро баррасӣ намуда, дар ин ҷараён бевосита мусоидат менамоянд.

Дар Паёми ба Маҷлиси Олӣ моҳи декабри соли 2020 чунин қайд гардида буд: «Роҳбарону кормандони соҳаи маорифро зарур аст, ки дар баробари чунин дастгириҳои давлат ва афроди ватандӯст сатҳу сифати таълимро дар ҳар як муассисаи таълимӣ, сарфи назар аз шакли моликияти онҳо ва дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот баланд бардоранд. Инчунин, назорати азхудкунии донишҳои замонавиро пурзӯр гардонида, наврасону ҷавононро ба мутолиаи китобҳои бадеиву илмӣ ташвиқ намоянд, қобилияти эҷодии онҳоро тақвият бахшанд ва ба таълими фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир намоянд. Вобаста ба ин, пешниҳод менамоям, ки ба хотири боз ҳам беҳтар ба роҳ мондани омӯзиши илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ, инчунин, барои тавсеаи тафаккури техникии насли наврас солҳои 2020-2040 “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф” эълон карда шаванд» [9].

Мавриди зикр аст, ки дар раванди омӯзиши фанни технология (таълими меҳнат) хонандагони синфҳои 5-7 бояд на танҳо тарзи сохтани маснуоти одиро омӯзанд, балки технологияи истеҳсоли онро низ дар амал татбиқ намоянд.

Муваффақият дар ҳалли мушкилоти мазкур аз сатҳи тафаккури техникии хонандагон вобаста аст. «Технология –ин як шоҳаи дониш буда, раванди эҷодии истифодаи мунтазами захираҳо барои такмил ва рушди объектҳои нав, низомҳо, унсурҳои муҳити атроф бо мақсади қонеъ кардани ниёзҳо ва хоҳишҳои одамон мебошад» [8, с.3].

А.А.Азизов ва дигарон роҷеъ ба мафҳуми «технология» чунин қайд намудаанд: «...Дар адабиёти педагогӣ мафҳумҳои «технологияи педагогӣ», «технологияи таълим», «технологияи омӯзиш» ба мисли мафҳумҳои педагогика, таълим ва омӯзиш ба ҳам тавъаманд. Вобаста ба ҷараёни таълиму тарбия мафҳуми «технология»-ро ҳамчун санъати тадрис, таълим маънидод кардан бамаврид аст. Бисёр луғатҳои дузабона низ «технология»-ро ҳамчун маҷмӯи роҳу равишҳо барои санъаткорона, моҳирона иҷро кардани коре шарҳ медиҳанд» [1, с. 80].

Олимони тоҷик А.Э.Сатторов ва дигарон вобаста ба масъалаи мавриди назар чунин ибрози назар намудаанд: «...Ҳадафи асосии таълими фанни технология –ин дар хонанда ҳосил намудани дониш ва рушди фарҳанги иттилоотии хонанда, инчунин таълим ҷиҳати дар амалия истифода карда тавонистани донишҳои назариявӣ мебошад. Вазифаи омӯзгор дар ин раванд аз он иборат аст, ки ҳангоми дарс чунин усулҳо ва воситаҳоро истифода намояд, ки ба хонанда ҷиҳати ифода карда тавонистани фаъолияти худ, дар эҷодиёти техникӣ имконият фароҳам оварад» [11, с. 84].

Ногуфта намонад, ки маҳорати тасаввур карда тавонистани тасвири ҳамвор ҳамчун

шакл ё ҷузъиёт ва тасвири графикӣ ё схемавӣ ҳамчун усули фаъолият ба шумо имкон медиҳад, ки на танҳо масъалаҳои техникӣ, балки эҷодиро низ ҳал намоед. Барои тафаккури техникӣ муназзамӣ ва бомантиқии андеша, дақиқии рамз, маҳорати мушоҳида, таҳлил ва шарҳи мушоҳидаҳо хос аст. Масъалаҳои ташаккул ва рушди тафаккури техникӣ барои ҳалли масъалаҳои марбут ба таълим ва тарбияи хонандагон муҳим ба ҳисоб мераванд.

Олими машҳури рус М.Л. Шубас тафаккури техникиро таҳқиқ карда, онро «...ҳамчун яке аз шаклҳои воқеияти мантиқӣ, ки ба таҳия, эҷод ва истифодаи воситаҳои техникӣ ва равандҳои технологӣ бо мақсади дарк кардан ва табдили табиат ва ҷомеа дар шароити мушаххаси таърихӣ муайян мекунад» [14, с. 64].

Дар «Луғати психологӣ» олимони маъруфи рус Н.З.Богозов, И.Г.Гозман, Г.В.Сахаров вобаста ба мафҳуми мазкур чунин ибрози ақида намудаанд: «...тафаккури техникӣ ҳамчун фаъолияте, ки ба мустақилона ҷамъоварӣ ва ҳалли масъалаҳои техникӣ нигаронида шудааст, муайян карда шудааст» [2, с. 120].

Дар луғате, ки таҳти унвони «Мафҳумҳои асосӣ, истилоҳот, шеваи муҳим» олими рус С.М. Вишнякова таҳия намудааст, тафаккури техникӣ чунин тавзеҳ дода шудааст: «Яке аз механизмҳои асосии тарбияи меҳнат, таъмини ҷамъоварии дониши технологӣ ва таҷрибаи ташкили самараноки меҳнат, фаҳмидани натиҷаҳои фаъолияти меҳнатӣ; ташаккули муносибати эҷодӣ ба меҳант, хоҳиши оқилона кардани истеҳсолот; тавлиди болоравии эҳсосӣ ва садоқат» [3, с. 70].

Назарияи вусъатёфтаи тафаккур дар илми равоншиносӣ дар асарҳои олим С.Л.Рубинштейн мавҷуд аст. Ӯ таъкид мекунад, ки «...тафаккур ҳамчун фаъолияти субъекте, ки бо ҷаҳони объективӣ муносибат мекунад, фаҳмида мешавад. Раванди тафаккури техникӣ, пеш аз ҳама, таҳлил ва синтези чизест, ки таҳлил ҷудо мекунад; пас ин як абстраксия ва умумигардонӣ мебошад, ки аз онҳо бармеояд. Қонунҳои ин равандҳо дар муносибат бо ҳамдигар қонунҳои асосии дохилии тафаккур мебошанд» [10, с. 120].

Олими маъруфи рус Б.М.Теплов мафҳуми «тафаккури амалӣ»-ро чунин тасниф намудааст: «Тафаккури амалӣ раванди тафаккурест, ки дар ҷараёни фаъолияти амалӣ сурат мегирад. Хусусиятҳои тафаккури амалӣ, ки он бевосита ба фаъолияти амалӣ пайваст карда шудааст ва дар раванди он фавран санҷида мешавад. Ин дар назди қарори қабулшуда як навъ масъулиятро вогузор мекунад. Вай хусусияти характерноки ақли амалиро маҳорати ҳалли мушкилот дар шароити сахти замон мешуморад, ки дар он ҷо имкони пешгӯӣ ва санҷиши фарзияҳо мавҷуд нест» [12, с. 180].

З.И. Калмикова чунин иброз намудааст: «Хусусияти хоси тафаккури самаранок дар муқоиса бо тафаккури репродуктивӣ қобилияти мустақилона кашф кардани донишҳои нав мебошад. Аммо ин дониши субъективӣ набуда, дар раванди ҳалли масъалаҳои таълимӣ ба вуҷуд меояд, ки натиҷаи он ба даст овардани чизи нав мебошад ва донише, ки қаблан барои ин шахс номаълум буд, гарчанде ки ин кашфиёт аллакай дар таҷрибаи иҷтимоӣ мавҷуд аст. Тафаккури пурсамари мактаббачагонро ҳамчун асоси омӯзиш буда, он фарқи тафаккури истеҳсолӣ ва репродуктивиро аз нигоҳи «дараҷаи навоварии маҳсулоте, ки дар раванди фаъолияти ақлӣ дар робита бо дониши мавзӯъ ба даст оварда шудааст» асоснок мекунад» [4, с. 92].

Таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ зинаи дуюм барои маърифати технологӣ аст. Яке аз вазифаҳои муҳимми ин зина омода кардани хонандагон ба интихоби бошуурона ва масъулиятноки ҳаёт ва роҳи касбӣ мебошад. Воситаи асосии дидактикии технологияи таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ фаъолияти таълимӣ ва амалии хонандагон мебошад. Барномаи таълимии фанни технология (таълими меҳнат) ташаккули тафаккури техникиро дар мактаббачагон таъмин менамояд.

Тафаккури техникӣ ҷустуҷӯи воситаҳои муносибати табдил додани ҳаюло, яъне материя, қувва, яъне энергия ва иттилоотро ба маҳсулоте дар бар мегирад, ки одамон ба он ниёз доранд. Тафаккури инкишофёфтаи техникӣ имкон медиҳад, ки қоидаҳои кори мошинҳои қаблан номаълум ва агрегатҳо ва механизмҳои алоҳидаи онро хонанда зуд фаҳмад, ба нақшаи умумӣ ва дар кори қисмҳои иншоот сарфаҳм равад.

Як қатор таҳқиқоти заминавӣ, таҷрибавӣ ва амалии равоншиносии олимони машҳур

Т.В. Кудрявсев, В.С. Леднев, А.А. Толмачев, И.С. Якиманская ва дигарон ба рушди тафаккури техникӣ бахшида шудаанд.

Бояд гуфт, ки тафаккури техникӣ аз се қисмат иборат аст: мафҳум, тасвир ва амал.

Олими рус Т.В Кудрявсев дар корҳои илмӣ-таҳқиқотии худ чунин қайд кардааст: «Тафаккури техникӣ дар ҷое зоҳир мешавад, ки ҳадаф, вазифаи тафаккур бо ёрии олотҳо, техника ва дар куҷо дар ҷараён ва натиҷаи фаъолияти фикрӣ амалӣ карда мешавад, фаъолият чизи моддӣ эҷод мекунад» [5, с. 105].

Инчунин, олими мазкур дар дигар китоби худ чунин изҳори назар намудааст: «Дар зеҳни хонандагон мафҳумҳо, тасвирҳо, ки дар шакли тасаввурот ҷой доранд, имкон медиҳанд тасвири ҷисми ҳаҷмиро эҷод кунанд ва онро дар ҳалли масъалаҳои техникӣ истифода баранд. Дар марҳилаи аввал фаъолияти техникии хонандагон аз дарк ва мушоҳидаи объект оғоз меёбад. Бисёр муҳаққиқон бар он ақидаанд, ки барои рушди тафаккури техникии хонандагон иҷрои одитарин амсилаҳо, механизмҳо, инчунин маснуоти аз ҷиҳати дизайн сода зарур мебошанд» [6, с. 145].

Дар асоси пажуҳиши олим В.С.Леднев, мундариҷаи фанни технология (таълими меҳнат)-ро ба се ҷузъ ҷудо кардан мумкин аст: «...техникӣ, технологӣ ва техникӣ - технологӣ. Барои омӯхтани асосҳои бунёдии низоми техникӣ ва самаранокии раванди ташаккули тафаккури техникии хонандагон, бояд аз методикаи ҳалли масъалаҳои техникӣ истифода кард. Муҳим он аст, ки хонандагон танҳо пас аз фаҳмидани шарти масъала ба ҳалли масъала шуруъ мекунанд. Ҳадаф ҳалли масъала нест, балки воситаи рушди тафаккури техникии хонандагон мебошад. Инҳо метавонанд ҳамчун кашидани нақшаи ҷузъҳо ва масъалаҳои технологӣ дар машғулиятҳои технология (таълими меҳнат) ва вазифаҳое бошанд, ки ҳангоми интихоби асбоби зарурӣ, хизматрасонӣ ва таъмири таҷҳизот ва бисёр чизҳои дигар. Тафаккури техникӣ дар раванди ҳалли масъалаҳои нақшакашӣ ва технологӣ ташаккул меёбад, ки хонандагон бо онҳо дар дарсҳои технология (таълими меҳнат) шинос мешаванд. Дар раванди кор, хонандагон саволҳои возеҳ ва салоҳиятнокро меомӯзанд, ки онҳо бояд ба онҳо ҷавоб диҳанд, ҳангоми ҳалли чунин масъала, таҳти роҳбарии омӯзгор нақшаҳо ва схемаҳоро фаҳмида тавонанд» [7, с. 88].

А.А. Толмачев чунин изҳори назар намудааст: «...барои рушди тафаккури техникӣ дар хонандагон чизи асосӣ эҷоди муносибат ба ҷустуҷӯи эҷодӣ дар хонанда мебошад. Ҳар як хонанда аллакай савияи донишии худ, ҷаҳони кашфиёти худро дорад. Хусусиятҳои ҳар як хонандаро омӯхтан, кӯшиш кардан лозим аст, ки дар дастгирии психологӣ ва педагогии онҳо давомнокӣ ва муттасилӣ нигоҳ дошта шавад. Ҳар як хонанда аллакай савияи дониши худ, ҷаҳони кашфиёти худро дорад. Хусусиятҳои ҳар як хонандаро омӯхта, кӯшиш кардан лозим аст, ки дар дастгирии психологӣ ва педагогии онҳо давомнокӣ ва муттасилӣ нигоҳ дошта шавад. Ҳавасмандӣ яке аз ангезаҳои доимии фаъолияти инсон мебошад. Танҳо тавассути ҷалби таваҷҷуҳи хонандагон тафаккури технологӣ метавонад рушд кунад. Дар ниҳоят, дарк кардан ва тағйирёбии воқеияти атроф ба манфиати шахс ин як ҳадаф аст, ки бо ҷустуҷӯи посух ба саволи «чӣ гуна?» алоқаманд аст, на «чӣ?». Яке аз роҳҳои муҳимми рушди тафаккури технологӣ лоиҳаи эҷодӣ дар дарсҳои технология (таълими меҳнат) мебошад. Ин вазифаи таълимӣ – меҳнатӣ мебошад, ки дар натиҷа маҳсулоте ба вуҷуд оварда мешавад, ки навоварии субъективӣ ва баъзан объективӣ дорад. Одатан, лоиҳаҳои таълимӣ дар худ муаммое доранд, ки бояд ҳалли худро ёбанд ва ин маънои онро дорад, ки онҳо як ё якчанд масъаларо таҳия мекунанд. Бо истифода аз методи лоиҳавии таълим хонандагон тамоми технологияи ҳалли масъалаҳо аз гузоштани савол то пешниҳоди натиҷаро дарк мекунанд» [13, с. 110].

Аз таҳқиқоти олим И.С. Якиманская бармеояд, ки: «...дар рушди тафаккури техникии хонандагон нақши назаррасро тайёрии графикӣ мебозад, ки дар ҷараёни он қобилияти эҷоди тасвирҳои техникӣ ва истифодаи онҳо ташаккул меёбад» [15, с. 250].

Шакли асосии ташкили таълим дар соҳаи таълимии технология (таълими меҳнат) дарс аст. Он ҳама унсурҳои асосии раванди таълимӣ-тарбиявиро пешниҳод мекунад: ҳадафҳо, мундариҷа, воситаҳо, методҳо, ташкилот. Сифати дарс аз муайякунии дурусти

ҳар яке аз ин ҷузъҳо ва омезиши оқилонаи онҳо вобаста аст. Ягон дарс наметавонад ҳамаи масъалаҳои таълимиро ҳал кунад. Ин як қисми мавзӯъ, бахш, фанни таълимӣ мебошад. Ҳамеша огоҳ будан муҳим аст, ки он дар низоми фанни таълимӣ чӣ гуна ҷойгоҳро ишғол мекунад, ҳадафҳои дидактикии он чигунаанд. Дарс бояд як воҳиди мантиқии мавзӯъ, бахш, боб бошад. Ташкили дарс, ҳаҷми мундариҷа, интихоби метод ва воситаҳои таълим ва тарбияи хонандагон аз муайян кардани ҳадафҳои дарс вобаста аст.

Бо назардошти заминаи моддии устохонаи таълимӣ, таҷрибаи хонандагон ва таҷрибаи худи омӯзгор ва дар асоси мақсаду вазифаҳо, хусусиятҳои синнусолии хонандагон, маводи таълимию аёнӣ интихоб карда мешавад. Ҳангоми интихоби объекти меҳнат муаллим бояд сатҳи мураккабиро ба назар гирад, ки хонандагон ҳангоми сохтани он бояд бартараф кунанд.

Интихоби мавод, инчунин тамоми раванди таълим бояд аз рӯйи шарти «аз сода ба мураккаб» асос ёбад. Ин ҳангоми ба нақша гирифтани дарсҳо, ҳангоми ташкили омӯзиши мавзӯъҳо ва бобҳои барномаи таълимӣ аз ҷониби хонандагон ба назар гирифта мешавад.

Рушди тафаккури техникӣ дар хонандагон ҳангоми дарсҳои технология (таълими меҳнат) бо дарназардошти нуктаҳои зерин муваффақ хоҳад буд:

1. Фаъолияти техникии хонандагон дар низоми корҳои амалӣ сурат гирад. Қобилиятҳои тафаккури техникиро хонандагон дар дарсҳои технология (таълими меҳнат) дар натиҷаи кори амалӣ ба даст меоранд. Дар дастгоҳ кор карда, хонанда муддати дароз тибқи харитаҳои технологии тайёр ё дастури муаллимро иҷро намуда, ҷузъҳои гуногунро месозад. Дар ҷараёни таҷрибаи тулонӣ хонанда якчанд маротиба ҳамон ҷузъҳоро месозад. Дар натиҷаи ин такрор хонандагон таҷриба меомӯзанд ва малакаҳои тафаккури техникиро инкишоф медиҳанд.

2. Воситаҳои таълим ҳамчун воситаи дидактикии ташаккули тафаккури техникӣ истифода шаванд. Аксар вақт, раванди хондани ҳуҷҷатҳои техникӣ, ки дар шакли аёнӣ ва графикӣ ифода ёфтааст, ҳадафи асосии фаъолияти хонандагон мегардад. Ҳуҷҷатҳои гуногуни техникии ин намуд чунин восита мебошанд, ки хусусияти кор бо он бо раванди хониш, идрок, фаҳмиш ва амалиёти кор бо маводи аёнӣ ва вобаста ба ин, бо пайдоиши тасвирҳои фазоӣ ва онҳо алоқаманд аст.

Иҷрои супоришҳои якуми кори контролӣ, ки бо истифода аз методи Пулот ба хонандагон пешниҳод карда мешаванд (Расми 1), имкон медиҳанд, ки ҳар як хонанда донишҳои гирифтаи худро оид ба воҳидҳои ченаки дарозӣ дар амал татбиқ кунад. Маҳорату малакаи худро инкишоф ва мустаҳкам намоянд. Ҳар як хонанда бояд пеш аз ҳама ба шарти мисол дуруст диққат диҳад, мазмуни супоришро фаҳмад ва баъд ба иҷрояш шурӯъ кунад. Дар натиҷа ҳар як хонанда ба мазмуни супориш дуруст сарфаҳм рафта, аз пайи ичрояш мешавад. Дар натиҷа мо онро ба даст меорем, ки хонанда намуди супоришро медонад, роҳи ҳалашро медонад ва супоришро ҳал карда метавонад, натиҷаи ба даст овардаро тасдиқ карда метавонад. Яъне ба натиҷаҳои баланди таълими салоҳиятнокӣ расида метавонем.Технологияи тартиб додан ва дар шакли муколамагӣ инъикоскунии шартҳои супориши дуюм низ бо татбиқи методи Пулот сурат мегирад. Барои супориши 2 а) кӯшиш намудан зарур аст, ки қимати воридшавандаи шарташ он қадар адади калон нашавад, масалан то се рақам. Ба он дигар маҳдудиятҳо гузошта намешавад, зеро ҳангоми қимати воридшавандаи ин мисол аз 10 зиёд будан, он ҳатман дорои воҳиди метр мегардад. Сатрҳои барномаи зеринро тартиб медиҳем, ки қимати воридшавандаи шарташро муайян менамояд ва дар шакли муколамагии таъминоти барномавӣ инъикос менамояд:

*rd = rand()%98+52;*

*a = rd*abs(cos(float(ruz+mls-rd)) + cos(float(moh+rd-son)) - sin(float(bms-sol+rd)) + sin(float(mls-son-rd)) + sin(float(moh-bms+rd))) + rd;*

*while (a>803) a=a/2.624; a=int(a); Label23 -> Caption = a;*

Мақсади супориши 2 б) ба инкишофи маҳорату малакаи хонандагон ва мустаҳкамкунии дониши онҳо оид ба вобастагии байниҳамдигарии воҳидҳои ченаки метр ва километр равона гардидааст. Дар хонандагон донишҳо оид ба воҳиди метрро, ки бузургиаш калон буда, дар таркибаш километр мавҷуд аст, ба бузургиҳои километр ва метр ҷудо кардани он ташаккул медиҳад. Бо мақсади арзёбии объективонаи дониши

хонандагон оид ба ҷудокунии воҳиди метр ба воҳидҳои километр ва метр, ба ҳар як хонанда қимати адади супоришро гуногун пешниҳод намудан зарур аст. Ин амалро барномаи компютерӣ иҷро карда, раванди арзёбии дониш шакли фардиро мегирад. Фардикунонии раванди арзёбии дониш дар хонандагон мустақилиятро ба омӯзиши дониш водор намуда, маҳорату малакаи мисолҳалкунӣ ва сатҳи донишашонро баланд мебардорад. Бо ин мақсад сатрҳои зеринро ба матни барномаи компютерӣ илова менамоем:

```
rd = rand()%23113+1209;
a = rd*abs(cos(float(dq-rd+mls)) + sin(float(dq-son-rd-mls)) - cos(float( rd+moh-son)) - sin(float(rd-sol-bms+dq)) - cos(float(sol-mls+rd))) + rd;
while (a>17399.54) a=a/4.84; a=int(a); Label28 -> Caption = a;
```

Супориши 2 в) –и кори контролӣ аз супоришҳои 2 а) ва 2 б) фарқ дошта, дар он воҳиди ченаки дода шудаи см, ки қиматаш калонтар аст, ба бузургиҳои м, дм ва см ҷудо карда мешавад. Тавре дар мисоли 1 а) қайд кардем, қимати воридшавандаи шарти мисол бо ченаки см бояд аз 100 зиёд бошад, то дар таркибаш воҳиди ченаки м мавҷуд бошад. Супоришҳои 2 а) ва 2 б) замина барои омӯхтани роҳи ҳалли супориши 2 в) мебошанд. Барои тартиб додани мисоли супориши 2 в) бо истифода аз методи Пулот ва дар шакли муколамагии барномаи компютерӣ инъикос намудани он, ба матни барнома сатрҳои зеринро дохил мекунем:

```
rd = rand()%4006+68;
a = rd * abs(cos(float(dq-son+mls+rd)) - sin(float(moh-son-mls+rd)) - cos(float(bms+dq-rd)) + cos(float(rd+son-st+sol)) + cos(float(moh+son-bms+rd))) + rd;
while (a>3993.48) a=a/2.38; a=int(a); Label33 -> Caption = a;
```

Намунаи шакли муколамагии барномаи компютерӣ барои инъикоси варианти супоришҳои дуюми кори контролӣ дар Расми 2 оварда шудааст.




**Расми 2. Варианти супоришҳои дуюми кори контролӣ**

Супориши сеюми кори контролии мазкур аз ҳалли масъала оид ба татбиқи воҳидҳои ченаки дарозӣ иборат аст. Он дар худ донишҳои зимни иҷрои супоришҳои якум гирифтаро татбиқ карда, ҳама воҳидҳои ченаки дарозӣ ба метр табдил дода мешаванд. Ҳар се қимати воҳидҳои ченаки дарозиро ҷамъ карда, ҷавоби ҳосил шударо бо татбиқи донишҳои зимни иҷрои супоришҳои дуюм гирифта ба ченакҳои километр ва метр ҷудо мекунанд. Ин худ гувоҳӣ аз он медиҳад, ки ҷамъи ҳар се қиматҳои бо метр буда аз 1000 зиёд гардад. Иҷрои супориши сеюм дар хонандагон донишҳо оид ба табдили ченакҳо ва ҷудокунӣ ба комбинатсияи воҳидҳои ченаки дарозӣ ташаккул дода, мустаҳкам менамояд. Барномарезии он монанд ба барномарезии супоришҳои якум ва дуюм сурат мегирад. Намунаи варианташ дар Расми 3 оварда шудааст.




**Расми 3. Варианти супориши сеюм**

Матни барномаҳое, ки барои тайёр намудан ва инъикоси шартҳои супоришҳои кори контролӣ дар шакли муколамагӣ сохта шуданд, дар якҷоягӣ дар протседураи як тугмаи амрӣ ҷой медиҳем. Он тугмаи амриро дар шакли муколамагӣ ҷойгир намуда, номи матниашро “Супориш” мегузорем. Ҳар як хонанда мустақилона барномаи компютериро ба кор омода менамояд, ки дар натиҷа зуд варианти кори контролӣ дар шакли муколамагӣ инъикос мегардад. Хонанда ба иҷрои супоришҳо шурӯъ мекунад. Агар дигар вариантро интихоб кардан хоҳад, метавонад тугмаи амрии “Супориш”-ро пахш кунад, зеро миқдори вариантҳои кори контролии бо истифода аз методи Пулот тартиб дода шаванда беохиранд [2, саҳ. 186-193]. Аз кадом супориш сар карда, ба иҷрояш шурӯъ кард, фарқе надорад ва хонанда худаш мустақилона интихоб менамояд. Супоришеро, ки ҳал кард, ҷавобашро барои санҷиш ба барномаи компютерӣ тавассути клавиатура дастӣ дохил мекунад. Барои ин дар тарафи рости ҳар як супоришҳои якум ва дуюм ҷузъҳои идоракунии майдони матнӣ ҷойгир карда шудаанд, ки аз расмҳои овардашуда дида мешаванд. Дар супориши сеюм бошад, пас аз калимаи “Ҷавоб:” ҷойгир аст.

Дурустии ҷавобҳои аз тарафи хонанда ба барномаи компютерӣ дохил гардида бояд

тариқи худкор санҷида шавад. Ин аз як тараф фаъолият ва меҳнати омӯзгорро дар раванди гузаронидани кори контролӣ сода ва сабук менамояд. Аз тарафи дигар объективияти санҷиши дониш ва арзёбии салоҳиятҳоро таъмин намуда, ҳолатҳои субъективиро пешгирӣ менамояд.

Барои санҷиши ҷавоби дохилгардида ба шакли муколамагии он дигар тугмаи амриро илова карда, ба он номи матнии "Натиҷа" –ро мегузорем [3, 4, 5]. Ба протседураи он ворид шуда, матни барномаро барои санҷиши ҷавобҳои дохилгардида ҷойгир мекунем. Ҳамчун намуна матни барномаи санҷиши ҷавоби супориши 1 в) –ро меорем:

```
ed = Edit3 -> Text;
if (!ed.IsEmpty()) {
if (StrToInt(ed) == (StrToInt(Label14 -> Caption)/1000))
{Edit3 ->Color = clLime; hol+=3;} else Edit3 -> Color = clRed; }
```

Аз матни ин барнома маълум мегардад, ки санҷиши дурустии ҷавоб дар ҳолате гузаронида мешавад, ки агар ҷавоб дар майдони матнӣ дохил карда шуда бошад. Дар санҷиши ҷавоби супориши 1 в) қимати дар шарти супориш воридшуда ба 1000 тақсим карда мешавад, яъне метр ба километр табдил дода мешавад. Натиҷааш бо ҷавоби дохилкардаи хонанда санҷида мешавад. Агар ҷавоб дуруст бошад, пас ба хонанда барои иҷрои ин супориш 3 хол дода мешавад, ранги рангрезии ҷузъи идоракунии майдони матнӣ сабз мегардад. Агар ҷавоб нодуруст бошад, ба хонанда хол дода намешавад ва ранги рангрезии ҷузъи идоракунии майдони матнӣ сурх мегардад. Инъикоси рангрезӣ дар ҷузъи идоракунии майдони матнӣ зимни санҷиши ҷавобҳо ба омӯзгор имкон медиҳад, ки раванди иҷрои супоришҳои кори контролиро аз ҷойи исташ (нишасташ) идора намояд ва хулосабарорӣ намояд. Агар ҷавобҳо барои як супориш аз якто зиёд бошанд, пас санҷиши дурустии ҷавоб тавассути барномаи компютерӣ дар ҳолате иҷро мегардад, ки агар ҳама ҷавобҳо дохил карда шуда бошанд (барои супоришҳои 2 ва 3). Масалан, барои санҷиши ҷавоби дохилгардидаи супориши сеюм матни барнома ин аст:

```
ed = Edit12 -> Text; ed1 = Edit13 -> Text;
if (!ed.IsEmpty() && (!ed1.IsEmpty())) {
if (StrToInt(ed)*1000+StrToInt(ed1) == StrToInt(Label39 ->
Caption)+StrToInt(Label41 -> Caption)/10+StrToInt(Label44 -> Caption))
{Edit12 ->Color = clLime; Edit13 ->Color = clLime; hol+=9;}
else { Edit12 -> Color = clRed; Edit13 -> Color = clRed;}}
```

Пас аз пахши тугмаи амрии "Натиҷа" баҳои хонанда низ эълон карда мешавад. Дар аввал ҳар як ҷавоби дохилгардида санҷида шуда, барои дурустӣ холи муайян гузошта мешавад. Вобаста ба холҳои гирифта баҳои хонанда дар шакли анъанавӣ гузошта мешавад ва эълон карда мешавад. Агар ягон ҷавоб дохил нагардида бошад, ё ҷавобҳои дохилгардида хато бошанд, пас ба хонанда баҳои 2 (бад) гузошта мешавад. Инчунин пас аз пахши тугмаи амрии "Натиҷа", ин тугма ва тугмаи амрии "Супориш" пинҳон мегарданд. Тугмаи амрии дигар бо номи матнии "Давомдиҳӣ" пайдо мешавад [3, 5]. Агар хонанда ба хатогӣ роҳ дода бошад, ё баҳои паст гирифта бошад, пас бо пахши тугмаи амрии "Давомдиҳӣ" корро бо варианти ҷорӣ давом дода метавонад. Ранги ҳама ҷузъҳои идоракунии майдони матнӣ сафед гардида, ба реҷаи таҳриркунӣ ва дохилкунӣ мегузаранд. Хонанда хатогиашро ислоҳ карда, ҷавоби дурустро дохил карда, аз нав месанҷанд.

Лоиҳаи таъминоти барномавиро компилятсия намуда, дар натиҷа як файли барномавии ҳаҷман хурдро ҳосил мекунем, масалан бо номи ChDarozy.exe. Он файли барномавиро барои истифодабарӣ ҷорӣ мекунем. Ҳар истифодабаранда метавонад ин файли барномавии ChDarozy.exe –ро дар компютери кории худаш гузошта, ба кор омода намояд. Пас аз ба кор омода намудан, ҳамоно як варианти кори контролӣ пурра инъикос мегардад (Расми 4). Зеро дар шакли муколамагии он методи Click татбиқ карда шудааст:

```
void __fastcall TForm1::FormCreate(TObject *Sender)
{ BitBtn1 -> Click();}
```

Дар ин сатрҳои матни барнома BitBtn1 номи системавии тугмаи амрии "Супориш" мебошад. Маҳз ҳамин тугма як маротиба тариқи худкор пахш карда мешавад. Тавре қайд кардем, агар хонанда дигар вариантро интихоб кардан хоҳад, пас тугмаи амрии "Супориш" –ро пахш карда метавонад.




**Расми 4. Варианти кори контролӣ оид ба воҳидҳои ченаки дарозӣ**

Арзёбии объективонаи дониш ва салоҳияти хонандагон аз математика дар раванди гузаронидани корҳои контролӣ бо истифода аз методи Пулот, донишҳои хонандагонро ташаккул дода, мустақилияти онҳоро зимни иҷрои супоришҳо таъмин намуда, инкишоф медиҳад. Мустақилияти хонанда, ки инкишоф ёфт, ин замина барои дар оянда эҷодкор гардидани ӯ буда, имкон медиҳад, ки роҳ ва тарзҳои гуногуни ҳалли супоришҳои корҳои контролиро ҷустуҷӯй намояд. Дар ҳалли мушкилиҳои ба миён меомада мусоидат намуда, ҳамчун шахсият мустақилона саҳми худро гузорад. Хонанда бояд аз синни хурди мактабӣ завқманди донишҳои математикӣ гардида, ба мустақилкоркунӣ роҳ ёбад. Ҳар як хонанда бояд ба он ноил шавад, ки аз хурди донишҳои математикиро дар сатҳи баланд омӯхта, аз худ намояд ва мустақилона иҷро намудани супоришҳои математикиро ҳамчун асоси донишандӯзӣ дар амал татбиқ намояд. Ин натиҷаи салоҳиятнокӣ мегардад.

**Муқарриз: *Нугмонов Мансур* – доктори илмҳои педагогӣ, профессори ДДОТ ба номи С.Айнӣ**

**АДАБИЁТ**


1. Нугмонов М. Теоретико-методологические основы методики обучения математике как науки. - Душанбе, 2011. - 290 с.
2. Назаров А.П. Асосҳои методии барномасозӣ ва арзёбии салоҳияти хонандагон аз математика ва информатика дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (Монография). – Душанбе, 2020. – 226 с.
3. Назаров А.П. Арзёбии салоҳиятҳо ва таъмини объективияти санҷиши дониши хонандагон зимни гузаронидани кори хаттӣ оид ба ҳалли муодилаҳои квадратӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). 2019. №6. С. 181 – 188.
4. Назаров А.П. Методи нави гузаронидани корҳои санҷишӣ аз фанҳои математика ва информатика бо истифода аз компютер ва барномаҳои компютерӣ [Матн] / А.П. Назаров // Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. - 2020. №2, (35). - С. 87-92.
5. Назаров А.П., Раҷабов Ҳ.Х. Объективияти санҷиши дониши хонандагон аз фанни математика дар синфҳои ибтидоӣ дар муносибати босалоҳият // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). 2019. №10 қисми 2. С. 176 – 182.
6. Шуайбова О., Ҳамидова А., Одилова М., Рабиев С., Худойдодова М., Ҷонмирзоев Э., Ҳоҷибоева Ӯ. Математика. Китоби дарсӣ барои синфи 3-юм. - Душанбе, Маориф, 2018. - 208 саҳ.
7. Ҳамидова А., Назаров Д., Бобоева Ш., Ҷонмирзоев Э. Математика. Китоби дарсӣ барои синфи 4-ум. - Душанбе, Маориф, 2019. - 280 саҳ.
8. Раҷабов Т.Б. ва дигарон. Методикаи таълими математикаи синфҳои ибтидоӣ [Матн] / Бегимов Ҳ.Х., Рабиев С., Раҷабов Т.Б., Наҷмиддинов А.М. // Душанбе – 2020 с., - 233 саҳ.
9. Раджабов Т.Б. Использование методов анализ и синтеза при решении текстовых задач в начальных классах (на таджикском языке) //Вестник Таджикского национального университета. - Душанбе, 2017. - №3. Часть 2. - с. 203-207.
10. Қурбонов С., Нугмонов М., Ниёзов Ф., Ҷумъаев К.Қ. Маърифати таълим, ҷустуҷӯ ва бозёфт. Дастур барои худомӯзии омӯзгорони фанни математика. – Душанбе, 2012. –79 с.
11. Шарифов Ҷ. Асосҳои дидактикии ташаккули малакаҳои кори мустақилонаи донишҷӯён дар ҷараёни таълим. - Қурғон-теппа, 2014. - 245 с.
12. Родионов М.А., Акчурина Э.Х. Пути и средства организации текущего самоконтроля младших школьников в процессе обучения математике // Вестник Поморского университета. Серия Гуманит. и соц. Науки. 2008 год. №3, стр. 95.

**ТАШАККУЛДИҲИИ ДОНИШҲОИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ ОИД БА ВОҲИДҲОИ ЧЕНАКИ ДАРОЗӢ ВА АРЗЁБИИ ОБЪЕКТИВОНАИ ОНҲО БО ИСТИФОДА АЗ БАРНОМАИ КОМПЮТЕРӢ**

Дар мақола доир ба таъмини объективияти санҷиши дониш ва арзёбии салоҳияти хонандагон аз математика дар синфҳои 3 ва 4 оид ба воҳидҳои ченаки дарозӣ ва инчунин маводи кутоҳ оиди воҳидҳои ченаки масса мавод оварда шудааст. Технологияи сохтани барномаи компютерӣ бо истифода аз методи Пулот барои гузаронидани кори контролӣ оид ба воҳидҳои ченаки дарозӣ коркард шудааст, ки асоси навгонии мақоларо ташкил мекунад. Навгонии дигари мақола он аст, ки тарзи ташаккулдиҳии донишҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ оид ба воҳидҳои ченаки дарозӣ, гузаронидани кори контролӣ бо сарфи камтарини вақт ва сабук гардонии меҳнати омӯзгор нишон дода шудааст. Нишон дода шудааст, ки масъалаи таъмини объективияти санҷиши дониш ва арзёбии салоҳиятҳо аз математика дар синфҳои 3 ва 4 ба худ талаботу нозукиҳои хосеро дорост. Дар натиҷаи татбиқи методи Пулот ва истифодабарии барномаи компютерии сохташуда раванди кори контролӣ шакли фардиро гирифта, хонандагон завқманди донишандӯзӣ мегарданд. Мустақилияти хонандагон зимни иҷрои супоришҳои кори контролӣ таъмин гардида, инкишоф ва мустаҳкам мегардад. Дар мақола нишон дода шудааст, ки талабот ба таъмини объективияти санҷиши дониши хонандагонро аз математика аз синфҳои ибтидоӣ оғоз ва ба роҳ мондан зарур аст. Хонанда, ки дар синфҳои ибтидоӣ донишҳои хуби математикиро гирифт, дар синфҳои миёна ва болоӣ зимни омӯзиши математика душворӣ намекашад. Барномаи компютерӣ дар забони барномасозии сатҳаш баланд ва муосири C++ Builder аз бастаи барномаҳои RAD Studio сохта шудааст. Он танҳо аз файли барномавӣ иборат буда, ҳангоми ҷорӣ намудан ва истифодабарӣ дар раванди таълим ягон мушкилиро пеш намеорад. Истифодабариаш бениҳоят осон аст.



**Калидвожаҳо**: ченак, дарозӣ, воҳидҳои ченаки дарозӣ, арзёбии салоҳият, методи Пулот, барномаи компютерӣ, комбинатсияи воҳидҳо, барномасозӣ, мустақилият, фардикунонӣ.



**ФОРМИРОВАНИЕ ЗНАНИЙ УЧАЩИХСЯ НАЧАЛЬНОЙ ШКОЛЫ О ЕДИНИЦАХ ИЗМЕРЕНИЯ ДЛИНЫ И ИХ ОБЪЕКТИВНАЯ ОЦЕНКА С ПРИМЕНЕНИЕМ КОМПЬЮТЕРНОЙ ПРОГРАММОЙ**

В статье представлен материал по обеспечению объективности проверки знаний и оценке компетентности учащихся 3 и 4 классов по математике по единицам длины и кратко по единицам измерения массы. Разработана технология создания компьютерной программы с использованием метода Пулат для выполнения контрольных работ над единицами длины, что является основой новизны статьи. Еще одной новизной статьи является то, что в ней показано, как формировать у младших школьников знания о единицах длины и массы, проводить контрольную работу с минимальными затратами времени, облегчением труда и упрощением работы учителя. Показано, что вопрос обеспечения объективности проверки знаний и оценки компетенций по математике в 3 и 4 классах имеет свои требования и нюансы. В результате применения метода Пулата и использования разработанной компьютерной программы процесс контрольной работы принимает индивидуальную форму, у учащиеся появляется интерес к обучению. Самостоятельность учащиеся обеспечивается, развивается и укрепляется при выполнении контрольных заданий. В статье показано, что необходимо обеспечить объективность проверки знаний учащихся по математике начиная в начальной школе. Учащийся, получивший хорошие знания по математике в начальных классах, без труда изучит математику в средних и старших классах. Компьютерная программа разработана на высокоуровневом и современном языке программирования C ++ Builder из пакета программ RAD Studio. Он состоит только из программного файла и не вызывает никаких проблем при внедрении и использовании в процессе обучения. Это невероятно просто в использовании.



**Ключевые слова**: измерение, длина, единицы длины, оценка компетентности, метод Пулат, компьютерная программа, комбинация единиц, программирование, самостоятельность, индивидуализация.



**FORMATION OF KNOWLEDGE OF ELEMENTARY SCHOOL STUDENTS ABOUT THE UNITS OF LENGTH MEASUREMENT AND THEIR OBJECTIVE EVALUATION USING A COMPUTER PROGRAM**

The article presents material on ensuring the objectivity of testing knowledge and assessing the competence of students in grades 3 and 4 in mathematics by units of length and, briefly, by units of mass. A technology has been developed for creating a computer program using the Pulat method for performing control works on units of length, which is the basis of the novelty of the article. Another novelty of the article is that it shows how to form knowledge of units of length and mass in younger students, to carry out control work with a minimum of time, ease of labor and simplification of the teacher's work. It is shown that the issue of ensuring the objectivity of testing knowledge and assessing competencies in mathematics in grades 3 and 4 has its own requirements and nuances. As a result of the application of the Pulat method and the use of the developed computer program, the process of control work takes an individual form, students become interested in learning. Students' independence is ensured, developed and strengthened when performing control tasks. The article shows that it is necessary to ensure the objectivity of testing students' knowledge of mathematics, starting in elementary school. A student with good knowledge of mathematics in primary school will have no difficulty in learning mathematics in middle and high school. The computer program is developed in the high-level and modern programming language C ++ Builder from the RAD Studio software package. It consists only of a program file and does not cause any problems when implemented and used in the training process. It's incredibly easy to use.



**Key words**: measurement, length, units of length, assessment of competence, Pulat method, computer program, combination of units, programming, independence, individualization.



**Маълумот дар бораи муаллиф**: ***Раҷабзода Ҳаёт Хол*** – Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи А.Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, аспирант. Суроға: 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи Айнӣ 45. Телефон: **93-504-66-65**.

**Сведение об авторе**: ***Раджабзода Хаёт Хол*** – Институт развитие образования имени А. Джоми Академии образования Таджикистан, аспирант. Адрес: 734024, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Айни 45. Телефон: **93-504-66-65**.

**Information about the author**: ***Rajabzoda Hayot Hol*** **-** Institute for the Development of Education named after A. Jomi Academy of Education of Tajikistan, graduate student. Address: 734024, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Aini Street 45. Phone: **93-504-66-65**.

УДК:371.1

# АСОСҲОИ ПСИХОЛОГӢ ВА ПЕДАГОГИИ ИСТИФОДАИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТӢ ДАР ТАҲСИЛОТ

*Музаффаров Н.А.*
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Масъалаи татбиқ ва истифодаи технологияҳои иттилоотӣ (ТИ) дар соҳаи таълим муҳаққиқони зиёдеро ба худ ҷалб мекунад. Асарҳои Комилиён,Файзалӣ.Садулло., Мирзоахмедов Ф, Воҳидов У, Соҳибов Ф ва дигарон ба масъалаҳои мувофиқи мақсад будани истифодаи педагогӣ, омӯзиши имкониятҳо, самтҳои умедбахши рушд ва истифодаи ТИ дар соҳаи маориф бахшида шудаанд. Зиёда аз бист сол қабл Комилиён, Файзалӣ. Садулло дурнамои истифодаи воситаҳои техникиро дар таълим қайд карда буд:«Информатика -ин равияи мукаммали илмӣ буда ,характери байни фанни дорад.Вай дар инкишофи равияҳои дигари илмҳо таъсир расонида ,дар мутаҳидсозии илмҳо нақши муҳим меозад»

Тадқиқоти Комилиён,Файзалӣ.Садулло дар омӯзиши ҷанбаҳои психологию педагогии истифодаи технологияи компютерӣ дар таълим аҳамияти калон дорад [27]. Дар ин тадқиқотҳо диққати асосӣ ба он равона карда шудааст, ки компютер бояд ҳамчун "воситаи тавонои афзоиши самаранокии омӯзиш" , рушди ақлии инсон баррасӣ карда шавад, ки компютерҳо набояд муаллимро пурра иваз кунанд ва иваз карда наметавонанд, ки на кори у, на фаъолияти таълимии донишҷӯён ва мактаббачагонро пурра автоматӣ кунонад.Таҳқиқоти сершумор дар соҳаи психология исбот карданд, ки анализаторҳои визуалӣ нисбат ба анализаторҳои шунавоӣ қобилияти ба таври назаррас баландтар доранд. Чашм метавонад дар як сония миллионҳо битро дарк кунад, гӯш танҳо даҳҳо ҳазор. Иттилооте, ки ба таври визуалӣқабул карда мешавад, пурмазмунтар аст ва дар хотира беҳтар нигоҳ дошта мешавад. Сифати баландтарин азхудкунӣ бояд бо якҷоякунии бевоситаи калимаи муаллим ва тасвире, ки дар раванди таълим ба донишҷӯён нишон дода мешавад, ба даст оварда шавад. Иқтидори компютер ҳамчун воситаи асосии татбиқи (ТИ) имкон медиҳад, ки имкониятҳои таҳлилгарони визуалӣ ва шунавоӣ пурратар истифода шаванд. Ин, дар навбати худ, пеш аз ҳама ба марҳилаи ибтидоии азхудкунии дониш - ҳиссиёт ва дарк таъсир мерасонад. [28]. Пас аз он, сигналҳое, ки ҳиссҳо мегиранд, ба коркарди мантиқӣ дучор меоянд ва ба доираи тафаккури абстрактӣ меафтанд. Дар натиҷа, тасвирҳои сенсорӣба мулоҳиза ва хулосаҳо дохил мешаванд. Дар натиҷа, барои пешрафти бомуваффақияти марҳилаи навбатии раванди идрок - фаҳмиш замина фароҳам оварда мешавад. Дар марҳилаи фаҳмиш, истифодаи воситаҳои муоссири ТИ ба ташаккул ва азхудкунии мафҳумҳо, далелҳо ва дурустии мулоҳизаҳо ва хулосаҳо, барқарор намудани робитаҳои сабабу натиҷа ва ғайра мусоидат мекунад. Тибқи андешаи равоншиносон ва дидактикҳо, имкониятҳои аудиовизуалии компютерҳои муосир ба фароҳам овардани шароити зарурӣ барои раванди тафаккур, ки дар асоси фаҳмиш мавҷуданд, таъсир мерасонанд; дар хотира ҳамчун як хулосаи мантиқии раванди таълим нақши калон мебозанд, зеро онҳо бо эҷоди сигналҳои дурахшони истинодӣ ба муайян кардани маводи мантиқӣ мусоидат намуда, ба мустаҳкам намудани дониши бадастомада ва ба низом даровардани онҳо мусоидат мекунанд[29]. Таъсири эмотсионалии истифодаи ТИ дар раванди таълим ба тамаркузи диққати донишҷӯён ба мундариҷаи пешниҳодшуда мусоидат мекунад, шавқ ва муносибати мусбии эмотсионалӣ ба даркро ба вуҷуд меорад. Нигоҳ доштани диққат дар тамоми ҳамкории таълимӣ яке аз масъалаҳои мубрами педагогика мебошад. Ҳатто олими русс Ушинский Константин Димитривич қайд карда буд, ки диққати донишҷӯ як омили фавқулодда муҳимест, ки ба муваффақияти тарбия ва таълим мусоидат мекунад ва воситаҳои нигоҳдоштани диққатро нишон дод: тақвият додани таассурот, талабимустақим батаваҷҷӯҳ, чораҳои зиддиғофилӣ, таълими шавқовар. Се аз чаҳор воситаи нишондодаи Константин Димитривич Ушинский ба ТИ хосанд, ки дорои имкониятҳои васеи ифодакунанда ва техникӣ мебошанд, то ки таассуроти маводи пешниҳодшударо баланд бардоранд. Равоншиносон қайд мекунанд, ки истифодаи

компютер диққати ғайриихтиёрии донишҷӯёнро низ зиёд мекунад. Тағйр додани иттилооти видеоӣ дар экран диққати ҷиддиро талаб мекунад, зеро зеркунии беиҷозати тугмачаҳо боиси пайдоиши ҷавоби фаврии системаи компютерӣ дар шакли рӯйхатҳои равонак ё муколамаи интерактивӣ мешаванд. Тадқиқотҳо дар соҳаи психология ва педагогика нишон доданд, ки компютер қобилияти ташаккул додани қобилияти эҷодиро дар донишҷӯён дорад ва азхудкунии онҳоро дар сатҳи баланди дарк ва тафсир таъмин менамояд. Воситаҳои графикӣ имкон медиҳанд, ки дар экрани намоиш расмҳо, диаграммаҳо, графикҳо сохта шаванд ва фавран онҳо чоп карда шаванд, моделҳои ашёҳои гуногунро созад ва иҷрои онҳоро тафтиш кунад, падидаҳои олами атрофро ба тарзи симулятсия пешкаш кунад ва таъсири омилҳои гуногунро ба онҳо пешгӯӣ кунад. Донише, ки бо ёрии тасвирҳои садои экран ба даст оварда шудааст, гузариши минбаъдаро ба сатҳи олии маърифат - мафҳумҳо ва хулосаҳои назариявӣ таъмин менамояд. Илова ба аёниятҳои мавзӯӣ ва тасвирӣ, ТИ инчунин аёнияти мантиқиро таъмин менамояд, ки формулаҳои нутқро дар экран дар шакли нутқи хаттӣ, схемаҳои таснифот, схемаҳои муносибати консепсия, схемаҳои даврагӣ, воситаи пешниҳодкунандаи имконияти ҳиссиётро дар бар мегирад. Мақсади чунин тасаввурот додани тасвирҳо ба мафҳум, ғоя, унсури мантиқӣ мебошад. Воситаҳои ТИ қодиранд намоии мантиқиро дар шакли динамикӣ ва дар реҷаи инфиродии таълим пешниҳод кунанд.Ҳамин тариқ, мо метавонем ба хулоса оем, ки истифодаи босалоҳияти ТИ дар ҳама марҳилаҳои раванди омӯзгорӣ таъсири мусбат мерасонад:

- дар марҳилаи пешниҳоди маълумоти таълимӣ ба мактабача;
- дар марҳилаи азхудкунии маводи таълимӣ дар раванди ҳамкории интерактивӣ;
- дар марҳилаи такрор ва мустаҳкам намудани дониши бадастомада (малака);
- дар марҳилаи назорати мобайнӣ ва ниҳоӣ ва худидоракунии натиҷаҳои бадастомадаи таълим;
- дар марҳилаи ислоҳи ҳам худи раванди таълим ва ҳам натиҷаҳои он тавассути такмил додани миқдори маводи таълимӣ, тасниф, систематизатсия ва ғ.

Аммо дар айни замон, бояд дар назардошти, ки истифодаи ТИ (технологияи информатсионӣ) дар таълим метавонад як қатор оқибатҳои манфии марбут ба давомнокии вақти паси экрани мактабачаро ба бор орад.

Ин зарурати риояи қатъии стандартҳои эргономикии истифодаи компютерҳоро дар раванди таълимро дар назар дорад.

Самтҳои асосии истифодаи ТИ дар раванди таълим. Истифодаи ТИ имкон медиҳад, ки раванди таълим пурзӯр карда шуда, намудҳои гуногуни фаъолияти мактабача ташкил карда шаванд: 1) иттилоотӣ ва таълимӣ;2) таълимӣ ва бозӣ;3) таҳқиқоти таҷрибавӣ;4) мустақил.

Ин намудҳои фаъолият ба истифодаи фаъоли ТИ аз ҷониби муаллим ва донишҷӯён ҳамчун воситаи маърифат ва худшиносӣ, муаррифии мустақилона ва истихроҷи дониш, равона кардани "микро-кашфиёт" дар раванди омӯзишиҷаҳони атроф равона карда шудааст. Истифодаи ТИ дар раванди таълим на он қадар зиёд барои дастгирии шаклҳо ва усулҳои анъанавии таълим, балки эҷоди усулҳои тағирёбандае, ки ба ташаккули шахсиятпарастии мактабача мусоидат мекунанд, зарур аст. Ташкили фаъолияти номбаршудаи омӯзгор бо истифодаи ТИ омодагии махсуси касбии ӯро дар соҳаи истифодаи амалии ТИ ва татбиқи методии онҳоро дар раванди таълим талаб мекунад [5]. Биёед ба самтҳои асосии истифодаи ТИ дар раванди таълим бо назардошти мақсаднокии методологӣ ва имкониятҳои ТИ таваққуф намоем:

1) амалисозии ҷустуҷӯи мақсадноки иттилоот дар шаклҳои гуногун дар шабакаҳоиҷаҳонӣ ва маҳаллӣ, бақайдгирӣ, ҷамъоварӣ, ғункунонӣ, нигоҳдорӣ, коркард ва интиқоли он;

2) коркарди натиҷаҳои озмоиш;

3) назорати объектҳои воқеӣ (бо роботҳои таълимӣ);

4) ташкил ва гузаронидани таҷрибаҳои компютерӣ бо моделҳои виртуалӣ;

5) татбиқи назорати автоматикунонидашудаи ташкили фаъолияти таълимӣ;

6) таҳияи нармафзори таълимӣ бо мақсадҳои гуногун;

7) таҳияи маводи методӣ ва дидактикӣ;

8) таҳияи сайтҳои таълимӣ;

9) ташкили истироҳати зеҳнии донишҷӯён.

Дар раванди таълимии синфҳои ибтидоӣ, ҳамаи соҳаҳои номбаршудаи истифодаи ТИ дар ин ё он дараҷа сурат мегиранд, ТИ барои таҳияи методологӣ (таҳияи дарсҳо, тавсияҳои методӣ ва ғ.) Ва дидактикӣ (маводи илҳомбахш, маводи фароғатӣ, кортҳои вазифавӣ ва ғ.), мавод, ташкили бозиҳои интеллектуалӣ ва викторинаҳо, рушди ҳамкориҳои ППС барои мақсадҳои гуногун. Биёед дар бораи намудҳои маводи дидактикии бо истифода аз ТИ таҳияшуда ва намудҳои ППС муфассалтар таваққуф кунем. Маводи дидактикии дар мактаби ибтидоӣ васеъ истифодашаванда ва корпоратсияи ТИ Мтсгозой, ки барои таҳияи он заруранд, дар ҷадвали 1 оварда шудаанд

**Ҷадвали 1**

| № | Намуди маводи дидактикӣ | **Махсулоти барномавӣ** |
|---|---|---|
| 1. | Варақаҳои чопшуда (кортҳои супоришӣ, кроссвордҳо, муаммоҳо, диаграммаҳо, ҷадвалҳо, дастурҳо, ёддоштҳо вағ.) | MS Word, Paint MS Publisher, |
| 2. | Маводи тасвирӣ чоп карда шуда | MS Word, Paint, MS Publisher, |
| 3. | Бланки холии озмоишии чопшуда (кушода, пӯшида) | MS Word |
| 4. | Санҷиши электронӣ (кушода, пӯшида), кроссворд, ребусҳо бе коркарди автоматии натиҷаҳо | MS Word |
| 5. | Санҷиши электронӣ (пӯшида), кроссворд, муаммоҳо бо коркарди автоматии натиҷаҳои ҷорӣ | MS PowerPoint |
| 6. | Санҷиши электронӣ (кушода, пӯшида), кроссворд, ребусҳо бо коркарди автоматии натиҷаҳои ҷорӣ ва ниҳоӣ | MS Excel |
| 7. | Маводи электронии дидактикӣ барои таснифи объектҳои пешниҳодшуда, сохтани объектҳо аз унсурҳои тайёр | MS Word, Paint |
| 8. | Шаблонҳои электронӣ барои коркарди натиҷаҳои озмоиш, мушоҳидаҳо, саволномаҳо вағ. | MS Excel |
| 9. | Маводи намоишии мултимедия | MS PowerPoint |
| 10. | Маълумотномаҳои электронӣ, ҷадвалҳои истинод | MS Excel, MS Access |
| 11. | Дастурҳои электронии мултимедия барои омӯзиши мустақили мавод | MS PowerPoint |
| 12. | Дастурӣ электронии забонҳои барномасозӣ | Pascal,c++ |
| 13. | Дастурӣ электронии забонҳои барномасозӣ визуалӣ | Visual basic |
| 14. | Дастурӣ электронии вебсаҳифасозӣ | HTML |

Агар сухан аз боби нусхабардории ҳамон варианти якшаклаи супоришҳо мерафт, пас таҳияи маводи барои тақсимкунӣ чопшуда ҳамеша барои муаллим яке аз вазифаҳои заҳматталаб ва баъзан усули кӯҳнашуда будааст. Ин ба муаллимон кӯмак кард, ки технологияи кор дар протсессори каломи Word-ро зуд аз худ кунанд.Имруз дар ҷаҳон навъҳои мухталифи виростору пратсесорони матнӣ мавриди истифода қарор дода шудаанд: Бо боварии том гуфтан мумкин аст, ки самти аз ҳама дастрасу маъмули татбиқи компютерҳои фардӣ –эҷодкунӣ, нигаҳдорӣ ва расонидани санадҳои матнӣ (мактубу мақола, варақаву ҳисобот, роману достон ва ғайра) ба ҳисоб меравад. Барои тайёр намудани санадҳои матнӣ аз ду гуруҳи барномаҳо – виросторон ва протсессорони матнӣ истифода мебаранд.Агар тавассути виростори матнӣ санадро сохтан, таҳрир кардан, аз назар гузаронидан ва дар хотира сабт кардан мумкин бошад, пас бо ёрии протсессори матнӣ ба ғайр аз амалҳои зикршуда инчунин матнро форматбандӣ низ кардан мумкин аст. NotePad – виростори хеле одӣ буда, дар таркиби СА Windows ҷой дода шудааст;

• McEdit – компоненти менеҷери парвандаии mc (Midnight Commander) аз СА Linux буда, ба мисливиростори Edit аз MS DOS мебошад;

• KEdit – виростори хеле одӣ буда, дар таркиби KDE Linux ҷой дода шудааст;

• KWrite – виростори нисбатан пурқудрати KDE Linux мебошад;

• Emacs – менеҷери парвандаӣ ва виростори матнӣ буда, макрофармон (макрос) сохта

метавонад. Дар тамоми навъҳои Unix, аз ҷумла Linux мавҷуд аст. Онро дар MS Windows низ истифода бурдан мумкин аст;

• MS Word – протсессори матнӣ аз MS Office;

• StarWriter – протсессори матнӣ аз StarOffice. Ба Word монанд буда, ҳам дар муҳити СА MS Windows ва ҳам СА Linux якхела кор мекунад;

• LyX – протсессори матнӣ (KLyX дар KDE) буда, фармонҳои TeX ва LaTeX-ро қабул карда метавонад;

• Netscape Composer – протсессори матнӣ буда, фармонҳои HTML-ро қабул карда метавонад. Гунаҳои он ҳам барои СА MS Windows ва ҳам СА Linux сохта шудааст.Навъҳои барномаҳои пратсесори матни имруз бисёранд аз онҳо васеъ истифода мебаранд. Пратсесори матни 2003,2007,2010 ва ғайраҳо. Протсессори Word дар айни замон маъмултарин ва аз ҳама маъруфтарин воситаи нармафзори тамоми маҷмӯи MS Office мебошад.Барномаҳои пакетӣ **Microsoft Office** дар раванди таълим маводи дикдактики мебошанд.Барнома кори ҳисобу китоби мактаббачаро дар вариди дарс осон ва одди мегардонад.Барномаи Microsoft Excel барои сохтани ҷадвалҳои электронӣ яке аз воситаҳои пуриқтидор ва хеле машҳур ба ҳисоб меравад. Он низ ба мисли барномаи Microsoft Word ба гурӯҳи барномаҳои дастаи Microsoft Office дохил мешавад. **WORD (MicrosoftWord, Winword, MicrosoftOfficeWord)** – таҳриргари матнӣ (нашриёти рӯимизӣ) дар системаи оператсионии Windows бо як қатор имкониятҳо барои дохилкунии матни ҳуҷҷатҳо, таҳрири онҳо, гузоштани объектҳои мухталиф, ба амсоли графикҳо, расмҳо, формулаҳо, ҷадвалҳо, аксҳо ва ғайраҳо васоити пуриқтидор ба шумор меравад. Таъбирҳои мухталифи **Word**мавҷуданд **(Word - 7.0** аз Windows - 95, **Word - 97** аз OFFICE - 97, **Word - 2000** аз OFFICE - 2000, **Word - XP**аз OFFICE - XP, **Word - 2007** аз OFFICE - 2007). Ҳамаи таъбирҳо аз бисёр ҷиҳат ба ҳам монанданд, ки дар онҳо танҳо имкониятҳои таҳия намудани ҳуҷҷатҳо густариш ва афзоиш ёфтаанд. Аз ин рӯ, дар яке аз ин таъбирҳо кор карданро аз худ намуда, дар таъбирҳои дигар ба осонӣ кор кардан мумкин мебошад. Дар ин боб шумо бо имкониятҳои **MicrosoftOfficeWord - 2007** шинос мешавед[26]. Ӯ яке аз барномаҳоест, ки ба гурӯҳи барномаҳои дастаи MicrosoftOffice дохил мешавад.Барои ба кор даровардани барномаи **Word**, дар мизи корӣ тугмаи ПУСК - ро, ки дар шакли давра дар қисми чапи поёнии экран ҷой гирифтааст пахш намуда, ба менюи асосии система ворид мегардем. Пас аз он нишондиҳаидаи мушро ба банди «Все программы» (Ҳамаи барномаҳо) гузошта каме интизор мешавем. Дар экран рӯйхати барномаҳое, ки дар система ба қайд гирифта шудаанд, пайдо мегардад. Нишондиҳандаи мушро ба банди **MicrosoftOffice** гузошта, каме интизор мешавем дар экран рӯйхати барномаҳои Office - и пайдо мегардад, пас аз он мушро ба болои банди ***Microsoft Office Word***гузошта, тугмаи чапи онро пахш менамоем (Расми 1). Ба таври схематикӣ пайдарпайии ин фармонҳоро ба чунин шакл навиштан мумкин аст:*Пуск→Всепрограммы→Microsoft Office→Microsoft Office Word.* [9] Шаблонҳои электронӣ барои коркарди натиҷаҳои озмоиш, мушоҳидаҳо, саволномаҳо ва ғ. Ин барнома барои иҷрокунии ҳисоббарориҳои гуногун, ба амсоли ҳисобкуниҳои муҳосибӣ, молиявӣ, риёзӣ ва ғайра истифода бурда мешавад. Барномаи Excel - ро барои он ҷадвали электронӣ мегӯянд, ки объекти асосии он ҷадвали махсус мебошад. Ин ҷадвал ҳамаи амалиёти заруриро ба таври автоматӣ иҷро менамояд.

Ҷадвали электронии **Excel**- монанди дигар барномаҳое, ки дар муҳити **Windows** кор мекунанд, бо тарзҳои гуногун ба кор дароварда мешавад.

1. Нишондиҳандаи мушро ба болои тугмачаи **Пуск** гузошта, тугмачаи тарафи чапи онро якбор пахш мекунем. Менюи асосии **Windows** кушода мешавад. Зерменюи **программы**-ро бо нишондиҳандаи муш интихоб мекунем, дар тарафи рости он рӯйхати иловаҳои **Windows** пайдо мешавад. Аз ин рӯйхат **Microsoft Excel**-ро интихоб карда, тугмачаи тарафи чапи мушро пахш мекунем, ва дар натиҷа равзанаи барномаи **Excel** кушода мешавад.

2. Бо ёрии нишони (Тамға)-и **Microsoft Excel**, ки дар мизи кори **Windows** сохташуда аст, ба кор медароранд. Бо нишондиҳандаи муш ин нишонаро интихоб карда, тугмачаи тарафи чапи онро ду бор пахш мекунем, ва дар натиҷа равзанаи **Excel** дар мизи кори пайдо мешавад [9].Шаблонҳои электронӣ барои коркарди натиҷаҳои озмоиш, мушоҳидаҳо, саволномаҳо ва ғ.Дар ҳолати коркарди натиҷаҳои озмоиш ва мушоҳидаҳо барои мактабача роҳои одии тарзи ҳисобкуниро дар **Excel** дар раванди таълим нишон

медиҳем.Боядзикр кард,ки якчанд мисолҳоро дар тахтаи электрони менвисонем ва тарзҳои кори онҳоро нишон медиҳем.онҳо чунинад:

1. 2,5+3,5=6, 2.3.5-2.5= 1, 3.5*5=25, 4. 25:5=5

Ҳамаи мо медонем,ки ҳамаи ин амалҳо аз ҷиҳати математики хело осон ва одди мебошанд.Лекин инҳоро аз ҷиҳати равиши таълими информатика бояд дида бароем .Дар барномаи электрони чунин мешавад.Мисоли 1.2,5+3,5 -ро тавасути автомати дар дилхоҳ ячека бо аломати баробари (=) шуруъ менмоем. 1.Дар расми1. 

натиҷаи амали ҷамъ дар расми 1,1. 

2.Амали тарҳро иҷро мекунем.Аломати (=)-ро дар ячека менависем адади 3,5-2,5 аз як дигарашон кам мекунем.Дар расми 2.1. дар расми 2,2 натиҷаи амали тарҳ дар расм Ба мисли ду амале,ки мо дар боло иҷро намудем ба монанди ҳамонҳо амали зарбро низ иҷро менамоем.Дар расми 3.1 

натиҷа амали зарб дар расми 3.2 чунин оварда шудааст. 

. Инчунин амали тақсимро дар барномаи электрони ҳисоб менамоем.Дар расми 4.1 

натиҷаи амали тақсимро дар расми 4.2 мебинем дар натиҷа ҷавоби амали тақсим адади 5 баромад[3]. Агар мактабачаро тавасути таҷҳизотҳои муосир дарсро ба роҳ монем пас мактаббача ҳамаи кушишҳои худро баҳри омузиши он барномаҳое,ки нормафзорҳои дар компютер насб шудаанд равона месозад аз паи омузиши онҳо мешаванд.Зеро бо таҷҳизотҳои муосир дарсро ба роҳ мондан донишҷу аз ҷиҳати ҳам педагоги ва ҳам психологи ҷалб мегарданд.Бинобар ин барномаи электрони **Microsoft Excel** барномаи виростори адади меошад.Маводи электронии дидактикӣ барои таснифи объектҳои пешниҳодшуда, сохтани объектҳо аз унсурҳои тайёр.Имрӯз сохтани тасвирҳо дар компютер ба воситаи барномаҳои махсусе ба роҳ монда шудаанд, ки онҳоро виройишгарони графикӣ меноманд. **Графики растрӣ.** Дар графики растрӣ (raster - панчара) тасвир бо ёрии маҷмӯи нуктаҳои ранга сохта мешавад. Тасвири компютерии графики растрӣ дар шакли матритсаи росткунҷа ифода карда мешавад. Дар буриши сатру сутунҳои матритса катакҳо ҳосил мешаванд, ки онҳо аслан нуқтаҳои алоҳидаи тасвир мебошанд. Сатру сутунҳо ва катакҳои матритса ба тури нуқтаҳо монанд аст. Аз ин рӯ, ин гуна турро харитаи растрӣ ва ҷузъҳои алоҳидаи онро (нуқтаҳоро) пиксел мегӯянд. Ҳар қадар андозаи пикселҳои харитаи растрӣ хурдтар бошанд, дар экрани компютер тасвир ҳамон қадар саҳеҳтар намойиш дода мешавад. Азбаски чашми инсон нуқтаҳои аз ҳад хурди экранро ҷудо карда наметавонад, бинобар он вай харитаи растриро ҳамчун як тасвири яклухт қабул менамояд. Агар ҳангоми миқёсгирии тасвир андозаи он калон карда шавад, он гоҳ аз нуқтаҳои алоҳида иборат будани тасвирро баръало эҳсос кардан мумкин аст.Харитаи растрӣ массиви сеченакаеро мемонад, ки бо ёрии ду ченаки аввалаи он, мувофиқан, координатҳои пикселҳои тасвир дар ҳамворӣ ва ченаки сеюм - ранги пикселҳо муайян карда мешаванд. Азбаски ҳангоми сохтани тасвир дар графики растрӣ формулаҳои математикӣ истифода намешаванд, бинобар он бояд имконияти ҳалкунандагӣ ва андозаи тасвир дода шаванд[4]..

Графики растрӣ имконият медиҳад, ки хусусиятҳои асосии расм - равшанӣ, шаффофӣ ва амиқии ранг нигоҳ дошта шавад. Бо ёрии он тамоми навъи рангҳои тасвирро, ки ба рангҳои табиӣ хеле наздиканд, ифода кардан мумкин аст. Аз ҳамин сабаб ҳам тасвирҳои растрӣ бо аксҳои аслиашон бисёр монанд мешаванд. Тасвирҳои бо ёрии сканер нусхабардоришуда ва фотокамераи ракамӣ аксбардоришуда низ тасвирҳои растрӣ мебошанд. Ин гуна тасвирҳоро пеш аз ҳама бо ёрии барномаҳои графики растрӣ ва инчунин барномаҳои графики векторӣ, ҳангоми табдилдиҳии тасвирҳои векторӣ ба растрӣ, ҳосил намудан мумкин аст. Дар ин гуна мавридҳо форматҳои гуногуни парвандаҳои графики растрӣ рӯйи кор меоянд, ки ҳар кадомашон тарзи махсуси рамзгузории иттилооти графикиро истифода мебаранд.

Дар Интернет асосан ду формат - GIF ва JPEG истифода бурда мешаванд. Формати GIF (graphics interchange format - формати мубодилаи графикӣ) яке аз форматҳои маъмули графикӣ ба ҳисоб рафта, аз сахтафзорҳои компютерӣ вобастагӣ надорад. Ин формат барои дар шакли фишурда (зич) нигоҳ доштани тасвирҳои растрӣ пешбинӣ шудааст. Дар як парвандаи он якчанд тасвирро нигоҳ доштан мумкин аст. Аз ин рӯ, онро бештар барои сохтан ва нигаҳдории тасвирҳои аниматсионӣ (маҷмӯи кадрҳо) ва расмҳое истифода мебаранд, ки заминаи онҳо шаффоф аст. Формате GIF-ро мактабачагон барои дастӣ кашидани расмҳо хеле зиёд истифода мебаранд. Маҳдудияти асосии формати GIF - ин миқдори нисбатан камтари рангҳои (то 256-то) дар тасвир истифодашавандаи он мебошад. Ин миқдор ранг барои корбурди интернета пурра басанда аст, вале барои иҷрои корҳои касбии полиграфӣ, албатта, кифоягӣ намекунад. [5].

**Муқарриз:** ***Мирзоев А.Р.*** **– доктори илмҳои педагогӣ, профессори ДМТ**

**АДАБИЁТ**

1. Гейн А. Г, Сенокосов А. И «Информатика» М. Дрофа – 1998.
2. Комилов Ф. С, Ш. М Таиров «Информатика» - Душанбе, 2002-171с
3. Комилов Ф. С, Д. С Шарапов «Технологияи информатсионӣ» Синфи 8-9 Душанбе – 2006.
4. Комилов Ф. С, А. Р Додихудоев, Н. Н Меҳмонов «Асосҳои техникаи компютерӣ» Синфи 11, Душанбе – 2005.
5. Комилов Ф. С «Асосҳои информатика ва техникаи ҳисоббарор Бейсик» – Душанбе, ДДМТ – 1994.
6. Кушниренко А. Г … «Информатика» - М. Дрофа – 1998.
7. Кузнецов А. А, … «Основы информатики» М. Дрофа – 1998.
8. Лебедев Г. В, Кушниренко А. Г «12 лекций по преподаванию курса информатики» - М. Дрофа 1998
9. Мирзоахмедов Ф, Воҳидов У, Соҳибов Ф «Информатика дастури таълимӣ» Душанбе – 2012.
10. Магда Ю. С. NI Measurement Studio. Практика разработки систем измерения и управления на C#; ДМК Пресс - М., 2013. - **95** с.
11. .Маркелова Л. Н. Эксплуатация программоуправляемой вычислительной машины "Искра 226"; Машиностроение - М., **2017**. - **72** с.
12. . Мэтью Мак-Дональд WPF: Windows Presentation Foundation в .NET 4.5 с примерами на C# 5.0 для профессионалов; Диалектика / Вильямс - М., 2013. - **20** с.
13. Нейгел Кристиан , Ивьен Билл , Глинн Джей , Скиннер Морган , Уотсон Карли C# 2005 и платформа .NET 3.0 для профессионалов; Вильямс - М., **2017**. - **47** с.
14. Нортрап Тони , Вилдермьюс Шон , Райан Билл Основы разработки приложений на платформе Microsoft .NET Framework (+ CD-ROM); Питер, Русская Редакция - М., **2014**. - **79** с.
15. . Орипов М., Б.Бегалов ва дигарон. Технологияи ахборот. "Ношир." Тошкент- 2009 248 с.
16. Патрик Т. Visual Basic 2005. Рецепты программирования; БХВ-Петербург - М., 2013. - **57** с.
17. Пахомов Б. C/C++ и MS Visual C++ 2012 для начинающих; БХВ-Петербург - М., 2015. - **72** с.
18. Первин Ю. А. «Информационная культура. Компютер и слово» – М.М Дрофа 1996.
19. Симонович С, Евсеев Г, Алексеев А «Общая информатика» Учебное пособие для средней школы. – М; АСТ – ПРЕСС КНИГ, 2002.
20. Симонович С, Евсеев Г, Алексеев А «Практическая информатика» Учебное пособие. Универсальный курс – М; АСТ – ПРЕСС КНИГ, 2002.
21. Симонович С, Евсеев Г, Алексеев А «Специальная информатика» Учебное пособие. Универсальный курс – М; АСТ – ПРЕСС КНИГ, 2002.
22. Сафронов Игорь Visual Basic в задачах и примерах; БХВ-Петербург - М., **2016**. - **53** с.
23. . Симан Марк Внедрение зависимостей в .NET; Питер - М., **2017**. - **97** с.
24. Технологияҳои нав дар таълим. № 1. Моддаи 2010 с.11-14 ISSN 1815-6835. 42-43 .
25. Трусов М. А. Visual Basic .NET. Практическое руководство для начинающего программиста; НТ Пресс - М., 2015. - 32 с.
26. Шарипов Ш. А, Турсунов Р. Д «Дастури методӣ оид ба Access» /Муҳ. Масъул А. Ш Комилӣ/ - Душанбе ДТТ 2003.
27. Ҷумъаев М. Саволҳои омӯзиши босифати донишҷӯёни факултаи педагогӣ барои рушди шахсияти эҷодии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар рафти омӯзиши математика. Таҳсилоти ҷаҳонӣ - таҳсил дар ҷаҳон. Маҷаллаи илмию методӣ.No 4 (44) Москва 2011 69-72.
28. Ҷумъаев М. Моделсозии масъалаҳои математикӣҳамчун воситаи инкишофи тафаккури эҷодии хонандагон. Проблемаҳои муосири математикаи амалӣ ва технологияҳои иттилоотӣ- Ал ХОРАЗМИЙ 2009 Ҷилди №2. 273-276 с
29. Ҷумъаев М. Консепсияи ҳамгироӣ дар равиш ба математика. Маҷалла. GPU Воронеж.

## АСОСҲОИ ПСИХОЛОГӢ ВА ПЕДАГОГИИ ИСТИФОДАИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТӢ ДАР ТАҲСИЛОТ

Мақолаи илмӣ доир ба омӯзиши технологияи иттилоотӣ дар мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ равона карда шудааст. Чунончи дар замони имрӯза ба ҳамагон маълум аст, мардум бештар бо техника ва технологияи рақами сару кор дошта, таъсироти ҷиддиеро дар раванди психикӣ ва азхудкукунии мавзӯҳои дарсиро расонидааст. Мақолаи илмии мазкур ба масъалаиҳои муҳимми педагогӣ психологӣ мепардозад, ки муносибати субъективӣ ва объективиро нисбати мактаббачагон ва технологияи иттилоотӣ барқарор мекунад.Дар мақола роҳҳои пажӯҳиш ва раванди истифодашавии технологияи иттилоотӣ аз диди психологӣ ва педагогӣ баррасӣ гардидааст. Истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар раванди таълим на он қадар барои дастгирии шаклҳо ва усулҳои анъанавии таълим, балки бештар барои эҷоди усулҳои тағйирёбандае, ки ба рушди ба шахсият нигаронидашудаи донишҷӯён мусоидаткунанда, заруранд. Аз ҷониби муаллим ташкил кардани чорабиниҳои номбаршуда бо истифодаи технологияҳои иттилоотӣ омодагии махсуси касбии ӯро дар соҳаи истифодаи амалии технологияҳои иттилоотӣ ва истифодаи методии онҳо дар раванди таълим талаб мекунад.

**Калидвожаҳо:**татбиқӣ, методологӣ, таълим ва тарбия, тафаккур, психологияи таълимӣ, раванди таълим, идрок, дарк, фаҳмиш, ҳис , методи синтез, методи фаъолгардонӣ, раванди дарсгузаронӣ,методикаи таълими информатика,методи дидактикӣ.

## ПСИХОЛОГИЧЕСКИЕ И ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ ИНФОРМАЦИОННЫХ ТЕХНОЛОГИЙ В ОБРАЗОВАНИИ

Научная статья посвящена изучению информационных технологий в общеобразовательных школах. Как известно сегодня, люди в основном имеют дело с цифровыми технологиями и техникой, которые оказывают значительное влияние на умственный процесс и овладение предметными темами. В данной научной статье рассматриваются важные педагогические и психологические вопросы, касающиеся субъективного и объективного отношения к школьникам и информационным технологиям. В статье рассмотрены способы исследования и процесс использования информационных технологий с психолого-педагогической точки зрения. Использование

информационных технологий в учебном процессе необходимо не только для поддержки традиционных форм и методов обучения, но и для создания гибких методов, способствующих развитию личности, ориентированной на учащихся. Организация указанной деятельности учителем с использованием информационных технологий требует его специальной профессиональной подготовки в области практического использования информационных технологий и их методического использования в учебном процессе.

**Ключевые слова:** прикладная методология, педагогика, мышление, педагогическая психология, процесс обучения, восприятие, понимание, понимание, чувство, метод синтеза, метод активации, учебный процесс, методы обучения информатике, дидактический метод.

**PSYCHOLOGY AND PEDAGOGICAL BASES OF USE INFORMATIONTECHNOLOGYIN TRAINING**

The scientific article is devoted to the study of information technology in secondary schools. As is known today, people mainly deal with digital techniques and technologies that have had a significant impact on the mental process and mastery of subject topics. This scientific article examines important pedagogical and psychological issues, which restores the subjective and objective attitude towards schoolchildren and information technology. The article discusses the methods of research and the process of using information technologies from a psychological and pedagogical point of view, which is reflected in the books and works of scientists F. S. Komilion, F. Mirzoakhmedov, Yu. Vohidov, F. Sokhibov can be seen. Use information technologies in educational process is necessary not so much for support of traditional forms and methods of training, how many for creation of the variable techniques promoting the personal focused development ofpupils. The organization by the teacher of the listed kinds of activity with application information technologies demands its special vocational training in the field of practical use information technologies and their methodical application in educational process.

**Keywords:** applied methodology, pedagogy, thinking, educational psychology, learning process, perception, understanding, understanding, feeling, synthesis method, activation method, educational process, methods of teaching computer science, didactic method.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Музаффаров Ниёзбек Азизович*** **-** Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, муаллими калони кафедраи умумидонишгоҳии асосҳои технологияҳои иттилоотӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121. E-mail: **mniyoz.@mail.ru.** Телефон: **915 25-16-29**

**Сведение об авторе:** ***Музаффаров Ниёзбек Азизович*** - Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни, старший преподаватель общеуниверситетской кафедры основ информационных технологий. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 121 E-mail: **mniyoz. @ mail.ru**. Телефон: **915 25-16-29**

**Information about the author:** ***Muzaffarov Niyozbek Azizovich*** **-** Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, senior lecturer at the university-wide department of information technology fundamentals. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 121 E-mail: **mniyoz. @ mail.ru.** Phone: **915 25-16-29**

**УДК: 541.64:539.2**

# ИСТИФОДАИ ОМӮЗИШИ ПРОБЛЕМАВӢ ДАР ДОНИШГОҲҲОИ ОЛӢ

***Ахмедова З.П.***

**Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб**

Вобаста ба рушди ҷомеа ва нақши меҳнати зеҳнӣ дар пешрафти иҷтимоӣ талабот ба мутахассисони босалоҳият хеле зиёд гардидааст. Аз ин рӯ проблемаи баланд бардоштани сифати таҳсилот дар муассисаҳои олии кишвар ва омода намудани мутахассисони сатҳи ҷаҳонӣ ба миён меояд, ки ин масъала, пеш аз ҳама, дар истифодаи усулҳои фаъоли таълим ҳалли худро меёбад.

Дар зери мафҳуми усули фаъоли таълим чунин тарз ва қабули ангезаҳои омӯзгорӣ фаҳмида мешаванд, ки боиси ба фаъолияти зеҳнӣ водор намудани донишҷӯён гардида, дар онҳо муносибати эҷодкорона ва таҳқиқотиро ба вуҷуд меоваранд. Усули фаъоли таълим бояд дар донишҷӯён кӯшиши мустақилона дарк намудани масъалаҳои мураккаби касбӣ ва дар амал татбиқ кардани онҳоро барангезад.

Яке аз чунин усулҳое, ки боиси баланд бардоштани сифати таҳсилот, рушди тафаккур, ташаббус, фаъолият ва қобилияти эҷодии донишҷӯён гардида, барои аз тарафи онҳо пурсамар аз худ кардани дониш шароити мусоид ба вуҷуд меоварад, омӯзиши проблемавӣ ба ҳисоб меравад. Дар раванди омӯзиши проблемавӣ ҳам устод ва ҳам донишҷӯён фаъол мебошанд ва донишҷӯён донишҳоеро аз худ менамоянд, ки дар натиҷаи меҳнати пурзаҳмати фикрӣ, дар асоси эҷоди вазъиятҳои проблемавӣ ва ҳалли онҳо ба даст оварда мешаванд. Хусусияти хосси ин омӯзиш дар ҳамкории донишҷӯ бо устод ва донишҷӯёни дигар таҷассум меёбад. Дар раванди ҳамкорӣ донишҷӯён озодона фикру андешаҳои худро баён намуда, дар ҳалли проблемаи гузошташуда ба қадри имкон

мустақилият нишон медиҳанд. Омӯзгор дар ин лаҳза танҳо вазифаи роҳбалад ва нозири раванди фаъолияти донишҷӯёнро иҷро менамояд.

Бисёре аз муҳаққиқон омӯзиши проблемавиро бо ташаккули ҷаҳонбинии илмии донишҷӯён сахт алоқаманд медонанд, зеро ҷаҳонбинии илмӣ ба инсон имкон медиҳад, ки далелҳо ва ҳодисаҳои олами атрофро дуруст дарк ва эҳсос карда, онҳоро аз ҷиҳати илмӣ арзёбӣ намояд. Муҳимтарин унсурҳои сохтории ҷаҳонбинии илмӣ дониш, нуқтаи назар ва эътиқоди шахс мебошанд. Дониши илмӣ асоси ҷаҳонбиниро ташкил медиҳад. Бинобар ин истифодаи омӯзиши проблемавӣ дар муассисаҳои олӣ, пеш аз ҳама, ба рушди ҷаҳонбинии илмии донишҷӯён нигаронида мешавад. Вобаста ба ин, баҳри пурзӯр намудани омодагии касбии омӯзгорон ва донишҷӯён асосҳои маҳорати омӯзгорӣ инкишоф дода мешаванд. Қолибҳои ташаккули шахсияти омӯзгор, рушди қобилияти омӯзгории ӯро Н.В.Кузмина [1, с.105] ва пайравони ӯ таҳқиқ намуда, дар осори худ сохтор, функсияҳо, ҷузъҳои асосии фаъолияти омӯзгорӣ ва мундариҷаи системаи таълими омӯзгориро муайян карда, механизмҳо, пайдарпайӣ ва имкониятҳои ташаккул додани малакаҳо, қобилиятҳо ва сифатҳои касбии ба шахсияти омӯзгор муҳимро таҳлил намудаанд.

Асосҳои дидактикӣ ва методологии ҳалли масъалаҳои эҷодии омӯзгорӣ дар тарҳрезӣ ва гузаронидани дарс аз ҷониби А.В.Явношан омӯхта ва ба раванди таълим ворид карда шудаанд [2, с.20].Аммо, дар ин таҳқиқот танҳо вазъи кунунии раванди таълим ва истифодаи усули омӯзиши проблемавӣ дар дарсҳои физика ва масъалаи ба вуҷуд овардани вазъияти проблемавӣ дар дарс мавриди таҳқиқ ва омӯзиш қарор гирифтааст. Дар таҳқиқоти Т.И.Шалавина нишон дода шудааст, ки [3, с.129], истифодаи масъалаҳои проблемавӣ дар ҳама шаклҳои раванди таълим бо мақсади таҷдиди назар кардани тамоми таълим дар асоси муносибати проблемавӣ ғайриимкон аст. Мо метавонем дар бораи омезиши оқилонаи омӯзиши проблемавӣ бо усулҳои анъанавии ташкили раванди таълим суҳбат намоем.

Таҳлили дар боло овардашудаи адабиёт нишон медиҳад, ки айни замон бисёр масъалаҳои омӯзиши проблемавӣ дар адабиёти психологӣ, педагогӣ ва фалсафӣ фаро гирифта шудаанд. Аммо таҷрибаи омӯзиши проблемавӣ дар муассисаҳои олии кишвар, аз ҷумла дар муассисаҳои такмили ихтисоси муаллимон, ба таври васеъ истифода бурда намешавад ва донишҷӯён дар таҷрибаи ояндаи худ аз уҳдаи бартараф кардани проблемаҳо намебароянд. Барои исботи ин гуфтаҳо мо дар байни омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва аспирантон таҳқиқот гузаронида, дараҷаи омодагии устодони фанни физикаро барои гузаронидани таълими проблемавӣ мавриди баррасӣ қарор додем. Бо ин мақсад саволнома тартиб дода, дар байни устодон ва аспирантон пурсиш гузаронидем. Дар зер мундариҷаи саволнома ва натиҷаҳои таҳқиқот оварда шудаанд.

1. Шумо дар бораи омӯзиши проблемавӣ чӣ маълумот доред?
2. Оё Шумо дар дарсҳои худ аз омӯзиши проблемавӣ истифода мебаред?
3. Ба фикри шумо, омӯзиши проблемавӣ дар баланд бардоштани сифати таҳсилот чӣ нақш мебозад?
4. Моҳияти омӯзиши проблемавиро шумо чӣ гуна мефаҳмед?
5. Намунаҳои асосии тафаккури эҷодӣ кадомҳоянд.

Саволномаро 80 нафар пур карданд, ки аз онҳо 55 нафар омӯзгор ва 25 нафар аспирант мебошанд. Аз натиҷаи таҳқиқот маълумоти зерин ба даст оварда шуд:

Дар бораи омӯзиши проблемавӣ танҳо 24 %- и пурсидашудагон маълумот доштанд ва изҳор намуданд, ки дар дарсҳои худ аз омӯзиши проблемавӣ гоҳ – гоҳ истифода мебаранд.

Нақши омӯзиши проблемавиро дар раванди таълим ошкор намуда, бисёриҳо (96,5%) мутмаин буданд, ки ҳадафи асосӣ ва ягонаи омӯзиши проблемавӣ азхудкунии донишҳои нав мебошад. Боқимонда ин масъаларо ифшо накардаанд.

Зиёда аз 75% муаллимон ва тақрибан 90% аспирантҳо моҳияти омӯзиши проблемавиро намефаҳманд ва қонунҳои асосии тафаккури эҷодиро намедонанд. Моҳияти омӯзиши проблемавӣ, ба ақидаи онҳо, ба саволе мепайвандад, ки донишҷӯ аз

сабаби надоштани дониши зарурӣ ҷавоб дода наметавонад. Маълум шуд, ки танҳо 6% муаллимон дар бораи омӯзиши проблемавӣ маълумот дошта, метавонанд маводи таълимиро дар доираи падидаҳои асосӣ, мафҳумҳо, қонунҳо, назарияҳои омӯзиши проблемавӣ таҳия ва ба нақша бигиранд.Устодони дигар дар мавриди банақшагирӣ ва таҳияи системаи дарсҳои проблемавӣ душворӣ мекашанд, бинобар ин дар дарсҳои худ умуман аз ин усул истифода намебаранд. Ин вазъро, пеш аз ҳама, бо омодагии пасти умумии назариявии муаллимон ба фанни худ ва надонистани моҳияти омӯзиши проблемавӣ шарҳ додан мумкин аст.

Ҳангоми истифодаи омӯзиши проблемавӣ қобилияти эҷоди вазъияти проблемавӣ муҳим аст. Қариб ҳар як омӯзгори пурсидашуда чунин мешуморад, ки онҳо метавонанд дар ташаккули минбаъдаи мушкилоти таълимӣ вазъияти проблемавӣ эҷод кунанд. Аммо, маълумотҳое, ки дар асоси усулҳои дигари таҳқиқот ба даст оварда шудаанд (таҳлили иштирок ба дарсҳои устодон ва суҳбат бо онҳо) нишон медиҳанд, ки бисёриҳо вазъияти проблемавиро бо таҳияи вазифаи маърифатии дарс баробар медонанд. Ба ибораи дигар, фоизи муаллимоне, ки қобилияти эҷоди вазъи проблемавиро бо таҳияи минбаъдаи мушкилоти таълимӣ доранд, нисбат ба маълумоте, ки дар асоси худшиносии онҳо ба даст оварда шудаанд, тақрибан 2 маротиба камтар аст, яъне тақрибан 25% -ро ташкил медиҳад.Таҳлили натиҷаҳои таҷриба нишон дод, ки бисёриҳо (тақрибан 87%) хусусияти проблемавии таълимро дар таҷрибаи худ ҳамчун ҳавасмандгардонӣ - пешбари фаъолияти маърифатии донишҷӯён истифода намебаранд. Сабаби асосии ин дарк накардани моҳияти омӯзиши проблемавӣ, надонистани қонунҳои раванди тафаккури эҷодӣ, дар бораи роҳҳо ва шаклҳои ташкили таълими проблемавӣ мебошад.

Аксарияти муаллимон малакаҳои ташкили омӯзиши проблемавиро надоранд. Қобилияти онҳо дар таҳлили илмӣ ва методии маводи барнома бо мақсади нишон додани мушкилоти асосии курс, боб, мавзӯи мавриди омӯзиш душвории мушаххасро ба бор меорад. Мушкилоти асосии ташкили омӯзиши проблемавӣ барои муаллимон ҳангоми ҳалли масъалаи таълимӣ ва назорати фаъолияти зеҳнии донишҷӯён ҳангоми ҳалли масъалаи таълимӣ ба миён меояд, ки ин бо надонистани қонунҳои тафаккури эҷодӣ дар байни бисёр муаллимон (зиёда аз 75%) алоқаманд аст.

Аз натиҷаи таҳлилу мушоҳидаҳо ошкор гардид, ки нишондиҳандаҳои фаҳмидани моҳияти омӯзиши проблемавӣ дар байни омӯзгорон (зиёда аз 75% намефаҳманд) ва хатмкардагони донишгоҳҳо (тақрибан 90% намефаҳманд) баробар буда, роҳи асосии бартараф кардани ин камбудиҳо тавассути худомӯзӣ шарҳ дода мешавад. Танҳо 15% онҳо тавонистанд ин фарқро бо мурури замон рафъ кунанд. Чи тавре ки дида мешавад, аксарияти омӯзгорон моҳияти ин усулро нафаҳмидаанд ва табиист, ки дар фаъолияти кории худ аз низоми омӯзиши проблемавӣ истифода намебаранд. Таҳлилҳо нишон доданд, ки асосҳои психологӣ ва педагогии омӯзиши проблемавӣ ва методикаи истифодаи он дар адабиёти даврӣ ва монографӣ ба кулли омӯзгорон дастрас аст, вале аз натиҷаи таҳқиқоти илмии дар ин самт ҷараёнгиранда қисми ками омӯзгорон баҳраманд мебошанд. Ин далел ба мо имкон медиҳад, хулоса барорем, ки аксарияти омӯзгорон назария ва амалияи омӯзиши проблемавиро мустақилона аз худ карда наметавонанд ва натиҷаҳои таҳқиқоти илмии ин соҳа дар амалияи донишгоҳҳо суст татбиқ карда мешаванд.

Ба ақидаи мо, баҳри баланд бардоштани сифати таҳсилот бо истифодаи усулҳои фаъоли таълим, аз ҷумла усули омӯзиши проблемавӣ, пеш аз ҳама, омӯзгорони донишгоҳҳоро омода намудан даркор аст, ки дарсҳои худро на бо як усули маъмулӣ, балки бо усулҳои гуногун пуробуранг намуда, шавқу завқи донишҷӯёнро ба омӯзиши фанни физика бедор намоянд. Барои муайян кардани омодагии устодон ба истифодаи усулҳои фаъоли таълим ва омӯхтани вазъи кунунии истифодаи таълими проблемавӣ дар амалияи донишгоҳӣ мо тасмим гирифтем, ки вазъи кунунии раванди таълимро мавриди таҳқиқ қарор бидиҳем. Бо ин мақсад, мо усулҳои зерини тадқиқотро истифода кардем: пурсиши саволнома; шиносоӣ бо ҳуҷҷатҳои кафедраҳо, барномаҳои таълимии инфиродии омӯзгорон; мушоҳида ва таҳлили усулҳои кори омӯзгорон ҳангоми ташриф.

Истифодаи таълими проблемавӣ дар донишгоҳҳои омӯзгорӣ ба мо имкон медиҳад,

ки вазифаи дучонибаро ҳал кунем: фаъолияти маърифатии донишҷӯёнро рушд диҳем (вазифаи таълимӣ) ва онҳоро барои ташкили таълими проблемавӣ дар мактаб омода кунем (вазифаи касбӣ).Истифодаи усули проблемавӣ дар ташкили раванди таълимии донишгоҳи омӯзгорӣ, ки ба азхудкунии маводи таълимӣ ва рушди ақлии донишҷӯён мусоидат мекунад, худ аз худ масъалаи омодагии касбии донишҷӯёнро ҳал намекунад, зеро азхудкунии бомуваффақияти амалияи омӯзиши проблемавӣ ба дониши асосҳои психологӣ ва педагогии он (усулҳои мушаххас), шаклҳо ва қоидаҳои умумии он вобаста мебошад. Аз ин рӯ омода намудани омӯзгорон дар заминаи омӯзиши проблемавӣ дар донишгоҳ бояд дар асоси системаи дидактикии асоснок иҷро карда шавад ва дар раванди омӯзиш масъалаҳои зерин бояд ҳатман риоя гарданд:

1) дар доираи асосҳои назариявии психологӣ ва педагогии омӯзиши проблемавӣ омода намудани донишҷӯён;

2) баҳри баланд бардоштани сатҳу сифати таҳсилот истифодаи омӯзиши проблемавӣ дар таълими физика, математика, информатика;

3) ташаккул додани маҳорат ва малакаҳои амалии донишҷӯён оид ба ташкили омӯзиши проблемавӣ ҳангоми дарсҳои амалӣ, семинарҳо, дарсҳои методикаи таълими физика ва ҳангоми таҷрибаҳои истеҳсолӣ ва таҷрибаи омӯзгорӣ.

Дар асоси гуфтаҳои боло, дар системаи омодагии мақсадноки донишҷӯён барои истифодаи омӯзиши проблемавӣ якчанд марҳиларо шартан ҷудо кардан мумкин аст.

**Марҳилаи аввал.** Дар курсҳои психология ва дидактика донишҷӯён оид ба асосҳои психологӣ ва педагогии омӯзиши проблемавӣ дониш мегиранд. Дар баробари ин, азхудкунии маводи таълимӣ дар фанҳои махсус ва иҷтимоӣ вуҷуд дорад.

**Марҳилаи дуюм.** Дониши бадастомада дар методикаи таълими физика ҷорӣ карда мешавад. Ҳамзамон, донишҷӯён банақшагирӣ, таҳия ва гузаронидани дарсҳои проблемавии физикиро меомӯзанд.

**Марҳилаи сеюм.** Дар давраи таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ ва омӯзгорӣ донишҷӯён таҳлили илмӣ ва методии маводи таълимиро анҷом медиҳанд, то мушкилоти асосии фасли омӯхташударо ба нақша гиранд. Натиҷаҳои амалияи таълимӣ ҳамчун меъёри муҳимми омодагии донишҷӯён ба ташкили омӯзиши проблемавӣ хидмат мекунанд.

Вазифаи асосии таҳсилоти муосир шиноскунии мутахассисон бо рушди методологияи эҷодии ҷаҳон ба шумор меравад. Раванди эҷодкорӣ, пеш аз ҳама, кашфи чизи навро дар бар мегирад: объектҳои нав, дониши нав, масъалаҳои нав, усулҳои нави ҳалли онҳо.Аз ин ҷиҳат, омӯзиши проблемавӣ ҳамчун як раванди эҷодӣ дар шакли ҳалли масъалаҳои ғайристандартии илмӣ ва таълимӣ бо усулҳои ғайристандартӣ пешниҳод карда мешавад. Агар барои мустаҳкам намудани дониш ва малакаҳои амалӣ ба донишҷӯён вазифаҳои омӯзишӣ пешниҳод карда шаванд, пас масъалаҳои проблемавӣ ҳамеша ҷустуҷӯи роҳи нави ҳал мебошанд.

Таълими проблемавиро метавон омӯзиш дар ҳалли масъалаҳои ғайристандартӣ номид, ки дар давоми он донишҷӯён дониш, малакаҳои нав ба даст меоранд.

Дар амалия аксар вақт вазъиятҳои проблемавӣ ба таври стихиявӣ ба амал меоянд. Ин ҳолатҳои ҷустуҷӯи ҳақиқат дар шароити душвориҳои зеҳнӣ мебошанд, ки донишҷӯён ҳангоми ҳалли масъалаҳои ғайристандартӣ дучор меоянд. Хусусиятҳои хосси таҳсилоти олӣ дар давраи инқилоби илмӣ-техникӣ ва тамоюлҳои рушди таҳсилоти олӣ ба тарҳрезии таълими проблемавӣ дар самти алоҳидаи педагогикаи таҳсилоти олӣ дар асоси натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ, таҳияи консепсияҳои ибтидоии он, принсипҳо ва усулҳои педагогии он мусоидат менамояд.Ба сифати мисоли омӯзиши проблемавӣ мо якчанд масъалаҳоеро пешниҳод менамоем, ки устодон дар дарси физика метавонанд аз онҳо истифода намоянд ва худашон низ чунин масъалаҳоро эҷод намуда сифати таҳсилотро боло бардоранд.

Дар раванди шарҳи мавзӯи таъсири мутлақ, бо истифода аз қонунҳои бақои импулс ва энергияи механикӣ, ин мавзӯъро шарҳ медиҳад. Барои ин муаллим ба шогирдон мисоли зеринро меорад: Фарз мекунем, ки қабл аз таъсир ҷисмҳо массаҳои $m_1, m_2$ ва суръатҳои $\vartheta_1$ ва $\vartheta_2$ доранд. Пас аз зарба суръати онҳо ба $\vartheta_1'$ ва $\vartheta_2'$ баробар мешавад.

Барои чунин зарба, мо метавонем қонунҳои бақои импулс ва энергияи механикиро ба

тариқи зерин нависем:

$$m_1\vartheta_1 + m_2\vartheta_2 = m_1\vartheta_1' + m_2\vartheta_2'$$

$$\frac{m_1\vartheta_1^2}{2} + \frac{m_2\vartheta_2^2}{2} = \frac{m_1\vartheta_1'^2}{2} + \frac{m_2\vartheta_2'^2}{2}$$

Донишҷӯён вазифадоранд, ки суръати ҳаракати ҷисмҳоро пас аз бархӯрд муайян кунанд. Агар донишҷӯён ин масъаларо ҳал карда натавонанд, муаллим варианти дурусти ҷавобро дар шакли зерин пешниҳод мекунад ва аз онҳо хоҳиш мекунад, ки исбот кунанд:

$$\vartheta_1' = \frac{2m_2\vartheta_2 - (m_2 - m_1)\vartheta_1}{m_1 + m_2}; \quad \vartheta_2' = \frac{2m_1\vartheta_1 - (m_1 - m_2)\vartheta_2}{m_1 + m_2}$$

Моҳияти тафсири проблемавии ин мисол ва маводи таълимӣ аз он иборат аст, ки муаллим донишҳоро дар шакли муошират намемонад, балки дар назди донишҷӯён вазифаҳои мушкилтарро мегузорад, онҳоро водор месозад, ки роҳу усулҳои ҳалли онҳоро ҷустуҷӯ кунанд. Ҳуди мушкилот роҳро барои дониши нав ва роҳҳои амал боз мекунад.

Дониши нав на танҳо барои азхудкунии маълумот, балки барои истифодаи он дар ҳалли проблема дода мешавад. Бо стратегияи анъанавии педагогӣ - аз дониш то мушкилот - донишҷӯён наметавонанд маҳорат ва малакаҳои таҳқиқоти мустақили илмиро ташаккул диҳанд, зеро ба онҳо барои аз худ кардан натиҷаҳои тайёр дода мешаванд. Гегел нақши ҷустуҷӯи илмиро дуруст муайян карда, гуфтааст, ки натиҷа як кулли воқеӣ нест, балки натиҷа дар якҷоягӣ бо ташаккули он.Барои мисол, мо метавонем ду варианти нақшаи лексияро дар мавзӯи "Ҳаракати ҷисмҳо дар мавриди соиш" дар курси физикаи умумӣ оварем.

**Лексияи анъанавӣ.** Дар лексияи анъанавӣ омӯзгор дар бораи қувваи соиш, навъҳои он: соиши хушк, соиши оромӣ, соиши лағзиш, соиши ғелиш ва соиши тар маълумот дода, сабабҳои пайдоиши онҳоро таҳлил менамояд. Формулаҳои асосӣ ва татбиқи онҳоро шарҳ дода, дар бораи аҳамияти соиш дар рӯзгор ва техника маълумоти тайёрро пешкаши донишҷӯён мегардонад.

**Лексияи проблемавӣ.** Дар лексияи проблемавӣ бошад, омӯзгор дарсро бо гузориши проблема оғоз менамояд. Проблемагузорӣ бо воситаи саволу ҷавоб, гузориши масъала ва ҳалли он ба роҳ монда мешавад. Масалан, **Гузориши проблема:** Фарз мекунем, ки дар роҳи ҳаракати поезд ба ногоҳ ягон монеа ба вуҷуд омада бошад ва ронанда тормозҳоро ба кор дарорад. Аз ин лаҳза сар карда ба поезд кадом қувва таъсир мекунад? **Ҳалли проблемаи гузошташуда:** Аз лаҳзаи тормоздиҳӣ ба поезд танҳо қувваи соиш таъсир мекунад, зеро қувваи вазнинӣ бо қувваи реаксияи релсҳо мувозинат мегардаду қувваи муқовимати ҳаво хеле кам мебошад. Баъди ягон вақти t масофаи l – ро тай карда, поезд бозмеистад.

Донишҷӯёни азиз дар ҳаёти худ Шумо бо вазъиятҳои зиёде бармехӯред, ки бе омӯзиши мавзӯи мазкур аз ин вазъиятҳо ба осонӣ баромада наметавонед. Масалан, барои чӣ дар роҳи тар автомобилро боздоштан мушкил аст? Ангуштарии дар дастатон бударо, чӣ тавр ба осонӣ баровардан мумкин аст? Барои чӣ Шумо дар рӯйи сатҳи суфтаи ях ҳаракат карда наметавонед? Баъди таҳлили вариантҳои ҷавоби донишҷӯён омӯзгор дар бораи қувваи соиш маълумот медиҳад. Барои мустаҳкам кардани мавзӯъ омӯзгор масъала ва саволҳои зиёдеро ба донишҷӯён пешниҳод намуда, дар зеҳни донишҷӯён ангезаи азхудкунии марзи донишҳои илмиро ташаккул медиҳад. Танҳо ҳавасмандкунӣ метавонад омили муассири ҷалби фаъоли шахс ба раванди маърифат гардад. Пешниҳодҳо аз ниёзҳо пайдо мешаванд ва ниёзҳо бо таҷриба, муносибат, арзёбӣ, ирода, эҳсосот муайян карда мешаванд.

**Гузориши проблема:** Дар қитъаи роҳе барои нақлиёти автомобилӣ нишонаи суръати ҳудудии 30 км/ст гузошта шудааст. Дар ин қитъа ронанда тормоз дод. Корманди БДА аз рӯйи из муайян кард, ки роҳи тормозӣ ба 12 м баробар будааст. Оё ронанда қоидаи ҳаракатро вайрон кардааст? Зариби соиши хушки чархҳо аз болои асфалт ба 0,6 баробар аст.

**Ҳалли проблемаи гузошташуда:** Ба автомобил ҳангоми ҳаракат ду қувва таъсир мекунад. Мувофиқи қонуни дуюми Нютон:

$$F = F_к - F_c$$

Ҳангоми тормозхӯрии автомобил $F_к = 0$, он гоҳ қувваи натиҷавӣ ба қувваи соиш баробар мешавад. $F = F_c$; $ma = \chi mg$ ; $a = \chi g$

Азбаски ҳаракати автомобил собитшитоб сустшаванда мебошад, пас: $a = \frac{\vartheta_0^2}{2S}$

Аз ин ҷо: $\frac{\vartheta_0^2}{2S} = \chi g$ ва $\vartheta_0 = \sqrt{2\chi g S}$

Баъди ба формулаи охирин гузоштани қиматҳои ададии бузургиҳои матлуб меёбем, ки $\vartheta_0 = 42{,}8$ км/ст , яъне ронандаи автомобил қоидаи ҳаракат дар роҳро вайрон кардааст.

**Гузориши проблема:** Қувваи соиш дар ҳаёти мо чӣ нақш мебозад?

**Ҳалли проблемаи гузошташуда:** Дар ҳамаи вазъиятҳо қувваи соиш муқобили ҳаракати ҷисм равон аст, бинобар ин баъзан мегӯянд, ки нақши қувваи соиш дар ҳаёти мо манфӣ аст, зеро ба ҳаракат монеа мешавад. Беҳуда нест, ки барои кам кардани соиши лағзиш дар дохили қисмҳои нисбат ба ҳамдигар ҳаракаткунандаи механизмҳои гуногун сатҳҳои баҳамрасандаи онҳоро тоза ва равған мекунанд ё аз саққоҳои гуногун истифода мебаранд. Гӯё бе соиш хеле хуб бошад: чана ва борҳои гуногун мавриди набудани соиш аз роҳи уфуқӣ бе монеа аз рӯйи инерсия ҳаракат мекунанд, барои ин фақат зарур аст, ки ба онҳо каме суръат бахшида шавад. Аммо ҳаракати чана ва борҳои гуногунро дар ин шароит идора кардан имконнопазир аст. Барои ҳамин ягон кас дар зимистон дар роҳҳо об намепошад ва дар тобистон дар болои асфалт ягон намуд равған намерезад. Баръакс: роҳҳоро аз ях тоза мекунанд, сатҳи роҳро кӯшиш менамоянд, ки аз моддаҳои зиёдкунандаи соиш рӯйпӯш намоянд, чарххои автомобилҳоро бо мақсади зиёд кардани соиш суфта намесозанд. Аз ин ҷо хулосае бармеояд, ки нақши соиш дар ҳаёти мо на манфӣ, балки мусбат будааст.

Ин гуфтаҳо, пеш аз ҳама, ба соиши ором тааллуқ доранд. Фарз кардем, ки агар соиши оромӣ ба ногоҳ нест шавад, он гоҳ стакани обдорро ба даҳон бурдан, тӯбро ба даст гирифтан ғайриимкон мешавад, онҳо аз даст лағжида меафтанд. Соиши оромӣ ҳаст, ки ҷисмҳо дар ҷояшон ором меистанд. Агар соиши оромӣ мавҷуд намебуд, мо роҳ рафта наметавонистем: ҳангоми кӯшиши роҳравӣ мувозинатро вайрон карда меафтем. Ҳар як роҳ дар назари мо лағжонак метофт. Агар ба чунин роҳ мотори автомобилро ба ҳаракат дарорем, чарххои автомобил давр мезананд, вале автомобил ба пеш намеравад. Ин ҳодисаро баъзан ҳангоми ба лой дармондани автомобил мушоҳида кардан мумкин аст. Маҳз соиши оромӣ боиси ҳаракат кардани автомобил мегардад. Қайд кардан бамаврид аст, ки на танҳо соиши оромӣ, балки соиши лағзиш низ фоиданок аст. Дар замонҳои қадим одамон барои ҳосил кардани оташ, аз соиши лағзиш истифода мебурданд. Қувваи соиши лағзиш системаи тормозии автомобилҳо низ истифода бурда мешавад, бе он мошинро нигоҳ доштан имконнопазир аст.Ҳалли мушкилот дохил намудани тафаккури эҷодиро талаб мекунад. Равандҳои самаранокие, ки бо таҷдиди намунаҳои омӯхташуда алоқаманданд, дар вазъияти мушкилӣ бесамаранд.

Ба фаъолшавии тафаккури эҷодӣ муносибатҳои субъект-объект-субъект, ки аз ҳалли дастаҷамъонаи масъала бармеоянд, мусоидат мекунанд.Дар вазъияти омӯзишӣ се гурӯҳ мотивҳо мавҷуданд, ки баъзе равоншиносон онро ба ду гурӯҳ ҷудо мекунанд. Дар ҳарду ҳолат, тақсимот вобаста аз он ки дар асоси ангеза, ҳавасмандӣ ё ниёз ба дониш асос ёфтааст, ба амал меояд. Се гурӯҳи дар поён овардашуда бо шаклҳои анъанавӣ ва фаъоли таълим алоқаманданд, ки дар робита ба ин муаллифон пешниҳоди таснифи сеҷилдаро ба диққати хонанда мувофиқ медонанд.

Шавқ ба омӯзиш вобаста ба мушкилот пайдо шуда, дар ҷараёни меҳнати фикрӣ, ки бо ҷустуҷӯ ва ёфтани роҳи ҳалли мушкилот ё гурӯҳи масъалаҳо алоқаманд аст, инкишоф меёбад. Дар ин замина, манфиати дохилӣ ба миён меояд, ки онро ба қавли А.И.Герсен, «эмбриологияи дониш» номидан мумкин аст [5, с.128; 6, с.207].

Ҳамин тавр, ангезаи маърифатии ҳавасмандгардонӣ ҳангоми истифодаи усулҳои фаъоли таълим пайдо мешавад ва ба вуҷуд омада, ба омили фаъолгардонии раванди таълим ва самаранокии таълим табдил меёбад. Ҳавасмандии маърифатӣ шахсро ташаккул медиҳад, ки майлу қобилиятҳои худро инкишоф диҳад, ба ташаккули шахсият ва ошкор намудани неруи эҷодии ӯ таъсири ҳалкунанда мерасонад [7, с.154]

Ҳангоми пайдоиши маърифати ҳавасмандгардонӣ азнавсозии дарк, хотира, тафаккур, тағйирёбии манфиатҳо, фаъолшавии қобилиятҳои шахс, фароҳам овардани шароити зарурӣ барои иҷрои бомуваффақияти фаъолияте, ки ӯ ба он манфиатдор аст, рушд менамоянд. Аз ин рӯ, муайян кардани хусусиятҳои психологию педагогие, ки ба пайдоиши ҳавасмандии маърифатӣ ва табдили минбаъдаи он ба ангезаи касбӣ мусоидат

мекунанд, яке аз самтҳои стратегии рушди педагогикаи таҳсилоти олӣ ва технологияҳои инноватсионии таълим мебошад [8, с.252]. Муаллим бояд муошироти педагогӣ ва байнишахсиро тавре ба роҳ монад ва фаъолияти таълимии донишҷӯёнро тавре роҳбарӣ намояд, ки ҳавасмандии ноилшавӣ ба пайдоиши ангезаи маърифатӣ халал нарасонад ва таносуби онҳо боиси инкишофи мотивҳои маърифатӣ-ҳавасмандкунанда гардад.

Аммо ташаккул яке аз вазифаҳои омӯзиши проблемавӣ мебошад. Муваффақияти онро мантиқ ва мундариҷаи фаъолияти донишҷӯ муайян мекунад. Муҳимтарин хусусияти ҷанбаи мундариҷаи омӯзиши проблемавӣ инъикоси зиддиятҳои объективие мебошад, ки табиатан дар раванди шинохти илмӣ, таълимӣ ё ягон фаъолияти дигар ба вуҷуд меоянд, ки манбаи ҳаракат ва рушд дар ҳама соҳаҳо мебошанд. Маҳз ба ин муносибат омӯзиши проблемавиро метавон рушд номид, зеро ҳадафи он ташаккули дониш, фарзияҳо, таҳия ва ҳалли онҳост. Дар омӯзиши проблемавӣ, раванди тафаккур танҳо бо мақсади ҳалли вазъияти мушкиле фаъол карда мешавад, он тафаккурро барои ҳалли вазифаҳои ғайристандартӣ ташаккул медиҳад [9, с.169].

Омӯзгоре, ки бо омӯзиши проблемавӣ машғул аст, бояд сохт ва типологияи ҳолатҳои мушкилот, роҳҳои ҳалли онҳо, усулҳои педагогии муайянкунандаи муносибати мушкилотиро (проблемавиро) донад. Вазъияти проблемавӣ танҳо дар сурате аҳамияти педагогӣ дорад, ки агар дар он имконияти фарқ кардани роҳҳои ҳал мавҷуд бошаду донишҷӯёнро бо мушкиле рӯ ба рӯ созад, зеро барои бартараф намудани мушкилии пешомада, донишҷӯён аз манбаъҳои гуногун истифода бурда, дониши худро такмил медиҳанд. Аз ин рӯ, ҳангоми таснифи масъалаҳои проблемавӣ, шароит ё талаботи номуайян, маълумоти зиёдатӣ, зиддиятнок ва қисман нодуруст бояд ба назар гирифта шаванд. Чизи асосӣ дар омӯзиши проблемавӣ худи раванди дарёфт ва интихоби роҳҳои дурусти ҳал мебошад [4, с.213].

Гарчанде муаллим аз ибтидо роҳи кӯтоҳтарини ҳалли масъаларо медонад, вазифаи ӯ аз он иборат аст, ки раванди ҷустуҷӯро марҳила ба марҳила ба ҳалли мушкилот ва ба даст овардани дониши нав равона созад [10, с.130].

Баъзе муаллифон таълими проблемавиро ҳамчун як қатор вазифаҳои проблемавӣ муайян мекунанд, ки ҳалли пайвастаи онҳо боиси расидан ба ҳадафи дидактикии гузошташуда мегардад [11, с.105; 12, с.340].Ҳадафи асосии психологӣ ва педагогии омӯзиши проблемавӣ ташаккули маҳорат ва малакаи ҳалкунии проблемаҳои касбӣ мебошад, ки дар ҳар як фаъолияти мушаххас хусусиятҳои хосси худро дорад. Умуман, қобилиятҳои эҷодӣ хусусияти амалӣ доранд ва дар робита бо мавзӯъ муайян карда шуда, ба ташаккули қобилияти мушаххаси эҷодӣ, ба рӯъёи ғайристандартӣ табдил меёбанд [13, с.30; 14, с.70]:Дар охир барои ба вуҷуд овардани вазъиятҳои проблемавӣ пешниҳодҳои зеринро ироа менамоем:

• мушкилотро дар вазъияти ночиз бинед, вақте ки донишҷӯён саволҳое доранд, ки барои сатҳи муайяни омӯзиш ғайричашмдошт мебошанд, масалан: "Оё ҳаракати автомобилро тавассути муодилаи квадратӣ тавсиф кардан мумкин аст?";

• ба тарзи нав дидани сохтори ашёи ночиз (унсурҳои нави он, робитаҳо ва вазифаҳои онҳо ва ғ.), Масалан, тасаввуроти Шумо дар бораи ҳавопаймо, нақлиёти автомобилӣ бинокорӣ ва ғайра баъди 50 сол;

• ташаккул додани қобилияти истифодаи дониш ва малакаҳои қаблан бадастомада дар вазъияти нав (ташаккули мета-малакаҳо) Масалан, истифодаи қонунҳои Нютон барои мавриди ҳаракати ҷисм дар дохили моеъ.

Ҳамин тариқ, яке аз омилҳои асосие, ки омодагии пасти аспирантҳо ва омӯзгоронро дар татбиқи муносибати проблемавӣ ба таълим дар донишгоҳ муайян мекунад, фаъол сохтани раванди таълимии донишгоҳ ва омода намудани донишҷӯён мебошад.

**Муқарриз: *Истамов Ф.Х.* – н.и.ф.м., дотсенти ДМТ**

**АДАБИЁТ**


1. Кузьмина, Н. В. Профессионализм личности преподавателя и мастера производственного обучения / Н. В. Кузьмина. – М.: Высшая школа, 1990. – 119 с.
2. Явношан, А.В. Формирование основ педагогического мастерства в учебной работе у студентов университета: Автореф. дисс. . канд. психол. наук / А.В. Явношан Л., 1974. - 24 с.

3. Методика личностного и профессионального самоопределения детей - сирот: метод. пособие / Т. И. **Шалавина**, Л. С. Кочкина; Новокузнец. гос. пед. ин-т, Ин-т повышения квалификации г. Новокузнецка. - Новокузнецк : Издательство ИПК, 2002. - 132 с. : ил. - Библиогр.: с. 128-131. - 200 экз. - **ISBN** 5-7291-0276-3.
4. Раҳимов Ф.К. Оптимизация балльно-рейтинговой системы оценивания знаний студентов по физике в вузе // Проблемы педагогической инноватики в профессиональном образовании / Ф.К.Раҳимов, Дж. Б.Насимова, А.И. Дустов //Материалы XX Международной научно-практической конференции. Санкт-Петербург, 2019. -С. 212-215.
5. Насимова Дж.Б. Основные показатели работы высшего учебного заведения / Дж.Б.Насимова, А.И. Дустов, И. Ходжахонова, Ф.Истамов, Бузрукова Д., С.Одинаева // Материалы XXI Международной научно-практической конференции «Проблемы педагогической инноватики в профессиональном образовании». ***ISBN 978-5-8064-2871-5, УДК 377.3,*** Изд-во РГПУ им. А.И.Герцена, Санкт-Петербург, 2020, С.127- 129.
6. Насимова Дж.Б. Сущность балльно-рейтинговой системы контроля знаний и её роль в процессе обучения / Дж.Б.Насимова, А.И.Дустов, И.Ходжахонова, Ф.Истамов, Д.Бузрукова, Н.Махкамбоева // Материалы XXI Международной научно-практической конференции «Проблемы педагогической инноватики в профессиональном образовании»*. **ISBN 978-5-8064-2871-5, УДК 377.3,*** Изд-во РГПУ им. А.И.Герцена, Санкт-Петербург, 2020, С.206-211.
7. Дустов А.И. Методика использования проблемного обучения на занятиях с использованием современных технологий / А.И.Дустов, З.П.Ахмедова, Ф.Истамов // Материалы XXII Международной научно-практической конференции «Проблемы педагогической инноватики в профессиональном образовании»**. ISBN 978-5-89967-530-0*, УДК 377.3,*** Издательство ТОГИРРО, Санкт-Петербург-Тюмень, 2021, С.153-159.
8. Ахмедова З.П. Теоретические аспекты применения инновационных технологий на современном уроке при решении проблемной ситуации / З.П.Ахмедова, А.И.Дустов, Ф.Истамов // Материалы XXII Международной научно-практической конференции «Проблемы педагогической инноватики в профессиональном образовании». ISBN 978-5-89967-530-0*, УДК **377.3,*** Издательство ТОГИРРО, Санкт-Петербург-Тюмень, 2021, С.251-254.
9. Кривых, С.В. Рефлексивное обучение: теория и практика. Монография/ С.В. Кривых, М.В. Аниканов, Н.Г.Аниканова – СПб.: ФГКВОУ ВО «Санкт-Петербургский военный институт войск национальной гвардии Российской Федерации», 2017. – 172 с.
10. Методика личностного и профессионального самоопределения детей-сирот: метод. пособие / Т.И. Шалавина, Л.С. Кочкина; Новокузнецк, государственный педагогический институт, Институт повышения квалификации города Новокузнецка. - Новокузнецк: Издательство ИПК, 2002. - 132 с.
11. Шеховцов В.В. Проблемы и тенденции развития дополнительного профессионального образования / В.В. Шеховцов, И.Л. Гоник. – Текст: непосредственный // Вестник ЮУрГУ. Серия «Образование. Педагогические науки». – 2017. – Т. 9. - № 3. – С. 102–108.
12. Солодова Е.А. Новые модели в системе образования: Синергетический подход. Учебное пособие / Е.А. Солодова. Предисл. Г.Г. Малинецкого. – М.: Книжный дом «Либроком», 2012. 344 с.
13. Борисова Н.В. Методология модульного обучения и формирования модульных программ / Н.В. Борисова, В.Б. Кузов. - М.: Исследовательский центр проблем качества подготовки специалистов. – 2005. – 44 с.
14. Боярчук В.Ф. Межпредметные связи в процессе обучения: учебное пособие по спецкурсу / В.Ф. Борчук. – Вологда: изд-во ВГПИ, 1988. – 73 с.
15. Гусинский Э.Н. Построение теории образования на основе междисциплинарного системного подхода / Э.Н. Гусинский. – М.: Школа, 1994. – 184 с.

## ИСТИФОДАИ ОМӮЗИШИ ПРОБЛЕМАВӢ ДАР ДОНИШГОҲҲОИ ОЛӢ

Дар мақола муаллифон вазъи кунунии истифодаи омӯзиши проблемавиро дар раванди таълим мавриди таҳқиқ ва баррасӣ қарор дода, имконоти истифодаи омӯзиши проблемавиро дар раванди таълим пешниҳод кардаанд. Истифодаи ин усул дар дарсҳо боиси баланд гардидани сифати таҳсилот ва рушди эҷодкории донишҷӯён мегардад. Қайд карда шудааст, ки яке аз сабабҳои аз омӯзиши проблемавӣ истифода набурдани устодон, дар бораи усули омӯзиши проблемавӣ маълумоти пурра ва дақиқ надоштани онҳо мебошад. Истифодаи усули омӯзиши проблемавӣ дар ташкили раванди таълимии донишгоҳи омӯзгорӣ, ки ба азхудкунии маводи таълимӣ ва рушди ақлии донишҷӯён мусоидат мекунад, худ аз худ масъалаи омодагии касбии донишҷӯёнро ҳал намекунад, зеро азхудкунии амалияи омӯзиши проблемавӣ ба дониши асосҳои психологӣ ва педагогии он (усулҳои мушаххас), шаклҳо ва қоидаҳои умумии он вобаста мебошад. Аз ин рӯ омода намудани омӯзгорон дар заминаи омӯзиши проблемавӣ дар донишгоҳ бояд дар асоси системаи дидактикии асоснок иҷро карда шавад. Бисёре аз муҳаққиқон омӯзиши проблемавиро бо ташаккули ҷаҳонбинии илмии донишҷӯён сахт алоқаманд мекунанд. Таваҷҷуҳ ба истифода ва такмили омӯзиши проблемавӣ дар мактаби олии омӯзгорӣ заминаи омодагии касбии омӯзгорон ва донишҷӯёнро мустаҳкам менамояд. Ба сифати мисоли омӯзиши проблемавӣ якчанд вазъиятҳои проблемавӣ аз фанни физика пешниҳод гардидааст, ки устодон дар дарси физика метавонанд аз онҳо истифода намоянд ва худашон низ чунин масъалаҳоро эҷод намуда, сифати таҳсилотро боло бардоранд.

**Калидвожаҳо**: омӯзиши проблемавӣ, манбаъҳои электронӣ, таҳсилоти олӣ, технологияҳои нави иттилоотӣ дар раванди таълим, сифати таҳсилот, тафаккури эҷодӣ, маҳорат, малака.

## ПРОБЛЕМНОЕ ОБУЧЕНИЕ В ВЫСШИХ УЧЕБНЫХ ЗАВЕДЕНИЯХ

В данной статье авторы исследуют современную ситуацию с использованием проблемного обучения в учебном процессе и предлагают возможность использования проблемного обучения в учебном процессе. Использование этого метода на уроках приводит к повышению качества обучения и развитию творческих способностей студентов.Было отмечено, что одна из причин, по которой преподаватели не используют проблемное обучение, заключается в том, что они не имеют полной и точной информации о проблемном обучении. Использование проблемных методов в организации учебного процесса педагогического вуза, способствующих усвоению учебных материалов и интеллектуальному развитию студентов, само по себе не решает проблему профессиональной подготовки студентов, потому что самостоятельное проблемное обучение зависит от психологических и педагогических знаний и ее общих форм и правил. Поэтому подготовка учителей на основе

проблемного обучения в вузе должна основываться на здравой дидактической системе. Многие исследователи прочно связывают изучение проблем с формированием научного мировоззрения студентов. Акцент на использовании и улучшении проблемного обучения в педагогическом высшем образовании укрепляет основу для профессиональной подготовки учителей и студентов. В качестве примера проблемного обучения приведены ряд проблемных ситуаций в физике, которые учителя могут использовать на уроках физики, и они могут сами создавать такие проблемы и улучшать качество образования.

**Ключевые слова**: проблемное обучение, электронные ресурсы, высшее образование, новые информационные технологии в образовательном процессе, качество обучения, творческое мышление, навыки, компетенции.

**PROBLEM EDUCATION IN HIGHER EDUCATION INSTITUTIONS**

In this article, the authors investigate the current situation with the use of problem-based learning in the educational process and offer the possibility of using problem-based learning in the educational process. The use of this method in the classroom leads to an increase in the quality of teaching and the development of students' creative abilities.It was noted that one of the reasons teachers do not use problem learning is because they do not have complete and accurate information about problem learning. The use of problematic methods in the organization of the educational process of a pedagogical university, contributing to the assimilation of teaching materials and the intellectual development of students, in itself does not solve the problem of professional training of students, because independent problem learning depends on psychological and pedagogical knowledge and its general forms and rules. Therefore, the training of teachers based on problem-based teaching at the university should be based on a sound didactic system. Many researchers firmly associate the study of problems with the formation of the scientific outlook of students. The emphasis on the use and improvement of problem-based learning in teacher-training higher education strengthens the basis for professional training of teachers and students. As an example of problem-based learning, a number of problem situations in physics are given that teachers can use in physics lessons, and they can create such problems themselves and improve the quality of education.

**Key words:** problem learning, electronic resources, higher education, new information technologies in the educational process, quality of education, creative thinking, skills, competencies.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Ахмедова Зебинисо Партововна*** –Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб, **Сурога:** 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Кӯлоб, мкр.Борбад, 8.Телефон: **+992 989-11-44-72.** E-mail: **habibullo-n@yandex.ru**

**Сведение об авторе:** ***Ахмедова Зебинисо Партововна*** – Институт технологий и инновационного менеджмента в городе Куляб. **Адрес:** 735360, Республика Таджикистан, г.Куляб, мкр.Борбад, 8. Телефон: **+992 989-11-44-72.** E-mail: **habibullo-n@yandex.ru**

**Information about the author:** ***Akhmedova Zebiniso Partovovna*** **–** KuIob Institute of Technology anb Innovation Management. **Address:** 735360, Republic of Tajikistan, Kulob City, microdistrict Borbad, 8. Телефон: **+992 989-11-44-72.** E-mail: **habibullo-n@yandex.ru**

**УДК:372.84**

# ТАТБИҚИ ТАЛАБОТҲОИ ПЕДАГОГИИ ТАЪЛИМИ ИНТЕРАКТИВИИ ЗАБОНИ ХОРИҶӢ

***Одинаев К.Б.***

**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Бояд зикр кард, ки дар таҷрибаи таълимии донишгоҳҳо танҳо унсурҳои таълими интерактивӣ ё шаклҳо ва усулҳои инфиродии интерактивӣ истифода мешаванд (масалан, усули қазия; усули таҳқиқот; муҳокима; ҳафтаи конфронс; LMS Moodle, ки онро низ ҳамчун низоми мудирияти омӯзиш ё муҳити маҷозии омӯзиш арзёбӣ мекунанд. Ин вазъ аз он сабаб ба амал омадааст, ки омӯзгорон бештар ба амсилаи авторитарии ташкили фаъолияти муштарак бо донишҷӯён майл доранд ва камтар ба амсилаҳои роҳбарӣ ва шарик. Бо вуҷуди муносибати мусбат ба истифодаи шаклҳо ва усулҳои интерактивӣ дар амал, омӯзгорон вижагиҳои татбиқи усули интерактивиро дар таълим умуман ва дар таълими забони хориҷӣ (англисӣ) ба донишҷӯёни соҳаҳои гуманитарӣ амиқ дарк намекунанд. Масалан, натиҷаҳои ба даст овардаи мо дар натиҷаи пурсиши 58 омӯзгори забони хориҷӣ (2020) нишон медиҳанд, ки танҳо 66% (38 нафар) таъсири мусбати истифодаи таълими интерактивиро ба сатҳи тайёрии касбии донишҷӯён зикр мекунанд. Танҳо 41% (24 нафар) ба истифодаи усулҳо ва воситаҳои интерактивии таълими забони хориҷӣ дар донишгоҳ диққати кофӣ медиҳанд, 26% (15 нафар) баъзан онҳоро истифода мебаранд ва 32% (19 нафар) умуман истифода намебаранд. Дар навбати худ, шумораи зиёди донишҷӯён дар матнҳои рефлексӣ муносибати мусбатро ба истифодаи усулҳо ва шаклҳои таълими интерактивӣ иброз медоранд, аз ҷумла, 93% (66 нафар) таъсири мусбии онҳоро дар ташаккули қобилияти истифодаи забони хориҷӣ дар амал зикр мекунанд.

Таълими забони англисӣ ҳамчун дилхоҳ забони хориҷии дигар хусусиятҳои хоси худро дорад. Тавре ки муҳаққиқи тоҷик Ф.Ҳасанова менигорад: “Омӯзиши забони англисӣ дар сурате самара мебахшад, ки агар дар раванди таълим ҳам аз методҳои

анъанавии таълим ва ҳам аз тарзу усли нави таълим , ки мақсад дар ҳарду самт маҳз ба ташаккулу такмили салоҳиятҳои коммуникатсионии забони хориҷӣ равона карда мешаванд, ҳампоя истифода бурда мешавад» [6,с.242].

Корҳои озмоишию таҷрибавӣ оид ба ташкили таълими интерактивии забони хориҷӣ ба донишҷӯёни донишгоҳи гуманитарӣ дар заминаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ гузаронида шудаанд. Ҳадафи кори таҷрибавӣ татбиқи маҷмӯи шартҳо ва шаклҳои ташкили таълими интерактивӣ барои донишҷӯён дар соҳаҳои гуманитарӣ буд.Кори таҷрибавӣ-озмоишӣ ба ҳалли масъалаҳои зерин нигаронида шудааст:

-таҳия ва татбиқи шаклҳои интерактивии таълими забони хориҷӣ дар донишгоҳи гуманитарӣ дар корҳои синфӣ ва беруназсинфӣ (курси электронӣ; ҳафтаи конфронс);

-сохтан ва гузаронидани машғулиятҳои омӯзишӣ, ки шароити педагогии таълими интерактивиро амалӣ мекунанд;

-муайян намудани тағйирот дар фаъолият, ҳавасмандӣ ва муваффақияти таълимии донишҷӯён, ҳамчунин тағйирёбии мавқеи омӯзгор дар синф бо таъсири таълими интерактивӣ.

Мантиқи кори таҷрибавӣ марҳилаҳои омодагӣ, ташаккулдиҳӣ ва ниҳоии озмоишро фаро мегирифт. Дар марҳилаи омодагӣ таҷрибаи ташкили таълими интерактивии забони хориҷӣ дар Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионии ш.Кӯлоб ва Донишкадаи такмили ихтисос ва бозомӯзии муаллимон ва кормандони соҳаи маорифи ш.Кӯлоб омӯхта шуд, муносибати омӯзгорон ва донишҷӯён ба омӯзиши интерактивӣ таҳлил карда шуд, маҷмӯи шартҳо ва шаклҳои татбиқи таълими интерактивӣ аз ҷиҳати назариявӣ ва эмпирикӣ асоснок карда шуданд. Дар марҳилаи ташаккулдиҳӣ шароит ва шаклҳои таълими интерактивӣ дар реҷаи кори синфӣ ва беруназсинфӣ санҷида шуданд (сохтори дарси таълимӣ, ташкили ҳафтаҳои конфронс, истифодаи курсҳои электронии омӯзишӣ) санҷида шуданд. Дар марҳилаи ниҳоӣ интихоби усулҳои ташхис ва татбиқи онҳо барои муайян кардан ва тафсири натиҷаҳои корҳои таҷрибавӣ гузаронида шуданд.

Азбаски шакли асосии таҳсил дар донишгоҳ то ҳол дарсҳои синфӣ мебошад, дар доираи корҳои таҷрибавӣ омӯхтани он ки шароити педагогии таълими интерактивӣ бо истифода аз намунаи дарси омӯзишӣ ба донишҷӯён ба хониши касбии забонҳои хориҷӣ бахшида шудааст, муҳим буд. Одатан, таълими хониш бо забони хориҷӣ ба вазифаи асосӣ - тарҷумаи пурра, дақиқ ва фаҳмиши тамоми матн меояд. Мувофиқи таснифоти муҳаққиқи рус С.К.Фоломкина [10], чунин намудҳои хониш, ба монанди омӯзиш, муқаддима, тамошо ва ҷустуҷӯ мавҷуданд. Ин намудҳои хониш вазифаҳои гуногуни муоширатро амалӣ мекунанд, бо дараҷаҳои гуногуни фаҳмиши мундариҷаи матн, табиати гуногуни фаъолияти нутқ тавсиф мешаванд, ба тарзҳои гуногун амалӣ мешаванд ва барои ноил шудан ба ҳадафҳои гуногуни омӯзишӣ равона карда шудаанд. Чун қоида, маҳз рушди ҳама намудҳои хониш дар доираи як дарс калиди ташаккули муваффақонаи малакаҳои донишҷӯён дар хониши касбии забони хориҷӣ ба ҳисоб меравад. Дар баробари ин, омӯзгор на ҳамеша ҷанбаи интерактивии дарсро ба назар мегирад, ки ин, ба назари мо, самаранокии таълимӣ-мавзӯӣ ва тарбиявии онро коҳиш медиҳад.

Дар таълими интерактивӣ, дар муқоиса бо шаклҳои анъанавии хониши забонҳои хориҷӣ, сифати ҳамкории донишҷӯ ва омӯзгор тағйир меёбад ва: фаъолияти муҳассил фаъолияти омӯзгорро иваз мекунад, дар ҳоле ки вазифаи омӯзгор фароҳам овардани шароити педагогӣ барои фаъолсозӣ ва ташаббуси донишҷӯён мебошад.

Фаъолсозии фаъолияти таълимии донишҷӯён аз ҳисоби ҳавасмандии шахсӣ ва касбии донишҷӯён барои азхуд кардани малакаҳои хониши забони хориҷӣ ба амал меояд. Дар ҷараёни таълими хониши хориҷӣ дар реҷаи интерактивӣ, донишҷӯён дар асоси таҳлили матни хондашуда ё маълумоти гирифташуда ҳалли мушкилоти мураккаб, танқиди андеша, андешаҳои алтернативӣ, қарорҳои мулоҳизакорӣ, иштирок дар мубоҳисаҳо, муошират бо ҳамдигарро меомӯзанд. Барои ин, омӯзгор дар якҷоягӣ бо назардошти вижагиҳҳои касби ояндаи донишҷӯён ҳангоми интихоби матнҳои забони хориҷӣ кори муштараки донишҷӯёнро дар дарсҳои забони хориҷӣ ташкил мекунад.Мазмуни матнҳо метавонад ба омӯзиши забони англисӣ ҳамчун забони хориҷӣ дар донишгоҳҳои гуманитарии хориҷа, таҷрибаи хориҷии таҳсилоти олии касбӣ дар донишгоҳҳои гуманитарӣ, имконоти касбӣ дар Тоҷикистон ва хориҷи он марбут бошад. Инҳо метавонанд мақолаҳои илмии марбут ба фаъолияти касбии оянда бошанд. Манбаъҳои матнҳои забонҳои хориҷӣ китобҳои дарсии хориҷӣ, манбаъҳои интернетӣ мебошанд: тоҷикӣ, русӣ ва хориҷӣ, китобхонаи курсҳои электронӣ, вебсомонаҳои расмии донишгоҳҳо.Иҷрои шароити педагогиро дар мисоли дарси бахшида ба таълими хониши забонҳои хориҷӣ барои донишҷӯёни курси якуми ДДК ба номи А.Рӯдакӣ дида мебароем.

Мантиқи гузаронидани дарси таълимӣ ҳамчун шакли асосии ташкили таълими интерактивӣ ба мантиқи ташкили фаъолияти якҷояи таълимии омӯзгор ва донишҷӯён асос ёфта, марҳилаҳои зеринро фаро мегирад.

*Марҳилаи аввал.* Таъмид дар мавзӯи дарс ва фаъолияти муштарак. Вазифаи асосии марҳилаи аввал воридшавӣ ба муошират таълимӣ ва омода намудани донишҷӯён ба дарк ва омӯзиши матни нави забони хориҷӣ мебошад. Барои ин, дар ин марҳила, пас аз эълони мавзӯъ, омӯзгор саволҳоеро таҳия мекунад, ки таҷрибаи шахсӣ ва таълимии донишҷӯёнро таҳрик медиҳанд ва онҳоро ба омӯзиши ин мавзӯъ ҳавасманд мекунанд. Масалан, дар чаҳорчӯбаи мавзӯи «Таҳсилоти олӣ дар Тоҷикистон ва хориҷа» зерсохтори «Омӯзиши забони англисӣ ҳамчун забони хориҷӣ дар донишгоҳҳои гуногун ё мактабҳои забономӯзӣ» дар мисоли омӯзиши забони англисӣ пешниҳод карда мешавад. «Оё шумо дар донишгоҳ омӯхтани забони англисиро зарур мешуморед?» (Бале, не, чаро), «Ба фикри шумо, то чӣ андоза дар донишгоҳи ҷаҳони муосир омӯзиши забони англисӣ муҳим аст?», «Омӯзиши забони англисӣ бо касби оянда шумо чӣ алоқамандӣ дорад?», «Оё шумо бо низомҳои таълими забони англисӣ ҳамчун забони хориҷӣ шинос ҳастед?».

Ҳамин тариқ, дар марҳилаи воридшавӣ, дониши донишҷӯён тавассути мубодилаи озоди афкор, ҳавасмандкунӣ барои хондан ва дарк кардани матн ҳамчун манбаи иттилооти нави муфид амалӣ карда мешавад.

*Марҳилаи дуюм.* Ҷойгиркунии чорабиниҳои муштарак оид ба кор бо матни забони хориҷӣ. Вазифаи асосии марҳила рушди муошират таълимии иштирокчиёни фаъолияти муштарак тавассути хондан, таҳлил ва фаҳмиши санҷиши касбии забони хориҷӣ мебошад. Ин марҳилаҳоро фаро мегирад: хондани қаблӣ (марҳилаи омодагӣ ба дарки матни забони хориҷӣ); хондани фокус (хондани матн бо истифодаи файли аудио).Дида мебароем, ки фаъолияти муштараки омӯзгор ва донишҷӯён дар ин марҳила чӣ гуна сурат мегирад. Ҳангоми омодагӣ ба дарки матни забони хориҷӣ, омӯзгор ҳамроҳ бо донишҷӯён калимаҳо ва ибораҳоро, ки дар матни забони хориҷӣ рух медиҳанд, таҳлил мекунад. Натиҷаи ин кор тарҳрезии калимаҳо ва ибораҳои душвор ва маъноҳои онҳо дар шакли истиноди «варақаи фиреб» мебошад. Марҳилаи хондани матн бо истифодаи файли аудио қадамҳои зеринро фаро мегирад:

- Озмоиши хониш бо сабти аудио (Reading). Омӯзгор матни забони хориҷиро тақсим карда, ба сархатҳо тақсим мекунад ва вазифаҳои асосии кор бо матнро шарҳ медиҳад. Ба донишҷӯён тавсия дода мешаванд, ки аввал сабти аудиоии матнро гӯш кунанд ва матни навишташударо пас аз баландгӯ ба таври визуалӣ пайгирӣ кунанд.
- Муайян кардани калимаҳо ва ибораҳое, ки маънои асосии сархатро инъикос мекунанд. Пас аз гӯш кардани матн аз донишҷӯён хоҳиш карда мешавад, ки калимаҳо ва ибораҳои калидиро, ки маънои асосии ҳар як бахшро инъикос мекунанд, ба овоз монанд. Барои ин, ҳар як донишҷӯ аввал мустақилона калимаҳо ва ибораҳоро барои худ муайян мекунад, ки маънои асосии ҳар як бахшро инъикос мекунанд ва сипас дар ҷуфт онҳо ҳамдигарро муҳокима мекунанд, пурра мекунанд ё калимаҳо ё ибораҳои интихобшударо равшан мекунанд. Дар ин ҳолат нақши омӯзгор ба ташкили кори гурӯҳ ва машварати донишҷӯён кам мешавад.

*Такрори гузариш.* Дар ин марҳила донишҷӯён ба гурӯҳҳои хурд тақсим карда мешаванд (3-4 нафар). Ҳадафи кори гурӯҳ иборат аз тарҷумаи кӯтоҳи матни шунидаашон, сархат ба банд бо истифода аз калимаҳо ва ибораҳое мебошад, ки маънои матни забони хориҷиро инъикос мекунанд, ҳамчунин бо истифода аз луғати аллакай дастрас ва истиноди иттилоот. Донишҷӯёни гурӯҳ нақлро дар дохили гурӯҳ тақсим мекунанд ва сипас ривояти худро ба шунавандагон пешниҳод мекунанд. Пас аз иҷрои ҳама гурӯҳҳо, такрори пешниҳодшуда муҳокима карда мешавад ва матни ягонаи (мувофиқи) такрори бо тавзеҳот ва иловаҳо ташаккул дода мешавад. Нақши омӯзгор ба ташкили муҳокима ва асоснок кардани интихоби варианти дақиқтарини такрори коҳиш дода мешавад.

*Марҳилаи сеюм.* Инъикоси дарки матн ва фаъолияти муштарак дар синф. Ҳадафҳои марҳила: мустаҳкам намудани малакаҳои таҳлили матн, такмил додани малакаҳои муколама, мубоҳисаҳо бо забони англисӣ, баҳодиҳии сатҳи дониши малакаҳои муошират забони хориҷӣ. Дар ин марҳила, омӯзгор донишҷӯёнро даъват мекунад, ки ба ҷуфтҳо тақсим шуда, дар асоси саволҳои пешниҳодшуда дар заминаи мавзӯи дарс муколама ташкил кунанд. Натиҷаи супориш муаррифии муколама мебошад.Ҳамзамон, омӯзгор вазифаи ташкилотчӣ-мушовир, коршиносро иҷро мекунад.Биёед зикр кунем, ки дарс ҳамчун шакли ташкили таълими интерактивӣ мавқеъҳои гуногуни иштирокчиёни фаъолияти муштаракро дар татбиқи ҳар як марҳила пешбинӣ мекунад (ниг. Ҷадвали 1).

**Ҷадвали №1. Мавқеи омӯзгор ва донишҷӯён дар марҳилаҳои гуногуни ташкили дарс**

| Марҳилаҳо | Мавқеи омӯзгор | Мавқеи донишҷӯ |
|---|---|---|
| Марҳилаи I. Таъмид дар мавзӯъ ва фаъолияти муштарак | Ташкилотчӣ. | Ҳамшарики иҷрогар |
| Марҳилаи II. Ҷойгиркунии фаъолияти муштараки матни хориҷӣ | Мушовир, модератор | Иштирокчӣ (кори фронталӣ ва гурӯҳӣ) |
| Марҳилаи III. Инъикос дар бораи фаҳмиши матн ва ҳамкорӣ | Ташкилотчӣ-мушовир, коршинос | Иштирокчӣ (кор дар ҷуфтҳо). |

Ҳамин тариқ, дарси тарбиявӣ, ки шакли асосии кори синфии донишҷӯён мебошад, ба туфайли омӯзиши интерактивӣ имкон медиҳад:

а)мантиқи татбиқи он бо назардошти сохтани фаъолияти муштараки омӯзгор ва донишҷӯён; б)мавқеи махсуси иштирокчиёни фаъолияти муштарак; в)ҳамгироии малакаҳои таълимӣ, муоширатӣ ва касбӣ; г)истифодаи роҳҳои гуногуни ҳамоҳангсозии иштирокчиён (як, ҷуфт, гурӯҳ, якҷоя) таъмин карда шаванд.

Мо дарси пешниҳодшудаи омӯзиширо ҳамчун як намуна мешуморем, зеро ҳамаи дарсҳо дар марҳилаи ташаккулёбии кори таҷрибавӣ, новобаста аз самти таълимӣ ва мавзӯъии онҳо, дар ҳамин мантиқ сохта шудаанд.

**Ҷадвали №2. Татбиқи шароитҳои педагогӣ дар доираи гузаронидани машғулияти таълимӣ оид ба забони хориҷӣ.**

| Шароитҳои педагогӣ | Татбиқи шароитҳои педагогӣ дар доираи машғулияти таълимӣ |
|---|---|
| Фаъолгардонии фаъолияти таълимӣ ва касбии донишҷӯён дар раванди таълимии донишгоҳ тавассути баланд бардоштани сатҳи ҳавасмандии донишҷӯён ба фаъолияти касбии | Интихоби мавзӯъҳо барои мубоҳиса. Мубодилаи афкор. Кори гурӯҳӣ. Муколама. Муҳокима дар ҷуфт |
| Тағйир додани мавқеи омӯзгор аз роҳбар ба вазифаи дугонаи ташкилотчӣ-иштирокчии чорабиниҳои якҷояи таълимӣ бо донишҷӯён | Ташкилкунанда - иштирокчӣ - мушовир - коршинос |
| Истифодаи усулҳо ва шаклҳои интерактивии гузаронидани машғулиятҳои омӯзишӣ | Кор дар ҷуфтҳо. Кор дар гурӯҳҳои хурд. Усули масъала. Усули тақлид (усули мушаххасе, ки ҳангоми шунидани матн бо забони хориҷӣ (англисӣ) истифода мешавад, ки иборат аз навохтани сабти аудиои гӯшшуда ба забони хориҷӣ мебошад). Кори мустақилона. |
| Ҷойгиркунии мундариҷаи фанҳои таълимии «Забони хориҷӣ» дар самти таълими интерактивӣ | Қобилияти ифодаи матни хондашуда равшан ва возеҳ; андешаи худро баён кардан ва бо забони хориҷӣ (англисӣ) муколама гузарондан; маърӯза ё презентатсия кардан; қобилияти кор дар гурӯҳ; бо манбаъҳои иттилоотӣ кор бурдан, маълумоти зарурро ҷудо кардан, дуруст тартиб додан ва пешниҳод кардан. |

Дар кафедраиметодикаи таълими забонҳои хориҷии ДДК ба номи А.Рӯдакӣ таҳлили корҳои таҷрибавӣ оид ба тафтиши шароити омӯзгории интерактивии донишҷӯёни соҳаҳои гуманитарӣ дар равияҳои гуманитарӣ гузаронида шуд. Ҳадафи мониторинги самаранокии таълими забонӣ дар доираи барномаҳои асосии таълимӣ (минбаъд мониторинг) ба даст овардани маълумоти объективӣ ва муътамад дар бораи пешрафт ва натиҷаҳои омӯзиши забон ва мудирияти сифати он мебошад. Вазифаҳои мониторинг:

-ҷамъоварии низомноки иттилоот дар бораи ҷараён ва натиҷаҳои омӯзиши забон;

-таҳлили нишондиҳандаҳои фаъолияти таълими забон дар асоси маълумоти ҷамъоваришуда;

- муайян кардани самтҳои мушкилот дар татбиқи таълими забон;

-такмил додани раванди омӯзиши забон;

-қабули қарорҳои мудирияти дорои вижагии ислоҳӣ.

Методологияи муайян кардани нишондиҳандаи натиҷавӣ меъёрҳои асосии самаранокии таълими забонро фаро мегирад.

К1.Муваффақияти омӯзиши донишҷӯён;

К1.1.Натиҷаҳои аттестатсия (тестҳо ва имтиҳонҳо);

К1.2.Мавҷудияти шаҳодатномаҳои сатҳи дониши забони хориҷӣ:В1 ва олӣ (шаҳодатномаҳо, шаҳодатномаҳои байналмилалӣ);

К1.3.Натиҷаҳои озмоиши пешрафт (мушаххасоти санҷиши пешрафт аз ҷониби

садорати факулта бояд тасдиқ гарданд).

Вазифаи мониторинг дар шакли «Санҷиши пешрафт» муайян кардани воқеияти сатҳи дониши донишҷӯён ба маводи забони хориҷӣ дар ҳар як марҳилаи таълим мебошад, дар ҳоле ки объекти назорат дар марҳилаҳои мухталиф ҳам шакли муоширaт ва ҳам мундариҷаи он мебошад, яъне муайян кардани он, ки донишҷӯён чӣ гуна дониш омӯхтанд, маводи забон ва чӣ гуна онҳо малакаҳои нутқро доранд. Азхудкунии маводи забон инҳоро фаро мегирад:

-донистани луғат (хона, шароити зиндагӣ, маҳфилҳо, варзиш ва фитнес, донишгоҳи ман ДДК ба номи А.Рӯдакӣ, барномаҳои таълимӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хориҷа (грантҳо, ҳаракатҳои академӣ), нақлиёт, падидаҳои табиӣ ва муҳити зист), малакаҳои грамматика ва талаффуз;

-азхудкунии малакаҳои нутқ, яъне қобилияти хондан, қобилияти эҷоди матнҳои жанрҳои гуногун дар мавзӯи мундариҷаи фан, бо назардошти стандартҳои банақшагирии дар мамлакати забони ҳадаф қабулшуда; қобилияти бо гӯш дарк кардани матнҳои хориҷии дорои вижагии монологӣ ва диалогӣ, мутобиқи вазифаи муқарраршудаи иртиботи-муоширатӣ;

-донистани сохтор ва асосҳои сохтани матнҳои хаттӣ ва шифоҳӣ дар мавзӯъҳои иҷтимоӣ, ҳамарӯза ва таълимӣ;

-донистани асосҳои низоми истилоҳии самти дахлдори таълими касбӣ дар донишгоҳ;

-донистани қоидаҳои одоби сухан дар ҳолатҳои муошират иҷтимоӣ ва рӯзмарра;

-дониши маълумоти ибтидоӣ дар бораи кишвар/кишварҳои забони мақсаднок;

-қобилияти гузаронидани муколама/полилог; дар доираи мавзӯъҳои дар барнома пешбинишуда изҳороти монологӣ сохтан;

-қобилияти изҳори ақидаи худ, арзёбии амалҳо ва баҳсҳои қарорҳои худ.

Дар ҳоли ҳозир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ду варианти озмоиш мавҷуд аст: Санҷиши варақӣ, яъне санҷиши хаттӣ дар рӯи коғаз ва тест дар Интернет, санҷиш тавассути Интернет. Варианти дуюм ба қарибӣ дар бисёре аз донишгоҳҳо афзалтар дониста шуд, зеро он на танҳо вазифаҳоро барои хондан, шунидан ва навиштан, балки ҳамчунин барои сухан гуфтан ва вазифаҳои якҷояро фаро мегирад. Дар ин замина «Санҷиши пешрафт бо забони англисӣ барои донишҷӯёни ДДК ба номи А.Рӯдакӣ» таҳия шуд, ки аз чор қисм иборат аст: Гӯш кардан, Грамматика (сохтор ва изҳори хаттӣ), хондан ва иншо (санҷиши навишташудаи англисӣ).

*Қисми 1: гӯш кардан (гӯш додан).* Дар ин қисмат қобилияти донишҷӯён барои дарк ва шунидани нутқи хориҷӣ, фаҳмидани ғояи асосӣ, тафсилоти муҳим, қобилияти хулоса баровардан аз чизҳои шунидашуда баҳо дода мешавад. Дар қисми шунавоӣ се гурӯҳи саволҳо (вазифаҳо) пешниҳод карда мешаванд: 1)муколамаҳои хурд: донишҷӯён даъват карда мешаванд, ки муколама ва саволеро, ки ба муколамаи шунидаашон марбут аст, гӯш кунанд ва аз якчанд пешниҳод ҷавоби дурустро интихоб кунанд; 2)муколамаи тӯлонӣ: донишҷӯён даъват карда мешаванд, ки муколама ва якчанд саволҳои бо мундариҷаи муколама алоқамандро гӯш кунанд ва аз вариантҳои мавҷудаи ҷавоби дурустро интихоб кунанд; 3)монологҳои кӯтоҳ: аз донишҷӯён хоҳиш карда мешавад, ки монологро дар мавзӯи муайян ва як қатор саволҳои марбут ба монолог гӯш кунанд ва дар байни ҷавобҳои пешниҳодшуда як ҷавоби дурустро интихоб кунанд.

*Қисми 2: грамматика (Сохтор ва баёни хаттӣ).* Ин қисм қобилият ва маҳоранти дарку фаҳми нутқи хаттӣ, грамматикаро арзёбӣ мекунад (камбудиҳоро дар ҷумлаҳо пур кунед, то ҷумлаҳо дуруст аз ҷиҳати грамматикӣ саҳеҳ бошанд; ғалатро ёбед, яъне хаторо дар байни якчанд қисми интихобшудаи ҷумла).

*Қисми 3: Хониш.* Донишҷӯён тавсия дода мешаванд, ки аз панҷ то шаш порчаи матни таълимиро хонанд ва ба саволҳои додашуда ҷавоб диҳанд. Ҳамчунин саволҳо оид ба фаҳмидани маънои луғавии калимаҳо дохил карда шудаанд.

*Қисми 4: эссе (Санҷиши хаттии англисӣ).* Донишҷӯён бояд дар мавзӯи додашуда иншо нависанд. Дар эссе лозим аст, ки бо баъзе изҳорот мувофиқа ё розӣ набошед ва ҷавоби худро бо далелҳо ва мисолҳо шарҳ диҳед.

**Муқарриз: *Авгонов С.С.* – доктори илмҳои педагогӣ, профессори ДДОТ ба номи С.Айнӣ**


**АДАБИЁТ**

1. Алими, Дж. Андрагогика (новая педагогика или забытая)/Дж.Алими//»Вестник» КГУ им.А.Рудаки (научный журнал), №3-4.-Душанбе, 2013.- С.140-150
2. Алими, Дж. Методология совершенствования квалификации молодыхучителей (учебное пособие)/Дж.Алими. - Душанбе: «Сабрина-К», 2016.-166с.
3. Алими, Дж.Андрагогика (непрерывное и неформальное образование (в соавторстве)/Дж.Алими. - Душанбе: «Адабиёт», 2017.-175с.

4. Алими, Дж. Андрагогика: традиционные и иновационные методы обучения/Дж.Алими//»Вестник» КГУ им.А.Рудаки.-2014.-№1(10).- С.144-149
5. Алими,Дж. Андрагогика: методология инновационного обучения\Дж.Алими.-«Вестник» КГУ им.А.Рудаки.- №5-6.- С.90-92
6. Хасанов, Ф. Эффективные методы обучения английскому языку в образовательных учреждениях/Ф.Хасанов//”Вестник” Института развития образования. - Д.,2019.№2(26).-С.242 -248.
7. Хасанова, Ф. Современная технология обучения английскому языку на нефилологических факультетах/Ф.Хасанов.[Текст]//”Вестник” Института развития образования. - Д., 2019. №4 (28). - С.27-31.
8. Саидов,С.А. Педагогические особенности ипользовния компьютерных технологий вшкольном образовании /С.А.Саидов.- Душанбе,2018.
9. Тагайназарова, М.С. Роль современных педагогических технологий в обучении английского языка/М.С.Тагайназарова. [Текст].-Наука и инновация.-Д.,2015.-№4 (14).- С.66-68.
10. Фоломкина, С.К. Принципы обучения чтению на иностранном языке/С.К.Фоломкина//Сб. науч. тр. в МГПИИЯ им.М.Тореза.-М., 1974. - Вып. 85.-С.5-36.
11. Шарифов, Ф. Педагог – это творческая работа/Ф.Шарифов.[Текст]: - Душанбе, 1984.
12. Шарифов,Дж.Ш. Реализация активных методов обчения /Дж.Ш.Шарифов.[Текст]:-БГУ им.Н.Хусрава, «Шафак»», 2003. -С.1-2.


## ТАТБИҚИ ТАЛАБОТҲОИ ПЕДАГОГИИ ТАЪЛИМИ ИНТЕРАКТИВИИ ЗАБОНИ ХОРИҶӢ


Ба андешаи муаллиф, бояд зикр кард, ки дар таҷрибаи таълимии донишгоҳҳо танҳо унсурҳои таълими интерактивӣ ё шаклҳо ва усулҳои инфиродии интерактивӣ истифода мешаванд (масалан, усули қазия; усули таҳқиқот; муҳокима; ҳафтаи конфронс; LMS Moodle, ки онро низ ҳамчун низоми мудирияти омӯзиш ё муҳити маҷозии омӯзиш арзёбӣ мекунанд. Ин вазъ аз он сабаб ба амал омадааст, ки омӯзгорон бештар ба амсилаи авторитарии ташкили фаъолияти муштарак бо донишҷӯён майл доранд ва камтар ба амсилаҳои роҳбарӣ ва шарик. Бо вуҷуди муносибати мусбат ба истифодаи шаклҳо ва усулҳои интерактивӣ дар амал, омӯзгорон вижагиҳои татбиқи усули интерактивиро дар таълим умуман ва дар таълими забони хориҷӣ (англисӣ) ба донишҷӯёни соҳаҳои гуманитарӣ амиқ дарк намекунанд.Корҳои озмоишию таҷрибавӣ оид ба ташкили таълими интерактивии забони хориҷӣ ба донишҷӯёни донишгоҳи гуманитарӣ дар заминаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ гузаронида шудаанд. Ҳадафи кори таҷрибавӣ татбиқи маҷмӯи шартҳо ва шаклҳои ташкили таълими интерактивӣ барои донишҷӯён дар соҳаҳои гуманитарӣ буд.Дар таълими интерактивӣ, дар муқоиса бо шаклҳои анъанавии хониши забонҳои хориҷӣ, сифати ҳамкории донишҷӯ ва омӯзгор тағйир меёбад ва: фаъолияти муҳассил фаъолияти омӯзгорро иваз мекунад, дар ҳоле ки вазифаи омӯзгор фароҳам овардани шароити педагогӣ барои фаъолсозӣ ва ташаббуси донишҷӯён мебошад.



**Калидвожаҳо:** Татбиқ, таларботҳои педагогӣ, таълими интерактивӣ, шаклҳои анъанавӣ, мудирият, муқоиса, шароитҳои педагогӣ, фаъолияти омӯзгорӣ, фаъолсозӣ, донишҷӯён, фаъолияти муштарак, тағйирот.


## РЕАЛИЗАЦИЯ ПЕДАГОГИЧЕСКИХ ТРЕБОВАНИЙ К ИНТЕРАКТИВНОМУ ОБУЧЕНИЮ ИНОСТРАННОМУ ЯЗЫКУ


По мнению автора, следует отметить, что в образовательной практике вузов используются только элементы интерактивного обучения или отдельные формы и методы интерактивного обучения (например, кейс-метод; метод исследования; дискуссия; неделя конференции; LMS Moodle, которая также оценивается как система управление обучением или виртуальная среда обучения). Данная ситуация связана с тем, что учителя больше склонны к авторитарным моделям взаимодействия с обучающимися, чем к моделям лидерства и партнерства. Несмотря на положительное отношение к использованию интерактивных форм и методов в практике учителя в области преподавания в целом и преподавания иностранного языка (английского) студентам гуманитарных специальностей не имеют глубокого понимания. Экспериментальная работа по организации интерактивного обучения иностранным языкам студентов гуманитарного университета была организована и проведена на базе Кулябского государственного университета имени Абуабдулло Рудаки. Целью экспериментальной работы была реализация комплекса условий и форм организации интерактивного обучения студентов гуманитарных специальностей. В интерактивном обучении, в отличие от традиционных форм обучения иностранным языкам, меняется качество взаимодействия обучающегося с учителем и: деятельность обучающегося заменяет деятельность учителя, а задача учителя - создать педагогические условия для активизации и инициативы ученика.



**Ключевые слова:** реализация, педагогические требования, интерактивное обучение, традиционные формы, управление, сравнение, педагогические условия, педагогическая деятельность, активация, студенты, взаимодействие, изменение.


## IMPLEMENTATION OF PEDAGOGICAL REQUIREMENTS FOR INTERACTIVE TEACHING OF A FOREIGN LANGUAGE


According to the author, it should be noted that in the educational practice of universities only elements of interactive learning or individual forms and methods of interactive learning are used (for example, a case study; research method; discussion; conference week; LMS Moodle, which is also assessed as a learning management system or virtual learning environment). This situation is due to the fact that teachers are more inclined to authoritarian models of interaction with students than to models of leadership and partnership. Despite the positive attitude towards the use of interactive forms and methods in practice, teachers in the field of teaching in general and teaching a foreign language (English) to humanitarian students do not have a deep understanding. Experimental work on the organization of interactive teaching of foreign languages for students of a humanitarian university was organized and carried out on the basis of the Kulob State University named after Abuabdullo Rudaki. The purpose of the experimental work was to implement a set of conditions and forms of organizing interactive education for students of humanitarian specialties. The experimental work is aimed at solving the following problems: - development and implementation of interactive forms of teaching a foreign language at a humanitarian university in classroom and extracurricular activities (e-course; conference week); - to create and conduct training sessions that implement the pedagogical conditions of interactive learning; -determine changes in the activity, motivation and academic performance of students, as well as changes in the position of the teacher in the classroom with the influence of interactive learning. In interactive teaching, in contrast to traditional forms of teaching foreign languages, the quality of the student's interaction with the teacher changes and: the student's activity replaces the teacher's activity, and

the teacher's task is to create pedagogical conditions for the student's activation and initiative.

**Key words:** implementation, pedagogical requirements, interactive learning, traditional forms, management, comparison, pedagogical conditions, pedagogical activity, activation, students, interaction, change.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Одинаев Комронҷон Бобокалонович*** – Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, докторанти Ph.D-и кафедраи методикаи таълими забони англисӣ. **Суроға:** 734003, Ҷумҳурии ТоҷикистоН, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121. Телефон: **(992) 987657262**

**Сведение об авторе:** ***Одинаев Комронджон Бобокалонович*** – Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни, докторант Ph.D кафедры методики преподавания английского языка. **Адрес:** 734003, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 121 Телефон: **(+992)987657262**

**Information about the author:** ***Odinaev Komronjon Bobokalonovich*** - Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, Ph.D. doctoral student at the Department of English Language Teaching Methods. **Address:** 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue, 121 Phone: **(+992) 98765726**2

**УДК 37.019.1 +150.8**

## НАҚШИ МЕҲВАРИИ ОИЛА ДАР РУШДИ ШАХСИЯТИ КӮДАК

***Қамчибекова Г.Э.***

**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Яке аз масъалаҳои муҳимми ҷомеаи имрӯзаи мо ҳамкории оила, мактаб ва ҷомеа дар рушди шахсияти кӯдак ба шумор меравад. Рушди шахсияти кӯдак аз оила оғоз гирифта, сипас дар мактаб ва ҷомеа идомаи мантиқии худро пайдо мекунад.

Аввалин вазифаи оила дар он аст, ки муҳити таълимиву тарбиявиро таъмин намуда, ҳаёту фаъолияти ҳаррӯзаи кӯдакро ташкил диҳад. Инсон аз нигоҳи равоншиносӣ аз айёми хурдсолӣ ҳамчун мавҷуди иҷтимоӣ дар муҳите, ки барои ӯ омода карда мешавад, рушд меёбад. Таъсири мутақобилаи кӯдак ба муҳити иҷтимоӣ, пеш аз ҳама, «аз худ кардани фарҳангест, ки онро инсоният ба вуҷуд овардааст» ва он дар рушди равонӣ ва шаклгирии шахсияти кӯдак нақши муҳим дорад.

Бояд қайд намуд, ки аксарияти олимони ватанию хориҷӣ, чун Гаврилова Т.П., А.М. Виноградова, Л.М. Кларина, Сухомлинский В., Фуллер Ч., Чудинова Е.В., Смолко, Л. Н. Толстой, Лутфуллоев М., Маҷидова Б., Нуров А., Раҳимов Х., Юнусова Н. М., Давлатов М. ва дигарон. ҷанбаҳои психологии ҳамкории оила, мактаб ва ҷомеаро дар рушди шахсияти кӯдак таҳқиқ кардаанд.

Оила рукни ибтидоӣ ва асоси ҷамъият буда, нахустин мактаб ва ҷойи асосии тарбияи инсон аст. Оила дорои қонуни муқаддас буда, он аз пайванди ду ҷинси бо ҳам мухолиф иборат будааст, ки бо пайдоиш ва тавлиди фарзанд ранги дигар мегирад. Фарзанд аз як тараф, ҳамчун узви ҷомеаи инсонӣ бошад, аз тарафи дигар, ӯ ҳамчун ҳимоятгари Ватан дар ҷомеа ба воя мерасад. Доир ба ин масъала Л. Н. Толстой тасдиқ мекунад, ки «кӯдак аз рӯзи таваллуд то панҷсолагӣ аз олами фарогирифтааш барои худ нисбат ба баъди панҷсолагӣ то охири умраш чандин маротиба зиёд хирад, ҳиссиёт, ирода ва характер мегирад» [13,с. 334].Ҳамин тариқ, дар оила бояд волидон барои фарзандонашон муошизрати дурустро омӯзонанд. Чунки муошизрати дуруст, эҳтиром ва ахлоқи ҳамида аз оила сарчашма мегирад. Фонди луғавии кӯдак он мафҳумҳоеро ташкил мекунад, ки ӯ дар оила онҳоро мешунавад. Нутқи шахс нишондиҳандаи дараҷаи тарбияи ахлоқӣ-маънавии ӯ мебошад. Доир ба масъалаи мазкур, н.и.психологӣ Шарипова М.Ё. чунин андешаронӣ намудааст: Кӯдаконе, ки муҳаббати волидайнашонро ҳис мекунанд ва дар фазои солими оилавӣ тарбия мегиранд, дар ҳаёт бештар муваффақ мешаванд, худбаҳодиҳиашон мувофиқ ва шахсони комил ба воя мерасанд.

Бояд волидайн нисбати фарзандони худ муҳаббати самимӣ дошта бошанд. Ин муҳаббати самимӣ боиси инкишофи қобилиятҳои фарзандонашон мегардад. Волидайн бо муҳаббати худ метавонанд фарзандашро дуруст тарбия кунад. Вақте ки кӯдак ин гуна муҳаббатро ҳис мекунад, кӯшиш мекунад, ки дар ҷомеа мақому мартабаи худро ёбад. Мутаассифона, аксарияти волидон ҳамин муҳаббати самимиро ба фарзанди худ дода наметавонанд. Бинобар ин, кӯдак ин муҳаббати самимиро дар дигарон меҷӯяд. Барои ҷустуҷӯ накардани кӯдак аз дигар ҷо бояд шароит фароҳам оварем. Маҳз оилаи солим, муҳити солим ва муошизрати дармонбахш ба кӯдак таъсири мусбӣ мерасонад.

Ҳамин тариқ, муҳити солими оила гарави асосии хуб рушд ёфтани кӯдак ба шумор меравад. Кӯдак дар муҳити хуб, солиму бардам ба воя мерасад. Ӯ дар ҷомеа низ меъёрҳои муайяншудаи ҷомеаро риоя намуда, инсони хубу баркамол ба воя мерасад. Зеро таҳкурсии асосии комёбии шахсияти кӯдак аз оила сарчашма мегирад. Вале, мутаассифона, ноормию ҷанги шаҳрвандӣ таъсири манфии худро ба тамоми соҳаҳои ҳаётан муҳимми ҷомеа расонид, ки ин боиси беэътиноии падару модарон нисбат ба таълиму тарбияи

фарзандон гардид.

Бо ташаббуси Пешвои миллат, Президенти Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон барои мустаҳкам гардидани раванди таълиму тарбия қонунҳои зерин аз ҷониби Маҷлиси намояндагон қабул карда шудаанд:

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Пешгирии зӯроварӣ дар оила» (17 августи соли 2009);

2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи “Масъулияти падару модар дар тарбияи фарзанд” (02 августи 2011).

Боз дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2015 «Соли оила» эълон гардида буд.

Қобили қайд аст, ки мардуми ҷумҳурӣ вақте, ки лоиҳаи Қонуни ҶТ «Дар бораи масъулияти падару модар дар тарбияи фарзанд» муҳокима ба мардум вогузор гардид, бо хушнудӣ онро қабул карданд ва ҳамагон онро саривақтӣ, муҳим, зарур ва мувофиқи талаботи замон арзёбӣ намуда, дар муҳокимаи он бомуваффақият ширкат варзида, тавассути рӯзномаву маҷаллаҳо, телевизонҳо, таклифу пешниҳод, фикру ақидаҳои худро оид ба беҳтару хубтар кардани таълиму тарбияи оилавӣ иброз намудаанд.

Бемаърифатии падару модарон боиси зиёдшавии оилаҳои носолим мегардад. Оилаи устувору солим ҳамчун ҷузъи асосии ҷамъият дар таълиму тарбияи фарзанд нақши муҳим дорад. Зеро, падару модари бомаърифат оилаи солимро ташаккул дода, барои бунёди оилаи солим кӯшиш менамоянд. Падару модари бомаърифат дар ҷараёни таълиму тарбия ба чунин сифатҳо такя мекунанд: сафою покизагӣ, раҳму шафқат, дӯстиву дӯстдорӣ, эҳтирому хушмуомилагии тарафайн ва риояи вазифаю ҳуқуқи ҳамдигар аз ҷониби волидайн дар зеҳни фарзанд эҳтиром ба худ, эҳтиром ба инсон ва дар маҷмӯъ эҳтиром ба ҷамъият ва ғ.

Педагоги машҳур В.А. Сухомлинский оид ба душвориҳои тарбия сухан ронда, ба падару модар муроҷиат мекунад: “Агар шумо орзу дошта бошед, ки баъд аз худ нишона гузоред, нависанда ва олими машҳур будан шарт нест. Шумо метавонед, бо тарбияи фарзандони худ номи некатонро дар ҷамъият абадӣ гузоред” [12, с. 410-414].

Мутаассифона, ҳоло ҳам баъзе падару модар пойбанди таассубу хурофот шуда, барои ба таълим фаро гирифтани фарзандон, бахусус духтарон, монеъ шуда, духтарони ноболиғро ба шавҳар медиҳанд. Бояд қайд кард, ки бо сабаби аз ҷониби падару модарон омода накардани ҷавонон ба ҳаёти мустақилона бисёр оилаҳои навташкил барҳам мехӯранд.Президенти кишвар мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оиди масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд чунин гуфт: «Бояд гуфт, ки масъалаҳои маърифати оиладорӣ, баланд бардоштани масъулияти падару модарон дар таълиму тарбияи фарзанд, омода кардани фарзанд ба ҳаёти мустақилона ва пойдории оила аз ҷумлаи проблемаҳое мебошанд, ки диққати доимии тамоми мақомоти давлатӣ, муассисаҳои таҳсилотӣ ва кулли ҷомеаро тақозо мекунад» [6, с. 22].Бинобар ин, тавассути қонуни мазкур ва дигар қонунҳои амалкунандаи давлат ҳар як падару модар, омӯзгор ва шахсони ба таълиму тарбия вобастаро вазифадор мекунад, ки дар назди ҷамъият масъул бошанд, зеро саҳлангорӣ ва бетарафӣ дар тарбияи фарзанд ба раванди инкишофи минбаъдаи ҷанбаҳои гуногуни ҷомеаи мо халал ворид месозад.Ҳамчунин, қонуни мазкур на фақат оила ва кормандони соҳаи маориф, балки ҳар як фарди ҷомеаро вазифадор кардааст, ки нисбати таълиму тарбияи ҷавонон бетараф набошанд. Зеро, ҷомеаи солим ба насли бомаърифат, донишманд, миллатдӯст, ватанпараст, забондон, ҷасур ва дорои ахлоқи ҳамида ниёз дорад.

Воқеан, асри XXI асри пешрафти босуръати илму техника, технологияҳои иттилоотӣ ва бархурди тамаддунҳо буда, давлатҳои абарқудрат сиёсати ҷаҳонишавиро пеш гирифтаанд, аммо бо вуҷуди пешравиҳо, ҷаҳон пуртазод буда, инсониятро ба масоилу мушкилоти зиёд рӯ ба рӯ гардонидааст.Ҷаҳони муосир моро водор месозад, ки ба созмони аввалияи ҷомеа - оила ва соҳаи калидии ҷомеа-маориф аҳамияти бештар диҳем.

Падару модари бомаърифат дар бунёд намудани оилаи солим ба чунин усулҳо диққати худро бояд равона намоянд:

– барои фарзандаш номеро гузорад, ки дар фаъолияти ҳаётиаш таъсири мусбат расонда тавонад;

– худро ҳамчун падару модари бомаърифат дар назди фарзандон нишон диҳанд;

– барои фарзанд тамоми шароитро ҷиҳати омӯзиши касбу ҳунар фароҳам овардан;

– ба тамоми қобилияту истеъдоди фарзанди хеш эътибор диҳанд;

– фарзандони худро барои бунёд намудани оилаи солим омода намоянд.

Ҳамчунин, Сарвари давлат санаи 06 марти соли 2015 дар суханронии худ бахшида ба Рӯзи модарон қайд карданд, ки оила дар фарҳанги мардуми куҳанбунёди тоҷик ҳамчун ниҳоди муқаддас эътироф гардидааст, зеро беҳтарин арзишҳои инсонӣ, аз қабили муҳаббату садоқат, самимияту вафодорӣ ва ҳамдигарфаҳмиву таҳаммулгароӣ маҳз дар

оила ташаккул меёбад. Имрӯзҳо ҷомеаи Тоҷикистон дар симои зан на танҳо модар, хоҳар ва ҳамсар, балки сиёсатмадори шинохта, донишманди асил, сарвари муваффақ, соҳибкори саховатпеша, табиби ҳозиқ, корманди поквиҷдони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ҳомии Ватан, бинокори номдор, мураббии наслҳо ва ҳамшираи меҳрубонро мебинад, ки ин мояи ифтихори ҳар яке мову шумо мебошад. Дар радиф бо ин гуфтаҳои Сарвари давлат бори дигар қайд кардан бамаврид аст, ки арзишҳою беҳтарин сифатҳои инсонӣ, ки асоси ҳастианд, маҳз аз оила оғоз шуда, дар он рушд меёбанд. Фикр мекунам, ки падару модари бомаърифат барои бунёди оилаи солим фарзандони худро ба ҳаёти мустақилона омода намуда, касбу ҳунарҳо, таҳаммулпазирӣ дар бунёди оила, покизагӣ ва ғ. меомӯзонанд.

Мо набояд фаромӯш кунем, ки масъулияти падару модар дар назди фарзанд ва баръакс масъулияти фарзанд нисбат ба падару модар муҳим мебошад. Ҳуқуқу вазифа ва уҳдадориҳои падару модар пешгирии ҳар гуна ҳодисаҳои номатлуб дар байни фарзандон омилҳои муҳимми тарбияи дуруст ба шумор меравнанд.

Вақте ки дар ин ҷода сухан меронем, беихтиёр ба чунин андеша мерасем, ки яке аз муҳимтарин вазифа маърифатнок будани онҳо ба шумор меравад. Аз ин лиҳоз, бузургон ҳамеша қайд карданд, ки «Биомӯзем, то биомӯзонем», то ҳастем, ки ҳамеша ба омӯхтан муҳтоҷ ҳастем. Тавре Ҳазрати Муҳаммад (с) фармудаанд: «Аз гаҳвора то гӯр дониш биҷӯй». Вақте ки мо ба умқи таърихи аҷдодони хеш ва асарҳои нобиғаҳои нотакрори миллатамон, ба мисли «Насиҳатнома»-и Унсурмаолии Кайковус, «Гулистон» ва «Бӯстон»-и Шайх Саъдии Шерозӣ ва «Баҳористон»-и Абдураҳмони Ҷомӣ назар андозем баръало мебинем, ки ин устодони бузурги сухан дар хусуси нақш ва мақоми падару модар панду андарзҳо гуфтаанд, ки то имрӯз қимату аҳамияти худро гум накардаанд.

Ҳоло равиши бисёр падару модар ҳамон суннатҳое ба шумор меравнанд, ки худи онҳо дар вақташ таълиму тарбия гирифтанд. Албатта, дар шароити рушди босуръати илму технология, ҷаҳонишавӣ ва иттилооти ҷадид мо наметавонем бо равиши гузашта фарзандонро таълиму тарбия диҳем, зеро шароити ҳуқуқии муносибатҳои нави иҷтимоӣ дар замони инкишофи босуръати техникаи иттилоотӣ, бевосита ба ҳаёти иҷтимоию иқтисодии кишвар таъсири худро мерасонад. Зеро ин омилҳо ба таълиму тарбия таъсири худро расонида, барои дигаргуншавии олами маънавию моддии оила низ таъсири худро мерасонад.

Ҳар падару модар фарзандашро бечуну чаро дӯст медорад. А.М. Горкий мегӯяд, ки «мурғ ҳам бачаҳоро дӯст дошта метавонад, аммо бачаҳоро тарбия кардан кори бузурги давлатист…» [3, с.190]. Дар ҷараёни таълиму тарбия бачаро дӯст доштан, шахсияти ӯро ҳурмат кардан, хусусиятҳои психологӣ, синнусолии ӯро ба ҳисоб гирифтан, дар баробари ин назди ӯ вазифа ва талабот гузоштан ва аз болои иҷрои он назорат кардан лозим аст.

Оила ба кӯдак фарҳангу тамаддун ва одобу суннатҳои миллиро муаррифӣ менамояд, сабру таҳаммул, эҳтиром, раҳму шафқат ва саодати инсониро инкишоф медиҳад. Оила ҷоест, ки дар он ҷо арзишҳои ахлоқӣ ва меъёрҳои иҷтимоӣ аз як насл ба насли дигар интиқол дода мешаванд. Ҳамин тавр, вазифаҳои тарбияи оилавиро ба чор ҷанбаи асосӣ ҷудо менамоянд:

1. **Рушди шахсияти кӯдак.** Кӯдак бо табиати поку беғубор ба дунё меояд. Оила ӯро солиму солеҳ ба воя мерасонад ва дар вуҷуди ӯ чунини сифатҳоро, ба монанди хушмуомилагӣ, таҳаммулпазирӣ, боиродагӣ, қобилиятнокӣ, покизакорӣ ва зебогию хушахлоқиро бедор менамояд. Ҳар як таҷрибаи волидонро кудак азхуд мекунад. Оила шахсияти насли наврасро такмил дода зиндагииояндаи ӯро мушаххас намуда, дар вуҷуди кӯдак метавонад рӯҳи созандагӣ ё вайронкориро эҷод кунад, яъне кӯдак харобкор ё дурусткор ба воя мерасад. Омӯзиши волидайн дар тарбияи мураббияҳои босалоҳият нақши муҳим мебозад. Чи тавре ки психолог Гаврилова Т.П. қайд мекунад, «ба муоширати валидайн бо кӯдакон на танҳо донишҳои дар лексия азхудшуда, балки таҷрибаи ҳосилгардида ҳангоми муошират бо муаллим низ таъсир мебахшанд» [2, с.123]. Бояд ҳар як падару модар ва омӯзгорон хушмуомила бошанд, то ки кӯдак шахсияти худро дар назди падару модар ва омӯзгор сайқал дода тавонад.

2. **Тарбияи меҳру муҳаббат ва ахлоқ дар оила.** Оила нахуст маконест, ки дар он кӯдак асаввуроти дуруст ё нодурустро доир ба паҳлуҳои гуногуни ҳаёт пайдо мекунад. Ҳиссиётҳои мукаммал ё номукаммалро ба даст меоварад. Насли наврас меҳру муҳаббат, унсу улфат ва ягонагиро аз падару модар меомӯзад. Муҳаббати содиқонаи падару модар дар ба оғӯш гирифтан, аз нав навозиш кардан, дилсӯзӣ ва ғамхорӣ намудан нисбат ба кӯдак зоҳир мегардад. Оила насли наврасро бо одоб, ахлоқ, расму русуми дуруст ошно менамояд. Кӯдак дар оила ахлоқ, эътимод ба худ, покӣ, эҳтиром ба қонун, ба инсоният ва ё хусумат, бебандуборӣ, кинаварзӣ, интиқом, сахтсарӣ ва ғайраҳоро аз худ менамояд.

3. **Тарбияи фарҳангӣ дар оила**. Кӯдак дар ҷое ба дунё меояд, ки дорои фарҳанги арзёбишуда ё бефарҳанг аст. Тифл аз мушоҳида ва алоқа бо волидайн бо тамоми соҳаҳои ҳаёти оилавӣ дар чорчӯбаи муайян шинос шуда, аз ҳамон рӯзҳо ва моҳҳои аввали ба дунё омаданаш ин фарҳангро ба воситаи волидайн ва хешу ақрабо аз худ менамояд. Бояд қайд

намуд, ки кӯдак зеҳн ва афкори худро дар оила ташаккул медиҳад. Яъне, наврас ба як маҷрои муҳимми ҳаётӣ дохил мешавад. Кӯдак роҳу воситаи зиндагии иҷтимоиашро дар оила пайдо менамояд. Пас, соҳиби чӣ гуна фарҳанг шудани кӯдак аз волидайн вобаста аст. Кӯдак дар оила меҳру муҳаббат, самимият ва ҳамкорӣ, шараф, иззату нафс ва садоқати софро меомӯзад. Волидайн ба кӯдак бовиҷдонӣ, покдилӣ ва порсоиро ёд медиҳанд. Кӯдак ин масъалаҳоро ба ғайр аз оила дар дигар ҷойҳо беҳтар ва бештар фаро гирифта наметавонад.

4. **Тарбияи иҷтимоӣ дар оила**. Оила нахустин сарчашмаи мусбӣ ва ё манфии тарбияи кӯдакон маҳсуб меёбад. Аз ин хотир, асоси тафаккури кӯдак дар оила гузошта мешавад ва волидайн ӯро барои ҷомеа аз ҳар ҷиҳат тайёр менамояд. Оила аввалин даргоҳест, ки фардро ба зиндагии иҷтимоӣ тайёр мекунад. Аз тарафи дигар, оила манбаи ҳар гуна хайру баракат, неъмату саодати ҷомеа аст. Кӯдак дар оила одоби муайяни зиндагӣ ва иҷтимоиро меомӯзад, дарси фидокорӣ, муҳаббат, садоқат ба халқи худ ва ҳамкориро ёд гирифта, онро дар симои худ мепарварад.

Барои шаклгирии шахсияти кӯдак бояд оила, мактаб ва ҷомеа дар якҷоягӣ ҳамкорӣ намоянд. Оилаи муосир дар асоси тағйироте, ки дар ҷомеаи навин ба вуҷуд меоянд, инкишоф меёбад. Васеъ паҳн шудани воситаҳои ахбори омма, пешравии илм ва дар ин замина дастовардҳои техникаю технологияҳои замони нав на танҳо ба некуаҳволии оила таъсир мерасонад, балки боиси инкишофи ҳамаҷонибаи кӯдак низ мегардад. Оила бояд аз як тараф маркази тандурустӣ, беҳдошти ҷисмонӣ ва ақлӣ; аз тарафи дигар, маркази тарбияи ҷисм, рушди психологӣ ва аз тарафи маркази омода кардани фард ба ҳаёти иҷтимоӣ бошад. Албатта, оила аввалин ва муҳимтарин ҷойи тарбия, эҳё ва рушдёбии қобилиятҳост. Ҳар гуна дигаргунӣ ва тағйироти иҷтимоӣ бояд аз он ҷо оғоз ёбад ва ҳар як иқдоми нек бояд, пеш аз ҳама, дар оила сурат гирад.

Бояд қайд намуд, ки иҷтимоишавии аввалини кӯдак дар оила сурат мегирад, ки он фарзандонро ба ҳаёт ва фаъолияти ҷамъиятӣ омода месозад. Бояд донист, ки муҳимтарин вазифаи оила таъмини хушбахтии аҳли хонавода ва тарбияи шоиста мебошад.

Тавре маълум аст, давраҳои бачагӣ, наврасӣ ва ҷавонии инсон асосан дар оила мегузаранд. Ташкили муҳити маърифатӣ дар оила (китобхонаи шахсӣ, рӯзномаву маҷалла, харита, глобус, радио, телевизион, компютер, шабакаҳои интернетӣ ва навъҳои дигари воситаҳои техникӣ, ташкили бозии шоҳмот ва ба ҳамин монанд) ва дар шароити он тарбия гирифтани фарзандон боиси васеъ шудани ҷаҳонбинии фарҳангию маърифатии онҳо мегардад. Падару модар вазифадоранд, ки на танҳо ба қонеъгардонии талаботи моддии кӯдак аҳамият диҳанд, балки муҳимтар аз ҳама, тарбияи маънавӣ, маърифатӣ ва ахлоқии ӯро то ҳадди зарурӣ дуруст ба роҳ монанд. Одобу ахлоқи нек тавсифдиҳандаи беҳтарини инсонӣ аст. Барои бо чунин хислатҳо ба воя расонидани фарзанд ба падару модар лозим меояд, ки меҳнату кӯшиши зиёд ба харҷ диҳанд ва омӯзанд. Ба ин муносибат педагоги барҷастаи рус А.С Макаренко чунин ақидаро иброз доштааст: «Тарбияи фарзанд вазифаи муҳимми ҳаёти мо мебошад. Фарзандони мо падару модарони ояндаанд ва онҳо низ фарзандони хешро тарбия менамоянд. Фарзандони мо ин пирии мост. Тарбияи дуруст пирии босаодати мост, тарбияи бад ғамиояндаи мо мегардад, ин ашк, ин гуноҳи мо аст дар назди дигар одамон, дар назди тамоми кишвар» [7, с. 10-13].

Масъалаи тарбияи маънавӣ баъд аз оила бар дӯши муассисаҳои таълимӣ, яъне мактаб вогузор шуда, тадриҷан мураккабтар мегардад. Дар ин марҳила волидайнро мебояд дар ҳамкории зич бо мактаб фарзандро ба омӯхтани илму маърифат ҳидоят намоянд. Мактаб насли наврасро тарбия мекунад. Бинобар ин, аҳли ҷомеа дар тарбияи кӯдак бетараф буда наметавонад. Ба андешаи олимон Е. А. Аркин, Л. И. Красногорская, Д. В. Менжеристкая, Е. И. Радина, А. В. Суровстева, Е. А. Флерина ва дигарон, ба падару модар ёрии педагогӣ расонидан зарур аст, то ки сатҳи маърифати педагогии онҳо баланд гардад. Н. В. Шелгунов дар мактубҳои худ оид ба тарбия чунин андешаҳоро пешниҳод намудааст: “Инсонро омӯзонед, ҷамъиятро омӯзонед, равияи шаҳрвандиро ба асос гирифта, шумо дар фарзандонатон чунин одамиятро тарбия намоед, ки ҷамъият ба онҳо ниёзманд аст”[16, с. 233]. Ҳамкории онҳоро мактаб созмон медиҳад, то ки дар якҷоягӣ тарбияи кӯдак дуруст ба роҳ монда шавад. Чунин ҷанбаҳои таълиму тарбияро аз ҷониби оила, мактаб ва ҷомеа ба назар гирифтан зарур аст:

- ба вуҷуд овардан ва ба камол расондани инсони солим ба воситаи таълим ва тарбия;
- ташккули ҷомеаи солим;
- ҳамкорӣ дар соҳаи маориф ва рушди иқтисодии оила;
- таъмин намудани ниёзҳои кӯдак дар оила;
- таъмин намудани амнияти рӯҳии аъзоёни оила.

Ҳамин тариқ, оила, мактаб ва ҷомеа дар ҳамкорӣ бо якдигар метавонанд дар ҳалли масъалаҳои зикршуда нақши муҳим бозанд. Онҳо бояд дар ташаккули шахсияти ҷисману

рӯҳан солим ва таҳаммулпазир мусоидат намоянд. Зеро танҳо насли навраси боирода, таҳаммулпазир дар пешгирӣ ва ҳалли низоъҳои оилавӣ, мактабӣ ва иҷтимоӣ қодир аст. Бинобар ин фароҳам овардани муҳити таҳаммулпазирӣ дар оилаҳо ва мактабҳо имконият медиҳад, ки дар кӯдак чунин хусусиятҳо, ба монанди сабр, эътироф, эҳтиром, ҷавонмардӣ, авф, шафқат, гузашт кардан, ботамкинӣ, худдорӣ ва ғайраҳо ташаккул ёбанд. Аз ин хотир, зарурате пеш меояд, ки ин се ниҳоди иҷтимоӣ (оила, мактаб ва ҷомеа) бояд барномаю чорабиниҳои мушаххаси марбут бо таълиму тарбияи насли наврасро тартиб диҳанд ва дар ҳамбастагӣ баҳри амалӣ гаштани ин ҳадафҳо фаъолият намоянд.

**Муқарриз: *Юнусова Н.М.* – доктори илмҳои педагогӣ, профессори ДМТ**

## АДАБИЁТ


1. Алиев М.Т. Ҷанбаҳои психологию иҷтимоии ҳамкории оила ва мактаб дар раванди таълиму тарбия ва иҷтимоишавии хонандагон/ М.Т. Алиев //Паёми ДМТ, (Маҷаллаи илмӣ). №5/3 (2074) - Душанбе: Сино, 2020. –С.255-260.
2. Гаврилова Т.П. Учитель и семья школьника / Т.П. Гаврилова. – М., 1988
3. Горький М. О литературе/ М. Горький. - М.,1953. - С. 190.
4. Гребенников И.В. Воспитательный климат семьи / И.В.Гребенников. - М.: Знание, 1976.
5. Давлатов М.Т. Оила ва рушди шахсияти фарзандон. Китоби дарсӣ/ М. Давлатов. - Душанбе: Ирфон, 2014. -С. 48-50.
6. Закон Республики Таджикистан «Об ответственности родителей за воспитание и обучение детей» от 2 августа 2011 года № 762 [Текст]. – Душанбе, 2011. –С. 31
7. Макаренко, А.С. Книга для родителей. Педагогическое сочинение. В 8 т./ А.С. Макаренко. -М., 1995.
8. Масоили мубрами психологӣ дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон (Маҷмӯаи мақолаҳои илмӣ) нашри 2. - Душанбе, 2016. -С. 12-13
9. Масоили мубрами психологӣ дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон. Қисми Психологияи муносибатҳои оилавӣ // Маҷмӯаи мақолаҳои илмӣ. – Душанбе, 2016. – 216с.
10. Раҳимов Х. Педагогика / Х.Раҳимов, А.Нуров. - Душанбе: Ирфон, 2011
11. Эмомалӣ Раҳмон. Паёми телевизионӣ ба ифтихори «Рӯзи модар»// Эмомалӣ Раҳмон. - Душанбе, 2016 [Манбаи электронӣ]. URL: http://nansmit.tj/20968-2/?id=15325 (санаи баромад: 07.03.2016 г.)
12. Сухомлинский В.А. Родительская педагогика // Выбор. соч. в 5 т. - М., 1977. - Т. 5. - С. 410-414.
13. Толстой Л.Н. «Семейное счастье», впервые напечатано в журнале Русский вестник, в 1859 году, №7
14. Ушинский К.Д. Наука и искусство воспитания/ К.Д. Ушинский-М., 1994
15. Хайрулло Р., Абдулбоқи Н. Педагогика /Р. Хайрулло Н. Абдулбоқи. – Душанбе: Ирфон, 2011
16. Шелгунов Н.В. Соч. Т.1. СПб, 1895.-С. 10


## НАҚШИ МЕҲВАРИИ ОИЛА ДАР РУШДИ ШАХСИЯТИ КӮДАК


Муаллиф дар мақолаи мазкур нақши меҳварии оила дар рушди шахсияти кӯдакро баррасӣ намудааст. Оилаи муосир дар асоси тағйироте, ки дар ҷомеаи навин ба вуҷуд меоянд, инкишоф меёбад. Васеъ паҳн шудани воситаҳои ахбори омма, пешравии илм ва дар ин замина дастовардҳои техникаю технологияҳои замони нав на танҳо ба некуаҳволии оила таъсир мерасонанд, балки боиси инкишофи ҳамаҷонибаи кӯдак низ мегарданд. Барои ҳамин ҳам ҳаёти оилавӣ бояд муқаддимаи ҳаёти иҷтимоӣ бошад. Оила бояд, аз як тараф, маркази тандурустӣ, беҳдошти ҷисмонӣ ва ақлӣ; аз тарафи дигар, маркази тарбияи ҷисм, рушди психологӣ ва аз тарафи савум, маркази омода кардани фард ба ҳаёти иҷтимоӣ бошад. Бояд зикр кард, ки барои шаклгирии шахсияти кӯдак бояд оила, мактаб ва ҷомеа дар якҷоягӣ ҳамкорӣ намоянд. Аввалин вазифаи оила дар он аст, ки муҳити таълимиву тарбиявиро таъмин намуда, ҳаёту фаъолияти ҳаррӯзаи кӯдакро ташкил диҳад. Инсон аз нигоҳи равоншиносӣ аз айёми хурдсолӣ ҳамчун мавҷуди иҷтимоӣ дар муҳите, ки барои ӯ омода карда мешавад, рушд меёбад. Таъсири мутақобилаи кӯдак ба муҳити иҷтимоӣ, пеш аз ҳама, «аз худ кардани фарҳангест, ки онро инсоният ба вуҷуд овардааст» ва он дар рушди равонӣ ва шаклгирии шахсияти кӯдак нақши муҳим дорад.



**Калидвожаҳо:** рушди шахсияти кӯдак дар оила, муҳаббати содиқона, ахлоқ, фарҳанг, нақш, таълиму тарбия, ҷомеа, мактаб, иҷтимоишавии насли наврас, мутобиқшавӣ, муҳити солим, омӯзиш.


## РОЛЬ СЕМЬИ В РАЗВИТИИ ЛИЧНОСТИ РЕБЕНКА


В данной статье автор обсуждает центральную роль семьи в развитии личности ребенка в современном обществе Таджикистана. Современная семья развивается на основе изменений в новом обществе. Широкое использование средств массовой информации, развитие науки и, в этом контексте, достижения современных технологий не только влияют на благополучие семьи, но и способствуют общему развитию ребенка. Вот почему семейная жизнь должна быть прелюдией к общественной жизни, чтобы ребенок мог созреть к общественной жизни. Семья должна быть, с одной стороны, центром здоровья, физического и психического благополучия, с другой стороны, центром физической подготовки и психологического развития, она должна быть центром подготовки человека к общественной жизни. Следует отметить, что семья, школа и общество должны работать вместе, чтобы формировать личность ребенка. Например, семья изучает один аспект воспитания подрастающего поколения, а школа и общество обучают другим аспектам воспитания. В воспитании детей школа и общество не могут быть нейтральными. Первая задача семьи - обеспечить образовательную среду и организовать повседневную жизнь и деятельность ребенка. Психологически человек с малых лет развивается как социальное существо в подготовленной для него среде. Взаимодействие ребенка с социальной средой - это, прежде всего, «усвоение культуры, созданной человечеством», и оно играет важную роль в психологическом развитии и формировании личности ребенка.



**Ключевые слова**: развитие личности ребенка в семье, верное желание, мораль, культура, роли, обучение и воспитание, общество, школа, социализация подрастающего поколения, адаптация, здоровая среда обучения.


## THE ROLE OF THE FAMILY IN THE DEVELOPMENT OF THE CHILD'S PERSONALITY


In this article, the author discusses the central role of the family in the development of the child's personality in modern Tajikistani society. The modern family develops on the basis of changes in the new society. The widespread use of

the media, the development of science and, in this context, advances in modern technology not only affect the well-being of the family, but also contribute to the overall development of the child. This is why family life should be a prelude to social life so that the child can mature in public life. The family should be, on the one hand, the center of health, physical and mental well-being; On the one hand, it should be the center of physical training and psychological development, and on the other hand, it should be the center of preparing a person for social life. It should be noted that the family, school and community must work together to shape the personality of the child. For example, the family studies one aspect of the upbringing of the younger generation, and the school and society teach other aspects of upbringing. In raising children, school and society cannot be neutral.The first task of the family is to provide an educational environment and organize the child's daily life and activities. Psychologically, from an early age, a person develops as a social being in an environment prepared for him. The interaction of the child with the social environment is, first of all, "assimilation of the culture created by humanity", and it plays an important role in the psychological development and formation of the child's personality.

**Key words:** development of the child's personality in the family, true desire, morality, culture, roles, education and upbringing, society, school, socialization of the younger generation, adaptation, healthy learning environment.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Камчибекова Гулнора Эшоновна*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷӯйи кафедраи умумидонишгоҳии педагогика. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ,17. Телефон: **(+992) 900084490,** E-mail: **gulnor_8912@mail.ru**

**Сведение об авторе:** ***Камчибекова Гулнора Эшоновна*** – Таджикский национальный ниверситет, соискатель общеуниверситетской кафедры педагогики. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки,17. Телефон: **(+992) 900084490,** E-mail: **gulnor_8912@mail.ru**

**Information about author:** ***Kamchibekova Gulnora Eshonovna*** - Tajik National University, applicant for the university-wide department of pedagogy. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue, 17.Phone: **(+992) 900084490**, E-mail: **gulnor_8912@mail.ru**

**УДК: 159.922.7**

# ШАРМГИНӢ, ҲАМЧУН МУШКИЛИИ ПСИХОЛОГИИ МАКТАББАЧАГОНИ ХУРДСОЛ

***Алиев М.Т.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар адабиёти илмии психологӣ синни хурди мактабиро ҳадди ниҳоии давраи бачагӣ мешуморанд. Ҳарчанд дар ин давраи синнусолӣ мактаббача саҳлангорӣ, содалавҳӣ, зудбоварӣ барин сифатҳои бачагонаи худро нигоҳ дорад ҳам, бо мурури замон оҳиста-оҳиста аз рафторҳои бачагонаи табиии худ даст мекашад ва дар ӯ шакли дигари тафаккур ташаккул меёбад. Ӯ дар ҷараёни таҳсил на танҳо донишу маҳоратҳои навро аз худ менамояд, балки соҳиби мавқеи иҷтимоӣ низ мегардад. Шавқу ҳавас, арзишмандӣ, тамоми тарзи зиндагии ӯ дигаргун мегардад [13,с.120].

Бача бо ворид шудан ба мактаб, рӯҳану равонан ба системаи нави муошırату муносибат бо атрофиён мегузарад. Дар муҳити одатӣ ва шахсони ба ӯ наздик зиндагонӣ карда истода, ҳис мекунад, ки тарзи ҳаёти ӯ ба таври умумӣ тағйир ёфта истодааст – ӯ акнун уҳдадор аст, ки на танҳо ҳар рӯз ба мактаб равад, балки як қатор талаботҳои дохилимактабиро низ риоя кунад. Озодии синни томактабӣ ба муносибати вобаста будан ва итоат кардан ба қонунҳои нави ҳаёт иваз мегардад. Оила бо назардошти зарурати дар мактаб таҳсил кардани бача, ба тарзи нав (назорати иҷрои супоришҳои хонагӣ, ҷиддан ташкил кардани реҷаи рӯз) идора кардани ӯро оғоз менамояд. Талаботҳои ҷиддӣ, ҳатто дар шакли ниҳоят хайрхоҳона ба кӯдак, ӯро водор мекунанд, ки дар иҷрои фаъолияти таълимӣ масъулиятшинос бошад. Худташаккулдиҳии ҳатмӣ ва худдорӣ аз иҷрои хоҳишҳои беихтиёр, дар бача ҳисси танҳоӣ, ҷудонамоии худ аз наздиконро ба вуҷуд меорад, зеро ӯ акнун уҳдадор аст ҳаёти минбаъдаи худро мустақилона ва мувофиқи хоҳиши худ ташкил намояд.

Комёбиҳои бача ҳангоми аз худ кардани меъёрҳои ҳаёт дар шароитҳои нав дар ӯ на танҳо талабот ба эътироф кардани шакли пешинаи муносибатҳо, балки муносибат ба фаъолияти таълимиро низ ташаккул медиҳанд. Хусусиятҳои мутобиқшавӣ ба шароитҳои ҳаёт дар синни хурди мактабӣ ва муносибати оила бо бача ҳолат ва инкишофи ҳиссиётҳои шахсии ӯро муайян мекунанд. Дар шароитҳои ҳассоси тағйирёбиҳои мавқеи иҷтимоии бача дар оила, ӯ дар муносибатҳои оилавӣ низ дорои мақоми нав: толибилм, шахси масъул, маслиҳатчӣ ва ғ. мегардад [15,с.89].

Ҳамин тариқ, синни хурди мактабӣ оғози ҳаёти мустақилона ба шумор меравад. Бо вориди он гардидан бача дорои мавқеи иҷтимоии мактаббача ва мароми таълимӣ гардида, фаъолияти таълимӣ барои ӯ фаъолияти пешбаранда ба шумор меравад. Дар раванди марҳалаи мазкури синнусолӣ дар бача тафаккури назариявӣ инкишоф ёфта, ӯ дониш, маҳорат ва малакаҳои нав пайдо мекунад, таҳкурсии зарурии таҳсилотиояндаи худро заминагузорӣ менамояд. Вале моҳияти фаъолияти таълимӣ бо ҳамин ба охир

нарасида, рушди минбаъдаи шахсияти мактаббачаи хурдсол бевосита аз самаранокии он вобаста мебошад.

Давомоти мактабӣ меъёри асосии баҳодиҳии мактаббача ҳамчун шахсият аз ҷониби ҳамсолон ва калонсолон ба шумор меравад. Мавқеи талабаи пешқадам ё қафомонда ба ҳолати худбаҳодиҳӣ, худэҳтиромнамоӣ ва худэътирофнамоии бача таъсир мерасонад. Таҳсили бомуваффақият, дарк кардани қобилият ва малакаҳои хушсифат иҷро кардани супоришҳои гуногун, боиси ташаккулёбии ҳисси комилҳуқуқӣ – ҷанбаи нави худшиносии бача мегардад, ки онро дар радифи тафаккури назариявии рефлексивӣ, навташкилаи асосии мактаббачаи хурдсол шуморидан мумкин аст. Агар дар раванди таҳсил дар мактаббача ҳисси комилҳуқуқӣ ташаккул наёбад, он гоҳ худбаҳодиҳии ӯ паст гашта, дар ӯ ҳисси камарзишӣ ва шармгинӣ пайдо мешавад.

Хислати шармгинӣ метавонад дар кӯдак ҳанӯз аз айёми барвақти бачагӣ рушд ва зуҳур намояд. Аз нуқтаи назари илми психология ин падида – падидаи мураккабест, ки ба мушкилот ва хусусиятҳои зиёди фард асос ёфтааст. Дар сатҳи берунӣ хислати шармгинии фардро асосан дар раванди муоширатнамоии ӯ мушоҳида кардан мумкин аст. Бача ҳарчанд ба ҳамсуҳбат бодиққат гӯш кунад ҳам, барои бо дигарон сухан гуфтан душворӣ мекашад ва аҳёнан оғозкунандаи суҳбат мешавад.

Хислати шармгинӣ дар раванди фаъолияти таълимӣ, ки асосан тавассути фаъолияти муоширатнамоӣ сурат мегирад, заминаи мушкилиҳои зиёд мегардад. Зеро самаранокии раванди таълим, ки на танҳо аз суханронии муаллим, балки дар иштироки фаъолонаю бевоситаи хонандагон дар муошират ҳамчун як тарафи фаъоли раванди он ифода меёбад, андешаронӣ ва иштироки доимии хонандагон дар муоширатро талаб мекунад.

Дар синфҳои ибтидоӣ, ки машғулиятҳо аҳёнан дар шакли лексия ва корҳои хаттӣ сурат мегиранд, таълими дилхоҳ фанни дарсӣ то ин ё он дараҷа иштирок дар муошироти бевоситаи шифоҳии хонандагон дар фаъолияти таълимиро талаб мекунад, барои фанҳои гуманитарӣ бошад, муошират шакли асосии робитаи устод бо шогирдон ба шумор меравад. Агар хислати шармгинии бача дар ҷараёни таълим, аз як ҷониб барои самаранок аз худ кардани маводи таълимӣ монеа эҷод кунад: шармгинӣ бачаро гирифтори фишори баланди равонӣ карда, протсессҳои гуногуни фикриро халалдор мекунад ва ба протсессҳои хотир (бахотиргирӣ, дархотирнигоҳдорӣ ва бахотироварӣ) таъсири манфӣ мерасонад. Аз ҷониби дигар, ба саломатии равонӣ ва эмотсионалии бача зиён мерасонад: барои бачагони шармгин дар назди дигарон баромад кардан боиси нороҳатӣ (шиддати баланди рӯҳӣ) мегардад, ки он дар навбати худ, метавонад сабаби пайдоиши тарси мактабӣ гардад.

Яке аз сабабҳои шаклгирии хислати шармгинӣ ва ташаккули он метавонад падару модарони типи интровертие (дарунгаро) гарданд, ки рафторашон намунаи ибрати фарзандон мебошанд. Ин типи волидайн аз муоширату муносибат кардан бо атрофиён дурӣ ҷуста, ғарқи олами ботинии худ ҳастанд, дар натиҷа бачагон имконияти таҷрибаи рафтори дигаронро аз худ кардан надошта, одатан ба падару модари худ монанд ба воя мерасанд.

Омили дигари муҳиму ташаккулдиҳандаи хислати шармгинӣ дар бача муносибати нодурусти шахсони барои ӯ маҳрам (падару модар, шахсони онҳоро ивазкунанда) ба шумор меравад. Масалан, онҳо амалу рафтори бачаро бо амалу рафтори бародар, хоҳар ва ё ҳамсолон муқоиса намуда, ба ӯ эрод мегиранд ва бо ин восита худбаҳодиҳии ӯро паст мекунанд ва барои аз дигарон дурӣ ҷустани ӯ шароит муҳайё менамоянд. Омилҳои дигари асаргузор барои шармгин ба воя расидани бача, дар синни хурди бачагӣ ба ӯ лақаб додан, масхара кардан, дашному таҳқир намудан мебошад, ки барои мардумгурезу канораҷӯ ва шармгину бечуръат гардидани ӯ замина мегузорад [10,с.29].

Шармгинӣ дар адабиёти илмии илмҳои равоншиносӣ, равонпизишкӣ, равоншиносии иҷтимоӣ ва ҷомеашиносӣ ҳамчун як хусусияти характери инсон маънидод карда мешавад. Шахси шармгин ҳамеша зери таъсири андешаи ниҳоят азобдиҳанда – андешаи ба ҷониби худ ҷалб накардани диққати атрофиён, хиҷолаткашиҳои беасоси заминаи маҷмӯи эҳсосоти ғалату нофаҳмо гарданда, саросемагию саргарангӣ, изтиробу тарсҳои ба ҷараёни муоширату муносибати муқаррарӣ халалрасонанда қарор дорад. Зуҳуроти шармгинӣ ҳамчун як хислати хосси инсонӣ гуногунҷанба буда, аз доираи одамони бегона давра ба давра ҳис кардани нороҳатию ноoромӣ то ба дараҷаи баланди тарсу изтироби осебрасону харобкунандаи ҳаёти шахс рафта мерасад.

Хислати шармгинӣ дар хонандагони хурдсол, пеш аз ҳама духтарон, то андозае аз хусусиятҳои хосси характер ва шахсияти волидон вобаста мебошад. Хусусияти мазкур бештар ба хонандагони хурдсоле хос аст, ки волидайни онҳо дар муошират ва муносибатҳои байниҳамдигарии худ на он қадар фаъол, ба қудрату тавоноии худ нобовар, изтиробнок, нисбати фарзандон сахтгиру сахтмуомила ба шумор меравaнд. Писарбачагони шармгин ҳамеша бар ин ақидаанд, ки онҳо дар муқоиса бо ҳамсолони худ аз ҳад зиёд заиф, қадбаланд ё қадпаст, фарбеҳ, зиштрӯй, дилнокашу безебанд. Ба ҳамин

монанд духтарбачаҳо низ худро нисбат ба ҳамсолонашон харобу лоғар, безебу бенур ва кундзеҳну нодон мешуморанд. Хусусиятҳои зикргардида ҷанбаҳои муҳимми худэҳсоснамоӣ ва худдаркнамоии онҳоро ташкил медиҳанд.

Эҳсоси шармгинӣ дар хонандагони хурдсол баъзан бо гузашти айём мегузарад, аз он «раҳо» ёфтан мумкин аст, вале чунин раҳоёбии саривақтӣ на ҳама вақт имконпазир мегардад. Барои бартараф кардани хислати шармгинӣ аксарияти хонандагони хурдсол ба дастгирию кумакрасонии калонсолон – волидайн ва омӯзгорон ниёз доранд. Раванди бартарафнамоии ин хислати нохуш дар хонандагони хурдсол бояд дар ҳамбастагии оила ва мактаб, босаброна, эҳтиёткорона ва ба тарзи пайваста сурат гирад, зеро хонандагони шармгин ба ҳар гуна таъсиррасонӣ хеле ҳассосанд ва на ҳамаи онҳоро ба тарзи мусбат қабул мекунанд. Эҳсоси шармгинии тӯлонии ислоҳкарданашуда метавонад онҳоро то ба дараҷаи афсурдаҳолӣ ва бемории рӯҳӣ бурда расонад. Сари вақт ошкор кардан ва ислоҳ кардани он гарави солиму комил ба воя расидани хурдсолон аст.

Ба мактаббачагони хурдсоли шармгин хусусиятҳои хашмгинӣ ва ба имкониятҳои худ эътимод доштан хос нест. Зеро ҳамеша фикр мекунанд, ки атрофиён ба онҳо бо назари танқид менигаранд, бинобар ин, кӯшиш мекунанд, ки дар мадди назари дигарон қарор нагиранд, канораҷӯ, мардумгурез, тарсончак, беҷуръат ва дараҷаи иддаояшон хеле паст аст.

Равоншиносон, равонпизишкон, равондармонон, ҷомеашиносон ва дигар мутахассисон кӯшиш намудаанд, ки моҳияти мафҳуми «шармгинӣ»-ро вобаста ба масъалагузории худ шарҳу эзоҳ диҳанд. Аз ин рӯ, доир ба моҳияту мазмуни ҳисси шарм ва хислати «шармгинӣ» андешарониҳо гуногунанд. Мувофиқи баъзе андешаҳо, ҳолати шармгинӣ сабаби ба вуҷуд омадани ҳисси ноумедию маъюсӣ ва ё хашму ғазаб гашта, баъзан, боиси аз гиря худдорӣ карда натавонистани шахс мегардад. Ба андешаи равоншиноси рус К. Изард, шахс ҳангоми дарки гуноҳи худ «дар оташи шарм месӯзад, мадори аз пайгирии сӯрохкунандаи азоби виҷдони худ пинҳон шуданро надорад» [9,с.346].

Муҳаққиқони хислатҳои шахс онро ҳамчун ҳассосияти баланди эътино ба хатари хусусияти модарзодидошта арзёбӣ мекунанд. Ба ақидаи онҳо, хислати шармгинӣ ба монанди дигар хусусиятҳои фардӣ-психологӣ, масалан, қобилиятҳои ақлонӣ ё инкишоф ба таври ирсӣ аз насл ба насл мегузарад. Шахсияти инсон барандаи маҷмуи баъзе хислатҳое мебошад, ки онҳоро тавассути таҳлилу таркибнамоиҳои математикии ҷавобҳои озмудашаванда ба саволҳои пурсишномаҳои мувофиқ ошкор кардан мумкин аст. Бо ин мақсад ҳар як хислати озмудашаванда дар алоҳидагӣ баҳогузорӣ карда шуда, тарзе бо ҳам алоқаманд карда мешаванд, ки имконияти ҷудо кардани маҷмуи хислатҳо – «аломатҳо» фароҳам гардад. Пас аз он, барои муайян кардани «меросӣ» будан ё набудани хислатҳои озмудашвандагон натиҷаҳои нишондодаи фарзандон бо натиҷаҳои нишондодаи падару модарон муқоиса карда мешаванд. Шахсони шармгин тавлидгардида, одамони маҳкумшудае мебошанд, ки тамоми умр барои ба тарзи «табиӣ» аз байн рафтани хислати шармгинии худ интизорӣ мекашанд [11,с.2].

Ба ақидаи бихевиористон, шахсони шармгин касонеанд, ки аз маҳорату малакаҳои муайяни иҷтимоии бо дигарон робита барқарор кардан бархӯрдор нестанд. Онҳо итминон доранд, ки ҳар як фард маҳсули муҳитест, ки дар он ба воя расидааст. Дар ин муҳит одатан амалҳоеро аз худ мекунад, ки ба он ҳавасманд аст, аз амалҳое худдорӣ мекунад, ки барояш оқибатҳои нохуш дорад. Тибқи консепсияи бихевиористӣ, ба туфайли чунин дигаргунгардии муҳити беруна, яъне замоне ки танҳо рафтори «матлуб» мукофотонида мешавад, хислати шармгинӣ дар бача ҳангоми кӯшиши дар олами калонсолон мавқеи хосса пайдо кардани ӯ ташаккул ёфта метавонад [11,с.2].

Психоаналитикҳо иддао доранд, ки шармгинӣ – аломат, зуҳуроти зоҳирии низои амиқи бешуурӣ мебошад. Онҳо дар тавсифи бархӯрди қувваҳои дохилӣ аз истилоҳоти механизмҳои ҳимоянамоӣ, агрессия, гурӯҳбандӣ кардани қувваҳо, низои ботинии «партизанӣ», рамзҳои махфӣ ва агентҳои дугоник истифода мебаранд. Зигмунд Фрейд – асосгузори психоанализ (1856-1939), вайроншавии рӯҳиро ҳамчун номувофиқатии байниҳамдигарии Ид (Вай) – майлҳои ҷинсӣ, Эго (Ман) – шуур ва Супер Эго (Аз Ман боло) – виҷдон, се унсури асосии шахс тавсиф медиҳад. Ӯ аз байни унсурҳои мазкур майлҳои ҷинсӣ-шаҳвониро ҳамчун қувваи асосии ҳаракатдиҳандае мешуморад, ки тамоми фаъолияти психикии инсонро идора мекунанд. Дар истилоҳоти мазкур шармгинӣ ҳамчун баъзе аломатҳои ноқаноатмандии комплекси Эдипӣ баҳогузорӣ карда мешавад [4,с.28].

Ҷомеашиносон ва баъзе аз мутахассисони равоншиносии бачагона бар он ақидаанд, ки шармгиниро бояд дар барномасозии иҷтимоӣ дида баромад, зеро шароити муҳити иҷтимоӣ аксарияти моро шармгин мекунад. Решаи шармгиниро бояд дар муносибатҳои иҷтимоии "Ман"-и шахс ҷустуҷӯ кард [4,с.28].

Равоншиносони иҷтимоӣ бар он ақидаанд, ки хислати шармгинӣ аз замони худро тамғагузорӣ кардани хурдсолон: «Ман бачаи шармгинам», «Ман писарчаи бадафтам» ва онҳоро тамғагузорӣ кардани атрофиён: «Вай беҷуръат аст», «Онҳо таҳаммулнопазиранд»

ва ғ. оғоз мегардад. Арзишмандии тамғаҳо на аз рӯйи маълумоти объективии онҳо, балки аз рӯйи мақому мартабаи тамғагузоранда муайян карда мешавад. Онҳо мисли ҳукми ниҳоиеанд, ки мавриди шикоят қарор намегиранд. Вале ҳар як ҳодиса якмаъно нест, онро бо тарзҳои гуногун баррасӣ кардан мумкин аст. Ҳар гуна ҳодисаро ҳар як шахс вобаста ба дараҷаи фаҳмишу дониш ва ба тарзи барои худ дастрас баррасӣ мекунад. Вале касе бо итминони комил гуфта наметавонад, ки маҳз баҳогузории анҷомдодаи ӯ дуруст буда, шакли дигари он вуҷуд надорад. Дар матни инкишофи эмотсия ва ҳиссиётҳои инсонӣ шармгинӣ, баъзан, ҳамчун синоними ҳисси тарс (Т. Болдуин, К. Гросс), баъзан ҳамчун ифодаи ҳисси гунаҳкорӣ ё шарм (В. Штерн, В. Зенковский, К. Изард) баррасӣ мегардад. Гузашта аз ин, ҳамаи равоншиносон шармгиниро бо хусусиятҳои худогоҳии бача: ба худ боварӣ надоштан, худбаҳодиҳии паст, нобоварӣ ба атрофиён алоқаманд мешуморанд. «Шармгинӣ – хислати характерест, ки дар хиҷолатмандӣ, изтиробнокӣ, беҷуръатӣ, мушкилӣ ҳангоми муоширатнамоӣ, пайдо шудани андеша оид ба камарзишии худ ва муносибати манфии ҳамсуҳбат бо шахс ифода меёбад» [12,с.42].

Хислати шармгинӣ одатан дар овони бачагӣ зоҳир мегардад. Падару модар аз ин хислати фарзанди хеш ҳангоми меҳмони хонадони хешу табор гардидан ё ба меҳмонӣ омадани дигарон огоҳӣ пайдо мекунанд. Дар ин маврид фарзандони хурдсол тарсону беҷуръатона модари худро ба оғӯш мегиранд ва ба саволҳои калонсолон ҷавоб намегардонанд. Баъзан бачагон аз якҷоя шудан ба гурӯҳи ҳамсолони худ шарм медоранд, ҷуръати ба бозии онҳо ҳамроҳ шудан намекунанд. Чунин вазъият яке аз вазъиятҳои зоҳиргардии хислати шармгинӣ дар кӯдакон буда, дар асл хело зиёданд ва аксар вақт онҳоро дар боғча, дар мактаб, маконҳое, ки дар он кӯдак бояд бо одамони гуногун муошırату муносибат барқарор намояд, дар дарсҳо ҷавоб диҳад, дар барномаҳои идона баромад кунад, мушоҳида кардан мумкин аст. Мавридҳои зикргардида, мавридҳое ба шумор мераванд, ки дар онҳо кӯдакон дар канори модар қарор надоранд ва мушкилии худро бояд мустақилона ҳаллу фасл намоянд. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки шармгинии дар синни барвақти бачагӣ баамаломада одатан дар давоми тамоми синни хурди мактабӣ боқӣ мемонад. Чунин хислат дар синни панҷсолагӣ ба дараҷаи авҷи аълои худ мерасад. Ин бо он алоқаманд аст, ки дар ҳамин синну сол дар бачагон талабот ба муносибати эҳтиромонаи калонсолон бо онҳо ташаккул меёбад [3,с.117].

Шикоят аз шармгинию шармдории бачагони синни томактабӣ ҳангоми омодагӣ гирифтан ба таҳсил дар мактаб, яъне тақрибан аз синни 6-солагӣ оғоз мегардад. Сатҳи пасти инкишофи муоширатнамоӣ, мардумгурезӣ, канораҷӯӣ аз атрофиён, мушкилӣ дар барқарор кардани робита бо ҳамсолону калонсолон ба бача имконият намедиҳанд, ки вориди фаъолияти коллективона гардида, аъзои комилҳуқуқи гурӯҳи боғчаи бачагон ё хонандагони мактаб гардад [2,с.45].

Бачагони шармгин дар 4-5-солагӣ ба таърифу таҳсин ва дастгирии калонсолон ниёз дошта, ба ҳар гуна эродгириҳо вокуниш нишон медиҳанд ва аз ҳазлу шӯхиҳои ба онҳо нигаронидашудаи атрофиён меранҷанд. Ба калонсолон зарур аст, ки дар муносибат бо ин гурӯҳи бачагон эҳтиёткорона амал намуда, боназокату хушмуомила бошанд [3,с.118]. Дар ин марҳалаи синнусолӣ оила ва мактаб метавонанд бо роҳи ташкил кардани бозию машғулиятҳои коллективона дар хонандагони хурдсол маҳорати зарурии муоширатнамоӣ ва бартараф намудани хислати шармгиниро ташаккул диҳанд. Масъалаи мазкур ҳалшаванда буда, барвақтар оғоз кардани он мувофиқи мақсад аст, зеро дар синни калони томактабӣ ва хурди мактабӣ оғоз кардани он боиси ба миён омадани баъзе мушкилиҳо мегардад.Дар марҳалаи ба мактаб дохил шудани бачагони шармгин аллакай дар онҳо услуби муайяни рафтор, рафтори ба худ хосси иҷтимоӣ ташаккул ёфта, онҳо доир ба «камбудию норасогиҳои» худ андеша мекунанд. Бо вуҷуди ин, дарки хислати шармгинии худ на танҳо ба бача барои бартараф кардани ин ё он «камбудию норасогии» худ кумак, балки баръакс, халал мерасонад, зеро ба ин гурӯҳи мактаббачагон хусусияти баръало зоҳиршавандаи худбаҳодиҳӣ ва дараҷаи пасти иддао хос мебошад. Бачагони шармгин қудрати мустақилона бартараф кардани чунин хислати худро надоранд, зеро ба тавоноӣ, қувва ва имкониятҳои худ бовар надоранд, гузашта аз ин, пайваста зери назар қарор додани чунин хислати характер ва рафтор онҳоро бештару бештар карахттар мегардонад. Ба бачагони шармгин танҳо калонсолон кумак расонида метавонанд ва ин кумак ҳар қадаре ки барвақттар оғоз гардад, ҳамон қадар беҳтару хубтар аст [2,с.45].

Ҳамин тариқ, шармгинӣ ҳамчун хислати шахсият метавонад ирсӣ бошад ва метавонад дар ҷараёни ҳаёт пайдо шавад. Ба андешаи аксарияти муҳаққиқон, шармгинӣ яке аз хислатҳои ниҳоят маъмул ва мураккаби муносибатҳои байниҳамдигарии одамон, хусусан хурдсолон ба шумор меравад. Маълум аст, ки мушкилӣ дар шиносшавӣ бо дигарон, ҳисси ҳолати ногувори эмотсионалӣ дар ҷараёни муошират, мушкилӣ дар ибрози ақидаи хеш, худро ба таври ногувор муаррифӣ намудан ва аз ҳад зиёд ба худ аҳамият додан, боиси аз даст додани боварӣ ба қувваю тавоноӣ ва имкониятҳои худ, бовари ю эътимод ба атрофиён гашта, заминаи ба таври ғайрифаъолона ба роҳ мондани ҳаёти

шахсӣ ва пурраю ҳамаҷониба истифода бурда натавонистани тавоноию иқтидори эҷодии худ мегардад.

**Муқарриз: *Амонов Н.К.* – номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти ДМТ**

**АДАБИЁТ**


1 Безруких М.М. Ребёнок идет в школу: Знаете ли вы своего ученика? Пособие для студентов пединститутов, учащихся педучилищ, колледжей и родителей / М.М. Безруких, С.П. Ефимова. -М.: Академия, 1996. -240 с.
2 Волкова Е.М. Трудные дети или трудные родители? / Е.М. Волкова. -М.: Профиздат, 1992. -96 с.
3 Галигузова Л.Н. Застенчивый ребёнок / Л.Н. Галигузова // Дошкольное воспитание. – 2000. -№4. -С.116-120.
4 Галигузова Л.Н. Психологический анализ феномена застенчивости / Л.Н. Галигузова // Вопросы психологии. - 2000. -№5.
5 Гаспарова Е. Застенчивый ребёнок / Е. Гаспарова // Дошкольное воспитание. -М.: Просвещение, 1989. -№3.
6 Гуревич Ю. По ту сторону застенчивости / Ю. Гуревич // Педагогический калейдоскоп –1998 - №5.
7 Диагностика школьной дезадаптации: Для школьных психологов и учителей. Издательский центр «Социальное здоровье». -М., 1995.
8 Зимбардо Ф. Застенчивость (что это такое и как с ней справляться) / Ф. Зимбардо. -СПб: Питер Пресс, 1996. -256 с.
9 Изард К. Психология эмоции / К. Изард. -СПб., 2000.
10 Карпенко В. Застенчивость / В. Карпенко // Воспитание школьников. – 1995. -№2.
11 Кленкина В.Ю. Застенчивость как проблема юношеского возраста / В.Ю. Кленкина, О.В. Халявина // Конкурс юношеских исследовательских работ им. В.И. Вернадского 2001-2002 гг. [Электронный ресурс]. www.vernadsky.dnttm.ru/raboty2002/raboty/h3/w02199.htm -
12 Коджаспирова Г.М. Педагогический словарь: Для студентов высших и средних пед. учеб. заведений / Г.М. Коджаспирова, А.Ю. Коджаспиров. -М.: Издательский центр «Академия», 2000. -176 с.
13 Кулагина И.Ю. Возрастная психология (Развитие ребёнка от рождения до 17 лет): Учебное пособие / И.Ю. Кулагина. -М.: РОУ, 1996. -180 с.
14 Минаева В. Как помочь ребёнку преодолеть застенчивость / В. Минаева // Воспитание школьников. – 2001. - №9.
15 Мухина В.С. Возрастная психология: Учебник для студентов высших учебных заведений / В.С. Мухина. -М.: Издательский центр «Академия», 2009. -640 с.


## ШАРМГИНӢ ҲАМЧУН МУШКИЛИИ ПСИХОЛОГИИ МАКТАББАЧАГОНИ ХУРДСОЛ


Дар мақола масъалаи шармгинӣ ҳамчун хислати табиати инсонии дар хиҷолаткашӣ, изтироб, ташвиш, беҷуръатӣ, мушкилӣ дар барқароркунии муошират ва муносибат бо атрофиён (хусусан бо шахсони ношинос) зоҳиршаванда, ки дар заминаи андешаҳои номукаммалию камарзишии худ ва дараҷаи пасти худбаҳодиҳии мактаббачагони хурдсол ба вуҷуд меояд, мавриди муҳокима қарор гирифтааст. Таъкид карда мешавад, ки хислати шармгинӣ дар мактаббачагони хурдсол ба таври гуногун (худро дудила ҳис кардан, аз зоҳир кардани ноуҳдабароию белаёқатии худ шарм доштан, аз иқрор шудан ба ин чиз тарсидан ва ғ.) зоҳир мегардад. Мактаббачагони шармгин бо атрофиён, хусусан шахсони ношинос робита барқарор карда наметавонанд, ё ба ин амал ҷуръат намекунанд. Дар робита бо одамони шинос худро гум мекунанд, ба саволҳои онҳо бо мушкилӣ ҷавоб мегардонанд. Кӯдакони аз ҳад зиёд шармгин фардияти худро аз даст медиҳанд, кӯшиш менамоянд, ки дар миёни одамон нопадид гарданд (дар пушти одамони бегона ҷо мешаванд, чеҳраи худро пинҳон медоранд). Шармгинӣ доираи васеи зуҳуроти психологӣ – аз хиҷолаткашии бемаврид дар ҳузури атрофиён то ба дараҷаи баланди изтиробнокии осебрасону харобкунандаи ҳаёти кӯдакро фаро мегирад. Шармгинӣ яке мушкилиҳои мураккаб ва ниҳоят маъмули муошират ва муносибати байниҳамдигарии мактаббачагони хурдсол ба шумор меравад. Хислати шармгинӣ барои мактаббачагони интроверт (дарунгаро) ногуворию нороҳатии бештарро ба бор меорад. Ҳиссиёти ногувори шармгинӣ ба рафтору муносибати байниҳамдигарии онҳо бо одамони дигар таъсири манфӣ расонида, худбаҳодиҳии ранҷуронаи онҳоро шаддидтар мегардонад. Ин гурӯҳи кӯдакон барои ба дигарон изҳор кардани ҳисси дудилагӣ, тарс ва хоҳишҳои худ ҷуръат намекунанд, ба хотири пайдо кардани роҳи ҳалли мушкилии худ аз касе мадад намепурсанд. Дар муқоиса бо кӯдакони шармгини интроверт (дарунгаро) кӯдакони шармгини экстроверт (берунгаро) дар вазъияти нисбатан беҳтар қарор доранд. Барои бо тамоми ҷузъиётҳои муҳиму номуҳим пешакӣ фаҳмида гирифтани ин ё он ҳодиса неруи зиёди асабӣ сарф менамоянд.



**Калидвожаҳо**: шармгинӣ, беҷуръатӣ, худбаҳодиҳӣ, ҳисси изтироб, тарс, кӯдак, мактаббача, оила, муошират, муносибат, тамғагузорӣ.


## ЗАСТЕНЧИВОСТЬ КАК ПСИХОЛОГИЧЕСКАЯ ПРОБЛЕМА МЛАДШИХ ШКОЛЬНИКОВ


В статье рассматривается проблема застенчивости как характеристики человеческой природы, которая проявляется в смущении, тревоге, беспокойстве, нерешительности, трудностях в общении и связи с другими (особенно с незнакомцами), возникающих из-за низкой самооценки младших школьников. Отмечается, что застенчивость проявляется у младших школьников по-разному (чувство неуверенности, стыда за свою некомпетентность, боязнь признаться в этом и т. д.). Застенчивые школьники не могут или не осмеливаются общаться с другими людьми, особенно с незнакомцами. Они теряют контакт со знакомыми людьми и с трудом отвечают на их вопросы. Чрезмерно застенчивые дети теряют индивидуальность, стараются скрыться среди других (прятаться за незнакомцами, прятать лицо). Застенчивость охватывает широкий спектр психологических явлений, от ненужного смущения в присутствии оуружающих до сильной тревоги, разрушающей жизнь ребенка. Застенчивость - одна из самых сложных и распространенных проблем в общении и взаимодействии детей. Застенчивость больше мешает младшим школьникам-интровертам. Неприятное чувство застенчивости негативно влияет на их поведение и отношения с другими людьми и усугубляет их задетую самооценку. Эта группа детей не смеет выражать свои чувства неуверенности, страха и желания другим и не просят никого о помощи в поиске решения своей проблемы. По сравнению с застенчивыми интровертами, экстровертные дети находятся в гораздо лучшем положении. Много нервной энергии тратится ими в ожидании того или иного события, а также тратится на незначительные детали.



**Ключевые слова**: застенчивость, нерешительность, самооценка, чувство тревожности, страх, ребенок, школьник, семья, общение, отношение, ярлык.

## SHYNESS AS A PSYCHOLOGICAL PROBLEM OF YOUNGER SCHOOLCHILDREN

In article the shyness problem as characteristics of human nature which is shown in confusion, alarm, concern, indecision, difficulties in communication and the relation with others (especially with strangers), arising because of a low self-assessment of younger school students is considered. It is noted that shyness is manifested in younger schoolchildren in different ways (a sense of uncertainty, shame for their incompetence, fear of admitting to this, etc.). Shy schoolchildren cannot or do not dare to communicate with other people, especially strangers. They lose contact with familiar people and hardly answer their questions. Overly shy children lose their individuality, try to hide among others (hide behind strangers, hide their face). Shyness covers a wide range of psychological phenomena, from unnecessary embarrassment in the presence of others to severe anxiety the destructive life of a child. Shyness is one of the most complex and common problems in children's communication and interaction. Shyness more interferes with younger students-introverts. An unpleasant sense of shyness negatively affects their behavior and relationships with other people and exacerbates their hurt self-esteem. This group of children dare not express their feelings of uncertainty, fear and desire to others and does not ask anyone for help in finding a solution to their problem. Compared to shy introverts, extroverted children are in a much better position. A lot of nervous energy is spent by them in anticipating a particular event, and is also spent on insignificant details.

**Keywords**: shyness, indecision, self-esteem, sense of anxiety, fear, child, schoolboy, family, communication, attitude, label.

**Маълумот дар бораи муаллиф**: ***Алиев Мирзоалӣ Таварович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи психология. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 901-11-55-61.** E-mail: **mirzoali-aliev@mail.ru**

**Сведение об авторе:** ***Алиев Мирзоали Таварович*** – Таджикский национальный университет, кандидат педагогических наук, доцент кафедры психологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 901-11-55-61**. E-mail: **mirzoali-aliev@mail.ru**

**Information about the author:** ***Aliev Mirzoali Tavarovich*** **-** Tajik National University, Candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor of the Department of Psychology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 901-11-55-61.** E-mail: **mirzoali-aliev@mail.ru**

**УДК:372.84**

# АРЗЁБИИ ТАШАККУЛДИҲАНДА ОМИЛИ РУШДИ ҚОБИЛИЯТИ ЗЕҲНИЮ НУТҚИИ ТАЛАБАГОНИ ХУРДСОЛ ДАР РАВАНДИ ФАЪОЛИЯТИ МУСТАҚИЛОНАИ ТАЪЛИМӢ
## (дар дарсҳои забони модарӣ)

***Бозоров Х.***
**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ**

«Арзёбии ташаккулдиҳанда – усули баҳодиҳиест, ки тавассути он муаллиму хонандагон раванди таълимро таҳлил карда, хулосаи зарурӣ мебароранд. Воситаҳои арзёбии ташаккулдиҳанда ба муаллимон имконият медиҳанд, ки раванди таълимро ба мушоҳида гирифта, бо маслиҳату машварат фаъолиятро барои расидан ба мақсадҳои таълим равона созанд. Ин навъи арзёбӣ хонандагонро водор месозад, ки сатҳи инкишофашонро худ муайян кунанд ва барои дастрасӣ ба сатҳи дигари ахбор ва тарзи ба он расидан шароит фароҳам оранд» [14,с-9].

Талабагон аз ҳамдигар бо ҷиҳатҳои гуногун фарқ мекунанд ва ин фарқият боиси он мегардад, ки барои ба эътибор гирифтани хусусият ва ниёзмандии онҳо ба раванди таълим тағйирот ворид намоем. Дар замони муосир як ченакро барои ҳама истифода намудан мувофиқ намеояд. Барои он ки дар заминаи таълим, рушди равонию физиологӣ ва мутобиқшавии иҷтимоии талабагон ба роҳ монда шавад, воситаҳои дидактикиро ба талаботи ҳар як хонанда мутобиқ истифода кардан лозим меояд.

Омӯзгороне, ки аз усулҳои арзёбии ташаккулдиҳанда:тафриқа, мушоҳида ва дарёфти далел, гурӯҳи ҳидоятшуда, таҳлил ва робитаи мутақобила, ҳамсозӣ, муколама ва рефлексия истифода мебаранд, муносибати худро ба таълим тағйир додаанд. Онҳо ба хонандагон барои таваккал кардан, аз ғалат наҳаросидан ва ба худ эътимод ҳосил кардан имконият фароҳам меоранд. Талабагон дар чунин дарсҳо худро эмин ҳис карда, фаъолона, бо шавқ ва кӯшиш ба раванди омӯзиш ҷалб мегарданд.

Дар рушди зеҳнии талабагон фаъолияти мустақилонаи таълимии онҳо нақши калидӣ дорад. Агар маводи таълимӣ барои хонандагон арзишманд ва ба ҳаёт алоқаманд бошад, омӯзиш талабагонро ба иҷрои фаъолияти мустақилонаи таълимӣ ҳидоят намуда, дар онҳо худназораткунӣ ва худидоракуниро тарбия мекунад.

«Дар ҷаҳони муосири зудтағйирёбанда ва пур аз тазодҳо шаҳрвандон аз хурд то бузург бояд сифатҳои ташаббускорӣ, навоварӣ, амалигардонӣ, масъулиятшиносӣ ва созандагию бунёдкорӣ дошта бошанд» [3,с.8].

Барои ноил шудан ба сифатҳои ташаббускорию эҷодкорӣ омӯзгорони ботаҷриба ҳангоми банақшагирии дарс омилҳои зеринро бояд ба инобат гиранд:

-мақсад, вазифа ва фаъолияти таълимиро мувофиқи ниёзи хонандагон ба таври тафриқавӣ ба нақша гиранд;

- дар раванди дарс донанд, ки киро мушоҳида ва кадом далелро муайян кунад;

-фаъолияти кадом хонандаро таҳлил кунанд ва ба кадом мақсад ва чӣ тарз робитаи мутақобила ташкил намояд;

-муколамаро чӣ тавр ба роҳ монанд ва ҳангоми муколама ба чӣ диққат диҳанд.

Арзёбии ташаккулдиҳанда ба омӯзгор имконият медиҳад, ки барои дарёфти далел ба таври пайваста мушоҳида гузаронда, мушкилоти таълимии талабагонро ошкор намояд. Агар маводи таълимӣ мутобиқ ба ниёзмандии талабагон ба нақша гирифта шавад, муаллим дар рафти ҳар як дарс дар асоси таҳлил ва робитаи мутақобила ба хонандагони ниёзманд дар иҷрои супориши таълимӣ ёрии амалии худро мерасонад.

Омӯзгор ҳангоми таҳлил ва робитаи мутақобила фаъолияти мустақилонаи талабагонро ба назар гирифта, тавассути таҳлил ва омӯзиши рафтори хонанда, дар бораи тарафҳои қавӣ ва заифи ӯ маълумот ҷамъоварӣ мекунад. Дар натиҷа, чигунагии қадамҳои минбаъдаи талаба пурра шарҳу эзоҳ ёфта, рушд ва инкишофи омӯзиши ӯ мушаххас мегардад.

Агар бо сабабе дар раванди дарс робитаи мутақобила бо хонандагон ташкил карда нашавад, пас дарси дигар ҳатман ин вазъиятро ба хотири хонандагон расонида, ақида ва тавсияҳо пешниҳод карда мешаванд.

Усули самарабахши ҷамъоварии маълумот дар бораи сатҳи рушди хонанда муколама мебошад. Ин усул барои пайдо намудани маълумот барои беҳтар ба роҳ мондани сатҳи омӯзиш ва дарку фаҳмиши хонадагон кумак мерасонад. Омӯзгорон тавассути заҳмати зиёд фарҳанги иртиботу муколамаро дар синф ба вуҷуд меоранд ва тавассути он хонандагонро ба муколама ҷалб мекунанд. Бинобар ин, ҳамкории омӯзгор ва хонандагон ба он оварда мерасонад, ки талабагон дар раванди таҳияи мақсадҳои таълим ҷалб гардида, дар ҳамкорӣ бо омӯзгор омӯзишро ба роҳ монанд.

Муколама бо мақсади дастрасӣ ё расидан ба фаҳмиши ягона (дар гурӯҳ, синф ё ҷомеа) тавассути саволдиҳӣ ба роҳ монда шуда, шубҳа (нобоварӣ)-ро кам мекунад, ба фаҳми хонандагон расонидани мафҳумҳо ва принсипҳоро метезонад.

Муколама на танҳо сатҳи дарккуниро инкишоф медиҳад, балки рушди отифӣ - эмотсионалиро низ тақвият мебахшад.

Тартиби гузаронидани муколама:

-доир ба мавзуъ савол ё ақидаеро пешниҳод намоед;

- ба хонадагон барои фикр кардан вақт ҷудо намоед;

-сипас, фикру ақидаашонро бигӯянд, ба фикри ҳамдигар ҳамроҳ шаванд, фикри якдигарро рад кунанд ё тақвият бахшанд;

-муаллим бояд онҳоро роҳнамоӣ кунад, саволҳои водоркунанда пешниҳод намояд.

Ҳангоми муколама ба дурустии баён, амиқии фикр ва пайдарпайии он диққат додан лозим аст. Мисол, мавзуи дарс "Як пиразани одӣ" [4,с.6-7].

Муаллим талабагонро ба муҳокима даъват намуда, чунин савол пешниҳод мекунад: "Шумо ба касе ёрӣ расондаед?" Агар ёрӣ расонда бошед, каме нақл кунед.

Хонандагон ду нафарӣ дар бораи ёрӣ расондан ба калонсолон ва хурдсолон фикр карда, сипас, нақл мекунанд.

Муаллим аз усули **"Бодиққат бош"** истифода карда, матни "Як пиразани одӣ"-ро мехонад ва қасдан дар яке аз калимаҳо ғалат мекунад.

Масалан, калимаи "дошта"-ро "гашта" мехонад. Нафаҳмидам гуфта, ҷумларо бори дигар мехонад ва калимаи "дошта"-ро дуруст мехонад. Ҳа, акнун фаҳмидам, гӯед. Ба хонандагон фаҳмонед, ки ҳангоми хондани матн ягон калимаро ғалат хонед, маънои онро дуруст намефаҳмед. Аз ин лиҳоз, ҷумларо бори дигар хонда, ғалати худро ислоҳ мекунад. Барои ислоҳи ғалатҳои хонандагон хониши дунафара ёрӣ мерасонад.

**Хониши дунафара.** Хонандагон ба гурӯҳҳои дунафара ҷудо шуда, хониши якдигарро мушоҳида ва ба якдигар ёрӣ мерасонанд. Масалан, хонандаи "А" мехонад, хонандаи "Б" гӯш мекунад. Дар навбати худ, хонандаи "Б" мехонад ва хонандаи "А" гӯш карда, ғалатҳои дар вақти хондан рӯй додаро ислоҳ мекунанд.

**Таҳлили матн дар асоси саволҳо.** Муаллим дар тахтаи синф якчанд савол менависад:

1.Мактаббачаҳо ба куҷо мерафтанд?

2.Дар роҳ чӣ ҳодиса рӯй дод?

3.Писарак чӣ кор кард?

4.Чаро духтарак ҳайрон шуд?

Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки аз матн маълумоти зарурии барои ҷавоб додан муайян кунанд.Тарзи алоқаманд кардани саволҳо бо мазмуни матн ба хонандагон нишон дода мешавад. Сипас, аз онҳо хоҳиш карда мешавад, ки мустақилона кор кунанд.

Гурӯҳи ҳидоятшударо муаллим муайян мекунад (масалан, гурӯҳи 6 ҳидоятшуда бошад, муаллим барои иҷрои супориш ба онҳо ёрӣ мерасонад.) Яъне, бо хонандагоне, ки

дар алоқаманд кардани саволҳо бо мазмуни матн душворӣ мекашанд, кумак мерасонад. Сипас, дар асоси саволҳо муколама ташкил менамояд.

Таҳлилҳо нишон додаанд, ки ҳар қадар раванди таълим аз ҷониби омӯзгор пурра идора карда шавад, ҳамон қадар имконияти омӯзиши хонанда маҳдуд гашта, малакаҳои худидоракунӣ, худтанзимкунӣ ва худбаҳодҳии талабагон рушд намеёбад.

Аз ин лиҳоз, дар гурӯҳи ҳидоятшуда, ки таълим муштарак дар ҳамкории омӯзгор бо хонанда суръат мегирад, барои таълими мақсадноки нақшавӣ имкони муносиб фароҳам оварда мешавад. Омӯзгор метавонад фаъолияти талабагонро дар гурӯҳҳои хурд мушоҳида кунад ва ба раванди таълим дигаргунӣ ворид намояд.

Дар ин гурӯҳ сохтори дарсро ба нақша гирифта, раванди таълиму омӯзиш аз муносибати умумӣ ба синф, ба муносибати фардӣ мегузарад ва он барои расонидани ёрии индивидуалии таълим равона гардида, дар ин гурӯҳ диққати асосӣ ба муҳиммияти таҳқиқи кори эҷодӣ ва ҳамкорӣ равона карда мешавад.

Масалан, муаллим хонандагонро ба 5-гурӯҳи 5-6 нафара ҷудо карда, ба аҳли гурӯҳ супориш медиҳад, ки барои дарки мазмуни ҳикоя аз усули "Кӣ?, Чӣ?, Кай? Дар куҷо?" [11,с.62] истифода бурда, ба саволҳо зерин ҷавоб гардонанд.

**Муаллифон**: -Ф.Шарифзода ва М.Лутфуллозода.

**Номи матн** -"Як пиразани одӣ" (ҳикоя).

**Жанр-**(ҳикоя)

**Мазмуни асосии матн (дар бораи чӣ?)** - ёрӣ расондан ба калонсолон.

**Воқеа (дар кучо?)** - дар кӯча.

**Воқеа (кай?)** - дар фасли зимстон.

**Симоҳои асосӣ** - пиразан, духтарак ва писарак.

**Лаҳзае, ки ба ман маъқул шуд** - ба пиразан ёрӣ расондани писарак.

**Хулоса** – ба калонсолон ва хурдсолон ҳамеша дасти ёрӣ дароз кардан лозим.

**Мавзуъ ва фикри асосӣ** - тарбияи дурусти фарзанд.

Бо мақсади дониши азхуднамудаи хонандагонро фаҳмидан бозии **" Курсии сеҳрнок**"-ро мегузаронад.

Ҳоло яке аз шумо ба назди тахтаи синф омада, дар нақши симои асосии ҳикоя бозӣ карда, ба саволҳои ҳамсинфон ҷавоб мегӯяд. Намуна:

1. Ду мактаббача ба куҷо мерафтанд? 2. Дар роҳ чӣ ҳодиса руй дод?

Ташкил ва гузаронидани чунин машғулият хонандагонро ҳавасманд гардонида, ба фаъолияти мустақилона, инкишофи нутқ ва зеҳни талабагон таъсири мусбат мерасонад. Муаллим метавонад вобаста ба сатҳи рушди хонанда чунин супориш диҳад:

- ➢ Матни "Як пиразани одӣ"-ро хонед ва сифатҳои писаракро гӯед. Масалан, ғамхор,...,
- ➢ Матнро хонед ва мазмунашро муфассал ё мухтасар нақл кунед.
- ➢ Матнро хонед ва ба бачагони рафтори нодуруст дошта маслиҳат диҳед.
- ➢ Ҷумлаҳоро хонед ва ба ҷойҳои холӣ мустақилона калимаи мувофиқ гузошта, онҳоро нависед.

А.Фасли ____________ буд. Ҳаво хеле сард буд.

Б.Баъд аз боридани___________замин лағжонак мешавад.

В.Дар фасли ___________дарахтон гул мекунанд.

Г. Замира себи кашидаашро бо ___________сурх ранг кард.

Супориш: Ба монанди намуна ду ҷумла нависед.

Намуна:Як рӯз ману хоҳарам ба мактаб рафтем.

**Имлои дунафара.**

Хонандагон ба гурӯҳҳои дунафара ҷудо шуда, тарзи беғалат навиштани калимаҳои "дӯст, зиндагӣ, рӯз, дарсӣ, одӣ, шӯша, ҷонӣ"-ро санҷида ба якдигар ёрӣ мерасонанд. Масалан, хонандаи "А" мехонад, хонандаи "Б" менависад. Дар навбати худ, хонандаи "Б" мехонад ва хонандаи "А" менависад ва дар вақти санҷидан ғалатҳои рӯйдодаро ислоҳ мекунад.Муаллим мавзуи «Саховати фаслҳои сол» [1,с.162-163].

Хонандагони синф ба 4 гурӯҳ тақсим мешаванд, ҳар гурӯҳ мувофиқи фасли сол номгузорӣ карда мешавад. (Масалан, «Баҳор», «Тобистон», «Тирамоҳ», «Зимистон».

Супориш: Ҳар як гурӯҳ вобаста ба номаш сархатҳои шеърро менависанд. Савол мегузоранд ва ба зери сифатҳо хат мекашанд.

Барои иҷрои кор вақт муайян карда мешавад. Масалан, гурӯҳи «Зимистон» гурӯҳи ҳидоятшуда бошад. Муаллим бо ин гурӯҳ ҳамкорӣ карда, ёрӣ мерасонад. Баъди ба итмом расидани кори гурӯҳӣ ҳар як гурӯҳ кори иҷрокардаашро муаррифӣ мекунад.

Дар натиҷаи таҳқиқи кори эҷодӣ омӯзгор имконият пайдо мекунад, ки оид ба тарафҳои қавӣ ва заифи ҳар як талаба маълумоти зарурӣ ҷамъ намуда, дар қадамҳои минбаъдаи шогирдон дар самти омӯзиш ва инкишоф саҳмгузор бошад.

Дар раванди муносибати босалоҳият ба таълим устоду шогирд иштироки фаъолона ва баробар доранд. Дар ин муносибат худидоракунии хонанда мавқеи хосса дорад.

Худидоракунии хонанда дар худ маънои масъулиятнокӣ, назорат ва эътимоднокиро касб намуда, малакаҳои худидоракунӣ, худсамтгирӣ ва худтанзимкунии хонандаро тақозо менамояд. Хонанда барои таълим гирифтан бояд бештар масъулият бар дӯш гирифта, рафтори худро ба танзим дарорад. Вазифаи омӯзгор ва мактаб ташаккул додани малакаҳои зарурии худидоракунӣ ва худтанзимкунии хонандагон мебошад. Барои ташаккул додани малакаҳои худидоракунӣ ва худтанзимкунӣ ва рушди тафаккури хонандагон истифодаи арзёбии ташаккулдиҳанда бисёр муҳим буда, омӯзгор ва талабагонро дар раванди дарс фаъол мегардонад.

«Мақсади арзёбии ташаккулдиҳанда –ислоҳ кардани фаъолияти хонанда мебошад. Арзёбии ташаккулдиҳанда ба омӯзгор имконият медиҳад, ки сатҳи азхудкунии маводи таълимиро дар марҳилаҳои барвақтӣ ташхис карда, раванди таълимро мутобиқ созад, ба хонандагон ин навъи арзёбӣ имконият медиҳад, ки сатҳи баланди масъулиятро нисбат ба таълим дарк намоянд» [5,с.110].

Хонандагон фаҳмиш ва нуқтаи назари худро дар ҳамсозӣ бо талабагон рушд медиҳанд. «Ҳамсозӣ ин ширкати фаъоли хонандагон дар раванди омӯзиш ва ҳосил кардани донишҳо дар баробари омӯзор (калонсол ё ҳамсабақ) аст» [13,с.50].

Масалан, омӯзгор муколамаи байни хонандагонро ташкил карда, ба он дахолат намекунад, хонандагон оид ба мушкилот ё супориш саволгузорӣ мекунанд ва тавассути муколамаи якҷоя роҳи ҳалро пайдо мекунанд.Масалан, матни «Мӯри боҳиммат» [8,с.142].

Мӯре малахеро кашон-кашон мебурд, ки аз худаш ҳафт баробар зиёд буд. Гуфтанд:

- Ин мӯрро бинед, ки бо ин нотавонӣ ва хурдӣ бори вазнинеро мекашад.

Мӯр бихандиду гуфт:Мардон борро бо қувваи ҳиммат мекашанд, на бо қувваи тану бадан,

Луғат:

Мӯр-мӯрча

Ҳиммат-ҷаҳд ва кушиш.

Дар дарсе, ки ба хонандагон имкони бештари муколама фароҳам оварда мешавад, таълиму омӯзиш самаранок мегардад. Яъне, талабагон боҷуръатона фикру ақидаҳои худро баён карда, саволу масъалаҳои пайдошударо баррасӣ мекунанд. Вазъияти муколамавӣ на танҳо байни омӯзгору хонанда ё хонандаву хонанда ҳамчун самти «гуфтану шунидан», балки ҳамчун воситаи муошират фард ба ҷомеа мебошад. Дар он муошират ҷамъиятӣ ва фарҳангӣ рушд меёбад.Масалан: Мавзуи «Муошират» [1,с.333-334]:

-Ало, ало! Фирӯза! Дуруд ба Шумо!

-Салом, Диана!

-Аҳволатон чӣ тавр? Сиҳату саломат ҳастед?

-Бале. Чӣ хуб, ки садои Шуморо мешунавам.

-Ин лаҳза ҳавои мулки шумо гарм аст?

- Хеле гарм.

-Бо кадом мактаб ҳамкорӣ доред?

-Бо литсейи шаҳри Душанбе.

-Фирӯза, ҳоло ҳам дар гимназия хонда истодааст?

-Бале. Дар гимназияи мо муаллимони ботаҷриба дарс медиҳанд.

-Ба шумо Нигина Ҳалимовна дарс медиҳад?

-Не, ҳоло ӯ дар литсей кор мекунад. Диана, ӯро метавонед табрик кунед.

-Ба кадом муносибат?

-Нигина Ҳалимовна имсол ғолиби озмуни «Муаллими сол-2009» дониста шуд.

Бо тавсияи устодон муаллима Н. Ҳалимова дар дарсҳои худ усули ҳамкориро дар таълим истифода мебарад. Падару модарони шогирдонаш аз муаллима миннатдоранд.

Моҳияти муколама дар он аст, ки аз хонанда фикр карданро талаб мекунад, на бозгӯйӣ кардани фикри дигаронро.«Дар таълими рефлексивӣ омӯзгор таҷрибаи худро давра ба давра назорату арзёбӣ намуда, сипас, тарзи дарс додани худро ба таври доимӣ таҷдид мекунад» [11,с.50].Саволҳо барои муайян кардани дараҷаи азхудкунии маводи таълимӣ, мавзуъ ва, ҳамчунин, барои водор намудани хонандагон ба амиқтар омӯхтани масъала истифода мешаванд. Тавассути саволҳои пурмазмун омӯзгор метавонад дараҷаи фаҳмиши хонандагонро ташхис кунад.

Рукни асосии муколама саволу ҷавоб мебошад. Муколама, дар навбати худ, фазои таълимро пурра месозад.

Саволгузории самаранок чунин хусусиятҳо дорад:

-хонандаро ба фикр кардан водор менамояд;

-муҳокимаро ба миён меорад;

-гуногунфикриро тақозо мекунад;

-шавқ ва кунҷкобиро дар хонанда бедор мекунад.

Хулоса, арзёбӣ раванди давомдор ва такроршаванда буда, ҳар рӯз рӯй медиҳад ва ба

омӯзгору хонанда имкон медиҳад, ки амалу фаъолияти худро ба вазъияти таълимӣ мувофиқ созад. Ин фаъолият барои банақшагирии қадамҳои баъдинаи омӯзиш, ки ба талаботи хонандагон мувофиқ аст, замина фароҳам меоварад.


**АДАБИЁТ**

1. Асосҳои назариявии таълим ва омӯзиши интерактивӣ. –Душанбе, 2009. -62 с.
2. Боронов Б. Муносибати босалоҳият дар синфҳои ибтидоӣ / Б. Боронов. -Душанбе, 2018. -118 с.
3. Дастури тавсиявӣ. -Душанбе, 2019. -141 с.
4. Забони модарӣ барои синфи 2 / Шарифзода Ф., Лутфуллозолда М., Б. Ғаниева, С. Қуйбекова. -Душанбе, 2017. -327 с.
5. Забони модарӣ синфи 4 / М. Зиёев, У. Эрматова [ва дигарон]. –Душанбе, 2012. -343 с.
6. Забони тоҷикӣ барои синфи 3 / И. Абдуллоев, З. Абдуллоев, Б. Боронов, З. Дорғабеков. -Душанбе, 2012. -375 с.
7. Лутфуллоев М. Алифбо / М. Лутфуллоев. - 2014. -151 с.
8. Лутфуллоев М. Асосҳои таълими ибтидоии забони модарӣ / М. Лутфуллоев. –Душанбе: Собириён, 2007. -463 с.
9. Лутфуллоев М. Методикаи таълими забони модарӣ дар синфҳои ибтидоӣ / М. Лутфуллоев. –Душанбе: Маориф, 1985. -248 с.
10. Маводи методӣ оид ба тақвияти салоҳияти хониши хонандагони синфҳои ибтидоӣ.-Душанбе, 2019. -151 с.
11. Муносибати салоҳиятнок ба таълим. -Душанбе, 2017. -136 с.
12. Раҳнамои омӯзгор оид ба истифодаи арзёбии ташаккулдиҳанда ва арзёбии омӯзиш. -Душанбе, 2019. -56 с.
13. Стандарти таҳсилоти ибтидоии забони модарӣ барои синфҳои 1-4. –Душанбе, 2017. -110 с.
14. Фарҳанги забони тоҷикӣ. –М., 1969. -745 с.


## АРЗЁБИИ ТАШАККУЛДИҲАНДА ОМИЛИ РУШДИ ҚОБИЛИЯТИ ЗЕҲНИЮ НУТҚИИ ТАЛАБАГОНИ ХУРДСОЛ ДАР РАВАНДИ ФАЪОЛИЯТИ МУСТАҚИЛОНАИ ТАЪЛИМӢ

**(дар дарсҳои забони модарӣ)**


Мақола ба баррасии арзёбии ташаккулдиҳанда ҳамчун омили рушди қобилияти зеҳнию нутқии талабагони хурдсол дар раванди фаъолияти мустақилонаи таълимӣ дар рафти дарсҳои забони модарӣ бахшида шудааст. Арзёбии ташаккулдиҳанда ба омӯзгор имконият медиҳад, ки барои дарёфти далел ба таври пайваста мушоҳида гузаронда, мушкилоти таълимии талабагонро ошкор намояд. Агар маводи таълимӣ мутобиқ ба ниёзмандии талабагон ба нақша гирифта шавад, муаллим дар рафти ҳар як дарс дар асоси таҳлил ва робитаи мутақобила ба хонандагони ниёзманд дар иҷрои супориши таълимӣ ёрии амалии худро мерасонад. Муаллиф қайд менамояд, ки омӯзгор ҳангоми таҳлил ва робитаи мутақобила фаъолияти мустақилонаи талабагонро ба назар гирифта, тавассути таҳлил ва омӯзиши рафтори хонанда, дар бораи тарафҳои қавӣ ва заифи ӯ маълумот ҷамъоварӣ мекунад. Дар натиҷа, чигунагии қадамҳои минбаъдаи талаба пурра шарҳу эзоҳ ёфта, рушд ва инкишофи омӯзиши ӯ мушаххас мегардад. Инчунин ба он ишорат мешавад, ки усули самарабахши ҷамъоварии маълумот дар бораи сатҳи рушди хонанда муколама мебошад. Ин усул барои пайдо намудани маълумот барои беҳтар ба роҳ мондани сатҳи омӯзиш ва дарку фаҳмиши хонадагон кумак мерасонад. Омӯзгорон тавассути заҳмати зиёд фарҳанги иртиботу муколамаро дар синф ба вуҷуд меоранд ва тавассути он хонандагонро ба муколама ҷалб мекунанд. Бинобар ин, ҳамкории омӯзгор ва хонандагон ба он оварда мерасонад, ки талабагон дар раванди таҳияи мақсадҳои таълим ҷалб гардида, дар ҳамкорӣ бо омӯзгор омӯзишро ба роҳ монанд.



**Калидвожаҳо:** арзёбӣ, муколама, сатҳи дарккунӣ, инкишоф, рушди отифӣ, омӯзгору хонанда, фарҳанги иртиботу муколама.


## РАЗВИВАЮЩИЙ ОЦЕНОЧНЫЙ ПОКАЗАТЕЛЬ РАЗВИТИЯ ИНТЕЛЛЕКТУАЛЬНЫХ И РЕЧЕВЫХ СПОСОБНОСТЕЙ УЧЕНИКОВ НАЧАЛЬНЫХ КЛАССОВ В ПРОЦЕССЕ САМОСТОЯТЕЛЬНОЙ УЧЕБНОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ

**(на уроках родного языка)**


Статья посвящена рассмотрению формирующего оценивания как фактора развития интеллектуальных и речевых способностей учеников начальных классов в процессе самостоятельного обучения родному языку. Формирующее оценивание позволяет учителю проводить регулярные наблюдения для выявления фактов и выявления трудностей в обучении учащихся. Если учебная программа предназначена для удовлетворения потребностей учащихся, учитель будет оказывать практическую помощь нуждающимся учащимся в течение каждого урока на основе анализа и взаимодействия. Автор отмечает, что учитель, учитывая самостоятельную деятельность учащихся при анализе и взаимодействии, собирает информацию о сильных и слабых сторонах ученика посредством анализа и изучения его поведения. В результате будут полностью объяснены следующие шаги школьника, а также будет определено развитие и прогресс их обучения. В нем также указывается, что эффективным способом сбора информации об уровне развития учащегося является диалог. Этот метод поиска информации помогает повысить уровень обучения и понимания учащихся. Учителя много работают над созданием культуры общения и диалога в классе и вовлечением учащихся в диалог. Поэтому сотрудничество преподавателей и студентов приводит к вовлечению школьников в процесс разработки целей обучения, а также во взаимодействии с учителем к проведению обучения.



**Ключевые слова:** оценивание, диалог, уровень восприятия, развитие, эмоциональное развитие, учитель и ученик, культура общения и диалога.


## DEVELOPMENTAL EVALUATION INDICATOR FOR THE DEVELOPMENT OF INTELLECTUAL AND SPEECH ABILITIES OF ELEMENTARY CLASSES IN THE PROCESS OF INDEPENDENT LEARNING ACTIVITY

**(in native language lessons)**


The article is devoted to the consideration of formative assessment as a factor in the development of intellectual and speech abilities of primary school students in the process of independent learning of their native language. Formative assessment allows the teacher to make regular observations to discover facts and identify learning difficulties for students. If the curriculum is designed to meet the needs of the learners, the teacher will provide practical assistance to the needy

learners during each lesson based on analysis and interaction. The author notes that the teacher, taking into account the independent activity of students in the analysis and interaction, collects information about the strengths and weaknesses of the student through the analysis and study of his behavior. As a result, the student's next steps will be fully explained, and the development and progress of their learning will be determined. It also points out that dialogue is an effective way of collecting information about a student's developmental level. This information retrieval method helps to improve the learning and understanding of students. Teachers work hard to create a culture of communication and dialogue in the classroom and engage students in dialogue. Therefore, the cooperation of teachers and students leads to the involvement of students in the process of developing learning objectives, as well as in interaction with the teacher to conduct training.

**Key words:** assessment, dialogue, level of perception, development, emotional development, teacher and student, culture of communication and dialogue.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Бозоров Хушвахт*** – Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи таҳсилоти томактабӣ ва кори иҷтимоӣ. . **Суроға:** 735360,Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Кӯлоб, кӯчаи С.Сафаров-16. **Телефон: 985-56-41-21**

**Сведение об авторе:** ***Бозоров Хушвахт*** **-** Кулябский государственный университет имени Абуабдуллоха Рудаки, кандидат педагогических наук, доцент кафедры дошкольного образования и социальной работы. **Адрес:** 735360, Республика Таджикистан, г.Куляб, улица С.Сафарова-16. *Телефон:* ***985-56-41-21***

**Information about the author:** ***Bozorov Khushvakht*** - Kulob State University named after Abuabdulloh Rudaki, Candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor of the Department of Preschool Education and Social Work. **Address:** 735360, Republic of Tajikistan, Kulyab, S. Safarov street-16. Phone: **985-56-41-21**

**УДК:371.1.0**

# МАРҲИЛАҲОИ ОМӮЗИШИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТӢ - КОММУНИКАТСИОНӢ ДАР ТАДҚИҚОТИ ДИДАКТИКИИ БУНЁДӢ

***Файзалии Мирзоалӣ***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Имрӯз инсоният ба марҳилаи сифатан нави рушди худ – марҳилаи рушди ҷомеаи ҷаҳонии дониш қадам гузоштааст. Ин мафҳум ҳосили истилоҳи «ҷомеаи иттилоотӣ» мебошад, ки дар охири солҳои 60-уми ҳазораи гузашта дар Ҷопон пайдо шудааст. Он бо шарофати ҳалли масъалаҳои ба рушди асоси ҷомеаи иттилоотӣ алоқаманд хеле зуд шуҳрат пайдо кард ва баъдан ҷомеаи дониш мақсади муҳимтарини ассотсиатсияҳои гуногуни касбӣ ва ҷамъиятӣ, сохторҳои давлатӣ ва соҳибкорӣ, ташкилотҳои миллӣ ва байналмилалӣ гардид [8].

Ҳамин тавр, зери мафҳуми «*иттилоот*» ҳамаи он маълумотҳое фаҳмида мешавад, ки сатҳи номуайянии донишро дар бораи ягон объект кам мекунад. Мафҳуми «технологияи иттилоотӣ» ҳамчун системаи роҳҳои тағйири иттилоот бо мақсади рушд, банизомдарорӣ, коркард, паҳнкунӣ ва истифодабарӣ тафсир карда мешавад [4].

Ба ақидаи Е.И. Аполских ва ҳаммуаллифон *технологияи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ* «доираи васеи технологияҳои рақамӣ мебошад, ки барои сохтан, интиқол, паҳнкунии иттилоот ва пешниҳоди хизматрасониҳо истифода мешавад (дастгоҳҳои компютерӣ, таъминоти барномавӣ, хатҳои телефонӣ, алоқаи мобилӣ, почтаи электронӣ, технологияҳои мобилӣ ва моҳворавӣ, шабакаҳои беноқил ва алоқаи ноқилӣ, воситаҳои чандрасонаӣ ва ҳамчунин Интернет)» [6.

Дар адабиёти педагогӣ мафҳуми «технологияҳои иттилоотии таълимӣ» (ТИТ) мавҷуд аст. Дар корҳои худ В. Кинелев ин мафҳумро ҳамчун *технологияҳои компютерии омӯзиш* тавсиф мекунад, ки ҳангоми татбиқи онҳо барандаи асосии дониш ва воситаи назорати азхудкунии он барномаҳои махсус – воситаҳои барномавӣ-педагогӣ мебошанд, ки ба асоси он тарзҳои муосири коркарди иттилоот (гирифтан, коркард, интиқол) дохил мешавад [7].

Ба андешаи И.А. Фурсевич *технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ* технологияҳое мебошанд, ки ба асоси онҳо истифодаи компютер, системаҳои интернет ва замимаҳои гуногуншакли компютерӣ ворид мегарданд [16].

Е.С. Полат дар корҳои худ ТИК-ро телекоммуникатсияи компютерӣ меномад [5]. Яке аз равишҳои дигари мафҳуми ТИК дар корҳои А.В. Демурова ва Г.И. Пантелейко нишон дода шудаанд, ки ба технологияҳои интернет-коммуникатсия, технологияҳое дохил мешаванд, ки татбиқи онҳо ҷомеаи муосирро ба сатҳи нави муошират дар фазои маҷозӣ мебардорад [4]. Дар корҳои Л.А. Новиковой мо бо мафҳуми «технологияҳои телекоммуникатсионӣ (ТТК)» вомехӯрем – ин технологияи шабакавиест, ки шабакаи глобалии интернетро дар реҷаи вақти синхронӣ ё асинхронӣ бо мақсади рушди салоҳиятнокии байнифарҳангӣ истифода мебарад [3].

Омили калидии дигаргуниҳои сохторӣ дар ҷомеа иттилоотикунонӣ – раванди ворид

шудани технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ, техникаи компютерӣ ва телекоммуникатсия дар ҳамаи соҳаҳои фаъолити инсонӣ мебошад [9].

Асоси методологӣ барои коркард ва беҳтаргардонии дилхоҳ методикаи хусусӣ дидактика – қисмати педагогика мебошад, ки ба масъалаҳои назарияи омӯзиш, сарукор дорад. Предмети дидактика «на танҳо раванди омӯзиш балки шарти муҳим дар раванди он (муҳтаво, восита, методҳои омӯзиш...) ва ҳамчунин натиҷаҳои бадастомадаи ташхис ва баҳодиҳии он мебошад». Тавре ки як қатор олимон қайд кардаанд, вазифаи дидактика аз тавсиф ва шарҳи раванди омӯзиш ва шартҳои амалигардонии он ва ҳамчунин коркарди ташкили боз ҳам беҳтари раванди омӯзиш, системаҳои нави омӯзишӣ ва технологияҳои нави омӯзишӣ иборат аст [13].

Дар замони муосир дар таткиқоти илмӣ-педагогӣ се марҳилаи рушди дидактика ҷудо карда мешавад.

Марҳилаи I – дидактикаи анъанавӣ ба асрҳои XVII-XIX нисбат дорад. Дар ин давра дар раванди таълимдиҳӣ ҳамчун манбаи асоси дониш якум, натиҷаҳои дарки хусусиятҳои объекти омӯхташаванда аз тарафи хонанда, муносибат ва ҳамкории байни онҳо ва ҳамчунин натиҷаҳои дарки хусусиятҳои равандҳои омӯхташаванда, падидаҳо ё ҳолатҳо ва дуюм, догмаҳое, ки аз ҷониби роҳбарияти авторитарии таълим таҳмил карда мешавад, қабул шудаанд. Ҳамзамон, раванди омӯзиш ҳамчун раванди ҳамкории мақсадноки таълимдиҳанда (педагог) ва таълимгиранда (хонанда) фаҳмида мешуд, ки дар давоми он таълимгирандагон дониш, тавоноӣ, маҳоратҳои нав гирифта, ғайр аз ин тарбия ва рушди хонанда амалӣ карда мешуд.

Марҳилаи II – дидактикаи муосир ба охири асри XIX – нимаи аввали асри XX нисбат дорад. Дар ин давра дар раванди таълимдиҳӣ-омӯзиш ҳамчун асос якум, муносибати шахсӣ ба хонанда ва дуюм, идоракунии психологии таълимгиранда(гон) аз ҷониби таълимдиҳанда ба воситаи методҳои гуногуни омӯзиш (роҳҳои ба даст овардан ё амалӣ кардани мақсад ва вазифаҳои омӯзиш) ва воситаҳои гуногуни омӯзишӣ (дастгирии фаннии раванди таълим дар намуди китобҳо, дастурҳои таълимӣ-методӣ ва аёнӣ, таҷҳизотҳои синфӣ, аз он ҷумла малакаҳои омӯзишӣ) қабул шудааст [14].

Марҳилаи III ба нимаи дуюми асри XX нисбат дорад. Баъзан ин давраро мутахассисон «курикулум» (curriculum) меноманд. Дар ин давра дар раванди таълимдиҳӣ-омӯзиш-баҳодиҳии дониш ҳамчун асос якум, вобастагии психологӣ-иҷтимоии фаъолият, дуюм, педагогикаи ҳамкорӣ, аммо бо талаботи вақт ва рушди шахсияти хонанда, ҳамчунин равиши эҷодкорона ба раванди таълим қабул шудааст. Ин давра бо таваҷҷуҳи хос ба рушди стандартҳои таълимии ҳам таҳсилоти умумӣ ва ҳам касбӣ тавсиф карда мешавад.

Марҳилаи IV – дидактикаи иттилоотикунонии таҳсилот, ки хосиятҳои асосии онро мо бо хусусиятҳои замони иттилоотикунонӣ, коммуникатсияи оммавии глобалии ҷомеаи муосири асри XXI алоқаманд медонем [14].

Зери мафҳуми *иттилоотикунонӣ, коммуникатсияи глобалии оммавии ҷомеа* раванди ҷаҳонии иҷтимоӣ, фарҳангӣ, техникиро мефаҳмем, ки хусусияти он аз намуди фаъолияти бартаридошта дар соҳаҳои иҷтимоӣ, дар техника, таҳсилот, фарҳанг, истеҳсолоти ҷамъиятӣ, тиҷорат иборат аст, ки ҷамъоварӣ, захиракунӣ, нигоҳдорӣ, интиқол, истифодабарӣ ва маҳсулоткунонии иттилоот мебошад ва дар асоси технологияҳои муосири иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ барои сермаҳсулгардонии дилхоҳ меҳнат, аз он ҷумла зеҳнӣ амалӣ карда мешавад [14].

Ба таҳсилот воридшавии технологияҳои нави иттилоотӣ маҷбур мекунад, ки ба равандҳои дидактикӣ ҳамчун равандҳои иттилоотӣ назар карда шавад, ки дар он иттилоот аз ҷониби хонанда қабул, коркард ва истифода мешавад. Равиши иттилоотӣ ба омӯзиш дар назди дидактика ва педагогика як қатор мушкилотро пеш гузоштааст. Барои мисол, савол оид ба шакли тасвири дониш дар раванди таълим пайдо мешавад, ки матнҳои анъанавӣ, маводҳои аёнӣ ва шакли нави монанд ба шакли иттилооти сохташуда: матн, тақсимкунӣ ба блокҳо ё тариқи сохторӣ, тезаурус, абарматн ва ғайраро дар назар дорад. Дар навбати худ, шакли тасвиркунии донишҳо ҷустуҷӯи воситаҳои тасвиркунии онҳо дар равандҳои дидактикӣ ва методҳои коркарди иттилоот, яъне амалиёти таълимӣ-маърифатӣ, методҳои азхудкунӣ ва таълимдиҳиро муайян мекунад [13].

Мафҳуми калидии ин кор истилоҳи *технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ* мебошад, ки каналҳои иттилоотӣ ва воситаҳои барномавии сохтан, ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ, интиқол ва коркардро дар истифодаи иттилоот ифода мекунад [10].

Технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ *муҳити иттилоотӣ-коммуникатсиониро* месозанд, ки ба гуфтаи И.В. Роберт ва ҳаммуаллифон [10] ҳамчун «маҷмуи шартҳои таъминкунандаи мавҷудияи фаъолияти истифодабаранда бо истифодаи захираҳои иттилоотӣ бо ёрии воситаҳои интерактивии ТИК ва ҳамкории байни онҳо бо

субъекти иртиботи иттилоотӣ ва шахс аст. Муҳити иттилоотӣ-коммуникатсионӣ: маҷмуаи объектҳои иттилоотӣ ва алоқаи байни онҳо; воситаҳо ва технологияҳои ҷамъоварӣ, захиракунӣ, интиқол, коркард, маҳсулсозӣ ва паҳнкунии иттилоот; худи дониш; воситаҳои хониши иттилооти аудиовизуалӣ; сохторҳои ташкилӣ ва ҳуқуқии дастгирикунандаи равандҳо ва ҳамкории интерактивии иттилоотиро» дар бар мегирад [11].

*Муҳити таълимии иттилоотӣ* – ин «маҷмуи шароитҳои таъминкунандаи равиши ягона ба мавҷудияти фаъолити иттилоотӣ ва ҳамкории иттилоотӣ ҳангоми истифодаи захираҳои иттилоотии тақсимшуда дар соҳаи таҳсилот, илм ва фарҳанг мебошад» [11].

Технологияҳои муосири иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ хосиятҳо ва функсияҳои дидактикиеро доро мебошанд, ки фарқияти байни онҳо дар кори Е.С. Полат ва ҳаммуаллифон [12] ниҳоят возеҳ тавсиф шудааст. *Хосиятҳои дидактикии ТИК-и муосир* – хусусиятҳои асосӣ ва аломатҳои мушаххаси технологияи мавҷудбудаи фарққунандаи яке аз дигарон барои дидактика (аз ҷумла лингводидактика) ҳам аз ҷиҳати назария ва ҳам аз ҷиҳати амалия мебошад. Зери мафҳуми *функсияҳои дидактикии ТИК-и муосир* зуҳуроти берунаи воситаҳои ТИК-и дар равандҳои таълимӣ-тарбиявӣ барои амалигардонии мақсадҳои гузошташуда истифодашаванда, фаҳмида мешавад [12].

Ба сифати муқаррароти асосие, ки банақшагирӣ ва ташкили ҷараёни таълим ва методикаи таълими фанро муайян мекунанд, принсипҳои дидактикие, ки мақсад ва муҳтавои омодасозии мутахассисонро бо қонуниятҳои раванди таълим пайваст мегардонанд, баромад мекунанд. Принсипҳои омӯзиш «идеяҳои идоракунанда, талаботҳои меъёрӣ ба ташкил ва иҷрокунии раванди таълим» мебошанд.

Кӯшиш мекунем, ки бо истифодаи таҳлили мантиқӣ-семантикӣ умумият ва фарқияти принсипҳои классикӣ (ҷадвали 1) ва принсипҳои аз ТИК тавлидшавандаро муқаррар намоем. Бо мақсади таҳлили қулай ҷадвале месозем, ки дар тарафи рост принсипҳои анъанавии бунёдии дидактика аз [15] (ба гуфтаи Рижов) гирифташуда ва дар тарафи чап – принсипҳоеро, ки дидактикаи ватании муосир бо такя ба воситаҳои компютерии омӯзиш [2] (ба гуфтаи Красилникова) [6] ҷудо кардааст, нишон медиҳем.

**Ҷадвали 1. Принсипҳои классикии дидактика ва принсипҳои аз компютеркунонии таҳсилот ҳосилшуда**

| Принсипҳои классикии дидактика (ба гуфтаи Рижов В.Н.) | | Принсипҳои дидактикии аз компютеркунонӣ бавуҷудомада (ба гуфтаи В.А. Красилникова) | |
|---|---|---|---|
| 1 | Хусусияти рушдёбанда ва парваришёбандаи омӯзиш | 1 | Вобастагии иҷтимоӣ ва илмии омӯзиш |
| 2 | Шуурнокӣ ва фаъолнокӣ | 2 | Самти амалии омӯзиш |
| 3 | Намоёнӣ (возеҳ будан) | 3 | Мақсаднок, системанок ва пайгирона (муттасил) |
| 4 | Системанок ва пайдарпай (муттасил) | 4 | Дастрасӣ ва сатҳи баланди омӯзиш |
| 5 | Илмӣ | 5 | Устувории азхудкунии асосҳои ташкилдиҳандаи салоҳиятнокии умумии касбӣ |
| 6 | Дастрасӣ | 6 | Шуурнокӣ, фаъолнокӣ ва ҳавасмандии таълимггирандагон |
| 7 | Устуворӣ | 7 | Равиши тафриқавӣ ва инфиродӣ ва омӯзиш |
| 8 | Пайванди назария бо амалия | 8 | Маҷмуавӣ, ягонагии таълим ва тарбия |
| 9 | Пуррагӣ (анҷомёбандагӣ)-и раванди омӯзиш | | |

Принсипҳои дидактикиеро, ки барои омода кардани мутахассисони баландихтисос дар донишгоҳ дар ҳошияи истифодаи технологияи иттилоотӣ нигаронида шудаанд, ба таври зерин ҷудо мекунем: илмӣ, дастрасӣ, системанокӣ ва пайгирона, аёнӣ, самтнокии касбӣ, дутарафа, шуурнокӣ ва фаъолнокӣ, иттилоотикунонии таҳсилот. Дар ин ҳангом аҳамияти афзояндаи системавии принсипҳои дидактикӣ, ҳамгироии онҳо ва маҷмуанокии ин зуҳуротро бояд қайд намоем. Принсипҳои дидактикаи муосир система, ягонагии ҷудонашаванда ва робитаи байниҳамдигариро ташкил мекунад. Амалигардонии як принсип аз амалигардонии дигараш алоқаманд аст: фаъолонокӣ ва системанокӣ бо устуворӣ, дастрасӣ бо илмӣ ва ғайра. Ҳамаи онҳо дар якҷоягӣ хусусиятҳои асосии раванди омӯзишро инъикос мекунанд [13].

Дар баробари ин, дидактика ва педагогика дар шароити иттилоотикунонии таҳсилот бо шартҳои зерин ташаккул ва рушд меёбад:

– амалигардонии имкониятҳои дидадактикӣ бо технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ;

– амалисозии фаъолияти иттилоотӣ оид ба ҷустуҷӯ, ҷамъоварӣ, коркард,

барасмиятдорорӣ, ҳосилкунии иттилооти таълимӣ; ивазкунии парадигмаи ҳамкории иттилоотии таълимӣ байни таълимгирандагон, хонандагон ва манбаъҳои интерактивии иттилооти таълимӣ ё захираи иттилоотӣ;

– ивазкунии сохтори пешниҳоди маводҳои таълимӣ, аз ҷумла ғайрихаттӣ, абарматнӣ;

– васеъкунии доираи намудҳои фаъолияти таълимӣ дар шароити амалигардонии имкониятҳои дидактикии технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ;

– тағйирдиҳии мақсадҳо, натиҷаҳо, шаклҳои ташкилӣ ва усулҳои омӯзиш ба фармоишҳои иҷтимоии ҷомеи иттилоотии иртиботи оммавии ҷаҳонӣ [14].

Дар ошкор кардани *моҳияти дидактикӣ ва педагогии имкониятҳои ТИК,* ки татбиқи он ҷанбаҳои мусбати педагогӣ-психологии амалигардонии фаъолияти иттилоотӣ ва ҳамкориҳои иттилоотиро муайян мекунад, таваққуф мекунем [15]:

1. алоқаи фаврии баръакс байни истифодабаранда ва воситаҳои ТИК, ки амалисозии муколамаи интерактивиро муайян менамояд, ба ҳар як дархости истифодабаранда вокуниши системаро ба вуҷуд меорад ва баръакс, суханпароканӣ (реплика)-и охирин аксуламали истифодабарандаро талаб мекунад;
2. шабеҳсозии компютерии иттилооти таълимӣ оид ба объект ва раванди тасвири аёнӣ дар экран: объект, қисматҳои ташкилдиҳанда ё амсилаи он, раванд ё амсилаи он;
3. шарҳи графикии қонунияти омӯхташаванда ё раванди тадқиқшаванда;
4. амсиласозии компютерии объектҳои омӯхташаванда ё тадқиқшаванда, муносибатҳо, падидаҳо ва равандҳои онҳо, ки ҳам воқеӣ ва ҳам маҷозӣ рух медиҳанд, дар экран тасвиркунии математикӣ, иттилоотӣ-тавсифӣ, визуалӣ (аёнӣ)-и амсилаҳо мувофиқ бо нусхаи асл;
5. автоматикунонии равандҳои фаъолияти ҳисобкунӣ, иттилоотӣ-ҷустуҷӯӣ, амалҳо оид ба ҷамъоварӣ, коркард, интиқол, инъикос ва нашркунии иттилоот, дар бойгонӣ нигоҳдории ҳаҷми ниҳоят калони иттилоот бо имкониятҳои дастрасии осон ва муроҷиати истифодабаранда ба онҳо;
6. автоматикунонии раванди коркарди натиҷаҳои таҷрибаи таълимӣ (ҳам воқеӣ ва ҳам маҷозӣ гузаранда), тасвири экрании онҳо бо имконияти такроркунии бисёркаратаи қисм ё худи таҷриба;
7. автоматикунонии равандҳои таъминоти иттилоотӣ-методӣ, идоракунии фаъолияти таълимӣ ва назорати натиҷаҳои азхудкунӣ.

Ҳамин тавр, вазифаи асосии татқиқоти психологӣ-педагогӣ оид ба ҷустуҷӯи ҳалли мусбати мушкилоти худшиносии шахсият ва худтасвиркунии он дар ҷаҳони маҷозӣ муайянкунии шартҳои амалигардонии имкониятҳои дидактикии ТИК дар раванди гузаронидани фаъолияти иттилоотӣ ва ҳамкории иттилоотӣ ҳамчун намуди фаъолияти муҳимми ҳаётӣ барои шахсият дар ҷомеаи муосир мебошад [15].

*Талаботҳои асосии дидактикиро* барои нишон додани иҷрои фаъолияти касбӣ-педагогӣ бо татбиқи воситаҳои технологияҳои иттилоотӣ ҷудо мекунем:

– ҳавасмандкунӣ дар истифодаи ба мақсад мувофиқи воситаҳои гуногуни технологияҳои иттилоотӣ дар раванди таълим;

– муайякунии дақиқи нақш, соҳа, ҷой ва вақти истифодаи технологияҳои иттилоотӣ;

– алоқаманд кардани воситаҳои технологияҳои иттилоотӣ бо дигар намудҳои васоити техникии дар омӯзиш татбиқшаванда;

– баҳисобгирии ҷанбаҳои педагогӣ-психологии истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар омӯзиш;

– пайвасти маҷмуавии шаклҳои анъанавии омӯзиш бо технологияҳои иттилоотии омӯзишӣ ва дар ин асос сохтани системаҳои дидактикии яхлухти самаранок;

– мутобиқати методикаи омӯзиш бо татбиқи технологияҳои иттилоотӣ;

– таъмини алоқаи баръакси устувор дар омӯзиш байни омӯзгор ва таълимгиранда;

– таъмини дараҷаи баланди фардикунонӣ ва тафриқавӣ гардонидани омӯзиш [13].

Ҳамин тариқ, истифодаи принсипҳои умумидидактикии омӯзиш ва амалисозии талаботҳои асосии дидактикии дар боло зикршуда, оид ба татбиқ кардани фаъолияти касбӣ-педагогӣ бо истифодаи ТИК дар раванди таълим ба баландбардории сифати омӯзиши мутахассисон мусоидат карда метавонад.

## АДАБИЁТ


1. Дидактические принципы обучения в условиях возрастающей роли ИКТ в образовательном процессе / В.М. Глушань, Е.С. Бузнякова, А.Ю. Бузняков // Инновационный центр развития образования и науки. -Таганрог, 2017.
2. Информационные и коммуникационные технологии в образовании: учеб.-метод. пособие / И.В. Роберт, С.В. Панюкова, А.А. Кузнецов, А.Ю. Кравцова. -М.: Дрофа, 2008.
3. Использование современных информационных и коммуникационных технологий в учебном процессе: учебно-методическое пособие / Д.П. Тевс, В.Н. Подковырова, Е.И. Апольских, М.Ф. Афонина. -Барнаул: БГПУ, 2006. -

104 с.
4. Кинелев, В. Использование информационных и коммуникационных технологий в среднем образовании / В. Кинелев, П. Коммерс. -М.: Институт ЮНЕСКО по информационным технологиям в образовании, 2005. -24 с.
5. Колеева, Э.Р. Информационно-коммуникационные технологии в образовании: анализ преимуществ и ограничений / Э.Р. Колеева // Информационно-коммуникационные технологии в современном образовательном процессе: научное издание. Сборник научных статей. -Челябинск: Печатный двор, 2016. -296 с.
6. Красильникова, В.А. Информационные и коммуникационные технологии в образовании: Учебное пособие / В.А. Красильникова. -М.: Директ-Медиа, 2013. -231 с.
7. Методология применения современных технических средств обучения: учебно-методическое пособие / И.Н. Фролов, А.И. Егоров. - Издательство: Академия Естествознания, 2008. [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://monographies.ru/ru/book/view?id=42
8. Новикова, Л.А. Развитие межкультурной компетентности студентов педагогического университета на основе использования телекоммуникационных технологий: дис. ... канд. пед. наук: 13.00.08 / Л.А. Новикова. –Омск: Омский гос. пед. ун-т., 2007. -208 с.
9. Пантелейко, Г.И. Использование информационных технологий в управлении развитием школы: дис. ... канд. пед. наук: 13.00.01 / Г.И. Пантелейко. -Ростов-н/Д: Ростов. гос. пед ун-т., 2005. -229 с.
10. Полат, Е.С. Новые педагогические и информационные технологии в системе образования / Е.С. Полат. -М.: Академия, 2005. -272 с.
11. Полат, Е.С. Теория и практика дистанционного обучения: учеб.-метод. пособие / Е.С. Полат, М.Ю. Бухаркина, М.В. Моисеева. -М.: Академия, 2004.
12. Роберт, И.В. Дидактика в условиях информатизации образования / И.В. Роберт // Научный поиск. – 2014. -№2.2. -С.37-42.
13. Роберт, И.В. Теоретико-методологические и педагогико-технологические основания развития информатизации образования как новой области научного знания / И.В. Роберт // Веснік Віцебскага дзяржаўнага універсітэта. – 2011. -№1(61). - С.59-67.
14. Рыжов, В.Н. Дидактика. Учеб. пособие для студентов пед. колледжей и лицеев / В.Н. Рыжов. -М.: ЮНИТИ-ДАНА, 2015. -318 с.
15. Сысоев, П.В. Современные информационные и коммуникационные технологии: дидактические свойства и функции / П.В. Сысоев // Язык и культура. – 2012. -№1(17). -С.120-133.
16. Фурсевич, И.А. Особенности использования ИКТ при обучении иностранным языкам: сб. научных трудов региональных преподавателей иностранных языков / И.А. Фурсевич. -М.: Просвещение, 2005. -256 с.

## МАРҲИЛАҲОИ ОМӮЗИШИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТӢ-КОММУНИКАТСИОНӢ ДАР ТАДҚИҚОТИ ДИДАКТИКИИ БУНЁДӢ

Дар мақола марҳилаҳои омӯзиши технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар тадқиқоти дидактикии бунёдӣ баррасӣ шудаанд. Имрӯз инсоният ба марҳилаи сифатан нави рушди худ – марҳилаи рушди ҷомеаи ҷаҳонии дониш қадам гузоштааст. Ин мафҳум ҳосили истилоҳи «ҷомеаи иттилоотӣ» мебошад, ки дар охири солҳои 60-уми асри гузашта дар Ҷопон пайдо шудааст. Он ба шарофати ҳалли масъалаҳои ба рушди ҷомеаи иттилоотӣ алоқаманд хеле зуд шуҳрат пайдо кард ва баъдан ҷомеаи дониш мақсади муҳимтарини ассотсиатсияҳои гуногуни касбӣ ва ҷамъиятӣ, сохторҳои давлатӣ ва соҳибкорӣ, ташкилотҳои миллӣ ва байналмилалӣ гардид. Ҳамин тавр, зери мафҳуми «иттилоот» ҳамаи он маълумотҳое фаҳмида мешаванд, ки сатҳи номуайянии донишро дар бораи ягон объект кам мекунанд. Мафҳуми «технологияи иттилоотӣ» ҳамчун системаи роҳҳои тағйири иттилоот бо мақсади рушд, банизомдарорӣ, коркард, паҳнкунӣ ва истифодабарӣ тавсиф карда мешавад. Зери мафҳуми иттилоотикунонӣ, коммуникатсияи глобалии оммавии ҷомеа раванди ҷаҳонии иҷтимоӣ, фарҳангӣ, техникиро мефаҳмем, ки хусусияти он аз намуди фаъолияти бартаридошта дар соҳаҳои иҷтимоӣ, дар техника, таҳсилот, фарҳанг, истеҳсолоти ҷамъиятӣ, тиҷорат иборат аст, ки ҷамъоварӣ, захиракунӣ, нигоҳдорӣ, интиқол, истифодабарӣ ва маҳсулоткунонии иттилоот мебошад ва дар асоси технологияҳои муосири иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ барои сермаҳсулгардонии дилхоҳ меҳнат, аз он ҷумла зеҳнӣ амалӣ карда мешавад.

**Калидвожаҳо:** технологияҳои иттилоотӣ, дидактика, коммуникатсионӣ, дастгоҳҳои компютерӣ, таъминоти барномавӣ, хатҳои телефонӣ, алоқаи мобилӣ, почтаи электронӣ, технологияҳои моҳвораӣ, шабакаҳои беноқил, воситаҳои чандрасонаӣ, интернет.

## ЭТАПЫ ОБУЧЕНИЯ ИНФОРМАЦИОННЫМ И КОММУНИКАЦИОННЫМ ТЕХНОЛОГИЯМ В ФУНДАМЕНТАЛЬНЫХ ДИДАКТИЧЕСКИХ ИССЛЕДОВАНИЯХ

В статье представлены этапы освоения информационно-коммуникационных технологий в фундаментальных дидактических исследованиях. Сегодня человечество вступило в качественно новый этап своего развития - этап развития мирового общества знаний. Этот термин является производным от термина «информационное общество», появившегося в Японии в конце 1960-х годов. Он быстро завоевал популярность благодаря решению вопросов, связанных с базовым развитием информационного общества, и тогда общество знаний стало основной целью различных профессиональных и общественных объединений, государственных и бизнес-структур, национальных и международных организаций. Таким образом, термин «информация» относится ко всей информации, которая снижает уровень неопределенности относительно объекта. Термин «информационные технологии» определяется как система способов изменения информации с целью ее разработки, организации, обработки, распространения и использования. Под концепцией информации, глобальной массовой коммуникации общества мы понимаем глобальный социальный, культурный, технический процесс, характер которого складывается из доминирующих видов деятельности в социальной сфере, в технологиях, образовании, культуре, общественном производстве, торговле, который представляет собой сбор, хранение, передачу, использование и производство информации и осуществляется на основе современных информационных и коммуникационных технологий для повышения производительности любого труда, в том числе интеллектуального.

**Ключевые слова:** информационные технологии, дидактика, связь, компьютерное оборудование, программное обеспечение, телефонные линии, мобильная связь, электронная почта, спутниковые технологии, беспроводные сети, мультимедиа, Интернет.

**STAGES OF LEARNING INFORMATION AND COMMUNICATION TECHNOLOGIES IN BASIC DIDACTIC RESEARCH**

The article presents the stages of mastering information and communication technologies in fundamental didactic research. Today humanity has entered a qualitatively new stage of its development - the stage of development of the world knowledge society. This term is derived from the term "information society", which appeared in Japan in the late 1960s. It quickly gained popularity due to the solution of issues related to the basic development of the information society, and then the knowledge society became the main goal of various professional and public associations, government and business structures, national and international organizations.Thus, the term "information" refers to all information that reduces the level of uncertainty about an object. The term "information technology" is defined as a system of ways to change information for the purpose of its development, organization, processing, dissemination and use.By the concept of information, global mass communication of society, we mean a global social, cultural, technical process, the nature of which is made up of the dominant activities in the social sphere, in technology, education, culture, social production, trade, which is collection, storage, storage, transfer, use and production of information and is carried out on the basis of modern information and communication technologies to increase the productivity of any labor, including intellectual.

**Keywords**: information technology, didactics, communications, computer equipment, software, telephone lines, mobile communications, e-mail, satellite technologies, wireless networks, multimedia, the Internet.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Файзалии Мирзоалӣ*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти Ph.D. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.

**Сведение об авторе:** ***Файзалии Мирзоали*** – Таджикский национальный университет, докторант Ph.D. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17

**Information about the author:** ***Faizaliya Mirzoali*** - Tajik National University, doctoral student Ph.D. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17

**УДК371.1.0:**

# ФАРҲАНГИ МУОШИРАТ ДАР ШАРОИТИ ҶОМЕАИ ИТТИЛООТӢ

***Давлатзода Рустам***
**Донишгоҳи давлатии Данғара**

Таҳқиқи фарҳанги муошират бе баррасии заминаҳои фарҳангиву таърихӣ ғайриимкон аст. Ҳар як марҳилаи таърихӣ шаклҳои мухталифи муошират ва принсипҳои муносибати байнишахсиро тавлид менамояд. Дар марҳилаи муосири инкишофи таърихӣ дар асоси рушди илмӣ-техникӣ тамоми соҳаҳои ҷамъиятӣ, аз он ҷумла фарҳанги муошират ба таври ҷиддӣ диаргун шудаанд. Ҳамин тариқ, дар шароити имрӯза ташаккули сохторҳо ва шаклҳои нави ҳаёт ва фаъолият шакл ва воситаҳои нави муоширатро талаб менамоянд.

Дар шароити тағйирпазирии ҷамъиятӣ, аксарияти тасаввуроти ташаккулёфта ва одатшуда оид ба меъёрҳои иҷтимоӣ дигаргун шудаанд. Дигаргун шудани тасаввурот, фаъолият ва муносибат боиси тағйир ёфтани самтгириҳои иҷтимоӣ гардид. Қайд намудан зарур аст, ки шикасти қолабҳои ҷамъиятӣ, тағйироту дигаргуниҳои ҷиддӣ ба фарҳанги муошират низ ворид гардидаанд.

Рушди ҷомеаи муосир, такмили доимии воситаҳои муошират ва ҷараёнҳои мухталифи иттилоот ба мухолифати байни шакл, воситаҳои муошират ва мундариҷаи он оварда мерасонад. Дар ин самт ду масъалаи асосӣ пайдо мешавад: инсон метавонад, ки бе душворӣ бо субъектҳои дар масофаи дур ҷойгирбуда алоқаҳоро ба роҳ монад; такмили воситаҳои муошират на ҳамеша сифат ва дақиқии муоширатро таъмин менамоянд.

Дар чунин ҳолат ташаккул ва инкишофи фарҳанги муошират ба яке аз масъалаҳои муҳимми иҷтимоӣ мубаддал мегардад. Ҳал намудани ин масъала бояд ба таври системавӣ ба роҳ монда шуда, таъсири омилҳои иҷтимоиву иқтисодӣ, сиёсӣ, маънавӣ, фарҳангӣ ва равонӣ ба инобат гирифта шаванд.

Дар ин самт, яке аз масъалаҳои муҳим таъсири воситаҳои ахбори умум ва воситаҳои муосири коммуникатсионӣ ба раванди ташаккул ва инкишофи фарҳанги муошират ба ҳисоб меравад. Албатта, рушди воситаҳои ахбори умум ва технологияҳои компютерӣ тасаввуроти анъанавиро оид ба фарҳанги муошират дигаргун намудаанд. Дар ин самт масъалаи асосӣ дар он зоҳир мегардад, ки таъсири мусбӣ ва манфии рушди воситаҳои ахбори умум ва технологияҳои компютерӣ ба фарҳанги муошират ошкор карда шавад.

Тамаддуни муосир ба сатҳи нави инкишоф ворид гардидааст, ки дар он иттилоот яке

аз арзишҳои асосии ҳаёти инсон гардидааст. Истифодаи оммавии воситаҳои нави техникӣ ва технологияҳои иттилоотӣ, ки асоси рушди босуръати раванди иттилоотонӣ ба ҳисоб меравaнд, тарзи ҳаёт, талабот ба инсони муосир, тафаккур ва фарҳангро тағйир додаанд. Дар ҷомеаи муосир шароити рушди босуръати муошират тариқи воситаҳои техникӣ ташаккул ёфтааст. Пӯшида нест, ки дар асри захираҳо ва технологияҳои иттилоотӣ нутқ ҳамчун яке аз шаклҳои иттилоот хусусияти воситаи пуриқтидорро касб намудааст, ки бо ёрии он шуур ва ҳолати равониро дигаргун намуда, метавон ба таври мусбӣ ё манфӣ ба вазъият ва тандурустии инсон таъсир расонид [14,с. 368].

Хусусиятҳои фарҳанги муоширатро дар шароити ҷомеаи иттилоотӣ баррасӣ намуда, таҳлил намудани махсусияти ду унсури асосии низоми нави коммуникатсионӣ зарур аст:

-воситаҳои ахбори умум, ки дар дар атрофи телевизон ба як сохтори муайян даровaрда шудааст;

-низоми коммуникатсонӣ, ки дар алоқамандӣ бо пайдоиши интернет, дар атрофи шабакаҳои компютерӣ ташаккул ёфтааст.

А.Мол чунин мешуморад, ки зери таъсири воситаҳои ахбори умум раванди мубаддалгардии фарҳанги анъанавии “гуманитарӣ” ба фарҳанги мураккаб ба миён омадааст. Шахсияти муосир барои худ муҳитро аз рӯйи қонуни ҳолат, дар раванди санҷиш ва хатогиҳо кашф менамояд. Дар фарҳанги “мураккаб” дониш асосан на бо низоми маориф, балки тариқи воситаҳои ахбори умум ташаккул меёбад [6, с.241].

Қайд намудан зарур аст, ки дар қатори воситаҳои ахбори умум – радио, маҷаллаҳо, рӯзномаҳо, маҳз телевизион воситаи пуриқтидори ташаккули фарҳанги муошират гардидааст. Ҳамин тариқ, самти глобалӣ, ки дар вазъияти фарҳанги муошират таҷассум мегардад, гузариши воситаҳои ахбори умум ба сатҳи нави идоракунии шуури одамон ба ҳисоб меравад.

Э.Хантер ба илм мафҳуми “мағзшӯйӣ”-ро пешниҳод намудааст. Ӯ раванди тарбияи идеологиро дар Чин мавриди омӯзиш қарро дода, ба чунин хулосае меояд, ки “мағзшӯйӣ” ин технологияи самараноки идоракунии шуур бо мақсади ислоҳоти он мебошад. Қайд намудан зарур аст, ки маҳз ин технология принсипи ҷудонопазири фаъолияти телевизион гардидааст. Истифодаи методҳои ташвиқоти бевоситаро рад накарда, телевизиони муосир афзалияти методҳои бавоситаи ислоҳоти тафаккурро интихоб намудааст. Технологияи “мағзшӯйӣ” барномаҳои фароғатиро ҳамчун воситаи муҳимми ворид намудани қолабҳои муайян ба шуур, инчунин азхудкунии муқаррароти нави идеологӣ баррасӣ менамояд [2, с. 94].

Ақидаҳои мухталифро оид ба баҳогузории телевизион дар ташаккул ва инкишофи фарҳанги муошират баррасӣ намуда, метавон ҷанбаҳои зеринро таъкид намуд:

-яке аз воситаҳои асосии ахбори оммавӣ ба ҳисоб рафта, телевизион ба тамоми соҳаҳои иҷтимоӣ таъсири бузург мерасонад ва бо ҳамин васила ба пуррагӣ ташаккул ва инкишофи фарҳанги муошират шахсиятро идора менамояд;

- воситаи телевизионии муошират воситаи нави фарҳанги муошират ба ҳисоб меравад, ки бо ҷаззобият, тақлиди ҳиссии воқеият ва қабулнамоии озод бо камтарин саъю кушиши равонӣ тасниф карда мешавад.

Ба таври ягона ифода намудани таъсири воситаҳои ахбори умум ҳамчун омили рушд ва инкишофи фарҳанги муошират мушкил аст, зеро дар ин самт ба инобат гирифтани як қатор шартҳо ҳатмӣ аст:

-таъсири матбуот, радио, телевизион ба фарҳанги муошират аз мундариҷаи воситаҳои ахбори умум вобаста аст, ки дар навбати худ бо низоми иҷтимоӣ-иқтисодии ҷомеа муайян карда мешавад;

- таъсиррасонӣ бо сатҳи фарҳанги истеъмоли молу маҳсулоти воситаҳои ахбори умум аз тарафи инсон муайян карда мешавад.

Аз ин хотир, метавон қайд намуд, ки муносибати тарафайни воситаҳои ахбори умум ва фарҳанги муошират хеле мураккаб ва гуногунсамта мебошад. Ин ду падидаро ба якдигар муқобил гузоштан нодуруст аст, зеро онҳо якдигарро пурра менамоянд.

Дар ташаккул ва рушди фарҳанги муошират дар шароити иттилоотонии ҷомеа, зарур аст, ки интернет воситаи муошират, ки имкониятҳои ҳамкориро васеъ менамояд,

гардад. Дар ҳолате, ки интернет воситаи ивазкунандаи воқеият мегардад, проблемаҳои зиёди иҷтимоӣ пайдо мешаванд.

Тарбияи фарҳанги муошират бояд ба ташаккули субъекти фарҳанг, ки метавонад ба таври танқидӣ афзалият ва камбудиҳои вазъияти муосири иҷтимоиву фарҳангиро баҳогузорӣ намояд, равона карда шавад. Шахсро зарур аст, ки зиндагӣ намуданро дар ин ду ҷаҳон омӯзад. Компютер – ин танҳо "фиребандаи" нави пурқувват аст, ки муқобили он бояд анъанаҳо, фарҳанг ва арзишҳои мавҷудаи ҳар як ҷомеа гузошта шаванд.

Унсури дигари низоми нави коммуникатсионӣ – коммуникатсия глобалии компютерӣ ба ҳисоб меравад, ки дар тафовут аз воситаҳои ахбори умум хусусияти интерактивӣ ва инфиродӣ дорад. Ҷаҳиши инқилобии техникӣ дар соҳаи компютеркунонӣ ба он оварда расонид, ки "муошırати компютерӣ" пайдо гардид. "Муошırати компютерӣ" шакли нави алоқамандӣ байни одамон аст, ки ҳузури шахс дар реҷаи гуфтугӯӣ вуҷуд надорад.

Интернет тасаввуроти ибтидоиро оид ба муошират дигаргун намуд. Рӯз ба рӯз маълум гардида истодааст, ки ин ҷаҳони мустақил бо қонуниятҳои хосси худ, ҷаҳоне, ки ҳамчун оина тамоми бартарӣ ва камбудиҳои ҷомеаи муосирро таҷассум менамояд. Интернет дорои хусусиятҳои ба таври дақиқи таҷассумшуда мебошад, ки бартарии аксарияти воситаҳои пешинаи ахбори оммавиро ба худ гирифта, аз бисёр ҷанба аз имониятҳои техникӣ ва иҷтимоии онҳо пеш гузаштааст.

Хусусияти муҳимми ташаккул ва инкишофи фарҳанги муошират дар чунин вазъият дар он зоҳир мегардад, ки он дар асоси хаёлигардӣ ва "киберфазо" амалӣ мегардад. Дар доираи хаёлигардӣ ва "киберфазо" шуста шудани аломатҳои ташаккулёфтаи тақсимоти ҷомеа ба гурӯҳҳои иҷтимоӣ, умумиятҳо, миллату халқиятҳо, давлат ва фарҳанг ба миён омадаст. Чунин ҳолат, бо васеъ намудани сарҳадоти ҷаҳони воқеӣ, бо бартараф намудани вақт ва фазо ба рушди фарҳанги муошират мусоидат менамояд. Лекин, қайд намудан зарур аст, ки чунин ҳолат метавонад боиси ба ҷаҳони хаёлӣ ворид гардидани шахс гардида, ба дуршавии одамон аз воқеияти иҷтимоӣ оварда расонад.

Хусусияти фарққунандаи фарҳанги муошират дар ҷомеаҳои хаёлӣ, ҷой надоштани масъулият, озодии воридшавӣ ва хориҷгардӣ аз онҳо ба ҳисоб меравад. Муносибати байни одамон дар чунин ҳолат шакли муносибати байни образҳои хаёлиро касб менамояд, забони махсус пайдо мешавад, ки бояд камбудии асосии муошırати хаёлӣ – мавҷуд набудани алоқаи визуалиро ҷуброн намояд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки интернет дар ҷомеаи муосир ба рушди самтҳои зерини ташаккул ва рушди фарҳанги муошират мусоидат менамояд:

-алоқаи байни одамонро васеъ менамояд;

- ба пайдоиши субъектҳо, восита ва шаклҳои нави муошират оварда мерасонад;

- афзоиши интерактивияти муошıратро таъмин менамояд;

- хазинаи луғавӣ ва сохтори забонро тағйир медиҳад;

-малакаву маҳорати муошırати компютерӣ ба шароити муошırати анъанавии шахсият гузаронида мешавад.

Дар заминаи ин хусусиятҳо як қатор муҳаққиқон қайд менамоянд, ки интернет фазои гуфтугӯиро ташаккул медиҳад. Миқдори беохири имкониятҳои ҷустуҷӯ ва интихоб ба ҳар як истифодабарандаи интернет муошırати баробарҳуқуқ ва пурраро таъмин менамояд, ки дар ҷараёни он ангезаҳои якдигарфаҳмӣ ва мақсади ҳамсуҳбатон, яъне гуфтугӯи комил таъмин карда мешавад [3, с.55].

Лекин, мо чунин мешуморем, ки хусусиятҳои номбаршуда ҳанӯз шаҳодати гуфтугӯии чунин ҳамкорӣ нест. Дар воқеъ, интернет бо имкониятиҳои васеи алоқаи ҷавобӣ раванди муошıратро ба куллӣ дигаргун намудааст. Озодӣ, оммавият, мавҷуд набудани сарҳадот, номаълумӣ, интерактивӣ – ҳамон мафҳумҳое мебошанд, ки сифатҳои нави муошıратро тасниф менамоянд.

Лекин, мо чунин мешуморем, ки дар чунин ҳолат дар вазъияти муошırати компютерӣ ғалати тасаввуротии гуфтугӯи воқеӣ пайдо мешавад. Муошират бо компютер ҳиссиёти ҳамкориро бо дигарон инкишоф медиҳад. Лекин, дар асл ин гуфтугӯи хаёлӣ аст, зеро дар ин раванд эҳтимолияти пайдо шудани оқибатҳои манфии он мавҷуд аст:

-ҷой надоштани расми воқеии шахс, самараи рӯйпӯш намудан ё пешниҳоди маълумоти нодуруст;

-паст гардидани сатҳи масъулият ва масъулиятшиносӣ;

-пайдо гардидани ду ҷаҳони алоҳида;

- “инсонгардӣ”-и компютер ҳамчун намуна барои тақлид намудан;

- шуста шудани фарқият ва гуногунии одамон;

-баланд гардидани бегонашавии иҷтимоӣ ва танҳоӣ.

Албатта, метавон оиди афзалият ва камбудиҳои интернет зиёд сухан гуфт, лекин эътироф намудан зарур аст, ки интернет воқеияти объективӣ аст, ки бешубҳа дорои афзалиятҳои назаррас мебошад. Интернет дар асоси афзалиятҳои худ алоқамандии аъзоёни ҷомеаро таъмин менамояд, ки пештар дар чунин ҳаҷм ва сатҳ вуҷуд надоштанд. Интернет ҷаҳони воқеии мавҷуда, воқеияти нави хаёлӣ ба ҳисоб меравад, ки, аз як тараф, имкониятҳои муоширатро ғанӣ гардонида, аз тарафи дигар, дар назди ҷомеа ва шахсит як қатор проблемаҳои навро мегузорад.

Нақш ва мақоми технологияҳои коммуникативӣ дар асоси захираҳои шабакаи интернет, телефонҳои мобилӣ дар фарҳанги муошират рӯз ба рӯз қавӣ мегардад. Гуфтугӯҳои фарҳангӣ дар блогҳо, форумҳо, шабакаҳои иҷтимоӣ дар сабтҳои телеконференсияҳо ба роҳ монда шудааст. Дар шабакаҳои интернетӣ китобҳо, мақолаҳо, филмҳои бадеӣ, асарҳои санъат гузошта мешаванд, ки объекти муҳокимаҳои фаъол гардидаанд. Одамон, ҳатто аз деҳа ва шаҳрҳои хурд, ки имкониятҳои муайяни коммуникатсионӣ доранд, метавонанд дар ин муҳокимаҳо бо иқоматкунандагони марказҳои бузурги фарҳангӣ, шаҳрҳои калони на танҳо кишвари худ, балки тамоми ҷаҳон иштирок намоянд.

Дар чунин ҳолат метавон мавҷудияти киберфазоро ҳамчун бунёдии иҷтимоӣ шуморид, ки ба муошират хаёлӣ асос ёфтааст. Лекин, Ҷ. Филан қайд менамояд, ки киберфазо ивазкунанда барои таълими тафаккур, дӯстӣ, сайёҳат ё омӯзиши санъати хат ба ҳисоб намеравад. Гарчанде, киберфазо метавонад ҷойи диққатҷалбкунанда ва сарчашмаи харидорӣ намудани ашё ва предметҳо, ҷойи савол ва ҷавобҳо бошад, лекин ин ҷаҳони таҷрибаи ибтидоӣ нест [15, с.45].

Дар раванди ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ, тағйироту дигаргуниҳои амалияи коммуникатсионӣ тамоми ниҳодҳои иҷтимоӣ, аз он ҷумла, ниҳодҳоеро, ки одатан ба ҷомеаи анъанавӣ тааллуқ доранд, фаро мегирад. Ҳатто, созмону ташкилотҳои динӣ низ ба раванди ташаккули фарҳанги ҷомеаи иттилоотӣ ҷалб карда мешаванд.

Ҳамин тариқ, дар фарҳанги муоширати ҷомеаи иттилоотӣ шакли нави муносибатҳои иҷтимоии шабакавӣ тарҳи рафтори одамон, забони муоширатро тағйир медиҳад, тағйирпазирии арзишҳоро таъмин менамояд, одат ва муқаррароти нави фарҳангиро ба миён меорад, сатҳҳои нави худифоданамоии шахсиятро ташаккул медиҳад.

Раванди муошират дар ҷомеаи иттилоотӣ дар алоқамандӣ бо пайвастшавии фарҳанги устувори анъанавӣ ва фарҳанги рушдкунандаи оммавӣ, байни фарҳанги элитавӣ ва оммафаҳм, байни фарҳанги қавмӣ, миллӣ ва хориҷӣ фаъол мегардад. Принсипи асосии фарҳанги муошират дар ҷомеаи иттилоотӣ бисёрмарказӣ, вобастагии тарафайн, ивазшаванда будан, вайрон гардидани формулаи “марказ - переферия” ба ҳисоб меравад.

Ба якрангӣ, ки аз стандартҳои технологӣ бармеояд, муоширати шабакавӣ, ки шакли нави мураккаби фарҳангӣ шуда истодааст, дорои шаклҳои зиёди зерфарҳангӣ бо маҷмӯи мувофиқи интизориҳо, даркнамоиҳо, маъно ва созишномаҳо мебошад, ки ба рафтори иштирокчиёни муошират таъсир мерасонанд.

Навъҳои зиёди муошират, ба монанди муносибати дохилиоилавӣ, муоширати корӣ, муоширати педагогӣ, муоширати табиб бо бемор ва ғайраҳо ба ҳама маълуманд, ки навъҳои анъанавии муошират ба ҳисоб мераванд. Аммо, дар шароити муосир, воситаи нав ва ояндадори муошират барои омӯзиш муошират бо истифода аз компютер ва муоширати шахс мустақиман бо компютер мебошад.

Охири солҳои 60-уми асри XX ҳамкории инсон бо машина ҳамчун муоширати навъи дигар ифода карда шуд. Дар як қатор бо низоми анъанавии муошират “инсон-инсон”,

ташаккули муоширати навъи дигар – “инсон-машина-инсон” оғоз гардид [9, с.63].

Низоми муошират, ки компютерро дар бар мегирад, одатан алоқамандии навъи “инсон-машина-инсон”–ро пешниҳод менамояд. Дар ин низом ду унсур ҷудо карда мешавад: “инсон-машина” ва “машина-инсон”. Дар низомҳои мураккабгардида ҳамкории “инсон-инсон” ва “машина машина” низ зоҳир мегардад. Ҳамин тариқ, қайд намудан зарур аст, ки технологияҳои компютерӣ тақсими амалиётро байни инсон ва техника пешниҳод менамояд. Афзалияти технологияҳои компютерӣ дар режими гуфтугӯии кор зоҳир мегардад, ки ба ташаккул ва инкишофи навъи муосири муошират – муоширати бавоситаи компютерӣ мусоидат намудааст.

Ҳамин тариқ, дар шароити имрӯза, бо пайдо гардидани интернет, рушди технологияҳои компютерӣ ва имконияти муоширати хаёлӣ, ду навъи муошират – муоширати воқеӣ ва муоширати хаёлӣ ҷудо карда мешавад. Ба муоширати воқеӣ ҳамон навъҳои муоширати анъанавӣ дохил мешаванд, ки дар раванди он субъектҳо якдигарро мебинанд ва алоқаи ҷавобӣ дар ҳамон лаҳза амалӣ карда мешавад.

Муоширати хаёлӣ одатан воситаи коммуникатсия аст, ки дар ҷараёни он алоқаи байни одамон ба воситаи компютер, ки ба шабака пайваст шудааст, амалӣ мегардад ва тамоми ҳамкориҳо бошанд, дар фазои воқеияти хаёлӣ амалӣ мегарданд.

Дар ҷаҳони воқеӣ зиндагӣ намуда, инсон аз он вобаста аст, ва наметавонад ба пуррагӣ талаботи худро ба муошират дар муддати муайян дар фазои хаёлӣ қонеъ намояд. Аз ин хотир, метавон қайд намуд, ки муоширати воқеӣ воситаи асосии ҳамкории инсон бо муҳити атроф буд ва дар ояндаи наздик боқӣ мемонад.

Ҳамин тариқ, метавон қайд намуд, ки дар шароити имрӯза, технологияҳои компютерӣ ба фарҳанги муошират таъсири манфӣ мерасонад. Яке аз заминаҳои асосии чунин таъсиррасонӣ мавҷуд набудани масъулият ва масъулиятшиносӣ дар муоширати хаёлӣ ба ҳисоб меравад, ки метавонад боиси ташаккули одатҳои манфии ҳар як истифодабаранда гардад. Сипас, чунин одатҳо ба ҳаёти воқеӣ гузашта, боиси халадор гардидани муоширпти воқеӣ мегарданд. Аз ин хотир, дар шароити имрӯза, зарур аст, ки муоширати хаёлӣ бо бартараф намудани ҷанбаҳои манфии он танзим карда шавад.

**АДАБИЁТ**


1. Арнольдов А. И. Человек и мир культуры. Введение в культурологию / А.И. Арнольдов. -М., 1992. - 240 с.
2. Гейхман Л. К. Искусство быть и общаться с другим / Л.К. Гейхман. - Пермь, 2001. - 198 с.
3. Иванов В. Е. Интернет в формировании диалогического пространства в социокультурной среде / В.Е. Иванов // Мир психологии. - 2000. - № 2. -С. 52-56.
4. Кастельс М. Информационная эпоха: экономика, общество и культура / М. Кастельс / Пер. с англ. под науч. ред. О. И. Шкаратана. -М., 2000. - 608 с.
5. Ломов Б.Ф. Общение как проблема общей психологии / Б.Ф. Ломов // Методологические проблемы социальной психологии. -М., 1975. -135с.
6. Моль А. Социодинамика культуры / А.Моль / пер. с фр. -М.: Издательство ЛКИ, 2008. - 416 с.
7. Ночевник М.Н. Культура и этика общения / М.Н. Ночевник. –Ташкент, 1985. -192 с.
8. Орлов А.А. Стандарты высшего педагогического образования: пути совершенствования / А.А. Орлов // Педагогика. -2000. - № 2. - С. 48-51.
9. Пиотровский Р.Г. Текст, машина, человек / Р.Г. Пиотровский. -Л.: Наука, 1975. -164 с.
10. Рыданова И.И. Основы педагогики общения / И.И. Рыданова. – Минск,1998. -319 с.
11. Сериков В.В. Образование и личность. Теория и практика проектирования педагогических систем / В.В. Сериков. -М., 1999. - 196 с.
12. Соколова В.В. Культура речи и культура общения / В.В. Соколова. -М.: Просвещение, 1995. - 191 с.
13. Шиляева И. Ф. Культура общения современной личности: детерминанты и факторы развития / И.Ф. Шиляева // Вектор науки Тольяттинского государственного университета. Серия «Педагогика, психология». 2011. - №3(6). - С. 337-340.
14. Юзвишин И. И. Основы информациологии / И.И. Юзвишин. - М.: Высшая школа, 2001. -600 с.
15. Communication and Cyberspace: Social Interaction in an Electronic Environment. -Cresskill, NJ: Hampton Press, 1996. 45


## ФАРҲАНГИ МУОШИРАТ ДАР ШАРОИТИ ҶОМЕАИ ИТТИЛООТӢ


Дар мақолаи мазкур масъалаи ташаккул ва инкишофи фарҳанги муошират дар шароити ҷомеаи иттилоотӣ мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода шудааст. Муаллиф қайд менамояд, ки дар марҳилаи муосири инкишофи таърихӣ дар асоси рушди илмӣ-техникӣ тамоми соҳаҳои ҷамъиятӣ, аз он ҷумла фарҳанги муошират ба таври ҷиддӣ дигаргун шудаанд. Ҳамин тариқ, дар шароити имрӯза ташаккули сохторҳо ва шаклҳои нави ҳаёт ва фаъолият шакл ва воситаҳои нави муоширатро талаб менамоянд. Рушди ҷомеаи муосир, такмили доимии воситаҳои муошират ва ҷараёнҳои мухталифи иттилоот ба мухолифати байни шакл, воситаҳои муошират ва мундариҷаи он оварда мерасонад. Дар ин самт ду масъалаи асосӣ

пайдо мешавад: инсон метавонад, ки бе душворӣ бо субъектҳои дар масофаи дур ҷойгир буда алоқаҳоро ба роҳ монад; такмили воситаҳои муошират на ҳамеша сифат ва дақиқии муоширатро таъмин менамоянд. Дар қатори воситаҳои ахбори умум – радио, маҷаллаҳо, рӯзномаҳо, маҳз телевизион воситаи пуриқтидори ташаккули фарҳанги муошират гардидааст. Самти глобалӣ, ки дар вазъияти фарҳанги муошират таҷассум мегардад, гузариши воситаҳои ахбори умум ба сатҳи нави идоракунии шуури одамон ба ҳисоб меравад. Муносибати тарафайни воситаҳои ахбори умум ва фарҳанги муошират хеле мураккаб ва гуногунсамта мебошад. Ин ду падидаро ба якдигар муқобил гузоштан нодуруст аст, зеро онҳо якдигарро пурра менамоянд. Хусусияти муҳимми ташаккул ва инкишофи фарҳанги муошират дар ҷомеаи иттилоотӣ дар он зоҳир мегардад, ки он дар асоси хаёлигардӣ ва "киберфазо" амалӣ мегардад. Дар доираи хаёлигардӣ ва "киберфазо" шуста шудани аломатҳои ташаккулёфтаи тақсимоти ҷомеа ба гурӯҳҳои иҷтимоӣ, умумиятҳо, миллату халқиятҳо, давлат ва фарҳанг ба миён омадааст.

**Калидвожаҳо:** фарҳанги муошират, воситаҳои коммуникатсионӣ, воситаҳои анъанавии муошират, воситаҳои ахбори умум, технологияҳои компютерӣ, интернет, киберфазо, воқеияти хаёлӣ, ҷаҳони воқеӣ, таъсири манфӣ, таъсири мусбӣ.

## КУЛЬТУРА ОБЩЕНИЯ В КОНТЕКСТЕ ИНФОРМАЦИОННОГО ОБЩЕСТВА

В статье исследуется формирование и развитие культуры общения в информационном обществе. Автор подчеркивает, что на современном этапе исторического развития на основе научно-технического развития все сферы жизни общества, в том числе культура общения, претерпели значительные изменения. Таким образом, в современных условиях формирование новых структур и форм жизни и деятельности требует новых форм и средств коммуникации.Развитие современного общества, постоянное совершенствование средств коммуникации и различных информационных процессов приводят к противоречию между формой, средствами коммуникации и ее содержанием. В этой области есть две основные проблемы: человек легко может общаться с далекими субъектами; совершенствование средств связи не всегда обеспечивает качество и точность связи. Наряду со средствами массовой информации - радио, журналами - газетами, именно телевидение стало мощным инструментом формирования культуры общения. Мировой тренд, воплощенный в культуре общения, - это переход СМИ на новый уровень управления сознанием людей. Отношения между СМИ и культурой общения очень сложны и разнообразны. Неверно противопоставлять эти два явления, потому что они дополняют друг друга.Важной особенностью формирования и развития культуры общения в информационном обществе является то, что она основана на воображении и «киберпространстве». В контексте воображения и «киберпространства» происходит размывание сформировавшихся признаков разделения общества на социальные группы, сообщества, нации и народы, государство и культуру.

**Ключевые слова:** культура общения, средства коммуникации, традиционные средства коммуникации, средства массовой информации, компьютерные технологии, Интернет, киберпространство, воображаемая реальность, реальный мир, негативное воздействие, позитивное воздействие.

## COMMUNICATION CULTURE IN THE CONTEXT OF THE INFORMATION SOCIETY

The article examines the formation and development of a culture of communication in the information society. The author emphasizes that at the present stage of historical development, on the basis of scientific and technological development, all spheres of society, including the culture of communication, have undergone significant changes. Thus, in modern conditions, the formation of new structures and forms of life and activity requires new forms and means of communication. The development of modern society, the constant improvement of communication means and various information processes lead to a contradiction between the form, communication means and its content. There are two main problems in this area: a person can easily communicate with distant subjects; improving communication means does not always ensure the quality and accuracy of communication. Along with the mass media - radio, magazines, newspapers, it is television that has become a powerful tool in the formation of a culture of communication. The global trend, embodied in the culture of communication, is the transition of the media to a new level of control over people's minds. The relationship between media and communication culture is very complex and varied. It is wrong to contrast these two phenomena because they complement each other. An important feature of the formation and development of a culture of communication in the information society is that it is based on imagination and "cyberspace". In the context of imagination and "cyberspace", the established signs of the division of society into social groups, communities, nations and peoples, state and culture are blurring.

**Key words:** culture of communication, means of communication, traditional means of communication, mass media, computer technologies, Internet, cyberspace, imaginary reality, real world, negative impact, positive impact.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Давлатзода Рустам*** **-** Донишгоҳи давлатии Данғара, унвонҷӯи кафедраи методикаи таълим ва таҳсилоти ибтидоӣ. **Суроға:**735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ноҳияи Данғара, кӯчаи Шарипов, 3. Телефон: **918 31 11 31; 907 03 36 63**

**Сведение об авторе:** ***Давлатзода Рустам*** **–** Дангаринский государственный университет, соискатель кафедры методики преподавания и начального образования. **Адрес:**735320, Республика Таджикистан, Дангаринский район, улица Шарипова 3.Телефон: **918 31 11 31; 907 03 36 63**

**Information about the author*: Davlatzoda Rustam*** - Dangara State University, applicant for the Department of Teaching Methods and Primary Education. Address: 735320, Republic of Tajikistan, Dangara district, Sharipova street 3. Phone: **918 31 11 31; 907 03 36 63**

**УДК: 372.8: 658.4**

# МАФҲУМ ҲАМЧУН ҶУЗЪИ АСОСИИ ДОНИШҲОИ ФИЗИКИИ ХОНАНДАГОНИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМӢ

*Ҷонмаҳмадов И.Т.*
**Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**

Пеш аз ҳама, муайян менамоем, ки худи истилоҳи «мафҳум» чист? Дар назари аввал ин саволи забонзада менамояд, чунки дар фаъолияти амалӣ, ҳаёти ҳаррӯза ва раванди таълим хонандагону донишҷӯён ва ҳамаи мо ин ё он мафҳумро истифода мекунем, вале ба мазмуну муҳтавои онҳо сарфаҳм намеравем. Суҳбат бо донишҷӯёни баъзе муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар, омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, аз ҷумла омӯзгорони физика, омӯзгорони ҷавони муассисаҳои таҳсилоти олии педагогии ҷумҳурӣ нишон медиҳад, ки бештари аз мусоҳибон мазмуну муҳтаво ва маънои истилоҳотро тасниф карда наметавонанд ва ин ҳайратовар нест, чунки на дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, на дар муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ ва на дар ягон курсҳои такмили ихтисос ин масъаларо намеомӯзанд. Мантиқшиноси бузурги венгерӣ Б. Фогарши дар китоби «Мантиқ» *34* таърифи истилоҳи «мафҳум»-ро меорад.

*Ленин В.И. дар асари худ «Дафтарҳои фалсафӣ» мафҳумро ҳамчун «маҳсулоти олии майнаи сар, маҳсулоти олии материя» муайян мекунад [9,с. 149]. Ф. Энгелс қайд мекунад, ки мафҳум «натиҷаест, ки дар он додашудаҳо … таҷриба ва хулосабарорӣ карда мешаванд» [11,с. 14].* Мувофиқи ақидаи ӯ, мафҳум натиҷаи ҷамъбастии тафаккур мебошад.

Олимоне, ки дар соҳаи мантиқ таҳқиқот мебаранд, истилоҳи мафҳумро ҳамчун яке аз шаклҳои тафаккур муоина менамоянд. Масалан, олим-мантиқдон Строгович М.С. дар [12] мафҳумро ҳамчун шакли тафаккур муайян менамояд, ки нишонаҳои муҳимми ашё ва ҳодисаҳои олами воқеиро инъикос ва қайд мекунад [12, с. 75]. Асмус В.Ф. дар [2] оид ба истилоҳи мафҳум чунин менависад: «фикр оид ба ашё, ки дар он нишонаҳои муҳимро ҷудо менамояд» [2, с. 32]. Бакрадзе К.С. мафҳумро ҳамчун фикре, ки нишонаҳои асосии муайянкунандаи ашёро тавсиф медиҳад, баррасӣ мекунад [3, с. 94]. Дар [5] Войшвилло Е.К. менависад, ки мафҳум ба таърифи мулоҳизаронӣ монандӣ дорад, яъне нишонаҳои мафҳум ба монанди категорияи мантиқӣ бо нишонаҳои мулоҳизаронӣ умумӣ мебошанд. Бинобар ин, таърифи мафҳумро ҳамчун инъикоскунандаи моҳияти ашё муайян намудан нодуруст аст.

Байни олимон-файласуфон ва олимон – мантиқдонон доир ба он ки чӣ аввал аст: ақида ё мафҳум, баҳс идома дорад. Кадоме аз инҳо шакли олии тафаккур мебошад? Баъзеҳо мафҳумро аввалин дониста, мулоҳизарониро шакли олии тафаккур меҳисобанд. Эшон ин далелро бо он асоснок менамоянд, ки мулоҳизаронӣ аз якчанд мафҳумҳо иборат аст ва бо ҳамдигар тавассути алоқамандии мафҳумҳо ифода меёбад. Дигарон баръакс меҳисобанд: азбаски худи мафҳум дар натиҷаи мулоҳизаронӣ ва хулосабарорӣ ташаккул меёбад ва мундариҷаи мафҳум тавассути мулоҳизаронӣ кушода мешавад, пас, мафҳум шакли олии тафаккур мебошад [7].

Муайянкунии мафҳум дар илм, ба назари А.И. Бугаев, натиҷаи дарки ҳақиқат мебошад [4]. Мақсади муайянкунӣ ба як тасвият муттаҳид сохтани ҷиҳатҳои умумӣ ва муҳиме, ки ба мафҳум хос аст, ба ҳисоб меравад. Мо ин нуктаи назарро тарафдорӣ мекунем.

Усова А.В. дар [13] ҳамаи гуфтаҳои фавқуззикрро ҷамъбаст намуда, мафҳумро чунин тавсиф медиҳад: «Мафҳум – категорияи хеле мураккаби мантиқӣ ва гносеологӣ мебошад. Ин натиҷаи марҳилаест, ки дар инкишофи донишҳои мо оид ба ин ё он объекти олами материалӣ мусоидат менамояд. Ба ғайр аз ин, мафҳум яке аз шаклҳои тафаккур буда, дар ин маъно он ҳамчун воситаи дарккунӣ баромад мекунад» [13, с. 11]. Барои тасдиқи ин фикраш муаллиф чунин мисол меорад: «мафҳуми молекула дар илм ба вуҷуд омада, барои фаҳмонидани моҳияти якчанд ҳодиса нақши бузург бозидааст ва дар асоси он назарияи молекулавӣ-кинетикӣ бунёд карда шудааст. Инчунин, ин ба мафҳумҳои «электрон», «квант» ва ғайраҳо низ тааллуқ дорад». Мо ин нуктаи назари муаллифро тарафдорӣ

намуда, чунин меҳисобем, ки дар ҳақиқат мафҳум воситаест барои фаҳмиши олами атроф.

А.В. Усова иброз медоранд, ки «тафаккур дар шаклҳои гуногун зуҳур ёфта метавонад: мафҳум, мулоҳизаронӣ, хулосабарорӣ, фарзия, назария ва ҳамаи инҳо дар даркнамоӣ нақши бузург мебозанд» [13, с. 12], ки бо ин розӣ нашудан номумкин аст.

Мафҳум яке аз шаклҳои олии тафаккур ва яке аз воситаҳои инъикоси олами материалӣ мебошад, аммо ин на танҳо воситаи инъикоси воқеият аст. Он чунин шакли инъикоси воқеият мебошад, ки моҳияти ашёҳо, хосият, решаҳои онро мекушояд. Бинобар ин, мафҳум дониш оид ба хосиятҳои асосии ашёву ҳодисаҳои олами атроф, дониши робитаи муҳим ва муносибати байни онҳо мебошад. Мафҳум, пеш аз ҳама, синоними фаҳмиши ҳақиқии моҳияти кор, на ин ки фаҳмиши объекти омӯхташуда аст. Дар мафҳум на ин ки монандии зоҳирии он бо дигар объектҳо, балки табиати ҳақиқии хусусияти объект кушода мешавад.

Қайд кардан зарур аст, ки омӯзгорон бояд ин тавсифоти мафҳумро донанд, барои он ки хонандагон чӣ тавр ягон мафҳумро аз худ намудаанд, ҳукм бароварда тавонанд.

Ҳар яки ин тавсифоти мафҳумро дар алоҳидагӣ дида мебароем.

Аз рӯйи мундариҷа ду навъи мафҳумро аз ҳамдигар фарқ мекунанд: сода ва мураккаб. Масалан, сониясанҷ – асбоб барои чен кардани вақт, зичӣ – бузургии физикиест, ки ададан ба нисбати массаи ҷисм бар ҳаҷми он баробар аст. Инҳо мафҳумҳои содаи физикӣ мебошанд. Суръат мафҳуми мураккаб аст. Боз мафҳумҳои нисбатан мураккаби физикӣ «модда» ва «майдон» ҳамчун шакли материя ва «материя»-ву «ҳаракат» - ҳамчун тарзи ҳастии материя мебошанд. Тасодуфӣ нест, ки ташаккул додани чунин мафҳумҳо дар хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тӯли тамоми давраи таълими физикаву дигар фанҳои табиӣ - математикӣ ва сипас, дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ идома мeёбад.

Таҳти ҳаҷми мафҳум миқдори объектҳо, ашёҳо ва ҳодисаҳое, ки мафҳуми мазкур онҳоро дар бар мегирад ё дар шуур тавассути мафҳуми мазкур инъикос гаштаанд, фаҳмида мешавад. Аз рӯйи ҳаҷм мафҳумҳои физикӣ ба танҳо (якка), умумӣ ва категория ҷудо мешаванд. Мафҳумро танҳо мегӯянд, агар ҳаҷмаш ба як баробар бошад. Масалан, шаҳри Душанбе, дарёи Вахш, расадхонаи Ҳисор ва ғайра. Агар ҳаҷми мафҳум аз як зиёд бошад, онҳоро умумӣ мегӯянд. Масалан, мафҳуми шаҳр аллакай умумӣ мешавад, чунки тамоми шаҳрҳоро дарбар мегирад. Намунаи мафҳумҳои умумии физикӣ инҳоянд: «гази инертӣ», ки 7 газро дар бар мегирад, «барометр», ки ҳамаи навъҳои барометрҳоро барои чен кардани фишор фаро мегирад. Ҳангоми омӯзиши асосҳои илм дар хонандагон асосан мафҳумҳои умумӣ ташаккул мeёбанд. Ба категорияҳо мафҳумҳои физикие, ки дараҷаи умумии ҳудудӣ доранд, дохил мешаванд. Онҳо нишонаҳои умумии олами воқеиро инъикос мекунанд. Ба мафҳумҳои категория чунин мафҳумҳо, ба монанди: «материя», «сабаб», «оқибат», «масса», «энергия» ва ғайраҳоро дохил намудан мумкин аст.

Ба ҳама маълум аст, ки мафҳумҳои физикӣ ҷузъиёти муҳимми маҷмӯи донишҳои физикӣ мебошанд ва дар дарки илмии олами атроф нақши калон мебозанд. Табиати илмӣ, аз ҷумла мафҳумҳои физикӣ дар фалсафа ва равандҳои инкишофи онҳо дар мантиқи диалектикӣ омӯхта мешаванд.

Ҳамчун шакли олии дарки олами атроф мафҳум асосҳои мантиқии маҷмӯи илмии дониш ва назарияҳоро ташкил медиҳад. Мафҳум на танҳо воситаи инъикоси олами воқеии атроф, балки боз чунин воситаи инъикосе мебошад, ки моҳияти чизҳоро мекушояд, хосияти дохилии объектҳову ашёҳо ва табиати дохилии мухталифро муайян мекунад. Бинобар ин, мундариҷаи мафҳум амиқан мухталиф аст. Мафҳум ягонагии лаҳзаҳои муқобил, муттаҳидии умумӣ ва ягонагӣ, мушаххас ва абстрактӣ мебошад. Он ҷамъбасти натиҷаҳои инкишофи соҳаи илми мазкур мебошад.

Барои истифодаи амалии назарияҳои физикӣ ва умуман натиҷаҳои маърифатӣ аҳамияти таълимию тарбиявии мафҳум баръало зоҳир мегардад.

Ҳангоми воридшавӣ ба илм, аз ҷумла илми физика дар марҳилаҳои муайяни инкишофи он, мафҳум бетағйир намемонад. Дар натиҷаи кашфиёти нав хосиятҳои муҳим ва нишонаҳои объектҳои физикӣ, ашёҳову ҳодисаҳо мундариҷаи мафҳумҳои физикӣ ғанӣ

гардида, онҳо ҳаҷман васеъ ва робитаю муносибати байни мафҳумҳо пурратар ошкор карда мешаванд.

Омӯзиши раванди ташаккулдиҳии мафҳум дар илм мавзӯи таҳқиқотии мантиқӣ - диалектикӣ маҳсуб меёбад. Ба ин масъала файлсуфон В.Ф. Асмус [2], А.С. Арсенйев, В.С. Библер, Б.М. Кедров [1], Г.А. Курсанов [8], Э.В. Иленков [6], М.С. Строгович [12] ва дигарон таваҷҷуҳ зоҳир намудаанд.

Дар зинаи аввали тараққиёти ҷамъият ва тафаккури инсоният мафҳум дар шакли мафҳуми эмпирикӣ баромад мекунад. Дар зинаҳои минбаъдаи рушди инсоният, онҳо бо тафаккури абстрактӣ-назариявӣ пайвастанд ва ин ба пайдошавии мафҳуми илмӣ-назариявӣ мусоидат намуд. Мафҳумҳои илмӣ-назариявӣ моҳияти объекти омӯхташавандаро тавсиф мекунанд, ки берун аз ҳодисаҳои даркшавандаву ашёҳои омӯхташуда мебошад ва бевосита тавассути ҳиссиёт дарк карда намешаванду тавассути тафаккури назариявӣ дарк карда мешаванд.

Мафҳумҳои илмӣ-назариявӣ дар фарқият аз мафҳумҳои эмпирикӣ умумият ва зарурат доранд, яъне «онҳоро ҳамаи одамоне, ки ақли солим доранд, ба тарзи таҷрибавӣ тасдиқ карда метавонанд ва бо ёрии чунин таҷрибаҳо онҳоро рад кардан ғайриимкон мебошад» [6, с. 63]. Онҳо ба пешгӯйӣ кардан замина мегузоранд, яъне ба оянда нигаронида шудаанд.

Бо ташаккулёбии қонунҳову назарияҳои физикӣ мафҳумҳои физикии нав пайдо мешаванд ва минбаъд инкишоф меёбанд. Мафҳумҳо, қонунҳо ва назарияҳои физикӣ тарафҳои гуногуни ҳамон як доираи ҳодисаҳоро дар шаклҳои гуногуни фикрӣ ва маърифатӣ таҷассум менамоянд.

Мафҳумҳои физикӣ моҳияти ҳодисаҳои физикӣ, ашёҳо ва объектҳоро бо ба эътибор нагирифтани нишонаҳои ғайримуҳим ва дуюмдараҷаашон ифода мекунанд. Қонунҳои физикӣ робитаҳои муҳимми байни ашёҳо, объектҳо ва ҳодисаҳои физикиро инъикос мекунанд. Назарияҳои физикӣ маълумоти таҷрибавиро бо мақсади фамонидани доираи ҳодисаҳо, далелҳо аз нуктаи назари ягона ҷамъбаст менамоянд.

Раванди пайдоиши мафҳумҳо ҳангоми омӯзиши физика чун дар тамоми раванди маърифатӣ тавсифоти диалектикии мухталиф дорад. Тавсифоти раванди ташаккулёбии мафҳумро Г.А. Курсанов чунин нишон медиҳад: «ягонагии паҳлуҳои таҳлилӣ ва синтетикии он, ягонагии амалиёти мантиқии ба ягон тараф равонашуда ва ҷамъбасткунанда, ки дар ақли субъекти дарккунанда иҷро мегардад» [8, с. 205]. Инкишофи мафҳумҳо, аз он ҷумла мафҳумҳои физикӣ дар асоси ҳалли зиддиятҳои байни далелҳои навпадидомада ва мафҳумҳои мавҷудбуда, ки барои фаҳмонидани далелҳои нав нокифоя мебошанд, ба амал меояд. Раванди ташаккулёбии мафҳумҳои физикӣ дар ду самт сурат мегирад:

– мафҳумҳои мавҷудбудаи физикӣ амиқу саҳеҳ мегарданд ва ба сатҳи баланди абстраксия бардошта мешаванд;
– мафҳумҳои мавҷудбудаи физикӣ ҳамчун мафҳумҳои ғайриилмӣ рад карда мешаванд, масалан, мафҳумҳои «навъи гармӣ» ва «массаи магнитӣ». Ба ҷойи онҳо мафҳумҳои нав ва саҳеҳтар ба миён меоянд. Рад кардани мафҳумҳои ғайриилмӣ ва пайдоиши мафҳумҳои нав дар инкишофи илми физика «нуктаҳои муҳим»-ро нишон медиҳанд.

Робитаи мафҳумҳо ва назарияҳои физикӣ тавсифоти диалектикӣ дорад. Дар баъзе ҳолатҳо аввалан мафҳумҳою ақидаҳои нав пайдо мегарданд, ки ду ва зиёда хулосабарориҳоро алоқаманд намуда, аз далелҳои таҷрибавӣ бармеоянд. Дар асоси ин назарияҳои физикии нав бунёд карда мешаванд. Масалан, дар асоси мафҳуми «электрон» назарияи электронӣ ва дар асоси мафҳуми «квант» назарияи квантӣ бунёд карда шуд. Дар навбати худ, бунёди назарияҳои нави физикӣ боиси инкишофи илми физика, татбиқи амалии он ва ахиран ба ташаккулёбии мафҳум меорад.

«Илм, - қайд мекунад Э.В. Иленков, - дар натиҷаи муқоисакунии мафҳумҳо бо далелҳо, раванди доимию қатънашавандаи бартарафкунӣ ва пайдошавии мухолифатҳо инкишоф меёбад» [6, с. 62].

Ба инкишофи мафҳумҳои физикӣ робитаи мутақобилу мураккаби дигар илмҳои

табиатшиносӣ, ки вазифаҳои умумӣ ва якхелаи тадқиқи ҳаматарафаи равандҳову ҳодисаҳои дар табиат ва техника баамалояндаро доранд, таъсир мерасонад.

Робитаи аксари мафҳумҳои физикӣ бо воқеиятҳои мушаххас ниҳоят мураккаб ва ғайримустақим буда, соҳаи муайянии воқеияти мазкур ҳама вақт асоси онтологии ҳама гуна мафҳум, аз ҷумла дараҷаи олии абстраксияи он, боқӣ мемонад.

Чунинанд, ба андешаи мо, хусусиятҳои пайдоиш ва инкишофи мафҳумҳои физикӣ.

Дар хонандагон ташаккулёбии маҷмӯи мафҳумҳои физикӣ яке аз рукнҳои муҳимми аз ҷониби онҳо аз худ кардани маҷмӯи донишҳои физикӣ мебошад. Ҳар як фанни таълимӣ, аз он ҷумла физика, маҷмӯи мафҳумҳои асосии физикии байни ҳам алоқамандро дар бар мегирад, ки аз азхудкунии онҳо сифати донишҳои физикии хонандагон вобаста мебошад.

Ҳамин тариқ, омӯзиши фанни физика дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар азхудкунии мазмуну мундариҷаи мафҳумҳои асосии он зоҳир мегардад: хосиятҳои физикии макроҷисмҳо (масса, ҳаҷм, энергия, ҳаракат ва ғайраҳо); хосиятҳои модда ва майдонҳои физикӣ; шаклҳои физикии ҳаракати материя ва зуҳуроти гуногуни онҳо. Ҳамаи ин ба маҷмӯи мафҳумҳои физикӣ доир ба ҳодисаҳо дохил мешаванд: ҷӯшиш, бухоршавӣ, ҳаракати броунӣ; доир ба хосиятҳои ҷисм: чандирият; доир ба бузургиҳо, ки ҳодисаҳоро тавсиф мекунанд; суръат, шитоб; хосиятҳои ҷисм: гармиғунҷоиш, муқовимат; хосиятҳои модда: гармиғунҷоиши хос, электргузаронӣ ва майдонҳои физикӣ, масалан, потенсиал, шиддат дар нуқтаҳои додашудаи майдон ва ғайраҳо [10].

Бе азхудкунии мафҳумҳои физикӣ аз худ намудани қонун ва назарияҳои физикӣ ғайриимкон аст. Азхудкунии чунин мафҳумҳо, ба монанди «материя», «ҳаракат», «масса», «қувва», «энергия» робитаи сабабу оқибатии байни ҳодисаҳои физикӣ барои дар хонандагон ташаккул додани ҷаҳонбинии диалектикӣ-материалистӣ ва фаҳмиши манзараи муосири илмии олам аҳамияти зиёд дорад.

Азхудкунии мафҳумҳои физикӣ бо фаъолияти зеҳнии хонандагон, ба иҷроиши чунин амалиёти фикрӣ, ба монанди таҳлил ва синтез, муқоисакунӣ, абстраксиякунонӣ ва хулосабарорӣ замина мегузорад.

Аз ҷониби хонандагон амиқу ҳаматарафа азхудкунии мафҳумҳои физикӣ дар аксари мавридҳо аз рӯйи то кадом андоза хусусиятҳои раванди азхудкунии мафҳумҳо аз ҷониби хонандагонро донистани омӯзгор, мушкилоти ҳангоми азхудкунии мафҳумҳо дучороянда, шарту шароитҳои ба беҳтаршавии азхудкунии мафҳумҳо мусоидаткунанда, вобаста аст.

Инкишофи мафҳумҳои физикӣ дар маърифати таълимӣ бо инкишофи мафҳум дар илм якчанд аломатҳои умумӣ дошта, дар баробари ин, тафовут низ дорад.

Чи дар илм ва чи дар таълими маърифатӣ (физикӣ) ташаккулёбӣ ва инкишофи мафҳумҳо (мафҳумҳои физикӣ) раванди мураккаб ва зиддиятноки диалектикӣ мебошад. Хонандагон якбора мафҳумҳои физикиро аз худ намекунанд. Онҳо батадриҷ мундариҷа, ҳаҷм, робита ва муносибати онҳоро байни ҳамдигар ва бо дигар мафҳумҳои физикӣ аз худ мекунанд. Азхудкунии мафҳумҳои физикӣ дар асоси бартарафсозии зиддияти байни далелҳои физикии зоҳиргардида ва мафҳумҳои мавҷуда, барои фаҳмонидани далелҳои нави физикӣ нокифоя мебошад.

Дар маърифати илмӣ пайдоиш ва инкишофёбии мафҳум натиҷаи фаъолияти ҷустуҷӯйии олимон ва дар маърифати таълимӣ инкишофи мафҳум дар хонандагон таҳти роҳбарии омӯзгор, дар натиҷаи фаъолияти мақсадноки ӯ, тибқи барномаи таълим, дастурҳои таълимӣ сурат мегирад.

Дар маърифати илмӣ пайдоиш ва инкишофёбии мафҳум раванди дурударози инкишофи шуур, дарки амиқи олами объективӣ, ҷамъбасти марҳилаҳои маърифат мебошад. Дар раванди таълим дар хонандагон ташаккулёбии мафҳумҳое ба амал меояд, ки аллакай дар илм қабул шудаанд, дар таҳқиқоти илмӣ ва фаъолияти амалии одамон истифода мешаванд. Ин ҳо низ мафҳумҳо ташаккул меёбанд, вале танҳо дар шуури хонандагон. Ҷузъиёти навоварӣ бошад, тавсифоти субъективӣ дорад.

Дар маърифати илмӣ ҷудокунии хосиятҳои муҳимми ҳодисаҳо, объектҳо ва ашёҳо, ки дар шуури инсон тавассути мафҳум инъикос мегарданд, натиҷаи фаъолияти эҷодии

мутафаккирон, олимон, баъзан олимони якчанд давлатҳо ва наслҳо мебошад. Масалан, ташаккулёбии мафҳумҳои «энергия», «модда», «майдон», «таъсири мутақобил», «қувва» ва ғайраҳо. Хонандагон ҳангоми таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мафҳумҳоро аз худ мекунанд. Манбаи пайдоиш ва ташаккулёбии мафҳумҳо дар илм – мухолифати байни далелҳои нави илмии барқароршуда ва мафҳумҳои илмии мавҷудбуда, нокифоягии дониш барои шарҳи ҳодисаҳои нави кашфшуда ва хосиятҳои физикии ҷисмҳо мебошад. Дар хонандагон ташаккулёбии мафҳумҳои физикӣ тавассути чунин омилҳо сурат мегирад:

– таҷрибаҳои ҳаётии хонандагон, тасаввуроти рӯзмарраи онҳо, ки дар психология тасаввуроти «тоилмӣ» ном гирифтааст, яъне то омӯзиши физика дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ андухта шудааст;

– раванди мақсадноки ташаккулёбии мафҳумҳои физикӣ таҳти роҳбарии омӯзгор ҳангоми омӯзиши физика;

– хондани адабиёти илмӣ-оммавӣ аз физика, тамошои лаҳзаҳои филмҳои таълимӣ, барномаҳои таълимӣ аз радио ва телевизион, ки онро ташаккулёбии «номуташаккилона»-и мафҳумҳои физикӣ мегӯянд.

Ба омӯзгор ҳамаи «манбаъҳои» нишондодашудаи пайдоиш ва инкишофёбии мафҳумро донистан зарур аст, то ки онҳоро ҳангоми дар хонандагон ташаккулдиҳии мафҳумҳо моҳирона истифода намояд. Дар ин маврид, аз ҷумла тасаввуроти «тоилмии» хонандагон ва ба ном «раҳораҳ» ташаккулдиҳии мафҳумҳои физикиеро, ки эшон ҳангоми омӯзиши фанҳои ба ҳам наздик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ аз худ кардаанд, ба инобат гирифтан муҳим аст.

Масалан, дар раванди ташаккулдиҳии аксари мафҳумҳои физикӣ ташаккулёбии онҳоро дар дарсҳои табиатшиносӣ, география, биология, химия ва ғайраҳо ба инобат гирифтан муҳим аст. Бинобар ин, ҳангоми ташаккулдиҳии мафҳумҳои физикӣ баҳисобгирӣ робитаи байнифаннӣ нақши муҳим мебозад.

Раванди дар хонандагон ташаккулдиҳии мафҳумҳои физикӣ қонуниятҳои худро дорад. Донистани ин қонуниятҳо барои ҳар як омӯзгор зарур аст, чунки раванди дар хонандагон ташаккул додани мафҳумҳои физикиро самаранок амалӣ гардонад.

Дар замони муосир чунин қонуниятҳои раванди ташаккулдиҳии мафҳумҳои физикӣ муқаррар карда шудаанд:

– ташаккулёбии мафҳумҳои физикӣ дар шуури хонандагон – раванди мураккаб ва дурударози пайдарпай инъикосшавии хусусиятҳои сифатӣ ва миқдории объектҳо, ашёҳо ва ҳодисаҳо мебошад. Хонандагон мафҳумҳои физикиро якбора аз худ намекунанд, балки муназзам мундариҷа, ҳаҷм ва муносибати онҳоро бо мафҳумҳои дигар аз худ мекунанд;

– дар раванди омӯзиши ин ё он фанни таълимӣ, масалан физика, дар хонандагон сараввал мафҳумҳои алоҳида ташаккул мееёбанду сипас, маҷмӯи мафҳумҳо, яъне мафҳумҳои мавзӯи мушаххас ё фасли физика. Масалан, дар физика маҷмӯи мафҳумҳо аз фасли «Механика», маҷмӯи мафҳумҳои фасли «Физикаи молекулавӣ ва асосҳои термодинамика», «Электр» ва ғайраҳо пайдарпай ташаккул мееёбанд;

– азхудкунии мафҳумҳои физикии як фасли физика самаранок амалӣ мегардад, агар робитаи он бо мафҳумҳои фаслҳои дигари фанни мазкур барқарор карда шавад. Масалан, мафҳуми «ҳаракати ҳароратӣ» аз ҷониби хонандагон хуб аз худ карда мешавад, агар ҳангоми ташаккулдиҳии он омӯзгор ба мафҳуми қаблан омӯхтаи «ҳаракати механикӣ» такя намояд ва дар асоси муқоисакунӣ фарқияти хосси ҳаракати ҳароратӣ аз механикӣ ошкор гардад ва дар навбати худ нишон дода шавад, ки ҳаракати ҳароратӣ ҳаракати механикии зарраҳои алоҳида, яъне молекула ва атомҳоро дар бар мегирад;

– азхудкунии мафҳумҳои физикӣ самаранок мегардад, агар робитаи онҳо бо мафҳумҳои дигари илмҳои табиӣ барқарор карда шавад. Масалан, азхудкунии мафҳуми «молекула» ё «атом» дар хонандагони синфҳои VII-X ҳангоми дар алоқамандӣ омӯхтани он бо фанҳои химия ва биология босамар ҷараён мегирад;

– дар якҷоягӣ бо раванди ташаккулёбии мафҳумҳои нави физикӣ раванди амиқкунии мундариҷаи мафҳумҳои пештар омӯхташуда ҷараён мегирад. Дар ин маврид

ҳамаи паҳлуҳои ба нави мафҳумҳо, робита ва муносибати онҳо ошкор мегарданд, ҳудуди татбиқашон аниқ карда мешавад;

– дар баробари ошкорсозии мундариҷаи мафҳумҳои физикӣ раванди тафриқасозии онҳо сурат мегирад.

Вазифаи асосии омӯзиши ҳар як фанни таълимӣ, пеш аз ҳама, дар хонандагон ташаккул додани мафҳумҳои асосии он мебошад. Донишҳои физикӣ системаи мафҳумҳо, қонунҳо, фарзияҳо ва назарияҳо мебошанд. Дар мавриди худ қонунҳо, фарзияҳо ва назарияҳо робитаи байни мафҳумҳоро муайян мекунанд.

Мафҳум яке аз шаклҳои инъикоси ҳақиқати материалӣ мебошад. Мафҳум ҳамчун шакли тафаккур ва натиҷаи тафаккури назариявӣ (мафҳум) воситаи дарккунии ҳақиқати иҳотакардашуда мебошад.

Мазмуни курси физикаи мактабӣ маҷмӯи мафҳумҳои бо ҳам алоқаманд мебошад, бинобар ин, ташаккул додани мафҳумҳои физикӣ яке аз вазифаҳои асосии ин фанни таълимӣ ба ҳисоб меравад. Ҷараёни ташаккулёбии мафҳумҳои физикӣ аз пайдарпай муайян кардани (кушода додани) хосиятҳои сифативу миқдорӣ ва бошуурона дар амалия истифода бурдани онҳо иборат аст. Азбаски фикр инъикоси ашё ва зуҳуроти олами моддист, пас мафҳум низ инъикоси ашё ва зуҳуроти олами моддӣ мебошад, зеро мафҳум яке аз навъҳои асоситарини фикр аст. Мафҳум ҷамъбасти донишҳои инсон доир ба ин ё он ашё ва зуҳурот мебошад [14, с.15].

Дар хонандагон ташаккул додани мафҳумҳои физикӣ раванди дурудароз буда, вақти зиёдро тақозо мекунад. Таҳқиқот нишон дод, ки ҳангоми азхудкунии мафҳумҳои физикӣ хонандагон, аксар вақт ба чунин хатоҳо роҳ доданашон аз эҳтимол дур нест:

1) хонандагон мазмуни мафҳумҳо, яъне аломатҳои фарққунанда ва умумии онҳо ё баъзе аломатҳои асосиро аз якдигар ҷудо карда наметавонанд;

2) аломатҳои фарққунандаи мафҳумҳо, ки ба ҳамаи ҳамон навъи мафҳумҳо хосанд, масалан, ишораи энергияи кинетикиро аз ишораи энергияи потенсиалӣ фарқ карда наметавонанд ва аксар вақт онҳоро бо якдигар омехта мекунанд;

3) вобастагии байни мафҳумҳоро хуб аз худ намекунанд, гурӯҳбандии мафҳумҳоро хуб дарк намекунанд. Дар интихоби аломатҳои фарққунандае, ки мувофиқи онҳо мафҳумҳоро гурӯҳбандӣ кардан мумкин аст, душворӣ мекашанд.

Яке аз сабабҳои асосии мавҷудияти чунин хатоҳо дар амиқ аз худ накардани мафҳумҳо аз ҷониби худи омӯзгорон мебошад. Аксари омӯзгорони физика ҳангоми ташаккул додани ин ё он мафҳуми физикӣ ҷузъиёти зеринро ба эътибор намегиранд:

– талаботеро, ки аз ҷониби хонандагон ҳангоми азхудкунии ин мафҳумҳо то баанҷомрасии таҳсил дар муассисаи таълимӣ бояд иҷро шаванд;

– мафҳумҳои аввалиндараҷаеро, ки дар хонандагон барои бомуваффақият азхудкунии мафҳумҳои физикӣ бояд ташаккул дода шаванд;

– марҳилаҳои асосии ташаккул додани мафҳумҳои физикӣ;

– тарзҳои самараноки ташаккул додани мафҳумҳои физикӣ.

Аксари омӯзгорон он пайдарпайиеро интихоб мекунанд, ки дар китобҳои дарсӣ ва ё дастурҳои методиву таълимӣ аз физика тавсия дода шудаанд, ки он ҳам бо забони тоҷикӣ хеле кам аст. Бинобар ин, барои ташаккул додани мафҳумҳои физикӣ вақти зиёд сарф мешавад, аммо новобаста аз ин, сатҳи азхудкунии онҳо аз тарафи хонандагон ба талаботи барномаҳои таълим ва вазифаҳои муосири муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳурӣ ҷавобгӯ нест.

Таҳқиқоти гузаронидаи мо нишон доданд, ки айни замон зарурати шинос намудани омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва устодони факултетҳои физикаи муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ бо асосҳои психологӣ-дидактикии ташаккули мафҳумҳои физикӣ ба миён омадааст. Чунин донишҳо, инчунин ба онҳое ҳам лозиманд, ки ба таҳияи нақшаҳову барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимию методӣ ва маводи дидактикӣ аз фанни физика машғуланд.

**Муқарриз:** ***Алламуродов Б.Н.*** **– номзади илмҳои педагогӣ, ДДБ ба номи Носири Хусрав**

**АДАБИЁТ**

1. Арсеньев, А.С. Анализ развивающегося понятия / Арсеньев, А.С., Библер В.С., Кедров Б.М. - М., 1967, - 64 с.
2. Асмус, В.Ф. Логика / Асмус, В.Ф. – М.: Госполитиздат, 1947, - 387с.
3. Бакрадзе, К.С. Логика / Бакрадзе, К.С. – Тбилиси,1957.
4. Бугаев, А.И. Методика преподавания физики в средней школе. Теорет. основы: учеб. пособие для студентов пед. ин-тов по физ.-мат. спец. / А.И. Бугаев. – М.: Просвещение, 1981. – 288 с.
5. Войшвилло, Е.К. Понятие / Войшвилло, Е.К. – М.: Изд-во Моск. ун-та. 1967, - 286 с.
6. Ильенков, Э.В. Диалектическая логика: / Ильенков, Э.В. // Очерки истории и теории. - М., 1974.
7. Кондаков, Н.И. Логика: Пособие для учителей. – М.: Учпедгиз, 1954. – 512 с.
8. Курсанов, Г.А. Диалектический материализм о понятии. - М., 1963.
9. Ленин, В.И. Полн. собр. соч., т. 29.
10. Маҷидов, Ҳ. Физика – 7. Китоби дарсӣ барои синфи 7-уми мактабҳои миёнаи таҳсилоти ҳамагонӣ / Маҷидов, Ҳ., Зубайдов С. – Душанбе: Алиф, 2008, -281 с.
11. Маркс, К. Энгельс Ф. Соч, т.. 23.
12. Строгович, М.С. Логика / Строгович, М.С. - Учеб. пособие для высш. учебн. заведений. – М.: Госполитиздат, 1949, - 363 с.
13. Усова, А.В. Формирование у школьников научных понятий в процессе обучения / **Усова, А.В.** – М.: Педагогика. 1986, - 176 с.
14. Умаров У.С. Ташаккул додани мафҳумҳои физикӣ дар синфи VII / У.С.Умаров, И.Т.Ҷонмаҳмадов, Н. Мусозода //Маводи конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзӯи «Масъалаҳои мубрами тиб ва таҳсилоти тиббӣ» бахшида ба «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ (2019-2021)». - Данғара: ДДТХ, - с. 468-470.
15. Ҷонмаҳмадов, И.Т. Ташаккули мафҳумҳои физикӣ тавассути ҳалли масъалаҳои мазмуни таърихидошта / И.Т.Ҷонмаҳмадов, У.С.Умаров, Ҳ. Маҷидов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, №3/5(208). – Душанбе. 2016.- С.171-173.

## МАФҲУМ ҲАМЧУН ҶУЗЪИ АСОСИИ ДОНИШҲОИ ФИЗИКИИ ХОНАНДАГОНИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМӢ

Ба ҳама маълум аст, ки мафҳумҳои физикӣ ҷузъиёти муҳимми маҷмӯи донишҳои физикӣ мебошанд ва дар дарки илмии олами атроф нақши муассир доранд. Дар хонандагон ташаккулёбии маҷмӯи мафҳумҳои физикӣ яке аз рукнҳои муҳимми аз ҷониби онҳо аз худ кардани маҷмӯи донишҳои физикӣ мебошад. Бе азхудкунии мафҳумҳои физикӣ аз худ намудани қонун ва назарияҳои физикӣ ғайриимкон аст. Раванди дар хонандагон ташаккулдиҳии мафҳумҳои физикӣ қонуниятҳои худро дорад. Вазифаи асосии омӯзиши ҳар як фанни таълимӣ, пеш аз ҳама, дар хонандагон ташаккул додани мафҳумҳои асосии он мебошад. Ба андешаи мо, яке аз сабабҳои асосии мавҷудияти чунин хатоҳо дар амиқ аз худ накардани мафҳумҳо аз ҷониби худи омӯзгорон мебошад. Таҳқиқот нишон дод, ки айни замон зарурати шинос намудани омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва устодони факултетҳои физикаи муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ бо асосҳои психологӣ-дидактикии ташаккули мафҳумҳои физикӣ ба миён омадааст. Чунин донишҳо, инчунин, ба онҳое низ лозиманд, ки ба таҳияи нақшаҳову барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимию методӣ ва маводи дидактикӣ аз фанни физика машғуланд.

**Калидвожаҳо:** мафҳум, мафҳуми физикӣ, табиат, тафаккур, мулоҳизаронӣ, хулосабарорӣ, фарзия, назария, мантиқ, молекула, назарияи молекулавӣ-кинетикӣ, электрон, назарияи электронӣ.

## ПОНЯТИЯ КАК ЭЛЕМЕНТ ФИЗИЧЕСКИХ ЗНАНИЙ УЧАЩИХСЯ СРЕДНИХ ОБЩЕОБРАЗОВАТЕЛЬНЫХ УЧРЕЖДЕНИЙ

Всем известно, что физические понятия являются важным компонентом системы физических знаний и играют важную роль в научном понимании окружающего мира. Формирование системы физических понятий у учащихся является одним из важных элементов овладения физическими знаниями. Невозможно овладеть законами и теориями физики, не овладев физическими понятиями. Процесс формирования физических понятий у учащихся имеет свои закономерности. Основная задача изучения каждого предмета - это, прежде всего, формирование у учащихся основных понятий данного предмета. Исследование показало, что в настоящее время есть необходимость ознакомления учителей средних общеобразовательных учреждений и преподавателей физических факультетов высших учебных педагогических заведений с психолого-дидактическими основами формирования физических понятий. Такие знания также необходимы тем, кто занимается разработкой учебных программ, учебников, учебных пособий и дидактических материалов по физике.

**Ключевые слова:** понятия, физические понятия, природа, мышление, рассуждение, вывод, гипотеза, теория, логика, молекула, молекулярно-кинетическая теория, электрон, электронная теория.

## CONCEPTS AS AN ELEMENT OF PHYSICAL KNOWLEDGE STUDENTS SECONDARY EDUCATIONAL INSTITUTIONS

Everyone knows that physical concepts are an important component of the system of physical knowledge and play an important role in the scientific understanding of the surrounding world. The formation of a system of physical concepts among students is one of the important elements of mastering physical knowledge. It is impossible to master the laws and theories of physics without mastering physical concepts. The process of formation of physical concepts among students has its own laws. The main task of studying each subject is, first of all, the formation of the basic concepts of this subject in students. The study showed that at present there is a need to familiarize teachers of secondary educational institutions and teachers of physics departments of higher educational institutions with the psychological and didactic foundations of the formation of physical concepts. Such knowledge is also necessary for those who are involved in the development of curricula, textbooks, teaching aids and didactic materials in physics.

**Keywords:** concepts, physical concepts, nature, thinking, reasoning, conclusion, hypothesis, theory, logic, molecule, molecular kinetic theory, electron, electronic theory.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Ҷонмаҳмадов Исфандиёр Тешаевич*** - Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, омӯзгори кафедраи методикаи таълими технология. **Суроға:** 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Бохтар, кӯчаи Айнӣ 67. E-mail: **jonmahmadov89@mail.ru** Телефон: **(+992) 987-36-72-36**

**Сведение об авторе:** ***Джонмахмадов Исфандиёр Тешаевич*** – Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрава, преподаватель кафедры методики преподования технологии. **Адрес:** 735140, Республика Таджикистан, г. Бохтар, ул. Айнӣ 67. E-mail: **jonmahmadov89@mail.ru** Телефон: **(+992) 987-36-72-36**

**Information about the author**: ***Jonmahmadov Isfandiyor Teshaevich*** Bokhtar State University named after Nosir Khusrav, named after Nosiri Khusrav teacher of the department of methods of teaching technology.. **Address:** 735140, Republic of Tajikistan, Bokhtar, Aini st., 67. E-mail: **jonmahmadov89@mail.ru** Phone: **(+992) 987-36-72-36**

**УДК: 372.851**

# МАҚСАД ВА ВАЗИФАҲОИ ТАЪЛИМИ ФОСИЛАВӢ ВА ТАТБИҚИ ОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Гулова М.Т., Мамадкулов У.Н.***
**Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**

Таълими фосилавӣ (ТФ) шакли нави таълим мебошад. Низомномаи таҳсилоти фосилавӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ аз соли 2017 бо Қарори мушовараи ВМ ва ИҶТ тасдиқ гардидааст. Бояд қайд намуд, ки ин Низомнома фақат ба доираи маълумоти олии касбӣ дахл дошта, барои МТМУ ба нақша гирифта нашудааст.

Дар Низомнома мақсад, вазифаҳо ва роҳҳои ташкили раванди таълим дар муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо истифода аз низоми таҳсилоти фосилавӣ чунин муайян карда шудааст [2]:

- Низоми таҳсилоти фосилавӣ дастрасии маълумоти олии касбиро новобаста аз мавқеи ҷойгиршавии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва субъектҳои раванди таълим (донишҷӯён) таъмин менамояд.
- Дастрасии таҳсилоти олии касбӣ ва маводи иттилоотии таълимӣ дар шароити низоми таҳсилоти фосилавӣ асосан дар шакли электронӣ, бо истифодаи технологияи муосири иттилоотию иртиботӣ ва радифӣ таъмин карда мешавад.
- Ташкили раванди таълим дар шароити низоми таҳсилоти фосилавӣ ба истифодаи усулҳои муосири тайёр кардани мутахассисони дорои таҳсилоти олии касбӣ ва ба талаботи бозори дохилӣ ва берунии меҳнат ҷавобгӯ будани онҳо мусоидат менамояд.

Таълими фосилавӣ тақозои замон ва натиҷаи прогресси илмӣ-техникист. Фақат фарқияти таълими фосилавӣ дар он аст, ки таълим бештар дар реҷаи иштироки фосилавӣ ё супоришҳо ва назорати электронӣ баргузор мегардад. Дар кишварҳои хориҷӣ миқдори соатҳои ҳузурии донишҷӯён камтар аст. Дар баъзе аз МТ ҳатто имтиҳоноти ҷамъбастӣ ба таври фосилавӣ баргузор мегардад.

Дарсҳои фосилавӣ дар реҷаҳои On-line ва Off-line дар хати алоқаи Интернетӣ баргузор мегарданд.

**Реҷаи On-line.** Дар ҳафтаи таълими назариявӣ дар шакли таълими рӯ дар рӯ аз тарафи омӯзгор ва донишҷӯ дар масофа гузаронида мешавад. Технологияҳои асосии истифодабарии ин муҳит видеоконфронсҳо, чат, вебинар, видеодарсҳо, тамос бо телефон ва ғайраҳо мебошанд.

**Реҷаи Off-line.** Ин робитаи омӯзгор ва донишҷӯ бо истифода аз сомонаи муассиса ва почтаи электронии омӯзгор ва донишҷӯ мебошад, ки дар ҳафтаи таълими назариявӣ тариқи пешниҳоди матни дарси назариявӣ, пешниҳоди супоришҳои мустақилона ва иҷрои корҳои мустақилонаи фосилавӣ сурат мегирад.

Истифодаи ин реҷаҳо дар МТ ҶТ то давраи академикӣ, яъне санҷишӣ сурат мегирад.

Ба корҳои амалии донишҷӯ дохиланд: иҷрои кори озмоишӣ, назоратӣ, реферат, корҳои курсӣ, рисолаи дипломӣ, саволномаҳои тестӣ ва иҷрои машқу масъалаҳо, ки дар ҳарду реҷа истифода мешаванд. Вале барои муайян намудани дараҷаи саводнокии донишомӯз аз реҷаи рӯ дар рӯ истифода бурдан ба мақсад мувофиқ аст. Вале ин усул низ камбудиҳои худро дорад. Масалан, вақтгир аст. Дар ин ҳолат ҷадвали дарсии аниқкардашуда зарур мегардад, ки ин ба принсипҳои асосии таълими фосилавӣ на он қадар мувофиқ мебошад. Чунки принсипи асосии ТФ сарфа намудани вақт ва маблағ мебошад. Барои риояи ин принсип, дуруст ба роҳ мондани раванди таълими фосилавӣ ва шаклҳои назорати ба мақсад мувофиқи омӯзгори дарсӣ бояд маҳорату малакаи касбии худро тавре ба роҳ монад, ки бо сарфаи вақту маблағи минималӣ донишҷӯро бо барномаи таълимии фан пурра ошно созад.

Рейтинги академикӣ тариқи суҳбат, иҷрои корҳои мустақилона, саволномаҳои тестии электронӣ дар реҷаҳои гуногун, мутобиқ ба имкониятҳое, ки омӯзгор муҳайё менамояд, сурат мегирад. Имкониятҳои технологӣ ва барномавӣ, инчунин вақт ба назар гирифта мешаванд. Масалан, омӯзгор дониши шогирди худро тариқи шифоҳӣ санҷидан мехоҳад ё санҷиши тестӣ мегузаронад ва ё сохтани алгоритм ё барномаеро талаб менамояд.

Дар Низомнома тартиби дохилшавӣ ва иштирок дар соатҳои дарсӣ мушаххасан оварда мешавад. Раванди таълим пурра бо истифодаи технологияҳои иттилоотию иртиботӣ, тибқи нақшаҳои таълимии ихтисосҳои амалкунандаи муассисаҳои таълимӣ ба роҳ монда мешавад.

Дохилшавандагони муассисаи таълимие, ки аз рӯйи барномаи таълими фосилавӣ фаъолият мекунанд, бояд пешакӣ ба шарту шароити ин усули таълим шинос карда шуда, имзои онҳо гирифта шавад.

Ҳуқуқ ва вазифаҳои донишҷӯён, ки барномаи таълимиро бо истифодаи таълими фосилавӣ аз худ мекунанд, ҳамон шакли маълумотеро мегиранд, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад.

Донишҷӯ дар асоси супоришҳои мустақилонаи гирифтаи худ на фақат аз адабиёти пешниҳодшуда, балки аз китобхонаи электронии фазои кушоди интернетӣ истифода намуда метавонад. Ин аст, ки методҳои таълими фосилавӣ самаранокии раванди таълимро таъмин менамоянд.

Ҳангоми таълими фосилавӣ муассисаи таълимӣ масъули ташкили раванди таълимӣ мебошад. Барои ин сайти умумидонишгоҳӣ ва сайти шуъбаи таҳсилоти фосилавӣ хизмат менамоянд. Муассиса барои донишҷӯён барои маслиҳат хизматрасонии иловагиро ба воситаи олимон ва омӯзгорони варзида таъмин менамояд. Яъне, агар шахс хоҳиши аз дигар омӯзгор маслиҳат гирифтанро дошта бошад, пас муассиса ин фурсатро фароҳам меоварад ва ин бо розигии тарафайн сурат мегирад.

Нақшаҳои таълимӣ ба стандарти таълимии ихтисосҳо мувофиқ тартиб дода шуда, аз тарафи ВМ ва ИҶТ тасдиқ карда мешаванд. Барномаи таълимии фан аз рӯйи ихтисосҳо он гоҳ пурра анҷомёфта ҳисобида мешавад, ки агар 240 кредите, ки барои низоми рӯзонаи таҳсилоти бакалавр пешбинӣ шудааст, иҷро гардад. Дар Низомнома таносуби кредитҳои шакли корҳои таълимӣ чунин нишон дода шудааст: дар ҳаҷми на камтар аз 24 кредити машғулиятҳои аудиторӣ, 48 кредити корҳои мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор ва 168 кредити корҳои мустақилонаи донишҷӯ муқаррар карда мешавад. Ҳаҷми машғулияҳои аудитории ҳузурӣ дар низоми таҳсилоти фосилавӣ барои як соли таҳсил на камтар аз 6 кредит муқаррар карда мешавад ва донишҷӯён бояд зимни баргузории сессияҳои таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ на камтар аз чор ҳафта ба машғулиятҳои дарсӣ ҷалб карда шаванд. Дар шуъбаи ғоибонаи таҳсилот 30%-и таълим назариявӣ буда, 30%-и дигари он дар шакли мустақилона гузаронида мешавад. Яъне, ТФ яке аз намудҳои инкишофёфтаи таълими ғоибона буда, дар натиҷаи он ба вуҷуд омадааст, вале аз гуфтаҳои боло маълум мешавад, ки ТФ шакли ғоибонаи таълими рӯзонаро дар бар гирифта истодааст, ки бо ёрии ТИК гузаронида мешавад.

Хулоса, барои ташкили раванди таълими фосилавӣ аз мафҳумҳои зерин истифода бурда мешавад: барномаи таълимии таҳсилоти олии касбӣ; захираҳои электронии таълим; маҷмуи таълимию методии электронӣ; муҳити таълимию иттилоотии электронӣ; низоми

таҳсилоти фосилавӣ; технологияи таҳсилотии фосилавӣ. Ин ҷамъи муҳитест, ки низоми ташкили ТФ – ро фаро мегирад.

Барои инкишофи ТФ факторҳои гуногун сабаб шуда метавонанд, аз ҷумла хоҳиши худи инсоният мебошад, ки дар асоси таълим маълумоти касбӣ гирифтан мехоҳад. Айни ҳол талаботи ҷамъият ба қувваи кории баландихтисос, такмили доимии ихтисос, рақобати доимии бозори меҳнат, кӯшиш ба инкишофи касбӣ талаботро ба маълумоти дастрас ва босифат ба вуҷуд меоварад. Дар ин маврид таълими фосилавӣ кумак мерасонад [3, с.5].

Рушди таҳсилоти муттасил (фосилавӣ) ташаккули шаҳрвандони фаъол ва амалишавии сифатҳои касбӣ ва шахсии онҳоро дар назар дорад, ки ба баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ ва таъмини ваҳдати миллӣ мусоидат мекунад. Сатҳи рақобатпазирии иқтисодиёти инноватсионии муосир бештар ба кормандони соҳибтахассус, сатҳи иҷтимоишавӣ ва муттаҳидшавии онҳо вобаста аст. Шарти зарурии ташаккули иқтисодиёти инноватсионии ҳар кишвар ҳамчунин ташкили низоми навсозии пайвастаи дониш ва салоҳиятҳои кормандон мебошад. Ҷорӣ намудани технологияҳои муосири илмталаб дар иқтисодиёт тақозо менамояд, ки нисбати тахассуси кормандон, масъулиятнокии онҳо ва омодагии онҳо барои азхудкунии усулҳои нави замонавӣ дар фаъолияти касбӣ талаботи баландтар гузошта шавад [4].

Бояд қайд намуд, ки чунин тарзи таълим якчанд бартариятҳо дорад:

- Барои шахсоне, ки дар хондан кӯшиш менамоянд, қулай мебошад, вале шахсе, ки дараҷаи мустақилияти азхудкунӣ надорад, барои ӯ таълими ҳузурӣ беҳтар аст.
- Бартарияти дигари чунин тарзи таълим аз он иборат аст, ки шакли назорати он бо ёрии барномаҳои компютерӣ ташкил карда мешавад ва чунин назорат қисми ҳавасмандиро дар бар намегирад. Пас, он бали ҳақиқии донишҷӯ аст. Дар шакли таълими анъанавию кредитӣ омӯзгор донишҷӯро ҳавасманд мегардонад: ягон фоизи бал аз тарафи омӯзгор барои тарбияи дуруст, иштироки хуб, таъмини ҷиҳози таълимӣ ва сару либоси донишҷӯӣ гузошта мешавад, ки ин дараҷаи азхудкунии мавзӯъро аз тарафи донишҷӯ маҳдуд менамояд. Вале компютер натиҷаи санҷиш чӣ гунае бошад, ҳамонро мегузорад. Дар натиҷа донишҷӯ масъули бали худ гардида, ҳавасманд мешавад ва бо кӯшиши худ бали худро иваз менамояд.
- Дигар бартарияти ТФ аз он иборат аст, ки он савияи касбии мутахассисонро баланд мебардорад. Худомӯзӣ, мустақилият, масъулият ва тафаккури эҷодиро инкишоф дода, дар онҳо ҳисси меҳнатдӯстиро афзун менамояд. Методҳои ТФ-ро дар муассисаҳои таълимии такмили ихтисос низ ҷорӣ намудан мумкин аст.

Муассисаҳои таълимӣ метавонанд раванди таълимро мустақилона ва ё ба воситаи қисматҳои сохтории худ – филиалҳо ва намояндагӣ амалӣ намоянд [2]. Дар шаҳру навоҳӣ филиалҳои сохтории худро ташкил намудан мувофиқи мақсад мебошад. Ин бояд марказҳое бошанд, ки раванди қабули корҳои ҳузурии донишҷӯёнро назорат ва амалӣ намоянд.

Муассисаи таълимӣ метавонад таълими фосилавиро аз рӯйи як ё якчанд барномаи таълимӣ гузаронад [2]. Барои баъзе аз ихтисосҳо ташкили ТФ ба пуррагӣ имкон дорад, вале ихтисосҳое ҳастанд, ки нопурра ва ё қисман ба ТФ сафарбар карда мешаванд. Масалан, ихтисосҳое, ки бо омӯзиши забонҳо алоқаманданд ё корҳои озмоишӣ-амалии онҳо бояд ҳузурӣ амалӣ шаванд. Инҳо ихтисосҳои филологияи рус, тоҷик, забонҳои хориҷӣ, химия, физика ва баъзе аз дигар ихтисосҳо мебошанд ё дар доираи фанҳои алоҳидаи ҳамаи ихтисосҳо чунин фанҳои таълимӣ мавҷуданд.

Тартиб додани барномаҳои таълимии электронии баъзе аз фанҳо вақтталаб мебошад. Ин равандро чунин маънидод менамоем: тамоми маводи назариявӣ, амалӣ, таҷрибагузарониҳо бояд электронӣ карда шаванд, вале тартиб додани намоишномаи электронии иҷрои амалии корҳои таҷрибавӣ вақт ва маблағталаб аст.

Аз ин рӯ муассисаҳои таълимии ҶТ ҳанӯз ба пуррагӣ ба ТФ омода нестанд. Фақат баъзе аз МТ дар самти шуъбаи ғоибона вориди СТФ шудаанд, ки ин ҳам бошад, қисман ҳузурист.

Масалан, шуъбаи ғоибонаи МТ ДДБ ба номи Носири Хусрав аз соли 2017 инҷониб ҳамчун шуъбаи таҳсилоти фосилавӣ арзи вуҷуд дорад. Вале, ҳанӯз Низомномаи таҳсили фосилавӣ иҷро нашуда истодааст. Дарсҳо чун дар шуъбаи ғоибона ташкил карда мешаванд, ки 30% - и иҷрои барномаи таълимии фанро ба нақша гирифта, амалӣ менамояд. Ҳол он ки бояд ақаллан 80%-и барномаи таълимии фан аз рӯйи 240 кредит иҷро гардад, ки ба миқдори соатҳои дарсӣ дар шуъбаи рӯзона мувофиқ аст. Ва шумораи чунин МТ кам нестанд.

Мо камбудиҳоеро номбар менамоем, ки дар ҷодаи татбиқи ТФ дар ҶТ садди роҳ мебошанд:

- норасоии технологияҳо (воситаҳои ТИК ва махсусан пайвасти шабакаи интернет);
- норасоии мутахассисони ботаҷрибаи соҳаи технологияҳои информатсионӣ (омӯзгорони ҳамаи фанҳо бояд аз усулҳои электронӣ намудани маводи дарсии худ бархӯрдор бошанд);
- нақшаҳои таълимии ба МТФ мутобиқ;
- маблағгузории амиқ;
- вақт ва масъулиятшиносӣ;
- омодагӣ ба чунин шакли таҳсил.

Агар ба саҳифаҳои интернетӣ назар намоем, сайтҳои мансуб ба таҳсили фосилавии муассисаҳои таълимии олии касбии ҶТ – ро варақ зада метавонем. Масалан, аз тарафи Муҳсинов М. А. дар ДД Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров кабинети инфиродии ТФ кушода шудааст, ки донишҷӯёни курсҳои фосилавӣ ба он ворид шуда метавонанд. Воридшавӣ фақат барои донишҷӯёни таҳсилоти фосилавие имкон дорад, ки худро дар Маркази ТФ-и донишгоҳ ба қайд гирифтаанд.

Барои воридшавӣ ва гирифтани маълумот оиди ТФ – и МТ олии касбии ҶТ дар майдони калидӣ навиштаҷоти “Таҳсилоти фосилавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”-ро ворид менамоем ва тугмаи “Поиск”-ро пахш мекунем. Номгӯйи ҳамаи сайтҳои МТ пайдо мешавад, ки бо ТФ фарогиранд. Мо якояк онҳоро кушода, бо мазмун ва мундариҷаи онҳо шинос мешавем. Масалан, маълумотҳо оиди системаи ТФ-и Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон дар сайти www.fosilavi.tj ва polytech.tj, маълумотҳо оиди ДМТ дар сайти fosilavi.tnu.tj, Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур-fosilavi.tajagroun.tj, Донишгоҳи давлатии Кӯлоб-http://kgu.tj, ДД ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон – www.fosilavi.tsulbp.tj ҷойгир аст.

Дар ин сайтои интернетӣ эълони оғози дарсҳои назариявӣ, ҳузурӣ, ноҳузурӣ, санҷишу рейтингҳо, имтиҳоноти ҳузурӣ, низомномаи ТФ ва эълони бали донишҷӯён ҷо дода шудаанд, ки бо парол ва логин ҳифз карда мешаванд.

ТФ барои ҶТ махсусан саривақтист, чунки аксари аҳолӣ барои таълими ҳузурӣ вақт надошта, барои баланд бардоштани сатҳи иқтисодӣ-иҷтимоии оилаҳои худ масъул мебошанд. Бисёрӣ ба муҳоҷирати меҳнатӣ мераванд, аз ин ҷиҳат методҳои таълими фосилавӣ барои чунин табақаи аҳолӣ пешниҳоди хубест.

Барои татбиқи васеи МТФ бояд дар интернет эълону тарғибот оиди бартарияти ин метод ҷойгир карда шаванд. Ҳар муассисаи таълимӣ дар сайти худ бояд оиди шароити дохилшавӣ ва таълими фосилавӣ маълумотҳо ҷой диҳад. ТФ асосан чун шакли таълими мустақилонаи донишҷӯён шинохта мешавад, ки бо истифода аз воситаҳои таълим гузаронида мешавад [8]. Интернет махзани маълумот аст, ки ҳар донишҷӯ аз маҷмӯи зиёди онҳо истифода мебарад, дар натиҷа барои худ маълумоти иловагӣ гирифта метавонад. Яъне, агар ӯ хоҳад, аз ҳамммаслакон ва ҳатто аз устодаш пеш мегузарад. Вақт ва хоҳиши ӯ басанда аст, ки дар замони барои худаш мувофиқ бо иттилоотии зиёд кор кунад. Аз ин рӯ ТФ - ро системаи маълумотии асри XXI меноманд [9], ки, пеш аз ҳама, барои маълумоти иловагӣ гирифтан қулай аст. Дар саҳифаҳои интернет барои маълумоти иловагӣ гирифтан ё барои ташкили раванди таълимӣ аз рӯйи барномаи таълимӣ аз тарафи шахсони алоҳида ё МТ рӯйхати репетиторҳо пешниҳод карда мешавад. Дилхоҳ донишҷӯ вобаста ба дарс аз рӯйхат барои кори мустақилона ва ё зиёд намудани дараҷаи маълумоти худ репетитори дилхоҳро интихоб менамояд. Масалан, репетиторҳои интернетӣ бештар ба соҳаи забономӯзӣ тааллуқ доранд. Масалан, барои омӯзиши забони англисӣ ба сайти зерин

муроҷиат намудан мумкин аст: Repetitor.info. Дистанционное обучение? Я – за! (мой первый опыт).Дар адабиёти муосир моделҳои гуногуни ТФ тасниф шудаанд. Дар айни замон муаллифон барои муайян кардани моделҳо асосҳои гуногунро интихоб мекунанд. Т.П. Воронина ва В.П.Кашитсин (Воронина Т. П., Кишицин В. П. Молчанова О.П. Образование в эпоху НИТ. М.:АМО, 1995.) онро чунин тасниф намудаанд:

1. таълими анъанавии фосилавӣ;
2. омӯзиши кушод (рушди таълими фосилавӣ бо истифодаи воситаҳои ТИК);
3. таълими телевизионӣ;
5. синфҳои виртуалӣ ва донишгоҳҳои виртуалӣ (технологияҳои телеконференсия, барномаҳои таълими компютерӣ) [13].

**Муқарриз: *Сатторов А.Э.* –доктори илмҳои педагогӣ, профессори ДДБ ба номи Носири Хусрав**

**АДАБИЁТ**


1. Полат Е. С. Теория и практика дистанционного обучения: учебное пособие для студентов высшего пед. учебных заведений /Е. С. Полат. – Москва: Академия, 2004. – 48 с.
2. Положение о дополнительном образовании в высших учебных заведениях Республики Таджикистан от 19.06.2017. [Электронный ресурс]. URL: http: // www. Maorif.tj. (дата подачи заявки: 14.03.2020)
3. Поздняков В. А. Дистанционное образование: история и становление / В. А. Поздняков // Саратовский государственный университет имени Н. Г. Чернышевского. [Электронный ресурс]. URL: http://www.sgu.ru. – Саратов, 2015.- 98 с. (дата обращения: 15.04.2020 г.)
4. Концепция непрерывного образования в Республике Таджикистан на 2017-2023 годы от 25.01.2017. [Электронный ресурс]. URL: http // www.base.mmk.tj. (Дата вступления в силу 27.01.2017).
5. Кузьмина Л. В. Преимущества и недостатки дистанционного обучения. [электронный ресурс]. URL: https://www. cyberleninka.ru (дата обращения: 14.03.2020 г.)
6. Краткая история развития дистанционного образования. [Электронный ресурс]. URL: https:// www.distance-learning.ru (дата обращения: 11.03.2020 г.)
7. Википедия. Дистанционное образование. [Электронный ресурс]. URL: http//ru.m. wikipedia.org>wiki (дата обращения: 12.03.2020 г.)
8. Дистанционнная форма обучения: что это такое? [электронный ресурс]. URL: https://www.sano.ru. Омск, - «Сибит». (дата обращения: 15.04.2020 г.)
9. Дистанционное обучение. [Электронный ресурс].URL: http//xreferat.com. (дата обращения: 12.03.2020 г.)
10. Дистанционное обучение? Я – за! (мой первый опыт). [электронный ресурс]. URL: https:// www.Repetitor.info (дата обращения: 15.04.2020г.)
11. Скибицкий Э.Г., Холина Л.И. Теоретические основы ДО: Монография.-Новосибирск:Изд-во НГПУ, 2002.
12. Снегурова В.И. Модели ДО в системе среднего образования /В. И. Снегурова/Modeli-distansionnogo obucheniya-v-sisteme-srednego-obrazovaniya(1). Сант-Петербург.
13. Галяев В.С. О классификации моделей ДО /В.С. Галяев, З. А. Гасанова/ Дагестанский Госинститут. www. O-klassifikatsii-modeley-distantsionnogo-obucheniya).
14. Кужелева Г.А. Методика преподования информатики. Учебное пособие для студентов педколледжа по специальности 050709 с дополнительной подготовкой в области информатики /Г.А. Кужелева. Илек, 2013 г.
15. Брауэр Ф.Л. Информатика / Ф.Л. Брауэр, Р. Ганц, У. Хилл/Вводный курс: Пер. с нем. /Под ред. А.П. Ершова. – М..: Мир, 1976.
16. Бочкин А.И. Методика преподавания информатики. Учеб. пособие /А.И. Бочкин. – Минск: Вышэйш. Шк., 1998.
17. Государственный образовательный стандарт высшего профессионального образования по специальности 030100 «Информатика». (Минобразование РФ, 200.)
18. Матроса Д.Ш. Информатизация общего среднего образования. Научно-методическое пособие/Д. Ш. Матроса. — М.: Педагогическое общество России, 2004.
19. Улькина Е.В. Использование современных информационно – коммуникационных образовательных технологий в начальной школе/ Е.В. Улькина/ г. Клинцы, 2013.
20. Женина Л. В. История//Методические рекомендации по использованию информационно-коммуникационных технологий в цикле социально-экономических дисциплин в общеобразовательной школе / Л. В.Женина, А. А.Маткин / под ред. И. Г. Семакина. — Пермь: издательство ПРИПИТ, 2004.
21. «Новые информационные технологии для образования». Институт ЮНЕСКО по информационным технологиям в образовании. –Москва, 2000.
22. Горячев А. В. Информатика в играх и задачах / А.В. Горячев. «Баласс», "Экспресс",1997.
23. Ковалёва А. Г. Использование информационно-компьютерных технологий при обучении в начальной школе / А.Г. Ковалёва. – 2006.


## МАҚСАД ВА ВАЗИФАҲОИ ТАЪЛИМИ ФОСИЛАВӢ ВА ТАТБИҚИ ОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Ҳоло дар мамлакатҳои пешрафтаи ҷаҳон методҳои таълими фосилавӣ ба таври васеъ истифода мешаванд. Аз соли 2017 инҷониб ҷумҳурии мо ба ин метод гузаштааст, вале ҳанӯз баъзе аз камбудиҳои истифодабарии он дида мешаванд. Аз ин рӯ дар мақолаи мазкур оиди методҳои таълими фосилавӣ, мақсад, вазифаҳои он ва дараҷаи татбиқёбии он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сухан меравад. Низоми таҳсили фосилавӣ аз нуқтаи назари Низомномаи таҳсилоти фосилавӣ баррасӣ ёфта, аҳамият ва бартарияти он дар раванди таълим баён шудааст. Воситаҳои таълими фосилавӣ пешниҳод гардида, камбудиҳое, ки садди роҳи татбиқи пурраи таълими фосилавӣ дар ҶТ мегарданд. Инчунин зарурияти ру овардан ба ТФ махсусан дар

ҶТ қайд карда мешавад.Махсусан қайд мегардад, ки интегратсияи дарси муқаррарӣ бо компютер ба муаллим имкон медиҳад, ки як қисми кори худро ба компютер интиқол диҳад ва ҳамзамон раванди таълимро ҷолиб, гуногун ва шадидтар кунад. Ба муаллим лозим нест, ки матнро якчанд маротиба такрор кунад (вай онро дар экран нишон медиҳад), донишҷӯ набояд мунтазир шавад, ки муаллим маҳз порчаи даркориашро такрор кунад. Ин усули таълим барои омӯзгорон хеле ҷолиб аст: он ба онҳо барои беҳтар арзёбӣ кардани қобилият ва дониши кӯдак, фаҳмидани ӯ кӯмак мекунад, ӯро ба ҷустуҷӯи шаклҳо ва усулҳои нави ғайримуқаррарии таълим ташвиқ мекунад, афзоиши касбии ӯ ва тамоми азхудкунии минбаъдаи он ба компютер алоқаманд карда мешавад. Истифодаи тестҳои компютерӣ ва комплексҳои ташхисӣ дар дарс ба муаллим имкон медиҳад, ки дар муддати кӯтоҳ тасвири объективии сатҳи азхудкунии маводи омӯхташударо аз ҷониби ҳамаи донишҷӯён ба даст орад ва сари вақт ислоҳ кунад. Вақте расидааст, ки мо ба пуррагӣ аз методҳои таълими фосилавӣ истифода намоем, то ҳамагон аз маълумоти мутобиқи хоҳиши худ бархурдор бошанд, то ки дараҷаи мустақилият зиёд шуда, вақт ва маблағ сарфа гардад, миқдори тарбия кам ва маҷмӯи донишҳо зиёд гарданд.

**Калидвожаҳо:** таълими фосилавӣ, субъектҳои раванди таълим, раванди озоди таълимӣ, захираҳои электронии таълим, маҷмӯи таълимию методии электронӣ, муҳити таълимию иттилоотии электронӣ, низоми таҳсилоти фосилавӣ, интегратсия.

## ЦЕЛИ И ЗАДАЧИ ДИСТАНЦИОННОГО ОБРАЗОВАНИЯ И ЕГО РЕАЛИЗАЦИЯ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

Методы дистанционного обучения сейчас широко используются в развитых странах мира. С 2017 года наша страна перешла на этот метод, но до сих пор есть недостатки в его использовании. Поэтому в данной статье рассматриваются методы дистанционного обучения, его цели, задачи и степень его внедрения в Республике Таджикистан. Система дистанционного образования рассмотрена с точки зрения Регламента дистанционного образования, указано ее значение и преимущества в учебном процессе. Предоставляются инструменты дистанционного обучения и выявляются недостатки, препятствующие полноценному внедрению дистанционного обучения в Республике Таджикистан. Также необходимо решить проблему ДО, особенно в Республике Таджикистан.Особо отмечается, что интеграция обычного урока с компьютером позволяет учителю перенести часть своей работы на компьютер и в то же время сделать процесс обучения более интересным, разнообразным и насыщенным. Учителю не нужно повторять текст несколько раз (он показывает его на экране), ученику не нужно ждать, пока учитель повторит именно тот отрывок, который ему нужен. Этот метод обучения очень интересен учителям: он помогает им лучше оценить способности и знания ребенка, понять его, побуждает его искать новые и нестандартные формы и методы обучения, связывает его профессиональный рост и все дальнейшее овладение им с компьютером. Использование компьютерных тестов и диагностических систем на уроках позволяет учителю быстро получить объективное представление об уровне усвоения изучаемого материала всеми учащимися и своевременно его скорректировать.Пришло время в полной мере использовать методы дистанционного обучения, чтобы каждый имел доступ к нужной информации, повысить уровень независимости, сэкономить время и деньги, сократить объем обучения и увеличить набор знаний.

**Ключевые слова**: дистанционное обучение, субъекты образовательного процесса, бесплатный образовательный процесс, электронные образовательные ресурсы, электронный учебно-методический комплекс, электронная образовательно-информационная среда, система дистанционного обучения, интеграция.

## GOALS AND OBJECTIVES OF DISTANCE EDUCATION AND ITS IMPLEMENTATION IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

Distance learning methods are now widely used in the developed countries of the world. Since 2017, our country has switched to this method, but there are still drawbacks in its use. Therefore, this article discusses the methods of distance learning, its goals, objectives and the degree of its implementation in the Republic of Tajikistan. The distance education system is considered from the point of view of the Distance Education Regulations, its significance and advantages in the educational process are indicated. Distance learning tools are provided, and shortcomings are identified that impede the full implementation of distance learning in the Republic of Tajikistan. It is also necessary to solve the problem of DL, especially in the Republic of Tajikistan.It is especially noted that the integration of a regular lesson with a computer allows the teacher to transfer part of his work to a computer and at the same time make the learning process more interesting, diverse and rich. The teacher does not need to repeat the text several times (he shows it on the screen), the student does not need to wait for the teacher to repeat the exact passage that he needs. This teaching method is very interesting for teachers: it helps them to better assess the child's abilities and knowledge, to understand him, encourages him to look for new and non-standard forms and methods of teaching, connects his professional growth and all further mastery of him with a computer. The use of computer tests and diagnostic systems in the classroom allows the teacher to quickly get an objective idea of the level of assimilation of the studied material by all students and to correct it in a timely manner.It's time to make full use of distance learning methods so that everyone has access to the information they need, increase independence, save time and money, reduce training and increase knowledge.

**Key words**: distance learning, subjects of the educational process, free educational process, electronic educational resources, electronic educational and methodological complex, electronic educational and information environment, distance learning system, integration.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Гулова Маърифат Табаровна*** **-** Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, номзади илмҳои физикаю математика, дотсент. **Суроға**: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67. Телефон: **888-55-53-95**

***Мамадкулов Умид Нормуминович*** **-** Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, унвонҷӯй. **Суроға**: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67. Телефон: **(+992) 935 646000.**

**Сведение об авторах:** ***Гулова Маърифат Табаровна*** - Бохтарский государственный университет им.Носира Хусрава, кандидат физико-математических наук, доцент. **Адрес**: 735140, Республика Таджикистан, г.Бохтар, улица

Айни 67. Телефон: **88855-53-95**
***Мамадкулов Умид Нормуминович*** - Бохтарский государственный университет им.Носира Хусрава, соискатель. **Адрес**: 735140, Республика Таджикистан, город Бохтар, улица Айни 67. Телефон: **(+992) 935 646000.**

**Information about the authors:** ***Gulova Marifat Tabarovna*** - Bokhtar State University named after Nosir Khusrav, candidate of physical and mathematical sciences, associate professor. **Address**: 735140, Republic of Tajikistan, Bokhtar, Aini street 67. Phone: **888-55-53-95**
***Mamadkulov Umid Normuminovich*** - Bokhtar State University named after Nosir Khusrav, applicant. **Address**: 735140, Republic of Tajikistan, Bokhtar city, Ayni street 67. Phone: **(+992) 935 646000.**

**УДК:371.13**

# АҲАМИЯТИ АМАЛИИ ТАҶРИБАОМӮЗИИ ПЕДАГОГӢ ҲАМЧУН АСОСИ ДИДАКТИКИИ ТАЙЁРИИ КАСБИИ ОМӮЗГОРОНИ ОЯНДА АЗ РӮЙИ ДУ ИХТИСОС ДАР ШАРОИТИ НИЗОМИ КРЕДИТӢ

***Баротзода К.А.***
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Марҳилаи кунунии рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва зарурати раванди азнавсозии таҳсилот такмил додани методология ва методикаи тайёр кардани мутахассисон ва ба талаботи стандартҳои ҷаҳонии таҳсилот мутобиқ кардани онҳоро талаб мекунад.

Хусусияти фарққунандаи низоми кредитӣ аз он иборат аст, ки он ба азхудкунии амиқи донишҳои пешниҳодшуда ва рушди унсурҳои эҷодкорӣ дар фаъолияти донишҷӯён равона карда шудааст.

Низоми кредитӣ ба донишҷӯён мустақилият фароҳам овард, муносибат ба таълими фанҳои тадрисшаванда ва интихобӣ тағйир ёфт, самаранокии азхудкунии донишҳои назариявӣ ва амалӣ тавассути рушди малакаҳои кори мустақилонаи донишҷӯён баланд гардид. Ин ба донишҷӯён имкон дод, ки омӯзиши фанҳои тадрисшаванда ва муҳимро аз рӯйи ихтисосҳои интихобкардаашон ба роҳ монанд [1. 2. 4].

Гузариш ба низоми кредитӣ яке аз масоили муҳим, яъне масъалаи асосҳои дидактикии тайёрии касбӣ ва методии омӯзгорони ояндаро дар донишгоҳҳои омӯзгорӣ ҳаллу фасл менамояд[ 4.6].

Айни замон, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (МТМУ) ба омӯзгорони дорои тахассуси олӣ ва тафаккури илмиву эҷодӣ ниёз доранд. Ин, дар навбати худ, такмил додани донишҳои педагогиро зимни гузаронидани таҷрибаомӯзии педагогии мутахассисони оянда тақозо менамояд.

Дар таҳқиқоти муосири психологӣ ва педагогӣ чунин донишҳои педагогии донишҷӯён баррасӣ карда мешаванд:

- таълими касбӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ асоси пешбарандаи тайёрии касбии омӯзгорони оянда;
- роҳҳои тайёр кардани омӯзгорони оянда барои фаъолияти инноватсионӣ дар раванди таълими касбии педагогӣ;
- мувофиқати омодагии назариявӣ ба амалия, ташаккули малакаҳои педагогӣ ва сифатҳои касбии шахсияти омӯзгори оянда;
- шакли асосии таълими дидактикӣ-методологии донишҷӯён;
- шаклҳои корҳои тарбиявӣ, ки аз ҷониби омӯзгорони донишгоҳ бо донишҷӯён дар заминаи омӯзиши мавзӯъ ба роҳ монда мешаванд;
- шакли асосии таълими касбӣ дар донишгоҳи педагогӣ, ки ба донишҷӯён имкон медиҳад, ки "дар таҷриба"-и фаъолияти омӯзгории худ истифода баранд ва ғайра.

Бо ташкилу гузаронидани таҷрибаомӯзии педагогӣ системаи ташкили ҳамкории омӯзгорон ва донишҷӯён дар шароити воқеии таҳсилот ба роҳ монда шуда, ба ташаккули салоҳиятҳои касбии омӯзгорони оянда мусоидат мекунад ва донишҷӯ бо мақсади баланд бардоштани малакаҳои касбӣ дар таҳсилоти минбаъда онро истифода мебарад [7, с. 8].

Дар раванди гузаштани таҷрибаомӯзии педагогӣ салоҳияти касбии донишҷӯён ташаккул меёбад. Дар робита ба ин, нишондоди индикаторҳои салоҳиятҳои касбӣ инҳоянд:

1) ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои касбии донишҷӯён, ки барои фаъолияти муваффақонаи омӯзгорони биология ва химия заруранд;

2) ташаккули муносибати донишҷӯён ба фаъолияти касбии эҷодӣ;

3) таваҷҷуҳи бештар ба омӯзиши масъалаҳои мубрами технология ва методикаи таълими биология ва химия;

4) шиносоӣ ва омӯхтани таҷрибаҳои омӯзгорони навовар;

5) шиносоӣ ва омӯхтани қобилиятҳои педагогии омӯзгорон;

6) тарҳрезии метод ва татбиқи раванди таълими донишҷӯён аз фанҳои биологияву химия;

7) тайёр намудани реферат ва маърӯза аз тарафи донишҷӯ (кори инфиродӣ) аз фанни биология ва химия;

8) татбиқи вазифаҳои таълимии дорои хусусиятҳои фарҳангию маърифатӣ дар фаъолияти касбӣ ва таълимӣ.

Таҷрибаомӯзии педагогӣ дар низоми таълими касбию методии донишҷӯёни ихтисосҳои биологияву химия ба ақидаҳои зерини пешбар асос ёфтааст: гуманизатсия (афзалият ба арзишҳои умумиҷаҳонӣ); интеллектуализатсия (ташаккули хусусиятҳои зеҳнию шахсии мутахассиси оянда дар ҳамбастагӣ бо азхудкунии дониш, малака ва таҷрибаи фаъолияти касбӣ); гуманитарӣ (муқаррар кардани тавозуни ҳамоҳанг байни таълими фанҳои табиатшиносӣ ва гуманитарӣ бо мақсади ташаккули шахсияти аз ҷиҳати маънавӣ ташаккулёфта); тавсифоти бунёдӣ ва мураккабии таҳсилот.

Принсипҳои роҳбарикунанда инҳоанд: муттасилии таълими омӯзгорон (ворид кардани таҷрибаомӯзии педагогӣ дар тамоми марҳилаҳои таълими методии донишҷӯён, муайян кардани нақши омӯзгор ҳамчун шахси меҳварӣ дар раванди навсозии мундариҷаи методҳо ва шаклҳои ташкилии таълим); муттасилӣ (банақшагирии фаъолият барои тамоми давраи таҳсил дар донишгоҳ бо назардошти сатҳи омодагии касбӣ); марҳила ба марҳила мураккабшавӣ (мураккабии тадриҷии ҳадаф, мундариҷаи амалия, шаклҳои фаъолият аз курс ба курс); фундаментализатсия (равона кардани мундариҷаи таълим ба ғояҳои умумитарин назарияи илми педагогика, мутобиқ кардани ин мундариҷа ба вазифаҳои касбии мутахассисони оянда ва касбигардонии онҳо, истифодаи васеи методҳои таълим зимни омодасозии донишҷӯён ба чорабиниҳои марбут ба таҳия ва ҳалли вазифаҳои мустақил, ташаккули малакаҳои таҳқиқотӣ); мустақилият (ташкили кори онҳо ва иҷроиш дар ҳар як марҳила); бовиҷдонӣ (муносибати бомасъулият ба фаъолияти таълимии худ); худомӯзӣ (такмили ихтисос дар тӯли фаъолият); худшиносии эҷодӣ; шомил кардани технологияҳои муосири иттилоотӣ дар раванди таълим; самти касбӣ ва мувофиқатии таҷрибаи донишҷӯ [11, с. 12].

Мақсади гузаронидани таҷрибаомӯзии педагогӣ дар системаи таълими дидактикӣ-методӣ ташаккули салоҳияти касбӣ мебошад.

Таҷрибаомӯзии педагогӣ дар низоми таълими методии донишҷӯёни ихтисосҳои биологияву химия ба равишҳои системавӣ, фаъолияти босалоҳият, башардӯстӣ ва интегратсионӣ асос ёфтааст. Аз рӯйи барномаи таълимӣ таҷрибаомӯзии педагогӣ натиҷаи раванди таълим мебошад, ки бо нишондиҳандаи асосии сифати донишҳо ва малакаҳои касбӣ муайян карда мешавад. Дар заминаи татбиқи муносибати босалоҳият, баҳодиҳии сифати омодагии методии донишҷӯ дар давраи таҷрибаомӯзии педагогӣ тавассути салоҳиятҳо амалӣ карда мешаванд ва онҳо имкон медиҳанд, ки шаклҳои гуногуни фаъолият инъикос ёбанд. Ҳар як салоҳият маҷмӯи малакаҳои мураккаби касбӣ мебошад, ки дар натиҷаи фаъолияти донишҷӯён дар давраи таҷрибаомӯзӣ пайдо мешавад. Дар давраи тачрибаомӯзии педагогӣ донишҷӯ мундариҷаи маводи таълимиро барои мустаҳкам намудани робитаи худ бо ҳаёти ҳаррӯза, таҷриба ва дониш равона мекунад.

Дар давраи гузаронидани таҷрибаомӯзии педагогӣ донишҷӯён салоҳиятҳои зеринро аз худ мекунад: а) иҷтимоӣ-педагогӣ - огоҳӣ аз қобилиятҳои педагогии онҳо, аз худ кардан ва истифодаи методҳои ташкил, гузаронидан ва таҳлили корҳои беруназсинфӣ; қобилияти ҳалли маъмултарин вазифаҳои таълимие, ки дар раванди таҳсилот бо мақсади ба таври самаранок барқарор намудани робитаҳои муносиби иҷтимоӣ ва педагогӣ бо дигар субъектҳои раванди таълим ба миён меоянд; ҳамкорӣ ва муносибати ахлоқӣ нисбат

ба толибилмон, танзим ё саривақт бартараф кардани ҳолатҳои эҳтимолии муноқиша; дар конференсияҳои илмӣ ва амалӣ ширкат варзидан; доштани донишҳои илмии фаннӣ, маҳорат, малакаҳои касбӣ ва татбиқ намудани онҳо дар раванди таълими фанҳои таълимии биологияву химия; ташаккули муносибати донишҷӯён ба фаъолияти касбии эҷодӣ, шиносоӣ бо таҷрибаи омӯзгорони навовар бо мақсади таъмини сифати раванди таълими биологияву химия, дастовардҳои таълимӣ, таҳсилоти минбаъда ва худомӯзӣ; омодагӣ ба гузаронидани корҳои инфиродӣ бо донишҷӯёни ташаккулёфта дар асоси мундариҷаи фанҳои биологияву химия; б)технологияҳои иттилоотӣ - қобилияти аз худ намудани асосҳои тарҳрезӣ ва татбиқи раванди таълими биология ва химия бо истифодаи самараноки технологияҳо; в) маънавӣ ва фарҳангӣ – амалигардонии вазифаҳои таълимии тавсифоти фарҳангӣ ва маърифатидошта дар амалияи касбӣ бо мақсади ҳамкорӣ бо фарҳанги намояндагони дигар кишварҳо.

Мазмуни таҷрибаомӯзии педагогӣ дар системаи омодагии касбии дидактикӣ-методологии донишҷӯён донишҳои касбӣ, малака ва фаъолиятҳоеро дар бар мегирад, ки боиси омӯзиши беҳтари таълими фанҳои биологияву химия мегардад. Шаклҳои зерини фаъолият: таълимӣ ва илмӣ, методӣ, тадқиқотӣ, илмӣ ва педагогӣ фарқ карда мешаванд [13, с. 14].

Шаклҳои таълимӣ ва илмии фаъолият аз марҳилаҳои зерин иборатанд: ташхисӣ (шиносоӣ ба маҷмӯи корҳои таълимии муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, корҳои таълимӣ ва беруназсинфӣ; омӯхтани таҷрибаи омӯзгорони муассисаи таълимӣ ва арзёбии сифати раванди таълим, ташхиси худидоракунӣ); таҳлилӣ (иштирок дар таҳлили мундариҷа ва методикаи дарс, баррасии дарс аз рӯйи навъ ва сохтор, баррасии намудҳои кори мустақилона, муайян кардани метод ва шаклҳои назорат, ки дар дарс истифода мешаванд, омӯзиши корҳои илмии омӯзгор);тарҳрезӣ (тартиб додани нақшаи инфиродӣ дар давраи таҷрибаомӯзӣ), таҳлили мавзӯъ тибқи нақша, иҷрои супоришҳои инфиродӣ, тартиб додани ҳуҷҷатҳои ҳисоботӣ).

Шаклҳои методологии фаъолият марҳилаҳои зеринро дар бар мегирад: мутобиқшавӣ (шиносоӣ бо маҷмӯи корҳои таълимӣ ва тарбиявии муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, корҳои беруназсинфӣ аз биологияву химия); худшиносӣ (омӯхтани шахсияти хонанда ва коллективи синф, омӯхтани таҷрибаи кории омӯзгорони биологияву химия); тарҳрезӣ (тартиб додани нақшаи дарс, интихоби шаклҳо ва усулҳои самараноки таълим, тартиб додани саволҳо, таҳияи супоришҳои тестӣ, омодасозии таҷрибаи намоишӣ ва лабораторӣ, таҳияи сенарияи корҳои беруназсинфӣ); ташкилӣ (ҷамъбасти таҷрибаомӯзии педагогӣ, гузаронидани дарсҳо, машваратҳои инфиродӣ, ҳалли масъалаҳои дидактикӣ-методӣ); рефлексивӣ-арзёбӣ (инъикос ва ислоҳи натиҷаҳои фаъолияти худ).

Фаъолияти тадқиқотӣ кори донишҷӯёнро оид ба рисолаи ояндаи давраи магистрӣ инъикос мекунад, аз ин рӯ он аз марҳилаҳои зерин иборат аст: иттилоотӣ ва таҳлилӣ (таҳлили адабиёти фалсафӣ, психологӣ, педагогӣ, методӣ, биологӣ ва химиявӣ оид ба проблемаи таҳқиқот, ҷустуҷӯи воситаҳо ва усулҳои ҳалли масъала); тадқиқот (гузаронидани таҷрибаи илмӣ дар заминаи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ё донишгоҳ вобаста ба самти таҳқиқоти дифои номзадӣ, таҳияи модели назариявӣ дар асоси ҷустуҷӯи иттилоот, таҳияи методикаи озмоишҳои педагогӣ барои санҷиши тавсияҳои методӣ, омода кардани маводи таҳқиқоти илмӣ барои нашр) ва таҷрибавӣ (санҷидани самаранокии тавсияҳои методии пешниҳодшуда) [5, с. 6].

Шаклҳои илмӣ ва педагогии фаъолият марҳилаҳои зеринро пешбинӣ мекунад: иттилоотӣ ва таҳлилӣ (ҷустуҷӯи воситаҳо ва усулҳои ҳалли масъалаи таҳқиқот); тадқиқот (таҳияи методикаи озмоишҳои педагогӣ барои санҷиши тавсияҳои методологӣ); озмоишӣ (гузаронидани озмоиши педагогӣ); таҳлилӣ дар заминаи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ва донишгоҳ (шиносоӣ бо маҷмуи корҳои таълимӣ ва беруназсинфӣ аз биология ва химия, худидоракунӣ, омӯзиши таҷрибаи таълимии омӯзгорони фанни биология ва химия, шиносоӣ ба барномаҳои фанҳои таълимие, ки дар доираи он таҷрибаомӯзии педагогӣ дар МТМУ ва донишгоҳ гузаронида мешавад, таҳлили дарсҳои омӯзгорони ботаҷрибаи

донишгоҳ бо мақсади омӯхтани таҷрибаи педагогӣ); тарҳрезӣ (таҳияи банақшагирии дарс, таҳияи дарсҳои биология ва химия, ташкили корҳои беруназсинфии биология ва химия. иштирок дар таҳлили мундариҷа ва усулҳои гузаронидани дарсҳо); тарҳрезӣ дар асоси барномаи донишгоҳ (таҳия ва омода кардани семинарҳо, таҳлили семинарҳо ва дарсҳои худи онҳо, ки аз ҷониби дигар донишҷӯён гузаронида мешаванд); ташкилӣ (гузаронидани дарсҳои биология ва химия, ташкили корҳои беруназсинфии биология ва химия, иштирок дар таҳлили мундариҷа ва методологияи дарсҳо); тарҳрезӣ дар заминаи донишгоҳ (таҳия ва омода кардани семинарҳо, таҳлили семинарҳо); ташкилӣ (гузаронидани дарсҳои биология ва химия, гузаронидани корҳои беруназсинфии биология ва химия, гузаронидани семинарҳо, омодагӣ ба конфронси ниҳоӣ, бақайдгирии ҳуҷҷатҳои ҳисоботӣ); рефлексивӣ-арзёбӣ (инъикос ва ислоҳи натиҷаҳои фаъолияти онҳо, худбаҳоӣ).

Дар марҳилаи мутобиқшавӣ донишҷӯён аз сохтор ва мундариҷаи раванди таълим огоҳ шуда, мушкилоти касби омӯзгориро дарк мекунанд. Дар марҳилаи иттилоотӣ-таҳлилӣ омодагӣ ба фаъолияти касбӣ, ғанигардонии дониши назариявии омӯзгорони ояндаи биологияву химия идома меёбад. Марҳилаи тарҳрезӣ дар таҳияи усулҳо ва методикаи таълими биологияву химия, тартиб додани нақшаи дарс, таҳияи сенарияи машғулиятҳои беруназсинфӣ зоҳир мешавад. Марҳилаи ташкилӣ методи гузаронидани дарсҳо, семинарҳо ва корҳои беруназсинфиро дар бар мегирад. Марҳилаи таҳқиқот таҳлили адабиёти психологӣ, педагогӣ ва методӣ оид ба проблемаи таҳқиқоти методологӣ, таҳлили мундариҷа ва методологияи дарс, омӯзиши ташкили илмии омӯзгоронро пешбинӣ мекунад.

Ба роҳ мондани таҷрибаомӯзии педагогӣ ба таври инфиродӣ равона карда шудааст ва ҳар як донишҷӯ вазифаеро ба уҳда мегирад, ки бояд дар давраи таҷрибаомӯзии педагогӣ онро иҷро намояд. Ҳар як супоришро донишҷӯён ба таври инфиродӣ иҷро мекунанд, ки ин боиси ташаккули қобилияти мустақилона кор кардани онҳо мегардад ва инчунин ба омодагии назариявӣ, рушди қобилиятҳои эҷодӣ ва такмили ихтисосашон таъсири мусбӣ мерасонад.

Кори мустақилонаи донишҷӯён дар давраи таҷрибаомӯзии таълимӣ ва илмӣ инҳоро дар бар мегирад: таҳлили дарсҳои муаллимони МТМУ (дар давоми таҷрибаомӯзии педагогӣ), тайёр намудани маводҳои дидактикӣ, гузаронидани корҳои илмӣ-тадқиқотӣ мутобиқи мавзӯи кори курсӣ, иҷрои супоришҳои инфиродӣ [4, с.15].

Дар давраи таҷрибаомӯзии педагогӣ донишҷӯён супоришҳои инфиродии зеринро иҷро менамоянд:

- омӯхтани таҷрибаи кории омӯзгор дар ташкили кабинети биология-химия: воситаҳои аёнӣ, таълимӣ (намудҳои таҷҳизоти таълимӣ, ҷойгиркунӣ ва нигоҳдории намудҳои гуногуни таҷҳизот, маводҳои таҷҳизоти таълимӣ, ҷойи муаллим, ҷойи донишҷӯ, утоқи лабораторӣ, нақшаи таҷҳизот барои синфхонаи биология-химия; омода кардани кабинет барои дарсҳои биология ва химия), таҷҳизот ва аёниятҳои методӣ.
- таҳлили дарси мушоҳидашуда (намуди дарс; таркиби дарс);
- баррасии методҳои дар дарс истифодакардаи омӯзгор (омӯзгор кори мустақилонаи хонандагонро чӣ гуна ташкил мекунад? омӯзгор дар синф кадом шаклҳои кори мустақилонаро истифода мебарад?);
- муайян кардани шаклҳои ташкили фаъолияти таълимӣ, ки омӯзгор дар дарс истифода мебарад (оё омӯзгор шаклҳои гурӯҳии корро ташкил мекунад? омӯзгор дар кадом марҳилаҳои дарс шаклҳои гурӯҳии корро ташкил мекунад?);
- методҳо ва шаклҳои назорат, ки омӯзгор дар дарс истифода мебарад (омӯзгор аз кадом метод истифода бурд? дар раванди назорати амалӣ кадом малакаҳои таҷрибавӣ санҷида шуданд?);
- тавсифи воситаҳои таълим, ки омӯзгор дар дарс истифода мебарад;
- муайян кардани арзёбии натиҷаҳои таълим ба ҷавобҳои хонандагон, ки боиси ҳавасмандии онҳо мегардад;
- дар шакли ҷадвал ҷамъбаст кардани дарсҳои таҳлилкардашуда.

Кори мустақилонаи донишҷӯён дар давраи таҷрибаомӯзии педагогӣ масъалаҳои зеринро дар бар мегирад: иштирок дар таҳлили мундариҷа ва методҳои гузаронидани дарсҳо аз ҷониби омӯзгорони МТМУ ва дарсҳои ҳамкурсон; гузаронидани дарсҳои иловагӣ бо хонандагони сустхон ва фаъолон, гузаронидани дарсҳои факултативӣ оид ба омӯзиши амиқи маводи таълимӣ, таҳияи банақшагирии мавзӯӣ дар давраи таҷрибаомӯзӣ, таҳия ва гузаронидани дарсҳои биологияву химия, тайёр намудани маводҳои дидактикӣ, банақшагирӣ, таҳия ва гузаронидани корҳои беруназсинфӣ аз биологияву химия; таҳлили фаъолияти худ бо мақсади такмил додан ва баланд бардоштани тахассус, гузаронидани корҳои илмӣ-тадқиқотӣ мутобиқи мавзӯи кори курсӣ, иҷрои супоришҳои инфиродӣ, ки аз тарафи методист пешниҳод шудааст.Дар давраи таҷрибаомӯзии педагогӣ, донишҷӯён супоришҳои зерини инфиродиро иҷро менамоянд:

- гузаронидани дарсҳои биология ва химия дар синф (8/4);
- таҳияи саволҳои проблемавӣ оид ба мавзӯи дарс;
- тартиб додани супоришҳо барои ҳар як мавзӯъ дар дарс;
- таҳияи супоришҳои тестӣ барои ҳар як мавзӯи дарс;
- омода сохтани маводи намоишӣ ва лабораторӣ тибқи нақша барои дарс (мавзӯи дарс, мақсади таҷриба, номи таҷриба, таҷҳизот ва реактивҳои барои таҷриба зарурӣ, ҷараёни таҷриба, муодилаи реаксия, саволҳои проблемавии озмоиш, хулосаҳое, ки дар асоси ин таҷриба баровардан мумкин аст);
- таҳияи масъалаҳои биологию генетикӣ, химиявӣ ва алгоритми ҳалли масъалаҳо;
- таҳияи алгоритми иҷрои амалиёти таълимӣ дар синф;
- омода намудани дастур барои хонандагон оид ба иҷро корҳои лабораторӣ ва амалӣ;
- тайёр намудани варақаҳои супоришӣ барои дарс;
- таҳияи сенария барои ҳар як кори беруназсинфӣ.

Кори мустақилонаи магистрон дар давраи таҷрибаомӯзии илмии педагогӣ амалҳои зеринро дар бар мегирад: ҷустуҷӯи мустақили иттилоот, таҳияи модели назариявӣ дар асоси ҷустуҷӯи иттилоот, таҳияи тавсияҳои методологии мувофиқ, интихоби методҳои самараноки таҳқиқоти педагогӣ, таҳияи методологияи озмоишҳои педагогӣ барои татбиқи дастурҳо, омода кардани маводи таҳқиқоти илмӣ ба нашр, омодагӣ ба конфренсияи ниҳоӣ ва омодакунии ҳуҷҷатҳои ҳисоботӣ [7, с.9].

Кори мустақилона дар давраи таҷрибаомӯзии магистрантҳо инҳоро дар бар мегирад: мустақилона тартиб додани нақшаҳо аз биология, мустақилона тартиб додани нақшаҳо ва тезисҳо оид ба методикаи таълими биология, таҳияи семинарҳо, таҳия ва татбиқи нақшаҳои беруназсинфӣ дар муассисаи таълимӣ, иҷрои корҳои илмӣ тибқи мавзӯи рисолаи магистрӣ.Дар баҳогузорӣ барои таҷрибаи педагогӣ тамоми фаъолиятҳое ба назар гирифта мешаванд, ки донишҷӯ бояд онҳоро иҷро кунад. Зимни баҳогузории рейтингӣ аз рӯйи фаъолиятҳои зерин ба донишҷӯён баҳогузорӣ карда мешавад:

1) иштирок дар дарсҳои омӯзгорони МТМУ 5-7 хол;
2) иштирок дар таҳлили мундариҷа ва методологияи дарс 5-10 хол;
3) иҷрои супоришҳои инфиродӣ 15-32 хол;
4) таҳлили методии мавзӯи дарс тибқи нақша 15-28хол;
5) иштироки донишҷӯён дар конференсия 5-15 хол;
6) таҳияи ҳуҷҷатҳои ҳисоботӣ 5-8хол.

Ҳадди ақали талабшуда 50 хол ("3" - "қаноатбахш") мебошад. Агар донишҷӯ 80-89 хол гирад, баҳо "хуб" аст ("4").

Ҳамин тариқ, аз рӯйи ифодаи ҳуруфӣ ва ададӣ баҳои таҷрибаомӯзии педагогӣ гузошта мешавад.

| Баҳо | Хол | Ифодаи анъанавӣ |
|---|---|---|
| A | 95-100 | Аъло |
| $A^-$ | 90-94 | |
| $B^+$ | 85-89 | Хуб |
| B | 80-84 | |
| $B^-$ | 75-79 | |
| $C^+$ | 70-74 | Қаноатбахш |
| C | 65-69 | |
| $C^-$ | 60-64 | |

| | | |
|---|---|---|
| Д | 55-59 | |
| Д- | 50-54 | |
| Fx | 45-49 | Қаноатбахш |
| Р | 0-44 | |

Меъёрҳои арзёбии таҷрибаомӯзии педагогӣ инҳоянд: татбиқи барномаи таҷрибаомӯзии педагогӣ, омодагии донишҷӯён ба фаъолияти омӯзгорони биологияву химия (бакалавр) ва омӯзгорони биология (дар магистратура), инкишофи малакаҳои касбӣ барои иҷрои фаъолият; таҷрибаи фаъолияти эҷодӣ, зуҳури хислатҳои шахсӣ (интизом, масъулият, фаъолият, муносибатҳои арзишӣ ва ғайра) [1; 2; 8].

Таҷрибаомӯзии педагогӣ яке аз рукнҳои таълими донишҷӯёни донишгоҳи омӯзгорӣ аз рӯйи барномаи таълимӣ пешбинӣ шуда, дар он самтҳои ташаккул додани касбият, рушди малакаҳои омӯзгор, сифатҳои ботинӣ, азхудкунии технология ва методҳои таълими биологияву химия, ба даст овардани таҷрибаи шахсии омӯзгор инкишоф меёбад.

Таҷрибаомӯзии педагогӣ муҳимтарин марҳилаи ташаккули салоҳияти касбии омӯзгорони биологияву химия дар шароити воқеии раванди таълим мебошад. Беҳуда нест, ки ба донишҷӯён аз рӯйи натиҷаи таҷрибаомӯзии педагогӣ ҳамчун мутахассис баҳо дода мешавад, зеро дар ҷараёни таҷрибаомӯзии педагогӣ ҳамаи дониши қаблан ҳосилшуда вобаста ба фаъолияти касбӣ истифода мегардад.

**Муқарриз: *Юлдошев Ҳ.* – доктори илмҳои биология, профессори ДМТ**

**АДАБИЁТ**


1. Абдулина О.А. Общепедагогическая подготовка учителя в системе высшего педагогического образования: Для спец. вузов. 2-е изд. / О.А. Абдулина. -М., Просвещение, 1989. -139 с.
2. Аргажникова Л.Г. Подготовка учителя к профессиональной деятельности / Л.Г. Аргажникова //Сов. педагогика. 1986 - №4 - 91-95с.
3. Джумаев Х. Таҷрибаомӯзии педагогӣ / Х. Джумаев, У.Умаров, К. Мансуров. – Душанбе, 2010.
4. Зубайдов У.З. Тавсияҳои методӣ оид ба ташкили корҳои мустақилонаи беруназаудитории донишҷӯён / У.З.Зубайдов, С.Ш. Алимов. - Душанбе, 2014.
5. Проблемы подготовки учителя (из опыта Казанского государственного пединститута). Ученые записки. – Казань, 1976.- Вып. 157. -252с.
6. Хабибов С.Х. Путеводитель студента Таджикского государственного университета коммерции (в условиях внедрения кредитной технологии обучения) / С.Х.Хабибов, Н.С.Сангинов, Н.С.Салимое, Р.С. Исаев. –Душанбе: Хумо, 2006. - 71с.
7. Сангинов Н.С. Кредитная система образования / Н.С.Сангинов, Н.С. Салимое. – Душанбе: Ирфон, 2005. - 200с.
8. Байденко В.И. Болонский процесс: поиск общности Европейских систем образования (проект TUNING) / В.И. Байденко. - М., 2006.
9. Бурцев А.К. Болонский процесс. Основополагающие материалы / А.К.Бурцев, В.А. Звонова. - М., 2006. - С. 29.
10. Кондрашова JI.В. Методика подготовки будущего учителя к педагогическому взаимодействию с учащимися: Учебное пособие / JI.В. Кондрашова. — М.: Прометей, 1990. -160 с.
11. Маджидов Х. Кредитная технология обучения и основные факторы, влияющие на повышение качеств подготовки бакалавров / Х.Маджидов, Р.Р.Мирзоев, М.А. Табарова // Таджикское отделение международной академии наук высшей школы, 2009. -№2.
12. Маджидов Х. Кредитная технология обучения и повышения качества подготовки бакалавров / Х.Маджидов, С.Х.Хабибов, Р. Р.Мирзоев // Вопросы психологии и педагогики. Кургантюбинский государственный университет. -2009. -№ 4.
13. Основы дидактической готовности будущего учителя: методическое пособие. -Алматы: АРУ им. Абая, 1994. -220 с.
14. Профессиональная подготовка педагога: Сб.науч. трудов. -М., 1993. -94 с.
15. Профессионально-педагогическая подготовка студентов. Сб. науч. трудов. /Отв.ред. М.И. Анисов. М., 1974. - 85с.


## АҲАМИЯТИ АМАЛИИ ТАҶРИБАИ ОМӮЗГОРӢ ҲАМЧУН АСОСИ ДИДАКТИКИИ ТАЙЁРИИ КАСБИИ МУАЛЛИМОНИ ОЯНДА АЗ РӮЙИ ДУ ИХТИСОС ДАР ШАРОИТИ НИЗОМИ КРЕДИТИИ ТАҲСИЛОТ

Марҳилаи кунунии рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва зарурати раванди азнавсозии таҳсилот такмил додани методология ва методикаи тайёр кардани мутахассисон ва ба талаботи стандартҳои ҷаҳонии таҳсилот мутобиқ кардани онҳоро талаб мекунад. Хусусияти фарқкунандаи низоми кредитӣ аз он иборат аст, ки он ба азхудкунии амиқи донишҳои пешниҳодшуда ва рушди унсурҳои эҷодкорӣ дар фаъолияти донишҷӯён равона карда шудааст. Низоми кредитӣ ба донишҷӯён мустақилият фароҳам овард, муносибат ба таълими фанҳои тадрисшаванда ва интихобӣ тағйир ёфт, самаранокии азхудкунии донишҳои назариявӣ ва амалӣ тавассути рушди малакаҳои кори мустақилонаи донишҷӯён баланд гардид. Ин ба донишҷӯён имкон дод, ки омӯзиши фанҳои аз ҳама зарурӣ ва муҳимро аз рӯйи ихтисосҳои интихобкардаашон ба роҳ монанд. Гузариш ба низоми кредитӣ яке аз масоили муҳим, яъне масъалаи асосҳои дидактикии тайёрии касбӣ ва методии омӯзгорониояндаро дар донишгоҳҳои омӯзгорӣ ҳаллу фасл менамояд. Айни замон, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (МТМУ) ба омӯзгорони дорои тахассуси олӣ ва тафаккури илмиву

эҷодӣ ниёз доранд. Ин, дар навбати худ, такмил додани донишҳои педагогиро зимни гузаронидани таҷрибаомӯзии педагогии омӯзгорони оянда тақазо менамояд. Бо ташкилу гузаронидани таҷрибаомӯзии педагогӣ системаи ташкили ҳамкории омӯзгорон ва донишҷӯён дар шароити воқеии таҳсилот ба роҳ монда шуда, ба тадриҷан мураккаб кардани таълими бисёрсатҳии онҳо мусоидат намуда, ба ташаккули салоҳиятҳои касбии омӯзгорони оянда мусоидат мекунад ва донишҷӯ бо мақсади баланд бардоштани малакаҳои касбӣ дар таҳсилоти минбаъда онро истифода мебарад.

**Калидвожаҳо:** низоми кредитии таҳсилот, асосҳои дидактикии тайёрии касбии омӯзгорони оянда, таҷрибаи омӯзгорӣ, биология, химия, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, донишҷӯён, корҳои мустақилона

## ПРАКТИЧЕСКОЕ ЗНАЧЕНИЕ ПЕДАГОГИЧЕСКОГО ОПЫТА КАК ДИДАКТИЧЕСКОЙ ОСНОВЫ ПРОФЕССИОНАЛЬНОЙ ПОДГОТОВКИ БУДУЩИХ УЧИТЕЛЕЙ ПО ДВУМ СПЕЦИАЛЬНОСТЯМ В УСЛОВИЯХ КРЕДИТНОГО ОБУЧЕНИЯ

Современный этап социально-экономического развития и необходимость процесса модернизации образования настоятельно требуют совершенствования методологии и методики подготовки специалистов и приведения их в соответствии с требованиями мировых образовательных стандартов. Отличительной особенностью кредитной системы образования является то, что она направлена на глубокое освоение полученных знаний и развитие элементов творчества в деятельности студентов. Кредитная система образования предоставила вузам, профессорско-преподавательскому составу и особенно студентам самостоятельность, изменился подход к преподаванию учебных дисциплин, выбора элективных курсов, повысилась эффективность усвоения теоретических и практических знаний путём развития у студентов навыков самостоятельной работы. Это позволило студентам самим ориентироваться на изучение наиболее нужных и важных дисциплин с точки зрения будущих специальностей. При переходе к кредитной системе образования одной из важнейших проблем является решение проблемы профессионально-методической подготовки будущих преподавателей в педагогических вузах. Важность совершенствования методической подготовки будущих учителей в педвузе следует рассматривать как одну из важнейших задач современного образования, которая стимулируется усилением дифференциации современного школьного образования, появлением профильных учебных заведений, расширением спектра применяемых учителями новых образовательных технологий, широким распространением экспериментальной работы в школе. В настоящее время возникла необходимость в преподавателе более высокой квалификации с творческим научно-педагогическим мышлением. Это, в свою очередь, требует усовершенствования педагогической практики как важной формы практической подготовки будущих педагогов.

**Ключевые слова**: кредитная система обучения, дидактические основы профессиональной подготовки будущих учителей, педагогическая практика, биология, химия, общеобразовательные школы, студенты, самостоятельная работа.

## THE PRACTICAL SIGNIFICANCE OF PEDAGOGICAL EXPERIENCE AS A DIDACTIC BASIS FOR THE PROFESSIONAL TRAINING OF FUTURE TEACHERS IN TWO SPECIALTIES IN THE CONTEXT OF CREDIT EDUCATION

The current stage of socio-economic development and the need for the process of modernization of education urgently require the improvement of the methodology and methods of training specialists and bringing them in accordance with the requirements of world educational standards.A distinctive feature of the credit education system is that it is aimed at deep assimilation of the acquired knowledge and the development of elements of creativity in the activities of students. The credit education system provided universities, faculty and especially students with independence, the approach to teaching academic disciplines, the choice of elective courses has changed, the efficiency of assimilating theoretical and practical knowledge has increased by developing students' skills of independent work. This allowed the students to be guided by the study of the most necessary and important disciplines in terms of future specialties.In the transition to a credit education system, one of the most important problems is to solve the problem of professional and methodological training of future teachers in pedagogical universities. The importance of improving the methodological training of future teachers in the pedagogical institution should be considered as one of the most important tasks of modern education, which is stimulated by the increasing differentiation of modern school education, the emergence of specialized educational institutions, the expansion of the range of new educational technologies used by teachers, and the widespread dissemination of experimental work in schools. Currently, there is a need for a teacher of higher qualifications with creative scientific and pedagogical thinking. This, in turn, requires the improvement of pedagogical practice as an important form of practical training for future teachers.

**Key words:** credit training system, didactic foundations of professional training of future teachers, pedagogical practice, biology, chemistry, secondary schools, students, independent work.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Баротзода Камолиддин Ашур*** – Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, дотсент. **Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121. Телефон: **(+992) 934-05-04-46**

**Сведение об авторе:** ***Баротзода Камолиддин Ашур*** – Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни, доцент. **Адрес:** 734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки 121. Телефон: **(+992) 934-05-04-46**

**Information about the author:** ***Barotzoda Kamoliddin Ashur*** - Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, associate professor. **Address:** 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 121.

УДК:510.6 (072)

# АСОСҲОИ МЕТОДИИ ТАЪЛИМИ БАЪЗЕ ФОРМУЛАҲОИ НАВИ БАРОБАРҚУВВА ВА ТАВТОЛОГӢ ОИД БА МАҶМУЪҲО


*Собиров А.Ш.*

**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**


1. Сарсухан. Назарияи маҷмуъҳо бо гузориши мантиқии таърифи амалҳояш соҳаи васеи таҳлил, ҳал ва татбиқро дар бар мегирад.

Мавзуи тавтологияи мулоҳизаҳо ва предикатҳо бошад, дар соҳаи занҷирҳои ноқилӣ, физика, математика, илмҳои дақиқ, соҳаи тиб, сохтмон, савдо, муносибатҳои байналхалқӣ, кишоварзӣ, саноат, системаи нефту газгузаронӣ ва коркарди канданиҳои зеризаминӣ ба таври васеъ татбиқ мешаванд.

Дар мақолаи мазкур бошад, боз як методи омӯзиши татбиқи назарияи тавтологияи алгебраи Булл, дар исботи теоремаҳо оид ба муносибати маҷмуъҳо, баробарқуввагӣ, табдилдиҳиҳои алгебравӣ ва татбиқи онҳо барои донишҷӯён, методистон ва тадқиқотчиён бо ҷумлаҳои нави математикӣ ва мантиқӣ ба таври алгорифмӣ, эҷодкорона маънидод ва оммафаҳм пешниҳод карда шудааст, ки ин барои донишҷӯён, устодон, таҳлилгарон ва олимони ҳамаи соҳаҳо дастрас буда, дар кори илмӣ, эҷодӣ, таълимӣ ва тарбиявиашон истифода бурда метавонанд [3], [9].

## 2. Формулаҳои баробарқувва дар шакли теоремаҳои нав

**Теоремаи 1** [1]. Барои дилхоҳ маҷмуъҳои $A$ ва $B$ воридшавиҳои $AB \subseteq B$ ва $AB \subseteq A$ ҷой доранд.

Исбот. $\overline{(AB \subseteq B)} \equiv (\forall X,\ X\in AB \Rightarrow X\in B) \equiv (\forall X,\ X\in A \wedge X\in B \Rightarrow X\in B) \equiv$

$\equiv (\forall X, \overline{X\in A \wedge X\in B}) \vee (X\in B) \equiv (\forall X,\ X\in\overline{A} \vee X\in\overline{B} \vee X\in B) \equiv (\forall X,\ X\in\overline{A} \vee 1) \equiv 1.$

**Теоремаи 2** [1], [4]. Барои маҷмуъҳои дилхоҳи $A_1, A_2, \ldots, A_m, A_{m+1}, \ldots, A_n$ воридшавии зермаҷмуи $A_1 A_2 \ldots A_m \ldots A_n \subseteq A_1 A_2 \ldots A_m$ иҷро мешавад.

Теоремаи 2 ҳолати умумии теоремаи 1 аст, ки ба таври индуктивӣ исбот карда мешавад. Ғайр аз ин, теоремаи 2 ба воситаи тавтологияи зерин ҳам исбот карда мешавад:

$$p_1 \overline{\wedge p_2 \wedge \ldots \wedge p_m \wedge p_{m+1} \ldots \wedge p_n} \Rightarrow p_1 \wedge p_2 \wedge \ldots \wedge p_m \equiv$$
$$\equiv \overline{p_1 \wedge p_2 \wedge \ldots \wedge p_m \wedge p_{m+1} \ldots \wedge p_n} \vee p_1 \wedge p_2 \wedge \ldots \wedge p_m \equiv$$
$$\equiv \overline{p_1 \wedge p_2 \wedge \ldots \wedge p_m} \vee \overline{p_{m+1}} \vee \ldots \vee \overline{p_n} \vee (p_1 \wedge p_2 \wedge \ldots \wedge p_m) \equiv$$
$$\equiv 1 \vee \overline{p_{m+1}} \vee \ldots \wedge \overline{p_n} \equiv 1.$$

**Шарҳ.** Зарби байни ҳарфҳои калон дар шарти теорема амали буриши маҷмуъҳоро нишон медиҳад.

Исботи теоремаҳои 1 ва 2 новобаста ба намуди маҷмуъҳо, бо ёрии диаграммаи Венн ҳам нишон дода мешавад, вале дар ин ҷо исбот ба таври индуктивӣ ва алгорифмӣ гузаронида шудааст.

**Теоремаи 3.** Барои маҷмуи универсалии $U$ ва маҷмуъҳои дилхоҳи $A$ ва $B$ баробариҳои зерин ҷой доранд:

1.$U\setminus M = \overline{M}$,

2. $U\setminus(A \Delta B) = AB \cup \overline{A}\,\overline{B}$, ки $A \Delta B = (A\setminus B) \cup (B \setminus A)$ −фарқи симметрии маҷмуъҳои $A$ ва $B$ мебошад.

Исбот. Мувофиқи таърифи фарқи маҷмуъҳо ҳосил мекунем:

1. $U\setminus M = U \cap \overline{M} = \overline{M}$.

Акнун формулаҳои де Морган ва қонуни дистрибутивиро истифода мебарем:

2. $U \setminus(A \Delta B) = \overline{A \Delta B} = \overline{(A\setminus B) \cup (B\setminus A)} = (\overline{A} \cup B) \cap \left(\overline{B} \cup A\right) = (\overline{A} \cup B)\left(\overline{B} \cup A\right) = AB \cup \overline{A}\,\overline{B}.$

## 3. Исботи баъзе формулаҳои баробарқувва оид ба маҷмуъҳо ба воситаи табдилдиҳиҳои мантиқӣ

**Теоремаи 4** [5], [6]. Барои маҷмуъҳои дилхоҳи $A$, $B$ ва $C$ баробарии зерин ҷой дорад: $A\setminus(A \Delta B) = AB$.

Исбот. Мувофиқи табдилдиҳии формулаҳои баробарқувва оид ба маҷмуъҳо ҳосил мекунем:

$$A\setminus(A \Delta B) = A\setminus((A\setminus B) \cup (B\setminus A)) = A\setminus(A\overline{B} \cup B\overline{A}) = A \cap \overline{(A\overline{B} \cup B\overline{A})} =$$
$$= A \cap \left(\left(\overline{A} \cup B\right)\left(\overline{B} \cup A\right)\right) = AB(\overline{B} \cup A) = AB\overline{B} \cup ABA = AB.$$

**Теоремаи 5.** Барои маҷмуъҳои дилхоҳи $A$ ва $B$ баробарии зерин ҷой дорад: $(A\setminus B)\,\Delta\, B = A \,\Delta\, B$.

Исбот. $(A\setminus B)\,\Delta\, B = A\overline{B}\,\Delta\, B = \left(A\overline{B}\setminus B\right) \cup \left(B\setminus A\overline{B}\right) = A\overline{B}\,\overline{B} \cup B\overline{A}B = A\overline{B} \cup B\overline{A} = A \,\Delta\, B.$

Дар ин ҷо муносибати $M \cap M = MM = M$ ба ҳисоб гирифта шудааст.

**Теоремаи 6.** Барои маҷмуъҳои дилхоҳи $A$ ва $B$ баробарии зерин ҷой дорад: $AB\backslash (A \Delta B) = AB$.

Исбот. $AB\backslash(A \Delta B) = AB\backslash [(A\backslash B) \cup (B\backslash A)] = AB(\overline{A\overline{B} \cup B\overline{A}}) =$
$= AB(\overline{A} \cup B)(\overline{B} \cup A) = (AB\overline{A} \cup ABB)(\overline{B} \cup A) = AB(\overline{B} \cup A) =$
$= AB\overline{B} \cup ABA = AB.$

**Теоремаи 7** [8]. Барои маҷмуъҳои дилхоҳи *A, B ва C* баробариҳои зерин ҷой доранд: $A \Delta (B\backslash C) = A\overline{B} \cup AC \cup \overline{A}B\overline{C} = (\overline{A} \cup \overline{B} \cup C)(A \cup B)(A \cup \overline{C})$.

Исбот. Мувофиқи табдилдиҳии формулаҳои баробарқувва оид ба маҷмуъҳо ҳосил мекунем: $A \Delta (B\backslash C) = A \Delta B\overline{C} = (A\backslash B\overline{C}) \cup (B\overline{C}\backslash A) =$

$= A\overline{B\overline{C}} \cup B\overline{CA} = A(\overline{B} \cup C) \cup \overline{A}B\overline{C} = A\overline{B} \cup AC \cup \overline{A}B\overline{C} =$ШЯН$(A, B, C) =$

(Шакли якҷояшавии нормалӣ – ШЯН ишора ва мафҳуми нав аст) акнун қонуни дистрибутивиро истифода мебарем:
$= (A\overline{B} \cup AC \cup \overline{A})(A\overline{B} \cup AC \cup B)(A\overline{B} \cup AC \cup \overline{C}) =$
$= [A\overline{B} \cup (A \cup \overline{A})(C \cup \overline{A})][(A \cup B)(\overline{B} \cup B) \cup AC][A\overline{B} \cup (A \cup \overline{C})(C \cup \overline{C})] =$
$= (A\overline{B} \cup C \cup \overline{A})(A \cup B \cup AC)(A\overline{B} \cup A \cup \overline{C}) = U(\overline{A} \cup \overline{B} \cup C)(A \cup B)(A \cup \overline{C}) =$
$= (\overline{A} \cup \overline{B} \cup C) \cap (A \cup B) \cap (A \cup \overline{C}) = ШБН\,(A, B, C)$

(Шакли буриши нормалӣ – ШБН ишора ва мафҳуми нав аст), ки дар ин ҷо шарти теоремаи 1 оид ба $AC \subseteq A$ ва тасдиқи $AC \cup A = A$ ва ҳам аз $A\overline{B} \subseteq A$ бо $A\overline{B} \cup A = A$ истифода бурда шудааст.

Шарҳ: Тарафи рости формулаи охирин дар қавсҳо, ба шаклҳои конъюнктивии нормалӣ (ШКН) ва шаклҳои дизъюнктивии нормалӣ (ШДН) оид ба мулоҳизаҳо ва предикатҳо бисёр монанд аст.

**Теоремаи 8.** Агар маҷмуъҳои *A, B* ва *C* шартҳои $C \subseteq A, B \subseteq A$ ва $CB = \emptyset$ - ро қаноат намоянд, он гоҳ баробарии $A \Delta (B\backslash C) = A|B = A\,\overline{B}$ иҷро мешавад.

Хулосаи ин теорема ба теоремаи 4 монанд аст. Барои ҳамин ҳам исботи онро намеорем.

**Теоремаи 9** [9], [10]. Агар маҷмуъҳои *A, B, C* ва *D* шартҳои $C \subseteq AB, D \subseteq AB$ ва $CD = \emptyset$ - ро қаноат намоянд, он гоҳ баробарии $AB \Delta (C\backslash D) = AB\backslash C$ иҷро мешавад.

Исбот. Мувофиқи шарти теорема, аз диаграммаи Венн истифода мебарем:



Расми 1.



Расми 2.

$\overline{A}C = \emptyset, \overline{B}C = \emptyset$ , $(A \cap B)\backslash C$. - соҳаи пайдор.

$AB \Delta (C\backslash D) = AB \Delta C\overline{D} = AB\overline{C\overline{D}} \cup C\overline{\overline{D}AB} = AB(\overline{C} \cup D) \cup C\overline{D}(\overline{A} \cup \overline{B}) =$
$= AB(\overline{C} \cup D) \cup \overline{AD}C \cup \overline{BD}C = AB\overline{C} = AB\backslash C$,- соҳаи пайдори расми 2 аст, зеро аз диаграммаи Венн намудор аст, ки $D \subseteq \overline{C}$, барои ҳаминҳам $\overline{C} \cup D = \overline{C}$, ғайр аз ин, $\overline{A}C = \emptyset, \overline{AD}\,C = \emptyset$ *ва* $\overline{BD}C = \emptyset$.

**4. Исботи формулаҳои тавтологӣ оид ба маҷмуъҳо ба воситаи алгебраи мулоҳизаҳо**

**Теоремаи 10** [11]. Оид ба маҷмуъҳои *A, B, C* ва *D* формулаи тавтологии зерин ҷой дорад: $(A \subseteq B) \wedge (C \subseteq D) \Rightarrow ((A \cup C) \subseteq (B \cup D))$ (1)

Формулаи (1)-ро бо диаграммаи Венн исбот мекунем. Мувофиқи шарти теорема муносибати байни маҷмуъҳо дар тасвир ба воситаи ҳолатҳои зерин метавонанд акс ёбанд:

1.




Расми 3.




Расми 4.

$$(A \subseteq B)\ (C \subseteq D)$$
$$(A \cup C)\ \subseteq\ (B \cup D)$$

2.




Расми 5.

Дар ин вазъияти маҷмуъҳо ҳам муносибати воридшавии $(A \cup C)\ \subseteq\ (B \cup D)$ иҷро мешавад.

**3**.




Расми 6.

Дар ин ҳолат ҳам муносибати $(A \cup C)\ \subseteq\ (B \cup D)$ иҷро мешавад. Ин намуди исбот барои донишҷӯён ва тадқиқотчиён ҷолиби диққат мебошад.

Дар таърифи зермаҷмуъ ($\subseteq$) амали импликатсия ($\Longrightarrow$) ва дар таърифи якҷояшавии маҷмуъҳо ($\cup$) амали дизъюнксия ($\vee$) иштирок мекунанд, яъне дар ин ҷо сарчашма, маҷмуъҳо ва қонунҳои грамматикии хулосабарорӣ аст, ки исботаш математикӣ гузаронида мешавад. Мувофиқи ин гуфтаҳо барои осонии исботи формулаи (1) ҷумлаи мантиқии зеринро мувофиқ мегузорем:

$$F(p,q,r,s) = (p \Longrightarrow q) \wedge (r \Longrightarrow s) \Longrightarrow ((p \vee r) \Longrightarrow (q \vee s)).(2)$$

Ин формулаи тавтологиро, ки оид ба мулоҳизаҳо ва предикатҳо ҷой дорад, бо методи ҷадвали ҳаққониятӣ исбот мекунем. Формулаҳои имконпазирро аз таркиби формулаи (2) ба сатри аввали ҷадвал ҷой медиҳем ва қимати амалҳои мантиқиро аз рӯйи таърифашон ва ҳолатҳои имконпазири қимати аргументҳо дар сутунҳо пур мекунем [11].

| $p\ q\ r\ s$ | $p \Rightarrow q$ | $r \Rightarrow s$ | $(p \Rightarrow q) \wedge$ $\wedge (r \Rightarrow s)$ | $p \vee r$ | $q \vee s$ | $(p \vee r)$ $\Rightarrow (q \vee s)$ | $F(p,q,r,s)$ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 1 1 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 |
| 1 1 1 0 | 1 | 0 | 0 | 1 | 1 | 1 | 1 |
| 1 1 0 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 |
| 1 1 0 0 | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 |
| 1 0 1 1 | 0 | 1 | 0 | 1 | 1 | 1 | 1 |
| 1 0 1 0 | 0 | 0 | 0 | 1 | 0 | 0 | 1 |
| 1 0 0 1 | 0 | 1 | 0 | 1 | 1 | 1 | 1 |
| 1 0 0 0 | 0 | 1 | 0 | 1 | 0 | 0 | 1 |
| 0 1 1 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 |
| 0 1 1 0 | 1 | 0 | 0 | 1 | 1 | 1 | 1 |
| 0 1 0 1 | 1 | 1 | 1 | 0 | 1 | 1 | 1 |
| 0 1 0 0 | 1 | 1 | 1 | 0 | 1 | 1 | 1 |
| 0 0 1 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 |
| 0 0 1 0 | 1 | 0 | 0 | 1 | 0 | 0 | 1 |
| 0 0 0 1 | 1 | 1 | 1 | 0 | 1 | 1 | 1 |
| 0 0 0 0 | 1 | 1 | 1 | 0 | 0 | 1 | 1 |

**Ҷадвали 1.** Ҷавобҳои мантиқии сутуни охирин нишон медиҳад, ки формулаи дода

шуда айниятан ҳақ, яъне тавтология аст. Донишҷӯён ва тадқиқотчиён ба пур кардани ҷадвали васеъ одат мекунанд ва шоҳиди он мешаванд, ки масъалаҳои илм ва зиндагӣ раванди тасдиқу исботи онҳо, маҳорати баланди таҳлили мантиқи математикиро талаб менамоянд.

**Теоремаи 11** [12], [13].$(\boldsymbol{A} \subseteq \boldsymbol{B}) \wedge (\boldsymbol{C} \subseteq \boldsymbol{D}) \Rightarrow (\boldsymbol{A} \cap \boldsymbol{C}) \subseteq (\boldsymbol{B} \cap \boldsymbol{D})$

Агар дар теоремаи 10 амали $\cup$-ро ба амали $\cap$ иваз намоем, он гоҳ теоремаи 11 ҳосил мешавад. Агар аз тавтологияи теормемаи 11 ба формулаи мулоҳизагӣ ё предикатӣ гузарем, он гоҳ формулаи

$$\boldsymbol{f(p,v,r,s)} = [(\boldsymbol{p} \Rightarrow \boldsymbol{q}) \wedge (\boldsymbol{r} \Rightarrow \boldsymbol{s}] \Rightarrow [(\boldsymbol{p} \wedge \boldsymbol{r}) \Rightarrow (\boldsymbol{q} \wedge \boldsymbol{s})]$$

Ҳосил мешавад, ки тавтология шудани онро ба воситаи табдилдиҳӣ исбот менамоем. Бояд гуфт, ки қолаби мантиқии формулаи баробарқувваи $\boldsymbol{p} \Rightarrow \boldsymbol{q} \equiv \overline{\boldsymbol{p}} \vee \boldsymbol{q}$**,** формулаи де Морган, $\boldsymbol{p} \vee \overline{\boldsymbol{p}} \equiv \boldsymbol{1}$ ва $\overline{\overline{\boldsymbol{p}}} \equiv \boldsymbol{p}$ ба такрор истифода бурда мешаванд:

$$\overline{(\bar{p} \vee q)(\bar{r} \vee s)} \Rightarrow (\overline{p \wedge r}) \vee (q \wedge s) \equiv$$
$$\equiv \overline{(\bar{p} \vee q)(\bar{r} \vee s)} \vee (\bar{p} \vee \bar{r}) \vee (q \wedge s) \equiv$$
$$\equiv (p \wedge \bar{q}) \vee (r \wedge \bar{s}) \vee [(\bar{p} \vee \bar{r} \vee q) \wedge (\bar{p} \vee \bar{r} \vee s)] \equiv$$
$$\equiv p\bar{q} \vee [(r\bar{s} \vee \bar{p} \vee \bar{r} \vee q) \wedge (r\bar{s} \vee \bar{p} \vee \bar{r} \vee s)] \equiv$$

Мувофиқи хосияти дистрибутивӣ:

$$\equiv p\bar{q} \vee (r \vee \bar{p} \vee \bar{r} \vee q)(\bar{s} \vee \bar{p} \vee \bar{r} \vee q) \wedge (r \vee \bar{p} \vee \bar{r} \vee s)(\bar{s} \vee \bar{p} \vee \bar{r} \vee s) \equiv$$
$$\equiv p\bar{q} \vee \bar{s} \vee \bar{p} \vee \bar{r} \vee q \equiv$$
$$\equiv (p \vee \bar{s} \vee \bar{p} \vee \bar{r} \vee q) \wedge (\bar{q} \vee \bar{s} \vee \bar{p} \vee \bar{r} \vee q) \equiv 1 \wedge 1 \equiv 1,$$

қавсҳое, ки қиматашон мувофиқи қонуни $\boldsymbol{p} \vee \overline{\boldsymbol{p}} \equiv \boldsymbol{1}$ ба $\boldsymbol{1}$ (ҳақ) баробар мешаванд, мувофиқи қонуни $\boldsymbol{p} \wedge \boldsymbol{1} \equiv \boldsymbol{p}$ партофта шудаанд [14].

Ин тавтологияро боз бо ҷадвали ҳаққониятӣ ва методи исбот аз баръаксӣ ҳам гузаронида мешавад. Агар дар тарафи рости мисоли теоремаи 10, яъне формулаи 2 пайвандаки «ё» ($\vee$) ба пайвандаки «ва» ($\wedge$) иваз карда шавад, боз мазмуни мулоҳизаи мураккаб дуруст мемонад ва барои теоремаи 11 мисол мешавад.

**Теоремаи 12** [15]. Барои маҷмуъҳои дилхоҳи А, В ва С формулаи тавтологии зерин иҷро мешавад:

$$[\boldsymbol{A} \subseteq (\boldsymbol{B} \cup \boldsymbol{C})] \Leftrightarrow [(\boldsymbol{A} \cap \overline{\boldsymbol{B}}) \subseteq \boldsymbol{C}] \quad (3)$$

Исбот бо ёрии диаграммаи Венн:




Расми 7. $\boldsymbol{A} \subseteq (\boldsymbol{B} \cup \boldsymbol{C})$




Расми 8. $(\boldsymbol{A} \cap \overline{\boldsymbol{B}}) \subseteq \boldsymbol{C}$**,**

ки дар ин ҷо маҷмуи $\boldsymbol{A} \cap \overline{\boldsymbol{B}}$ дар расми 8 соҳаи бо нуқтаҳо тасвир шударо нишон медиҳад ва дарвоқеъ он зермаҷмуи $\boldsymbol{C}$ аст.

Акнун формулаи (3)- ро ба воситаи формулаи тавтологӣ оид ба мулоҳизаҳо тартиб дода, ба воситаи табдилдиҳӣ исбот мекунем:

$$[\boldsymbol{p} \Rightarrow (\boldsymbol{q} \vee \boldsymbol{r})] \Leftrightarrow [(\boldsymbol{p} \wedge \overline{\boldsymbol{q}}) \Rightarrow \boldsymbol{r}] \text{ , } (4)$$

$$(p \wedge \bar{q}) \Rightarrow r \equiv \overline{p \wedge \bar{q}} \vee r \equiv \bar{p} \vee \bar{\bar{q}} \vee r \equiv \bar{p} \vee q \vee r \equiv \bar{p} \vee (q \vee r) \equiv p \Rightarrow (q \vee r).$$

Барои ҳамин ҳам мувофиқи теорема дар бораи тавтология формулаи (4) айниятан ҳақ, яъне тавтология мешавад.

Мисоли 1. Агар пахтакорӣ бошад ($p$), он гоҳ истеҳсоли сӯф ($q$), ё шоҳӣ ($r$) меафзояд.

⇔ Агар пахтакорӣ бошад $(p)$ ва сӯф истеҳсол нашавад $(\bar{q})$, он гоҳ истеҳсоли шоҳӣ меафзояд $(r)$.

Мисоли 2. Агар бемор дуруст шудан гирад $(p)$, он гоҳ хоҳиши хӯроккӯрӣ $(q)$, ё роҳгардӣ пайдо мекунад. ⇔Агар бемор дуруст шудан гирад $(p)$ ва хоҳиши роҳгардӣ пайдо накунад $(\bar{q})$, он гоҳ хоҳиши хӯроккӯрӣ падо мекунад $(r)$.

Мисоли 3. Агар донишҷӯ тайёрии хуб бинад $(p)$, он гоҳ вай идрорпулӣ мегирад $(q)$, ё сессияи имтиҳониро месупорад $(r)$.⇔Агар донишҷӯ тайёрии хуб бинад $(p)$, ва идрорпулӣ нагирад $(\bar{q})$, он гоҳ сессияи имтиҳониро месупорад $(r)$.

Қолаби мантиқии ин се мисолҳо ба тавтологияи (4) монанд мебошанд. Чи тавре ки мебинем, ҳар як формулаи тавтологӣ ба мисолҳои олами аёнӣ шабоҳат дорад ва маънидод карда мешавад ва ин алгорифм шогирдонро ба соҳаи ишораҳои мантиқию математикӣ тайёр менамояд.

**Шарҳ.** Аз тавтологияи (3) ба тавтологияи (4) гузаштан ба монанди аз муодилаи дифференсиалӣ ба муодилаи характеристикӣ гузаштан аст ва ин гувоҳи он аст, ки дар ин ҷо як қонуният, яъне алгоритми ҳалкунӣ дар байни объектҳои мулоҳизагӣ ва объектҳои маҷмуъҳо ҳосил мешавад, ки ин аҳамияти илмӣ, амалӣ ва методӣ дорад.

**Хулоса.** Ҳамин тавр, назарияи маҷмуъҳо ва масъалаҳои ба онҳо вобаста дар худи математика ва дигар илмҳои табиӣ, татбиқи хеле васеъ доранд ва барои ҳалли онҳо муҳокимаҳои нозуки мантиқӣ заруранд.

Бисёр формулаҳои баробарқувва оид ба маҷмуъҳо ба туфайли формулаҳои пештар исботшудаи мантиқӣ исбот карда шудаанд ва ин усул аз ҷиҳати методӣ хеле қулай ва манфиатнок аст. Дар баъзе ҳолатҳо, диаграммаи Венн ва шарти ҳаҷмнокӣ оид ба муносибати байни маҷмуъҳо истифода бурда шуд. Гузориши чунин масъалаҳо ва ҳалли онҳо, дар навбати худ, як алгоритми муайяни ҳалшавандагии масъалаҳои мантиқиро ташкил медиҳад.Ҳамин тавр хонандагон, донишҷӯён, устодон ва тадқиқотчиён шоҳиди он мегарданд, ки назарияи алгебраи мулоҳизаҳо, предикатҳо ва маҷмуъҳо ба якдигар бениҳоят монандӣ доранд ва барои ҳалли масъалаҳои якдигар ягон алгоритми маълум ташкил намуда, ҳавасмандии илмӣ, методӣ ва амалиро инкишоф медиҳанд.

Хулоса, назария, амалия, дониш, таҷриба ва маҳорат якдигарро пурра мекунанд ва инкишоф медиҳанд. Барои ҳамин ҳам хондан, донистан, муқоиса кардан ва истифода бурдан дар ҳалли масъалаҳои илмӣ ва рӯзгор барои ҳар кас талаботи аввалиндараҷа мебошад.

**Муқарриз*: Нугмонов Мансур-* д.и.п., профессори ДДОТ ба номи С.Айнӣ**

**АДАБИЁТ**


1. Асмус В.Ф. Учение логики о доказательстве и опровержении / В.Ф. Асмус. -М., 1954.
2. Бочаров В.А. Основы логики / В.А. Бочаров, В.И. Маркин. -М., 2000.
3. Гильберт Д. Основы теоретической логики / Д. Гильберт, В. Аккерман. -М., 1947. -306 с.
4. Каплан Б.С. Методы обучения математике / Б.С. Каплан, Н.К. Рузин, А.А. Столяр. –Минск, 1981. -192 с.
5. Лавров И.А. Задачи по теории множеств математической логики и теории алгоритмов / И.А. Лавров, Л.Л. Максимова. -М.: Наука, 1984. -240 с.
6. Пойя Д. Математическое открытие. Решение задач: основные понятия, изучение и преподавание / Д. Пойя. -М., 1970.
7. Сайфуллоев Н.М. Логика Ибн Сины / Н.М. Сайфуллоев. -Душанбе, 1991.
8. Сайфуллоев Н.М. Мантиќ / Н.М. Сайфуллоев, Ю.В. Ивлев. –Душанбе: Дониш, 2013. -318 с.
9. Собиров А.Ш. Методика обучения и применения законов тавтологических формул в естественных, математических, юридических и гуманитарных науках / А.Ш. Собиров, Г.А. Собирова // Вестник академии образования Таджикистана. - 2020. -№4(37). -С.149-159.
10. Столяр А.А. Математика педагогики / А.А. Столяр. –Минск, 1986. -414 с.
11. Уемов А.И. Задачи и упражнения по логике / А.И. Уемов. -М., 1967.
12. Фарбер В.Г. Некоторые вопросы педагогических применений логики / В.Г. Фарбер // Советская педагогика. - 1962. -№1.
13. Фарбер В.Г. Составитель. Логика и проблемы обучения / В.Г. Фарбер. –М., 1977. -216 с.
14. Шапорев С.Д. Дискретная математика / С.Д. Шапорев. -Санкт-Петербург, 2014. -396 с.
15. Шапорев С.Д. Математическая логика / С.Д. Шапорев. -Санкт-Петербург, 2014. -410 с.


## АСОСҲОИ МЕТОДИИ ТАЪЛИМИ БАЪЗЕ ФОРМУЛАҲОИ НАВИ БАРОБАРҚУВВА ВА ТАВТОЛОГӢ ОИД БА МАҶМУЪҲО

Шарти ҳаҷмнокӣ аз таърифи баробарии маҷмуъҳо $A = B$ ба воситаи зермаҷмуъҳои $A \subseteq B$ ва $B \subseteq A$ заминаи асосӣ мегирад. Мазмуни ин ҷумлаи шартӣ бо ҳамроҳии қонунҳои мантиқӣ, хусусан истифодаи формулаи $p \Rightarrow q \equiv \bar{p} \vee q$ барои исботи бисёр ҷумлаҳо, теоремаҳо ва тавтологияҳо оид ба муносибати байни маҷмуъҳо кумаки ҳарҷониба мерасонад. Дар мақолаи мазкур 12 теорема бо назардошти нозукиҳои мантиқию математикӣ бо тарзҳои гуногун исбот карда шуда, мисолҳои шоёни диққат тартиб дода шудаанд. Ҷой доштани методи исботҳои гуногун дар илм, хусусан дар мантиқи математикӣ ва илмҳои дақиқ устувории соҳаро дар ҳалли маъсалаҳои амалӣ нишон медиҳад ва имконияти инкишоф ва тараққиётро фароҳам меорад. Барои ҳамин ҳам олимон, тадқиқотчиён ва устодон бояд аз ҳар ҷумла, формула, ҳисобкунӣ, ҷадвал, график ва нақша ибрати илмӣ гирифта, дар кори таълиму тарбия, эҷодӣ ва амалии худ

татбиқ намоянд. Дарвоқеъ ақли солим, дониш, нигоҳдории саломатӣ, ҳифзи бехатарӣ, якдигарфаҳмӣ ва меҳнати самараноки муқаррарию техникӣ барои тараққиёти прогресси ҷамъиятию илмӣ шарт ва зарур аст.
**Калидвожаҳо:** воридшавӣ, зермаҷмуъ, шарти ҳаҷмнокӣ, методи индуктивӣ, фарқи симметрӣ, шакли якҷояшавии нормалӣ, шакли буриши нормалӣ, шакли дизъюнктивии нормалӣ, шакли конъюктивии нормалӣ, диаграммаи Венн, тавтология, муодилаи дифференсиалӣ, муодилаи характеристикӣ.

**МЕТОДИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ОБУЧЕНИЯ НЕКОТОРЫМ НОВЫМ РАВНОСИЛЬНЫМ И ТАВТОЛОГИЧЕСКИМ ФОРМУЛАМ НАД МНОЖЕСТВАМИ**

Принцип объёмности берёт своё начальное обоснование из равенства множеств $A = B$ в виде двух подмножеств $A \subseteq B$ и $B \subseteq A$. Содержание данного принципа вместе с логическими законами, особенно применение формулы $p \Longrightarrow q \equiv \bar{p} \lor q$, для доказательства многих теорем и тавтологических формул относительно связи между множествами, оказывает большую закономерную помощь. В работе, следуя этим высказываниям, разными методами доказаны 12 теорем с учётом тонких логических математических рассуждений, кроме того, составлены подходящие примеры. Существование различных методов доказательств в науке, особенно в математической логике, в точных науках, даёт уверенность в решении теоретических, практических задач, обеспечивает развитие любой области науки. Учёным, исследователям, преподавателям следует идти за каждым новым словом в науке, формулой, вычислением, чертежом, графиком, таблицей, брать пример и применять научное обоснование в своей учебно-воспитательной, теоретической и практической работе. Фактически, здравый смысл, знания, сохранение здоровья, безопасность, взаимопонимание и мирный результативный обычный и технический труд, необходимы для прогресса закономерного развития общества и науки.
**Ключевые слова:** включение, подмножество, условие объемности, индуктивный метод, симметричная разность, нормальная форма объединения, нормальная форма пересечения, нормальная дизъюнктивная форма, нормальная конъюнктивная форма, диаграмма Венна, тавтология, дифференциальное уравнение, характеристическое уравнение.

**METHODOLOGICAL FOUNDATIONS OF TEACHING SOME NEW EQUIVALENT AND TAUTOLOGICAL FORMULAS OVER SETS**

The principle of dimensionality takes its initial justification from the equality of the sets A = B in the form of two subsets A⊆B and B⊆A. The content of this principle, together with logical laws, especially the application of the formula $p \Longrightarrow q \equiv \bar{p} \lor q$ for proving many theorems and tautological formulas regarding the relationship between sets, provides great natural support. In the work, following these statements, 12 theorems were proved by different methods, taking into account subtle logical mathematical reasoning, in addition, suitable examples were compiled. The existence of various methods of proof in science, especially in mathematical logic, in the exact sciences, gives confidence in solving theoretical, practical problems and ensures development in any field of science. Scientists, researchers, teachers should follow every new word in science, formula, calculation, drawing, graph, table, take an example and apply scientific justification in their teaching and educational theoretical and practical work. In fact, common sense, knowledge, preservation of health, safety, mutual understanding and peaceful productive ordinary and technical labor are necessary for the progress of the natural development of society and science.
**Keywords:** inclusion, subset, volume condition, inductive method, symmetric difference, normal form of union, normal form of intersection, normal disjunctive form, normal conjunctive form, Venn diagram, tautology, differential equation, characteristic equation.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Собиров Абдусабур Шукурович*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои физикаю математика, дотсент. **Суроға:** 734025. Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон**:+992907388038.** E-mail: **abdusabur-sobi@mail.r**u

**Сведение об авторе***:* ***Собиров Абдусабур Шукурович*** - Таджикский национальный университет, кандидат физико-математических наук, доцент. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон:+**992907388038.** E-mail**: abdusabur-sobi@mail.ru**

**Information about the author:** ***Sobirov Abdusabur Shukurovich*** - Tajik National University, candidate of physical and mathematical sciences, associate professor. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue, 17. Phone: **+ 992907388038**. E-mail: **abdusabur-sobi@mail.ru**

**УДК:374.1.3**

# УСУЛҲОИ ИННОВАТСИОНИИ ТАЪЛИМИ ФАНҲОИ ИҚТИСОДӢ ҲАМЧУН ОМИЛИ МУАССИР ДАР ТАШАККУЛИ ДОНИШҲОИ ЗЕҲНИИ ДОНИШҶӮЁН

***Кассиров Ш.Н.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Муносибатҳои нави иқтисодӣ-иҷтимоӣ, ки дар ҷомеаи башарӣ рӯз аз рӯз инкишоф меёбанд, ба чунин сифатҳои шахсият ба монанди мустақилият, эътимод кардан ба соҳибкорӣ, ташаббускорӣ ва салоҳиятнокӣ, қобилият ва пешниҳоди афкори тоза, қабули қарорҳои босаводонаи иқтисодӣ, одат карда тавонистан ба тезтағйирёбии ҳаёти рӯзмарра, кушиши доимӣ ба маълумотгирӣ бетанаффус ва рушди донишҳои зеҳнӣ талаботи баландро тақозо мекунанд.Навсози (инноватсия)-и соҳаи маорифи кишвар бо назардошти тамоюлҳои мусбати рушди он дар ҷаҳон, инчунин ба ҳадафҳои стратегии таълим, ки асосан ба ташаккули инфраструктура ва фароҳам овардани шароит барои мутобиқати

бомуваффақияти насли наврас барои тағйири шароитҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ нигаронида шудааст, ба назар гирифта мешаванд [8, с.108].

Дар ин асно, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни Паёми хеш дар соли 2017 чунин қайд намуданд: “Мо бояд минбаъд низ доир ба ҳифзи манфиатҳои иқтисодии кишвар, истифодаи самараноку оқилонаи захираҳои мавҷуда ва дарёфти сарчашмаҳои нави рушди иқтисодӣ, баланд бардоштани қобилияти рақобати истеҳсолоти ватанӣ ва татбиқи технологияи инноватсионӣ кушиш намоем” [1, с.9].

Албатта, ба андешаи Пешвои миллат такя намуда, бояд қайд намуд, ки коркарди шаклҳо ва усулҳои нав ба вуҷуд овардани технологияҳои инноватсионии таълим, ҷорӣ намудани дастовардҳои прогресси илмӣ - техникӣ ва истифодаи усулҳо ва воситаҳои нави таълим ба болоравии раванди самаранокии таълим ва рушди донишҳои зеҳнӣ мусоидат намуда, дар ҳифзи манфиатҳои иқтисодии кишвар ва дарёфти сарчашмаҳои нави рушди иқтисодӣ, баланд бардоштани қобилияти рақобати истеҳсолоти ватанӣ ва татбиқи технологияи инноватсионӣ замина хоҳад гузошт.

Фаъолияти мақсаднок ба донистани воситаю амалҳои мутобиқ ба ҳадафҳои гузошташуда бурда мерасонад. Воситаҳои ин ё он фаъолият, ҳалли ин ё он вазифаҳои амалӣ, ки дар таҷриба кор карда шуда ва интихоб шудаанд, бо меъёрҳои муайян умумӣ кунонида шуда, қоидаи рафтор, ки бояд риоя карда шаванд, фаъолияти ҷавобгӯ ба ин талаботҳоро тақозо мекунанд. Ҷойи онҳоро дар сохтори раванди таълим чунин муайян кардан мумкин аст.

Расми 1 ***Сохтори раванди таълим:***




Ҳамчунин, мафҳуми таълим воситаи фаъолияти якҷояи муаллим ва донишҷӯён дар раванди таълим бояд фаҳмида шавад, ки бо ёрии он вазифаҳои муайян амалӣ карда мешаванд. Усулҳои таълим намудҳои фаъолияти муаллим ва хонандагонро муқаррар менамоянд [9, с.24].

Марбут ба ин масоил, роҳҳои фаъолгардонӣ ва рушди донишҳои зеҳниро дар хонандагону донишҷӯён М. И. Маҳмудов чунин нишон додааст:

«Тараққиётӣ таҷрибаи пешқадам ва умумигардонии он аз ошкор намудани қонуниятҳои берунаи фаъолгардонии раванди таълим дар системаи «Устод - шогирд» (бо ҳаёт алоқамандии вай, сохтори дарс, воситаҳои гуногуни истифодаи элементҳои он ва ғайра) ба вуҷуд омада, ба ошкоргардонии қонуниятҳои дохилии фаъолгардонии фаъолияти шинохтан ва аз худ кардан аз худи хонандагон вобастагӣ дошта, дар системаи «хонанда - маводи хониш» (корҳои мустақилона ва вазифаҳои шинохтани фаъолгардонии фаъолияти хонандагон, ки онҳоро ба кушодани чизҳои нав, донишҳои зеҳнӣ ҳидоят мекунад), ба мустақилона аз худ намудан, мустаҳкам кардан ва ба кор бурдани донишҳо равон месозад») [6, с.367].

Зери ин дидгоҳ, яъне бо ҳаёт алоқаманд намудани раванди таълим, сохтори дарс, воситаҳои гуногуни истифодаи элементҳои он ва ғайра метавон қайд намуд, ки ба навоварӣ (инноватсия) ё худ усулҳои инноватсионӣ такя намудан ва таълими проблемавӣ сохтан метавонад, фаъолнокӣ ва донишҳои зеҳниро ташаккул диҳад.

Таснифоти усулҳои фаъоли инноватсионӣ, ки зимни омӯзиши фанҳои иқтисодӣ таҳқиқ намуда, воситаи рушди зеҳнии донишҷӯён мегардад, дар нақша пешниҳод карда мешавад:

**Ҷадвали 1. Таснифоти усулҳои фаъоли инноватсионӣ**

| Усулҳои фаъоли таълим | | |
|---|---|---|
| Ғайритақлидӣ | Тақлидӣ | |
| | Ғайритавоногӣ | Таваккалӣ |
| 1. Омӯзиши мушкилотдошта<br>2. Машғулиятҳои амалӣ<br>3. Семинар<br>4. Баҳсҳои мавзӯӣ<br>5. Ба барномадарории таълим<br>6. Конфронси илмӣ-амалӣ<br>7. Машғулият дар истеҳсолот<br>8. Кори курсӣ<br>9. Таҷрибаи истеҳсолӣ<br>10. Лоиҳакашии дипломӣ | 1. Таҳлили ҳолатҳои мушаххас<br>2. Машқҳои тақлидӣ<br>3. Коркарди ҳуҷҷатгузорӣ<br>4. Амал аз рӯйи дастур | 1.Таваккали корӣ (амалӣ)<br>2.Нақшофарӣ<br>3.Лоиҳакашии таваккалӣ |

Метод ва усулҳо, ки ба баландбардории самаранокии раванди таълимро, ки дар системаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ мусоидат мекунанд, ба таври зерин таснифот кардан мумкин аст.

1. Усулҳои баҳсталаби ҷустуҷӯӣ, ки ба азхудкардани донишҳои аввалия равона карда шудаанд;

2. Усулҳои ҷустуҷӯии баҳсталаб, ки ба мукаммалгардонии донишҳои зеҳнӣ ва аз худ намудани маҳорату малака мусоидат, мекунанд. Ин усулҳо ба методҳои фаъоли таълим онҳоеро, ки ба мустақилона азхуднамудани донишҳо бедор шудаанд, фаъолияти шуурнокии онҳоро тез мегардонанд, тафаккури онҳоро ташаккул медиҳад, маҳорату малакаро тараққӣ медиҳад, дохил мешаванд.

Нишонаи фарқкунандаи ин усулҳо дар назди донишҷӯён гузоштани масъалаҳо (мушкилот)-е, ки ба он мустақилона ҷавоб ҷуста метавонанд, худи онҳо донишҳои навро барои он офарида метавонанд, «кашф карда метавонанд», ақидаҳои назариявиро ба вуҷуд меоранд:

- лексияи баҳсталаб аз мавзуи муқаррарӣ бо он фарқ мекунад, ки бо гузоштани масъалае, ки дар рафти баён намудани маводи таълимӣ лектор мантиқан ва пай дар пай роҳҳои ҳалли онро ҳал мекунад ё мекушояд;

- баҳси эвристикӣ дар назди муаллим як қатор масъалаҳоро мегузорад, ки афкор ва ҷавобҳои донишҷӯёнро ифода мекунад. Суҳбат аз умумикунонии санадҳо, тасвири зуҳурот, ҳодисаҳо, намоиши порчаҳои филмҳое, ки ҳолатҳои баҳсоварро нишон медиҳанд, ки онҳоро бояд ҳал намуд;

- баҳси таълимӣ - яке аз усулҳои таълими баҳсталаб буда, моҳияти вай дар он аст, ки муаллим ду нуктаи гуногуни бо ҳамдигар мухолифи назарро пешниҳод мекунад, ки ба як масъалаи умумӣ дахл доранд ва ба донишҷӯён пешниҳод менамояд, ки мавқеи худро интихоб ва асоснок намоянд;

- кори ҷустуҷӯии озмоишӣ низ аз ҷониби гурӯҳҳои гуногуни донишҷӯён иҷро намудани таҷрибаҳои ҳархела таҷрибаи коллективиро ғанӣ мегардонад, паҳлӯҳои назариявиро нисбатан асоснок ва боварибахш мегардонад;

- усули таҳқиқотӣ бо он хотима дода мешавад, ки донишҷӯён мустақилона таҳқиқоти омӯзиширо ба амал мебароранд ва бояд дар дарсҳо дар бораи натиҷаҳои он ҳисобот дода, бо ин мавод паҳлӯҳои назариявии фанро тасдиқ ва ё асоснок гардонанд, Таҳқиқотҳои омӯзишӣ метавонанд аз рӯйи иқтисодиёт (омӯзиш ва таҳлили ҳолати иқтисодиёт дар баъзе муассисаҳо) ва дигар фанҳои таълимӣ гузаронида шаванд.

И. Я. Лунер дар яке аз корҳои худ оид ба ин масъала чунин таъкид мекунад: “Усулҳои таълим ҳамзамон аз рӯйи се асос тақсим ва ҷудо карда мешавад, ки дар нақши онҳо хусусиятҳои хоси ҳадафҳои таълим ё намудҳои мазмун ва таълимгирӣ, хусусиятҳои воситаҳои онҳоро аз худ намудан, хусусиятҳои хоси фаъолият оид ба ташкил ва амалигардонии воситаҳои азхудкунии донишҳо баромад мекунад” [2, с.3].

Илми педагогика ва таҷрибаи он ба муаллим усулҳои бой ва методҳои зиёди таълимро пешниҳод мекунад. Фаъолияти эҷодкоронаи муаллим аз он иборат аст, ки бояд дар раванди таълим методҳоеро, ки ба таълими ҳадафҳои нисбатан беҳтар ноил мегарданд, боақлона ба кор барад. Ҳангоми интихоби усулҳои таълим лозим аст, ки ба ченакҳои коэффитсиентӣ беҳтарини амалҳои муфид, самаранокии онҳо пайравӣ карда, ташаккули саводнокии иқтисодиро ба миён гузошт.

Масъалаи ҳалли мушкилоти ташаккули саводнокии иқтисодии ҷавонон ба як қатор сабабҳои иҷтимоию иқтисодӣ марбут мебошад.

Якум, ислоҳоти системаи иқтисодиёт таҷдиди сохтори муносибатҳои иҷтимоию

иқтисодӣ, пайдоиши шумораи зиёди корхонаҳои хусусӣ, тиҷоратӣ ва ғайридавлатӣ ба ҳисоб мерафт.

Дуюм, дар натиҷаи ин мутахассисони соҳибихтисос ба талаботҳои зиёд ноил гардиданд;

Сеюм, ҳар як шахс, новобаста аз мансаб ва касб, бояд интихоби оқилона кунад ва бештар ба муносибатҳои бозор дохил шавад. Иштирокчиён дар ин муносибатҳо тамоман ба таври самаранок дониш ва малакаҳои иқтисодии худро бо омилҳои бузургтарини коммуналӣ татбиқ мекунанд, ки субъектҳои фаъолияти саводнокии иқтисодӣ доранд.

Сабабҳои номбаршуда, албатта, мушкилоти ташаккули саводнокии иқтисодии донишҷӯёнро ба миён меоранд. Талаботи иҷтимоии саводнокии иқтисодии мактаби миёна барои мутобиқати он ба ҳаёти мустақил дар иқтисодиёти бозор зарур аст. Равиши саводнокӣ универсалӣ буда, дар тамоми соҳаҳои ҳаёти инсонӣ меистад ва аз ин рӯ проблемаи ҷиддии бунёдии худро дар марҳилаи болоии таълим дар мактаби таҳсилоти миёна ва олии касбӣ намояндагӣ мекунад.

Мавқеи муосири таълими иқтисодӣ дар ташаккули саводнокии иқтисодии инсон хусусияти муҳтаво ва хулосаи муосири консепсияро дар назар дорад, муайян кардани шароитҳои ташаккулёбии он, муайян кардани меъёр ва нишондиҳандаҳои сатҳи саводнокиро талаб мекунад. Рафтори иқтисодӣ - хусусияти маориф, ки дар ҷараёни тамоми фаъолиятҳои таълимӣ ташкил карда шудааст. Мо ташаккул додани рушди зеҳнии донишҳои иқтисодии донишҷӯро ҳамчун ҳадаф ва натиҷаҳои самаранокии ин раванд, ки дар шароити муайян ва бо ёрии воситаҳои педагогикӣ таъсир мерасонад, дидем.

Таҳқиқоти вазъияти ташаккули донишҳои зеҳнии самти иқтисодии донишҷӯён дар амалияи муассисаҳои таълимии замонавӣ сатҳи нокифоягии таҳияи мушкилотро дар назар дошт. Донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ аз рӯйи сатҳи пасти дониши иқтисодӣ, ки дар давраи хатм баҳо медиҳанд, аксарияти донишҷӯён ҳанӯз дар сатҳи идеяи оддии ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ мемонанд.

Барои ҳалли ин мушкилот метавон, таълими интенсивиро ҳамчун усули инноватсионии таълим истифода кард.

Луғати забони русии С.И. Очилов вожаи "интенсивӣ"-ро ҳамчун "шиддатнокӣ", "тезонидан" маънидод мекунад. Мутобиқи ин тафсир таълими интенсивиро ҳамчун "таълим хусусияти шиддатнокии қувваҳои зеҳнию ақлонии хонандагон ва педагогро ҳангоми бадастдарории натиҷаҳои муайян ифода мекунад". Аммо дар ҳар сурат, таълим бо шиддатнокии қувваҳо, ҳам аз ҷониби таълимдиҳанда ва ҳам аз ҷониби таълимгиранда мегузарад.

Бо вуҷуди ин, сатҳи шиддатнокии нерӯҳои ақлонӣ чӣ гуна бояд бошад то ки раванди таълим ҳамчунин самаранок дида шавад?

Дар иқтисодиёт, ин мафҳум чунин шарҳ дода мешавад: «Интенсификатсия - ҷоннок намудани истеҳсолнокӣ, муассирӣ, тараққии истеҳсолот дар асоси воситаҳои нисбатан самаранок ва равандҳои технологӣ, истифодаи усулҳои пешқадами ташкили меҳнат мебошад». Дар тафовут аз навъи экстенсивӣ, навъи интенсивии болоравии иқтисодиёт, на аз ҳисоби зиёд намудани захираҳои истифодашаванда, балки аз ҳисоби боло бардоштани ҳосилнокии меҳнат, истифодаи фондҳои асосӣ, беҳтар сохтани истифодабарии ашёи хом ва мавод (омилҳои интенсивӣ) ба ҳисоб меравад. Ин нишондодро ба назар гирифта, мумкин аст, ки самаранокии меҳнатро ҳамчун «ҷоннок намудан, зиёд намуда, ҳам ба монанди самаранокӣ, инчунин баланд бардоштани муассирии онро низ ба таври умумӣ муайян намуд». Маънои истилоҳи «интенсификатсия», «интенсивнокӣ»-ро дар педагогика ва истеҳсолот муқоиса намуда, ба хулосае омадан мумкин аст, ки дар раванди педагогӣ ва ҳам дар истеҳсолот, яъне самаранокиро бо болоравии раванди истеҳсолнокӣ алоқаманд намудан лозим. Он гоҳ мафҳуми «таълими интенсивӣ»-ро ҳамчун «беҳтарин бояд дар нақшаи натиҷаҳои самараноки раванди таълим маънидод намуд» [2, с.4].

Ба мундариҷаи моҳияти мафҳум такя намуда, самаранокиро ҳамчун муносибати натиҷаи бадастоварда (самара), омили муассир ба хароҷотҳое, ки вақт ва захираҳои сарфашуда мебошанд, муайян мекунем.

Хароҷот ба самаранокии раванди таълим чӣ гуна мебошад? Якхелагии мустақим бо раванди иқтисодӣ ин ҷо буда, наметавонад, чунки баҳамомезиши ҷузъҳо, ки натиҷаи моҳияти иқтисодӣ ва педагогиро муайян мекунад, якхела нестанд.

Ҳамчунин, барои рушди тафаккури техникӣ, иқтисодӣ, маҳорати ташкилотчигӣ бояд, донишҷӯёнро доимо дар шароите нигоҳ дошт, ки ба онҳо имкони дар ин ё он соҳаи

фаъолияти касбӣ тамрин намудан шароит муҳайё бошад. Чунин мақоли чиниён аст: «Ба ман нақл кунед - ман фаромӯш мекунам. Ба ман нишон диҳед - ман ба хотир медорам. Маро ҷалб кунед - ман мефаҳмам». Маҳз бо ин мақсадҳо усулҳои фаъоли таълими инноватсионӣ ҳамчун маҳорати касбӣ ва малакаҳо омӯзонида мешаванд:

1. Таҳлили ҳолатҳои ногувори истеҳсолӣ. Дар кори мутахассис ҷойи бузургеро вазифаҳои хусусияти таҳлилдошта ишғол мекунанд. Маҳорати таҳлил кардан, ҳолати ногуворро дарк намудан ва дар асоси чунин таҳлил қабул намудани қарори дуруст - сифати ҷудонашавандаи ҳар як роҳбар мебошанд. Моҳияти ин усул дар он аст, ки ба донишҷӯён ким-кадом як ҳолати ногувор медиҳанд, ки дар он шароит ва амалиёти иштирокдорони он пешниҳод карда мешавад. Ба донишҷӯён пешниҳод мешавад, ки муайян намоянд, ки оё иштирокдорони ҳодиса дуруст амал намуданд, онҳоро бояд таҳлил намуда, фикру мулоҳизаҳои худро оид ба он баён намоянд, ин ҳолати ногувор дар шакли тасвири даҳонӣ, намоиши порчаи филм, иҷрои нақшҳо дар иҷрои донишҷӯён ба амал баровардa мешавад;

2. Ҳалли вазифаҳои ҳолатҳои ногувор. Ин усул барои дар хонандагон ташаккул додани маҳорати касбӣ истифода мегардад. Маводи асосии дидактикӣ вазифаи ҳолати ногувори додашуда ба ҳисоб меравад, ки дар худ шароити (тасвири ҳолати ногувор ва маълумоти микдоран хатарзо) ва масъалаи дар назди донишҷӯён гузошташударо дар бар мегирад. Дар асоси вазифаҳои таълимӣ вазифаҳои тахассусии умумӣ, яъне мувофиқи ҳамон соҳаи истеҳсолот, ки мутахассис кор мекунад ва вазифаҳое, ки бо талаботи меҳнатии вай ҷавобгӯ бошад, меистанд. Вазифаҳои ҳолатҳои ногувори тахассусӣ ин омилҳо шуда метавонанд:

а) дутарафа - дар давоми тамоми соли хониш гузошта мешавад,

б) маҷмуӣ - якчанд фанҳои таълимиро фаро мегирад, лекин ҳамзамон дар аснои иҷрои дарси амали муваффақшуда ё таҷрибаи омӯзишӣ, иҷро карда мешавад,

в) мақсаднокӣ - ба воситаи якчанд фанҳо гузаронида мешавад, аммо барои ба даст овардани мақсади мушаххас, барои анҷом додани раванди иҷрои вазифаҳои меҳнатӣ равона карда мешавад.

3. Бозиҳо оид ба тарбияи меҳнатӣ - бозиҳои таваккалии идоракунандаро дар бар мегирад, ки дар рафти онҳо иштирокчиён вазифаҳои ин ё он чеҳраи хизматиро, дар асоси таҳлили ҳолати додашуда иҷро мекунанд. Бозиҳо оид ба тарбияи меҳнатӣ, чун қоида, аз рӯйи фанҳои махсус гузаронида шуда, бисёртар хусусияти байнифаннӣ доранд. Дар бозӣ дар фосилаи начандон зиёди вақт якчанд вазифаҳои умумии истеҳсолӣ ҳал карда мешаванд.

4. Тақлиди фаъолияти касбӣ бо ёрии олоти тамринкунӣ. Қисми таркибии маҳорати касбии малака - амал мебошад, ки дар натиҷаи такрори бисёркарата он ғайриихтиёрӣ ба амал меояд. Дар барномаи кории олатҳои тамринкунӣ бояд вариантҳои гуногуни ҳолатҳои истеҳсолӣ гузошта шавад, то ки донишҷӯён ин ҳолатҳоро таҳлил намуда, ба хулосаи даркорӣ биоянд;

5. Иҷрои корҳои фардӣ дар раванди таҷрибаи истеҳсолӣ. Дар вақти таҷрибаи истеҳсолӣ ва технологӣ донишҷӯён аз рӯйи барномаи махсус кор мекунанд, ки мувофиқи он оид ба мавзӯъҳои алоҳидаи курс маводи иловагӣ гирдоварӣ карда мешавад.

Албатта, дар баробари самаранокии усулҳои таълими инноватсионӣ, ки ҳамчун омили муассир дар рушди донишҳои зеҳнии донишҷӯён таҳқиқ гардид, нуктаи дигареро қайд кардан зарур аст, ки педагогҳо - тадқиқотчиён (Ю. К. Бабанский, Д. Дгои, В. П. Беспалко, М. Н. Скопкин, И. П. Подласий ва дигарон) ба он қоиланд, ки самаранокии раванди таълимро танҳо бо методҳои классикӣ ва ё методҳои инноватсионӣ таъмин намудан мушкил аст. Алоқаи байни ҳамдигарии методҳои гуногун ҳатмӣ мебошад, яъне интегратсияи технологияҳои нав бо методҳои аллакай маълуми таълимӣ [2, с.11-22].

Дар иртибот ба ин, яъне интегратсияи технологияҳои нав назарияи академики АТТ М. Лутфуллозодаро бояд баён сохт. М. Лутфуллозода қайд мекунад, ки технология бо аз нав бавуҷудоварии натиҷаҳои зиёди худ фарқ мекунад, агар муаллим боистеъдод, таълимгирандагони боистеъдод, муассисаи таълимии бой... ва ғайра бошад. Аллакай одат шудааст, ки методика дар натиҷаи ҷамъбасти таҷриба ё ихтирооти воситаҳои навин пешниҳод шудани донишҳо ташаккул меёбад. Технология бошад, тарҳрезӣ шуда, дар асоси шароити аниқ ва нишондоди супоришҳо, вале на бо натиҷаҳои тахминӣ амалӣ мегардад [4, с.146].

Дар ин ҳолат раванди таҳқиқот маълум намуд, ки инноватор (навовар) акнун дар сатҳи арзиши супориш ба хусусиятҳои дақиқ ва механизмҳои муайяни ҷараён, ҳамчунин ба мисолҳо такя мекунад. Равандҳои маълум дар сифати пешбурди далелҳои формулавӣ амалан иҷро карда мешаванд, вале амсилаҳои ягонаи натиҷаҳо дар сифати манбаи нави далелҳо ва формулаҳо ҳисоб мешаванд.

Дар ин асно, истифодаи воситаҳои иттилоотӣ ва технологияи инноватсиониро ҳамчун воситаи рушди донишҳои зеҳнӣ дар муасиссаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ манзур намудем.

Хуллас, дар натиҷаи истифодаи усулҳои фаъоли таълим фаъолияти маърифатии донишҷӯён ташаккул ёфта, сатҳи донишашон баланд ва маҳорату малакаҳои онҳо ташаккул ва рушд карда, онҳо таҷрибаи аввалияи фаъолияти касбиро аз худ мекунанд.

**Муқарриз:** ***Мирзоев А.Р.*** **– д.и.п., профессори ДМТ**

## АДАБИЁТ


1. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии ҷумҳурӣ аз 22-юми декабри соли 2016.-Душанбе, 2017. С.9.
2. Бабанский Ю.К. Теоретическое значение основных направлений реформы общеобразовательной и профессиональной школы / Ю.К. Бабанский // Советская педагогика. - №10. - 1984.- С.11-22.
3. Лутфуллоев М. Дарс / М. Лутфуллоев - Душанбе, 1995.- 93 с.
4. Лутфуллоев М. Дидактикаи муосир / М. Лутфуллоев. – Душанбе, 2001. – 318 с.
5. Луфуллозода М. Андешаҳо перомуни салоҳиятҳо ва ташаккули онҳо / М.Луфуллозода, Ғ. Бобизода. – Душанбе, 2001. – 146 с.
6. Махмудов М.И. Проблемное обучение. Основные вопросы теории / М.И. Махмудов. – М.: Педагогика, 1975. – 368 с.
7. Коменский Я. А. «Великая дидактика» / Я. А. Коменский. - М.:Просвещение, 1988. – 240 с.
8. Раҳимов Х. Педагогика / Х. Раҳимов, А. Нуров - Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2007. С.108.
9. Саидов М.В. Педагогические основы составления и применения программированних конспектов лекций в высших учебных заведениях / М.В. Саидов, авторе. канд. пед. наук. – Душанбе, 2005. - 24 с
10. Шаталов В.Ф. Эксперимент продолжается / В.Ф. Шаталов. - М.: Педагогика, 1989. -156 с.
11. Шарипов Ф.Ф. Профессионально-иноязычная подготовка студентов экономических специальностей (английский язык). Учебное пособие (электронный образовательный ресурс) / Ф.Ф. Шарипов. - Душанбе, 2011.
12. Шарипов Ф.Ф. Системный подход к информатизации педагогического процесса в вузе - доминанта формирования профессиональных компетентностей студентов: Автореф…. дис. д-ра пед. наук / Ф.Ф. Шарипов. - Душанбе, 2013. - 45 с.
13. Шарифзода Файзулло. Интегрированное обучение: развитие мышления и целостность восприятия мира // Балтийский гуманитарный журнал. -2017. - Т.6. - № 3(20). – С. 317-321.
14. Шахматова, О. Н. Личностно-ориентированные технологии профессионального развития педагогов профессиональной школы : автореф. дис. ... канд. пед. наук / Шахматова О. Н. - Екатеринбург, 2000.
15. Шкутина Л. А. Современное управление качеством образования студентов / Л. А. Шкутина. - Киров: Изд-во Вят ГГУ, 2006. - 124 с. - Библиогр.: с. 116-122


## УСУЛҲОИ ИННОВАТСИОНИИ ТАЪЛИМИ ФАНҲОИ ИҚТИСОДӢ ҲАМЧУН ОМИЛИ МУАССИР ДАР ТАШАККУЛИ ДОНИШҲОИ ЗЕҲНИИ ДОНИШҶӮЁН


Дар мақолаи мазкур, усулҳои инноватсионии таълим вобаста ба инкишофи донишҳои зеҳнии донишҷӯён дар доираи фанҳои иқтисодӣ баррасӣ шудаанд. Муаллиф баён намудааст, ки коркарди шаклҳо ва усулҳои нав, ба вуҷуд овардани технологияҳои инноватсионии таълим, ҷорӣ намудани дастовардҳои прогресси илмӣ - техникӣ ва истифодаи усулҳо ва воситаҳои нави таълим ба болоравии самаранокии таълим ва рушди донишҳои зеҳнӣ мусоидат намуда, дар ҳифзи манфиатҳои иқтисодии кишвар ва дарёфти сарчашмаҳои нави рушди иқтисодӣ, баланд бардоштани қобилияти рақобати истеҳсолоти ватанӣ ва татбиқи технологияи инноватсионӣ замина хоҳад гузошт. Дар мақолаи мазкур қайд гардидааст, ки дар натиҷаи истифодаи усулҳои фаъоли таълим фаъолияти маърифатии донишҷӯён ташаккул ёфта, сатҳи донишашон баланд, маҳорату малакаи онҳо ташаккул ва рушд карда, онҳо, таҷрибаи аввалияи фаъолияти касбиро аз худ мекунанд. Мо истифодаи воситаҳои иттилоотӣ ва технологияи инноватсиониро ҳамчун воситаи рушди донишҳои зеҳнӣ дар муасиссаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ манзур намудем. Дар натиҷаи истифодаи усулҳои фаъоли таълим фаъолияти маърифатии донишҷӯён ташаккул ёфта, сатҳи донишашон баланд ва маҳорату малакаҳои онҳо ташаккул ва рушд карда, онҳо таҷрибаи аввалияи фаъолияти касбиро аз худ мекунанд.



**Калидвожаҳо:** усул, инноватсия, омил, таълим, муассир, инкишоф, зеҳн, фаъолият, омӯзгор, донишҷӯ, машғулият, раванд, самаранокӣ, технология, метод, шакл, маҳорат, интегратсия.


## ИННОВАЦИОННЫЕ МЕТОДЫ ОБУЧЕНИЯ ЭКОНОМИКЕ КАК ЭФФЕКТИВНЫЙ ФАКТОР В РАЗВИТИИ ИНТЕЛЛЕКТУАЛЬНЫХ ЗНАНИЙ СТУДЕНТОВ


В данной статье рассматриваются инновационные методы обучения, связанные с развитием интеллектуальных знаний учащихся в области экономики. Автор констатирует, что освоение новых форм и методов, создание инновационных технологий обучения, внедрение научно-технического прогресса и использование новых методов и средств обучения способствуют повышению эффективности образования и интеллектуального развития, защите экономики страны и его интересов, а также нахождения новых источников экономического развития, повышению конкурентоспособности отечественного производства и внедрению инновационных технологий. В статье отмечается, что в результате использования активных методов обучения формируется познавательная активность студентов, формируется и развивается их уровень знаний, навыков и умений, они приобретают начальный опыт профессиональной деятельности при использовании информационных средств и инновационных технологий как инструмента развития интеллектуальных знаний в среднем профессиональном образовании. В результате использования активных методов обучения формируется познавательная активность студентов, повышается их уровень знаний, формируются и развиваются их умения и навыки, они приобретают первоначальный опыт профессиональной деятельности.



**Ключевые слова:** метод, инновация, фактор, обучение, эффективное, развитие, интеллект, активность, учитель, ученик, занятие, процесс, эффективность, технология, метод, форма, умение, интеграция..

**INNOVATIVE METHODS OF LEARNING ECONOMY AS AN EFFECTIVE FACTOR IN THE DEVELOPMENT OF INTELLECTUAL KNOWLEDGE OF STUDENTS**

This article discusses innovative teaching methods associated with the development of intellectual knowledge of students in the field of economics. The author states that the development of new forms and methods, the creation of innovative teaching technologies, the introduction of scientific and technological progress and the use of new methods and means of teaching contribute to increasing the efficiency of education and intellectual development, protecting the country's economy and its interests, as well as finding new sources of economic development, increasing the competitiveness of domestic production and the introduction of innovative technologies. The article notes that as a result of the use of active teaching methods, the cognitive activity of students is formed, their level of knowledge, skills and abilities is formed and developed, they acquire the initial experience of professional activity using information tools and innovative technologies as a tool for the development of intellectual knowledge in secondary vocational education. As a result of the use of active teaching methods, the cognitive activity of students is formed, their level of knowledge rises, their skills and abilities are formed and developed, they acquire the initial experience of professional activity.

**Keywords:** method, innovation, factor, learning, effective, development, intelligence, activity, teacher, student, occupation, process, efficiency, technology, method, form, skill, integration.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Кассиров Шеравган Нуралиевич*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, аспиранти кафедраи умумидонишгоҳии педагогика. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии ТоҷикистоН, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ,17. Телефон**: (+992) 935 08 04 06**

**Сведение об авторе:** ***Кассиров Шеравган Нуралиевич*** – Таджикский национальный университет, аспирант общеуниверситетской кафедры педагогики. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки 17. Телефон: **(+992) 935 08 04 06**

**Information about the author:** ***Kassirov Sheravgan Nuralievich*** - Tajik National University, postgraduate student of the university department of pedagogy. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue 17. Phone**: (+992) 935 08 04 06**

**УДК:372.851**

# ИНКИШОФИ ФИКРРОНИИ МАНТИҚИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ ҲАНГОМИ ҲАЛ НАМУДАНИ МАСЪАЛАҲОИ МАТНӢ АЗ МАТЕМАТИКА

***Абдуллоев Д.А.***
**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ**

Дар инкишофи тафаккури мантиқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ҳал кардани масъалаҳои нисбатан мушкилтар нақши калон мебозад. Аслан то вақтҳои охир гумон мекарданд, ки ҳал кардани чунин масъалаҳо барои кӯдакон мушкил аст. Аммо тадқиқот ва таҷрибаҳо беасос будани чунин ақидаро рад намуданд. Ҳал намудани масъалаҳои матнӣ барои хонандагон муҳим буда, инкишофи фикрронии мантиқии онҳоро бедор сохта, хонандагонро ҳавасманд мегардонад. Хонандагонро одат кунондан даркор аст, ки масъаларо мантиқан фикр намоянд, баъдан таҳлил намуда, муҳокима ронанд. Масъалаҳои мантиқие, ки нисбатан шарти мураккабтар доранд ва ҳалли онҳо душвор аст, ба хонандагоне супорида мешаванд, ки маводҳои таълимиро хуб аз бар карда бошанд [10, с. 86].

Ҳалли чунин масъалаҳо барои мустаҳкам намудани дониши математикии хонандагон аҳамияти зиёд дорад. Ҳамин тариқ, ҳалли масъалаҳо боиси инкишофи фикррониии хонандагон мегардад. Дар раванди ҳалкунии масъалаҳо дар хонандагон маҳорат ва малакаи моделиронии объектҳо ва ҳодисаҳо ташаккул меёбад. Таълими математика дар мактаби ибтидоӣ, ки пештар аз машқ кардани малакаҳои ҳисобкунӣ, аз худ кардани қоидаҳои амалҳои арифметикӣ иборат буд, тафаккури кӯдаконро аз ҷиҳати мантиқию математикӣ инкишоф намедод. Масалан, дар барномаҳои синфҳои болоӣ барои таълими математикаи кунунӣ ба монанди назарияи эҳтимолият, ҳисоббарории математикӣ ва ғайра барномаҳои хаттӣ мавҷуд набуданд. Дар рушди ҳаматарафаи шахсият, ҳангоми ҳал намудани масъалаҳои матнӣ аз математика, аз худ намудани усулу воситаҳои фаъолияти фикрӣ, ташаккули маҳорат ва ҳангоми ҳал намудани масъалаҳои нав ва аз он истифода кардан нақши муассир дорад. Имрӯзҳо ба назар мерасад, ки рушди фикррониии мантиқии одамон дар соҳаҳои мухталиф, аз ҷумла дар истеҳсолот, мошинаҳои ҳисоббарории электронӣ ва кормандони тамоми соҳа талаб мекунанд, ки ҷараёни омӯхташавандаро ҷиддӣ таҳлил намоянд. Бинобар ин, тарбияи одат ба ҳар кори мантиқӣ зарурати амалӣ мебошад.

Фикри мантиқиро омӯзиши математика инкишоф медиҳад. Барои тафаккури математикии кӯдакон ба ҷузъҳо тақсим кардани рафти муҳокимаронӣ, пайдарҳамии мантиқӣ ва аз ифодаҳои рамзӣ истифода карда тавонистан хос мебошанд. Пеш аз оне ки хонандагон дилхоҳ масъалаҳои математикиро ҳал намоянд, онҳоро зарур аст, ки мантиқан фикр кунанд, ба шарти масъала дуруст диққат диҳанд, бузургиҳои дар шарти

масъала мавҷудбударо ёбанд ва масъаларо дуруст таҳлил карда тавонанд. Ёрии амали расонидан ба хонандагон, ривоҷ додани қобилияти онҳо, инкишоф додани ташаббус, мустақилият ва иқтидори онҳо яке аз масъалаҳои муҳимми мактаби муосир маҳсуб меёбад. Амалишавии масъалаҳои номбурда аз бисёр ҷиҳат аз ба қолаб даровардани шавқи дарккунии хонандагон вобастагии ногусастанӣ дорад. Дар инкишофи амалиёти хонандаи хурдсол нақши муҳимро ҳангоми ҳал намудани масъалаҳои математикӣ, фикр карда тавонистан мебозад. П.П. Блонский чунин қайд кардааст: «Фикркунӣ функсияест, ки инкишофи ниҳоят баланди он яке аз хусусиятҳои асосии хонандагони синни мактабӣ мебошад. Дар ҳискунӣ ва қобилиятҳои ҳофиза дар байни кӯдакони 6-7 сола ва ҷавони 17-18-сола мавҷуд нест, чуноне ки дар фикррونияшон мавҷуд мебошад».Тавассути фикррони равандҳои дарк намудани мантиқи масъалаҳо ташаккул меёбад. Бо инкишофи фикррони чунин ҳолати психологии ба синну соли хонандагон хос нақшаи амалиёт «дар шуур» ва рефлексия (маҳорати дида баромадан ва баҳодиҳии амалиёти худ) пайдо мешаванд. Математика барои инкишофи фикррونии хонандагон имконият медиҳад, дар ин ҷо вазифаи омӯзгор аз он иборат аст, ки аз ин имкониятҳои математикӣ ҳангоми таълими он пурра истифода барад. Лекин роҳу усул, барномаи ноил шудан ба мақсад мавҷуд нест. Донишҳои ибтидоии математикӣ аз тарафи кӯдакон дар шакли муайяни одаткардашудаи ба фаҳмиши онҳо мутобиқгардида, ки дар онҳо қисме мантиқан алоқаманд буда, яке натиҷаи дигараш мебошад, аз худ карда мешаванд [13, с. 18-21].

Ҳангоми бошуурона аз худ намудани донишҳои математикӣ хонандагон аз амалиёти асосии фикрронӣ, ки дастраси онҳост, истифода мебаранд. Бошуурона аз худ шудани донишҳои математикӣ фикррونии хонандагони хурдсолро инкишоф медиҳад. Мусаллаҳ будан ва истифода карда тавонистани амалиёти фикрӣ боиси хубтар аз худнамудани донишҳо мегардад. Амалиёти дигари фикрӣ, ки барои муайян намудани алоқаи байни ҷисм ва ё ҳодисаҳо истифода бурда мешавад, синтез номида мешавад. Ин амалиётҳоии фикрӣ байни ҳам алоқаманд мебошанд. Хонанда бо роҳбарии омӯзгор, пеш аз ҳама, мундариҷаи масъаларо ба додашудаҳои ададӣ ҷудо намуда, таҳлил менамояд ва шарту саволи онро муайян менамояд. Ҳангоми ҳал намудани масъалаҳои арифметикии таркибӣ лозим меояд, ки таҳлил ва синтези мураккабу нозук татбиқ карда шавад.

Таҳлили мундариҷаи масъалаи мураккаб, чун дар масъалаҳои сода аз ҷудокунии он ба додашудаҳои ададӣ ва шарту савол иборат аст. Дар мактаби ибтидоӣ ҳангоми таълими математика аз усули муқоиса низ истифода мебаранд. Муқоиса ба таҳлил ва синтез асос меёбад: ҳар як масъаларо ба қимсмҳои онро ташкилдиҳанда ҷудо намуда, баъд фикран қисмҳои якхелаи онро пайваст намуда, дар ин асно элементҳои якранги онро якҷоя намудан лозим аст. Дар ҳал намудани машқҳои математикӣ аз усули аналогия истифода бурданро низ омӯзгор бояд ба хонандагон фаҳмонад [8, с. 104].

Омӯзгор усулҳои гуногунро дар синфҳои ибтидоӣ тавре бояд татбиқ намояд, ки ба фаъолияти фикррونии хонандагон мусоидат намояд. Яке аз намудҳои фаъолияти омӯзишии таълим ҳалли масъалаҳо аст, ки дар раванди он хонандагон соҳиби донишҳои математикӣ мегарданд. Масъалаҳо маҷмуи донишҳоро ба тартиб меоранд, ба эҷодкорона фикр кардан рушди тафаккур ва зеҳн мусоидат мекунад. Методикаи омӯзиши ҳалли масъалаҳои матниро олимон Ю. М. Колягин, Д. Пойя, А. А. Столетов таҳқиқ намудаанд. Тадқиқоти психологӣ нишон медиҳанд, ки сабаби асосии такмил наёфтани маҳорат ва малака дар ҳалли масъалаҳои матнӣ дар он аст, ки хонандагон дониши асосиро дар бораи мафҳуми масъала надоранд ва масъаларо кӯр-кӯрона ҳал мекунанд. Мушкилиҳо хонандаро водор мекунанд, ки нисбати ҳалли масъалаҳо ба таври манфӣ муносибат кунанд. Бинобар ин, омӯзгорро зарур аст, ки худ доир ба сохти масъалаҳо, типҳо, шаклҳои он дониши мукамал дошта бошад ва донишҳои худро тавассути таҷрибаи андухтаи педагогӣ-методӣ дастраси шогирдони худ гардонад [4, с. 59].

Дар масъалаи матнӣ тасвири ягон ҳолат бо забони математикӣ оварда мешавад ва дар он талаб карда мешавад, ки компонентҳо миқдоран тавсиф карда шаванд, муносибатҳои байни онҳо муайян карда шаванд ва пайдарпайи ҳалли амалҳо нигоҳ дошта шавад. Тафаккури мантиқӣ, ки дар заминаи рамзӣ ташаккул ёфтааст, марҳилаи баландтарини рушди тафаккури кӯдакони хурдсолро ифода мекунад.

Бояд қайд кард, ки математика яке аз фанҳои таълимӣ мебошад, ки зери бори асосии ташаккули тафаккури мантиқӣ меистад ва аз ин рӯ хеле муҳим аст, ки ин инкишоф дар доираи таълимоти илмӣ то ҳадди имкон самаранок, аз ҷумла фаъолияти муваққатӣ, ки аҳамиятнокии ин омӯзишро муайян мекунад.

Дар раванди ҳал намудани масъалаҳо хонандагон донишҳои нави математикӣ гирифта, ба амалиёти амалӣ тайёр мешаванд. Масъалаҳалкунӣ боиси рушди тафаккури мантиқӣ кӯдакон мегардад ва ба рушди шахсияти кӯдакон низ таъсири калон мерасонад. Аз ин рӯ, ба омӯзгор зарур аст, ки доир ба масъалаҳои матнӣ маълумоти кофӣ дошта бошад ва як масъаларо бо якчанд усул ҳал намуда тавонад. Масъалаҳои матнӣ боз яке аз

воситаҳои муҳимми шинос намудани хонандагон бо муносибатҳои бо калимаҳои «чанд маротиба зиёд (кам)», «чӣ кадар зиёд (кам)» мебошад. Онҳо бо мақсади аниқ намудани мафҳуми ҳисса (масъалаҳо оид ба ёфтани ҳиссаи адад ва қимати адади ҷусташаванда аз рӯйи ҳиссааш) истифода бурда мешаванд. Масъалаҳои матнӣ дар ташаккулёбии мафҳумҳои геометрӣ ва дида баромадани ҷузъҳои алгебравӣ ёрӣ мерасонанд.

Агар мо хоҳем, ки дар хонандагон мафҳуми амали ҷамъро ташаккул диҳем, зарур аст, ки кӯдакон миқдори кифояи масъалаҳои содаро бо амали ҷамъ иҷро намоянд. Ҳамчун маводи мушаххас барои ташаккулдиҳии донишҳо, масъалаҳо имконият медиҳанд, ки назария бо амалия, омӯзиш бо ҳаёт пайваст гардад. Ҳалли масъалаҳо ба ҳар як фард малакаҳои барои ҳаёти ҳаррӯзааш зарурире ташаккул медиҳад. Мисол, ҳисоб намудани арзиши харид, ҳисоб намудани дар кадом вақт берун баромадан барои ба поезд дер намондан ва ғ. [3,с.12-14].

Ба воситаи ҳалли масъалаҳо кӯдакон бо масоили муҳимми даркkунӣ ва тарбиявӣ ошно мешаванд. Чунки мундариҷаи бисёр масъалаҳои дар синфҳои ибтидоӣ ҳалшаванда инъикосгари меҳнати кӯдакон ва калонсолон, комёбиҳои мамлакати худ дар соҳаи хоҷагии қишлоқ, техника, илм, санъат мебошанд.

Худи ҷараёни ҳал намудани масъала бо методикаи муайян боиси рушди фикррони хонандагон мегардад. Дар ҷараёни ҳалли масъалаҳои матнӣ аз амалиётҳои фикрии мантиқии таҳлил ва синтез, мушаххаскунонӣ ва абстракткунонӣ, муқоисакунӣ ва умумикунонӣ истифода бурдан лозим мешавад. Ҳамин тариқ, дар ҷараёни ҳал намудани масъала хонанда таҳлил гузаронида, савол ва шартро муайян мекунад, ададҳои додашудаи маълум ва номаълумро ҷудо менамояд ва ғайра.

Масъалаҳо дар таълими курси ибтидоии математика нақши муҳим мебозанд, онҳо воситаи муҳимми рушди фикррони мантиқии кӯдакон, маҳсуб мебошад, ки дар онҳо маҳорати гузаронидани таҳлил ва синтез, умумикунонӣ, абстраксиякунӣ ва мушаххаскунӣ, кушодани алоқаҳои байни ҳодисаҳои мавҷударо тарбия мекунанд [12, с. 98].

Ҳал намудани масъалаҳо, машқи инкишофдиҳандаи фикррони мебошанд. Ҳалли масъалаҳо боиси тарбияи пуртоқатӣ, устуворӣ, ирода, боиси бедоршавии шавқ ба худи раванди ҷӯстуҷӯи ҳал, ҳисси қаноатмандӣ аз ҳал намудани масъалаҳо мегардад.

Ҳалли масъалаҳо дар кӯдакон бисёр сифатҳои мусбии рафторро тарбия намуда, шавқи эстетикии онҳоро инкишоф медиҳад. Масъалаҳо ва ҳал намудани онҳо дар таълими кӯдакон вақти зиёдро мегиранд ва иҷроиши онҳо ба рушди тафаккури мантиқии онҳо мусоидат менамоянд. Мушкилоти рушди тафаккури мантиқӣ дар марҳилаи ҳозира вобаста ба гузариш ба Стандарти нави давлатии таълим, хеле мубрам аст. Стандартҳои насли дуюм анъанаҳои таълими ибтидоии математикиро дастгирӣ мекунанд, аммо талаботҳои гуногун ва афзалиятҳои гуногунро муқаррар мекунанд. Омили муайянкунандаи таъйинот, интихоб ва сохторбандии мундариҷа, шароити татбиқи он аҳамияти курси ибтидоии математика барои идомаи таҳсил дар маҷмӯъ ва алалхусус математика, инчунин имконияти истифодаи дониш ва малакаҳо ва ҳама гуна мушкилоти амалӣ ва маърифатӣ дар ҳалли масъалаҳо мебошад. Дар намуна гуфта мешавад, ки дар ҷараёни азхудкунӣ хонандагон бояд «асосҳои тафаккури мантиқӣ ва алгоритмӣ, сабт ва иҷрои алгоритмҳоро» аз худ кунанд. Маълум аст, ки танҳо кор бо алгоритмҳои тайёр барои амалиётҳои арифметикӣ, ҳалли эпизодии масъалаҳои мантиқӣ, ки одатан дар китобҳои дарсии математика пешниҳод карда мешаванд, барои ташаккули заминаи воқеии рушди тафаккури мантиқӣ кифоя нестанд. Мутаассифона, муаллим чун қоида, барои ташаккул ва рушди тафаккури мантиқӣ вазъият ба вуҷуд намеорад. Аз ин рӯ, хеле муҳим аст, ки шаклҳо ва усулҳои муосири таълими математика ба ташаккули қобилияти риояи дастурҳо, қоидаҳо, алгоритмҳо мусоидат кунанд.

Мо чунин мешуморем, ки шаклҳо ва усулҳои интихобкардаи мо барои рушди тафаккури мантиқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар дарсҳои математика қодиранд мустақилияти мантиқи тафаккурро инкишоф диҳанд, ки ба кӯдакон имкон медиҳад хулосаҳо бароранд, далелҳо ва изҳоротҳое пешниҳод кунанд, ки мантиқан дуруст буда бо якдигар алоқаманданд.

Хонандагон ҳангоми ҳалли масъалаҳо маънои ҳар як амал ва мавридҳои асосии татбиқи онро фаҳмида мегиранд. Дар вақти ҳалли масъалаҳо малакаҳои ҳисобкунии шифоҳӣ ва хаттии хонандагон мустаҳкам карда мешаванд, омӯзиши ҳал кардани масъалаҳо барои инкишофи фикррони мустақилонаи хонандагон ва барои дар онҳо тарбия намудани фаъолиятнокӣ ва ташаббускорӣ имкониятҳои васеъ фароҳам меоварад.

Тавассути фикррони равандҳои дарк намудани мантиқи масъалаҳо ташаккул

меёбад. Бо инкишофи фикрронӣ чунин ҳолати психологии ба синну соли хонандагон хос накшаи амалиёт «дар шуур» ва рефлексия (маҳорати дида баромадан ва баҳодиҳии амалиёти худ) пайдо мешаванд. Математика имкониятҳои воқеиро барои рушди фикрронии хонандагон фароҳам меорад, дар ин ҷо вазифаи омӯзгор аз он иборат аст, ки аз ин имкониятҳои математикӣ ҳангоми таълими он пурра истифода барад. Донишҳои ибтидоии математикӣ аз тарафи кӯдакон дар шакли муайяни одаткардашудаи ба фаҳмиши онҳо мутобиқгардида, ки дар онҳо қисме мантиқан алоқаманд буда яке натиҷаи дигараш мебошад, аз худ карда мешаванд [8, с. 95].

Дар масъалаҳалкунӣ марҳалаи аз ҳама мушкилтарин ва мураккабтарин ҷустуҷӯи ҳалли он мебошад. Вақте ки методи ҳал кардани масъалаи додашударо ёфтем, он гоҳ ҳамаи амалиёти дигар, ки аз иҷрои усулҳои маълум, санҷишу тадқиқ ва баёни ҷавоб иборатанд, нисбатан осон мешаванд ва мушкилот ба вуҷуд намеоваранд.

Мушкилот дар бораи он ки одам тарзи ҳал кардани масъалаи пешниҳодшударо чӣ тавр ҷустуҷӯ мекунад ва чӣ тавр онро меёбад, дар соҳаҳои гуногуни илм дар муддати садсолаҳо омӯхта мешавад. Дар натиҷаи кӯшишҳои зиёде назарияҳои мухталифи раванди ҷустуҷӯи методҳои масъалаҳои кунҷӣ ба вуҷуд оварда шудаанд. Вале, мутаассифона, онҳоро ҳамчун асос қабул кардан наметавон, зеро ҳар яке норасоиҳои муайяне дорад. Аммо ҳангоми ҳалли масъалаҳо яке аз онҳоро истифода мекунем [4, с. 86].

Чӣ хеле ки медонем, манбаи пайдоиши масъала вазъияти проблемавӣ мебошад. Бо ин мақсад воситаҳои зерини ҳалкунии масъала лозиманд:

1. Системаи умумӣ ва махсуси эвристикӣ ҷустуҷӯии ҳалли масъалаҳо, ки шахс дар раванди таълимгирӣ ва дар амалиёти масъалаҳалкунӣ аз худ намудааст. Қисмати зиёди схемаҳои эвристикиро худи одам дарк намекунад. Он танҳо ҷузъи ҳиссиётии амалиёти ӯро ташкил медиҳад.
2. Системаи донишу маҳорати назариявию амалии ҳамон соҳаи илм, аз ҷумлаи математика, ки дар доираи он масъалаи додашуда ҳал карда шуда, таркиби алгоритмҳои намудҳои гуногун барои ҳал кардани масъалаҳои муайян ва таҷрибаи шахсӣ ба ҳал кардани масъалаҳое, ки алгоритм надоранд, дохил мегарданд.
3. Системаи қоидаҳои мантиқии натиҷабарориҳо ва табдилдиҳиҳои муҳокимарониҳо. Ба системаи мазкур, аз ҷумла маҳорати таҳлилкунӣ, синтез намудан, ғайримушаххас кардан, ҷамъбасткунӣ ва монанди инҳо дохил мешаванд. Ба ҳамин система натиҷабарориҳо аз рӯйи аналогия ва индуксия, ки ба ҳақиқат наздик мебошад, низ дохил мегарданд. Ин системаҳоро мувофиқан компонентҳои эврестикӣ, хос ва мантиқи масъалаҳалкунӣ меноманд.

Қисми муҳимми таркибии бахши математикаи мактабҳои ибтидоӣ ва таҳсилоти миёнаи умумӣ (оид ба чор амал) масъалаҳо мебошанд. Ба воситаи масъалаҳо, асосан тамоми мазмуни математика ва мафҳумҳои он омӯхта мешаванд.

Хонандагон ҳангоми ҳал кардани масъалаҳо маънои ҳар як амал ва мавридҳои асосии татбиқи онро фаҳмида мегиранд. Дар вақти масъалаҳалкунӣ малакаҳои ҳисобкуниҳои даҳонӣ ва хаттии хонандагон мустаҳкам карда мешаванд, омӯзиши ҳал кардани масъалаҳо барои инкишофи фикрронии мустақилонаи хонандагон ва барои дар онҳо тарбия намудани фаъолиятнокӣ ва ташаббускорӣ имкониятҳои васеъ фароҳам меоварад.

Аз ин рӯ, истифодаи масъалаҳои матнӣ дар синфҳои ибтидоӣ аз ин шаклу усулҳои ташаккули тафаккури мантиқӣ дар дарсҳои математика на танҳо матлуб, балки ҳатто унсури зарурии таълими математика мебошад.

Бо ҳамин тариқ, дар дарсҳои математикаи синфҳои ибтидоӣ бештар масъалаҳои матнӣ истифода бурдан лозим аст, чунки ҳал намудани онҳо боиси рушди тафаккури мантиқии хонандагон мегардад.

**Муқарриз:*Мирзоев А.Р.* – д.и.п., профессори ДМТ**

**АДАБИЁТ**


1. Аргинская И.И. Обучаем по системе Л.В. Занкова: Книга для учителя / И.И. Аргинская. - М.: Просвещение, 1991.
2. Блонский П.П. Избранные педагогические и психологические сочинения / П.П. Блонский. – М., 1979.
3. Волкова С.И., Столярова Н.Н. Развитие познавательных способностей детей на уроках математики//Начальная школа, 1990. - №7. -С.35-41.
4. Глейзер Г.И. История математики в школе: Пособие для учителя / Г.И. Глейзер. – М.: Просвещение, 1981.
5. Занков Л. В. Новое в обучение арифметике в 1 классе / Л. В. Занков. - М.: Просвещение, 1964.
6. Леушина А. М. Ташаккули оддитарин тасаввуроти математикӣ дар кӯдакони синни томактабӣ / А. М. Леушина. – Душанбе: Маориф, 1980.
7. Зак А.З. 600 игровых задач для развития логического мышления детей / А.З. Зак. – Ярославль: Академия развития, 1998. – 192с.
8. Иванова Е.В. Развитие логического мышления на уроках математики / Е.В.Иванова // Начальная школа плюс до и после. – 2006. – №6. – С.59 – 60.
9. Керова Г.В. Нестандартные задачи по математике 1 – 4 классы / Г.В. Керова. - Москва: ВАКО, 2008. – 237с.

10. Конева С.А. Как развивать познавательные способности детей на уроках математики / С.А. Конева // Начальная школа плюс до и после. – 2006. – №10. – С.36 – 40.
11. Липина И. Развитие логического мышления на уроках математики / И. Липина // Начальная школа. – 1999. – № 8. – С. 37 – 39.
12. Логика. 1 класс. Занимательные материалы для развития логического мышления / Сост. О.Ю. Нежинская. – Волгоград: Учитель – АСТ, 2004. – 96 с.
13. Максимова Т.Н. Интеллектуальный марафон: 1 – 4 классы / Т.Н. Максимова. – М.: ВАКО, 2009. – 208с.
14. Белошистая А.В. Задания для развития логического мышления 1 класс / А.В.Белошистая, В.В. Левитес. - М.: Дрофа», 2008.

## ИНКИШОФИ ФИКРРОНИИ МАНТИҚИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ ҲАНГОМИ ҲАЛ НАМУДАНИ МАСЪАЛАҲОИ МАТНӢ АЗ МАТЕМАТИКА

Дар мақолаи мазкур муаллиф кӯшиш намудааст, ки масъалаи инкишофи тафаккури мантиқии хонандагони синфҳои ибтидоиро ҳангоми ҳалли масъалаҳои математикӣ баррасӣ намояд. Ҳалли чунин масъалаҳо барои хонандагони синфҳои ибтидоӣ аҳамияти зиёд дорад. Инкишофи ҳаматарафаи шахсият, алалхусус, насли наврас, дар ҷомеаи муосир шарти зарурӣ ба шумор меравад. Дар раванди ҳалли масъалаҳо дар хонандагон маҳорат ва малакаи моделиронии объектҳо ва ҳодисаҳо ташаккул меёбад. Дар инкишофи тафаккури мантиқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ҳал кардани масъалаҳои нисбатан мушкилтар нақши калон мебозад. Аслан то вақтҳои охир гумон мекарданд, ки ҳал кардани чунин масъалаҳо барои кӯдакон мушкил аст. Аммо тадқиқот ва таҷрибаҳо беасос будани чунин ақидаро рад намуданд. Ҳал намудани масъалаҳои матнӣ барои хонандагон муҳим буда, инкишофи фикрронии мантиқии онҳоро бедор сохта, хонандагонро ҳавасманд мегардонад. Имрӯзҳо ба назар мерасад, ки рушди фикрронии мантиқии одамон дар соҳаҳои мухталиф, аз ҷумла дар истеҳсолот, мошинаҳои ҳисоббарории электронӣ ва кормандони тамоми соҳа талаб мекунанд, ки ҷараёни омӯхташавандаро ҷиддӣ таҳлил намоянд. Бинобар ин, тарбияи одат ба ҳар кори мантиқӣ зарурати амалӣ мебошад.

**Калидвожаҳо:** мантиқ, инкишоф, тафаккур, таълим, фикрронӣ, анализ, синтез, муқоисакунонӣ.

## РАЗВИТИЕ ЛОГИЧЕСКОГО МЫШЛЕНИЯ МЛАДШИХ ШКОЛЬНИКОВ ПРИ РЕШЕНИИ ТЕКСТОВЫХ ЗАДАЧ ПО МАТЕМАТИКЕ

В данной статье автор пытается рассмотреть развитие логического мышления учащихся начальных классов при решении математических задач. Решение таких вопросов важно для учащихся начальных классов. Всестороннее развитие личности, особенно подрастающего поколения, является обязательным условием современного общества. В процессе решения задач у учащихся формируются умения и навыки моделирования объектов и явлений. Решение более сложных задач играет важную роль в развитии логического мышления у младших школьников. До недавнего времени считалось, что такие вопросы детям трудно решить. Однако исследования и эксперименты опровергли это утверждение. Решение текстовых задач важно для учащихся, стимулируя развитие их логического мышления и мотивируя учащихся. В настоящее время представляется, что развитие логического мышления людей в различных областях, включая производство, компьютеры и работников в целом, требует серьезного анализа изучаемого процесса. Поэтому выработка привычки является практической необходимостью любой логической работы.

**Ключевые слова:** логика, развитие, мышление, обучение, мышление, анализ, синтез, сравнение.

## DEVELOPMENT OF LOGICAL THINKING OF YOUNGER SCHOOL CHILDREN WHEN SOLVING TEXT PROBLEMS IN MATHEMATICS

In this article, the author tries to consider the development of logical thinking of primary school students when solving mathematical problems. Addressing such issues is important for primary school students. All-round development of the personality, especially of the younger generation, is a prerequisite for modern society. In the process of solving problems, students develop the skills and abilities of modeling objects and phenomena. Solving more complex problems plays an important role in the development of logical thinking in younger students. Until recently, it was believed that such issues are difficult for children to solve. However, research and experimentation refuted this claim. Solving word problems is important for students, stimulating the development of their logical thinking and motivating students. At present, it seems that the development of the logical thinking of people in various fields, including production, computers and workers in general, requires a serious analysis of the process under study. Therefore, developing a habit is a practical necessity of any logical work.

**Key words:** logic, development, thinking, teaching, thinking, analysis, synthesis, comparison.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Абдуллоев Диловар*** **-** Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, ассистенти кафедраи таҳсилоти ибтидоии факултети омӯзгорӣ ва фарҳанг. **Суроға:** 734065,Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров, 16. Телефон: **918 17 2559**

**Сведение об авторе:** ***Абдуллоев Диловар*** - Кулябский государственный университет имени Абуабдуллоха Рудаки, ассистент кафедры начального образования факультета педагогики и культуры. **Адрес:** 734065, Республика Таджикистан, город Куляб, улица С. Сафаров 16.Телефон: **918 17 2559**

**Information about the author:** ***Abdulloev Dilovar*** - Kulob State University named after Abuabdulloh Rudaki, assistant of the Primary Education Department of the Faculty of Pedagogy and Culture. **Address:** 734065, Republic of Tajikistan, Kulyab city, S. Safarov street 16. Phone: **918 17 2559**

УДК:372.34.1

# ЗАМИНАҲОИ АСОСИИ ТАЙЁРИИ МАКТАББАЧАГОНИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ АСОСӢ ДАР РӮҲИЯИ ХЕШТАНШИНОСӢ ТАВАССУТИ ОМӮЗИШИ ОСОРИ МУТАФАККИРОН

*Ёрматов А.Ҷ., Мирзоев А. Р.*
**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ,**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар Стандарти давлатии муассисаҳои таҳсилоти асосӣ омадааст, ки муаллимони муассисаҳои таҳсилоти асосӣ вазифадоранд, ки мактаббачагонро бо назардошти вижагиҳои фанҳои тадрисшаванда таълим ва тарбия диҳанд; ба ташаккули фарҳанги умумии шахсият ва азхудкунии барномаҳои таълимӣ мусоидат намоянд; аз роҳ, усулҳо ва воситаҳои гуногуни таълим истифода баранд; сатҳи омодагии мактаббачагонро ба талаботи стандарти давлатии таҳсилот таъмин намоянд.

Ҳангоми таҳлили нақшаи таълимии давлатии муассисаҳои таҳсилоти асосӣ, инчунин, барномаҳои таълимӣ самтҳои зерин муайян карда шуданд:

–ниёзмандӣ ба тарбияи хештаншиносию худогоҳи миллӣ ҳамчун заминаи асосии ташаккули шахсияти мактаббачагон;

–аз самара ва сифати таҳсилот қаноатмандӣ ҳосил намудани мактаббачагони муассисаҳои таҳсилоти асосӣ, ки ба талаботи давру замон ҷавобгӯ аст (мутобиқ ба Стандарти давлатии муассисаҳои таҳсилоти асосӣ);

–зуҳуроти рушди инфиродӣ ва ташаккули ҷаҳони маънавии мактаббачагон;

–таъмини талаботи ҳаматарафаи муассисаҳои таълимӣ, оила ва ҷомеа;

Аз мутолиа, баррасӣ ва ба роҳбарӣ гирифтани ҳуҷҷатҳои меъёрӣ оид ба таълим ва тарбияи мактаббачагони муассисаҳои таҳсилоти асосӣ бармеояд, ки имконият ва василаҳои дар рӯҳияи хештаншиносию худогоҳии миллӣ ба самар расонидани онҳо хеле зиёд аст. Маврид ба зикр аст, ки бо вуҷуди қариб дар осори ҳамаи адибону мутаффакирон корбандӣ гардидани мавзӯи хештаншиносию худогоҳии миллӣ, ки шарҳу эзоҳ ва ҷамъбасту хулосабарории он ба метод ва усули корбарии омӯзгорон вобаста аст, дар барномаи таълимӣ доир ба таълими он соати алоҳида ҷудо нашудааст. Аз диди мо, шояд сабаб дар ҳамин бошад, ки ба масъалаи хештаншиносии мактаббачагон аз ҷониби омӯзгорони фанҳои таълимӣ чандон диққати ҷиддӣ дода намешавад.

Таълими самараноки дар рӯҳияи хештаншиносӣ тарбия намудани мактаббачагони муассисаҳои таҳсилоти асосиро дар алоқамандии кулли фанҳои таълимӣ таҳрезию корбаст намудан мумкин аст, хосатан, дар таълими фанҳои забони тоҷикӣ (дар синфҳои ибтидоӣ), таърихи Тоҷикистон,ҷуғрофия, адабиёти тоҷик ва, умуман, кулли фанҳоитаълимӣ .

Аз рӯи мушоҳида ва андешаи мо, дар ин раванд истифодаи шакл ва усулҳои фаъоли таълим мавқеи хосро ишғол мекунанд: ба роҳ мондани шабҳои саволу ҷавоб, баҳсу мунозираҳои адабӣ-бадеӣ, мубоҳисаҳо дар атрофи мавзӯъҳои марбут ба хештаншиносию худогоҳии миллӣ, ба роҳ мондани иншоҳо вобаста ба мавзӯи мазкур, гузаронидани озмунҳо, конфронсҳои адабӣ, баргузории вохӯриҳо бо олимону пирони рӯзгордида, ходимони давлатӣ-ҷамъиятӣ ва даъвати онҳо ба муассисаи таҳсилоти асосӣ.

Таҳлили санадҳои меъёрии стандарти давлатии нақшаҳои таълимӣ ва барномаҳои корӣ ва натиҷаҳои пурсиши мактаббачагони муассисаҳои таҳсилоти асосии дар шаҳр ва деҳот таҳсилкунанда, имкон доданд ба хулосае оем, ки тарбияи хештаншиносӣ ҷузъи таркибии ташаккули шахсият ва, умуман, тарбияи инсони комил буда, барои тайёр кардани ворисони сазовори давр, ки рушду пешрафти ҷомеаи навинамон ба онҳо сахт марбут аст, нақши муҳим мебозад. Ҳамин минвол, тадбиқи ин ҷараён имконият медиҳад, ки ҳангоми омода сохтани мактаббачагони муассисаҳои таҳсилоти асосӣ ба тарбияи хештаншиносӣ фароҳам оварда шавад:

–шароит ва имкониятҳои мусоид марбут ба таълиму тарбияи хештаншиносӣ;

–дониши қаноаткунанда доир ба таърих, анъана ва тамаддуни гузаштаву муосири тоҷик;

–тавассути анъанаҳо ва арзишҳои миллии халқи тоҷик тарбия намудани мактаббачагон;

–тарбияи мақсаднок дар раванди таълими мавзӯъҳои марбут ба хештаншиносии миллибуда;

–ташаккули тарбияи хештаншиносӣ дар заминаи омӯхтан, дониш андӯхтан, ки бо ҳамбастагии самарабахши дониш ва малака дар намудҳои гуногуни тарбия имконпазир аст;

–истифодаи маҳорати педагогӣ ҳамчун асос барои ба даст овардани дониш ва малакаҳои хештаншиносӣ;

–дар раванди таълим ба тарбияи хештаншиносии мактаббачагон равона кардани диққати ҷиддӣ;

Аз лиҳози рушду ташаккули хештаншиносии мактаббачагон дар ҷараёни таълим омӯзиши мунтазами онҳо дар заминаи тамаддуни фарҳангиву педагогӣ зарур аст.

Хештаншиносӣ ва ҷузъҳои асосии он (омӯхтани илму дониш, ватандӯстию ватанпарварӣ, дӯстӣ ва эҳтироми байни миллату халқиятҳо, накукорию некӣ кардан, росткорӣ, ростқвлӣ, хоксорию фурӯтанӣ, дур будан аз фитнаангезию дасисабозӣ, макру ҳиял, мардумозорӣ, хасисӣ, бухсу кина, шуҳрапуштию мардумозорӣ ва амсол ба инҳо) буд, ки халқимотавонистфарҳанг, маънавиёт, забон ва чеҳраи аслии худро аз умқи асрҳо то ба имрӯз нигоҳ дошта тавонад. Бо гузашти ҳазорсолаҳо баъди аз байн рафтани давлати Сомониён бо таъсис ёфтани давлати нави тоҷикон дар солҳои аввали асри бист ин падида зуҳур кард. Дар охир ин солҳои шӯравӣ ин падида хоси ҷомеаи мо шуда буд, вале танҳо Истиқлолияти давлатӣ шароити таърихӣ ба вуҷуд овард, ки ғояихештаншиносиимиллӣ ба сатҳисиёсатидавлатӣ баровварда шавад. Ғояи хештаншиносӣ наслҳои наврасро водор месозад, ки чеҳраи миллӣ, расму русум ва одобу фарҳанги халқи худро ба таври шоиста ба оламиён муаррифӣ намуда тавонанд.

«Афроде, ки аз сарнавишти миллат, таърихи гузаштаи сарзамин ва марзу буми аҷдодӣ, мероси бойи фарҳангӣ ва расму оини ниёгон, дастовардҳои бузург ва шахсиятҳои оламшумули қавму қабоили хеш огоҳӣ надоранд, ҳеҷ гоҳ, инсони комил ва фарзанди баруманди замони худ шуда наметавонанд»–таъкид намудаанд маорифпарвари асил, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон. [14,с.8 ]

Адибону шоирон ва мутафаккирону бузургони миллатамон тавонистанд, ки дар тӯли асрҳо бо ҳарроҳу восита ҳувияти миллиро тарғиб ва хештаншиносиро ташфиқ намоянд ва дар тарбияи ахлоқии мардум, бавижа, наслҳои наврас нақши ниҳоят муҳим бозанд. Тарғибу ташфиқи ғояи миллӣ дар он он асрҳои тираву тор ва ҳукмронии реаксионерони дин, ки дини исломро ҳамчун яроқи идеологӣ истифода менамуданд, коре буд басо сангин, зеро хештаншиносӣ аз давлатдории миллӣ сарчашма мегирад ва дар оғӯши он нуму мекунад ва мо, тӯли асрҳои зиёде аз ин неъмати бебаҳо бенасиб будем. Ба ҳамаи ин нобаробарию душвориҳо нигоҳ накарда, мутафаккирони тоҷику форс дар тарбияи насли наврас, бавижа, тарбияи хештаншиносиӣ тавассути осори гаронбаҳои худ мақоми махсус касб карда омадаанд. Асосгузори адабиёти тоҷику форс Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ба масъалаи мазкур тавассути осори пурқимати хеш саҳми муносиб гузоштааст. Дар осори ин мутафаккири бузург масъалаи ба роҳи рост ҳидоят намудани наслҳои наврас ва тарғиби хислатҳои ҳамида мавқеи калонро ишғол менамояд. Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ бар ақидаест, ки шахси комилу солимақл дорои чаҳор унсури тарбия, ки онҳо шаҳодати хештаншиносии ҳар як фард маҳсуб мешаванд, бошад, аз худ огоҳу хештаншинос буда метавонад ва ба ин маънӣ овардааст:

*Чаҳор чиз мар-озодаро зи ғам бих(в)арад,*
*Тани дурусту хӯи неку номи неку хирад.*
*Ҳар он кас, ки ин чаҳор чиз рӯзӣ кард,*
*Сазад, ки шод зияду ғам нах(в)арад. [1,с.105]*

Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ чун мутафаккири давр бар он аст, ки шахс он гоҳ аз худ огоҳу хештаншинос шуда метавонад, ки ӯ соҳибфазлу соҳибилм, хирадманду закӣ ва хоксору фурӯтан бошад ва аз ҳаводиси рӯзгор хулоса баровварда, беҳтарин ҷиҳатҳои онро дар рӯзгор крбаст карда тавонад. Ҳамчунин, мутафаккири бузург таъсири муҳитро яке аз омилҳои таъсиррасон ба ҳаёти инсон дониста, онро сарчашмаи муҳими тарбия ва омили марказии инкишофи ҷаҳони маънавии ҳар як фарди солимақл меҳисобад. Аз диди ӯ, муҳити атроф ва ҳаёти рӯзмарра омӯзонандаи зиндагии ҳар як фард маҳсуб ёфта, ба ҳайси муаллиму мураббӣ нақш мебозад ва ишора бар он дорад, ки он чи ки ҳаёт ба одамӣ меомӯзонад, ҳеҷ як фард ва ҳеҷ як мураббию муаллим омӯзонида наметавонад ва рӯзгор худ муаллимест дар ростои тарбияи хештаншиносӣ:

*Ҳар кӣ н-омӯхт аз гузашти рӯзгор,*
*Низ н-омӯзад зи ҳеҷ омӯзгор. [1,с.430]*

Аз нуқтаи назари Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ бадкору бадкеш ва бадхоҳи мардум ҳеҷ гоҳ рӯзи хуб намебинад ва ба мақсади хеш низ намерасад, зуд ё дер назди мардум залилу сапаст мегардад.Шоири падомӯз кулли инсониятро ба некӣ кардану накукор будан, ки яке аз омилҳои хештаншиносист, даъват менамояд:

Чӣ хуш гуфт он мард ба он хадеш:
Макун бад ба кас, гар нахоҳӣ ба хеш. [1,с.350]

Ба дармондагону мухтоҷон некӣ кардан ва дасти ёрӣ дароз намудан ба онҳо яке аз сифатҳои нек ва камоли мардӣ аст. Шоирон, адибон ва мутафаккирони ниёгони мо аз Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ сар карда, то адибони ҷомеаи кунунӣ некӣ ва накукорӣ, некону неккоронро васфуараннум намуда, ин амали онҳоро рафтори беҳтарини ҷавонмардӣ шумоидаанд. Ба ақидаи ин бузургон агар касе ба душворӣ ва мушкилие гирифтор

гардад, бояд дигарон ба имдодаш расанд ва агар дар беҳбуд сохтан ва ба равади муътадил овардани вазъи ӯ саъй намоянд, беҳтарин амали инсонӣ дониста мешавад. Ба ин маънӣ шоири достонсарои асри х Фирдавсии бузург фармудааст:

*Бикӯшеду хубӣ ба кор оваред,*
*Чу дидед сармо, баҳор оваред!*

Ё дар ҷои дигар шоир донишандӯзиро, ки асоси хештаншиносист, васфнамуда, хонандаи худро ба омӯхтану азбар намудани дониш ва касбу хунаре даъват намудааст:

*Ба дониш бувад мардро эминӣ,*
*Бубандад зи бад дасти аҳриманӣ.*
*Маёсой аз омӯхтан як замон!*
*Зи дониш маяфкан дил андар гумон!*

Масъалаи дигаре, ки муҷиби хештаншиносии мактаббачагон дониста шудааст, дӯстии байни миллату халқиятҳои гуногун аст. Ҳанӯз зиёда аз 600 сол қабл ҷаҳонгардии донишманд Муслиҳиддин Саъдии Шерозӣ қудрати дӯстӣ ва иттиҳоду ҳамдилӣ ва ҳамрайии халқҳоро ҷонибдорӣ намуда, нигошта буд:

*Бани одам аъзои якдигаранд.*
*Ки дар офариниш зи як гавҳаранд.*
*Чу узве ба дард оварад рӯзгор,*
*Дигар узвҳоро намонад қарор. [9,с.179]*

Рукни дигари хештаншиносӣ сабру суббот аст. Дар урфият сабрро расидан ба мақсад мегӯянд. Дар ҳақиқат дар рӯҳияи сабру таҳаммул тарбия намудани мактаббачагон яке аз арзишҳои хештаншиносӣ дониста шудааст. Аз ин боис, муаллимро зарур аст, ба ин масъала диққати ҷиддӣ диҳад ва худ барои мактаббачагон намунаи ибрат бошад. Мактаббачагонро тарзе бояд омӯхт, ки онҳо тавассути ақлу ҳуш ва дарку фаросат ба ин маънӣ сарфаҳм раванд ва дар оянда, дар ҳаёт онро рӯи кор оварда, амалӣ карда тавонанд. Албатта, сабру суббот ва андешаи солим касро ба мақсад мерасонад, қимати онро меафзояд, ҳарчанд ки аз сабр ком ширин кардан сахт асту тоқати зиёдро талабгор.

Ҳусайн Воизи Кошифӣ ҳикояте дорад:

Овардаанд, ки рӯзе аз умаро пеши подшоҳе истода буд. Қазоро каждуме дар пироҳани ӯ афтода буд ва ҳар лаҳза неш мезад. Аммо амир сабр мекард ва ба посуххҳои подшоҳ ҷавоб медод. Суҳбат ба охир расид, амир хона рафт ва каждумро гирифта партофт. Ин воқеаро ба подшоҳ гуфтанд, ӯ хеле мутааҷҷиб ва мутаҳайир гашт. Рӯзи дигар, ки амир ба мулозимати султон омад, фармуд, ки дафъи зарар аз нафс воҷиб аст. Ту чаро дирӯз озори ақраброаз худ мундафеъ насохтӣ?

Ҷавоб дод:

–Ман он наям, ки шарафи муколамаи чун ту подшоҳеро ба сабаби алами заҳри каждуме қатъ кунам ва агар имрӯз дар маҷлиси базм бар неши каждуме сабр натавонам кард, фардо дар маъракаи разм ба теғи заҳробдодаи душман чӣ гуна сабр тавонам кард?

–Подшоҳро ин сухан хуш омад ва мартабаи ӯро баланд гардонид ва бад-ин миқдор сабр, ки кард ба мурoду мақсад расид.

Мактаббача бояд чунон тарбия ёбад, ки дар иҷрои корҳо, анҷоми вазифаҳои гуногун ба шитобкорию саҳлангорӣ роҳ надиҳад. Мактаббачае, ки рафтору амал ва хислату характери худро баҳо дода метавонад, дар онҳо сифати хештаншиносӣ ташаккул меёбад, тадриҷан росткавлу росткор, устувору қавиирода ба воя мерасад, ҳамчунин, дар ҳама ҳолатҳо худро ба даст гирифта метавонад. Ба ақидаи рӯҳшиносон (психологҳо) онҳо ҷаҳони гуногуни инсонро эътироф мекунанд ва омодаанд, ки фикру мулоҳизаҳои ҳамаро шунаванд. Мактаббачаи босабру суббот ба худ ва қобилияти худ боварӣ дорад, ба заҳмати худ ва ақидаи худ такя мекунад ва барои худ муҳити эҷодӣ меофарад.

Бо гузашти ҳазорсолаҳо баъди аз байн рафтани давлати Сомониён бо таъсис ёфтани давлати нави тоҷикон дар солҳои аввали асри бист ин падида зуҳур кард. Дар охирин солҳои шӯравӣ ин падида хоси ҷомеаи мо шуда буд, вале танҳо Истиқлолияти давлатӣ шароити таърихӣ ба вуҷуд овард, ки ғояи худшиносии миллӣ ба сатҳи сиёсати давлатӣ бароварда шавад. Ғояи худшиносиву худогоҳӣ наслҳои наврасро водор месозад, ки чеҳраи миллӣ, расму русум ва одобу фарҳанги халқи худро батаври шоиста ба оламиён муаррифӣ намуда тавонанд. Чи тавре ки аз таърихи пурғановати мероси педагогии мутафаккирон ва муҳаққиқони форсу тоҷик аён гашт, «Забони тоҷикӣ дар тӯли таърихи чандҳазорсолаи хеш бо вуҷуди онҳама бархӯрд ва рӯёрӯӣ бо чандин забонҳои тавонои дунё чеҳраи аслии худро нигоҳ доштааст, ки ин далели тавоноӣ, бунёди иншотхои забони ориёӣ аз даврони бостон то имрӯз мебошад», ки ин ҳам дар замони даврони истиқлолият» як рукни асосии худшиносию худогиҳии миллӣ башумор меравад. [14,с.25]

Фарзандони донишманд ва номбардорони миллати тоҷик давоми қарнҳои зиёд бо ҳарроҳу восита ҳувияти миллиро тарғиб мекарданду тавассути он рӯҳи халқро таҳким мебахшиданд. Ташвиқу тарғиб ва ифшои ғояи миллӣ дар он даврон мушкил буд, зеро худшиносии миллӣ аз давлатдории миллӣ сарчашма мегирад ва маҳз давлатдории миллӣ

ҳаст, ки худшиносию худогоҳии миллӣ ривоҷ ёфта, рӯ ба рушду ташаккул ва шукуфоию пешравиҳо оварда, дар ташаккули ҷаҳони маънавии миллату халқиятҳои дигари маскун нақши назаррас касб мекунад.

Аслан, истеҳкоми воқеии ҳувияту худшиносии миллати мо Сомониён ва давлату давлатдории онҳо буд, ки пас аз таназзули онҳо, давоми ҳазорсолаҳо мо аз ин неъмати бебаҳо маҳрум монда будем, сарфи назар аз он ки ин масъала танҳо тавассути эҷодиёти шоирону нависандагон ва мутафаккирон, рӯи қоғаз садо медоду бас. Вале дар нимаи аввали солҳои бистуми асри хх бо мададу дастгирии бевоситаи халқи бузурги рус ба ҳуқуқҳои миллии худ ноил гардидем. Дар даврони шӯравӣ зуҳуроти миллатдӯстиву ватанхоҳии воқеӣ кам ба назар намерасид ва ғалат ҳам намекунем агар гӯем худшиносию худогоҳии мо дар даврони собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ бори дигар аз нав рӯҳи тоза гирифт.

Ҷоиз ба зикр аст, ки танҳо Истиқлолияти давлатиамон шароити таърихӣ ба вуҷуд овард, ки ғояи худшиносиимиллӣ бо сарварии сарвари давлати нави тоҷикон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат Президденти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба сатҳи сиёсати давлатӣ бароварда шуд.

«Ватани мо сарзамини эҷодкорони оламшумул мебошад» - ин суханони сиёсатмадори шинохтаи ҷаҳонӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тинату моҳияти миллати маънавии моро муайян мекунад ва ба уҳдаи эҷодкорони имрӯз, бахусус, омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти асосӣ ва миёнаи умумӣ вазифаву масъулиятҳои бузурге мегузорад.

Хештаншиносию худогоҳии миллӣ ифтихори миллиро мепарварад ва яке аз унсурҳои он поку беолоиш ва тозаву барҷо нигоҳ доштани забони миллӣ мебошад. Мактаббачагону ҷавонон бояд забони модариро дӯст доранду эҳтиром намоянд, анъанаҳои миллиро фаромӯш насозанд, таърихи халқихудро бидонанд, вале, дар баробари ин, ба арзишҳои умумибашарӣ низ арҷ гузоранд. Ғояи хештаншиносиву худогоҳӣ моро водор месозад, ки чеҳраи миллӣ, расму русум ва одобу фарҳанги халқи худро ба тарзи шоиста ба оламиён муаррифӣ намоем ва аз ҷаҳони бози имрӯз барои фардои хеш сабақҳои арзандагирем. Дар амалӣ намудани ин қазия нақши омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти асосӣ басо калон аст.

Дар ташаккули хештаншиносиву худогоҳӣ миллии мактаббачагон назм низ мавқеи ниҳоят муассир дошта, яке аз василаҳои озмудаи тарбияи наврасону ҷавонон ба шумор меравад. Муъмин Қаноат дар шеъру достонҳои худ мавзӯи хештаншиносии миллиро бисёр амиқу дақиқ таҳлилу баррасӣ карда, ҳунармандона ба хонанда пешниҳод намудааст ва ҷавонон бо мутолиаи онҳо ба таърих ва худшиносии миллӣ сахт алоқа пайдо хоҳанд кард. Ӯ аз он шоирони нодир аст, ки аглаби мавзӯъҳои миллиро дар адабиёт асос гузошта аст. Азҷумла, ба мавзӯи забон, ки ҳувияти миллии мост, бори аввал рӯй овард ва ин мавзӯъ, ки ҷузъи худшиносии миллист, дар шеъри шоирони дигар вусъат пайдо намуд. Муъмин Қаноат тавассути шеъру достонҳои худ, махсусан, дар шеъри «Забони модарӣ» мавзӯи худшиносии миллиро таҳлилу баррасӣ намуда, ба хонанда пешниҳод намудааст ва мактаббачагон зимни мутолиаи он ба бузургию манзалат ва нафосату ширинии забони ноби тоҷикӣ-забони модарии хеш шинос гардида, муҳаббату қадрдонӣ ва ҳисси хештаншиносӣ ва худогоҳии миллии онҳо боло мегирад.

*Қанд ҷӯӣ, панд ҷӯӣ, эй ҷаноб,*
*Ҳарчи меҷӯӣ биҷӯ.*
*Бекарон баҳрест, гавҳарбеҳисоб,*
*Ҳарчи меҷӯӣ,биҷӯ.*
*Форсӣ гӯӣ варо, дарӣ гӯӣ варо,*
*Ҳарчи мегӯӣ, бигӯ.*
*Лафзи шеъру дилбарӣ гӯӣ варо,*
*Ҳарчимегӯӣ, бигӯ,*
*Баҳримантанҳозабонимодарист. [ 6,с.105]*

Тавассути тарбияи хештаншиносӣ ва худогоҳии миллӣ мактаббача бояд мутааллиқи миллат, давлати соҳибистиқлол, соҳиби Ватан ва ҳуқуқу озодиҳо будани худро дарк кунад ва онҳоро эҳтиром намояд. Донад, ки вазифаҳои ӯ дар назди давлат, ҷамъият ва оила танҳо аз хониши аъло ва рафтору одоби намунавӣ иборат аст. Бахри иҷрои онҳо ҷидду ҷаҳд намояд. Манфиатҳои худро бо манфиати давлат, ҷомеа ва оила пайваста тавонад. с миллат, таърих ва фарҳанги он бохабар бошад ва онҳоро гиромӣ донад. Хештаншиносӣ, худогоҳӣ ва бедории миллии мактаббача он вақт ташаккул меёбад, ки тавассути таълиму тарбияи самараноки омӯзгор ба умқи ин маънӣ ба хубӣ сарфаҳм равад. Ӯро барои хизмат кардан ба Ватан ва миллат сафарбар мекунад, ба раъйи ӯ ғизои ахлоқию маънавӣ ворид месозад. Мактаббачаи хештаншинос ва худогоҳ истиқлолияти давлатии кишвари хешро чун гавҳараки чашм ҳимоя мекунад ва дар ҷодаи ғанӣ гардидани боигарии моддию маънавӣ ва фарҳангии миллат саҳм мегузорад, ифодагари манфиатҳои миллат мебошад. Волоияти забони модарӣ ва қадр намудану расидан ба эҳтироми он, ки ҷузъи худшиносии миллист, дар ашъори дигар шоирон низ мавқеи асосӣ касб намудаст.

Лоиқ Шералӣ, Гулназар Келдӣ, Камол Насрулло, Аскар Ҳаким, Муҳаммад Ғоиб, Ҷӯра Ҳошимӣ, Юсуфҷон Аҳмадзода ва Алӣ Бобоҷон ҳамвора тавассути ашъори хеш масъалаҳои хештаншиносию худогоҳии миллиро тавсифу тафсир кардаанд. Дар эҷодиёти дигар шоирон низ чун Ҳақназар Ғоиб, Нурмуҳаммад Ниёзӣ, Фарзона, Рустами Ваҳҳоб, Алимуҳаммад Муродӣ, Муҳаммадалии Аҷамӣ, Муҳтарам Ҳотам, Ато Мирхоҷа, Раънои Мубориз, Шаҳрия, Озар, Озарахш ва амсоли инҳо ҷанбаи хештаншиносӣ ва огоҳии миллӣ бо ҳарроҳу восита тасаллут дорад. Таранум ва ситоиши забони модарӣ дар эҷодиёти шоирони ҷавони насли замони ИстиқлолиятТолиби Луқмон, Муҳриддин Сабурӣ, Баҳром Раҳматзод, Насимбек Қурбонзода, Бобаки Суғдӣ, Бузургмеҳри Баҳодур, Эҳсон Раҷабӣ, Мафтунаи Қосим, Бузургмеҳри Ҳаким, Бузургмеҳри Тоҷиддин, Шаҳриёр Олимӣ, ки дар шоҳроҳи шоирӣ гомҳои қаъӣ гузоштаанд, муваффақона идома ёфта истодааст.

Тавассути тарбияи хештаншиносӣ ва худогоҳии миллӣ мактаббача бояд мутааллиқи миллат, давлати соҳибистиқлол, соҳиби Ватан ваҳуқуқу озодиҳо будани худро дарк кунад ва онҳоро эҳтиром намояд. Донад, ки вазифаҳои ӯ дар назди давлат, ҷамъият ва оила танҳо аз хониши аъло ва рафтору одоби намунавӣ иборат аст. Баҳри иҷрои онҳо ҷидду ҷаҳд намояд. Манфиатҳои худро бо манфиати давлат, ҷомеа ва оила пайваста тавонад. Аз миллат, таърих ва фарҳанги он бохабар бошад ва онҳоро гиромӣ донад. Хештаншиносӣ, худогоҳӣ ва бедории миллии мактаббача он вақт ташаккул меёбад, ки тавассути таълиму тарбияи самараноки омӯзгор ба умқи ин маънӣ ба хубӣ сарфаҳм равад. Ӯро барои хизмат кардан ба Ватан ва миллат сафарбар мекунад, ба раъйи ӯ ғизои ахлоқию маънавӣ ворид месозад.

Дар таълифи Сарвари давлат масъалаи меҳварӣ-хештаншиносӣва худшиносии миллӣ дар ҷои аввал меистад. Ӯ гаштаву баргашта хотиррасон мекунад, ки инсон бояд қуввава имконоти худро дар вобастагии кулл бо доираи манфиатҳои миллӣ дарёбад, таърихи миллатро донад, худро нисбат ба тақдири Ватан масъул шуморад ва худкифо бошад.Дар баробари эътироф кардани арзишҳои умумибашарӣ эътиқодмандаст, ки «ҳар халқ ба фарҳанг ва анъанаву суннатҳои миллӣ такя намуда, бороҳи худ инкишоф меёбад. [7,**с**.60]**.**

Ҳарчанд хештаншиносии миллӣ аз гузаштагонамон ба мо мерос монда бошад ҳам, баъди соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон марҳилаи нави хештаншиносии миллӣ оғозгардид. Дар ин давра дар Тоҷикистон вазъи иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дигар гардида, арзишҳои моддиву маънавӣ ҳам иваз шуданд.

Масъалаи ватанпарварию ватандӯстии тоҷикон аз давраҳои хеле қадим боз арзи ҳастӣ карда омада истодааст, ки осору таъсири он на танҳо дар эҷодиёти адибону шоирон ва мутафаккирони даврони мо, балки дар шуур ва дар қалби ҳар як фарди солимақл маъво гирифтааст. Сар то сари мазмун ва муҳтавои хештаншиносиро ҳисси ватанпарварию ватандӯстӣ дар бар мегирад. Ба ақидаи шоири халқии Тоҷикистон, барандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Рӯдакӣ Лоиқ Шералӣ «Маҳфуми ватандорию ватандӯстӣ, ки як рукни хештаншиносист, аз хурдтарин ашё, сангу кӯҳ, қатраи обу хоки диёр, зодгоҳ, хонаи падар сар шуда, ба Ватани ягона ва умумӣ – Тоҷикистон пайванд мегирад:

*Ватан сар мешавад аз гаҳвора,*
*Зи шири поку аз пистони модар.*
*Ватан сар мешавад аз он тавора,*
*Ки онро сохта дастони модар...» [4,с.150]*

Ҳамин маънӣ-масъалаи хештаншиносию худогоҳии миллӣ дар ашъори Бозор Собир низ қаламдод шудааст, ки бевосита дар тарбияи мактаббачагон нақши муҳим бозида, дар ташаккули ҷаҳонбинӣ ва ҷаҳони маънавии онҳо боис гардида, фавоиди илмию бадеиро доро буда, дар замири хонанда эҳсоси ватандорӣ, ифтихори миллиро бедор ва парастиши холисонаву бе таъмаи Ватанро тарғиб менамояд:

*Тоҷикистон, Тоҷикистон!*
*Мекунам шукри каму бисёри ту,*
*Мекунам шукрона аз озору аз озарми ту.*
*Аз ту ман сарват намехоҳам,*
*Ватан ҳастӣ, бас аст,*
*Бо хасу хорат баробар зиндагӣ кардан бас аст. [3,с.150]*

Меҳру садоқат, муҳаббат нисбат ба Ватан ва ҳифзи марзу буми он, дӯст доштани миллати худ ва арҷ гузоштан ба миллату халқиятҳои дигар сифатҳоеанд аз сифатҳои хештаншиносии ҳар як мактаббача ва дар ин рӯҳия тарбия намудани онҳо ҳисси ифтихор аст барои ватани тоза- бунёди мо. Мутафаккирон, адибону шоирони мо ватандӯстиро масъалаи асосию муҳим дониста, дар ҳама ҳолат ҳифзу дифои онро барои ҳар як фарди солимақлу баор вазифаи муқаддас донистаанд.

*Бародарон, ба модари ватан вафо кунем,*
*Агар ки сар талаб кунад, ба вай фидо кунем. [2,с.250]*

Адибони бачаҳониз дар эҷодиёти худ хештаншиносӣ ва худогоҳии миллиро васеъ таранкум менамоянд. Барои бачаҳо мафҳуми худшиносӣ маҳдуд ва васеъ мешавад. Худшиносӣ бамаъноии маҳдуд, қабл аз ҳама, донистани ному насаби худ, падару модар хешу ақрабо, зодгоҳу маҳал, миллату кишвар, забони модариву Ватанва, албатта, дарку донистани одоби тандурустӣ ва ғайраҳост. Аммо худшиносиро ба маънои васеаш ба зеҳни наврасон гунҷонидан заҳмати зиёду чандинсола дар мактабу оила хоҳад буд, ва гарна кӯдак наметавонад, ки баробари шунидани калимаи «тоҷик», «Ватан», «Тоҷикистон» ҳамоно ифтихор намояд ва дар қалбаш ғурур ҷӯш занад. Ифтихори ҳақиқӣ ба қалбикӯдак зарра-зарра роҳмеёбадвабокамолотисоливумаънавиашторафтбузургтармегардад.Тавассути тарбияи хештаншиносӣ мактаббача бояд фарзанди ватан ва мутааллиқи миллат, давлати озоду ободи рӯ ба шукуфоӣ дошта, соҳиби ин Ватан ва ҳуқуқу озодиҳо будани худро дарк кунад ва онҳоро эҳтиром намояд. Эҳсос намояд, ки вазифаи ӯ дар назди оила, ҷомеа ва ватани соҳибистиқлоли худ танҳо аз хониши аъло ва рафтору одоби намунавӣ иборат аст. Кӯшиш бар он намояд, ки баҳри иҷрои вазифаи ба дӯш доштаи хеш саъю кӯшиш ва ҷидду ҷаҳди бепоён намояд. Манфиатҳои худро бо манфиати давлат, ҷомеа ва оила пайваста тавонад. Аз миллат, таърих ва фарҳанги он бохабар бошад ва онҳоро гиромӣ донад. Хештаншиносӣ, худогоҳӣ ва бедории миллии мактаббача он вақт ташаккул меёбад, ки тавассути таълиму тарбияи самараноки омӯзгор ба умқи ин маънӣ ба хубӣ сарфаҳм равад. Ӯро барои хизмат кардан ба Ватан ва миллат сафарбар мекунад, ба раъйи ӯ ғизои ахлоқию маънавӣ ворид месозад. Шаҳрванди хештаншинос ва худогоҳ истиқлолияти давлатии кишвари хешро чун гавҳараки чашм ҳимоя мекунад ва дар ҷодаи ғанӣ гардидани боигарии моддию маънавӣ ва фарҳангии миллат саҳм мегузорад, ифодагари манфиатҳои миллат ва ватани аҷдодии худ мебошад.

Ҳарчанд мафҳумҳои «хештаншиносӣ» барои бачаҳо шиносанд, вале чандон фаҳмо ва қобили дарки онҳо нест. Зеро дар барномаҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти асосӣ вобаста ба тарбияи хештаншиносӣ ва худогоҳии миллӣ соатҳои алоҳида ҷудо карда нашудааст.

Ба ақидаи мо, беҳтар мешавад, ки барои таълим ва дар рӯҳияи хештаншиносию худогоҳӣ ва ифтихори миллӣ тарбия намудани мактаббачагони муассисаҳои таҳсилоти асосӣ ақалан ҳашт соат, ки дар ҳар чоряк дусоатӣ рост меояд, ҷудо шавад, беҳтар мешавад, ҳарчанд ки ин намуди тарбияро муаллим метавонад дар ҳар як дарс ба роҳ монад. Таҷриба ва озмоишҳои гузаронидаи мо собит намуд, ки муаллимон ба ин масъала кам диққат медиҳанд ва мактаббачагон низ дар ин росто чандон дониши қаноаткунанда надоранд, истисно аз панҷ-шаш ва аз ин камтару зиёдтар дар ҳар як синф. Аз ин нуқтаи назар, фаҳмударкимактаббачагондонишиваcеюҳаматарафаруштёфтаваазҷонибиомӯзгоронфаҳмо ндадиҳӣвакорбариидавомнокротақозодорад.

Гузаштаи ниёгон гувоҳ аст,ки мардуми тоҷику форс таърихи хеле қадима доранд ва баробар ба ин давлатдору дорои донишу хирад, ахлоқи ҳамида ва хештаншиносу худогоҳ, инсондӯсту инсонпарвар буданд. Каюмарсу Ҷамшед, Рустам, Зардушт, Нӯшервони Одил, Рӯдакию Фирдавсӣ, Шамси Табрезию Шайх Аттор, Абдураҳмони Ҷомию Ҳусайн Воизи Кошифӣ, Мирзо Абдулқодири Бедилу Аҳмади Дониш, Садриддин Айнию Бобоҷон Ғафуров, Мирзо Турсунзода ва ба инҳо монанд баҳри ҳаёти инсон ва хушбахтии он ҳама қуввату кӯшиш ва ақлу заковати худро дареғ надоштаанд ва ҳатто ҷони худро нисор кардаанд. Масалан, дар мифология Каюмарс ҳамчун эҷодкори ҷаҳон, буда, ҳарду бар алайҳи душманони инсоният Аҳриман ва девҳо мубориза бурдаанд. Рустам паҳлавони бемислу монанд, ватандӯсту ватанпарвар ва муҳофизи ватани аждодӣ аз ҳама гуна бадию офатҳо тасвир ёфтааст.

Дар замони Зардушт бошад, одамон барои худ маскан, оташкада ва барои нигоҳубини ҳайвонот ҷое сохта, соҳиби зану фарзанд ва дорои дастаҳои нағзи ҷангӣ шуданд. Муҳим аз ҳама ҳанӯз дар он давра мардумро ба бархурдорӣ аз одобу ахлоқҳои ҳамидаи инсонӣ, ки нишонаи хештаншиносии аждодони қадимаамон буд, гӯем, хато намекунем, тарбия менамуданд. Чунончӣ:

–Ғарибонро хор мадоред.

–Одамонро беҳуда маранҷонед.

–Хештаншиносонроаз мо дуруд диҳед.

–Хайри худро аз мардум дареғ надоред.

–Бо марги душман хурсанд набошед.

–Кори нек бо дастони худ кунед...

Тоҷикон таърихи зиёда аз панҷҳазорсоларо аз сар гузаронидаанд ва соҳиби давлату давлатдорӣ буданд ва яқин аст, ки дар ин муддатҳо давлати тоҷикон бо сабабҳои сиёсӣ гоҳ тараққӣ мекарду гоҳ рӯ ба таназзул меовард ва гоҳ аз даст мерафту гоҳе боз ба даст меомад, вале дар ҳама гуна вазият номуси Ватану ватандориро нигоҳ медоштанд.

Албатта, ҳифзи марзу бум, хоки муқаддаси аждодӣ бе муҳаббат доштан ба халқу миллат, бе ташаккули хештаншиносию худогоҳӣ ва ифтихори миллӣ роҳандозӣ намегардад. Дар даврони кунунӣ дуруст ба роҳ мондан ва ҳалли бомақсаду ҳаматарафаи он яке аз вазифаҳои ниҳоят муҳими муаллимони муассисаҳои таҳсилоти асосӣ дар заминаи таърихи гузаштаи халқи худ, ки ҳама намуди тарбияи ахлоқи ҳамидаи инсонӣ аз ҳаёти ниёгонамон манша мегирад, дар рӯҳияи кунунии иттиҳоду иттифоқ, дӯстию якдигарфаҳмӣ, хештаншиносию худогоҳӣ ва ифтихори миллӣ тарбия намудани мактаббачагон мебошад. Таърихи гузаштаи халқи тоҷик оинаест, ки таҷаллидиҳанда ва шуълаафкани ҳаёти кунунии мардуми соҳибхиради мо мебошад, зеро «…таърих оинаест, ки мо дар он мавқеи гузаштагонамонро дар масири таърих бо ҳама шаҳомат ва хорию зориаш дида, ба ҳусну қубҳи фаъолияту корбарии ӯ сарфаҳм рафта, ба ин восита қадаме ба сӯи хештаншиносӣ ва худогоҳӣ ниҳода, бо дидаи ибрат дурнамои кишвару мардуми худро муайян карда метавонем».[5,с.421-422 ]

Хештаншиносӣ аз насл ба насл гузаранда ва он меросӣ низ нест. Хештаншиносиро аз овони тифлӣ, ки он аз оила ибтидо мегирад, дар замири хурдтаракон бедору парваридан лозим аст. То кадом андоза дар рӯҳияи хештаншиносӣ тарбия гирифтани хурдтаракон ба вазъи оила ва бузургсолони он, хосатан, ба падару модарон вабастагии калон дорад. Ҳар қадар он агар аз даврони хурдӣ сурат бигирад, ҳамон қадар беҳтар аст. Чи қадаре ки ба кӯдакон дар хусуси хештаншиносӣ барвақттар ва, албатта, мувофиқ ба синну соли онҳо тавассути нақлу ҳикоятҳо, андарзу қиссаҳои пандуахлоқӣ рӯшанӣ андозем, бачаҳо дар ин росто барвақттар маълумом гирифта, ба моҳияти масъала сарфаҳм мерафтагӣ мешаванд. Аз дигар тараф, ин амал дар муассисаҳои таҳсилоти асосӣ дар рӯҳияи хештаншиносӣ тарбия гирифтани наврасонро то дараҷае осон мегардонад, яъне заминаи дар оила гузоштаашударо муаллимон такя ба дониш, маҳорат ва ҳиссиёту ҷаҳонбинии худ давому сайқал дода, дар ин росто тарбия гирифтани онҳоро рушду ташаккул медиҳанд. Ба ибораи академики муҳтарам М.Лутфуллоев «Агар дар бораи Сомониён ва дигар воқеаҳои таърихии халқамон садҳо китоб нависему муносибати худро ифода накунем, ифтихори миллӣ пайдо намешавад...Муносибат ва ҳиссиёти муаллим нисбат ба воқеаҳои таърихӣ асбоби мусиқиеро мемонад, ки ба торҳои нозуки эҳсос ва қалби нозуки бачаҳо нохун мезанад, ки ин дар навбати худ ба тарбияи ифтихори миллӣ мусоидат менамояд.» [5,с.286].

Дар раванди омӯзиши фанҳои таълимӣ асоси муқаддимавии тарбияи хештаншиносӣ гузошта мешавад, ки он тадриҷан мактаббачаҳоро ба аз баркунии ахлоқҳои ҳамидаи инсонӣ, аз ҷумла, азхудкунии дониш ва ҷаҳонбинии илмӣ оварда мерасонад.

«Ҷаҳонбинӣ-ин системаи ақидаҳои шахс ба табиат, ҷамъият, меҳнат, дарки онҳо, ҷаҳонбинӣ–ин аслиҳаи тавоно нисбати эҷодкорӣ ва дигаргун кардани фаъолияти шахс мебошад. Тибқи ҷаҳонбинии илмӣ шахс ҳодисаҳои табиат ва ҷамъиятро чуқур фаҳмида мегирад, ташаккули маҳорати шуурона фаҳмондани падидаҳо ва муайян кардани муносибати худро ба онҳо мепайвандад: амалиёти ҳаётии хешро шуурона равона мекунад». [8,с.58]

Бодиққат, андешамандона ва бошуурона азхуд кардани маводҳои таълимӣ ба инкишофи мантиқии тафаккур, хотира, тасаввурот, қобилияти зеҳнию ақлӣ, ташаккули завқу рағбат ва истеъдоди ҳар як мактаббача таъсири амиқ расонида, дар баланд бардоштани хештаншиносии онҳо нақши асосӣ мебозад. Дар назди ҳар як намуди тарбия вазифаҳои мушаххасу муҳими дар хурд меистад ва онҳо мактаббачагонро ба роҳи росту ахлоқи ҳамидаи инсонӣ раҳнамун месозанд.

Ба ақидаи мо, тарбияи хештаншиносӣ чунин вазифаҳоро дорост, ки амалан тадбиқи онҳо кори ҳатмии ҳар як омӯзгор бо мактаббачагон маҳсуб меёбад:

–азхудкунии мазмун ва мундариҷаи маводи таълимӣ;

–инкишоф додани маҳорату малака ва қобилияти дарки мактаббачагон марбут ба хештаншиносӣ;

–ташаккули ҷаҳонбинии илмии мактаббачагон;

–баланд бардоштани қобилият, истеъдодвазавқибадеиюақлониионҳо;

–равнақ додани фаъолияти фаҳмидагирии бошууронаи маводи таълимӣ, хосатан мавриде ки дар марбут ба тарбияи хештаншиносӣ нигаронида шуда бошанд;

–ташаккул ва рушд додану пурранамоии дониши мактаббачагон;

Тарбияи хештаншиносии мактаббачагон вазифаи аввалиндараҷаи муассисаҳои таҳсилоти асосӣ маҳсуб меёбад, ҳарчанд ки он аз оила манша мегирад. Аз нуқтаи назари мо тарбияи хештаншиносӣ, асосан, чунин маъниҳоро фароги раст:

–дарки бошууронаи маъно ва мафҳуми хештаншиносӣ;

– ташаккули ахлоқи ҳамида ва дигар хислатҳои неки инсонӣ;

–дӯст доштани Ватан ва эътиқоди қавӣ доштан нисбат ба он;

–донистани таърих, фарҳанг, тамаддун ва расму оинҳои миллии ниёгону муосири хеш;

–риояи меъёри рафтори маданӣ;

–эҳтиром доштан нисбат ба миллати худ ва миллату халқияти дигари кишварамон;

–бо меҳру муҳаббати инсондӯстона муносибату муошмарати беғаразона намудан бо ҷамъи инсонҳо новобаста аз ирқу пӯсту миллату маҳалли зист;

–расидан ба қадри заҳмату меҳнати ҳалоли дигарон ва баҷо овардани эҳтироми онҳо ва амсол ба инҳо.

**Муқарриз: *Ҷ.Алимӣ*- профессори ДДК ба номи А.Рӯдакӣ**

## АДАБИЁТ


1. Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Ашъор. Душанбе Ирфон 1990. -430с.
2. Абулқосим Лоҳутӣ Маҷмӯъаи ашъор Душанбе «Адиб» С.-1987, 446с.
3. Бозор Собир Маҷмӯъаи ашор Душанбе «Адиб» С.-1987 2005с.
4. Лоиқ Шералӣ Қулиёт Душанбе «Адиб» С.-2008 559с.
5. Лутфуллоев М. Педагогикаи миллии халқи тоҷик.//М. Лутфуллоев. Душанбе «Сифат». С.-2015 , 703с.
6. Муъмин Қаноат Осори мунтахаб ҷилди дуввум достонҳо Душанбе «Ирфон» С.-1982, 150с
7. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии кишвар. ш. Душанбе. 26 декабри соли 2018.
8. Раҳимов Х., Нуров А. Педагогика./Х. Раҳимов.//А.Нуров– Душанбе, С.-2007.
9. Саъдии Шерозӣ Ғазалиёт Душанбе «Адиб» С.-2014 179с.
10. Ушинский К.Д. О народности в общественном воспитания// К. Д. Ушинский пед. Сочинения: В. 2. Т. – Москва: Педагогика 1974 –т-1
11. Филипова В.А. эстетичиские интересы как фактор общения старшеклассников.// В.А. Филипова– Сов. «Педагогика» 1973, №12
12. Шарифзода Ф. Актуальные проблемы современной педагогики// Ф. Шарифзода. - Д., Г.-2010.
13. Щукина Г.И. Проблема познавательного интереса в педагогике// Г.И. Шукина М., г.-1971
14. Эмомалӣ Раҳмон Тоҷикон дар оинаи таърих Душанбе «Ирфон» С.-2009, 682


## ЗАМИНАҲОИ АСОСИИ ТАЙЁРИИ МАКТАББАЧАГОНИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ АСОСӢ ДАР РӮҲИЯИ ХЕШТАНШИНОСӢ ТАВАССУТИ ОМӮЗИШИ ОСОРИ МУТАФАККИРОН


Мақола ба баррасии заминаҳои асосии тайёрии мактаббачагони муассисаҳои таҳсилоти асосӣ дар рӯҳияи хештаншиносӣ тавассути омӯзиши осори мутафаккирон бахшида шудааст. Роҳҳои тарбияи хештаншиносии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти асосӣ тавассути мероси адабии шоирону адибони классикӣ, муосири тоҷик ва ва афкори педагогӣ кушода дода шуданд. Аз бар намудани хислатҳои ҳамидаи инсонӣ, аз ҷумла, тарбияи хештаншиносӣ барои омода намудани наслҳои арзандаи ҷомеаи кунунӣ дар раванди таълиму тарбия барои дарки муҳимияти таърих, адабиёт, маданият, санъат ва ояндаи неки миллат шароит муҳаё месозад ва барои ҳалли масъалаҳои қабулшудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», ки дар он самтҳои асосии фаъолияти миллӣ, бадеӣ, эҳсосӣ ва меҳнатӣ нишон дода шудааст, имконияти мусоидро дар рӯҳияи омодасозии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти асосӣ, ки фаъолияташон дар саросари Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мешаванд, фароҳам меоварад.Омӯзиш ва таҳлили нақшаҳои таҳсилотӣ ва барномаҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти асосӣ, таҷриба ва мушоҳида ва озмоишҳо нишон медиҳад, ки тарбияи хештаншиносӣ қисмати асосии раванди таълиму тарбия маҳсуб мееёбад ва барои омода намудани мактаббачагон, тавассути азхудкунии донишу малакаҳои зарурӣ, ки ҳамчун воситаи асосии омӯзиш ва ташаккули босамари шахсияти онҳо мегардад, дар назар дорад:

**Калидвожаҳо:** хештаншиносӣ, худогоҳӣ, муассисаи таҳсилоти асосӣ, мактаббачагон, фаъолият, коллектив, мактаб, оила, ҷомеа, мутафаккирон, шароитҳои педагогӣ, таълим, тарбия, омӯзгор.


## ОСНОВЫ ПОДГОТОВКИ ШКОЛЬНИКОВ ОСНОВНЫХ ОБРАЗОВАТЕЛЬНЫХ УЧРЕЖДЕНИЙ В ДУХЕ САМОПОЗНАНИЯ ПОСРЕДСТВОМ ИЗУЧЕНИЯ НАСЛЕДИЯ МЫСЛИТЕЛЕЙ


Статья посвящена обсуждению основных основ воспитания школьников в духе самопознания через изучение произведений мыслителей. Через литературное наследие классических и современных таджикских поэтов и писателей и педагогическую мысль были открыты пути самопознания учащихся общеобразовательных учреждений. Развитие всех человеческих качеств, в том числе самопознания, создает условия для подготовки достойного поколения современного общества в образовательном процессе к пониманию значения истории, литературы, культуры, искусства и будущего нации.Воспитание, в котором обозначены основные направления национальной, художественно-эмоциональной и трудовой деятельности, дает хорошую возможность подготовить учащихся к основному образованию, которое действует на всей территории Республики Таджикистан. Опыты, наблюдения и эксперименты показывают, что самопознание является ключевой частью образовательного процесса и призвана подготовить учащихся путем приобретения ими необходимых знаний и умений как ключевого средства эффективного обучения и развития их личности.

**Ключевые слова:** самопознание, самосознание, основное образовательное учреждение, школьники, деятельность, коллектив, школа, семья, общество, мыслители, педагогические условия, обучение, воспитание, учитель.


## FUNDAMENTALS OF TRAINING PUPILS OF BASIC EDUCATIONAL INSTITUTIONS IN THE SPIRIT OF SELF-RECOGNITION THROUGH STUDYING THE HERITAGE OF THINKERS


The article is devoted to a discussion of the basic foundations of educating schoolchildren in the spirit of self-knowledge through the study of the works of thinkers. Through the literary heritage of classical and modern Tajik poets and writers and pedagogical thought, the ways of self-knowledge of students of general education institutions were opened. The development of all human qualities, including self-knowledge, creates conditions for the preparation of a worthy generation of modern society in the educational process to understand the significance of history, literature, culture, art and the future of the nation. , provides a good opportunity to prepare students for basic education, which operates throughout the territory of the Republic of Tajikistan. Experiments, observations and experiments show that self-knowledge is a key part of the educational process and is designed to prepare students by acquiring the necessary knowledge and skills as a key means of effective learning and development of their personality.

**Key words:** self-knowledge, self-awareness, basic educational institution, schoolchildren, activities, collective, school, family, society, thinkers, pedagogical conditions, training, upbringing, teacher.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Ёрматов Алишер Ҷолматович*** **–** Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, муаллими калони кафедраи таҳсилоти ибтидоӣ. **Суроға:** 734065,Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров, 16.
***Мирзоев Абдулазиз Раҷабович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои педагогӣ,профессори кафедраи умумидонишгоҳии педагогика. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ,17.

**Сведение об авторах:** ***Ёрматов Алишер Джолматович*** - Кулябский государственный университет имени Абуабдуллоха Рудаки, старший преподаватель кафедры начального образования. **Адрес:** 734065, Республика Таджикистан, город Куляб, улица С. Сафаров 16.
***Мирзоев Абдулазиз Раджабович*** – Таджикский национальный университет, доктор педагогических наук, профессор общеуниверситетской кафедры педагогики. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки,17.

**Information about the authors:** ***Yormatov Alisher Dzholmatovich*** - Kulyab State University named after Abuabdulloh Rudaki, senior lecturer at the Department of Primary Education. Address: 734065, Republic of Tajikistan, Kulyab city, S. Safarov street 16.
***Mirzoev Abdulaziz Rajabovich*** - Tajik National University, Doctor of Pedagogy, Professor of the University Department of Pedagogy. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue, 17..

**УДК:372.84**

# ШАРОИТҲОИ МАҶМӮӢ ВА ШАКЛҲОИ ТАЪЛИМИ ЗАБОНИ ХОРИҶӢ ДАР ДОНИШГОҲҲО

***Ғозиева Ш.А.***
**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ**

Низоми педагогӣ танҳо дар сурати иҷрои шароити муайян метавонад муваффақона фаъолият ва рушд кунад. Хусусияти хосси мафҳуми «шароити педагогӣ» аз он иборат аст, ки он унсурҳои тамоми ҷузъҳои раванди таълим ва тарбияро дар бар мегирад: ҳадафҳо, мундариҷа, усулҳо, шаклҳо, воситаҳо. Дар айни замон, муваффақияти ташаккули салоҳиятҳо ва сифатҳои аз ҷиҳати касбӣ муҳимми донишҷӯро он шароитҳои педагогие муайян мекунанд, ки метавонанд самаранокии раванди ташаккули онҳоро таъмин кунанд. Зери мафҳуми шартҳо, мо шароит ва омилҳои ба ягон раванди воқеият таъсирбахшро дар назар дорем. Шартҳо омилҳо, ҳолатҳо, маҷмӯи тадбирҳо мебошанд, ки дараҷаи самарабахши фаъолияти низоми педагогӣ ба онҳо вобаста аст.

Таълими забони англисӣ ҳамчун дилхоҳ забони хориҷии дигар хусусиятҳои хосси худро дорад. Тавре ки муҳаққиқи тоҷик Ф.Ҳасанов менигорад: “Омӯзиши забони англисӣ дар сурате самара мебахшад, ки агар дар раванди таълим ҳам аз методҳои анъанавии таълим ва ҳам аз тарзу усли нави таълим, ки мақсад дар ҳарду самт маҳз ба ташаккулу такмили салоҳиятҳои коммуникатсионии забони хориҷӣ равона карда мешаванд, ҳампоя истифода бурда мешавад» [16,с.242].

Шартҳои педагогии таълими интерактивии забони хориҷӣ маҷмӯи омилҳои ба ҳам алоқамандро барои татбиқи фаъолияти якҷояи таълимии омӯзгор ва донишҷӯён дар бар мегиранд. Ҳангоми асоснок кардани маҷмӯи шароит ва шаклҳои таълими интерактивӣ, мо на танҳо ҳуҷҷатҳо ва манбаъҳои назариявиро, ки заминаи тағйир додани таҷрибаи таълимиро дар донишгоҳ муқаррар кардаанд, таҳлил намудем, балки таҷрибаи таълими забони хориҷӣ дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, инчунин натиҷаҳои пурсишномаи муаллимон ва донишҷӯёнро дида баромадем. Тағйир додани ҷойгоҳи салоҳияти забонҳои хориҷӣ дар тайёрии касбии мутахассиси муосир дар самти техникӣ, муқаррароти ҷавобгӯ ба талаботи муосир аз ҷониби корфармоён ва шароити бозор вобаста аст. Агар қаблан, ҳангоми тайёр кардани муҳандис салоҳияти забони хориҷӣ ба қадри кофӣ талаб карда намешуд, асосан танҳо тарҷума ва хондани матнҳо дар назар дошта мешуд, имрӯз, дар шароити муосири кушод ва ҳамкории байналмилалӣ, салоҳияти забони хориҷӣ муҳим арзёбӣ мегардад.

Дар айни замон, он қобилияти муоширати касбӣ ва иҷтимоӣ, қобилияти муколама дар мавзӯъҳои умумӣ ва илмӣ, маърӯзаҳо ва презентатсияҳо, инчунин иртиботи хаттии

дорои хусусияти касбӣ ва шахсиро дар бар мегирад. Ин маънои онро дорад, ки салоҳияти забони хориҷӣ ҷузъи зарурии муошират касбӣ ва шахсӣ мегардад ва аз ин рӯ усули интерактивии ташаккулро талаб мекунад. Тағйир додани мундариҷа ва моҳияти салоҳияти забонҳои хориҷӣ дар самти таҳкими тамоюли иҷтимоии он зарур шуморида мешавад.

Муҳаққиқи тоҷик Ф.Ҳасанов зимни баррасии масъалаҳои вобаста ба технологияҳои муосири таълими забони англисӣ 4 гурӯҳи ҷузъҳои асосии технологияҳои таълимро ҷудо намудааст: 1.воситаҳои техникӣ ва ғайритехникии таълим; 2.ҳамкориҳо байни донишомӯз ва омӯзгор; 3.шаклҳои ташкили кор, бавижа, кори инфиродӣ, дунафара, гурӯҳӣ, оммавӣ; 4.интихоби дурусти иттилоот барои ҳар як гурӯҳи алоҳидаи донишомӯзон» [16,с.27-31].

Ҷузъи муҳимми тағйир додани мундариҷа ва моҳияти салоҳияти забони хориҷӣ самти иҷтимоии он мебошад. Он имконоти коммуникатсионии мутахассисро дар назар дорад, ки донистани забони хориҷӣ дар соҳаҳои иҷтимоӣ, тиҷорат ва илмӣ-техникиро дар назар дорад.

Ҳамин тавр, мундариҷаи салоҳияти забони хориҷӣ на танҳо донистани ҷанбаҳои грамматикӣ ва луғавии забон ва қобилияти дуруст, оқилона ва возеҳ баён кардани фикрҳои худ, сохтани нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ, балки қобилияти таҳлили аҳамияти иҷтимоӣ низ мебошад. Набудани салоҳияти забони хориҷӣ метавонад ба камтар шудани доираи тамосҳои мутахассис, танг шудани доираи робитаҳои иҷтимоии ӯ оварда расонад, ки маънои маҳдудшавии соҳаи шахсӣ ва аз байн рафтани малакаҳои касбиро дорад. Тағйир додани ҷойгоҳ ва мундариҷаи салоҳияти забонҳои хориҷӣ боиси истифодаи шаклҳо ва усулҳои ғайрианъанавӣ, фаъоли (интерактивӣ) ташкили раванди таълим дар донишгоҳ мегардад. Онҳо ҳамкории наздики ҳамаи иштирокчиёни фаъолияти таълимӣ, мавқеи донишҷӯён, фаъолияти баланд ва ҳавасмандии онҳоро барои омӯхтани забони хориҷӣ дар назар доранд.

Нақши усулҳо ва шаклҳои фаъол (интерактивӣ) ва захираҳои таълимии онҳо дар азхудкунии забони хориҷӣ тақвият меёбад. Имрӯзҳо шаклҳо ва усулҳои фаъоли (интерактивии) таълим дар ҳама марҳилаҳои таълим бештар истифода мешаванд.

Омӯзиши муносибати муаллимон ва донишҷӯён ба усулҳо ва шаклҳои фаъол (интерактивӣ)-и таълим. Тибқи натиҷаҳои пурсиш, маълум гардид, ки усулҳо ва воситаҳои таълими интерактивӣ дар амалия хеле душвор ҷорӣ карда мешаванд. Фикрҳои муаллимон дар бораи самаранокӣ ва натиҷамандии усулҳои фаъол (интерактивӣ) тақсим карда шуданд. Баъзе муаллимон чунин мешуморанд, ки шаклҳо ва усулҳои интерактивии таълим ба самаранокии азхудкунии салоҳияти коммуникатсионии забони хориҷӣ таъсири мусбат мерасонанд ("натиҷаи таълими интерактивӣ азхудкунии бошуурона, пурмазмуни мундариҷаи мавзӯъ мебошад"). Қисми дигари омӯзгорон ин усулҳоро нокифоя ва бесамар меҳисобанд ва онҳоро бозӣ, фароғат меноманд, ки бевосита бо ҳалли масъалаҳои таълими касбӣ алоқаманд нестанд. Ҳамзамон, бояд гуфт, ки аксарияти мутлақи донишҷӯён нисбати истифодаи усулҳои фаъоли (интерактивӣ) таълим дар синфҳо муносибати мусбат доранд. 98% донишҷӯёни пурсидашуда посух доданд, ки ба онҳо " ҳамкорӣ бо муаллим ва дигар донишҷӯён, таҳлил, мулоҳиза рондан ва кӯшиши якҷоя ҳал кардани мушкилот" писанд аст.

Таҳлили таҷрибаи инноватсионии таълими забони хориҷӣ дар донишгоҳ. Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ яке аз донишгоҳҳои пешрафтаи кишвар аст ва робитаҳои мустаҳками байналмилалӣ дорад. Аз ин рӯ, донишгоҳ ба татбиқи фаъоли шаклҳо ва усулҳои муосири инноватсионии таълим, аз ҷумла забони хориҷӣ (англисӣ) манфиатдор аст. Масалан, дар таҷрибаи таълими забони хориҷӣ шаклҳои зерини интерактивӣ ва усулҳои таълим истифода мешаванд: таълими мустақил, таълими лоиҳаӣ, усули қазия, таълими электронӣ. Ин шаклҳо аз озмоиши замон гузашта, самаранокии худро на танҳо дар ташаккули салоҳиятҳои фанни забони хориҷӣ, балки аз ҷиҳати рушди маърифатӣ, иҷтимоӣ ва коммуникатсионии донишҷӯён низ тасдиқ кардаанд. Бо назардошти муқаррароти қайдшуда, инчунин таҳлили амалияи омӯзишии таълими забони хориҷӣ дар ДДК ба номи А.Рӯдакӣ маҷмӯи зерини шароити омӯзгориро барои таълими интерактивии забони англисӣ дар донишгоҳ муҳим

мешуморем:

